МО Республики Таджикистан состоит из палаты Маджлиси милли (верхняя) и Маджлиси намояндагон (нижняя), со своими председателями (спикерами), ко-ординирующими и рабочими органами, соответствующими комитетами и комиссиями. Представительные функции парламента, прежде всего, осуществляются председателями (спикерами) палаты в тех формах, которые предусмотрены нормативными правовыми актами. Председатели палат и их заместители осуществляют общее руководство работой палаты и их подразделений. Согласно Регламенту Маджлиси намояндагон МО председатель руководит заседаниями сессии палаты заседаниями его Совета, обеспечивая коллегиальный характер их проведения. Они представляют палаты во взаимоотношении с органами государственной власти и органами общественных объединений.

Во внешних сношениях с парламентами зарубежных государств, с межпарламентскими международными и региональными союзами, ассамблеями и ассоциациями представляет также МО. Каждая палата имеет соответствующую структуру, обеспечивающую его межпарламентские связи. Так, комитет Маджлиси намояндагон налаживает и осуществляет межпарламентские связи и взаимодействие с соответствующими комитетами и комиссиями Межпарламентской Ассамблеи государств-членов СНГ, Организацией Договора о коллективной безопасности, Организацией по безопасности и сотрудничеству в Европе и другими международными организациями, парламентами других государств и международными парламентскими организациями. В ее функциональные обязанности входит также составление планов международных отношений и соглашений по взаимодействию с парламентами других государств, международными парламентскими организациями и представляют их на рассмотрение Совета Маджлиси намояндагон, после утверждения принимая меры по их реализации. Аналогичные задачи по осуществлению межпарламентских связей с верхними палатами парламентов других государств имеет комитет по международным делам Маджлиси милли МО РТ.

При посещении Маджлиси намояндагон руководителями парламентов других государств, главами государств и правительств, руководителями парламентских делегаций для беседы их принимает председатель палаты или его заместители. Председатель палаты может возглавить состав парламентских делегаций палаты в поездках за рубежом, представляет палату при посещении и встречах с руководством парламенты зарубежных государств, участвовать в международных и региональных конференциях по проблемам парламентской деятельности и выступить в них. В этих случаях он представляет палату Маджлиси намояндагон и выступает от его имени.

В этой связи следует отметить, что в деятельности Маджлиси намояндагон его международные связи являются важным аспектом проявления его представительного свойства. В целях надлежащей организации и осуществления этой связи палата принимает ежегодные планы по укреплению международных связей, принимая парламентские делегации зарубежных государств, а также направляя свои делегации за рубеж.

По мнению английского ученого Эдмунда Бурка, «Парламент – это не конгресс защитников различных и враждебных интересов, где каждый защитник в качестве уполномоченного обязан соблюдать свой собственный интерес и отстаивать его первенство перед всеми остальными уполномоченными и покровителями, напротив, парламент является собранием нации, принимающим решения путем переговоров и соблюдающим один единственный интерес, интерес целого, руководствуясь не местными целями или местными предрассудками, исключительно соображениями общего блага, проистекающего из общего разума этого целого»[1].

Деятельность МО находит свое выражение в принимаемых их актах, которые принимаются коллегиально, от имени РТ и представляют собой правовую форму выражения суверенной воли народа. Они имеют как внутреннее, так и внешнее предназначение. Законы и постановления МО предназначены преимущественно для регулирования внутренних вопросов. Такие общественно-политические его акты, как декларации, заявления, обращения, ноты и др. имеют как внутреннее, так и внешнее предназначение и выражают позицию парламента по наиболее важным вопросам политического и общественного значения[2].

[1] Шайо Андраш. Самоограничение власти (краткий курс конституционализма). – М.: Юристъ, 1999. – С.115-116.
[2] Маджидзода, Д.З. Конституция Республики Таджикистан: 20 лет. – Душанбе. 2014. – С. 18-30.

Деятельность МО представляет собой высший представительный и законодательный орган республики. Конституционная норма о высшем и местном представительном органе государственной власти должна основываться на принципе единой системы представительных органов государственной власти, о подчинении местного представительного органа вышестоящему органу и обязательность акты вышестоящего органа для местных органов. По существу в этом случае речь идет о наличие принципа демократического централизма. Как известно, статьи 3 Конституции СССР и Конституции Таджикской ССР 1977 и 1978 гг. гласили, что организация и деятельность советского государства строятся в соответствии с принципом демократического централизма. Действующая Конституция РТ не предусматривает такую норму.

Срок полномочий каждого созыва парламента определяются в 5 лет и без крайне важных обстоятельств, не допускается разрыв во времени. Срок окончания полномочия предыдущего состава совпадает с началом деятельности парламента нового созыва. Непрерывный характер парламента также обеспечивается переизбранием определенного числа депутатов предыдущего созыва в состав парламента нового созыва. Кроме того, непрерывность обеспечивается и в случае досрочного отбытия депутата из состава парламента. Конституционный закон о выборах МО РТ предусматривает в трехмесячный срок с момента прекращения их полномочий проводит новые выборы вместо выбывшего депутата в соответствующем избирательном округе. Если выбытия из состава Маджлиси намояндагон состоялось в срок менее чем за год до истечения срока полномочии палат, выборы нового депутата, в место выбывшего не проводятся.

Таким образом, МО – парламенту РТ первого созыва, наряду с другими специфическими особенностями, в соответствии с изменениями и дополнениями в Конституции Республики Таджикистан 1999, 2003 и 2016 гг., переданы наиболее существенные положения представительного органа, такие, как:

– принцип двухпалатности МО;
– принцип постоянно действующей одной из палат;
– выборность состава одной из палат в соответствии со всеобщим избирательным правом;
– принцип свободного мандата депутатов, позволяющий им быть независимым от воли избирателей, свободно выражать свое мнение, голосовать по своему убеждению;
– многопартийный состав депутатов палаты Маджлиси намояндагон;
– наличие внутренней структуры палат, предназначенных для содействия в реализации их полномочий;
– организационные формы работы, обеспечивающие коллегиальное осуществление их компетенции;
– принятие законов коллегиальным способом и от имени народа Таджикистана;
– постоянная связь руководства палат, организационных структур палат и депутатов с избирателями, встречи с избирателями, прием граждан, рассмотрение их жалоб и заявлений;
– постоянная связь с соответствующими органами государственной власти;
– связь с органами общественных объединений, политическими партиями и религиозными объединениями;
– участие в деятельности международных парламентских ассоциаций, связь с парламентами зарубежных стран, организация поездок парламентской делегации палат МО для встреч и ознакомления с деятельностью парламентов зарубежных стран;
– прием и встречи руководства палат МО с зарубежными парламентскими делегациями, обеспечение их ознакомления с деятельностью палат, работой комитетов и комиссий, по их желанию организации выступления руководителей парламентских делегаций, глав государств и правительств на заседаниях палат, комитетов и комиссий;
– участие и выступления представителей МО в международных семинарах и конференциях по проблемам парламентской деятельности;
– выступление от имени народа Таджикистана на совместных заседаниях обеих палат.

Вышеназванные формы проявления представительного и законодательного свойства, переданные от компетенции МО первого созыва, не противоречит другим его качествам – законодательного органа государственной власти.

Таким образом, деятельность каждой из палат законодательной ветви государственной власти предполагает наличие конституционных «внутренних», «собственных» механизмов и обеспечивают их сущностную социально-правовую сбалансированность и согласованность между собой и исполнительной властью.

ОРГАНИЗАЦИЯ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ СЛЕДОВАТЕЛЯ С ДРУГИМИ СЛУЖБАМИ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ

ТАШКИЛИ ҲАМКОРИИ МУФАТТИШ БО ДИГАР ХАДАМОТ ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТИДОШТА

НАЗАРОВ АВАЗ КУВВАТОВИЧ
заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор
E-mail. avazjonn@mail.ru

МУСЛИХИДДИНЗОДА МУСНУРИДДИН МУСЛИХИДДИН
соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана
E-mail: Mussnuriddinn@mail.ru

Современные вызовы, с которыми сталкивается правоохранительная система в контексте борьбы с экстремизмом, требуют от следователей не только глубокой юридической осведомленности, но и умения эффективно взаимодействовать с различными государственными структурами. Это взаимодействие становится особенно важным в расследовании преступлений экстремистской направленности, которые характеризуются высокой степенью социальной угрозы и сложности в выявлении преступных замыслов. Роль следователя важна в координации работы с различными службами и учреждениями, участвующими в расследовании преступлений экстремистской направленности.

Здесь необходимо напомнить, что преступления экстремистской направленности представляют собой серьёзную угрозу общественной безопасности, национальной целостности и стабильности. Они включают в себя как насильственные действия, так и пропаганду насилия и социальной ненависти. В условиях глобализации, технологических изменений и угрожающего усиления деструктивных группировок возникает необходимость синергии правоохранительных и других государственных структур для эффективного предотвращения и расследования таких преступлений. В связи с этим, особое значение имеет организация взаимодействия следователя с различными службами и организациями, и прежде всего, с антитеррористическими подразделениями правоохранительных органов, специалистами в области борьбы с киберпреступлениями и аналитическими центрами.

Такое взаимодействие связано прежде всего с тем, что современные преступления экстремистской направленности отличаются многообразием форм и методов реализации. Их расследование требует применения комплексного подхода, включающего не только традиционные средства расследования, но и использование новейших технологий. Проблема организации взаимодействия следователя с другими службами имеет не только правовой, но и практический аспект, поскольку эффективно координированная работа повышает шансы на успешное раскрытие преступлений.

Ключевыми субъектами в расследовании таких преступлений являются прежде всего, следователь, который непосредственно занимается расследованием и установлением всех обстоятельств преступления, а также Государственный комитет национальной безопасности (далее - ГКНБ), ответственный за контрразведывательную деятельность и предупреждение угроз национальной безопасности; Министерство внутренних дел (далее - МВД), которое осуществляет оперативно-розыскную деятельность и собирает информацию о правонарушениях; Антитеррористические подразделения (например, СОБР, ОМОН), которые могут быть привлечены в случае угрозы

насилия; Центры по борьбе с киберугрозами, которые занимаются анализом цифровых следов и мониторингом экстремистской деятельности в сети Интернет.

Существующие теории взаимодействия правоохранительных органов подчеркивают важность интеграции всех структур на уровне анализа информации, обмена данными и принятия совместных решений. Вопрос о правовом регулировании такого взаимодействия также имеет ключевое значение. В Республике Таджикистан взаимодействие между различными правоохранительными органами регулируется законом РТ «Об оперативно-розыскной деятельности», а также рядом других нормативных правовых актов.

Н.А. Аменицкая правильно подчеркивает, что длительный исторический период, в течение которого государственное влияние распространялось на все сферы, включая уголовно-процессуальную, стал основой для развития судебного производства при отсутствии четкого разделения между административной (сыскной) и судебной функциями[1].

При расследовании преступлений экстремистской направленности следователь сталкивается с необходимостью оперативного получения информации от других служб и организаций. Важнейшими аспектами здесь являются, информационное взаимодействие, оперативно-розыскная деятельность, координация действий в условиях чрезвычайных ситуаций.

В свою очередь И.М. Гуткин подчеркивает, что взаимодействие представляет собой основанное на законе взаимное сотрудничество двух независимых органов, в рамках которого они, благодаря согласованной деятельности, используют свои методы и средства для предотвращения, пресечения, выявления, раскрытия и расследования преступлений, привлечения виновных к уголовной ответственности, возмещения ущерба, причиненного преступлениями, и розыска обвиняемых[2].

Эти определения имеют некоторые различия. Так, Б.А. Викторов справедливо утверждает, что суть взаимодействия следователя и органа дознания заключается в объединении их усилий, направленных на раскрытие преступления, согласованности их действий при соблюдении законности и выполнении своих обязанностей с учетом руководящей роли следователя. Также важно обратить внимание на разграничение компетенции следователя и оперативного сотрудника, чтобы их деловой контакт в рамках выполнения функций не становился совместным расследованием, когда оперативные сотрудники без поручений следователя выполняли следственные действия совместно с ним[3].

Одним из ключевых условий взаимодействия следователя и органа дознания являются общие принципы, которые применяются при проведении следственных действий и оперативно-розыскных мероприятий. К числу этих принципов относятся: строгое соблюдение законодательства, следственной этики, а также прав и свобод участников; разграничение полномочий следователя и оперативных сотрудников. Этот принцип включает сочетание единоначалия и коллегиальности в процессе взаимодействия субъектов. Принцип единоначалия предполагает организационно-тактическое руководство со стороны следователя, который самостоятельно принимает процессуальные решения.

А.М. Ларин справедливо подчеркивает, что важным условием является выявление доказательственной информации в ее первоначальном виде, без внесения каких-либо изменений. Лица, совершившие преступления, не должны быть информированы о предстоящих оперативно-розыскных мероприятиях и следственных действиях[4]. Информационное взаимодействие это обмен сведениями о подозреваемых, данных о передвижении лиц, информации о террористических угрозах и экстремистской деятельности. Важным элементом такого взаимодействия является использование современных информационных технологий для сбора, анализа и передачи данных. Обмен информацией о ходе и результатах взаимодействия должен быть оперативным. В процессе обмена информация представляет собой взаимную помощь между следователем и оперативным сотрудником. Информирование участников взаимодействия необходимо для обеспечения согласованности

[1] Аменицкая, Н.А. Взаимодействие следователя и органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность в раскрытии и расследовании преступлений (в ОВД): автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Н.А. Аменицкая. - Нижний Новгород, 2006. – 24 с.
[2] Белозеров, Ю.Н., Гуткин, И.М. и др. Органы дознания и предварительного следствия и их взаимодействие. - М., 1973. - С. 63.
[3] Викторов, Б.А. Общие условия предварительного расследования. - М.: Юрид. лит., 1971. - С. 25.
[4] Ларин, А.М. Работа следователя с доказательствами. - М., 1966. - С. 50.

действий и возможной корректировки планов следственных действий и оперативно-розыскных мероприятий. Это играет ключевую роль при планировании тактических комбинаций, успех которых зависит от точности исполнения и правильной последовательности выполнения оперативно-розыскных мероприятий и следственных действий[1].

Следователь должен взаимодействовать с оперативниками для получения информации о деятельности преступных группировок, выявлении лидеров и сторонников экстремистских организаций. Результативность взаимодействия следователя и оперативного сотрудника во многом зависит от его форм. В.В. Котов указывает, что взаимодействие следует классифицировать на процессуальную и непроцессуальную формы[2].

Одной из форм взаимодействия по уголовным делам экстремистской направленности является процессуальная форма, заключающаяся в участии оперативных сотрудников в проведении следственных действий. Законодатель не уточняет, в каких именно следственных действиях оперативные сотрудники могут принимать участие. Поэтому, как правило, они привлекаются к проведению сложных следственных действий или в случаях активного сопротивления расследованию со стороны подозреваемого или обвиняемого.

В ходе такого взаимодействия орган дознания выполняет действия по сбору и анализу фактических данных, которые являются частью проводимого следственного действия. Основу участия оперативного сотрудника составляют совместные с следователем меры по выбору и использованию тактических приемов при проведении следственного действия.

Непроцессуальные формы взаимодействия действительно тесно связанны с процессуальными, но при этом обладают собственной значимостью в контексте организации взаимодействия. В отличие от процессуальных форм, которые строго регламентированы законом и имеют чёткую процедуру исполнения, непроцессуальные формы более гибкие и могут использоваться в ситуациях, не требующих формализации в рамках установленного юридического процесса.

Одной из проблем, с которой сталкиваются следователи, является недостаточная интеграция данных между различными государственными органами, что затрудняет оперативное реагирование на экстремистские угрозы. Проблему усугубляет и ограниченность информационного обмена между региональными структурами.

Одной из важных проблем является также обеспечение конфиденциальности и безопасности данных. В условиях, когда преступники могут использовать высокотехнологичные средства для скрытия своих действий, защита информации между службами становится критически важной.

Для повышения эффективности расследования преступлений экстремистской направленности необходимы следующие шаги:

– разработка единой платформы для обмена информацией между различными правоохранительными органами, что обеспечит быстрый и безопасный доступ к данным;

– повышение уровня квалификации сотрудников в области анализа цифровых следов, работы с киберугрозами и управления кризисными ситуациями;

– укрепление международного сотрудничества в области борьбы с экстремизмом, поскольку многие преступные группировки имеют транснациональный характер.

Кроме того, следует усилить взаимодействие с гражданским обществом и частными структурами, такими как интернет-платформы, с целью предотвращения распространения экстремистских материалов в сети Интернет.

На основе вышеуказанного можно сделать несколько выводов:

1) В расследовании преступлений экстремистской направленности требуется комплексный подход, который включает как традиционные средства расследования, так и новейшие технологии. Эффективная работа следователя в этом контексте возможна только при тесном взаимодействии с различными государственными структурами и частными организациями.

2) Важнейшим условием успешного расследования является координация действий следователя с различными службами и учреждениями, такими как служба безопасности,

[1] Аверьянова, Т.В., Белкин, Р.С., Корухов, Ю.Г., Российская, Е.Р. Криминалистика: учебник для вузов. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: Норма, 2007. - С. 479.
[2] Котов, В.В. Организационные и тактические основы взаимодействия следователя и органов дознания при производстве отдельных следственных действий: автореф. дис. ... к.. юрид. наук: 12.00.09 / В.В. Котов. - Екатеринбург, 2007. - С. 15.

антитеррористические подразделения, специалисты по киберугрозам и другие. Взаимодействие должно строиться на основе интеграции, обмена данными и совместных решений.

3) Существенной проблемой является недостаточная интеграция данных между различными государственными органами, что затрудняет оперативное реагирование. Усложняет ситуацию и ограниченность информационного обмена между региональными структурами, а также необходимость обеспечения конфиденциальности данных.

4) Следователь играет ключевую роль в координации взаимодействия между различными службами, соблюдая законность и этические нормы. Он должен обеспечить эффективную работу с оперативными сотрудниками, учитывать их компетенции и правильно разграничивать полномочия.

5) Для повышения эффективности расследования важно развивать единую платформу для обмена информацией между правоохранительными органами и повышать квалификацию сотрудников в области анализа цифровых следов и работы с киберугрозами.

6) Учитывая транснациональный характер многих экстремистских группировок, укрепление международного сотрудничества в борьбе с экстремизмом имеет особое значение.

7) Важным аспектом борьбы с экстремизмом является взаимодействие с гражданским обществом и частными структурами, например, с интернет-платформами, для предотвращения распространения экстремистских материалов в сети.

ВАЗЪИ АТТЕСТАТСИЯИ ДАВЛАТИИ ИЛМИИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ВА ИЛМӢ-ОМУЗГОРӢ*

СОСТОЯНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НАУЧНОЙ АТТЕСТАЦИИ НАУЧНЫХ И НАУЧНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ КАДРОВ

РАҲМАДҶОНЗОДА РИФАТ РАҲМАДҶОН
муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия
E-mail: reefat@yandex.ru

Ба ҳамагон маълум аст, ки аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии (минбаъд – КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон[1] амалӣ карда мешавад.

То таъсис ёфтани ниҳоди мустақил дар ин самт, яъне КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми ин муносибатҳо тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Федератсияи Россия ва ниҳодҳои дахлдори он ба роҳ монда мешуд. Дар ин радиф, мо низ тарафдори он фикри созанда ҳастем, ки "таъсис додани КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳеҷ ваҷҳ, маънои қатъ гардидани муносибатҳо ва ҳамкориҳои илмӣ бо Федератсияи Россияро надорад. Муассисаҳои илмӣ ва МТОК-и ҷумҳурӣ имкон доранд, ки дар чаҳорчубаи созишномаҳои байнидавлатие, ки миёни ин ду кишвар оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи илм ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ ба имзо расидаанд, бо муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олии Россия ҳамкориҳоро дар самти таҳқиқотҳои муштарак ва тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ ба роҳ монанд"[2].

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: № 0121TJ1292.

[1] Муфассалтар оид ба фаъолияти Комиссияи мазкур дар зербоби 2.4. «Такмили низоми аттестатсияи кадрҳоиилмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ»-и Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02-уми июли с. 2008, № 296 тасдиқ гардидааст, маълумот оварда шудааст.Ниг.: бандҳои 21-23 Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 264.

[2] Қурбонов А. Илм ва низоми идораи он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2014. – С. 73.

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба ташаккули шабакаи шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ, беҳтаргардонии сифати кори шуроҳои диссертатсионӣ ва диссертатсияҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, мунтазам мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додани фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ равона месозад.

Вазифаи асосии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои наздик ташаккули шабакаи шуроҳои диссертатсионӣ мебошад. Дар ин маврид на танҳо шабакаи шуроҳои диссертатсионие ташаккул дода мешаванд, ки диссертатсияҳоро барои дифоъ дар соҳаҳои илм ва ихтисосҳои таъмин бо нерӯи илмии мувофиқ (яъне, миқдори зарурии докторҳо ва номзадҳои илм барои фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ) қабул карда тавонанд, балки бо фароҳам омадани шароити зарурӣ шуроҳои диссертатсионӣ ҳуқуқ дошта бошанд, ки барои ҳимояи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисосҳое низ қабул намоянд, ки аз рӯйи онҳо ҳоло диссертатсияҳо ҳимоя карда намешаванд. Ба ин мақсад таъсис додани шуроҳои муттаҳидаи байниидоравии диссертатсионӣ ва шуроҳои диссертатсионии муштараки байнидавлатӣ пешбинӣ карда мешавад.

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат ва ҳамоҳангсозии кори шуроҳои диссертатсиониро ба роҳ монда, фаъолияти худро ба татбиқ кардани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми аттестатсия, таъсиси пойгоҳи иттилоотӣ оид ба шуроҳои диссертатсионӣ, инчунин ба даст овардани нишондиҳандаҳои миқдории дифои диссертатсияҳои сифати баланд дар самту соҳа ва ихтисосҳои гуногун, ташаккули нерӯи пурқуввати илмӣ, гузаронидани семинарҳо, машваратҳо, нашри бюллетени КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи таҳлилӣ ва маводи дигар равона месозанд.

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ корҳои заруриро бобати ба тартиб даровардани номгӯйи маҷаллаҳои илмӣ, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии диссертатсияҳо бо риояи меъёрҳои зарурии ба ин маҷаллаҳо пешниҳодшаванда (рейтинги маҷалла дар иттиҳоди илмӣ, тақризнависӣ, рефераткунӣ ва шохис (индекс)-и иқтибосоварии мақолаҳо, теъдод, обунашавӣ ба маҷалла) чоп карда шаванд, анҷом медиҳад[1].

Тибқи маълумоти омории КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи диссертатсияҳо аз ибтидои фаъолияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30 июни соли 2023 аз шуроҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ 2112 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид шудааст. Аз ин теъдод 170 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1790 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 152 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад.

Аз шумораи умумии парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои воридшуда 1694 диссертатсия тасдиқ шудааст, ки аз он 144 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1437 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 113 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Дар маҷмуъ, то имрӯз 233 қарорҳои шуроҳои диссертатсионӣ доир ба бекор намудани додани дараҷаи илмӣ бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи муқарраршуда бароварда шудааст. Аз 233 диссертатсияи радшуда 112-тоашро диссертатсияҳои бо забони тоҷикӣ ҳимояшуда ва 121-тоашро диссертатсияҳои бо забони русӣ ҳимояшуда ташкил медиҳанд.

Зимнан, дар давраи ҳисоботӣ ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 470 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид гардидааст, ки аз он 255 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия тасдиқ, 30 парванда рад ва 185 парвандаи дигар дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионӣ ва шуроҳои экспертӣ қарор доранд[2].

Бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд иқдомҳои хеш қолабҳои ҷойдоштаи ин ниҳод ва дар умум баъзе

[1] Ниг.: банди 20 Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 264.

[2] Ниг.: Маълумот оид ба фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар нимсолаи аввали соли 2023 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://vak.tj/hac_new/index. php/koa/hisobotho (санаи мурочиат: 02.08.2024).

монеаҳои сунъии оқибати ҳуқуқидоштаро барои унвончӯ, роҳбар (мушовир)-и илмӣ ва роҳбарияти шуроҳои диссертатсионӣ бартараф карда, қарорҳои дахлдори худро қабул намуд. Ин қарорҳо нуфузи ин ниҳоди калидиро боз ҳам дар ҷомеаи илмии кишвар боло мебарад. Масалан: аксар вақт ва то ба имрӯз масъалаи ташкили ҳимояи такрорӣ ҳам барои довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳам ба шурои диссертатсионӣ як қатор муаммоҳоро пеши назар меорад. Асосҳои ба ҳимояи такрорӣ баргаштани диссертатсия ва сабабҳои он гуногунанд, ки ба фикри аксарият онҳо ночизанд, вале КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ ба онҳо раҳм накардааст. Ҳар як фаъолият якчанд паҳлу дорад. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва баргузор намудани ҳимояи такрорӣ дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими худро ёфтаанд[1].

Яке аз ташаббусҳои навбатии роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар самти таҳлилшаванда қабул гардид – ин баррасии татбиқи б. 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни с. 2023, №295) (минбаъд – Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) ҷиҳати доир намудани ҳимояи такрорӣ дар яке аз ҷаласаҳои Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи қарори қабулшуда, ба раисони шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои давлатии илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дастур дода шуд, ки ҳангоми баррасии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва доктори илм талаботи б. 113 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва б. 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ риоя намоянд. Ҳамзамон ба шуроҳои диссертатсионӣ иҷозат дода шуд, ки ҳангоми аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор намудани қарори шуроҳои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ ва ба ҳимояи такрорӣ баргардонидани диссертатсияҳо дар сурати ошкор шудани далели вайронкунии расмиёт дар таъйин кардани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва гузаронидани раванди ҳимояи диссертатсия, ки онҳоро б. 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар намудааст, ҳимояи такрории диссертатсияҳоро пас аз се (3) моҳ (бе муроҷиати иловагӣ ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа доир намоянд[2].

Қарори қабулкардаи роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳокимашаванда як қатор мушкилиҳоро аз байн хоҳад бурд. Масъулини шуроҳои диссертатсионӣ ва довталабони дараҷаи илмӣ тарафдори онанд, ки парвандаи аттестатсионӣ бидуни нуқсон ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ин самт таклифе ба миён меояд, ки аз ҷониби масъулини КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми пурраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба шурои диссертатсионӣ, тарзи дуруст омода карда шудани онҳо, дар сарсаҳифа ва дигар қисматҳои автореферат ва диссертатсия, инчунин дар дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ дарҷ намудани раванди ҳимояи такрорӣ ва оид ба он маълумот манзур намудан, коркард карда шавад.

Асосҳои ҳуқуқии дар боло овардашуда худ далели онанд, ки механизми муайян то ба ҳол коркард карда нашудааст. КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пурра баррасӣ намудани ин самти фаъолияти хеш ва мукаммал намудани он, метавонад ва иқтидор ҳам дорад. Мисоли зинда шуда метавонад иқтибоси овардашуда оид ба муроҷиат накардан ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ташкили ҳимояи такрорӣ.

Дигар ташаббуси роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир гардид, ки санаи 28 майи соли 2024 дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоте нашр гардид, ки минбаъд Комиссия бо мақсади татбиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2011, № 643), таъмини шаффофияти фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, ҳимояи диссертатсияҳо тариқи ошкоро, бо мубоҳисаи илмӣ,

[1]Ниг.: Низомномаи шурои диссертатсионӣ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 267; Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 267.

[2]Ниг.: Иқтибос аз қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04-уми марти с. 2024, № 02 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://vak.tj/hac_new/index.php/-koa/rayosat/qarori-rayosat/264-dar-bo rai-tatbi-i-bandi-108-tartibi-dodani-dara-a-oi-ilm-i-ati-doir-namudani-imoyai-takror (санаи муроҷиат: 02.08.2024).

серталабӣ, воқеъбинӣ, масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ тасмим гирифтааст, ки ҷараёни ҳимояи диссертатсияҳоро тариқи маҷозӣ ба роҳ монад.

Қайд карда шуд, ки иқдоми мазкур аллакай дар якчанд шуроҳои диссертатсионӣ истифода гардида, давраи озмоиширо бомуваффақият гузаштааст. Дар асоси таҳлили платформаҳо барои баргузории видеоконфронсҳо, таҷриба нишон дод, ки ҷиҳати ба роҳ мондани ин кор истифода гардидани платформаи Zoom бештар мусоид мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз роҳбарони муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар хоҳиш ба амал бароварда шуд, ки барои баргузории маҷозии ҷаласаи шурои диссертатсионии назди муассиса чораҷӯӣ намуда, иттилоияи пайвастшавӣ ба ҳимояи диссертатсияҳои тариқи маҷозиро на дертар аз як рӯз пеш аз ҳимоя ба суроғаи электронии дахлдори Комиссия ирсол намоянд[1]. Ин қарор низ бозгӯйи дастгирӣ ва фаъолиятро қадам ба қадам ба маҷрои дуруст бурдани роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Чи гунае, ки дар боло зикр карда шуд ва истинод овардем, аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Бо мақсади иҷрои Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия (“Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ”), ки 12-уми феврали с. 1997 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми сентябри с. 1997, № 395 Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ амал мекунад. Комиссияи аттестатсионии мазкур дар фаъолияти худ Низомномаи Комиссияи аттетстатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми сентябри с. 1997, № 395 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ мегирад[2].

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 28-уми феврали с. 2023, № 475-р Созишнома байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ ба тасвиб расид. Тибқи моддаҳои 4 ва 5 Созишнома, дараҷаи илмии номзади илм, ки дар Федератсияи Россия дода шудааст ва дараҷаи илмии номзади илм, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст, баробараризиш эътироф мешаванд. Ин талабот ба унвонҳои илмии дотсент ва профессор низ алоқаманд аст.

Ин дастоварди илмӣ бо ташаббус ва иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамкории марбутаи ниҳодҳои дахлдор амалӣ карда шуд[3].

Дар ин маврид, баъд аз таъсис ёфтани КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор гирифтани Созишномаи нав такроршавии функсияҳо ё иҷро намудани амалҳои муайян аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба миён меояд. Хотиррасон менамоем, ки Комиссияи мазкур рисолати таърихии хешро пурра ба анҷом расонид. Айни замон, ҷой доштани ин ниҳод ва дар баробари КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудани он аз қолабҳои эътирофшудаи фаъолият берун аст.

Дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки дар раванди аттестатсияи кадрҳои илмӣ такроршавии вазифаҳо бояд аз байн бурда шавад. Ҳамчун як ниҳоди мустақил ҷой ёфтани Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар дохили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар таҳвили он ба мақсад мувофиқ аст. Ин таклиф ба таъкиди Пешвои муаззами миллат асос ёфтааст. Пешвои муаззами миллат таъкид

---

[1]Ниг.: Ҷараёни ҳимояи диссертатсияҳо тариқи маҷозӣ ба роҳ монда мешавад // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ:https://vak.tj/hac_new/index.php/navgoni/malumoti-umumi/508-online-himoya?fbclid (санаи мурочиат: 09.08.2024).

[2]Ниг.: банди 20 Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 264.

[3] Тасвиби Созишнома байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://vak.tj/old/index.php/navgon/ma-lumoti-umumi (санаи мурочиат: 09.08.2024).

намуданд, ки “зарурати ислоҳоти ҷиддӣ, аз ҷумла таҷдиди сохтории Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои илмиву таҳқиқотии он ба миён омадааст”[1].

Иловатан бояд иброз намуд, ки ҳамасола баъд аз таҳлил ва ҷамъбасти фаъолияти шуроҳои экспертии дахлдор, бояд аз тарафи масъулини КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳар як соҳаи алоҳидаи илм, ки дар ҷумҳурӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳимоя мегардад, маҷмуаи беҳтарин таҳқиқотҳои диссертатсионӣ[2] таъсис дода шавад ва бо қарори махсуси Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо тасдиқ карда шаванд. Ин таклиф ҷиҳати ба миён овардани рақобати солим дар соҳаи таълиф ва ҳимоя намудани таҳқиқотҳои диссертатсионӣ оварда мерасонад, ки аз ин нафъ бисёр хоҳад буд. Пеш аз ҳама, ин дар мазмун ва матни таҳқиқотҳои диссертатсионӣ навгониҳои мушаххас мушоҳида карда мешавад, то ин ки муаллифон корҳои пухтаро ба ҳимоя пешниҳод намоянд ва натиҷаи ин корҳо қабл аз ҳимоя бо дар амалия / истеҳсолот татбиқ шудани он (ё имконияти дар оянда) ворид шудани онҳо ба амалия / истеҳсолот (саноат ё дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ) бо санади воридсозии натиҷаҳо тасдиқ ва исботи худро ёбанд.

Калидӣ будани самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ бори дигар шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби масъулин дар ин самт корҳои назаррас ба анҷом расида истодаанд. Ҳамин тавр, санаи 26-уми ноябри с. 2024 бо ташаббуси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти вазорату идораҳои соҳавӣ, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва намояндагони васоити ахбори омма муҳокимаи парламентӣ оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» баргузор гардид.

Дар интиҳои муҳокимаи парламентӣ бо дарназардошти масъалаҳои баррасишуда ва мушкилоту нуқсонҳои ҷойдошта тавсия дода шуд, ки вобаста ба тақвияти ҳамкориҳои мутақобилаи муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, баланд бардоштани сатҳи тайёр кардани олимони ҷавон аз рӯйи ихтисосҳои алоҳида, дар муҳлати муайяншуда ҳимоя кардани рисолаҳои илмӣ, ҷустуҷӯи механизми ҳавасмандгардонӣ бо мақсади ҷалби ҷавонон ба илм, дарёфт ва тарбияи кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир, ташаккули тафаккури илмию техникӣ, рушди зеҳнӣ ва ҷалби олимони ҷавон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, истифодаи самараноки ҷойҳои ҷудошуда барои магистратура, докторантураи фалсафа (PhD), докторантура аз рӯйи ихтисос ва посдокторантура фаъолияти ҳамгироии сохторҳо ба роҳ монда шуда, бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд[3].

Ҳамзамон, дар рафти ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси олии кишвар, Роҳбари давлат зарур шумурданд, ки “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030” дар муддати ду моҳ таҷдиди назар гардида, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод карда шавад[4]. Ин супориш бори дигар ба ҳамагон хотиррасон аст, ки илм ва маориф самти асосӣ ва калидии сиёсати давлатии имрӯзаи мо аст ва дар ин самт бояд саъю талош ва корҳои зиёде ба анҷом расонидан лозим аст.

---

[1] Ниг.: Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ:: https://www.president.tj/event/speeches/37699 (санаи мурочиат: 31.05.2024).

[2] Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия бо мақсади маъмул гардонидани таҳқиқотҳои ҷолиби диссертатсионӣ, инчунин барои таблиғоти дастовардҳои илмии унвонҷӯёнҳои дараҷаҳои илмӣ, ба раисони Шуроҳои коршиносии ВАО тавсия додааст, ки ҳар квартал на камтар аз як таҳқиқоти диссертатсионии бахшҳои дахлдоре, ки бомуваффақият дифоъ шуда буданд, интишор гузоранд.

[3] Муҳокимаи парламентӣ оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://vak.tj/hac_new/-index.php/navgoni/malumoti-umumi/886-mu-okimai-parlament-oid-ba-rafti-i-roi-barnomai-davlatii-tajjor-kardani-kadr-oi-sat-i-balandi-ilm-baroi-sol-oi-2021-2030 (санаи мурочиат: 02.12.2024).

[4] Ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ:https://www.president.tj/event/news/49227 (санаи мурочиат: 31.12.2024).

ИРТИБОТИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

СООТНОШЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО И УГОЛОВНОГО ПРАВА

ШАРИПОВ ТАҚДИРШО ШАРИПОВИЧ
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
E-mail: kholikov88@mail.ru

ХОЛИҚЗОДА ШЕРАЛӢ ЛОИҚ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: kholikov88@mail.ru

Табиати аввлавияти робитаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ бо ҳамон гуна робитае, ки байни ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҷиноятӣ ҷой дошт, шабоҳат дорад. Ҳамзамон, фарқиятҳои зиёде мавҷуданд. Ногуфта намонад, ки муносибатҳои миёни ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар тӯли таърихи ҳамзистии онҳо чи дар назария ва чи дар амалияи ҳуқуқтатбиқинамои баҳсбарангез буданд.

Бо афзоиши равандҳои ҳамгироӣ, баҳсҳо на танҳо хомӯш нашуданд, балки баръакс, афзоиш ёфтанд. Бисере аз муаллифон қайд мекунанд, ки дар шароити раванди ҷаҳонишавӣ суръати рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ тағйир меёбад.

Ҳолатҳое кам нестанд, ки соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба соҳаҳо ва институтҳои нави ҳуқуқи миллӣ барвақттар ба вуҷуд меоянд, ки ин мушкилоти зиёдеро ба миён оварда ва дар навбати худ дарк ва ҳали онҳоро талаб мекунад[1]. Аз ин рӯ, маҷмуи мушкилоти марбут ба зарурати мувофиқа кардани низомҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ меафзояд.

Ҳар қадаре ки ҳамгироӣ суръат пайдо намояд, ҳамон қадар нуқтаҳои бархурди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ зиёд мешаванд. Дар баробари ин, вақте ки рушди асосҳои меъёрии фаъолияти ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бо ҷиноятқорӣ аз ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба қонунгузории ҷаҳонии ҷиноятӣ мегузарад пеш аз мӯҳлат изҳорот дар бораи оғози марҳилаи босуръати таъсиси давлати ҷаҳонӣ, пешниҳод карда мешавад[2].

Ба дурнамои муносибати байниҳамдигарии ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллӣ муносибати дигари эҳтиёткорона вуҷуд дорад. «Ақли солим мегӯяд, - менависад Ведерникова О.Н., - пеш аз ҳалли масъалаҳои имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ, бояд муайян кард, ки оё чунин имплементатсия зарур аст, оё барои ин имкониятҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доранд ва оқибатҳои чунин ташаккули трансформатсия аз нуқтаи назари риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, нигоҳ доштани соҳибихтиёрии мамлакат ва таъмини амнияти миллӣ ва дохилии давлат чӣ гуна хоҳад буд?»[3].

Заминаи муайяни чунин нигарониҳо ҳамеша вуҷуд дошт, аммо он наметавонад тамоюли умумии афзоиши талаботро дар мавриди ба ҳам мувофиқ омадани чорабиниҳои ҳуқуқии мубориза бо ҷиноятқориро дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалии боздорад, зеро ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа сол аз сол васеъ шуда истодааст.

Басо мушкил аст соҳаи ҳаётан муҳими ҷомеаи муосиро пайдо кард, ки бо ҳуқуқи байналмилалӣ рабт надошта бошад. Ингуна соҳаҳоро ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ҳифз мекунад, ки онро аз меъёрҳои танзимкунанда чудо истифода бурдан мумкин нест. Илова бар ин,

---

[1] Поленика, С.В., Гаврилов, О.А., Колдаева, Н.П., Лукьянова, Е.Г., Скурко, Е.В. Воздействие глобализации на правовую систему России // Государство и право. - 2004. - № 3. - С. 11.

[2] Мишин, Г.К. О методологии глобального уголовного законодательства / Г.К. Мишин // Международное и национальное уголовное законодательство: проблемы юридической техники. Мат-лы III Междунар. науч.-практ. конф., сост. на юрид. ф-те МГУ им. М.В. Ломоносова, 29-30 мая 2003 г. / Отв. ред. Комиссаров В.С. - М.: ЛексЭст, 2004. – С. 60.

[3] Ведерникова, О.Н. Система международного уголовного права и проблемы национальной безопасности России / О.Н. Ведерникова // Международное и национальное уголовное законодательство: проблемы юридической техники. Мат-лы III Междунар. науч.-практ. конф., сост. на юрид. ф-те МГУ им. М.В. Ломоносова, 29-30 мая 2003 г. / Отв. ред. Комиссаров В.С. - М.: ЛексЭст, 2004. - С. 395.

мавҷудияти соҳаи мустақили ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ воқеият мебошад[1], ки дар асл наметавонад аз ҳуқуқи ҷиноятии дохилидавлатӣ ҷудо карда шавад.

Ҳар яке аз асосҳои номбаршудаи алоқаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи ҷиноятии дохилидавлатӣ хусусияти худро дорад, ки хислатҳои хоси татбиқи онҳоро муайян мекунад.

Аксари меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлатҳо на танҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, балки манфиатҳои ҷамъиятӣ низ равона карда шудаанд, ки бе мустаҳкам кардани онҳо манфиатҳои шахси мушаххасро ҳимоя кардан ғайриимкон аст

Дар ин росто пеши назар овардани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ҷиҳати мубориза бар зидди воситаҳои нашъаовар, қонунигардонидани воситаҳои бо роҳи ҷиноятӣ ба даст овардашуда ва ғайра нигаронида шудаанд, кофӣ аст. Талабот ба рушди ин самт дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ басо бештар ҳис карда мешавад. Чунончи, дар муқаддимаи Конвенсияи Шӯрои Аврупо «Дар бораи шустушӯ, ошкор, гирифтан ва мусодираи даромадҳо аз фаъолияти ҷиноятӣ» (Страсбург, 8-уми ноябри соли 1990) ба зарурати гузаронидани сиёсати умумии ҷиноятӣ, ки ба ҳимояи ҷомеа равона шудааст, ишора карда мешавад, зеро «мубориза бар зидди шаклҳои хатарноки ҷиноятқорӣ, ки торафт бештар хусусияти байналмилалӣ пайдо мекунанд, истифодаи усулҳои муосир ва самаранокро дар миқёси байналмилалӣ талаб мекунад».

«Нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар стратегияи мубориза бо ҷиноятқорӣ, қайд мекунад Михайлов В.И., аз ҷумла, ба афзоиши имкониятҳои захиравӣ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ, фароҳам овардани замина барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, истирдод ва дигар шаклҳои ҳамкорӣ, инчунин ба ҳавасмандгардонии рушди қонунгузории дохилӣ оварда мерасонад»[2].

Масъалаҳои иртиботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ дар бисёр асарҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Дар аввал асосан масъалаи бунедӣ дар бораи имконияти эътирофи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, бо ҳам мувофиқии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба стандартҳои минтақавӣ ва дигар стандартҳои байналмилалӣ баррасӣ гардида, сипас навиштаҷотҳое пайдо шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои истифодаи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ карда мешаванд[3].

Махсусан суръати коркарди ин самт дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар солҳои охир оғоз ёфт[4], зеро бисер ҷанбаҳои мушкилоти робитаи байни ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ аз категорияи назариявӣ ба амалӣ гузаштанд. Қабули Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд” аз 18 ноябри соли 2013 онро тасдиқ менамояд.[5] .

Иртибот миёни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва байналмилалӣ дар соҳаҳои зерини танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ (ба монанди робита бо ҳуқуқи конститутсионӣ) зоҳир мешавад:

---

[1] Лукашук, И.И., Наумов, А.В. Международное уголовное право. - М., 1999; Кибалышк, А.Г. Введение в международное уголовное право. - Ставрополь, 2001; Бойко, А.И. Международное и российское уголовное право. - Ростов-на- Дону, 2004; Кибальник, А.Г., Соломоненко, И.Г. Преступления против мира и безопасности человечества. - СПб., 2004; Кайсин, Д.В. Имплементация норм международного уголовного права в законодательство Российской Федерации / Д.В. Кайсин // Уголовное право: стратегия развития в XXI веке. Материалы международной научно-практической конференции, 29 - 30 января 2004 г. - С. 24.

[2] Михайлов, В.И. Международно-правовое регулирование борьбы с преступностью и его место в национальной стратегии борьбы с преступностью: Доклад на конференции «Стратегия борьбы с преступностью (Материалы научно-практической конференции) // Государство и право. - 2004. - № 3. - С. 103.

[3] Баҳс дар ин хусус ба охир нарасида, то кунун давом дорад.Ниг.: Международное уголовное право: учебное пособие / Под общ. ред. В.И.Кудрявцева. - М., 1999. - С. 14; Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. Б.В. Здравомыслова. - М. 2000. - С. 26; Лесниевски-Костарева, Т.А. Концепция развития уголовного законодательства // Концепция развития Российского законодательства. - М., 1999. – С. 227; Цепелев, В. Исполнение Россией международно-правовых обязательств в уголовно-правовой сфере // Российская юстиция. - 2000. - № 10; Коняхин, В.П. Теоретические основы построения Общей части Российского уголовного права. - СПб., 2002. - С. 88-101 ва ғайра.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – МАФОҶ) воҳидҳои оперативии мақомоти давлатии тибқи қ. 1 м. 13 қонуни мазкур ваколатдор мебошанд, ки дар доираи салоҳияти худ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд[2]. Дар байни ин мақомот воҳидҳои оперативии мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) мавқеи марказӣ доранд, зеро онҳо бевосита бо муқовимат ба ҷиноятқорӣ, аз ҷумла, ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта машғул мебошанд.

Шартҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ), ки ба ошкор намудан, огоҳинидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳои самти экстремистӣ, инчунин истифодаи қувва, воситаҳо, усулҳо ва имконияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ равона шудаанд ба воҳидҳои оперативӣ ва субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) имкон медиҳанд, ки ба гуруҳҳои экстремистӣ ва тарафдорони онҳо самаранок муқовимат кунанд.

Муқовимат ба экстремизм аз ҷониби воҳидҳои оперативии МКД такмили асосҳои ҳуқуқӣ, тактикӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ инчунин баланд бардоштани истифодаи самараноки воситаҳо ва усулҳои ФОҶ-ро талаб мекунад.

Мавриди қайд аст, ки дар сохтори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат ба экстремизм ба зиммаи Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил ва сохторҳои минтақавии он вогузор карда шудааст, ки воҳидҳои оперативии он дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон нақши калидӣ мебозад[3].

ФОҶ яке аз самтҳои самараноки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад ва инчунин бо мақсади огоҳ кардан ва пешгири намудани паҳншавии идеологияи экстремизм амалӣ карда мешавад.

Самтҳои асосии мубориза бо экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 аз 1-уми июни с. 2021 муайян карда шудаанд, ки мақсадҳои асосии он ин муқовимат

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

[1] Абдуллозода, Н.Р. Экстремизми динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Тоҷикистон / Н.Р. Абдуллозода // Маҷмуаи маводи III-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 19 апрели с. 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. С.66-69.

[2] Абдуллозода, Н.Р. Муродзода, Ф.Ғ. 200 саволу ҷавоб аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ. 2025. - С. 150.

[3] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. - Душанбе: «ЭР - граф», 2019. - С. 160.

ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, тамомияти арзии давлат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҳдидҳои экстремистӣ ва террористӣ мебошанд[1].

Ин санади муҳимми стратегӣ ҳадаф, вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла воҳидҳои оперативии МКД-ро дар мубориза бо экстремизм ва терроризм муайян кардааст.

Самаранокии пешгирӣ кардан, ошкор карда ва кушодани ҷиноятҳои экстремистӣ бештар аз фаъолияти дуруст мувофиқашудаи кормандони воҳидҳои оперативии МКД вобаста аст, зеро бидуни ҳамкории дуруст воҳидҳои оперативӣ наметавонанд бо таври зарури муқовиматро бо гурӯҳҳои экстремистӣ ва тарафдорони онҳо таъмин кунанд.

Воҳидҳои оперативии МҚД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муқовимат ба экстремизм вазифаҳои муҳиммро иҷро мекунанд, ки дар байни онҳо метавон инҳоро номбар кард:

1. Ҷамъоварӣ, таҳлил ва баҳодиҳии иттилоот дар бораи вазъи экстремизм дар минтақаи хизматрасонӣ, муайян намудани сабабҳо ва шароитҳои мусоидаткунандаи паҳншавии ақидаҳои экстремистӣ дар байни ҷавонон, пешгӯии тамоюлҳои рушди ин падида.
2. Ошкор ва пешгирии фаъолияти экстремистӣ дар байни ҷавонон ҳанӯз дар марҳилаи омодагӣ, пешгирии амалҳои террористӣ ва дигар ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта.
3. Муайян кардани шахсоне, ки ба фаъолияти экстремистӣ майл доранд ва ҷамъоварии далелҳо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо.
4. Таъмини бехатарии шахсони аз тарафи гурӯҳҳои экстремистӣ таҳдидшаванда, хусусан шахсиятҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.
5. Гузаронидани корҳои профилактикӣ бо ҷавонон ва шахсони таҳти таъсири ташкилотҳои экстремистӣ қарордошта ва ё майл ба фаъолияти экстремистидошта.
6. Таъмини амнияти иттилоотӣ, муқовимат ба паҳншавии идеологияи экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет.
7. Ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва шомилшавии ҷавонон ба ин гуна гурӯҳҳо.

Барои ҳалли вазифаҳои номбаршуда аз тарафи воҳидҳои оперативии МКД дар асоси м. 6 Қонуни Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ЧОҶ гузаронида мешаванд, ки дар натиҷаи гузаронидани он тарзу усули ҷамъоварии маълумот, делел ва тартибдодани ҳуҷҷатҳои лозимӣ, пешкашнамоии он барои мурофиаи ҷиноятӣ ва шакли истифодабарии он барои исботкунӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ аз муҳиммтарин масъалаҳо ба ҳисоб меравад[2].

ЧОҶ, ки аз тарафи воҳидҳои оперативии МКД дар самти муқовимат ба экстремизм гузаронида мешаванд, низоми чораҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро бо мақсади ҳалли вазифаҳои ФОЉ татбиқ мегарданд. Қайд намудан зарур аст, гузаронидани ЧОЉ барои муайян намудани гурӯҳҳои экстремистӣ аҳаммияти калон доранд, зеро натиҷаҳои ЧОЉ ба воҳидҳои оперативӣ МКД имконият медиҳанд, ки фаъолияти экстремистиро дар марҳилаи омодагӣ ва ё амалисозӣ пешгирӣ ва ё қатъ намоянд.

Ба назардошти он, ки дар Тоҷикистон замимаҳои ҳуқуқӣ барои муқовимат ба экстремиз мавҷуд бошад ҳам, мушкилотҳо дар фаъолияти воҳидҳои оперативӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ба назар мерасад, ки ҳалли онҳо барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин падидаи номатлуб зарур аст.

Ин мушкилотро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

1) мушкилоти кадрӣ ва касбӣ;
2) мушкилоти моддӣ-техникӣ;

---

[1] Стратегияи муққовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 аз 1-уми июни с. 2021, № 187 // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://docs.yandex.ru/docs (санаи воридшавӣ: 14.03.2025).

[2] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: «ЭР - граф», 2019. – С. 210.

3) мушкилоти ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ;
4) мушкилоти қонунгузорӣ ва ташкилӣ.

Аз ин рӯ, ҳалли мушкилотҳои зикршуда самаранокии фаъолияти воҳидҳои оперативиро дар мубориза бо экстремизм ба таври назаррас баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ хулоса баровардан мумкин аст, ки муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Воҳидҳои оперативии МКД дар ин самт вазифаҳои муҳиммро иҷро мекунанд. Бо вуҷуди мушкилоти кадрӣ, моддӣ-техникӣ ва ҳамоҳангсозӣ, воҳидҳои оперативӣ дар низоми муқовимат ба экстремизм нақши муҳим мебозанд. Барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо экстремизм зарур аст, ки чораҳои зарурӣ андешида шаванд, аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии кормандони воҳидҳои оперативии МКД, беҳтар намудани таъминоти моддӣ-техникӣ воҳидҳои оперативии МКД, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ.

НАҚШИ МАҚОМОТИ ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ*

РОЛЬ ОРГАНОВ ПРОИЗВОДСТВА УГОЛОВНОГО ДЕЛА В УГОЛОВНЩ-ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

АБДУЛЛОЗОДА НЕЪМАТУЛЛО РАҲМАТУЛЛО
сардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии МКД факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полконвики милитсия
E-mail: nematullo.abdulloev@mail.ru

ҚАҲОРОВ НАСИМҶОН МАЗБУТОВИЧ
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: knasim-1985@mail.ru

Мурофиаи ҷиноятӣ расман, аз номи давлат амалӣ гаштани адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ифода мекунад, ки новобаста аз хоҳиш ё иродаи шахсони алоҳида ё мақомот амалӣ мегардад. Мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад ва барои амалӣ гаштани адолати судӣ замина тайёр мекунад. Ҳукм аз номи давлат бароварда мешавад. Бинобар ин, ҳукми суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ хусусияти расмӣ, ҳатмӣ ва қатъӣ дорад. Чунки баъди қувваи қонунӣ гирифтани ҳукм бо ҳамон асосҳо, доир ба ҳамин айбдорӣ, дар хусуси ҳамон шахс таъқиби ҷиноятӣ манъ карда мешавад. Ҳатмӣ будани ҳукм онро ифода мекунад, ки бе истисно аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ бояд риоя ва иҷро гардад.

Дар ин муносибатҳо як тараф – тарафи айбдоркунанда – прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари граждани, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари граждани ва тарафи дигар муносибати мурофиавӣ – тарафи ҳимоя – гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари граждани ва намояндаи қонунии ӯ.

Тибқи муқаррароти қонун прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари граждани, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари граждани тарафи айбдоркунанда эътироф мешаванд. Гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари граждани ва намояндаи қонунии ӯ тарафи ҳимояро ташкил медиҳанд. Лекин, мафҳуми тарафҳо ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро дарбар намегирад. Ғайр аз тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ дигар иштирокчиён низ нақш

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «“Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

ва мақеъи худро доранд, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мурофиавии худро ба амал мебароранд. Фаъолияти мурофиваии ҷиноятӣ, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд, *дар шакли муносибатҳои ҳуқуқӣ* ҷараён мегиранд. Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ гуфта муносибатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро меноманд, ки дар байни онҳо, дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

Асоси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятиро фактҳои юридикӣ (ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта) ташкил медиҳанд. Фактҳои юридикӣ гуфта ҳолати муайян, маврид, вазъиятеро меноманд, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гаштани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ мегарданд. Масалан, мавҷудияти аломати ҷиноят дар ҳодисаи рухдода, синну соли муқарраркардаи қонун, бемории айбдоршаванда ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр**,** шакли мурофиавии ҷиноятӣ – ин тартибу қоидаҳои муайянкардаи қонун оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аст, ки пайдарҳамии қатъии марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва қоидаҳои гузариш аз як марҳила ба марҳилаи навбатиро муайян мекунад. Қоидаҳои умумие, ки дар марҳилаи муайян амал мекунанд, мазмуни ҳамин марҳиларо ифода менамоянд.

Исмаилов Ш.М. менависад, ки шакл ва кафолати мурофиавӣ барои баамалбарории муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ шароити мусоид фароҳам меоранд ва тамоми иштирочиёни мурофиаи ҷиноятиро водор мекунанд, ки дар доираи муқараргардида ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавии худро амалӣ, риоя ва иҷро намоянд[1].

Кафолати мурофиавӣ гуфта маҷмуъи воситаҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки барои амалӣ гаштани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ шароити мусоид барпо менамояд ва ёрӣ мерасонанд. Масалан, ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳуқуқ ба шикоят кардан, ҳуқуқ ба иштирок дар амалҳои мурофиавӣ, ҳуқуқ ба шинос шудан бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ва ғайраҳо.

Муносибатҳои иштирокчёни мурофиаи ҷиноятӣ бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Дар ин меъёрҳо қоидаҳо, шароит, маврид ва тартиби амали иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯъи меъёрҳое иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҷараёни баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба танзим медароранд. Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ гуфта, маҷмӯъи қоидаҳою рафтори муйяни иштирочиёни мурофиаи ҷиноятиро дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ меноманд, ки аз ҷониби давлат муқаррар шудаанд.

Ҳамин тавр, фаъолияти мурофиавии ҷиноятии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки минбаъд дар амалӣ гаштани он тарафҳо нақши асосиро иҷро мекунанд, дар асоси меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ танзим мешаванд[2].

Дар ин муносибатҳо як тараф – тарафи айбдоркунанда – прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ ва тарафи дигари муносибати мурофиавӣ – тарафи ҳимоя – гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи қонунии ӯ иштирок намуда:

а) тарафи айбдоркунанда ваколатҳои пешбиникардаи қонун (мақомоти таъқиби ҷиноятӣ) ва ҳуқуқу манфиатҳои худро дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ амалӣ менамоянд;

б) тарафи ҳимоя – тибқи тартиби муқарраркардаи қонун ҳуқуқу манфиатҳои худро аз айби эълоншуда ҳимоя мекунанд.

Тибқи муқаррароти қонун прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ тарафи айбдоркунанда эътироф мешаванд. Гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи қонунии ӯ тарафи ҳимояро ташкил медиҳанд. Лекин мафҳуми тарафҳо ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро дарбар намегирад. Ғайр аз тарафҳои

[1] Исмаилов, Ш.М. Правовое государство и основные тенденции его развития в Таджикистане / Ш.М. Исмаилов // Государство и право. – №3. – 2000. – С. 8-10.

[2] Кахоров, Н.М. Состязательность в уголовном судопроизводстве в Республики Таджикистан: теоретико-правовой аспект: монография / Н.М. Кахаров. – Худжанд: Хуросон, 2020. – 166 с.

баҳси ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ дигар иштирокчиён низ нақш ва мақеъи худро доранд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии худро ба амал мебароранд.

Дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ принсипи умумӣ – расмӣ дар он зоҳир мегардад, ки мақомоти давлатии ваколатдор бояд (пеш аз ҳама, мақомоти таҳқиқбаранда ва муфаттишон) мутобиқи вазифаҳои худ, новобаста аз хоҳиши ҷабрдида ва дигар шахсони манфиатдор (ба ғайр аз парвандаҳое, ки дар асоси шикояти ҷабрдида оғоз мешаванд), дар мавриди ошкор ё фош гардидани аломатҳои ҷиноят, парвандаи ҷиноятиро оғоз мекунанд ё оғози парвандаи ҷиноятиро рад мекунанд. Тасодуфӣ нест, ки дар байни сабабҳои қонунии оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ қонунгузор бевосита ошкор кардани аломатҳои ҷиноятро аз тарафи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суд низ нишон додааст.

Қонун муфаттишонро вазифадор кардааст, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ, анҷом додани амалҳои мурофиавиро расман-аз номи давлат новобаста аз хоҳиши ҷабрдида, ё дигар иштирокчиёни мурофиа амалӣ намоянд, ҳимояи манфиатҳои шахрвандон ва тамоми ҷамъиятро беғаразона аз таҷовузи ҷиноятӣ таъмин намоянд.

Қосимов О.А. андеша дорад, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муфаттишон вазифадоранд новобаста аз хоҳиш ва дархости айбдоршаванда, ҷабрдида, ҳимоятгар, дигар иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ мустақилона амалҳои тафтишотиро гузаронанд; ба муқаррар намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта шурӯъ намоянд[1].

Новобаста аз хоҳиш ва иродаи иштирокчиёни мурофиа муфаттише, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро ба зимма дорад, инчунин масъалаҳои зеринро ҳал мекунанд: ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, ҷабрдида эътироф кардани шахс, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ, гузаронидани амалҳои тафтишотии гуногун, қабул кардани қарорҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва ғайраҳо.

Таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқии тафтишоти пешакӣ, мунтазам ҷорӣ намудани дастовардҳои ҳозиразамони илм ва техника, криминалистика, услубҳои пешқадами ташкили тафтиш дар таҷриба, зарурияти бехтар намудани интихоб, ҷобаҷо гузорӣ, мустаҳкам намудан низоми тафтишотӣ, баланд бардоштани масъулият аз рӯи иҷро намудани қарзи хизматӣ, зарурияти баланд бардоштани маҳорати касбии кадрҳои тафтишотиро ба миён овардааст.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи ӯ ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инчунин ба риояи қонун ва мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ пайваста назорат мекунад.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи ӯ дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва тафтишоти пешакӣ назорат мебаранд, то ҳамаи ҷиноятҳо ошкор шаванд ва шахсони ҷиноятқор аз ҷавобгарӣ барканор намонанд.

– Дастгир кардани гумонбаршуда оид ба содир кардани ҷиноят дар асоси қонун (м. 92 КМҶ ҶТ) амалӣ шаванд.

– Ягон шахс набояд ғайриқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

– Тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, мӯҳлати тафтишотӣ онҳо, ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа ва дигар шахрвандон дар асоси қонун амалӣ шаванд.

– Ҳеҷ кас набояд бе қарори суд, розигии прокурор ҳабс карда шавад.

– Ҳангоми тафтишотӣ ҷиноят талаботҳои қонун ҳаматарафа, пурра ва холисона тадбиқ шаванд.

Басков В.И. қайд мекунад, ки сабабҳои содир кардани ҷиноят ба шароити содиршавии ҷиноят муайян шуда бошад, ба бартараф кардани онҳо чора андешида шавад[2].

Вазифаҳои дар назди мақомоти дахлдор гузошташаванда ҳамон вақте иҷрошавандаанд, ки агар худи прокурорҳо ва муфаттишон қатъи ба талаботҳои қонун ва меъёрҳои мурофиавии ҷиноятиро риоя намоянд. Ваколатҳои худро дар мурофиаи ҷиноятӣ прокурорҳо новобаста аз ягон мақомот аз шахси соҳибмансаб, танҳо ба риояи қонун ба қонунгузорӣ ва нишондодҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намояд.

[1] Косимов, О.А. Правовые и организационные аспекты взаимодействия следователя с оперативно-розыскными подразделениями органов дознания / О.А. Косимов. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 143.
[2] Басков, В.И. Прокурорский надзор: учебник / В.И. Басков. – М.: Норма, 1997. – С. 157.

Қарори прокурор дар асоси қонун ба тавсибрасонидашуда барои иҷроиш ба ҳамаи муассиса, корхонаҳо, ташкилот, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, дар мурофиаи ҷиноятӣ прокурор дар ҳама давраҳои фаъолияти худ, ҳимоятгар ва кафили риояи қонун боқӣ мемонад. Вале вазифаи хос ва аввалиндараҷаи худро прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ бо шакли хос амалӣ месозад[1].

Фаъолияти прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ гуногунҷабҳа аст. Прокурор парвандаи ҷиноятиро оғоз мекунад, аз болои тафтишот дар мурофиаи ҷиноятӣ назорат мекунад, метавонад шахсан худаш амалиёти тафтишотро нисбати парвандаи ҷиноятӣ амалӣ созад, парвандаи ҷиноятиро ба суд равона мекунад, дар мурофиаҳои судӣ бевосита иштирок мекунад.

Шахсони ҷиноятсодиркардаро дар назди суд ошкор месозад. Барои ҳалли дурусти он дар суд иштирок мекунад. Ба қонуни асоснок будани ҳукмҳои қарорҳои суд назорат мекунад.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро меъёрҳои ҳуқуқии қонун пешбинӣ кардааст, ки сарфи назар аз миллат, наҷод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил, молу ул ква новобаста аз хоҳишу иродаи онҳо амал мекунад, ба роҳбарӣ гирифта мешаванд ва татбиқ мегарданд. Суд аз номи давлат адолати судиро барқарор мекунад, ки яке аз кафолатҳои боэътимоди таъмини адолати иҷтимоӣ аст. Азбаски ҳуқуқҳои фитрӣ арзиши иҷтимоӣ доранд, меъёри ҳуқуқи расмӣ бошад- ченаки ҳамаи арзишҳои иҷтимоӣ мебошанд. Таъиноти (функсияи) адолати судӣ – менависад Сотиволдиев Р.Ш., ҳамчун механизми амалигардонии функсияи дохилии давлатӣ аз он иборат аст, ки амалӣ, риоя ва барқарор гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро таъмин намояд[2].

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад. Зарурияти барқарор ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ аз ҷониби суд аз таъиноти давлат сарчашма мегирад. Давлат барои ҳар як шахс зиндагии осоишта ва арзандаро кафолат медиҳад. Яъне, адолат моҳияти расмӣ-ҳуқуқию маънавӣ дошта, ифодакунандаи сатҳи мӯътадили ҳаёти иҷтимоӣ буда шароити мусоид ба ором, арзанда ва осоиштаи ҳаёти инсонро таҷассум мекунад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқу уҳдадориҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вобаста аз мавқеи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Доираи муайяни субъектони мурофиаи ҷиноятӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя) ваколатҳои расмӣ-давлатӣ доранд ва вазифаҳои хизматии худро аз номи давлат иҷро мекунанд; гурӯҳи дигар бошад, (гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ) ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешаванд, онҳо ҳуқуқу манфиатҳои худро амалӣ мегардонад ва аз оқибати мурофиаи ҷиноятӣ манфиатдоранд; гурӯҳи сеюм, (шоҳидон, шахсони холис, тарҷумон, мутахассис, эксперт) ба иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ёрӣ мерасонанд. Дар мавридҳои пешбинӣ кардаи қонун ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз қарори мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вобаста аст.

[1] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба он» аз 15-уми феврали с. 2016, № 25 // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016 – С. 345.

[2] Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 1. – Душанбе.: Эр-граф, 2010 – С. 421-423.

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВӢ ДАР ИБТИДОИ БАРҚАРОРГАРДИИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

ПРАВОВЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В НАЧАЛЕ СТАНОВЛЕНИЯ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

АБДУЛХОНОВ ФАЙЗАЛӢ МАҲМУДОВИЧ
дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: faiz-7704@mail.ru

Бо суқути Аморати Бухоро дар натиҷаи инқилоби соли 1920 ҳокимияти амирӣ шаикаст хурда, дар ҳудуди Аморат бошад, сохти шӯравӣ барқаррор карда шуд. Низоми нави давлатдорӣ ҳамзамон низоми ҳуқуқиро дар ин минтақаҳо мавриди таҳдид қарор дод. Амали низоми ҳуқуқии шӯравӣ тамоми ниҳодҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии қаблан амалкунандаро дар ҳудуди Тоҷикистони шӯравӣ ба сохти нав мутобиқ гардонид. Тағйироти куллии ба амаломада, инчунин ба низоми ҳокимияти судӣ таъсир намуда, истеҳсолоти судиро низ дигаргун намуд. Дар асоси ин дигаргуниҳо истеҳсолоти судӣ вобаста ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабул гардида ба истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ва граждани ҷудо карда шуд. Мавзуи матраҳшаванда дар мақола ба масъалаҳои ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиавии дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки замианаҳои ҳуқуқии қонунгузории мурофиавӣ таҳлил карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқи мурофиавии мақомотҳои тафтишоту суд ва иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва граждани дар ҷумҳуриҳои мухтор комилан аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқи ИҶШС ва ҷумҳурии иттифоқии дахлдор, дар Тоҷикистони мухтор бошад, мувофиқи меъёри ҳуқуқи ИҶШС ва ҶШС Ӯзбекистон танзим дода мешуд. То қабул карда шудани санадҳои дахлдори ҳуқуқии ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон, ҳамчунин дар худи ҶШС Ӯзбекистон, кодексҳои ҶШФСР татбиқ карда мешуданд.

Ҷумҳуриҳои мухтор, аз он ҷумла ҶМШС Тоҷикистон салоҳият надоштанд, ки дар соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи граждани қонун бароранд, ки ин яке аз хусусиятҳои низоми манбаъҳои ҳуқуқ ва умуман низоми ҳуқуқии Тоҷикистони мухтор ба шумор мерафт.

Дар заминаҳои аввали ташаккулёбии ҶМШС Тоҷикистон дар тамоми қаламрави он, ҳамчунин дар қаламрави дахлдори ҶШС Ӯзбекистон Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШФСР (соли 1922) амал мекард[1]. Моҳи феврали соли 1924 ин кодекс дар ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро (ҶХШБ), аз он ҷумла дар Бухорои Шарқӣ ҷорӣ гардид. Аммо бинобар шароити фавқулодаи Тоҷикистони мухтор, Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШФСР-ро, ки дар ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон муваққатан амал мекард, фавран ҷорӣ кардан муяссар нашуд. Масалан, бинобар он ки дар вилоятҳои Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва қисми вилояти Сариосиё, ки қаламрави ҶМШС Тоҷикистон буд, ҳолати ҳарбӣ эълон шуд, бо қарори Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ аз 18-уми апрели соли 1925 декрети КИМУ аз 16-уми октябри соли 1922 ҷорӣ карда шуд[2]. Ғайр аз он ки ба мақомотҳои ҳокимияти суду маъмурӣ мақомотҳои ОГПУ, Шуъбаи вилоятии ГПУ-и Тоҷикистон ва Шуъбаи мудофиаи корпуси 13-уми тирандозӣ ҳуқуқ дода шуд, ки бо иҷозати Президиуми Кумитаи инқилобӣ бе суд ҷазо диҳанд ва ҳатто ҷазои олӣ – ҳукми паррон диҳанд[3].

Кумитаи инқилобӣ 24-уми марти соли 1925 аз рӯйи маърӯзаи Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ ва шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон дар бораи ташкили иҷлосияҳои сайёр қарор кард, 7 иҷлосияи сайёр ташкил карда шуда, онҳо бояд то 24-уми март ба маҳалҳо мерафтанд. Ҳукми иҷлосияҳои сайёрро Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон тасдиқ мекард ва он баъд ба иҷро расонда мешуд[4]. Аввалҳо маҷлиси судӣ аз номи ҶШС Ӯзбекистон кушода ва ҳукмнома бароварда мешуд ва баъдҳо, бо дархости

[1] Собрание кодексов РСФСР. - М., 1925, С. 727-799.
[2] СУРСФСР, 1922, № 65, моддаи 844.
[3] БДМ Тоҷикистон, ф. 1, р. 1, д. 90, в. 1.
[4] Ҳамон ҷо, ф. 9, р. 1, д. 6, в. 1

Кумитаи инқилобӣ КИМ-и ҶШС Ӯзбекистон иҷозат дод дар Тоҷикистон ҳукмнома аз номи ҶМШС Тоҷикистон бароварда шавад, зеро ба аҳолии маҳаллӣ фаҳмотар ва аз ин рӯ, ба худшиносии миллию давлатии халқи тоҷик мутобиқу матлуб буд.

Тоҷикистони мухтор бо иҷозати ҶШС Ӯзбекистон дар ин мавридҳо вазифаҳои ба ҷумҳурии иттифоқӣ хосро ба ҷо меовард, ки ин яке аз хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва граждани буд.

Мувофиқи КМҶ ҶШФСР, ки дар ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон муваққатан амал мекард, мурофиаи судии ҷиноятӣ ба забони модарии аҳолие бурда мешуд, ки дар ҳамон маҳал аксариятро ташкил мекард. Зимни ин, дар зарурат ба кори мурофиа тарҷумон низ ҷалб карда мешуд. Кумитаи инқилобӣ сиёсати риояи қатъии қонуни инқилобиро бемайлон ба амал бароварда, бо қарори худ «Дар бораи ҳуқуқи меҳнаткашон ва қонуни инқилобӣ» аз 9-уми октябри соли 1925, ба ҳамаи мақомотҳои давлатӣ амр медод бо қонуншиканӣ қатъиян мубориза бурда, ҳуқуқу манфиатҳои меҳнаткашонро ҳимоя кунанд[1].

Дар Тоҷикистон, чун дар ҶШС Ӯзбекистон аз 1-уми июли соли 1926 мувофиқи «Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» Кодекси якуми мурофиаи ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар амал ҷорӣ карда шуд[2]. Зимни таҳияи Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон ҳамчун намуна Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШФСР баромад кардааст ва аз ин рӯ он аз ҷиҳати сохту мазмун ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШФСР шабоҳат дорад[3]. Бинобар ҳамин мақомотҳои суду прокуратура ва тафтишот, ки пеш Кодекси ҶШФСР-ро ба роҳбарӣ мегирифтанд, ин кодексро зуд аз худ ва бомуваффақият татбиқ карда тавонистанд.

Ба қадри ба ҳаёти осоишта шурӯъ кардани ҷумҳурӣ принсипҳои демократӣ – қонуният, беғаразӣ, ошкорбаёнӣ, таъмини айбдоршаванда бо ҳимоя ва ғайра торафт пойдор мешуданд, ки онҳо ба адолати судӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои оммаи васеи меҳнаткашон кафолат медоданд. «Мақомотҳои суд баҳри қонуният зидди қонуншиканӣ кор баранд» –зикр шуда буд дар маърӯза дар маҷлиси якуми кормандони адлияи ҶМШС Тоҷикистон 29-уми сентябри соли 1927[4].

Пеш аз ҳама, барои созмони дурусти мақомоти суду тафтишот ва аз унсурҳои иҷтимоан бегона тоза кардани онҳо, тақвият додани назорати прокурорӣ ба фаъолияти мақомотҳои суду маъмурии ҷумҳурӣ чораҳо дида мешуданд. Масалан, соли 1927 прокуратура ба воситаи дастгоҳи тафтишот ба муассисоти суд 449 корро бо айбнома фиристод (соли 1926-ум 188 корро бо айбнома фиристода буд)5. Худи ҳамон сол прокуратура дар 260 маҷлиси судӣ оид ба корҳои ҷиноятӣ иштирок намуда, ба 36 ҳукми суд ва 59 қарор эътирознома баён кард (соли 1926 ба 23 қарори мақомотҳои маъмурӣ эътироз карда буд)[6].

Натиҷаи тақвияти принсипҳои демократии мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамин буд, ки оммаи васеи халқ қонуни шӯравиро амиқу мукаммал дарк кард, халқ ба мақомоти суд аз поймол кардани ҳуқуқ беш аз пеш шикоят мекард, ки дар ин бобат рақамҳои тафтиши ҷиноят шаҳодат медиҳад. Масалан, ба ҳамаи судҳои ҷумҳурӣ агар соли 1927-ум 3047 кори ҷиноятӣ фиристода шуда бошад, пас соли 1928-ум 3537 кори ҷиноятӣ фиристода шуд[7].

Кодекси мурофиаи ҷиноятии соли 1926, гарчанд қадре тағйир ёфта бошад ҳам, то 1-уми августи соли 1929 қабул ва ҷорӣ карда шудани Кодекси нави мурофиаи ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон (соли 1929), ки он дар ҶМШС Тоҷикистон низ амал мекард, аз Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон (соли 1926), пеш аз ҳама, ҳачман фарқ мекард. Агар Кодекси мурофиаи ҷиноятии соли 1926 аз шаш қисму 32 боб ва 455 модда иборат бошад, пас Кодекси мурофиаи ҷиноятии соли 1929 танҳо аз 18 бобу 175 модда иборат буд. Ин Кодекс нисбат ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии соли 1926, аз ҷумла аз рӯйи шумораи моддаҳо сеяк кӯтоҳ карда шуда буд[8].

---

[1] Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон: монография / Ф.Т. Тоҳиров. - Душанбе, 1994. – 188 с.
[2] Собрание кодексов Уз. ССР с изменением и дополнением по 1 июля 1929 г.
[3] История советского государства и права Узбекистана. Ч. 2. – Ташкент, 1989. - С. 336-345.
[4] Тохиров, Ф. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.) Том 2, часть I. - Душанбе, 2001. - 488с.
5 Ҳамон ҷо, д. 195, в. 55.
[6] Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. - Душанбе, 1994. – 88 с.
[7] БДМ Тоҷикистон, ф. 386, р. 1, д. по, в. 65.
[8] Тохиров, Ф. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.) Том 2, часть I. - Душанбе, 2001. – 489 с.

Кодекси мурофиаи ҷиноятии соли 1929, дар баробари дигар қонунҳо баъди соли 1929 ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон низ, то дар соли 1935 қабул карда шудани Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон амал мекард.

Бо ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон қонунгузории гражданӣ дар ноҳияҳои баъдан ба ҳайати Тоҷикистони мухтор дохилшуда ба тарзи ба худ хос татбиқ мешуд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистони Шимолӣ, ҳамчун дар тамоми қаламрави ҶМШС Туркистон ва ҶШФСР, Кодекси гражданӣ ва Кодекси мурофиаи граждании ҶШФСР ва дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, сарфи назар аз он ки амали онҳо қонунан ҷорӣ нашуда буд, ҳамчунин меъёрҳои Кодекси мурофиаи граждании ҶШФСР татбиқ карда мешуданд[1]. Аслан дар арафаи ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон қонуни асосие, ки фаъолияти мақомотҳои судӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаро дар робита ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ танзим менамуд, Кодекси мурофиаи граждании ҶШФСР (соли 1923) буд. То дар ҶМШС Тоҷикистон қабул ва паҳн гаштани Кодекси мурофиаи граждании ҶШС Ӯзбекистон ҳамин тартиб ҷорӣ буд[2].

Кодекси мурофиаи граждании ҶШС Ӯзбекистон дар ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон 1-уми январи соли 1928 ҷорӣ карда шуд. Доир ба амали кодекси мазкур дар ҳудуди Тоҷикистони мухтор қарори КИМ-и ҶШС Ӯзбекистонро аз 27-уми октябри соли 1927, ки бевосита ба ҶМШС Тоҷикистон дахл дошт, чунин муайян менамояд: «Ба КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон ҳуқуқ дода мешавад, ки тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси мурофиаи граждании ҶШС Ӯзбекистон, ки онро ба шароити хоси маҳаллии ҶМШС Тоҷикистон мутобиқ кардан зарур аст, то 1-уми феврали соли 1928 ба тасдиқи КИМ-и ҶШС Ӯзбекистон пешниҳод кунад. Ба КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон таклиф карда шавад, ки то 1-уми январи соли 1928 номгӯи қонунҳоро, ки баъди ҷорӣ карда шудани Кодекси мурофиаи граждании ҶШС Ӯзбекистон аз эътибор соқит мешаванд, нашр кунад»[3].

Вобаста ба татбиқи қарори КИМ-и ҶШС Ӯзбекистонро аз 27-уми октябри соли 1927, муҳаққиқи тоҷик Ф. Тоҳиров чунин андеша байён медорад, ки “Кодекси мурофиаи граждании ҶШС Ӯзбекистон, ки дар асоси Кодекси мурофиаи граждании ҶШФСР, Конститутсияи соли 1924-уми ИҶШС, қонунгузории мурофиаи граждании дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва бо назардошти амалияи татбиқи Кодексҳои мурофиаи граждании ҶШФСР ва ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон таҳия шуда буд, дар Тоҷикистон бе ҳеҷ як тағйироту илова ҷорӣ гардид. Дар хусуси қисми сеюми қарори мазкур сухан ронем, пас дар бораи аз эътибор соқит шудани қонунҳои худи ҷумҳурӣ ҳоҷати гап ҳам набуд, зеро ҷумҳуриҳои мухтор, аз он ҷумла ҶМШС Тоҷикистон ба нашри чунин қонунҳо умуман ҳуқуқ надошт ва онҳо нашр карда нашуданд”[4].

Дар воқеъ, андешаи академик Ф.Тоҳиров дар ин масъала саҳеҳият дорад, зеро ки дар ин солҳо аз ҷониби роҳбарияти Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон доир ба такил ва мутобиқ ба ҳолати минтақа гардонидани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки аз марказ ва ё Кумитаи марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон пешниҳод мегардид таклифу пешниҳодот ирсол намегардид, ки амалан татбиқи ин сандаҳои меъёриро бо мушкилот муваҷеҳ мегардонид.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Мухтор солҳои 1925–1926 муассисоти суди шӯравии зерин созмон ёфтанд: судҳои халқӣ, судҳои округӣ, шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон. Мақомоти олии суди ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон буд, ки он дар ҳайати Президиуми шуъба, коллегияи шикоятӣ ва судӣ оид ба корҳои ҷиноятӣ амал мекард. Дар он Коллегияи гражданӣ созмон наёфта буд. Ҳамаи шикояту эътирозҳо оид ба корҳои граждание, ки дар судҳои округи Тоҷикистон ба сифати мақомоти якум ҳал шуда буданд, ба коллегияи шикояти граждании Суди Олии Ӯзбекистон фиристода мешуданд[5].

---

[1] Тоҳиров, Ф. Система ва шаклҳои ташкилии фаъолияти мақомотҳои олии ҳокимияти давлатии ҶМШС Тоҷикистон: Проблемаҳои хеле муҳими сохтмони давлатӣ ва мустаҳкам кардани қонунияти сотсиалистӣ дар ҶШС Тоҷикистон. - Душанбе, 1973. - С. 3-24

[2] Систематическое собрание действующих законов Таджикской ССР, ст. 65.

[3] Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. - Душанбе, 1994. – 89 с.

[4] Тохиров, Ф. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.) Том 2, часть I. - Душанбе, 2001. – 268 с.

[5] АДМ Тоҷикистон, ф. 386, р. 1, д. 110, в. 65.

Моҳи июни соли 1927 бо қарори КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон ва ҳамаи судҳои округӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ барҳам дода шуданд. Дар ҶМШС Тоҷикистон Сарсуд ва дар вилоятҳо намояндагони Сарсуд таъсис ёфтанд. Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон ба ҳамаи муассисоти суди ҶМШС Тоҷикистон назорат мебурд. Вай нисбати корҳое, ки дар шуъбаи тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон муҳокима ва ҳал мегардиданд, зинаи касатсионӣ ба ҳисоб рафта, баъдан нисбати Сарсуди ҶМШС Тоҷикистон ҳамчун судҳои зинаи якум буд. Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон ҳуқуқ дошт парвандаҳоеро, ки ҳамаи судҳои ҶМШС Тоҷикистон дида баромаданд, ба тариқи назорати судӣ аз нав дида барояд. Дар натиҷаи пойдор гардидани принсипҳои демократии қонунгузории мурофиавӣ, ташкили суду мурофиаи кушод дар деҳот парвандаҳои граждание, ки судҳо дида мебаромаданд, хеле меафзуданд. Агар соли 1927 дар муҳокимаи ҳамаи судҳои ҷумҳурӣ 4900 парвандаи гражданӣ бошад, пас соли 1928 адади онҳо ба 6130 расид[1].

Вобаста ба омилҳои ташкил гардидани мақомоти судӣ ва амали санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии нав КИМ ва ШКХ ҶМШС Тоҷикистон 30-юми июни соли 1928 дар бораи дар ҷумҳурӣ барҳам додани маҳкамаи қозиҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи кӯҳна, ки онҳо то ин давра дар ҳалли масъалаҳои гражданӣ татбиқ мекарданд, қарор қабул намуд, ки дар натиҷа гуфтан мумкин аст, ки ин қарор боиси пурра барҳам додани амали меъёрҳои қаблӣ ва комилан амал намудани қонунҳои шӯравӣ дониста мешавад.

Баъди ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон, дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистони мухтор, ҳамаи қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон, ки то аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҷудо шудани ҶМШС Тоҷикистон (яъне то 5-уми декабри соли 1929) амал мекарданд, мувофиқи қарори КИМ ва ШКХ Тоҷикистон аз 19-уми декабри соли 1929 таҳти №42 то қарори дахлдор баровардан ё қарори пешинаро бекор кардани мақомотҳои қонунгузории ҶШС Тоҷикистон амал мекарданд.

Ҳамин тариқ, хулоса намудан мумкин аст, ки ташаккулёбии ҳуқуқи мурофиавӣ дар ҶМШС Тоҷикистон дар ибтидои солҳои ташкилёбии мухторият дар заминаи қонунҳои ҶФШСР ва ҶШС Ӯзбекистон сурат мегирифтанд. Мақомоти татбиққунандаи адолати судӣ низ дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон низ вазъи тобеъият дошта, нисбат ба баррасии парвандаҳои гражданӣ зиннаи поёнӣ ба ҳисоб мерафтанд.

БАЪЗЕ АНДЕШАҲОИ УМУМӢ ДОИР БА СОҲИБҲУҚУҚИИ МАДАНИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НЕКОТОРЫЕ ОБЩИЕ ВЗГЛЯДЫ НА ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВООБЛАДАНИЕ НЕКОММЕРЧЕСКИХ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

АБДУРАҲИМЗОДА СИЁВУШ ҚУДРАТУЛЛО
мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru

Маълум аст, ки барои тавсифи шахсони ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ категорияи ҳуқуқии гуногун хусусан, қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ, соҳибҳуқуқӣ ва ғайраҳо истифода мешаванд. Вобаста ба ҳолати рушди низоми илми ҳуқуқи муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) узви комилҳуқуқи он аст ва инкишофи муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ба сифати чунин категорияи ҳуқуқии тавсифдиҳандаи шахсони ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти илмии мазкур маҳз истилоҳи соҳибҳуқуқӣ интихоб гардид. Заминаи муҳим ва асосӣ, инчунин шарти ҳатмии иштироки ҳар як субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданиро, хусусан, шахсони ҳуқуқиро дар чунин муносибатҳо пеш аз ҳама, тавассути қонунгузорӣ муқаррар ва эътироф намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ ташкил медиҳад, ки онҳо дар якҷоягӣ унсурҳои таркибӣ ва ҷудонопазири соҳибҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро ташкил менамоянд. Бояд қайд кард, ки падидаи соҳибҳуқуқии мадании шахсони ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои ҳанӯз мушкилу

[1] Тохиров, Ф. Истори государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.) Том 2, часть I. - Душанбе, 2001. – 268 с.

печида ва мураккабу баҳснок инчунин, васеъ буда, нисбати он то ҳол дар кишвари мо таҳқиқоти илмии махсус амалӣ нашудааст. Дар мақолаи илмии мазкур бошад, тасмим гирифта шуд, ки танҳо ба таври умумӣ доир ба соҳибҳуқуқии мадании ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) изҳори ақида намоем.

Ҳанӯз дар Рими қадим шахсони ҳуқуқӣ дар шаклҳои иттиҳодияҳо, корпоратсияҳо ва муассисаҳо ҳамчун шакли иттиҳоди одамон амал доштанд[1], ки ба андешаи инҷониб заминаи чунин фаъолияти онҳоро дар баробари дигар омилҳои зарурӣ, инчунин қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании замони ба худ хос доштани онҳо ташкил медод.

Дар давоми сад соли охир бошад, таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании шахсони ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ду марҳилаи калони таърихӣ яке марҳилаи замони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС) ва дигаре, марҳилаи замони соҳибистиқлолӣ ҷудо мешавад. Дар моддаи 12 Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо аз 8-уми декабри с. 1961 қонунгузор муқаррар кард, ки шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи мақсади фаъолияти муқарраргардидаи худ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошанд[2]. Чунин муқаррарот айнан дар моддаи 26 Кодекси граждании Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 нисбати шахсони ҳуқуқӣ кафолат дода шуд[3]. Дар замони соҳибистиқлолии ҶТ бошад, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум), ки соли 1999 нахустин маротиба қабул гардид, дар моддаи 49 қобилияти ҳуқуқдориро нисбати шахсони ҳуқуқӣ муқаррар кард, ки мувофиқи он шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо пешбинигардида ҳуқуқи граждани ва вобаста ба ин фаъолият уҳдадорӣ доранд. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри с. 2022 (минбаъд – КМ ҶТ) низ айнан чунин мазмуни қобилияти ҳуқуқдориро нисбати шахсони ҳуқуқӣ дар моддаи 49 кафолат дод.

Дар қонунгузории мадании ҶТ мафҳуми “соҳибҳуқуқии мадании шахси ҳуқуқӣ” дода нашудааст. Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ бошад, доир ба мафҳуми мазкур фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Соҳибҳуқуқӣ ин имконият ё қобилияти субъекти ҳуқуқ будани шахс бо тамоми оқибатҳои ба вуҷудомада аст[4]. Ба ақидаи дигар бошад, таҳти мафҳуми соҳибҳуқуқӣ хусусиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии муқарраркардаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки шахс дорои қобилияти соҳибии (барандагони) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошанд[5]. Ба андешаи Мискевич А.В. бошад, таҳти мафҳуми соҳибҳуқуқӣ «сифатҳои муайяни эътирофгардида ё муқарраргардидаи қонун барои тамоми ва ҳар як иштирокчии ояндаи муносибатҳои ҳуқуқӣ» фаҳмида мешавад. Маҷмуи ин сифатҳо мафҳуми субъекти ҳуқуқ ва соҳибҳуқуқиро ташкил менамояд. Соҳибҳуқуқӣ – ин хусусиятҳои (сифатҳои) махсуси ҳуқуқист, ки мавҷудияти онҳо имкон медиҳанд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ иштирок намоянд. Ба таркиби ин сифат қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ ва мақоми ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ дохил мешавад[6].

Ҳамзамон, мафҳуми соҳибҳуқуқии маданиро ҳангоми тавсифи иштирокчиёни намудҳои мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ низ истифода намудан мумкин аст[7]. Дар адабиёти илмӣ бошад, доир ба таърифи мафҳуми соҳибҳуқуқии маданӣ фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Чунончи, соҳибҳуқуқии маданӣ ҳамчун воситаи муҳимми муайян кардани доираи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ, ки онҳо барандагони ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии маданӣ мебошанд, баромад менамояд. Соҳибҳуқуқӣ ба чунин савол ҷавоб медиҳад: ки метавонад субъекти ҳуқуқ бошад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ бошад, доираи имкониятҳои субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва мазмуни фаъолияти онҳоро муайян менамояд[8].

---

[1] Маҳмудов, М.А., Менглиев, Ш.М. Ҳуққуқи хусусии римӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф. 2013. – С. 38-40.
[2] Конституция и законы Союза ССР // Сборник нормативных актов СССР. – М., 1983. – С. 240.
[3] Гражданский кодекс Таджикской ССР. – Душанбе: «Ирфон» 1975. – С. 256.
[4] Матузов, Н.И. Малько, А.В. Теория государства и права: учебник. – М.: Юристъ, 2007. – С. 190.
[5] Алексеев, С.С. Общая теория права. Том 2. – М., 1982. - С.139.
[6] Теория государства и права: учебник. - Изд. 3-е, расшир. и доп. / под ред. М.Н. Марченко. – М.: ЗЕРЦАЛО, 2000. – С. 534.
[7] Лозовская, С.О. Правосубъектность в гражданском праве: дис. ... канд. юрид. Наук: 12.00.03 / С.О. Лозовская. – М., 2001. – С. 26.
[8] Ниг.: Лозовская, С.О. Асари зикршуда. – С. 44.

Таҳти мафҳуми соҳибҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ дар он мавҷудияти сифатҳои субъекти ҳуқуқ яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ фаҳмида мешавад[1]. Ба андешаи дигар бошад, таҳти мафҳуми соҳибҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ қобилияти шахси ҳуқуқӣ бинобар ба он додани хусусиятҳои (сифатҳои) махсуси давлатӣ мустақилона баромад намудан дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ бо дигар шахсон фаҳмида мешавад[2].

Чунин хулоса ба миён меояд, ки дилхоҳ субъект (шахс) то вақте, ки ба он қобилияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ будан аниқтараш соҳибҳуқуқии маданӣ дода нашавад, онҳо фаъолияти худро амалӣ карда наметавонанд. Ба андешаи Ахмедова З.А. бошад, соҳибҳуқуқии мадании шахсони ҳуқуқӣ маҷмӯи имкониятҳои абстрактии ҳуқуқӣ ва заминаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории маданӣ мебошад, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар муомилоти маданӣ муқаррар гардидаанд[3].

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд, дар қонунгузории мадании ҶТ таърифи мафҳуми соҳибҳуқуқии маданӣ дода нашуда бошад ҳам, вале, дар зерфасли 1 КМ ҶТ асосҳои умумӣ ва бунёдии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва дар зерфасли 2 боби 2 КМ ҶТ бошад, ба таври муфассал ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ танзим гардидааст, ки онҳо доир ба соҳибҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун сифати муҳим ва зарурии онҳо шаҳодат медиҳанд. Қисми 2 м. 1 КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд.

Қисми 1 м. 7 КМ ҶТ бошад муқаррар намудааст, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин аз амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Дар м. 48 КМ ҶТ зимни пешбарии мафҳуми “шахси ҳуқуқӣ” муқаррар намудааст, ки «ташкилот ... тавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба даст оварад, амалӣ намояд, уҳдадорӣ гирад ва дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад». Чунин андеша дар адабиёти таълимии ватанӣ низ ҷонибдорӣ гардидааст[4]. Чунонки маълум аст, мафҳуми расмии шахси ҳуқуқӣ дар худ тамоми унсурҳои таркибии ҳам қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳам қобилияти амалкуниро муқаррар кардааст, ки чунин ҳолат аз ҳамдигар ҷудонопазир будани ҳар ду қобилияти шахси ҳуқуқиро нишон дода, онҳо дар якҷоягӣ ба андешаи мо соҳибҳуқуқии мадании шахси ҳуқуқиро ташкил менамоянд.

Зиёда аз ин, фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ пеш аз ҳама, аз фаъолияти шахсони воқеӣ иборат мебошад, ки онҳо шахсони ҳуқуқиро таъсис дода, аз номи онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ иштирок менамоянд. Шахсони воқеие, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ иродаи онро омода, ифода ва изҳор менамоянд, мақомоти шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, КМ ҶТ низ дар м. 54 муқаррар намудааст, ки шахси ҳуқуқӣ ба воситаи мақомоти дар асоси қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амалкунандааш ҳуқуқҳои маданиро ба даст оварда, уҳдадориҳои маданиро ба зимма мегирад.

Дар м. 55 КМ ҶТ бошад, қонунгузор нисбати шахсони ҳуқуқӣ унсурҳои таркибии ҳар ду қобилияти номбаршударо дар мисоли доштан ва истифода намудани ном муқаррар кардааст. Дар м. 56 КМ ҶТ қонунгузор ба шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи таъсис додани намояндагӣ ва филиалҳоро низ кафолат додааст, ки он ҷараёни муайянро аз ҷумла, дар ҳуҷҷати таъсисӣ номбар намудани филиал ва намояндагӣ, тасдиқи низомномаҳои онҳо, вобаста намудани молумулки дахлдор ба онҳо, таъин намудани роҳбарони филиал ва намояндагӣ ва ба онҳо додани ваколатнома ва ғайраро фаро мегирад.

Дар мафҳуми расмии аҳд низ унсурҳои таркибии қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании шахсони ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст. Тибқи он аҳд амали на танҳо шахсони воқеӣ, балки шахсони ҳуқуқӣ низ мебошад, ки барои муқаррар намудан, тағйир додан ва қатъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ равона гардидааст(моддаи 167).

Ҳамин тавр, дар муқаррароти умумии КМ ҶТ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ на танҳо доштани ҳуқуқҳои маданӣ, балки ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, инчунин барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадориҳо ва иҷро намудани онҳо низ

---

[1] Гражданское право: учебник / под ред. д.ю.н., профессора А.П. Сергеева д.ю.н., профессор, члена - корреспондента РАН Ю.К. Тольстой. Том 1. – М., 2005. – С. 151.
[2] Лозовская, С.О. Асари зикршуда. – С. 87.
[3] Ахмедова, З.А. Правовое положение учреждений, финансируемых собственником (на примере учреждений социокультурной сферы): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / З.А. Ахмедова. – Ростов-на-дону. 2006. – С. 99.
[4] Қурбонов, Қ.Ш., Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи граждании. Қисми 1. Китоби дарсӣ. - Душанбе: 2017. – С. 86.

мустаҳкам гардидаанд, ки чунин ҳолат ба андешаи мо дар ибтидо аз доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ ва баъдан ҳамчун унсурҳои таркибии падидаи соҳибҳуқуқӣ баромад намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии онҳоро нишон медиҳад. Пас, набудани яке аз чунин қобилиятҳои шахсони ҳуқуқӣ имкон намедиҳанд, ки онҳоро субъекти ҳуқуқи маданӣ ҳисоб намоем[1]. Чаро? Чунки дар чунин ҳолат мафҳуми субъект ба талаботҳои умумӣ ва махсуси қонунгузории маданӣ, ки дар зерфаслҳои аввал ва дуюми КМ ҶТ нисбати субъектҳои ҳуқуқи маданӣ муқаррар гардидаанд, мувофиқат наменамояд.

Ба андшеаи мо, соҳибҳуқуқӣ сифати муҳим ва ҳатмии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати доираи муайяни иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқист, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро муттаҳид намуда, барои ҳамчун субъект баромад намудан имконият ба миён оварда, дар натиҷа ба онҳо барои доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ, ба даст овардан ва амалисозии онҳо, инчунин барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадориҳо ва иҷро намудани онҳоро муқаррар менамояд.

Ба масъалаи нуқтаҳои назари гуногун оид ба категорияҳои тавсифдиҳандаи шахсони ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки то ҳол идома дорад, дахл накарда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки категорияи муносиби тавсифдиҳандаи шахсони ҳуқуқӣ соҳибҳуқуқӣ буда, он аз ду унсури таркибии ягона ва аз ҳам ҷудонашаванда ,қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ иборат аст, ки онҳо барои иштироки ҳар як субъект дар муносибатҳои ҳуқуқӣ шарти аввалиндараҷа мебошанд.

Дар қонунгузории ҶТ мафҳуми расмии қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ дода нашудааст. Мувофиқи КМ ҶТ шахси ҳуқуқӣ метавонад, мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинигардида ҳуқуқҳои маданӣ ва вобаста ба ин фаъолият уҳдадорӣ дошта бошад (қ. 1 м. 49). Маълум аст, ки заминаи асосӣ ва сарчашмаи асосии бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ аввалан маҳз мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо муқарраргардида ва баъдан шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии дахлдори шахсони ҳуқуқӣ аст[2].

Мақсадҳои фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ бошад дар маҷмуъ ба ду гуруҳ яке, асосӣ ва дигаре, иловагӣ ҷудо мешаванд, ки онҳо дар якҷоягӣ ҳаҷм ва мазмуни соҳибҳуқуқии онҳоро ташкил менамоянд. Тамоми шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба мақсади асосии фаъолияти худ мувофиқи м. 50 КМ ҶТ ба ду гурӯҳ тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо мешаванд. Самт ва соҳаи иштироки ҳар як шахси ҳуқуқиро дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ маҳз мақсади фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо пешбинӣ гардида муайян менамояд. Модоме ки қобилияти ҳуқуқдорӣ аз мақсади фаъолияти асосӣ ва иловагии шахсони ҳуқуқӣ сарчашма гирад, пас чи зарурат аст, ки масъалаи қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ қабл аз масъалаи мақсади фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ дар моддаи 49 ва масъалаи мақсади фаъолияти онҳо бошад, баръакс пас аз масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ дар м. 50 КМ ҶТ пешбинӣ шавад? Ба андешаи мо, хубтар он аст, ки бо мақсади риояи пайдарҳамии мантиқӣ ва алоқамандии масъалаҳо, инчунин нақши ба зимма доштаи масъалаҳо дар пойдорию бардавомии ҳамдигар, билохира таъиноти институтҳои ҳуқуқи маданӣ дар рушду камоли ҳамдигар падидаи мақсади фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ на дар м. 50, балки дар м. 49 ва масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ бошад, на дар м. 49, балки дар м. 50 КМ ҶТ муқаррар карда шаванд.

УК Бельгии действительно имеет уникальный подход к классификации правонарушений, который отличается от других стран. Этот подход закреплен в статье 1 УК Бельгии, которая делит правонарушения на три категории в зависимости от характера наказания, которое применяется к нарушителю. Классификация включает преступления (crimes) – правонарушения, за которые предусмотрены уголовные наказания. Это самые серьезные преступления, которые наносят наибольший ущерб обществу. Преступления могут включать убийства, кражи, изнасилования и другие тяжкие деяния. В отношении преступлений предусматриваются более строгие наказания, такие как длительные сроки лишения свободы или другие тяжкие меры наказания. Проступки – правонарушения, которые караются исправительными наказаниями. Проступки представляют собой менее серьезные деяния, чем преступления, и за них применяются менее строгие меры наказания, такие как более короткие сроки лишения свободы, штрафы или исправительные работы. Эти деяния считаются наиболее легкими и часто связаны с нарушением общественного порядка или административными правонарушениями, такими как нарушение правил дорожного движения, мелкое хулиганство и другие подобные деяния. Наказания за полицейские нарушения, как правило, включают штрафы или другие административные меры, но не заключение в тюрьму.

Законодатель в Бельгии не привязывает классификацию преступлений напрямую к их тяжести или размерам наказания, а выделяет два категории правонарушений в зависимости от вида наказания (уголовное, исправительное). Это позволяет обеспечить гибкость в применении закона. Этот подход имеет несколько преимуществ. Во-первых, он четко разграничивает типы правонарушений по мере их опасности для общества и степени воздействия наказания. Во-вторых, он помогает избежать излишней жестокости в применении наказаний, особенно для менее серьезных правонарушений, где достаточно административных мер[1].

УК Германии включает разделение правонарушений на преступления и проступки. Согласно § 12 УК ФРГ, преступлениями считаются деяния, за которые минимальное наказание предполагает лишение свободы сроком от одного года и выше. Проступками же являются деяния, за которые предусмотрено менее строгое наказание, например, лишение свободы на срок менее одного года или штраф. При этом в третьем абзаце этого параграфа подчеркивается, что при делении деяний на преступления и проступки не учитываются отягчающие или смягчающие обстоятельства, а также особенности особо тяжких или менее тяжких случаев, как это указано в Общей части кодекса. Классификация правонарушений в законе непосредственно влияет лишь на некоторые уголовно-правовые институты[2].

По нашему мнению, ограниченное применение классификации преступлений в Общей части УК ФРГ объясняется недостаточной проработанностью самой классификации. Для того, чтобы она стала важным элементом построения уголовно-правовых норм и более точно отражала дифференциацию ответственности для различных категорий правонарушителей, существующая двухуров-

[1] Уголовный кодекс Бельгии / Науч ред. и предисловие канд. юрид. наук, доц. Н.И. Манцева. Перевод с фр, канд. юрид. наук Г.И. Маяковского. - СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс». 2004. - 561 с.
[2] Уголовный кодекс Федеративной Республики Германии в редакции от 13 ноября 1998 года / Юридическая Россия // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.uni-potsdam.de›projects›ls-hellmann (дата обращения 15.03.2025).

невая классификация оказывается слишком общей и не способной в полной мере учесть особенности преступлений каждой категории.

Во французском уголовном праве существует множество классификаций преступлений. Например, деяния могут быть разделены на общеуголовные, политические и военные, мгновенные и длящиеся, простые и сложные, материальные и формальные, очевидные и неочевидные, умышленные и неумышленные. Однако ключевым делением является разделение на три категории: преступления, проступки и нарушения. Это деление имеет не только теоретическое, но и практическое значение[1].

Такое разделение было официально закреплено в УК Франции в 1810 году. Критерием для классификации служила природа наказания, предусмотренного за совершение правонарушения. Кодекс использовал формальный подход и определял сущность преступления в зависимости от назначаемого наказания: полицейского, исправительного или уголовного.

Таким образом, законодатель классифицировал деяния, исходя из их тяжести, так как назначаемые наказания должны были соответствовать серьезности правонарушения. Например, за убийство предусматривались смертная казнь или пожизненное заключение, поскольку это считалось самым тяжким преступлением против человека.

Современный УК Франции сохраняет эту классификацию, при этом включает важный критерий – тяжесть деяния, тяжесть вреда, причиненного обществу, и есть тот фактор, который определяет юридическую сущность преступного деяния[2].

Действительно, несмотря на общую основу, основанную на рецепции римского права и схожесть правовых традиций, страны континентальной (романо-германской) правовой семьи не всегда придерживаются единого подхода к классификации преступлений в своих уголовных кодексах. Это связано с различиями в историческом развитии, культурных и социальных условиях, а также правовой традиции каждой отдельной страны.

Уголовное право стран, относящихся к континентальной (романо-германской) правовой семье, охватывает большинство государств континентальной Европы, Латинской Америки, Африки, Ближнего Востока, а также Россию и государства, которые ранее составляли Советский Союз. Эти правовые системы имеют общие исторические корни в римском праве и объединены схожестью в структурах, источниках права, юридической технике и терминах. Изучение уголовных кодексов стран, придерживающихся континентальной правовой традиции, показывает, что в законодательстве этих государств нет единого подхода к классификации преступлений.

[1] Уголовное право зарубежных государств. Общая часть: учебное пособие / Под ред. и с предисл. Козочкин И.Д. - М.: Омега-Л, ИМПЭ им. А.С. Грибоедова, 2003. - С. 57.
[2] Senat: Deuxieme session extraordinaire de 1985-1986 // Annexe au process-verbal de la séance du 20 fevrier. - 1986. - № 300. - Pp. 2-3.

ОТВЕТСТВЕННОСТЬ РУКОВОДИТЕЛЯ (НАЧАЛЬНИКА) ТЕРРИТОРИАЛЬНОГО ОРГАНА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ МВД РОССИИ ЗА РАБОТУ ПО ПОДДЕРЖАНИЮ СЛУЖЕБНОЙ ДИСЦИПЛИНЫ И ЗАКОННОСТИ

МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИ (САРДОРИ) МАҚОМОТИ ҲУДУДИИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ВКД РОССИЯ БАРОИ КОР ОИД БА НИГОҲ ДОШТАНИ ИНТИЗОМИ ХИЗМАТӢ ВА ҚОНУНИЯТ

КРАСНОВА ЕЛЕНА МИХАЙЛОВНА
старший преподаватель кафедры психологии, педагогики и организации работы с кадрами Академии управления МВД Российской Федерации, кандидат юридических наук, подполковник полиции
E-mail: elenakrasnova12@yandex.ru

Особенности службы в органах внутренних дел Российской Федерации (далее – РФ) определяют особые требования к субъектам этой деятельности – руководителям и сотрудникам Министерства внутренних дел (далее – МВД). С одной стороны, государство наделяет их властными полномочиями для выполнения задач и реализации возложенных функций, с другой стороны, к ним предъявляются определённые требования, касающиеся как личных качеств, так и служебного поведения. Эти критерии поведения, направленные на соблюдение законности и дисциплины, чрезвычайно важны для обеспечения эффективности работы всей системы органов внутренних дел страны.

Президент Российской Федерации В.В. Путин на расширенном заседании коллегии МВД России отмечал, что «Важно обеспечить системность в работе при назначении руководящего звена, принципиально подходить к профессиональным и личным качествам сотрудников всех уровней. Предстоит продолжить формирование и подготовку кадрового резерва, причем как на федеральном, так и на региональном уровне. При этом должна быть повышена внутренняя дисциплина и спрос с руководителей за действия своих подчиненных»[1].

Актуальность постоянного контроля за соблюдением служебной дисциплины и законности в действиях сотрудников органов внутренних дел также обусловлена тем, что сотрудники представляют государство и действуют от имени государства. Поэтому нарушения, совершаемые ими, имеют значительно более серьезные последствия, чем правонарушения обычных граждан, подрывая доверие к закону.

Стоит отметить, что нарушения дисциплины и законности в системе органов внутренних дел Российской Федерации обладают значительным социально-политическим воздействием, выходящим за рамки ухудшения общественной безопасности и эффективности борьбы с преступностью. Проблема криминальных нарушений в правоохранительных органах заключается в том, что любое нарушение законодательства приводит к дестабилизации позитивных процессов в правоохранительной системе и подрывает авторитет государственной власти.

Усиление служебной дисциплины и законности является ключевой задачей для успешного исполнения функций по поддержанию правопорядка и обеспечению безопасности граждан, что представляет собой одну из основных задач, стоящих перед органами внутренних дел Российской Федерации. Напротив, меры негативного характера носят исключительную регламентацию – их перечень строго определен на нормативном уровне.

Система дисциплинарных мер, установленная Федеральным законом о службе в ОВД[2] представлена на Рисунке 1.

[1] Выступление на расширенном заседании коллегии МВД России Президента РФ В.В. Путина 21.03.2014 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://kremlin.ru/events/president/news/20624 (дата обращения: 23.03.2025).
[2] Федеральный закон от 30.11.2011 N 342-ФЗ «О службе в органах внутренних дел Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации» (ред. от 26.02.2024) // Собрание законодательства РФ, 05.12.2011, N 49 (ч. 1), ст. 7020.

Часть 1 статьи 50 Федерального закона о службе в ОВД

- замечание;
- выговор;
- строгий выговор;
- предупреждение о неполном служебном соответствии;
- перевод на нижестоящую должность;
- увольнение со службы в ОВД

Часть 2 статьи 50 Федерального закона о службе в ОВД
к курсантам и слушателям образовательных организаций МВД России наряду с перечисленными, могут применяться:

Часть 1 ст. 50 Федерального закона об ОВД

- назначение вне очереди в наряд; назначение вне очереди в наряд;
- лишение очередного увольнения из расположения образовательной организации;
- отчисление из образовательной организации.

Рисунок 1. Система дисциплинарных мер, применяемых к сотрудникам ОВД

Вопрос о роли руководителя (начальника) организации в настоящее время является актуальным во многих отраслях (административное, трудовой, служебное право)[1]. В условиях постоянно меняющейся современности, динамично меняющегося законодательства и нормативной базы, кадровых проблем, этот вопрос применительно к руководителю структурного подразделения правоохранительного органа приобретает жизненно важное значение.

Как указывалось выше, в соответствии с действующим законодательством о службе в органах внутренних дел, руководитель (начальник) – это руководитель и заместитель руководителя на уровне МВД России, структурного подразделения МВД России; территориального органа МВД России; подразделения, службы, организации МВД России; структурного подразделения территориального органа МВД России; а также сотрудник, наделенный полномочиями (как постоянными, так и временными) по руководству личным составом (п. 4 ч. 1 Федерального закона о службе в ОВД).

Состав и структура территориальных органов внутренних дел определена Указом Президента РФ от 1 марта 2011 г. № 248 «Вопросы Министерства внутренних дел Российской Федерации»[2] (ст. 4) и содержит четыре уровня: окружной, межрегиональный, региональный и районный.

Руководитель (начальник) территориального органа МВД России является прямым начальником для всего личного состава данного органа и уполномочен применять в отношении сотрудников, государственных служащих и работников меры поощрения и дисциплинарные взыскания в установленном порядке и в пределах своей компетенции.

Руководитель территориального органа МВД России играет первостепенную роль в обеспечении эффективности работы подчинённого ему подразделения. Грамотное применение мер поощрения и дисциплинарных взысканий, в соответствии с действующими законами и нормативны-

[1] См., например: Канунникова, Н.Г. К вопросу об управлении деятельностью органов внутренних дел и правовом воспитании их сотрудников / Н.Г. Канунникова // Административное право и процесс. – 2015. -№ 10; Шмелькова, С.В. Руководящие кадры системы МВД России: вопросы классификации / С.В. Шмелькова // Проблемы науки. - 2017. - №7 (20); Елесина, И.Г., Кислова, Н.А. Роль руководителя подразделения органов внутренних дел в профилактике и преодолении конфликтов в коллективе / И.Г. Елесина, Н.А. Кислова // Психология и педагогика служебной деятельности. - 2022. - № 2 и др.

[2] Указ Президента РФ «Вопросы Министерства внутренних дел Российской Федерации» от 01 марта 2011 г., № 248 (ред. от 02.04.2025) // Собрание законодательства РФ, 07.03.2011, N10, ст. 1334.

ми актами, позволяет поддерживать высокий уровень дисциплины и законности среди сотрудников. Это, в свою очередь, способствует поддержанию порядка и повышению результативности работы органов внутренних дел на конкретной территории.

Компетенция и полномочия руководителей (начальников) территориальных органов МВД России относительно реализации института мер поощрения и взысканий по отношению к сотрудникам определены ведомственным нормативным актом (приложение № 43 к Порядку организации прохождения службы в ОВД России, утв. приказом МВД России от 1 февраля 2018 г. № 50[1]; далее – Порядок прохождения службы).

Обеспечение безопасности общества и защита законных прав и интересов человека в современном мире требуют новых подходов и стратегий к сотрудникам, в чьих функциональных обязанностях находится решение поставленных задач.

Основными способами сохранения личного состава являются соблюдение дисциплины и законности; формирование благоприятного морально-психологического климата в подразделении; повышение положительного имиджа службы как в МВД России в целом, так и в конкретном подразделении, в частности; создание и поддержание благоприятных условий прохождения службы (организационных, материально-технических, социальных и др.).

Роль руководителя органов внутренних дел (далее - ОВД) в обеспечении служебной дисциплины имеет ключевое значение для поддержания порядка, соблюдения закона и эффективного выполнения задач, стоящих перед правоохранительными органами. Служебная дисциплина – это основа функционирования любой государственной структуры, особенно такой, как органы внутренних дел, где соблюдение установленных норм и правил является обязательным условием для обеспечения безопасности общества.

Основные задачи руководителя территориального ОВД в области служебной дисциплины.

1) Создание и поддержание благоприятной рабочей среды: руководитель обязан создавать условия, способствующие соблюдению служебной дисциплины, обеспечивая справедливую оценку труда сотрудников, прозрачность процедур и отсутствие дискриминации.

2) Контроль за соблюдением нормативных актов: руководитель контролирует выполнение сотрудниками требований законодательства, уставов и инструкций, а также следит за тем, чтобы все действия подчиненных были законными и этичными.

3) Организация обучения и повышения квалификации: важным аспектом работы руководителя является организация регулярного обучения и повышения квалификации сотрудников, что позволяет им лучше понимать требования служебной дисциплины и применять их на практике.

4) Применение мер поощрения и взыскания: руководитель несет ответственность за применение мер поощрения и взыскания в отношении своих подчиненных. Это помогает поддерживать высокий уровень дисциплины и стимулирует сотрудников к добросовестному исполнению своих обязанностей.

5) Обеспечение личной примерности: личный пример руководителя играет огромную роль в формировании культуры служебной дисциплины. Если руководитель сам строго придерживается всех установленных норм и правил, то и его подчиненные будут стремиться к тому же.

6) Разрешение конфликтных ситуаций: начальнику необходимо уметь эффективно разрешать конфликты внутри коллектива, что способствует поддержанию здоровой психологической атмосферы и снижает риск возникновения дисциплинарных нарушений.

7) Анализ и оценка состояния служебной дисциплины: регулярный анализ состояния служебной дисциплины позволяет выявлять слабые места и принимать соответствующие меры для их устранения. Это может включать проведение проверок, анкетирование сотрудников и обсуждение проблем на совещаниях.

8) Формирование положительного имиджа службы: руководитель должен заботиться о том, чтобы деятельность подразделения воспринималась обществом положительно. Это достигается путем строгого контроля за поведением сотрудников и реагирования на случаи нарушения дисциплины.

[1] Приказ МВД России «Об утверждении Порядка организации прохождения службы в органах внутренних дел Российской Федерации» от 01 февраля 2018 г., № 50 (ред. от 30.01.2023) // Официальный интернет-портал правовой информации http://www.pravo.gov.ru (дата обращения 20.03.2025).

Для того чтобы обеспечить высокую степень служебной дисциплины, руководители (начальники) территориального ОВД должны использовать различные методы:

– регулярные проверки и контроль: проведение плановых и внеплановых проверок позволяет своевременно выявлять нарушения и устранять их причины;

– мониторинг общественного мнения: анализ отзывов и жалоб граждан помогает выявить проблемы в работе подразделений и принять необходимые меры для их исправления;

– психологическая поддержка сотрудников: создание условий для психологического комфорта и поддержки сотрудников способствует снижению стресса и предотвращает возникновение дисциплинарных нарушений;

– внедрение современных технологий: использование информационных систем и электронных баз данных упрощает процесс мониторинга и анализа деятельности сотрудников, что делает систему контроля более эффективной.

Применение современных методов и технологий позволяет сделать систему контроля более эффективной и прозрачной.

Подводя итог, можно сделать вывод о том, что руководитель ОВД играет ключевую роль в обеспечении служебной дисциплины. Его задачи включают создание благоприятной рабочей среды, контроль за соблюдением нормативных актов, организацию обучения и применение мер поощрения и взыскания. Личная примерность и умение разрешать конфликты также важны для поддержания высокой степени служебной дисциплины и законности в ОВД Российской Федерации.

АҲАММИЯТИ ШАРТҲОИ УМУМИИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ НОИЛ ШУДАН БА ҲАДАФИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

ЗНАЧЕНИЕ ОБЩИХ ПРАВИЛ СУДЕБНОГО РАССМОТРЕНИЯ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ ДЛЯ ДОСТИЖЕНИЯ ЦЕЛЕЙ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА

ҚАҲОРОВ НАСИМҶОН МАЗБУТОВИЧ
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
e-mail: knasim-1985@ mail.ru

Баҳри амалӣ шудани асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ки онҳо пайвастагии меъёри ҳуқуқи расмиро бо ҳуқуқи инсон таҷассум намуда, ба амалишавии воқеии онҳо шароит муҳайё мекунанд.

Ба андешаи мо, давлат тавассути ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани меъёрҳо, қабули қонунҳо, низоми умумиҳатмӣ, ҳадди баробарӣ, озодӣ ва таъмини адолатро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷорӣ мекунад, ки аз моҳияти таркибии ҳуқуқ бармеояд.

Барои ҳамин ҳам, ҳоло меъёри муайяни эътироф ва ҷоришуда доир ба ҳадди имкониятҳои ҳар як шахс дар шакли расмӣ ченаки ҳуқуқ эътироф гардидааст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ меъёри ҳуқуқ ном гирифтааст[1].

Меъёр он гоҳ ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки доираи амали он ҳадди ягонаи рафтори ҳамаро дар бар гирад. Меъёри ҳуқуқ дар байни дигар меъёрҳои иҷтимоии танзими рафтор, шакли расмию умумиҳатмӣ гирифтааст.

Шакли судии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз беадолатӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ яке аз дастовардҳои сиёсати ҳуқуқии замони муосир ба шумор меравад, ки бо воситаи низоми мақомоти судӣ ва ҳокимияти судӣ амалӣ мешавад. Аз ин рӯ, Юлдошев Р.Р. қайд кардааст, ки адолати судӣ хусусияти давлатӣ (расмӣ), ҳуқуқӣ дошта, бо нақш ва тайиноти иҷтимоии он алоқамандии бевосита дорад[2].

[1] Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. Ҷилди 2. – Душанбе: Империал-групп, 2010, - С. 204-205.
[2] Юлдошев, Р.Р. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: Таджпринт, 2017. – 555 с.

Адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон аз рӯйи қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ амалӣ гашта, дар ягонагӣ барои ба ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ ноил шудан шароит барпо мекунанд. Тартиби расмии баамалбарории адолати судӣ аз рӯи мазмун ва моҳияти худ аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон сарчашма гирифтааст. Баамалбарории адолати судӣ ягонагӣ, умумият ва пайвастагии на танҳо самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, тайинот ва мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ба ҳам алоқамандии тамоми амалҳои мурофиавиро бо ҳадафи он фаро гирифтааст.

Раҳматулоев А.Э. ва Қаландарова М.Д. чунин андеша доранд, ки пайдоиш ва ташаккули асосҳои адолати судӣ бо ташаккули афкор, ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои пешқадами иҷтимоӣ вобастагии бевосита дошта, дар зинаҳои муайяни таърихӣ ташаккул ва рушд ёфтаанд, ҳоло такмил дода шуда, эътироф ва амалӣ гашта истодаанд[1].

Ғозиев М. қайд менамоянд, ки мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад ва барои амалӣ гаштани адолати судӣ замина тайёр мекунад[2]. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ оид ба ифодаи ҳимояи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла кафолати ҳифзи судии он масъалаҳои назариявии амалишавии дахлнопазирӣ, эътироми шаъну шарафи шахс, қадру қимати инсон мавриди тадқиқоти гуногунҷабҳаи назариявӣ идома доранд[3].

Искандаров З.Ҳ. дар радифи тадқиқотҳои муосир ҳадафи мурофиаи ҷиноятиро фаъолияти бо тартиби махсуси мурофиавӣ муқарраргардидаи мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон аз таҷовузҳои ҷиноятқорона, ҳимояи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори конститутсионии он, ҷомеа, инсону шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии он, моликият, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити атроф аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ва аз таъқиботи беасосу ғайриқонунӣ, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳо, фош сохтани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ меноманд, ки дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, танзим ва амалӣ карда мешавад[4].

Пас, ҳадафи ниҳоии мурофиаи ҷиноятиро таъмини адолати судӣ ташкил медиҳад, ки танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ тариқи муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ низ ҳамин ҳадафро дорост. Барои ноил шудан ба ҳадафи номбурда бояд вазифаҳои муайянкардаи қонун иҷро карда шаванд. Яъне, барои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар м. 2 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) номбар шудаанд, ногузир аст, ки ба марҳилаҳои судӣ низ дахл дошта, ки амалишавии онҳо танзими боэътимоди ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Ҳамин тавр, мурофиаи судӣ маҷмуи мураккаби амалҳои судиро дар бар мегирад, ки тибқи шартҳои муқарраркардаи қонун иҷро мешаванд. КМҶ ҶТ баробари муқаррар кардани қоидаҳое, ки тартиботи мурофиавии иҷрои чунин амалҳоро танзим менамоянд, дар баъзе аз меъёрҳо қоидаҳои умумиро пешбинӣ кардааст, ки мувофиқан ба тамоми амалҳои муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи муҳими мурофиаи ҷиноятӣ дахл доранд. Онҳо дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд, моҳиятан ба анҷом дода шудани ҳамаи амалҳои мурофиавӣ таъсир мерасонанд, хусусияти муҳим ва нишонаҳои марҳилаи мазкурро нисбат ба марҳилаҳои дигари мурофиа муайян менамоянд.

Таҳлили мухтасари назариявӣ-ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ нишон медиҳанд, ки онҳо аз талаботҳои принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ сарчашма мегиранд ва мазмуни онҳоро қоидаҳои зерин ташкил медиҳанд:

Муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муайян шудааст. Муҳокимаи бевоситаи судӣ, пеш аз ҳама аз ҷониби суд ва бо иштироки тарафҳо бевосита, мустақилона, новобаста аз мавқеи ҳамдигар мавриди санҷиш ва тафтиш қарор дода шудани далелҳои пешниҳодшударо ифода мекунад. Ба далелҳои ҷамъовардашуда суд ва

[1] Раҳматулоев, А.Э., Қаландарова, М.Д. Принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ-кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2012. - С. 23.
[2] Ғозиев, М. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / М. Ғозиев. – Душанбе: Дониш, 2003. – С. 47.
[3] Диноршоев, А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... д-ра юрид. наук: 12.00.02 / А.М. Диноршоев. - М., 2015. - С. 3.
[4] Искандаров, З.Х. Цель уголовного процесса: правовой мир и обеспечение справедливости по уголовным делам / З.Х. Искандаров // Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар замон муосир: назария ва амалия (Хуҷанд, 28 ноябри с. 2013.). – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С. 13-21.

тарафҳои мурофиаи судӣ бевосита баҳо медиҳанд, ҷоиз, дахлдор, боэътимод ва кофӣ будани онҳоро бевосита мавриди тафтиш қарор медиҳанд ва тарафҳо мавқеи худро дар асоси онҳо (далелҳо) тақвият медиҳанд. Суд, судя амалҳои судиро бевосита мегузаронад, нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро бевосита мешунавад, далелҳои шайъиро бевосита аз назар мегузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро бевосита эълон мекунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо бевосита анҷом медиҳад, масъалаҳои дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ба миён омадаро бевосита ҳал мекунад. Хулосаи бевositаи (новобаста аз мавқеи тарафҳо, холисона) суд дар ҳукм ифода меёбад. Ҳукми суд, судя танҳо бо он далелҳое, ки дар маҷлиси суд тафтиш шудаанд, асоснок карда мешавад.

Муҳокимаи судӣ дар шакли шифоҳӣ ҷараён мегирад, лекин ҷараён ва натиҷаи амалҳои судӣ дар протоколи маҷлиси судӣ аз ҷониби котиби маҷлиси судӣ қайд мешавад. Эълон кардани ҳайати суд, моҳияти парвандаи баррасишаванда, муайян кардани шахсият, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадории иштирокчиён, огоҳ кардани онҳо дар бораи риоя кардани қоидаҳои мурофиаи судӣ ва масъулияти ҳуқуқии онҳо, шунидани нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносон, эълон кардани нишондодҳо, ки дар пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ гирифта шудаанд, баррасии дархост ва раддия, эълон кардани ҳукм ва ғайраҳо ба тариқи шифоҳӣ ҷараён мегирад. Шакли шифоҳии муҳокимаи судӣ дастрасии муҳокима ва имконияти тарафҳоро дар муҳокимаи масъалаҳои баррасишаванда таъмин мекунад.

Муҳокимаи ошкорои судӣ шарти дигари муҳокимаи судӣ эътироф шудааст. Парвандаи ҷиноятӣ дар суд ба таври ошкоро муҳокима карда мешавад, лекин ин қоида маънои махфӣ ё пинҳонӣ баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятиро надорад.

Муҳокимаи пӯшидаи судӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки он ба фош шудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад, ё оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд, ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад, инчунин дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, гузаронида мешавад.

Муҳокимаи ошкорои судӣ қоидаҳои дигарро низ дар бар мегирад, аз ҷумла, шахсони иштирокчии муҳокимаи ошкорои суд ҳуқуқ доранд рафти мурофиаро ба коғаз ва навор сабт намоянд. Суратгирӣ ва сабти наворбардорӣ танҳо бо иҷозати раисикунанда ва розигии тарафҳо мумкин аст.

Ноболиғони то шонздаҳсола, ба шарте, ки судшаванда, ҷабрдида ё аз рӯи парванда шоҳид набошанд, ба толори маҷлиси суд роҳ дода намешаванд.

Ҳукми суд ба таври ошкоро эълон карда мешавад. Дар ҳолатҳои баррасии парванда дар маҷлисҳои пӯшида тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд, судя, танҳо қисми муқаддима ва хулосаи ҳукм эълон карда мешавад.

Тағйирнопазирии ҳайати суд яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст.

Ҳадди муҳокимаи судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст.

Ҳадди муҳокимаи судӣ доираи масъалаҳои баррасишаванда ва доираи амал ва ваколатҳои судро дарбар мегирад. Парванда дар суд танҳо нисбат ба айбдоршавандагон ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар қонун пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад. Лекин, ин қоида набояд ба талаботи принсипи пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян кардани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят мухолифат кунад ва ҳадди муҳокимаи судиро танҳо бо айбдоркунӣ маҳдуд созад.

Ба андешаи мо, ҳадди муҳокимаи судиро баррасӣ ёфтани маҷмӯи ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқидошта доир ба ҳамин парвандаи ҷиноятӣ муайян мекунанд, ки дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м. 85, 90 КМҶ ҶТ) ва қонуни ҷиноятӣ (минбаъд - КҶ ҶТ) пешбинӣ гашта, муқаррар карда шудани онҳо барои ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ ногузир аст.

Риоя шудани тартиби маҷлиси судӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудааст.

Яке аз шартҳои муҳими муҳокимаи судӣ риоя ва иҷро шудани қоидаҳо ва тартиби муайянкардаи қонун (м.291 КМҶ ҶТ) аз ҷониби тамоми иштирокчиёни маҷлиси судӣ

мебошад. Муҳокимаи судӣ дар шароите, ки барои кори муътадили суд ва амнияти иштирокчиёни мурофиа мусоид аст, гузаронида мешавад.

Ҳангоми риоя накардани тартибот дар толори маҷлиси суд, итоат накардан ба амри раисикунанда иштирокчии мурофиа огоҳ карда мешавад, ки дар сурати такроран риоя накардани тартибот бо қарори судя (таъиноти суд) ӯ аз толори маҷлиси суд берун ё ба андозаи то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад. Ин қоида нисбати шахсоне, ки дар толори маҷлиси суд ҳузур доранд, вале иштирокчии мурофиа намебошанд, низ паҳн мегардад. Ҳар як иштирокчии мурофиа, ғайр аз айбдоркунанда ва ҳимоятгар мумкин аст аз толор берун карда шавад. Нисбат ба судшаванда, ҳимоятгар ва айбдоркунандаи давлатӣ ҷаримабандӣ татбиқ карда намешавад.

Ҳамин тавр, шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ шароит муҳайё мекунанд.

Ба хулоса омадан мумкин аст, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда шавад.

МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ ДАЛЕЛҲО, МАВҚЕИ ОН ДАР НАЗАРИЯИ ДАЛЕЛҲО

ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ ДОКАЗАТЕЛЬСТВ, ИХ МЕСТО В ТЕОРИИ ДОКАЗАТЕЛЬСТВ

ҚАҲОРОВ НАСИМҶОН МАЗБУТОВИЧ
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
e-mail: knasim-1985@ mail.ru

МУРОДЗОДА ФАРҲОД ҒАЙРАТ
омӯзгори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
e-mail: murodzodafarhod99@gmail.com

Назарияи далелҳо – дар шакли маҷмуи дониш, ақида ва назар қисми марказии илми мурофиаи ҷиноятиро (яке аз соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ишғол мекунад, ки ба омӯзиши асосҳои методологӣ ва ҳуқуқии исбот дар ҷараёни таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Ба монанди назарияи илмии дигар соҳаҳо, назарияи далелҳо низ сохтори ягонаи дохилӣ ва мустақилияти нисбиро дар ҳудуди илми мурофиаи ҷиноятӣ дорааст. Тадқиқоти муаммоҳои назарияи далелҳоро, умуман дар канор, ҷудо аз амалияи мурофиавии ҷиноятӣ анҷом додан имконнопазир аст.

Назарияи далелҳо асос ва принсипҳои умумиҳатмии ҷараёни ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳоро муайян мекунад, ки бевосита дар амалияи мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд ба роҳбарӣ гирифта мешаванд. Ин қоидаҳо, принсипҳо бо ҳам алоқамандии мантиқӣ дошта, баҳампайвастагии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин менамоянд, ба иҷроиши мақсади исботнамоӣ мусоидат мекунанд. Исботнамоӣ бошад, чун шакли фаъолияти расмию ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти номбаршуда бо мақсади таъмини адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешавад, ки вобаста ба талаботҳои ҳаёти ҷомеа доимо дар инкишоф мебошад ва ба тағйиротҳо ниёз дорад.

Лазарева В.А. хеле ба маврид қайд кардааст, ки «назарияи далелҳо на танҳо мазмуни меъёрҳои расмии исботнамоӣ, балки масъалаҳои дар амалия татбиқ шудани онҳоро низ меомӯзад»[1]. Бинобар ин, мавзуи илми мурофиаи ҷиноятиро танҳо хулоса ва қоидаҳои пурра

[1] Лазарева, В.А. Доказывание в уголовном процессе: учебное пособие / В.А. Лазарева. - М.: Высшее образование, 2009. - С. 10.

назариявӣ ё баръакс пурра амалӣ ҳисобидан нодуруст аст. Чунки илми мурофиаи ҷиноятӣ меъёрҳо ва қоидаҳои назариявӣ ва амалияро дар ягонагӣ меомӯзад.

Назарияи далелҳо қоидаҳо ва тартиби бо меъёрҳои ҳуқуқӣ муқарраршудаи исботнамоиро бо назардошти тазод ва низои ақидаҳо, ихтилофҳои дар амалия ҷойдошта дар бар мегирад. Ин сифати тафсиршавандаи назарияи далелҳо комилан ба ҳам мувофиқат кардани талаботи назария ва мавзӯи онро нишон медиҳад.

Барои муайян кардани мафҳуми умумии назарияи далелҳо, ҳамчун ҷузъи мурофиаи ҷиноятӣ, ба мавзуи назарияи далелҳо, моҳият, мақсад, мазмун, низом ва услубҳои он диққати ҷиддӣ дода мешавад. Чунки унсурҳои таркибии номбаршуда, дар ягонагӣ моҳияти назарияи далелҳоро ифода мекунанд.

Мавзуи назарияи далелҳо гуфта маҷмӯи дониш, ақидаҳо доир ба масъалаҳое фаҳмида мешавад, ки бо ҷараёни исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандии бевосита дошта, самти тадқиқотҳои илмии ин соҳаро нишон медиҳад. Мавзуи назарияи далелҳо бисёрҷабҳа мебошад, ки он:

1) меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки тартиби ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳоро дар мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамоянд;

2) тамоми хусусиятҳои мурофиавии фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура, суд ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро, ки дар ҷараёни исботнамоӣ иштирок мекунанд, дар бар мегирад;

3) қоидаҳои ҷустуҷӯ, ошкор кардан, гирифтан, омӯзиш, таҳлил, хулосабарорӣ ва қайду мустаҳкам кардани маълумоти воқеиро доир ба парвандаи ҷиноятӣ маънидод ва шарҳ медиҳад;

4) қонунияти умумии зуҳуротҳоеро, ки бо рафтори инсон дар шароити хосаи содир шудани ҷиноят алоқамандӣ доранд; ба ҳам вобастагӣ, пайвастагии ин гуна зуҳуротҳо дар замон, макон ва муҳити муайян; ба ҳам пайвастагии амалҳо бо сабабу оқибатҳои ҳодиса, инчунин вобастагӣ, инъикоси онҳоро дар шуури инсон асоснок менамояд.

Низоми назарияи далелҳо, пеш аз ҳама мураттабӣ, пайдарҳамӣ, алоқамандӣ ва вобаста ба сифату хусусиятҳои хос ҷойгир шудани унсурҳои таркибии ҷараёни исботнамоиро ифода мекунад. Вобаста ба ҳамин низом сохтори назарияи далелҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мункин аст:

а) Қисми умумӣ, ки асосҳои умумӣ - вазифа, мавзӯъ, мазмун, мақсад ва низоми назарияи далелҳоро меомӯзад. Дар ҳамин қисм дар бораи асосҳои методӣ ва ҳуқуқии назарияи далелҳо, мафҳум, мақсад ва вазифаҳо, тарз ва роҳҳои исботнамоӣ, мазмуни унсурҳои он; мафҳум ва намудҳои далелҳо ва талаботҳо нисбати онҳо ба монанди мансубият (дахлдорӣ), имконпазирӣ (ҷоизӣ), саҳеҳ (аниқ, боэътимодӣ) ва кофӣ эътироф карда шудани далелҳо маълумот дода мешавад;

б) Қисми махсус аз маҷмӯи донишҳо дар бораи мазмун ва моҳияти далелҳои алоҳида, зинаҳои алоҳидаи исботнамоӣ, амалҳои тафтишотӣ ва судӣ ва хусусиятҳои исботнамоӣ дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои алоҳидаи ҷиноятӣ иборат аст.

Назарияи далелҳо (дар шакли маҷмӯи донишҳои мукаммали асоснок) ба кормандони мақомоти таҳқиқ, тафтишотӣ, прокуратура ва суд роҳу услубҳои дар амал бамаврид ба асос ва роҳбарӣ гирифтан ва татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро тавсия медиҳад. Мақсади ниҳоии назарияи далелҳо, албатта такмил додани амалияи исботнамоӣ, самаранок ва беҳтар кардани фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти муқовимат зидди ҷиноят ва ҷиноятқорӣ, таъмину риояи кафолатҳои иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе аз олимон ҳуқуқшиносон, мақсади умумии назарияи далелҳоро бо вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ бевосита алоқаманд медонанд[1]. Ин нуқтаи назари олимонро дастгирӣ менамоем. Масалан, м. 2 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) дар байни вазифаҳои бевоситаи мурофиаи ҷиноятӣ - таъмини риоя ва иҷрои тартиби ягона ва умумии муқаррар кардаи қонун оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ; сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят; ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноятсодиркарда; ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд пешбинӣ шудааст, ки иҷроиши онҳо танҳо бо ёрии исботнамоӣ (шакли фаъолият) ва далелҳо (маълумоти воқеӣ) таъмин шуда метавонанд.

[1] Жогин, Н.В. Теория доказательств в советском уголовном процессе. - М.: Юр. лит., 1973. - С. 18.

Мувофиқи қонуни амалкардаистодаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳо – маълумоти воқеӣ мебошанд, ки дар асоси онҳо мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд, бо тартиби муқарраркардаи қонун мавҷуд будан ё набудани кирдори ба ҷамъият хавфнок, айби шахсе, ки он кирдорро содир намудааст ва инчунин дигар ҳолатҳоеро, ки ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, муайян мекунанд.

Лекин, қайд кардан лозим аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ байни олимон-ҳуқуқшиносон оид ба мафҳуми «далелҳо» нуқтаи назари ягона то ҳол вуҷуд надорад[1]. Дар қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] бошад, мафҳуми далел бе нишон додани алоқамандии онҳо бо сарчашмаи маълумот ифода ёфтааст, яъне далелҳо ва сарчашмаи онҳо гӯё бо ҳамдигар алоқамандӣ надоранд. Чунончӣ, нишондодҳо, протоколи амалҳои тафтишотӣ, фикру хулосаи эксперт, далелҳои шайъӣ, дигар хел ҳуҷҷатҳо далел эътироф шудаанд. Оё нисбати онҳо талаботҳои ҷоиз донистан, дахлдорӣ, саҳеҳӣ, кифоя будани маълумот паҳн намешаванд? Аз ҳамин сабаб, дар баъзе мавридҳо мақомоти тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ дар рафти тафтишоти пешакӣ, ҳангоми иҷрои амалҳои тафтишотӣ, қабул кардани қарорҳои мурофиавӣ оид ба ҷамъ намудан, санҷида баромадан ва баҳо додан ба далелҳо ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ медиҳанд, ки боиси нодуруст бандубаст шудани кирдори айбдоршаванда, ҳаматарафа, пурра ва холисона муайян нашудани сабабу ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шудани парвандаҳои ҷиноятӣ мегардад[3]. Бинобар ин, равшану возеҳ ифода ёфтани мафҳуми далелҳо, сарчашмаҳои он дар қонун, на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ доранд. Ғайр аз ин, ба таври возеҳу аниқ ифода ёфтани мафҳуми «далелҳо» асоси методологие мегардад, ки он дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи тафтишотию судӣ дуруст истифода бурда шудани мафҳум ва мазмуни далелҳо, риояи дақиқи қоидаҳои мурофиавиро таъмин менамояд.

Баъзе ақидаҳои олимонро, ки ба ҳамин масъалаҳо дахл доранд, дида мебароем. Курылев С.В. қайд кардааст, ки «далелҳо маълумоте мебошад, ки ҳолатҳои номаълумро маълум ва дастрас мекунанд»[4]. Челтсов М.А. далелҳоро ҳамчун маълумоте ифода кардааст, ки бо ёрии онҳо мавҷудияти ҳолатҳои исботшаванда муқаррар карда мешаванд[5]. Аз нигоҳи олими машҳури рус Белкин Р.С., «далелҳо воситаи асосии боварӣ ҳосил кардан ба ҳаққонияти (аслан ҷой доштани) воқеа ё зуҳурот аст»[6].

Мазмуни ин донишҳоро хабару маълумот ташкил медиҳанд. Бинобар ин, далелҳо маълумоте мебошанд, ки барои муқаррар кардани мавзуи мурофиаи судӣ оид ба гунаҳгории шахс дар содир кардани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, ёрӣ мерасонанд». Умуман, андешаҳо, хулосаҳо дар бораи он, ки далелҳо маълумоте мебошанд, ки ҳаққонияти ҳолатҳои воқеиро намеофаранд, балки онҳо ҳақиқатан, аслан, воқеан ҷой доштани ҳолатҳои ҳодисаро инъикос ё тасдиқ мекунанд, тамоми ақидаҳои муҳаққиқонро муттаҳид месозад. Ҳамин тавр, дар байни олимони соҳа баҳсу мунозираҳо доир ба шакл ва мазмуни далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ то имрӯз хотима наёфтааст.

Ба андешаи мо, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қ. 1 м. 72 КМҶ ҶТ мафҳуми далелҳо ба таври зерин ифода карда шавад: «Далелҳо – маълумоти воқеӣ мебошанд, ки аз сарчашмаҳои муайян, бо тартиби муқарраркардаи қонун гирифта шуда, дар асоси онҳо мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд, тибқи талаботҳои қонун мавҷуд будан ё набудани кирдори ба ҷамъият хавфнок, айби шахсе, ки он кирдорро содир намудааст ва инчунин дигар ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доштаро муқаррар мекунанд».

Далелҳо аз рӯйи мазмун хусусияти инъикоснамоӣ, тасдиқнамоӣ ва шакли муайяни ифодаёбӣ доранд. Хусусияти инъикоснамоии далелҳо дар он зоҳир мегардад, ки мазмуни онҳо аз маълумот ё ахборот дар бораи ҳолати муайяни ҳодисаи рухдода иборат аст, шакли ифодаёбӣ (мавҷудият) бошад, онҳо дар сарчашмаи муайян зоҳир мешаванд, маълумот аз ин

---

[1] Рахматулоев, А.Э. О структурных элементах доказывания по новому УПК РТ / А.Э. Рахматулоев // В сб. науч. трудов «Верховенство закона – основа укрепления государственной независимости» - Худжанд. вып: 3. 2010. - С. 29-36.

[2]Ниг.: мод. 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2009 (аз 01 апрели соли 2010 амал мекунад).

[3] Фармони Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ аз болои тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ» аз 05-уми ноябри с. 2008, № 15.

[4] Курылев, С.В. Основы теории доказывания в советском правосудии. - Минск: БГУ, 1969. - С.163.

[5] Чельцов, М.А. Советский уголовный процесс. – М., 1951.-С.134-136.

[6] Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств. - М.,1966.- С. 9.

сарчашмаҳо бо тартиби (шакли) пешбинӣ кардаи қонун гирифта расман қайд мешавад. Масалан, мазмуни нишондоди шоҳидро хабаре, ки вай дар вақти пурсиш доир ба ҳолати муайяни ҳодиса додааст, ташкил медиҳад, шакли ифодаёбии маълумот дар он аст, ки аз рӯи маълумоти шифоҳии дар вақти пурсиш додаи вай, хулоса бароварда мешавад, мазмуни он дар протоколи пурсиш (дар шакли муайян кардаи қонун) қайд карда мешавад. Далелҳо моҳияти ҳуқуқии пайдо кардани маълумотро ифода мекунанд.

ХУДТАРБИЯНАМОИИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ*

ПРАВОВОЕ САМОВОСПИТАНИЕ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРАВОСОЗНАНИЯ

ҚОДИРЗОДА ҒОЛИБ НУРУЛЛО
омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия
E-mail: golibjon2020@mail.ru

Ташаккули инсон ва шахсияти аз ҷиҳати ахлоқӣ комил ва дорои сифатҳои баланди инсонӣ яке аз ҳадафҳои марказии тарбияи мақсаднок, муташаккилона ва бонизом боқӣ мемонад. Тарбия ва шаклҳои он ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи мутафаккирони асрҳои гузашта ва ҳозираи ватаниву хориҷӣ қарор дорад. Бахусус тамоми осори классикони мо ба монанди Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Аҳмади Дониш ва дигарон ифодакунандаи мақсад ва навъу шаклҳои тарбия мебошанд. Гузашта аз ин Кант И. , Руссо Ҷ.Ҷ. , Толстой Л.Н. , Ушинский К.Д. ва дигарон табияро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, андешаҳояшон онро ифода менамояд, ки тарбияи шахсият раванди мақсаднок буда, дар зери таъсири шароити объективии зиндагӣ ва худтарбиякунӣ ташаккул меёбад[1]. Аз ин бар меояд, ки яке аз шаклҳои муҳимми тарбияи инсон ин худтарбиянамоӣ мебошад.

Худтарбиянамоӣ низ мафҳуми нав нест, зеро бисёре аз мутахассисони соҳаи психология ва педагогика андешаҳои худро оид ба мафҳум, усулҳо ва шаклу воситаҳои он иброз намудаанд. Аз ҷумла, донишмандон А.И. Кочетова дар асарҳои худ ба монанди «Чӣ тавр ба худтарбиянамоӣ машғул шудан мумкин аст», «Худро тарбия намо»[2] ва А.Г. Ковалева дар асари худ «Шахсият худро тарбия мекунад»[3] паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар замони муосир низ таваҷҷуҳи олимону донишмандон нисбат ба худтарбиянамоӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ бештар ба назар мерасад. Имрӯз падидаи мазкур аз муҳиммияти худ дарак медиҳад, зеро мушкилот ва чолишҳои замони муосир талаб менамояд, ки ҳар як инсон ҷиҳати ташаккули ахлоқ, маънавиёт ва донишҳои худ пайваста аз болои худ кор кунад. Бояд хотиррасон намуд, ки худтарбиянамоӣ шакли дастрастарини ташаккули руҳу равон, маънамиёт, ҷаҳонбинӣ тафаккур ва шакли олитарини рушти инсон мебошад. Беҳуда нест, ки мутахассисони соҳаи психология чунин мешуморанд, ки худтарбиянамоӣ раванди олии рушди шахсият аст[4].

Дар шароити кунунӣ ва таҳдиду хатарҳои замони муосир муҳиммтарин воситаи ташаккули ҳар як инсон ин, аз болои худ кор кардан мебошад. Зеро муҳити иҳотанамуда пур аз ахборот ва маълумотҳои гуногун мебошад, ки тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ дар як лаҳзаи

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи тадқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2027)» таҳия шудааст, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад. Рақами бақайдгирии давлатӣ 0121TJ1289.

[1] Тадтаева, Л.Х. Нравственное самовоспитание как фактор развития личности сотрудника органов внутренних дел / материалы I Междунар. науч. конф. – СПб.: Реноме, 2012. – С. 53-55.

[2] Кочетов, А.И. Как заниматься самовоспитанием / А.И. Кочетов. – Мн.: Выш. шк., 1991. – 287 с.

[3] Ковалев, А.Г. Личность воспитывает себя / А.Г. Ковалев. – Москва: Политиздат, 1983. – 256 с.

[4] Суровцова, Е.И. Самовоспитание школьников – мигрантов как основа нравственности общества // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1746601950&tld=ru&lang=ru&name=liv-2014-1-52.pdf (санаи мурочиат: 23.03.2025).

кӯтоҳ дастрасӣ ҳамагон мешавад. Чунин раванд барои худтарбиянамоӣ шароит ва заминаҳои мусоидро фароҳам меорад.

Худтарбиянамоӣ ҷузъи ҷудонашаванда ва натиҷаи таълим ва тамоми раванди рушди шахсият буда, барои таҳким ва инкишоф додани қобилияти ихтиёран ичро кардани уҳдадориҳои шахсӣ ва ташаккул додани одатҳои зарурии рафтор ва сифатҳои ихтиёрӣ пешбинӣ шудааст. Шахсе, ки ба худомӯзӣ ва худтарбиянамоӣ аз лиҳози мусбат машғул мегардад нисбат ба дигарон фарқ дорад. Зеро ин раванд имкон медиҳад, ки ҳар як шахс моҳияти инсонии худро дарк намояд ва аз лиҳозӣ ахлоқ ва маърифатнокӣ ташаккул ёбад, ки ин иззату эҳтироми чунин шахсонро дар ҷомеа боз ҳам бештар мегардонад.

Худтарбиянамоӣ омили фавқулодда муҳимми ташаккули шахсият ва инсонӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ ва маънавӣ комил мебошад. Худтарбиянамоӣ ин фаъолияти мунтазами инсон мебошад, ки ба инкишоф ё такмил додани сифатҳои ахлоқӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ ва одатҳои рафтор мутобиқи идеали муайяни аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартшуда нигаронида шудааст[1]. Аз ин бар меояд, ки худтарбиянамоӣ метавонад маънавию ахлоқӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ, эътиқодӣ, шаҳрвандӣ ва ғайра бошад. Вале дар баробари ин яке аз шакли дигари он худтарбиянамоии ҳуқуқӣ мебошад.

Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ аз шуур, азм, ирода ва хоҳиши инсон вобаста мебошад. Эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, устувории қонуният, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дури ҷустан аз амалу кирдори манфӣ аз худтарбиянамоии ҳуқуқии ҳар як шахс вобаста мебошад. Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки шахс аз арзишҳои давлатӣ демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бархурдор гардад ва дар чунин муҳит ба воя расад. Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ кафили зиндагии шоиста ва асоси оромиву осудагии ҳар як инсон ва ҷомеа мебошад.

Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Зеро чихеле, ки профессор Э.С. Насриддинзода иброз менамояд яке аз қисмҳои таркибии тарбияи ҳуқуқӣ худтарбиякунӣ буда, бо таҷрибаи шахсӣ, худмаълумотгирӣ, таҳлили худии падидаҳои ҳуқуқӣ иртибот дорад[2]. Дар воқеъ, худтарбиянамоии ҳуқуқӣ яке аз қисмҳои тарбияи ҳуқуқӣ буда, ба ташаккули хуссусиятҳои ботинии инсон мусоидат намуда, асосҳои риоя ва иҷрои талаботу нишондоди меъёрҳои ҳуқуқро дар сиришти инсон ташаккул медиҳад. Худтарбиянамоии ҳуқуқиро метавон яке аз омили муҳимми ташаккули шуури ҳуқуқӣ арзёбӣ намуд. Зеро дигар олимону донишмандон низ онро омили зарурии ташаккули шуури ҳуқуқӣ арзёбӣ намудаанд[3]. Ҳамзамон иброз мегардад, ки худтарбиянамоии ҳуқуқӣ раванди мураккабест, ки дар он субъект бо истифода аз кори мустақилона, ба низом даровардашуда донишҳоро дар соҳаи ҳуқуқ, ба ибораи дигар, фарҳанги ҳуқуқиро ба даст меорад[4].

Тавассути худтарбиянамои ҳуқуқӣ донишҳои ҳуқуқии шахс ташаккул меёбад, ки ин боиси устувор гардидани рафтори ҳуқуқӣ мегардад. Муҳимтарин натиҷаи худтарбиянамоӣ, ин эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, риояи қатъии қонуният ва бархурдорӣ аз талаботҳои қонунгузорӣ мебошад.

Гузашта аз ин, дар заминаи худтарбиянамоии ҳуқуқӣ сифатҳои алоҳидаи фардӣ аз қабилӣ худдорӣ, устуворӣ, ирода, масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ ва ғайра ташаккул меёбад.

Заминаи асосии худтарбинамии ҳуқуқӣ маҳз меъёру падидаҳои ҳуқуқӣ, соҳаҳои ҳуқуқӣ ва талаботу нишондодҳои қонун ба ҳисоб рафта, ислоҳи амалу рафтори ҳар як инсон аз омӯзиш ва дарку риояву иҷрои онҳо вобаста мебошад. Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки сатҳи қонунфаҳмӣ ва дарки масъулияти риояву иҷрои он дар ҳар як инсон боз ҳам устувор гардад.

---

[1] Большая советская энциклопедия. – М.: Советская энциклопедия 1969-1978 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://www.booksite.ru (санаи мурочиат: 23.03.2025).

[2] Насриддинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ / Э.С. Насриддинов. – Душанбе: Мехрона-2017, 2019. – С. 98-99.

[3] Бондарев, А.С. Правовое самовоспитание как самостоятельный вид субъектно-субъектной правовой социализации электронный / А.С. Бондарев // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2013. – №2 (20). – С. 7-16; Манакова, Л.К. Правосознание, правопознание, правопонимание (к вопросу о правовом самовоспитании). – 2019. – С. 27-37; Ильин, И.А. Теория права и государства: учебное пособие / И.А. Ильин. – М.: Зерцало, 2008. – 550 с.

[4] Вакье, Д.Ю. Роль правового самовоспитания в современных условиях / Д.Ю. Вакье // Научные труды московского гуманитарного университета. – 2023. – № 5. – С. 42-44.

Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ раванди мақсаднок ва бошуурона буда, мақсад, мазмун, вазифаҳо, воситаҳо, усулҳо ва натиҷа дорад.

Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ бо мақсади бартараф намудани сифатҳои манфӣ ва ташаккули сифатҳои мусбат, ки дар асоси категорияву нишондодҳои меъёрҳои иҷтимоӣ, бахусус меъёрҳои ҳуқуқ ҷавобгӯ мебошад, равона гардидааст. Худтарбиянамоии ҳуқуқӣ худшиносии инсонро нисбат ба ҳуқуқу уҳдадориҳои муқаррар намудаи қонун масъулиятнок мегардонад.

Чорум, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти босамари он ҷиҳати рушди давлат, мустаҳкам гардидани пояҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он мусоидат менамояд. Давлат низ дар навбати худ бояд ҷиҳати таъмини фаъолияти озоди ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити заруриро муҳайё созад, то ин ки робитаи байни давлат, шахс ва гуруҳҳои иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ пойдор бошад.

Ҳаминтавр бояд иброз намуд, ки нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри рушди давлат ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муҳим мебошад. Маҳз таъмини фаъолияти озоди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби давлат шароит фароҳам меорад, ки ин ниҳод пурсамарона фаъолият намояд. Ҳамчунин, ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бо дарки масъулият баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҷомеа бо риояи волоияти қонун фаъолияти худро ба роҳ монад.

---

[1] Одинаев, А.Ш. Теоретико-правовые аспекты формирования гражданского общества (на примере Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.Ш. Одинаев. – М., 2008. – С. 17.

[2] Саидов, Н. Ҷомеаи шаҳрвандӣ: хусусиятҳо ва дурнамои рушд // Ҷумҳурият. 02.07.2020, № 121.

[3] Низомномаи Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми апрели с. 2018 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://shuro.tj/ (санаи мурочиат: 13.02.2025 с.)

К ВОПРОСУ УЧАСТИЯ ПАТРУЛЬНО-ПОСТОВОЙ СЛУЖБЫ ПОЛИЦИИ В РАСКРЫТИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПО «ГОРЯЧИМ СЛЕДАМ»

ОИД БА ИШТИРОКИ ХАДАМОТИ ДИДБОНИЮ ПАЙРАҲАДОРИИ ПОЛИТСИЯ ДАР ОШКОРКУНИИ ҶИНОЯТҲО БО «ИЗҲОИ ГАРМ»

МАЛЯНОВА КАРИНА ПЕТРОВНА
заместитель начальника кафедры криминалистики и оперативно-разыскной деятельности Ростовского юридического Института МВД России, кандидат юридических наук, полковник полиции
E-mail: kari_rostov@mail.ru

Практика показывает, что раскрытие преступления по «горячим следам» часто является ключевым фактором успешного расследования в целом. Если преступление не выявлено и не расследовано сразу после его совершения, то в будущем потребуется значительно больше усилий и ресурсов для выяснения обстоятельств дела. При этом раскрытие преступлений по «горячим следам» расценивается не как окончательный, а лишь как предварительный итог работы органов внутренних дел по выявлению и расследованию конкретного случая. Например, около 60 % преступлений против собственных интересов удается раскрыть по горячим следам, то есть в течение трех суток с момента обращения в органы внутренних дел, причем 90 % из них раскрываются в первые сутки. Указанные данные поддерживаются опросами следователей, дознавателей и оперативников, среди которых 76,7 % уверены, что, если преступление не будет раскрыто в течение 24 часов, вероятность успешного выяснения обстоятельств резко снижается[1].

Расследование преступлений по горячим следам происходит в уникальных условиях, таких как неожиданные ситуации, требующие быстрого реагирования, ограниченность времени для принятия решений и их выполнения, а также быстро меняющаяся обстановка и нехватка информации. Это создает необходимость срочного получения новых данных и противодействия раскрытию преступлений.

Указанные условия влияют на результативность работы правоохранительных органов в течение первых трех дней после происшествия. Необходимые мероприятия включают:

1. Организацию быстрого выезда следственно-оперативной группы (далее - СОГ) к месту инцидента и меры по задержанию подозреваемого.
2. Привлечение всех нужных сил и ресурсов.
3. Комбинацию стандартных методов с учетом особенностей конкретного дела.
4. Определение ключевых вопросов для эффективного продвижения расследования и выбора следственных действий.
5. Активное использование всего состава СОГ и технических средств для сбора доказательств с минимальными затратами времени.
6. Уведомить дежурную часть соответствующего отдела внутренних дел о ключевых фактах, касающихся совершенного преступления и лиц, которые могут быть в нем замешаны.
7. Обеспечить преследование и арест лиц, подозреваемых в данном преступлении. Если прошло не так много времени с момента его совершения, и злоумышленник не смог покинуть место происшествия или далеко отдалиться от него, необходимо предпринять действия для его нахождения и задержания[2].

Для осуществления задержания злоумышленника можно привлечь силы и средства близлежащих органов внутренних дел, передавая информацию через дежурную часть ОВД, а также заручиться поддержкой общественности, при этом обеспечивая безопасность всех участников операции.

Эти задачи достигаются через централизованное управление и координацию действий различных подразделений правоохранительных органов и обеспечение готовности к незамедлительным действиям в ответ на возникающие ситуации.

---

[1] Вахрушкин, Н.А. Методика раскрытия и расследования преступлений по «горячим» следам» / Н.А. Вахрушкин // Вестник науки. - 2023. - № 12(69).
[2] Прокуденкова, Т.М., Старичков, М.В. Некоторые вопросы раскрытия и расследования преступлений «по горячим следам» / Т.М. Прокуденкова, М.В. Старичков // Право и управление. - 2022. - № 11.

Эффективное расследование преступлений по горячим следам зависит от тщательно выстроенной организации работы органов внутренних дел на данном этапе, а особенно – от оперативного использования ресурсов дежурных частей, следственных и оперативных подразделений, службы охраны общественного порядка, участковых инспекторов, госавтоинспекции, а также патрульно-постовых служб и других элементов МВД[1].

Начало раскрытия и расследования преступления обычно фиксируется с момента прибытия следственно-оперативной группы на место происшествия. Однако зачастую патрульные и участковые могут уже находиться на месте до ее прибытия, и эффективность их действий существенно влияет на успех последующей работы группы.

В условиях ограниченного времени важнейшую роль играет четкость и организация работы каждого сотрудника на месте преступления, а также грамотное распределение обязанностей внутри группы.

Процесс раскрытия и расследования преступлений по горячим следам является сложным и динамичным, где критическое значение имеют факторы времени и пространства. Успешность действий зависит от оперативного введения в работу сил МВД, эффективного взаимодействия следствия, уголовного розыска, патрульно-постовых служб и других подразделений, а также слаженности действий всех участников. Первоначально на сообщения о преступлении реагируют сотрудники дежурных частей. На основе анализа первичной информации дежурный принимает решение о направлении ближайших патрульно-постовых служб на место происшествия.

По прибытии на место происшествия сотрудники патрульно-постовой службы полиции обязаны выполнить несколько обязательных действий, включая:

1. Обеспечение неотложной медицинской помощи пострадавшим.

2. Выявление свидетелей и очевидцев инцидента.

3. Получение от потерпевшего и свидетелей информации о случившемся: что произошло, когда и где, сколько было преступников, их действия и местонахождение; о перемещениях всех участников и оставленных предметах; о направлении, в котором исчезли преступники и на чем передвигались.

4. Удержание свидетелей и потерпевшего на месте происшествия до прибытия следственно-оперативной группы. Нужно объяснить им важность их присутствия и обеспечить их размещение близко к месту события;

5. Охрана места происшествия и сохранение улик. Нельзя допускать доступ посторонних до прибытия следственной группы и необходимо ограничить действия сотрудников, препятствуя изменению вещей и следов;

6. Уведомление дежурной части МВД о происшествии и подозреваемых, чтобы подготовить следственно-оперативную группу и организовать их задержание[2].

Взаимодействие и маневрирование подразделениями ППСП, включая координацию с другими структурами комплексных сил, организуется руководителем территориального органа МВД России на уровне района в соответствии с действующим Уставом и соответствующими нормативными документами МВД России.

Ключевыми формами взаимодействия являются взаимный обмен информацией о преступлениях, участие сотрудников других подразделений в инструктажах для ППСП, совместная работа по профилактическим мероприятиям и обмен опытом.

При маневрировании силы полиции могут изменять свою дислокацию в зависимости от оперативной ситуации, однако вся информация фиксируется в постовой ведомости.

Патрульные и постовые группы должны:

1. Быть осведомленными о потенциальных местах совершения преступлений и следить за возможным появлением преступников, включая условно осужденных и тех, кто вышел на свободу с обязательными условиями труда;

2. Осуществлять контроль за соблюдением ограничений, установленных законом для граждан, освобожденных из мест лишения свободы, как в общественных местах, так и на улицах;

3. Предупреждать граждан о недопустимости противозаконных действий и объяснять вредность антиобщественного поведения;

---

[1] Кардашевская, М.В. Раскрытие преступлений по горячим следам / М.В. Кардашевская // Вестник экономической безопасности. - 2018. - № 1.

[2] Кодзокова Л.А., Кумехова М.Б. Некоторые вопросы организации деятельности патрульно-постовой службы полиции в России // Право и управление. 2023. № 2.

4. Немедленно сообщать своему начальнику и дежурному о любой информации о планирующемся преступлении и предпринимать меры по его предотвращению;
5. При получении сообщений о преступлениях фиксировать данные заявителей, информацию о происшествии и незамедлительно докладывать руководству, а также обеспечивать безопасность места происшествия до приезда следственных групп;
6. Следовать указаниям руководителя следственно-оперативной группы на месте происшествия и информировать об этом дежурного;
7. Выявлять по приметам разыскиваемых лиц и пресекать правонарушения в сфере торговли и экономики;
8. Оказывать помощь в раскрытии преступлений, связанных с взяточничеством, незаконной торговлей и наркотиками;
9. Действовать в случае выявления фальшивок и проверять транспорт, вывозящий грузы;
10. Выполнять поручения руководства по предотвращению и раскрытию преступлений в районе.

В условиях сложной социально-экономической ситуации в стране возникла необходимость в эффективной, слаженной и четкой работе всех силовых подразделений. Одним из ключевых методов достижения этой цели является их взаимодействие.

Взаимодействие подразумевает разнообразные контакты, направленные на совместное выполнение определенных задач, в которых у сторон есть общий интерес. Это ситуация, при которой участники согласуют свои усилия для решения общих вопросов.

Согласно ст. 10 Федерального закона «О полиции», полиция осуществляет свою деятельность в сотрудничестве с другими правоохранительными органами, государственными и муниципальными структурами, общественными объединениями, организациями и гражданами[1]. Она может задействовать ресурсы этих структур в соответствии с законодательством России. Полиция оказывает поддержку государственным и муниципальным органам, общественным объединениям и организациям для защиты прав граждан, соблюдения законности и поддержания правопорядка. В свою очередь, указанные органы и объединения должны помогать полиции.

Патрульно-постовая служба полиции (ППСП) выполняет функции охраны общественного порядка и обеспечения безопасности в общественных местах, транспорте и жилых помещениях в соответствии с Федеральным законом «О полиции». Основные задачи ППСП включают обеспечение личной безопасности граждан, предупреждение и пресечение преступлений, а также участие в их раскрытии. Правовые основы деятельности ППСП определяются Конституцией России, Федеральным законом «О полиции», Уставом ППСП и другими правовыми актами.

Успешное расследование преступлений по горячим следам зависит от эффективной организации работы органов внутренних дел и незамедлительного применения возможностей различных подразделений МВД.

ИШТИРОКИ МАСОФАВИИ ШАҲРВАНДОН ҲАМЧУН УСУЛИ МУОСИРИ ҲАМКОРӢ ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

ДИСТАНЦИОННОЕ УЧАСТИЕ ГРАЖДАН КАК СОВРЕМЕННЫЙ МЕТОД ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО ПОРЯДКА

МИРЗОҲОФИЗИЁН МИРЗОАЛӢ МИРЗОҲОФИЗ
сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия
E-mail: mirzohafizov81@mail.ru

Милитсия яке аз ҷузъи асосӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Тағйироте, ки дар фаъолияти судҳо, мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ ворид карда мешавад, ҳатман ба хусусияти фаъолияти қисмҳои дигари ин система, аз ҷумла ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва пеш аз ҳама, милитсия таъсир хоҳанд расонд. Аммо таҷрибаи

[1] Федеральный закон «О полиции» от 7 февраля 2011 г., № 3-ФЗ // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://base.garant.ru/ (дата обращения: 12.03.2025).

мавҷудаи кори ин сохторҳо метавонад таъсири мусбии ислоҳоти судию ҳуқуқиро маҳдуд намояд. Аз ин сабаб ислоҳоти судию ҳуқуқӣ бояд ҳамзамон бо ислоҳот ва рушди милитсия, инчунин унсурҳои дигари системаи ҳифзи ҳуқуқ сурат гирад[1].

Дар асри XXI, ки асри пешрафти технологияи иттилоотӣ, ҳар як шахс кӯшиш мекунад, ки шахсияти худро ба ҷомеа дар мутобиқат бо замон нишон диҳад. Имрӯз, ҳар як шаҳрванд дар робитаҳои гуногунии иҷтимоӣ амалҳои нақшҳои гуногуни иҷтимоиро мебозад, бо мақсади ҳалли баъзе ҷанбаҳои муайяни ҳаёт ва фаъолияти шахсони дигар амали мекунад.

Милитсия тоҷик аз давраи ташкилёбӣ то ин ҷониб, бо тараққӣ ва инкошофи замони муосир муқобилияти беамони худро бар зидди ҷиноятқорон иҷро намуда истодааст. Махсус бояд қайд намуд, ки солҳои охир масъалаи терроризм ва экстримизм, гардиши ғайриқонунии маводди нашъадор ҳамчун хатари асосии ҷомеъа ба шумор меравад. Дар ин самт низ муборизаи беамони кормандони милитсия, ки асос ин нишондоди ҳисоботии иҷрои вазифаҳои онҳо мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбати қайд намуданд, ки «Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд»»[2].

Бо нишон додани фаъолнокии худ дар пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва шоҳиди дар амали ғайриқонунии шаҳрвандон бо истифодаи дастгоҳи наворбардорӣ, телефони мобилӣ, шаҳрвандон натиҷаҳои чунин ислоҳро ба дар шабакаҳои интернетӣ ва почтаи электронии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мефиристанд ва аз амалҳои ғайриқонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хабар медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир ин яке аз усулҳои асосии ҳамкорӣ байни шаҳрвандон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла ба милитсия ба ин намуди ҳамкорӣ мубаддал гашт, ки саривақт ба ҳамаи муроҷиатҳои воридгашта аз тарафи шаҳрвандон корбари карда мешавад. Ҳамзамон гурӯҳҳои ихтиёрӣ саҳми назаррас мегузоранд, ки бори дигар бовари ҳосил менамояд, ки ки иштироки шаҳрвандон омили муҳими объективӣ буда, ҳамкории онҳо бо мақомоти корҳои дохилӣ беҳтар гардида шуморида мешавад.

Бешубҳа, як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ, аз ҷумла, набудани анъанаҳои таърихӣ ва қонуни батанзим дарорандаи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор, иштироки масовавӣ аз иштироки коллективии шаҳрвандон камтар аст, аммо он метавонад натиҷаҳои мусбиро диҳад. Ин самти фаъолият ва ҳамкории милитсия бо ҷомеъа дар таҷрибаи фаъолияти мақоимотҳои давлатҳои хориҷӣ мавриди баҳс қарор доранд.

Дар ин бора таблиғи иҷтимоӣ дар метрои шаҳри Ню-Йорки (ИМА), полис ва духтарчаеро, ки дар дасти онҳо телефони мобилӣ ҳаст, дида мешавад. Реклама инро мефаҳмонад, ки ҳар як шаҳрванд, ҳушёрӣ ва ҳамкорӣ бо полисро амалӣ мекунад ва ин ташаббус ҳамчун як силоҳи асосии шаҳрванд мебошад. Ин кумаки шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳаёти ҳаррӯза ва дар шакли ғайрирасмӣ, баъзан ғайрифаъол ҳисобида мешавад, аммо натиҷаи назаррасро дорост.

Тибқи гурӯҳбандии муаллифон мо метавонем гуфт, ки иштироки ғайрирасмӣ ва инфиродии шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Фарқ дар он аст, ки иштироки шаҳрвандон дар системаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва аз таъмини амнияти давлати фарқ дошта, барои нишон додани мавқеи фаъоли ҳаётии худ, аз ҷумла барои ҳамкорӣ ҳамарӯза омода ҳастанд.

Ғайр аз ин, зарур аст, ки милитсия дар асоси Барномаи «Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ҳамкориро бо ҷомеъа чунин ба роҳ монад:

– тамоми милитсия бо иттилооти аёнӣ дар бораи ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва ҳуқуқҳои инсон ба пуррагӣ (дар тамоми МВКД ҷорӣ намудани иттилооти аёнӣ дар бораи ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва одоби муошират бо шаҳрвандон) таъмин карда шаванд;

---

[1] Барномаи «Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020»: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми марти с. 2013, № 1438 тасдиқ шудааст.

[2] Паёми навбати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28-уми декабри соли 2024 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат: 12.04.2025).

– ҳамаи зерсанадҳои меъёрие, ки ҳуқуқҳои инсонро маҳдуд мекунанд, интишор карда шаванд;

– барои аҳолӣ шаффофият ва дастрасӣ ба иттилооти ҳисоботии милитсияи ҳама сатҳ таъмин карда шавад;

– шаффофияти ҷисмонии қисмҳои навбатдорӣ, ҳамаи шӯъбаю бахшҳои милитсияе, ки дар онҳо робитаи мустақими кормандони милитсия бо шаҳрвандон сурат мегирад, таъмин карда шавад;

– дар кӯчаҳои нуқтаҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон зерсохтори нишонаҳо ва эълонҳо дар бораи маҳалли ҷойгиршавии шӯъбачаҳои наздиктарини милитсия ба роҳ монда шавад. Дастрасии аҳолӣ ба ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ВКД, ба ғайр аз он санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, таъмин карда шавад;

– бо мақсади эмин гардонидани кормандони милитсия ва шаҳрвандон аз даъвоҳои мутақобила ва имконоти содир намудани ҷиноят аз ҳар ду ҷониб, системаи мушоҳидаи видеоии фаъолияти милитсия дар дохили биноҳои милитсия дар амал ҷорӣ карда шавад[1].

Бартариятии иштироки шаҳрвандон ба таври масофавӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ моҳиятҳои хоси зеринро дорост:

– арзиши ҳамкории дуҷониба субъектони масъулро водор намуда, барои пешгирии ҳамагуна зуҳуроти номатлуб, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноятқорро амали менамоянд;

– новобаста аз ҳавасмандкунии ҳамкории шаҳрвандон бо милитсия, фаъолияти доимӣ ва манфиатҳои таъминотии онҳоро аз ҳисоби захираҳои муайяне, ки бояд ҷуброн карда шаванд муайян карда мешавад;

– муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳамназоратии фаъолияти шаҳрвандон бо милитсия ба таври ихтиёрӣ ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо мусоидат намояд[2].

Азбаски вақтҳои охир шаҳрвандон барои пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ саривақтӣ огоҳ менамоянд, ин усул мувофиқи талаботи замон буда, дар асоси барномаи «Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» мутобиқ мебошад. Шаҳрвандон тавассути телефон ё шабакаи иҷтимоӣ ба милитсия дар бораи вайрон намудани тартибот ё дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ хафагӣ бо тасвир ё сабти видео хабар медиҳад.

ДЕКЛАРАТСИЯИ КУРУШИ КАБИР ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ПАЙДОИШИ ҲУҚУҚИ БАШАР

Декларация Кира Великого как источник возникновения прав человека

НАЗАРЗОДА ДАВЛАТХОН ҚУРБОНМУРОД
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail davlatxon-1986@mail.ru

Куруши Кабир яке аз фармонфармоёни камназир ва машҳури ҷаҳон аст, ки ному шахсияташро намояндагони халқу қавмиятҳои гуногун ба некиву азамат ёд кардаанд. Ӯро ба хотири бунёдгузори нахустин империяи бузурги ҷаҳон - Ҳахомонишиҳо, асосгузори ҳуқуқи башар, эҳтиром ба динҳо ва мазҳабҳои гуногун, густариши тамаддун ва дигар иқдомоти неку созандааш шинохтаву эътироф намудаанд.

Империяе, ки ӯ таъсис дод, дар баробари бузургӣ ҳамчунин беназир буд ва аз Ҳинд то баҳри Миёназамин сарзаминҳо ва халқҳои гуногунро зери як парчам муттаҳид карда буд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи с. 2004, № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 5, мод. 352; с. 2006, № 3, мод. 148; с. 2007, № 7, мод. 663; с. 2008, № 6, мод. 450; с. 2009, № 12, мод. 820; с. 2011, № 3, мод. 156; № 6, мод. 438, № 12, мод. 835; с. 2012, № 4, мод. 251; № 7, мод. 692; № 8, мод. 821, № 12, қ. 1, мод. 1023; с. 2013, № 3, мод. 183, мод. 184, № 12, мод. 884, мод. 885; с. 2014, № 11, мод. 649; с. 2017, № 7-9, мод. 569; ҚҶТ аз 02.01.2018 с., № 1481; аз 20.06.2019 с., № 1614; аз 17.12.2020 с., № 1736.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» 03-юми декабри с. 2009, № 566 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 12, мод. 818.

Дар замони ворисонаш Камбуҷияи II ва Дориюши I қудрати ин империя ба авҷи аълои худ расид ва шуҳрату қудрати давлатҳои қаблан машҳури Лидия, Бобул, Миср дар қиёс бо империяи Ҳахоманишиҳо мавқеи садрнишиниро аз даст дода буданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари пуразриши таърихии худ «Чеҳраҳои мондагор», ки зиндагинома, осор ва пайкори 25 тан аз чеҳраҳои баргузидаи илмӣ, адабӣ ва таърихиву сиёсиро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор додааст, оид ба нахустин бунёдгузори империяи мутамаддини ориёӣ чунин нигоштааст. «Дар таърихи ҳар миллат дер ё зуд шахсиятҳои барҷастае падид меоянд, ки тақдири онро ба куллӣ тағйир дода, неруҳои ниҳонии онро бедор карда, маданияти моддиву маънавии онро ба сатҳи тозаву баланди тараққиёт мерасонанд ва фарҳангу тамаддунашро ба арсаи ҷаҳонӣ мебардоранд. Барои порсҳо (ва шояд барои тамоми халқҳои эронитабор) чунин шахсият Куруши Кабир буд»[1].

Маъруфияти Куруши Кабир бар асоси чанд поя устувор аст[2], менависад Д. Назриев. Номи Куруш дар китоби муқаддаси масеҳиён Таврот омадааст ва ӯро мояи оромишу осоиши мардум дониста аст. Паёмбарони бани Исроил ӯро сутудаанд ва барои ӯ эҳтироми зиёде ба ҷо овардаанд. Бобулиён ӯро чун намоянда ва ситояндаи Мардук - шоҳ-худо мешинохтанд. Иддае аз муҳаққиқон, аз ҷумла Мавлоно Абулкалом Озод, файласуфи ҳиндӣ дар асари тозанашри худ бо номи «Куруши Кабир - Зулқарнайн», ки аз ҷониби муаррихи тоҷик Р.Мирализода аз хати форсӣ ба хати сирилӣ баргардон шудааст, шахсияти Курушро то мақоми паёмбарӣ расонида аст. Ӯ Курушро аз диди нав, ҳамчун Зулқарнайн, ки дар китоби муқадаси Қуръон зикр шудааст як хонда, навиштааст: «Куруш ҳамон Зулқарнайни Қуръон аст. Ӯ паёмбари Эрон буд, зеро инсонияту манишу кирдори некро ба мардуми Эрон ва ҷаҳон ҳадя дод»[3].

Куруши Кабир яке аз мардони бузурги таърихӣ аст, ки ҳамаи таърихшиносони соҳибасар, хоссатан муаррихони бобулию юнонӣ, амсоли Ҳеродот, Ксенофонт, Ктесий ва Берос аз ӯ бо эҳтирому ситоиш ёд кардаанд. Чуноне дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, вай подшоҳи кишвардор, сиёсатмадор, шуҷоъ, бофутувват ва бо азму ирода буд. Дар шаҳрҳо пас аз пирӯз гаштан куштор намекард ва нисбат ба эътиқоди динии миллати мағлуб ва муқаддасоти онҳо эҳтиром мегузошт. Шаҳрҳои вайронро дубора обод мекард ва нисбат ба мардум гузаштҳои зиёд менамуд ва дар ҳаллу фасли мушкилот бештар ба идроку машварат такя мекард. Шахсияти Куруш ба унвони ёдгоре аз адолати иҷтимоии ҷаҳонӣ, ба сурати тимсолу афсонае эътироф шудааст.

Муаррихи юнонӣ Ҳеродот (484-425 то м.) менависад: «Ҳеҷ порсӣ ҳаргиз ҷуръат нахоҳад кард худро бо Куруш муқоиса кунад». Ӯ дар асари арзишманди худ «Таърих» доир ба шахсияти Куруши Кабир чунин навиштааст «Куруш бунёдгузори нахустин империяи Ҳахоманишиҳо мебошад, ки то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамадуни башарӣ назире надошт»[4].

Ксенофонт (444-356 то м.), муаррихи юнонӣ, ки муддате дар Сард дар хидмати Куруши хурдӣ буд, мегӯяд: «Куруш соҳиби малакоту фазоили ахлоқӣ ва инсонии бешуморе аст, ки хидмат ба нафъи башарро шиори худ қарор дода буд. Вай тайи даврони ҳукуматаш бо тамоми вуҷуд кӯшида аст кишварашро дар дунё ба авҷи иззату азамат бирасонад». Бар ин асос Ксенофонт ду китоби мустақил бо номҳои «Курушнома» ва «Сирати Куруш» навишта, дар онҳо хусусиёти ахлоқи волои Куруши Кабирро инъикос намудааст. Ӯ дар «Курушнома» ба ҳамватанони юнонии худ Курушро ба унвони шахсияти шоистаи тақлид муаррифӣ мекунад. Ксенофонт дар муқаддимаи китобаш навиштааст: «Ба суханони Куруш ҳатто миллатҳои дурдаст ҳам аз рӯи майл гӯш фаро медоданд, ҳатто миллатҳое, ки ҳаргиз ӯро надида буданд ва медонистанд, ки ҳеҷ гоҳ ӯро нахоҳанд дид… Ба василаи қудрати номаш қаламравашро чунон густурд, ки ҳама аз ӯ бим доштанд ва ҳеч кас бар зидди ӯ қиём намекард, баръакс, ҳамаи онҳо алоқаманд буданд, ки баробари майлаш амал кунанд, моил буданд, ки фармонбардори хостҳои ӯ бошанд».

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28-уми декабри с. 2024. – Душанбе, 2025. – С. 17.
[2] Назриев, Д. Маншури ҳуқуқи башари Куруши Кабир / Д. Назриев // Сиёсати хориҷӣ. – 2012. – №2. – С. 159-160.
[3] Мавлоно Абдулкаломи Озод. Куруши Кабир - Зулқарнайн. – Душанбе, 2019. – С. 74.
[4] Геродот. История. В 1 кн. / Геродот; Пер. Г.А. Стратановского. – М.: ООО «Издательство АСТ», «Ладомир», 1972. – С. 213.

Муаррихи олмонӣ Ҷоҳан Готтфрид Ҳердер (1744-1803) дар асараш бо унвони «Андешаҳо дар бораи фалсафаи таърихи башар» Курушро «фарзанди худоён» хондааст. Ӯ менависад: «Агар таърихи шоҳзодае ба назари шеър бирасад, ҳамон таърихи бонии кишвари ҷаҳонии порсҳо Куруш хоҳад буд. Агар Ксенофонт дар бораи суннатҳои форсҳо, ки бар асоси он Куруш тарбият шуда, ҳақиқатро гуфта бошад, мо олмониҳо бояд ифтихор аз он дошта бошем, ки бо чунин миллате эҳтимолан аз лиҳози қавмӣ хешовандем…»[1].

Файласуфи юнонӣ Арасту (384-322 то м.) Курушро аз зумраи озодкунандагон ва хайрхоҳони миллатҳо медонад. Афлотун (428-348 то м.) дар асараш «Қонунҳо» менависад, ки миллати Эрон таҳти фармонфармоии Куруш аз озодии нисбатан зиёде бархӯрдор буд ва ин озодӣ дар замони Камбуҷия аз байн рафт ва дар аҳди Дориюши I танҳо то андозае бори дигар барқарор шуд. Ба андешаи ӯ Куруш бо майл ба назари машваратии арзандаи дигарон гӯш фаро медод ва «дар он замон бад-ин наҳв порсҳо ҳамагӣ дар хушбахтӣ шукуфон мешуданд ва ин ҳама ба хотири озодӣ, ягонагӣ ва тафоҳуми ҳамбаста ва барномадори онҳо буд».

Ҳамин тавр, дар китобҳои муқаддаси динӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, инчунини ривояту достонҳои халқҳо ва замонҳои мухталиф ӯ фарди муассир, мусбат, некандеш, ростгуфтор ва дурусткирдор арзёбӣ мешавад ва дар таърихи ҷаҳон чун намунаи подшоҳи одил ва мудири мудаббир шинохта шуда аст. Махсусан бояд таъкид кард, ки дар бораи Куруш дар сарчашмаҳои қадимаи форсӣ хеле кам навиштаанд ва ин ҳам бозгӯи бузургии ӯст, ки намояндагони халқҳои бегона ӯро васф кардаанд.

Шоҳи ҳахоманишӣ худро чунин муаррифӣ кардааст: «Манам Куруш, шоҳи ҷаҳон, шоҳи бузург, шоҳи додгар, шоҳи Бобул, шоҳи Шумер ва Аккад, шоҳи чаҳор гӯшаи ҷаҳон, писари Камбуҷия, шоҳи бузург, шоҳи Аншон, наваҳи Куруш, шоҳи бузург, шоҳи Аншон, набераи Чишпиш, шоҳи бузург, шоҳи Аншон ҳастам». «Ман аз хонадоне ҳастам, ки ҳамеша будаанд ва фармонравоии онҳоро Бал ва Набу гиромӣ дошта ва бо хурсандӣ қалби подшоҳии ӯро хостаанд»[2].

Куруши Кабир дар баробари асос гузоштан ба нахустин империяи бузурги ҷаҳон - ҳахоманишиниҳо ва хусусиятҳои адлгустарӣ, таҳаммулпешагӣ ва инсонпарварона, инчунин дастоварди нодири ӯ дар тӯли таърих «Эъломияи Куруш» ё «Устувонаи Куруш» мебошад. Эъломияи ҳуқуқии ӯ дар таърихи тамаддуни башарӣ яке аз шоҳкориҳои нахустин оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, падидаи комилан нави сиёсию фарҳангӣ, эъломияи башардустона, ки метавон онро яке аз аввалин санади кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон, озодии эътиқод ва интихоби озоди дину мазҳаб ҳисобид, ки аз тамаддуни ориёӣ маншаъ гирифтааст.

Роҷеъ ба пайдоиши Устувонаи Куруш бояд қайд кард, ки дар ҳудуди солҳои 1879-1882 ҳангоми ковишҳои гурӯҳи англисӣ дар шаҳри бостонии Бобули Миёнрудон (Байнаннаҳрайн) дар ҷанубии Ироқи имрӯза бостоншинос Ҳормуз Расам як устувонаи сафолини кучак аз гили пухтаро ёфт, ки ба рӯйи он навиштае аз Куруши Кабир буд. Миёнаи ин сафоли устувонашакл (силиндршакл) ғафстар ва ду тарафи он каме дарун ёзида, 23 сантиметр тул ва 11 сантиметр арз дошта, давродаври он дар ҳудуди 40 хат матне ба забони акадӣ ва мехии бобулӣ ҳаккокӣ шудааст.

Дар аввал муҳаққиқон бар он андеша буданд, ки катибаи ёфтшуда шояд ба яке аз подшоҳони бобулӣ таалуқ дошта бошад, вале бо тарҷумаи матн бо забони англисӣ аз ҷониби таҳқиқгари машҳури фарҳанг ва тамаддуни Ошур – Генри Равлинсон маълум шуд, ки он марбут ба соли 538 пеш аз милод буда, ба дастури подшоҳи ҳахоманишӣ Куруши Кабир баъд аз фатҳи Бобул эҷод шудааст.

Ҳангоми дарёфт намудани устувона, ки шикаста будаасту ҳисса аз он намерасид, матнаш пурра набуд. Хеле баъд маълум гардид, ки як пораи устувонаи маҳфуз дар донишгоҳи Йели (Yale) ИМА ҳамчунин ҳиссаи ҳамин катиба буда, аз сатрҳои 36 то 45 -уми онро дар бар мегирад. Қаблан ин пораро марбут ба Набонид - подшоҳи Бобул медонистанд. Ин қисмат низ ба осорхонаи Лондон ирсол гардида, навиштаҳои он бо лавҳаи аслӣ якҷо карда шуданд ва матни наву нисбатан комили он соли 1975 ба чоп расид.

---

[1] Гердер, И.Г. Идеи к философии истории человечества / Пер. и прим. А.В. Михайлова. – М.: Наука, 1977. – С. 173.

[2] Тарҷумаи катибаҳои Ҳахоманишӣ (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Посоргод, Бесутун, Шуш ба инзимоми Маншури Куруш) / Тадвин ва гирдоварии Муҳсин Зиёӣ (ба забони форсӣ). – Марвдашт: «Фотеҳони роҳи дониш», 1387. – С. 23.

Боиси қайд аст, ки меъёрҳои ин санади бунёдии ҳуқуқӣ «ҳамаи мардумон дар парастиши Худои худ озод бошанд ва бединон таҳти фишор қарор нагиранд»; «касе ҳақ надорад касеро кор фармуда, ба ӯ музд надиҳад»; «ҳар кас озод аст, ҳар динеро, ки майл дорад, баргузинад, ихтиёр дорад дар ҳар чо хоҳад сукунат намояд ва ба ҳар гуна дину мазҳаб, ки муътақид аст, ибодат кунад ва эътиқодоти худро ба чо оварад… танҳо ба шарте, ки ҳаққи касеро поймол накунад ва зиёне ба ҳуқуқи дигарон ворид насозад»; «вичдони инсони ҳозира қобили пазириш нест, ки дар назди чашми ҳамагон инсонҳо аз гуруснагӣ мемиранд ва ё аз надоштани маводи зист даст ба худкушӣ мезананд»[1]; ҳар кас посухгӯйи аъмоли худ мебошад аз чумлаи он арзишҳои инсонгароёнае мебошанд, ки дар низоми риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чойи созгорро ишғол менамоянд.

Бештар аз ин, Эъломияи Куруш ҳосили тафаккури арзишмандест, ки мутаасифона, пас аз сари ӯ низ олами тираро дигар накард ва қатли ом кардану калламанораҳо сохтани аксари кишваркушоён усули асосии пешрафти онҳо буд. Аз ин хотир, чои Эъломияи Куруш то таъсис ёфтан ва сари кор омадани Созмони Милали Муттаҳид холӣ буд. Ба андешаи мутахассисон ҳатто он Эломияи ҳуқуқи башар, ки қаблан тавассути инқилобиюни фаронсавӣ дар аввалин маҷмаи миллии Фаронса қабул гардид, дар навъи худ - дар робита бо баён ва сохтор бисёр қобили таваҷҷӯҳ аст, аммо Устувонаи Куруш, ки 23 аср қабл аз он содир шуда буд, хеле пурбортар мебошад.

Аз мазмуни Эъломия бармеояд, ки он баъд аз гузаштани фосилае аз Бобулро таҳти итоати худ даровардани Куруш сабт ёфтааст. Далели ин тавсифи давлатдории Куруш ва зикри баъзе корҳоест, ки анҷоми онҳо як фосилаи вақтро талаб мекард. Агар Куруш дар соли 539 то м. ба Бобул ворид шуда бошад, аз воқеият дур нест, ки катиба пас аз як соли ин воқеа иншо гардидааст. Чигунагии фатҳ шудани Бобул аз чониби Куруш дар сарчашмаҳои юнонӣ, қабл аз ҳама «Таърих»-и Ҳеродот[2] ва «Киропедия»-и Ксенофонт[3] ба таври дигар инъикос ёфтааст, вале ин чо мақсад баррасии сарчашмаест, ки аз ширкатдорони он воқеа ба мерос монда, аз ҳама чиҳат арзиши бештаре дорад.

Назаре ба мазмуну мундариҷаи эъломияи Куруш. Матни катиба бо назардошти иншокунандагони он аз ду қисм иборат аст. Қисми якуми он, ки 19 банди аввалро дар бар мегирад, шояд аз тарафи мӯъбадон ё бузургони Бобул тартиб дода шуда бошад. Дар ин қисм вазъияти Бобул дар замони Набонид шарҳ ёфта, омадани Куруш чун хости худои Мардук, инчунин олиҳимматию адолатпарварии шоҳи ҳахоманишӣ маънидод шудааст.

Қисми дуюми катиба, ки бандҳои боқимондаи онро аз 20 то 45-ум дар бар гирифтааст, аз забони Куруш навишта шудааст. Куруш дар оғоз худро муаррифӣ намуда, сипас ҳолати ба Бобул ворид шудан ва муносибаташро нисбати мардуми шаҳр ва расму оини онҳо, корҳои кардааш дар бахши ободонии кишвар инъикос намудааст[4].

Ҳамин тавр, дар Эъломияи Куруши Кабир ҳатто аз нигоҳи имрӯз муҳимтарин масъалаҳое, ки барои зиндагии шоиста ва озодонаи инсонҳо заруранд, инъикоси худро ёфтаанд. Вале бояд гуфт, ки дар ин Эъломия на ҳама тадбирҳое инъикос ёфтаанд, ки он вақт Куруш дар Бобул анҷом дода буд. Масалан, иқдомҳое, ки нисбат ба яҳудиён сурат гирифтанд, озод кардани онҳо, баргардондани зарфҳое, ки аз ниёишгоҳҳои онҳо мусодира шуда буданд, ба Байтулмуқаддас баргардондани яҳудиён ва дар бораи аз нав бунёд кардани маъбадашон дар ин шаҳр фармон содир кардан - аз чумлаи ин иқдомҳои башардӯстонаи Куруш мебошанд, ки дар Таврот ва дигар сарчашмаҳо инъикос ёфтаанд. Бо чунин иқдомоти худ Куруш аз шоҳони ошурию халдеӣ фарқ мекард[5].

Беҳуда нест, ки дар соли 1971 Созмони Миллали Муттаҳид «Устувонаи Куруш»-ро ба унвони «Нахустин эъломияи ҳуқуқи башар» эътироф намуда, тарчумаи онро ба тамоми забонҳои расмии созмон мунташир сохт. Аз чониби олими шинохтаи тоҷик Парвонахон Ҷамшедов матни катиба бо забони тоҷикӣ тарчума шудааст. Нусхаи Эъломия дар қароргоҳи

[1] Мӯсоев, А. Санаде, ки аз эъломияи Куруши Кабир замина мегирад / «Садои мардум». – 2013. – №155 (3140). – 10 декабр.
[2] Геродот. История. В 9 кн. / Геродот; Пер. Г.А. Стратановского. – М.: ООО «Издательство АСТ», «Ладомир», 2002. – 752 с
[3] Ксенофонт. Сократические сочинения. Киропедия / Ксенофонт. - М.: ООО «Издательство АСТ», «Ладомир», 2003. – 757 с.
[4] Назриев, Д. Маншури ҳуқуқи башари Куруши Кабир / Д. Назриев // Сиёсати хориҷӣ. – 2012. – № 2. – С. 165.
[5] Косидовский, З. Библейские сказания; Сказания евангелистов / Пер. с пол. – М.: Политиздат, 1990. – С. 164.

СММ дар шаҳри Ню-Йорк нигаҳдорӣ мешавад ва асли он ҳоло дар Осорхонаи Британия, воқеъ дар Лондон маҳфуз аст.

Ба андешаи Н.У. Ғаффорӣ «Хусусан, се арзиши демократӣ, ки аз ин нигошта (дар назар аст Устувонаи Куруш) мушаххас мегарданд: озодии дину мазҳаб, озодии интихоби ҷойи зист ва поймол накардани ҳуқуқи каси дигар дар таҳияи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки 10-уми декабри соли 1948 қабул шудааст, ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва роҳнамои ҳуқуқӣ нақши мондагор гузоштанд»[1].

Бояд тазаккур дод, ки Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир қутбнамои маънавӣ, сарчашма ва раҳнамои фарҳанги маънавии миллӣ ва умумибашарӣ, инъикоси ғояҳои демократияи аҷдодӣ, ваҳдати маънавӣ - пояи сулҳи шаҳрвандӣ, тинҷиву оромӣ ва шукуфоии кишварамон мебошад.

Ҳуқуқҳое, ки анқариб 2550 сол қабл дар Эъломияи Куруши Кабир дарҷ гардида буд, имрӯз ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ва бунёдии ҳуқуқи инсон ба ҳисоб рафта, қисми асосии меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ташкил медиҳанд ва тавассути ин санадҳо меъёрҳои Эъломияи мазкур вориди қонунҳои дохилидавлатии мамлакатҳои мухталифи олам гаштаанд.

Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар китоби пуразиши худ «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» чунин қайд кардааст: «Шояд дар таърихи аҳди қадим ин эъломияи нахустин иқдомест сӯйи ҷомеаи дунявию адолатпарвар, ки дертар тавассути равшанфикрони Юнону Рим ба Аврупо роҳ ёфта, заминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва башардӯстонаро падид овард»[2].

Бояд қайд намуд, ки шинохти воқеии яке аз бузургтарин чеҳраҳои таърихи куҳани тоҷикон Куруши Кабир аз ҷониби ворисони ӯ дар даврони соҳибистиқлолӣ зери андешаҳои миллатдӯстонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуҷуд омад. Дар ин самт худи Пешвои миллат аввалин шуда дар асарҳои таърихии хеш, аз ҷумла: «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Чеҳраҳои мондагор» ва дигар суханронию баромадҳояшон нақши ин абармарди таърихро дар густариши ободию озодӣ дар қатори дигар фарзандони барӯманди халқи тоҷик баланд арзёбӣ намуданд [2, С. 214].

Илова бар ин, яке аз вижагиҳои хоси Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2024, ин тақвияти ҳамкории зич бо созмони махсусгардонидашудаи СММ дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад.

Дар паём дарҷ гардидааст, ки «Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ медиҳад. Моро зарур аст, ки ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати худ ва муаррифии боз ҳам бештари онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем»[3].

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазоратҳои дахлдори ҷумҳурӣ супориш доданд, ки маводи заруриро вобаста ба таҷлили 2550 – солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд. Аз мазмун ва моҳияти нуқтаи зикршудаи паём бармеояд, ки мо бояд нобиғаҳои миллати худро шиносем, гиромӣ дорем ва нисбат ба онҳо арҷгузорӣ намоем.

Ин ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавонад таваҷҷуҳи тамоми ҷомеаи ҷаҳонро ба миллати бунёнсози аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар ва фарзанди барӯманди он - Куруши Кабир, ба таъриху фарҳанги ғанӣ ва санадҳои муҳимми таърихии он ҷалб намуда, ҳамчун василаи эҳтиром, эътироф ва риояи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намояд.

Хулоса, башарият дар дарозои таърих арзиши аслии эъломияи мазкурро эҳсос намуда, тӯли асрҳо меъёрҳои онро ба сифати манбаъ мавриди истифода қарор додааст. Эъломияи

---

[1] Ғаффорӣ, Н.У. Инъикоси мақому манзалати Куруши Кабир дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ / Н.У. Ғаффорӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ: Бахши Таърих ва археология. – 2019. – №4 (81). – С. 212.

[2] Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 117.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28-уми декабри с. 2024. – Душанбе, 2025. – С. 25-26.

Куруши Кабир бори дигар собит намуд, ки меҳвари асосии ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътирофи ҳуқуқҳои фитрӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо ба тамоми инсонҳо мансуб буда, дахлнопазирии онҳо ва риояи баробарҳуқуқӣ - асоси озодӣ ва пойдории адолат дар ҷомеа аст.

ЭВОЛЮЦИЯ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ РОССИИ И ТАДЖИКИСТАНА

ТАҲАВВУЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН

ОДИНАЗОДА ИСФАНДИЁР АХМАД
докторант кафедры уголовного процесса Кубанского государственного университета Российской Федерации, кандидат юридических наук, полковник милиции
e-mail: diyor-13@mail.ru

Использование результатов оперативно-розыскной деятельности (далее – ОРД) в уголовном судопроизводстве представляет собой устойчивый правовой институт. Эволюция его нормативного оформления напрямую отражает логику развития уголовной юстиции, как в России, так и в Республике Таджикистан. Проведение историко-правового анализа позволяет выявить закономерности становления правовых форм допустимости и доказательственного значения результатов ОРД, а также выработать общую периодизацию этого процесса в двух юрисдикциях.

Правовые основы розыскной деятельности на территории современного Таджикистана восходят к периоду становления ранних форм политической организации социальной жизни населения. В этот период функции надзора, наблюдения и обеспечения внутреннего порядка осуществлялись в рамках обычаев (адата), а также норм раннего религиозного права, прежде всего коранического происхождения. Еще в догосударственный и протогосударственный периоды общественные институты, такие, как родовые старейшины и вожди племен, применяли формы неформального наблюдения, устных допросов и контроль над поведением членов общины. На Руси розыскная деятельность осуществлялась преимущественно в рамках обычного права, где не существовало процессуального разделения между следствием и сыском[1].

С возникновением централизованных форм управления на территории современного Таджикистана (Ахеменидская, Сасанидская и затем Саманидская государственные системы) начинает формироваться специализированный аппарат внутреннего контроля. В IX–X веках при дворе Саманидов функционировали диваны – административные органы, наделенные полномочиями сбора сведений о подданных, в функции которых, как указывает Ф.М. Косимов, «входил надзор за нравственностью населения, посещением им мечетей и соблюдением религиозных обрядов»[2]. Особенности нормативного регулирования в этот период определялись сочетанием шариатских установлений, указов эмиров и закрепленных в политико-административной практике требований к розыскной деятельности. Хотя нормы права того времени не предусматривали категориального разграничения между гласными и негласными действиями, по своей природе диваны выполняли именно оперативно-розыскные функции.

В правовой системе Таджикистана времен исламского Средневековья вопросы допустимости сведений, полученных в результате негласной деятельности, решались преимущественно на основе шариата. В центре внимания исламской юридической мысли стоял запрет на оговор, ложные доносы и сбор информации тайным образом без разрешения, за исключением случаев, когда это было направлено на защиту общественного порядка и

[1] Косимов, Ф.М. Становление и развитие оперативно-розыскной деятельности в Таджикистане (историко-правовое исследование): дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ф.М. Косимов. - Душанбе, 2016. – С. 25.
[2] Косимов, Ф.М. Оперативно-розыскная деятельность - сущность, содержание и периодизация, совершенствование и развитие в истории Таджикистана (некоторые историко-правовые фрагменты) / Ф.М. Косимов // Правовое поле современной экономики. - 2016. - № 3. - С. 186.

религиозной нравственности. В то же время практика исполнения власти демонстрировала наличие параллельной системы административно-полицейского сыска, в рамках которой использовались агенты, доносчики, «распознаватели» (мухбири), сведения от которых нередко становились основанием для начала судебного разбирательства.

В России в эпоху централизованного государства функции розыска концентрировались в Разбойном приказе, которому предоставлялось право на использование тайных подсыльщиков. Позднее, при Петре I, была создана Розыскная канцелярия, ставшая прообразом органов негласного наблюдения. Право, регулирующее подобную деятельность, оставалось казуистическим и не кодифицировалось в единую нормативную систему. Сведения, полученные вне официальных дознаний, не имели презумпции доказательности, однако на практике учитывались при формировании воли судебного органа. Эта латентная нормативность создавала своеобразную модель: оперативная информация не имела самостоятельного процессуального статуса, но могла оказать влияние на ход дела.

На фоне указанных традиционных механизмов становление правового регулирования оперативной деятельности в Российской империи к концу XIX века происходило в ином правовом контексте – формирующегося кодифицированного уголовно-процессуального законодательства. Устав уголовного судопроизводства 1864 года закрепил систему гласного и состязательного процесса, однако полностью исключил результаты негласной розыскной деятельности из сферы допустимых доказательств. Тем не менее, последующее развитие нормативной базы демонстрирует попытки правового признания таких сведений как фактического материала.

В Положении о районных охранных отделениях 1906 года было прямо указано на необходимость документирования сведений, полученных до возбуждения уголовного дела, для последующего использования следственными органами[1]. При этом сами охранные отделения функционировали на основе ведомственных циркуляров и инструкций, допускавших широкое применение негласных методов – наблюдения, вербовки осведомителей, чтения переписки. В результате в императорской правовой системе начала XX века происходил сдвиг от абсолютной изоляции оперативной информации в сторону ее институционального опосредования.

Во второй половине 1920-х годов советское уголовно-процессуальное законодательство впервые формализовало возможность применения негласных методов сбора информации – оперативно-розыскных мероприятий – в связи с расследованием преступлений. В частности, статья 93 УПК РСФСР 1923 года предусматривала право органов дознания и милиции осуществлять проверку анонимных заявлений и донесений о преступлениях[2]. Законодатель четко обозначал границы ее применения: результаты оперативной деятельности могли служить лишь поводом к возбуждению дела, но не выступали в роли допустимых доказательств. Эта двойственность регулирования сохранялась вплоть до конца советского периода. Парадоксально, но в условиях стремительной институционализации милиции, прокуратуры и следственного аппарата правовой статус собранной ими информации так и не был однозначно определен[3].

Для Таджикской ССР данная модель была воспроизведена с определенными организационными оговорками, отражавшими специфику республиканского правоприменения. Оперативные подразделения органов внутренних дел и Комитета государственной безопасности активно использовали средства негласного контроля, включая агентурную сеть, прослушивание телефонных переговоров, визуальное наблюдение, внедрение сотрудников в целевые группы. Тем не менее, правовая регламентация этих действий сохраняла ведомственный, закрытый характер: приказы, инструкции и служебные методические рекомендации МВД и КГБ не имели статуса закона, не были общедоступны и не создавали гарантии для проверки их законности со стороны прокурора или суда.

Даже в случаях, когда результаты ОРМ имели решающее значение для обнаружения преступления или подозреваемого, включение этих данных в материалы уголовного дела

[1] Положение о районных охранных отделениях (1906 г.) // Полицейская деятельность в России: история и документы / сост., вступ. ст. и примеч. А.Н. Боханова. - М.: Наука, 1994. - С. 274–278.
[2] Постановление ВЦИК «Об утверждении Уголовно-Процессуального Кодекса Р.С.Ф.С.Р.» от 15 февраля 1923 (вместе с «Уголовно-Процессуальным Кодексом Р.С.Ф.С.Р.») // Известия ВЦИК. № 37. 18.02.1923.
[3] Маджидзада, Д.З., Косимов, Ф.М. История становления и развития оперативно - розыскной деятельности в Таджикистане / Д.З. Маджидзода, Ф.М. Косимов // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. - 2015. - № 2. - С. 82.

производилось косвенно – через составленные оперативником справки, показания понятых или дублирующие следственные действия. В результате в советский период был выстроен режим фактического, но не формального использования результатов ОРД – юридически они оставались за пределами допустимого доказательственного материала, несмотря на их реальную значимость для всего процесса расследования. Постсоветский этап правового регулирования использования результатов ОРД в уголовном судопроизводстве ознаменовался переходом от ведомственно ориентированного подхода к формализованной правовой модели, когда она, как указывает Р.Х. Рахимзода, «вышла из секретных ведомственных рамок спецслужб, органов внутренних дел»[1].

В Российской Федерации ключевым моментом стал Федеральный закон от 12 августа 1995 года № 144-ФЗ «Об оперативно-розыскной деятельности», который впервые на уровне закона закрепил как цели, задачи и формы ОРД, так и порядок предоставления ее результатов органам предварительного расследования и суда[2].

Одновременно с этим положения уголовно-процессуального закона включили ряд норм, регламентирующих допустимость доказательств, полученных в рамках ОРД, при условии их последующего процессуального закрепления. Эта конструкция создала гибридный режим: результаты ОРД не являлись доказательствами per se, но могли трансформироваться в них при наличии последующего процессуального оформления, например, в форме протокола допроса агента или следственного осмотра. В Республике Таджикистан аналогичная трансформация законодательства происходила поэтапно, с принятием в 1998 году первого закона «Об оперативно-розыскной деятельности», который стал основой нормативной регламентации полномочий оперативных подразделений. Существенным рубежом стало принятие нового закона в 2011 году[3], который пришел на смену акту 1998 года и «более четко разъяснил специализации ОРД»[4].

В отличие от предыдущего, новый закон более четко очертил круг субъектов ОРД, ввел механизмы контроля над ее проведением и предусмотрел возможность использования полученных результатов в уголовном процессе при условии соблюдения законных процедур. В этом проявляется нормативная дивергенция: российская модель ориентирована на детальное процессуальное «переподтверждение» негласных сведений, тогда как таджикская допускает их использование в рамках более гибкой правовой конструкции. Предлагаемая авторская периодизация истории правового регулирования использования результатов ОРД в уголовном судопроизводстве России и Таджикистана включает пять этапов, отражающих ключевые трансформации в понимании и нормативном закреплении этого института.

Первый этап – доправовой (до IX века) – характеризуется существованием неформализованных форм розыска, основанных на обычае и власти вождей.

Второй этап – религиозно-административный (IX–XVIII века) – включает в себя становление института негласного сбора информации в структурах раннегосударственной власти (диваны, Разбойный приказ) при опоре на шариат и церковно-правовые предписания.

Третий этап – нормативно-фрагментарный (XIX – начало XX века) – связан с попытками правового осмысления розыскной функции, при одновременном исключении ее результатов из процессуального поля.

Четвертый этап – институционально-внепроцессуальный (советский период) – представляет собой период активного развития оперативных методов без законодательного признания их доказательственного значения.

Пятый этап – процессуализация результатов ОРД (с начала 1990-х годов) – характеризуется формированием правовых механизмов интеграции оперативной информации в уголовное судопроизводство при одновременном развитии процессуальных гарантий ее допустимости.

В результате проведенного нами исследования можно сделать вывод, что эволюция правового регулирования использования результатов ОРД в уголовном судопроизводстве России

Аз таърихи инкишофи оила маълум мешавад, ки Осиёи Миёна низ яке аз қадимтарин кишварҳоест, ки дар сарзамини он ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Инкишофи маданият дар ин сарзамин таърихи чандинҳазорсоларо дар бар мегирад. Дар арафаи истилои арабҳо ва ҷорӣ гардидани дини ислом дар Осиёи Миёна мардумони ин кишвар, ки асосан тоҷикон буданд, ҷомеаи феодалиро аз сар мегузарониданд.

Дар мамлакатҳои Шарқ, ки аксар таҳти таълимоти дини зардушт ва баъдтар таълимоти дини ислом ва қисмати каме таҳти таъсири таълимоти дини буддоӣқарор доштанд, рушди муносибатҳои оила ва никоҳ ба таври дигар сурат гирифта, аз сатҳи рушди муносибатҳои оила ва никоҳи мамлакатҳои Ғарб ба куллӣ фарқ мекард[4]. Таврe ки баъзе муҳаққиқони ҳуқуқи оила зикр менамоянд, дар масъалаи танзими ҳуқуқи молумулкии оила дар Шарқи қадим нисбат ба Ғарб пешравиҳо мушоҳида мегардиданд[5].

Баъди ғалабаи Инқилоби октябр муносибатҳои оилавӣ ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гаштанд. То ин давра дар муносибатҳои оилавӣҳокимияти падар ва шавҳар қавӣ буд, аммо баъдан ин муносибатҳо хусусияти дунявӣ касб намуда, он ба меҳру муҳаббат, садоқату вафодории ҳамсарон асос ёфта, дар ин муносибатҳо баробарӣ ва комилҳуқуқии онҳо таъмин гашт. Тадриҷан санадҳои меъёриҳуқуқие қабул гаштанд, ки мавқеъи меъёрҳои диниро дар муносибатҳои оилавӣ танг намуда, аз байн бурданд. Дар ин давра санадҳои меъёри ҳуқуқӣ аз ҷумла, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КО ҶТ) қабул гашт, ки мутобиқи қ.

[1] Махмудов, М.А. Молодая семья и право. – Душанбе, 1990. – С. 2.
[2] Маҳмудзода, М., Худоёрзода, Б. Ҳуқуки оилавии Тоҷикистон. - Душанбе, «Эр-граф», 2015. – С. 12.
[3] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе, Нашриёти муосир, 2020. - С. 33.
[4] Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005; Тоҳиров, Ф., Халиқов, А.Ғ. Шариат ва танзими муносибатҳои никоҳӣ ва оила. – Душанбе: Диловар-ДДМТ,1999.
[5] Маҳмудов, М.А .Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила. -Душанбе: «Эр-граф», 2003. - С. 5.

3-и м.1-и кодекси зикргашта, танҳо он никоҳе эътироф мешавад, ки он дар мақомоти давлатии сабти асноди шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст[1].

Бо ба даст овардани Истиқлолият муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ куллан ранги дигар гирифт, зеро агар дар даврони Шуравӣ ин муносибатҳо пойбанди ақидаи мафкуравӣ бошанд, дар даврони Истиқлолият, ин муносибатҳо аз ақидаи мафкуравӣ озод гашта, ба санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намуда, ва ин санадҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлати моро ташкил мекунад, асос ёфт, ки ин санадҳои зикргашта, дар таъмини ҳифзи муносибатҳои оилавӣҷойи махсусро ишғол намуд. Дар ин даврон муносибатҳои оилавӣ ба ризояти издивоҷкунандагон ва интихоби озодонаи ҳамсар асос ёфт.

Ҳамзамон моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, пешбинӣ намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Инчунин тибқи талаботи м. 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд[2].

Аз ин талаботҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки оила дар ҷамъияти мо ҷойгоҳи махсусро доро буда, он асоси ҷамъият ба шумор рафта, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад ва дар муносибатҳои оилавӣ баробарҳуқуқии зану шавҳар аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гаштааст.

Дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарчашмаи асосии қонунҳо ба ҳисоб рафта, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд, як қатор қонунҳо аз ҷумла, Колекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гашт, ки кодекси мазкур дар ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ нақши назаррасро доро аст. Яке аз масъалаҳои аз қадимулайём доғи рӯз ин бастани никоҳ байни хешовандони наздик ба шумор меравад, ки ин никоҳ пайомадҳои нохуберо доро гашт. Чунончи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардаанд: «Дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик низ зиёд шуда, боиси таваллуди кудакони маъюб гардида истодааст. Имрӯз дар қаламрави кишвар қариб 13 ҳазор нафар кӯдакону наврасони маъюби то 18 сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд. Бештари ин кудакони маъюби модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ инчунин аз волидайни гирифтори нашъамандӣ ба дунё омадаанд[3].

Бо мақсади пешири ин пайомадҳои нохуш вобаста ба никоҳи хешу таборӣ ва солимии генафонди миллат ба Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуд. Мутобиқи моддаи 14-и КО Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани ақди никоҳ байни хешу таброни наздик манъ карда шуд.

Боиси қайд аст, ки дар Кодекси зикргашта, бори аввал институти аҳдномаи никоҳ пешбинӣ гашт, ки он ҳуқук ва ӯҳдадориҳои молу мулкии зану шавҳарро дар давраи заношӯи ва дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд. Бояд тазаккур дод, ки дар КО ҶТ синни никоҳӣ муқарар карда шудааст. Мувофиқи талаботи қисми 1-и м.13-и ин кодекс синни никоҳӣ аз ҳаждаҳсолагӣ муқарар карда мешавад[4]. Мақсади муқаррар намудани синни никоҳӣ дар КО ҶТ ин пеш аз ҳама аз ҷиҳати руҳию равонӣ, физиологӣ омода шудани ҷавонон ба оиладорӣ ва пешгирии пош хурдани оилаҳо ба шумор меравад. Таҳқиқоти мазкур собит сохт, ки оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ -ҳуқуқӣ аз лаҳзаи пайдоиши худ то ба имрӯз давраҳои гуногунро паси сар намуда, ташаккул ёфтааст.

Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми “оила” иттифоқи шахсоне, ки бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне, ки ба тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст,

---

[1] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри с. 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.01.2024, № 2030, аз 03.01.2024, № 2031.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-уми.январи с. 2015.

[4] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри с. 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.01.2024, № 2030, аз 03.01.2024, № 2031.

хоҷагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешу таборӣ, тарбияи фарзандон, кӯмаки ҳамдигар асос ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Адабиётҳои ҳуқуқӣ ва таърихиро дар самти заминаҳои таърихию ҳуқуқии пайдоиши оила омӯхта, ақидаҳо ва ғояҳои олимонро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадем, ки оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ зинаҳои гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, минбаъд бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки доимо яксон набуда, дар ҳолати тағйирёбӣ қарор доранд, муносибатҳои оиладорӣ институтҳои он дар давраҳои гуногун ташаккул ва рушд намуда, то давраи тамаддун расидааст. Аммо на дар ҳама ҳолатҳо масъалаҳои таҷрибаи таърихӣ-ҳуқуқии ҳуқуқтатбиққунӣ ва баъзе масъалаҳои институтҳои таърихии давлати тоҷикон вобаста ба масъалаҳои оиладорӣ ба инобат гирифта шудаанд. Бинобар ин асосҳо ва бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти соҳавӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Таҳиқоти илмӣ собит сохт, ки аҳдномаи никоҳ дар аҳди Зардуштӣ, ки аз куҳи Муғ дарёфт карда шуда буд, ки дар он на танҳо ҳуқуқҳои молу мулкии ҳамсарон, балки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсии ғайримолумулкии онҳо ба танзим дароварда мешуд. Масалан, дар ин ҳуҷҷат масъалаҳои ҳуқуқ ва ӯҳдадории дӯст доштани якдигар, ҳурмат ва эҳтироми якдигар, гӯш додан ба суханҳои якдигар, ба якдигар содиқ буданд ва ҳоказо ҷой доштанд. Аммо чунин муқаррароҳо дар қонунгузории оилаи мо дида намешаванд. Тибқи талаботи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, аҳдномаи никоҳ танҳо ба ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва уҳдадориҳои зану шавҳар дар давраи заношӯи бахшида шудааст. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки ба КО ҶТ вобаста ба масъалаи мазкур тағйирот ворид карда шуда, дар он танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ҳамсарон пешбинӣ карда шаванд.

2. Дар муқаррароти қ. 2-и м. .40-и КО ҶТ омадааст, ки бастани аҳдномаи никоҳ, ки яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мебошад, ҳатмӣ буда, он бояд то ба қайд гирифтани ақди никоҳ баста шавад. Инчунин қ. 4-и м. 42-и КО ҶТ пешбинӣ менамояд, ки дар аҳдномаи никоҳе, ки яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд мебошад, бояд шартҳои зерин ба таври ҳатмӣ пешбинӣ карда шаванд: муносибатҳои молумулкии тарафҳо; ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо оид ба молу мулк; уҳдадориҳои тарафҳо вобаста ба таъмини фарзандон; бо манзили истиқоматии шахсӣ таъмин намудани ҳамсар ва фарзандон; нигоҳубини ҳамсари корношоями эҳтиёҷманд.

Агар ба ин муқаррарот аз нигоҳи илмӣ назар афканем, пас ба хулоса омадан мумкин аст, ки давлати Тоҷикистон ба шаҳрвандони худ ҳангоми муносибатҳои гуногун бо шаҳрвандони хориҷӣ баъзе бартариятҳоро додааст, ки ин аз як ҷиҳат дуруст мебошад ва чунин уҳдадории давлат аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ бармеояд.

Ба андешаи мо, аз таҳлилҳои таҷрибаи судӣ бармеояд, ки баъд аз вайрон шудани оилаҳо ва бекор шудани ақди никоҳи ҳамсарон зану кӯдакон дар аксари мавридҳо бе таъминоти моддӣ, саробонӣ ва бе хонаю ҷой мемонанд, ки ба тақдири онҳо таъсири манфӣ расонида, дар баъзе ҳолатҳо бошад, бинобар набудани маблағи зарурӣ таъмини ғизо ба ҳаёт ва саломатии онҳо хатар ворид мешавад. Бинобар ин, асосҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуки озодиҳои занон ва кудакони хурдсол ва ноболиғ ва ё ҳамсар ва фарзандони ғайриқобили амал пешниҳод менамоем, ки муқаррароти қ. 4-и м. 42 КО ҶТ паҳн карда шуда, чунин уҳдадориҳо дар аҳдномаи никоҳ хамчун муқаррароҳои ҳатмӣ то бекор кардани ақди никоҳ пешбинӣ карда шуда, бастани аҳдномаи никоҳ дар чунин маврид барои шаҳвандони ҶТ ҳатмӣ пешбинӣ карда шавад ва дар навбати худ ин муқаррарот метавонад боиси мустаҳкам гардидани оилаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

3. Имрӯз дар ҷомеаи мо оилаҳое мавҷуд мебошанд, ки бе ба қайд гирифтани ақди никоҳ дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо пешбурди хоҷагии умумӣ зиндагӣ намуда, аз ин зиндагии якҷоя соҳиби фарзанд гардида, байни онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяне ба миён меоянд, аз ҷумла, аз зиндагии якҷоя онҳо соҳиби фарзанд гардида, масъалаҳои фарзандхонӣ, саробонӣ ва эътирофи аъзои оила ба миён меоянд,инчунин байни онҳо ҳуқукҳои алиментдиҳӣ, ҳуқукҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолу мулки ба вуҷуд омаданашон мумкин аст, ки дар бисёр мавридҳо танзими ҳуқуқии ин масъалаҳо дар қонунгузории Тоҷикистон мадди назар шуданд, ки монеаи он муқаррароти қ. 3-и м.1-и КО ҶТ гардидааст. Мо ҳам тарафдори он ҳастем, ки дар масъалаҳои оиладорӣ, бастан ва бекор кардани ақди никоҳ низоме, ки давлат муайян кардааст, ҷой дошта бошад,

аммо ин асос шуда наметавонад, ки ба муносибатҳои дигаре, ки бе бастани ақди никоҳ дар оила ба вуҷуд меоянд, қонунгузорӣ бе тараф бошад, зеро муносибатҳои оилавии зиёде, ки бе бастани ақди никоҳ ба вуҷуд меоянд, ба тақдири ҳазорҳо одамон таъсири худро мерасонад, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои навро ба вуҷуд меоранд ва ба манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи дигарон низ дахл мекунад.

Илова бар ин, аз мазмун ва мухтавои м. 50-и КО ҶТ бармеояд,ки чунин оилаҳоро давлат эътироф кардааст,зеро мутобиқи талаботи м. 50-и КО ҶТ дар сурати аз волидони никоҳнадошта таваллуд ёфтани кӯдак ва набудани аризаи муштараки волидон ё аризаи падари кӯдак, аслу насаби кӯдак аз шахси мушаххас (падар) дар асоси аризаи яке аз волидон ё васии (парастори) кӯдак, аризаи шасе, ки кӯдак дар таъминоташ мебошад, инчунин ҳангоми ба балоғат расидан дар асоси аризаи худи кӯдак ба тариқи судӣ муқаррар карда мешавад. Зиёда аз ин, ҳангоми муқаррар намудани падарӣ суд зиндагӣ ва пешбурди хоҷагии якҷоя бо модари кӯдак ё тарбияи муштарак ё таъмини кӯдак ё далелҳои дигари боэътимодеро, ки аз ҷониби шахси мушаххас таваллуд шудани кӯдак, далелҳои саҳеҳ тасдиққунандаи аз ҷониби ҷавобгар эътироф гардидани падариро собит месозад, ба назар мегирад. Аммо дар КО ҶТ масъалаи мазкур танзими ҳуқуқии худро наёфтааст, аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар КО ҶТ ҳолати мазкур ба танзим дароварда шавад, зеро таҳти мафҳуми оила иттифоқи шахсоне, ки бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне, ки ба тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст, хоҷагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешу таборӣ, тарбияи фарзандон, кӯмаки ҳамдигар асос ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки ба КО ҶТ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад, ки қисми 3-и моддаи 1-и КО ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

“3. Танҳо он никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст.

Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад, аммо метавонад баъзе аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро байни аъзоёни оила ба вуҷуд орад (муносибатҳои фарзандхонӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои алиментдиҳӣ, муносибатҳои саробонӣ, муносибатҳои меросӣ ва дигар муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолу мулкӣ)».

4. Имрӯз ҷаҳони муосирро бе техникаю технологияҳои тараққикарда тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар ҷомеаи мо низ ҳолати мазкур ҷой дорад, зеро мо ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравем. Имрӯз дар ҷомеа бо роҳи технологияҳои ёрирасони репродуктивӣ бордоркунии сунъӣ, модарии мавридӣ (суррогатное материнство) ба роҳ монда шудааст, ки бо чунин ҳолатҳо оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ -ҳуқуқӣ дар давраҳои таърихии инкишофи худ дучор нагашта буд. Аз ин лиҳоз бо мақсади пешгирии баҳсҳои тулонӣ дар суд, пешниҳод менамоем, ки дар вақти бордоркунии сунъӣ аввал падари кудаки оянда муайян карда шавад. Инчунин ҳангоми модарии мавридӣ низ падару модари биологии насли оянда муайян карда шавад.

Ба модари алоҳида ва падари алоҳида технологияҳои ёрирасони репродуктивӣ бордоркунии сунъӣ, модарии мавридӣ дар қонунгузорӣ манъ карда шавад, зеро падари алоҳида ва модари алоҳидаро оилаи бутун ва солим эътироф карда наметавонем, чи тавре ишора намуда будем, оила ин иттифоқи зану мард аст, дар чунин будани ҳолат оила мазмун ва моҳияти худро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ гум мекунад, кӯдаки ба дунё омада бошад, ба оилаи бутун ва солим ниёз дорад. Бинобар ин, асосҳо пешниҳод менамоем, ки ба КО ҶТ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 52 бо мазмуни зайл илова карда шавад: “Моддаи 52. Ба вуҷуд омадани фарзандон дар натиҷаи истифодаи усулҳои технологияҳои ёрирасони репродуктивӣ

1) Ҳар як зани қобили таваллуди ба балоғатрасида, ба ҳомиладоркунии сунъӣ ва ё кӯчонидани ҷанин ҳуқуқ дорад. Ҳомиладоркунии сунъӣ ва ё кӯчонидани ҷанин ба шаҳрвандоне, ки дар ақди никоҳ мебошанд, танҳо бо розигии тарафайн гузаронида мешавад.

2) **Модарии мавридӣ** Муносибатҳои ҳуқукии байни падару модари эҳтимолӣ (биологӣ) ва зане мебошад, ки дар натиҷаи бордоркунии сунъӣ барои минбаъд тибқи созишнома (шартнома) ба тарафи дигар дар асоси тиҷоратӣ ё ройгон додани фарзанд таваллуд мекунад.

3) Ба вуҷуд омадани фарзандон дар натиҷаи истифодаи усулҳои технологияҳои ёрирасони репродуктивӣ танҳо ба зану марде, ки ҳамчун ҳамсар дар муносибатҳои оилавӣ қарор доранд, иҷозат дода мешавад.

4) Тартиби шарти ҳомиладоркунии сунъӣ ё кӯчонидани ҷанин ва модарии мавридиро қонун муайян мекунад".

2. Ба моддаи 53 қисмҳои 4 ва 5 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

"4. Зане, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бо истифодаи усули бордоркунии сунъӣ ё кучонидани ҷанин ба таври хаттӣ ризоят додааст, ҳуқуқ надорад, ки ҳангоми муқаррар намудани падарӣ ба ин ҳолатҳо истинод намояд.

5. Зане, ки ба кӯчонидани ҷанин ба зани дигар розӣ шудааст, инчунин модарии мавриди ҳукук надоранд, ки ҳангоми баҳс дар бораи модарӣ ва падарӣ баъд аз сабти падару модар дар китоби қайди таваллуд ба ин ҳолатҳо истинод намоянд".

3. Дар қисми 2-и моддаи 91-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораҳои "ва ба зани бешавҳар бо хоҳиши ӯ" хориҷ карда шаванд.

4. Ба моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" қисми 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

"5. Падар ва модари кӯдак ҳангоми модарии мавридӣ дар асноди ҳолати шаҳвандӣ падару модари эҳтимолӣ (биологӣ) сабт карда мешавад".

НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

РОЛЬ ПОСЛАНИЙ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАЗВИТИИ ЮРИДИЧЕСКОЙ НАУКИ

САЙНОЗИМЗОДА ФИРӮЗ САЙНОЗИМ
сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: mr.holov@inbox.ru

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мешавад, яке аз падидаҳои нави даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб ёфта, дар рушду инкишофи самту соҳаҳои мухталифи ҳаёти мамлакат нақши муҳим дорад.

Падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ дошта, аз Конститутсияи кишавар сарчашма мегирад. Чунончи, дар қисми сеюми м. 55-и Конститутсия муқаррар шудааст, ки: «Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд»[1].

Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ аз 26-уми сентябри соли 1999, бахусус ба моддаҳои 55 ва 69-и он рӯйи кор омадааст. 27-уми апрели соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад намуданд[2]. Паёми навбатии Президенти мамлакат, ки 28-уми декабри соли 2024 ироа гардид, 26-умин Паёми Президент ба ҳисоб меравад.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 32.

[2] Насриддинзода, Э.С., Сайнозимзода, Ф.С. Таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.С. Насриддинзода, Ф.С. Сайнозимзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 2 (22). – С. 12.

Таҳлилҳои муқоисавии паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд, ки онҳо аз рӯйи вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву ҳуқуқӣ бо таҳлилҳои воқеии кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо назардошти вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамо масъалагузорӣ карда мешаванд. Инчунин, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили мақсадҳо ва афзалиятҳои стратегии дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ифодаёфта, асос мебошад[1].

Насриддинзода Э.С. бар он назар аст, ки «Пас аз соҳибистиқлолӣ илми ҳуқуқи кишварро рушд намуда, олимон ба тадқиқотҳои илмӣ бештар машғул гардиданд. Роҳи босамари густариши раванди мазкур таълифи садҳо монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, ҳимоя ва чопи рисолаҳои номзадиву докторӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос ба ҳисоб меравад»[2].

Воқеан, дар даврони соҳибистиқлолӣ илми ҳуқуқшиносии кишвар рушд намудааст, ки дар рушди он, аз ҷумла нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» намоён мебошанд.

Дар ин бобат Бобоҷонзода И. дуруст қайд менамояд, ки «паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як воситаи муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ дар эҳёи афкори сиёсӣ ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ нақши муассир доранд. Онҳо ба ҷомеа имконияти беҳтар фаҳмидани арзишҳои миллӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиро дода, заминаи устувор барои рушди мибаъдаи давлат ва ҷомеаи ҳуқуқбунёд фароҳам меоранд»[3].

Академик Фарҳод Раҳимӣ мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор додани Паёми Президенти мамлакатро зарур шуморида, барҳақ иброз менамояд, ки «бояд ин ҳуҷҷати раҳнамо ва тақдирсоз, ки бар мабнои тозатарин нишондодҳои илмию ихтисосӣ, таҳияву коркард шудааст, ба унвони маҳаки муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ мавриди омӯзишу пажуҳиши коршиносон ва ниҳодҳои илмиву пажуҳишии кишвар қарор бигирад»[4].

Ҳоло паёмҳои Президенти кишвар дар илми ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода мешаванд. Масалан, дар натиҷаи пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба паёмҳои Президенти мамлакат монографияҳои банда таҳти унвони «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ»[5], «Аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6] ва «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ»[7] рӯйи чоп омаданд.

Лозим ба зикри хос аст, ки банда 22-юми ноябри соли 2022 дар мавзуи «Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, собиқ Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа ҳоло ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Насриддинзода Э.С. бомуваффақият ҳимоя намуда, тибқи тартиби муқарраргардида бо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мушарраф гардидам. Ин нахустин таҳқиқоти мукаммал дар илми тоҷик, хусусан илми ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбад.

Дар Паёми Президенти кишвар аз 26-уми апрели соли 2013 масъалаи дар таҳрири нав таҳия намудани кодексҳои меҳнат, манзил, граждани ва ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид гардид. Чуноне Сарвари давлат зикр намуданд: «Бо мақсади такмили ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва муқаррар намудани кафолатҳои иловагӣ оид ба ҳифзи

---

[1] Насриддинзода, Э.С. Саҳми Пешвои миллат дар густариши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. – 2022. – 4 август. – № 150 (24 509).
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Бобоҷонзода, И.Ҳ. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳёи афкори сиёсиву фарҳангӣ ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://amit.tj/index.php/tj/nakshi-payomkhoi-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-dar-ekhyoi-afkori-siyosivu-farkhangi-niyogon-va (санаи мурочиат: 06.04.2025).
[4] Раҳимӣ, Ф. Паём. Дурнамои самтҳои нави рушди сиёсати дохилию хориҷӣ // Ҷумҳурият. – 2025. – 26 феврал. – № 44 (25 159).
[5] Сайнозимзода, Ф.С. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 212 с.
[6] Сайнозимзода, Ф.С. Аҳамияти сиёсӣ-ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2020. – 216 с.
[7] Сайнозимзода, Ф.С. Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: монография. – Душанбе: 2024. – 292 с.

меҳнат ва манзил зарурати дар таҳрири нав таҳия ва қабул намудани кодексҳои меҳнат ва манзил ба миён омадааст.

Ҳамчунин, бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои граждани ва ҷиноятиро низ дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд»[1].

Ҳамин тариқ, аз 4 кодекси номбурда, ҳоло 3 кодекс – Кодекси меҳнат дар таҳрир нав қабул ва ҷонибдорӣ шуда, 23-юми июли соли 2016 аз тарафи Президенти кишвар имзо шуд. Кодекси манзил 18-уми марти соли 2022 ва Кодекси граждани зери номи Кодекси маданӣ 24-уми декабри соли 2022 аз ҷониби Президенти мамлакат имзо гардиданд. Лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав таҳия гардида, дар баррасии Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва то ҳол барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод нашудааст.

Ҳамзамон, Сарвари давлат дар Паём аз 26-уми декабри соли 2019 дар хусуси дар таҳрири нав таҳия намудани Кодекси андоз сухан карда, аз ҷумла, таъкид намуданд: «Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад.

Ба Ҳукумат ва парламенти кишвар зарур аст, ки ҳангоми баррасӣ ва такмили қонунгузорӣ, махсусан, зимни таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав ба ин масъалаҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд»[2].

Президенти мамлакат дар Паём аз 26-уми январи соли 2021 ба Вазорати молия супориш ва муҳлат доданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо назардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи марти соли 2021 ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намояд[3].

Дар натиҷа, Кодекси андоз дар таҳрири нав дар муҳлати муқаррарнамудаи Паёми Президенти кишвар таҳия ва аз ҷониби парламент қабулу ҷонибдорӣ шуда, 23-юми декабри соли 2021 аз тарафи Президенти мамлакат ба имзо расид.

Тавре маълум гардид, дар заминаи паёмҳои Президенти кишвар кодексҳои меҳнат, манзил, маданӣ ва андоз дар таҳрири нав қабул гардиданд, ки дар маҷмуъ онҳо ба фанҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиаи маданӣ ва ғайра таъсири мусбат мерасонанд.

Ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои дигари марбут ба он дар меҳвари паёмҳои Президенти мамлакат қарор доранд. Чунончи, Сарвари давлат дар Паём аз 30-юми апрели соли 2007 ба масъалаи ҳуқуқи инсон дахл намуда, бо мақсади пурзӯр намудани фаъолият ва густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мамлакат масъалаи таъсис додани институти миллии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро ба миён гузоштанд ва зарур донистанд, ки барои таъсиси он тадбирҳои ташкиливу ҳуқуқӣ андешида шаванд[4].

Ҳамин тариқ, дар мамлакат дар заминаи Паёми Президенти кишвар ниҳоди мустақили Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд. Мувофиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[5] баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои ин ниҳод мебошад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26-уми апрели с. 2013. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – С. 47.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ш. Душанбе, 26-уми декабри с. 2019. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – С. 6.

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ш. Душанбе, 26-уми январи с. 2021. – Душанбе: Шарқи озод, 2021. – С. 11.

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели с. 2007 // Садои мардум. – 2007. – 1 май. – № 49 (2136).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 20-уми марти с. 2008, № 372 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 3. мод. 191; 2011. № 6. мод.453; 2012. № 4. мод. 261; 2014. № 7. қ.1. мод. 398. 2016. № м 3. мод.134. 2017. № 5. қ.1. мод. 281. 2024. № 5-6. мод.258.

Аз ин лиҳоз, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намуда, ҳуқуқ дорад оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иттилоот паҳн намояд ва оид ба такмили стандартҳои таълимии давлатӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёна, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии касбӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба муассисаҳои таълимии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо ирсол кунад.

Ба андешаи профессор Бобоҷонзода И. «Паёмҳо ба рушди илмҳои замонавии ҳуқуқшиносӣ мусоидат мекунанд, зеро ба мутобиқсозии меъёрҳои анъанавии ҳуқуқӣ ба шароити муосир равона шудаанд. Дар онҳо зарурати ҳамгироии анъанаҳои ҳуқуқии миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ таъкид мегардад, ки ба таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд»[1].

Қобили зикр аст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар меҳвари паёмҳои Президенти мамлакат қарор дорад. Чунончи, Сарвари давлат дар Паём аз 22-юми декарби соли 2016 бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ зарур донистанд, ки вазоратҳои адлия, маориф ва илм, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Академияи миллии илмҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва тамоми мақомоти давлатӣ, корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ густариш диҳанд[2].

Бояд хотирнишон сохт, ки бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ ва бо ташаббуси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2021, №565 тасдиқ гардид.

Дар робита ба тасдиқ гардидани Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва амалисозии Нақшаи чорабинҳои амалигардонии Барнома дар соли 2022 бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми феврали соли 2022, №11 аз ҳисоби намояндагони Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, мудофиа, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шурои ҳамоҳангсози байниидоравӣ таъсис дода шуд[3].

Дар зимн, бо мақсади татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 қарори Шурои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз 21-уми декабри соли 2023, №1 қабул гардида, тибқи он барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки иборат аз 19 барнома мебошанд, тасдиқ гардиданд.

Барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тақвият додани донишҳои касбии кормандони соҳаи маориф, судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, ҷавонон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ равона шудааст[4].

Зимнан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон он дастуру вазифаҳое, ки аз паёмҳои Президенти мамлакат дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон бармеоянд, иҷро менамояд ва маҷмуан дар рушди фанни ҳуқуқи инсон саҳм мегузорад.

---

[1] Бобоҷонзода, И.Ҳ. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳёи афкори сиёсиву фарҳангӣ ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://amit.tj/index.php/tj/nakshi-payomkhoi-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-dar-ekhyoi-afkori-siyosivu-farkhangi-niyogon-va (санаи мурочиат: 06.04.2025).

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22-юми декабри с. 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – С. 33.

[3] Лоиҳаи барномаҳои таълимӣ аз фанни «Ҳуқуқи инсон» / Муҳаррирони масъул У. Бобозода, С. Қодирӣ. – Душанбе, 2024. – С. 4.

[4] Ҳамон ҷо. – С. 3.

Ҳамакнун чи рисолаҳои номзадӣ ва чи рисолаҳои доктории олимону муҳаққиқони самти ҳуқуқшиносиро таҳлилу омӯзиш намоем, маълум мегардад, ки анқариб дар ҳамаи рисолаҳо аз паёмҳои Президенти мамлакат иқтибос оварда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили анҷомпазируфта метавон хулоса бароварда, ки паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ҳамчун падидаи муҳимми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди илми ҳуқуқшиносии кишвар ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамоянд.

СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ҲАМЧУН САМТИ МУСТАҚИЛИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ

ПРАВОТВОРЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА КАК САМОСТОЯТЕЛЬНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ

САФАРБЕКЗОДА ҲУКМИДДИН САФАРБЕК
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: hukmiddin-1981@mail.ru

Сиёсати ҳуққуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, баланд бардоштани сифати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии танзими ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалия буда, ба таҳқиқи он таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо назария ва амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи устувор дорад. Барои ҳамин, дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асарҳои зиёд нашр шудаанд[1].

Яке аз сабабҳои афзоиши таваҷҷуҳи олимон ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки солҳои охир суръати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигари аъзои ИДМ боло рафта, шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд. Дар натиҷа ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад. Илова бар ин, камбудиҳои дигар дар соҳаи мазкур дар иртибот бо суръати баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, аз ҷумла қафомонии ҳуқуқэҷодкунӣ аз суръати баланди пешрафт ва тағйироти ҳаёти ҷомеа ба миён омадаанд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи таъмини танзими самараноки муносибатҳои тағйирёбанда ва нави ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре Поленина С.В. қайд мекунад, дар натиҷаи суръати баланди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла васеъ гардидани доираи субъектони он камбудиҳо дар самти сифати қонунгузорӣ, ба мисли қабули миқдори зиёди қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ихтилофот ва номутобиқатӣ дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасанд[2]. Камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асари Херсонсев А.И. низ таҳлил карда мешаванд[3]. Ба ақидаи олимон яке аз камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки миқдори зиёди қонунҳо ба мақсади ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои

[1] Золотухина, Т.А. Правотворческая политика Российского государства / Т.А. Золотухина // История государства и права. – 2008. – № 15. – С. 13-15; Мазуренко, А.П., Лаврик, А.Ю. Актуальные проблемы формирования института правотворческой политики / Под ред. А.В. Малько. – М., 2009; Малько, А.В. Правотворческая политика как средство предупреждения и устранения ошибок в законодательстве / А.В. Малько // Правотворческие ошибки: понятие, виды, практика и техника устранения в постсоветских государствах: материалы Международного научно-практического круглого стола (29-30 мая 2008 года) / Под ред. В.М. Баранова, И.М. Мицкевича. – М., 2009. – С. 26-41; Поленина, С.В. Правотворческая политика / С.В. Поленина // Российская правовая политика: Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 180-198; Селиванова, Е.С. Понятие и приоритеты российской правотворческой политики / Е.С. Селиванова // Правовая политика и правовая жизнь. – 2006. – № 2. – С. 140-146.

[2] Поленина, С.В. Правотворческие ошибки в свете факторного анализа законодательства / С.В. Поленина // Правотворческие ошибки: понятие, виды, практика и техника устранения в постсоветских государствах: материалы Международного научно-практического круглого стола (29-30 мая 2008 года) / Под ред. В.М. Баранова, И.М. Мицкевича. – М., 2009. – С. 67.

[3] Херсонцев, А.И. Дефекты правотворчества и качество законодательных актов / А.И. Херсонцев // Российский юридический журнал. – 2007. – № 1. – С. 89–90.

амалкунанда қабул мешаванд. Чунин ҳолат дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигари аъзои ИДМ мушоҳида мешавад. Оид ба ҳолати зикршуда дар як қатор давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла дар Федератсияи Россия (минбаъд - ФР) ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул шудаанд[1].

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо он, ки ин сиёсат ҳам қисми таркибии сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳам намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, муайян карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар муқоиса бо намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ аз як тараф бо соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд буда, барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мураккаб буда, аз намудҳои гуногун, ба мисли қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ, ҳуқуқэҷодкунии локалӣ, ҳуқуқэҷодкунии халқ ва дигар иборат аст. Доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ васеъ мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамаи намудҳои ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд буда, ба идоракунии фаъолияти субъектони гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Аз тарафи дигар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳоеро ҳал мекунад, ки аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ берун мебароянд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад, бо сиёсат, ҳаёти сиёсӣ, самтҳои сиёсати давлат, намудҳои сиёсат (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар) робита дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигарро ҳал мекунад.

Ҳолати зикршуда ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди сиёсати ҳуқуқӣ, самти сиёсати давлат, падидаи мустақили сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Ин хусусиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд.

Барои ҳамин, дар илм мафҳумҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун намуди сиёсати ҳуқуқӣ, намуди фаъолияти давлатӣ, намуди фаъолияти ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ (фаъолияти мақомоти давлатӣ ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон), падидаи мустақил ва махсуси ҳаёти сиёсию ҳуқуқӣ шарҳ дода мешавад.

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он муайян карда мешавад, ки он падидаи мураккаби ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи субъектони гуногун амалӣ карда шуда, намудҳои зиёд дорад. Чунончи Матузов А.П. сиёсати қонунэҷодкунӣ ва зерқонунӣ, ҷорӣ ва стратегиро ҷудо мекунад. Ҳамчунин, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии соҳавӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нисбати категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ҷудо карда мешаванд. Дар давлати федеративӣ сиёсати ҳуқуқэҷодкунии федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд. Вобаста ба субъектон таснифи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии вогузоршуда ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки бевоситаи халқ пешниҳод мешавад[2].

Намудҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти асосҳои гуногун ва таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон ҷудо намудан мумкин аст. Чунончи, дар робита бо субъектон сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии парламенти Тоҷикистон, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти марказии ҳокимити иҷроия, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии намояндагӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд.

Намудҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо намудҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба сиёсати қонунэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии халқ (дар раъйпурсӣ), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии локалӣ (дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ (дар ширкатҳои хусусӣ) ҷудо намудан мумкин аст.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва бо дарназардошти соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ (конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар) ба роҳ

[1] Доклад Совета Федерации Федерального Собрания РФ 2007 г. «О состоянии законодательства в Российской Федерации» // [Манбаи электронӣ]: - Реҷаи воридшавӣ: http://council.gov.ru/lawmaking/report/2007/index.html (санаи мурочиат: 31.08.2020).

[2] Мазуренко, А.П. Правотворческая политика: понятие и соотношение со смежными юридическими категориями (опыт научного исследования) / А. П. Мазуренко. – М.: Логос, 2018. – С. 17.

монда мешавад. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии соҳаи қонунгузории конститутсионӣ, маъмурӣ, маданӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, экологӣ, соҳибкорӣ ва дигар ҷудо карда мешаванд.

Тавре маълум мешавад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи муракаб буда, намудҳои гуногун дорад. Аз ин хотир, мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намудан лозим аст. Ин мафҳуми умумӣ аломатҳои асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун падидаи мутсақили ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирад. Мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои ҳамаи намудҳои имконпазири сиёсати мазкурро бояд инъикос намояд.

Пешниҳоди мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ имконпазир мегардад. Мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар асл мафҳуми умуминазариявӣ мебошад ва бо истифода аз дониши илмии умуминазариявӣ, бо дарназардошти мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ пешниҳод мешавад.

Ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши онро дар ҳаёти ҷомеа бояд муайян намуд. Тавре маълум аст, мафҳумҳои ин ё он падидаи ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ (давлат, ҳуқуқ, меъёри ҳуқуқ ва дигар) бо дарназардошти нақши онҳо ва таъиноташон дар ҳаёти воқеӣ пешниҳод карда мешаванд. Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ бояд дар робита бо нақши он дар ҳаёти ҷомеа пешниҳод карда шавад.

Аз он хотир, дар асарҳои илмӣ ба нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Мафҳуми аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мукаммали сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар ҳолати сарфи назар намудани нақши он дар ҳаёти ҷомеа пешниҳод намудан мумкин нест. Дар ин ҳолат мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо ақидаҳои назариявӣ маҳдуд гардида, ҷанбаҳои амалии сиёсати мазкур ба инобат гирифта намешаванд. Нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти имкониятҳои сиёсати мазкур барои таъмини рушди ҷомеа, такмили низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Маҳз дар робита бо нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ як қатор масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ, инкишофи низоми ҳуқуқ, самаранокии танзими ҳуқуқӣ, рушди ҳуқуқ таҳқиқ карда мешаванд.

Чунончи ба ақидаи Поленина С.В., сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади муайян намудани талаботи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, такмили қонунгузорӣ, ворид намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба низоми қонунгузорӣ дар ҳолати роҳ надодан ба ихтилофоти байни онҳо амалӣ карда мешавад[1].

Тавре Тиунова Л.Б. қайд мекунад, низоми қонунгузорӣ бояд ягона ва аниқ бошад, мутобиқати дохилии мартаботӣ ва ҳамоҳангӣ дошта бошад[2].

Ба ақидаи Мазуренко А.П., сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ барои ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ на танҳо барои солҳои наздик, балки барои давраи дарозмуддат мусоидат мекунад, банақшагирии стратегӣ кафолати танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад[3].

Ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тафовути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро мебояд ба инобат гирифт.

1. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қонун танзим мешавад. Ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тибқи муқаррароти меъёрӣ ба роҳ монда мешаванд. Тартиби таҳия, қабул, интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо қонун ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, фаъолияти озоди мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон мебошад, ки мутобиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамаи намудҳои фаъолият, ки дар дар доираи сиёсати мазкур ба роҳ монда мешаванд, бо қонун танзим намешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки доираи номаҳдуди субъектонро на танҳо дар фаъолияти танзимшудаи ҳуқуқэҷодкунӣ. балки соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, ки бо ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд, дар назар дорад. Чунончи, истифодаи воситаҳои ахбори омма, воситаҳои гуногуни ибрози андеша оид ба лоиҳаи қонун (асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ), технологияҳои иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, алоқаи мобилӣ, интернет ва ғайра),

[1] Поленина, С.В. Законотворчество в Российской Федерации / С. В. Поленина; - М.: ИГПАН, 1996. – С. 182.
[2] Тиунова, Л.Б. Системные связи правовой действительности. – СПб., 1991. – С. 55–56.
[3] Мазуренко, А.П. Планирование и прогнозирование как основные методы правотворческой политики / А.П. Мазуренко // Вестник научных трудов Нижнекамского филиала Московского гуманитарно-экономического института. – Казань, 2008. – С. 149-152.

лексияҳо, семинарҳои илмӣ, мизҳои мудаввар ва ғайра бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд.

2. Доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст. Доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қонун аниқ муайян карда мешавад. Чунончи. дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда шудааст. Аммо дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ доираи номаҳдуди субъектон иштирок мекунанд. Сиёсати мазкур бо иштироки мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра), корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектони хоҷагидории хусусӣ, бевосита шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Сиёсати мазкур бо ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Аз ин хотир, иштироки шаҳрвандон дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли амали гардидани ҳуқуқҳои сиёсии онҳо (ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, дар раъйпурсӣ, ташкилу фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) мебошад.

3. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади таҳия, қабул, интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, мақсадҳоеро дорад, ки танҳо бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешаванд. Ин мақсадҳо бо мақсадҳои сиёсати давлат, самтҳои инкишофи ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон робита доранд.

4. Доираи амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ намуди алоҳида ва мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ буда, бо соҳаи мушаххаси ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, бо сиёсат ва падидахои сиёсӣ, ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти илмӣ (муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дониши ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва дигар) робита дорад.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти муташаккилона ва мақсадноки мақомоти давлат, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектони хоҷагидории хусусӣ, бевосита шаҳрвандонро дар назар дорад.

Илова бар ин, хусусиятҳои дигари сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро низ ҳангоми пешниҳоди мафҳуми ин падида мебояд ба инобат гирифт. Чунончи, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба мисли ҳама гуна сиёсат воситаи идоракунии муносибатҳо ва равандҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ воситаи идоракунии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Ҳамин гуна ақидаро Е.С. Селиванова пешниҳод мекунад. Ба ақидаи ӯ «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолият оид ба ташаккул ва идоракунии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад»[1].

Мебояд зикр намуд, ки имконияти идоракунии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо имкониятҳо ва нақши ҳуқуқ ҳамчун воситаи идоракунии равандҳои ҳаёти ҷомеа вобастагӣ дорад. Чунончи, ба ақидаи Лившитс Р.З. «ҳуқуқ воситаи идоракунӣ ва дар ҳаёт амалӣ намудани сиёсат мебошад»[2]. Путило Н.В. ин ҷанбаи мафҳуми ҳуқукро дар робита бо асосҳои қонунии ҳокимияти давлатӣ таҳқиқ мекунад[3].

Имкониятҳои ҳуқуқ ҳамчун воситаи идоракунӣ бо сиёсати ҳуқуқӣ алоқамандӣ доранд. Сиёсати ҳуқуқӣ падидаи ҳам сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ буда, бо сиёсат ва ҳуқуқ робита дорад. Робитаи сиёсати ҳуқуқӣ бо сиёсат имкониятҳои онро ҳамчун воситаи идоракунӣ зиёд мекунанд, чунки сиёсат воситаи муҳимми идораукунии ҷомеа мебошад.

Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон имкониятҳои иштироки субъектони ҷудогонаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ гуногун аст. Чунончи, мақомоти давлатӣ дорои салоҳияти ҳокимиятӣ буда, дар идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бевосита ва фаъолона иштирок мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ идоракунии ҷомеаро дар назар дорад. Ниҳодҳои

[1] Селиванова, Е.С. Понятие и приоритеты российской правотворческой политики / Е.С. Селиванова // Правовая политика и правовая жизнь. – 2006. – № 2. – С. 141.
[2] Лившиц, Р.З. Государство и право в современном обществе (Новые подходы к узловым проблемам теории государства и права) / Р.З. Лившиц // Теория права: новые идеи. – М., 1991. – С. 21.
[3] Путило, Н.В. Правовая политика современного демократического государства / Н.В. Путило // Социология права / Под ред. В.М. Сырых. – М., 2002. – С. 128.

ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бевосита шаҳрвандон чунин салоҳияти ҳокимиятӣ надоранд, вале зимни иштирокашон дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо изҳори иродаи худ ба раванди идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд. Айни замон шаҳрвандон дар як қатор ҳолатҳо, аз ҷумла ҳангоми иштироки бевоситаи шаҳрвандон (халқ) дар қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия, ё зимни қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Дар ин ҳолатҳо иштироки шаҳрвандон дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо мақомоти давлатӣ афзалиятнок аст, чунки ягон мақомоти давлатӣ дар Тоҷикистон салоҳияти қабули Конститутсия, ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он надорад. Илова бар ин, халқ сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буда, ҳангоми иштирок дар қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия ё қабули қонун дар раъйпурсӣ ҳокимияти халқро амалӣ мекунад. Мутобиқи м. 6 Конститутсия халқи Тоҷикистон баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ҳамин модда салоҳияти истисноии халқ оид ба амалӣ намудани ҳокимияти халқ тариқи раъйпурсӣ ё интихоби вакилони халқ кафолат дода мешавад. Илова бар ин, раъйпурсӣ ва интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ эълон карда мешаванд[1].

*Чун он саворро бидид, **истиғоса** намуда гуфт: Чӣ шавад, гар ба корам марҳамате фармоӣ? (Анвори Суҳайлӣ)*

***Истиғоса бурдан** ба касе* - фарёдрасӣ талаб кардан аз касе, ёрӣ хостан аз касе: *Насриддиншоҳ **истиғоса** беш аз пеш ба импиротур бурд (Аҳмади Дониш), **додхоҳӣ** -* тазаллум, адолатталабӣ, аз зулм шикоят кардан

*Бархонд ба расми **додхоҳӣ**,*
Афсонаи хешро камоҳӣ (Абдураҳмони Ҷомӣ)

Уштулум - 1. тундӣ, дағалӣ, дуруштӣ, хушунат; ба уштулум тундхӯёна; дағалона 2. шӯру ғафғо, ҷангу ҷанҷол 3. зӯрӣ, зулм, тааддӣ

1. дуруштӣ, тундӣ
2. ҷанг

*Зи бас дошт бо хор-хор **уштулум**,*
Ба ҳар узв сад нохунаш гашта гум. (Бедил)[7]

Маънои вожаи ***хушунат*** - “дағалӣ, дуруштӣ” дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба чашм мерасад. Дар луғатномаҳои бузурги форсии муосир тавзеҳи он чунин омадааст:

Хушунат - 1. дуруштӣ; зидди нармӣ; хилофи наъумат; 2. ғализат; 3. сахтӣ, тундиву тезӣ; 4. сахтрӯйӣ, хашм, ғазаб[8] (3,591)

Хушунат – истифода аз зӯри физикӣ ё каломӣ ба манзури қарор додани дигарон бар вазъияте бар хилофи майли онҳо аст. ***Хушунат*** – 1. (исм) вазъ ё кайфияти хашин будан; 2. тундӣ, пархош ё сахтгирӣ; ***хушунатомез – (****сифат)* дағалона, дуруштомез, беилтифотона;

Хашин – 1. сифат. дорои сатҳи ноҳамвор, ки тамос бо он пӯстро озор диҳад; 2. дорои вазъ ё кайфияти холӣ аз нармишу меҳрубонӣ; 3. фоқиди латофат ё зарофат;

Хашм – 1. ҳаяҷони ношӣ аз нохушнудии сахт нисбат ба касе ё чизе; 2.намоиши он ҳаяҷон (хашм гирифтан); ғазаб[1];

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, Ҷ.1-2, 2008
[2] Афшор, Ғуломҳусайни Садр. Фарҳангномаи форсӣ (вожагон ва эълом). ҷ.2. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1388. – 1052 с.
[3] Деҳхудо, “Фарҳанги форсӣ”-и Муин; қувват ва қудрат ва тавоноӣ ва ҷуръат: ҷ.27. - С. 543.
[4] Фирдавсӣ, А. Ахтарони адаб. Шоҳнома, Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 2007. – С. 300.
[5] Шакурзода, О. Шарҳи «Гулистон»-и Саъдӣ. – Душанбе, «Адиб», 2014. - 540 с.
[6] Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2008. - 291 с.
[7] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, Ҷ.1-2, 2008.
[8] Деҳхудо. Фарҳанги форсӣ-и Муин; қувват ва қудрат ва тавоноӣ ва ҷуръат: Ҷ.27. - С. 543.

***тааддӣ* – 1.** аз ҳадди худ гузаштан; таҷовуз; 2. *маҷ.* зулм, дароздастӣ, ситамгарӣ;
Фурӯ баст роҳи ***таъаддию ҷавр****,*
Бурун бурд расми татовул зи давр. Хоҷу
озор – 1. ранҷ, азоб, шиканҷа, азийят
Озор беш з-ин гардун бинӣ,
Гар ту ба ҳар баҳона ***биёзорӣ****. Рӯдакӣ*
1. ранҷидагӣ, малоли хотир
Пайкон аз ҷароҳат бадар ояд ва ***озор*** *дар дил бимонад*[2].
2. дард, ғам, андӯҳ, ғусса
Насӯзад дилат бар чунин корҳо,
Бад-ин дару ***темору озорҳо****.*
Абулқосим Фирдавсӣ

Адабиёти беш аз ҳазорсолаи форс-тоҷик ифтихор аз он мекунад, ки ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ шоҳкорҳои барҷастаи адабиеро эҳдо намудааст, ки саршори панду андарз буда, одамияту инсонгароиро дар ниҳоди ҳар шахс тарбия ва шафқату муҳаббатро таблиғ менамояд. Яке аз муҳимтарин асарҳои ҳамосии ҷаҳон “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки на танҳо моҷарои марзӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ, балки муноқишаҳои оилавиро низ таҷассум намудааст. “Махфӣ нест, ки дар асри Фирдавсӣ занро ҳақиру нотавон шуморида, ба ғайр аз ин бадтарин сифатҳои инсониро ба ӯ мансуб донистаанд. Фаъолияти зан намебоист аз доираи хонавода берун барояд, вале Фирдавсӣ чунин образҳоеро офарид, ки тамоми таълимоту мафкураҳои анъанавиро пора карда, андешаҳои аз мард кам набудан ва баъзан афзалият доштани занонро ҳидоят мекунад”[3]

Дарвоқеъ, дар шароити феодалии Шарқ, ки зан аз аксари ҳуқуқу имтиёзҳо маҳрум буд, Фирдавсӣ ба вай чун ба шахсияти мустақил дар кору рафтор ва қодир ба иқдомоти шоиста назар намудааст. Бо таъсири ин руҳия мавқеи иҷтимоии зан дар оила ва хонадон, тасвири зиндагӣ ва ҳолатҳои оиладориву равонии ӯ то андозае сарфи назар карда мешуд. Шоир дар симои зан ва оила яке аз қувваҳои асосӣ-иҷтимоии ҷомеаро, ки ҳамеша ба ҳаракат ва изтироби ҷомеа такон мебахшад, зуҳур намудааст. Ташаккули муносибатҳои дӯстӣ ва ишқу муҳаббат дар «Шоҳнома» на аз рӯйи ғаразҳои таърих ва манфиатҷӯйӣ, балки аз рӯйи дӯстдорӣ ва муҳаббат ба миён меояд. «Шоҳнома» ҳамосаи қаҳрамонист ва ҳар як қаҳрамон ва паҳлавони номдор фарзанди модарест ва дар шароиту оилаи муайян ва муҳити сазовору мувофиқе тарбия гирифтааст. Ин муносибати оилавӣ ба қисмату рафтору кирдори ояндаи ӯ таъсири амиқе боқӣ мегузорад ва Фирдавсӣ ба масъалаи бунёди оила ва фарҳанги оиладорӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад:

Ҷаҳонро физоиш зи ҷуфт офарид,
Ки аз як фузунӣ наёяд падид...
Ҳар он-ч офаридаст, ҷуфт офарид,
Кушода зи рози нуҳуфт офарид.
Ҳамон моми Рӯдобаи моҳрӯй,
Ки Дастон ҳаме ҷон фишонад бар ӯй.
Сазои сутудан ба ҳар анҷуман

Абулқосим Фирдавсӣ мукаррарн аз порсоӣ, покдоманӣ ва солеҳагии занон мисол меоварад ва дар ҳамин радиф гоҳе аз зӯровариву бераҳмиву бадкирдорӣ нисбат ба занҳоро низ баён месозад:

Барошуфту гесӯи ӯро ба даст
Гирифту ба рӯй - андар афканд паст.
Ба хашм - андарун шуд, аз он зан ғамӣ,
Ба хорӣ кашидаш ба рӯи замӣ.
Бияфканд ӯро, ҳам он ҷо бубаст,
Ҳамекӯфт пою ҳамезад ба даст

[1] Афшор, Ғуломҳусайни Садр. Фарҳангномаи форсӣ (вожагон ва эълом). ҷ.2. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1388. – 1052 с.
[2] Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг. 2008. - 291 с.
[3] Гиунашвили, Л. Коротко о женских образах “Шахнаме” / Л. Гиунашвили // Иран-наме. – 2011. - № 2 (18). - С. 163-178.

Ба дасти ҳамин зан, ки кандиш мӯй,
Задӣ бар замину кашидӣ ба рӯй.
Аз он тахт бархост бо хашму ҷанг,
Бад-ӯ андаровехт Судоба чанг.
Пурандеша шуд ҷони Ковуси кай
Зи фарзанду Судобаи шумпай.
Фиристодаро хор карду биронд.
Ҳаме оташи хашму кин барфишонд.
Агар сард гӯям бар ин шӯхчашм,
Биҷӯшад дилаш, гарм гардад зи хашм[1]

Таваҷҷуҳ ба сайри таърихии адабиёти форсу тоҷик бозгӯи ин амр аст, ки андешаҳои пурқимати дар ин асарҳои гаронарзиши форс-тоҷик таҷассумёфта бо беҳтарин ваҷҳ ҷилвахои равшан касб кардааст. Хоса, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ яке аз нодиртарин сарчашмаҳои адабӣ ба шумор меравад, ки дар тарғиби сулҳ ва накӯҳиши ҷанг ғояҳои фаровонеро дар худ ғунҷоиш додааст. Фирдавсӣ ҳамеша талқини афзалияти оштиву сулҳ бар ҷанг мекунад ва ҳамагонро ҳушдор медиҳад, ки бегумон аз ҷангу хушунату зулм оштиву дӯстӣ беҳтар аст.

Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар «Маснавии маънавӣ» борҳо аз зӯровариву хушунат дар оила бо корбасти вожаҳои ***хашм, ситез, тезу тунд, лаҷоҷ, заҷр, фисқ, фасод, муморот, тааддӣ*** (Баҳри фисқе феълу афсун мекунад...; Хашмгин бо зан, ки меҳри ӯст суст) ва монанди инҳо мисол меоварад:

Медавад бедаҳшату густох ӯ,
Хашмгину тунду тезу туршрӯ.
Чашмҳову хашмҳову рашкҳо
Бар сараш резад чу об аз машкҳо.

Роҷеъ ба бадфарҷомӣ ва мазаррату харобиҳои ҷангҳои хонаводагӣ изҳори назар намуда, сазои мукофоти амалро чунин таъкид менамояд:

Хашму шаҳват мардро аҳвал кунад,
З-истиқомат руҳро мубдал кунад.
Раҳми имонӣ аз ӯ бибрида шуд,
Кини шайтонӣ бар ӯ печида шуд.
Коргоҳи хашм гашту кинварӣ,
Кина дон асли залолу кофирӣ.

Ҳатто ба куштор қодир будани мардонро дар ҳолати хашму ғазаб иброз медорад:

Қасди хуни ту кунад то мумкин аст,
Гарчи хушхӯву ҳалиму сокин аст.[2]

Мавриди таваҷҷуҳ аст «Қиссаи аъробии дарвеш ва моҷарои зани ӯ ба сабаби қиллату дарвешӣ» аз “Маснавии маънавӣ”: –Зан дар аввал шавҳари хешро дар дуруст накардани иқтисоди хона сарзаниш мекунад. Аммо шавҳар ҳамсарашро ба сабр даъват карда, дарвеширо аз қисмати хеш медонад. Баъдан, зан маҷбур мешавад, шавҳарашро ваъз гӯяд. Ин маврид Мавлоно аз забони зан оёту аҳодис нақл мекунад, дар он маънӣ, ки таваккал он вақт ҷоиз аст, агар даст ба кор бошад. Мард аз зан маҳзун мешавад ва бар фақирон дар хорӣ нигаристан ӯро таъна мекунад ва мудохала накарданро дар кори Ҳақ баён месозад. Ҳамсар мебинад, ки шавҳар дар хашму иноду ситеза аст (Зан чу дид ӯро, ки тунду тавсан аст...), узр мепурсад ва ӯро тасаллият медиҳад, ки ранҷур сохт. Шавҳар дар ин моҷаро тафаккур мекунад ва ин ҳодисаро низ ишора аз Ҳақ медонад ва роҳи тадбир пеш мегирад:

Боз бар зан ҷоҳилон чира шаванд,
З-он ки эшон тунду бас хира раванд.
Кам бувадшон риққату лутфу видод,
З-он ки ҳайвонист ғолиб бар ниҳод...[1]

[1] Фирдавсӣ, А. Ахтарони адаб. Шоҳнома, Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 2007. – С. 300.
[2] Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. –Теҳрон: Нашри замон, 2001. Ҷ. 4. – С. 198.

Ҳикоят монандӣ дорад ба воқеаи Закариё паёмбар, ки вақте дар фасли дай назди Марями муқаддас хони мевачотро мебинад ва тааҷҷуб мекунаду мепурсад, ки инҳо аз куҷост? Марям мегӯяд: - Худованд ҳар киро хоҳад, беҳисоб ато мекунад. Ин ҳодиса дар замоне рух медиҳад, ки Закариё алайҳиссалом куҳансол буду фарзанд надошт. Паёмбар аз ин хулоса мекунад, ки Худованд бо ман тавассути Марям ҳарф зад. Закариё аз Парвардигор беҳисоб талаб мекунад, то фарзанде ато карда бошад. Дуо иҷобат мешавад. Ин ҷо низ матлаби олист. Маҳз ба шарофати як ҷумлаи Марям (модари Исо алайҳиссалом) набии Худоро асрори тавфиқ ҳосил шуд.

Ҷалолиддини Румӣ ҳини нақли ҳикояти қаблӣ аз дафтари аввал, ки маҳз ба сабаби салоҳияти зан мардро калиди кушоиш ба даст меояд, дар абёти мухталифа зарурати ҳамҷоя зистан ва муҳим будани мувофиқатии зану шавҳарро таъкид мекунад:

Ҷуфт бояд бар мисоли ҳамдигар,
Дар ду ҷуфти кафшу мӯза дарнигар.
Гар яке кафш аз ду танг ояд ба по,
Ҳар ду ҷуфташ кор н-ояд мар туро.
Ҷуфти дар як хурду он дигар бузург?
Ҷуфти шери беша дидӣ ҳеҷ гург?
Рост н-ояд бар шутур ҷуфти ҷувол,
Он яке холиву ин пур мол- мол.

Порсоиву мастурии зан неъматест аз неъматҳои Худованди таъоло. Зан бояд покиза ва меҳрубону дӯстдори шавҳар ва бошарму порсо бошад, ки рукни асоси амну осоиштагӣ дар хонавода маҳсуб меёбад. Гуфтаанд, ки зани пок офияти зиндагонӣ бувад. Ҳақиқат аст, ки салоҳияти зан салоҳияти мард, оила ва ҷомеа мебошад. Шоир муътақид аст, ки ҷангу кашмакашҳо дар оила дар баъзе ҳолат аз бадтинатӣ, табаҳкориву бадахлоқии занон низ ба миён меояд ва он ногузир дар пайомади худ оқибати нохуш ба бор хоҳад овард:

Зани нопорсо шиканҷи дил аст,
Зуд дафъаш бикун, ки ранҷи дил аст…
Зани бадро қалам ба даст мадеҳ,
Дасти худро қалам кунӣ з-он беҳ…
На ба савганд росткор шавад,
На ба паймону аҳд ёр шавад.
То ки бошӣ, кашад дар оғӯшат,
Чун бирафтӣ, кунад фаромӯшат.
Гар ҷаве харҷ созӣ аз молаш
Нараҳӣ, то ки бошӣ аз қолаш.
Зан чу некӯтар аст, ҳеҷ бувад,
З-он ки чун мор печ-печ бувад.

Дар меҳвари андешаҳои суханвар ин ҳикмат қарор дорад, ки ҷангу ҷидол ҳаргиз барои инсоният манфиате надорад. Занони хушахлоқу боиффат ихтилофҳои хонаводагиро бо ахлоқи накӯву шоиста бартараф намоянд. Инсофан, ҷиҳати ҳасаноти занро низ шоир ёд меоварад:

Зани мастур шамъи хона бувад,
Зани шӯх офати замона бувад.
Зани парҳезгори тоатдӯст
Бо ту чун мағз бошад андар пӯст.
Зан кунӣ, доди зан бибояд дод,
Дил дарафтод, тан бибояд дод.
Чунки пайванд шуд, ба нозаш дор,
Бар сари хона сарфарозаш дор.
Ту даройӣ, зи дар саломаш кун,
Ӯ дарояд, ту эҳтиромаш кун.
Соҳиби рахту чиз дор ӯро,

[1] Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ». Дафтари аввал. –Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1392. – С. 1021.

Пеши мардум азиз дор ӯро.
Зан чу дорӣ, марав пайи зани ғайр,
Чун равӣ, дар занат намонад хайр.

Ба масъалаи ҳамсари хешро эҳтиром намудани мард, ки он аз иҷрои яке аз суннатҳои шариат: дасти занро ба даст гирифтани мард рӯзи аввали ақди никоҳ шуруъ мешавад ва ин амал амонатдории эшонро ифода мекунад, чунин омадааст:

Шӯю занро гуфта шуд баҳри мисел,
Ки макун, эй шӯй, занро бад гусел.
Он шаби гирдак, на янго дасти ӯ,
Хуш амонат дод андар дасти ту?
К-он чӣ бо ӯ ту кунӣ, эй мӯътамад,
Аз баду неке Худо бо ту кунад.
Ҳосил, ин ҷо ин фақеҳ аз бехудӣ
На афифӣ мондашу на зоҳидӣ.
Он фақеҳ афтод бар он ҳурзод,
Оташи ӯ андар он пунба фитод[1].

Сабаби носозгорӣ ва бадроҳии занҳоро шоир аз муносибати баду номуносиби шавҳар донистааст. Заминаи таълимоти мазкурро Карими Замонӣ аз ҳадиси набавӣ шуморида, чунин тазаккур медиҳад: «Магар дар шаби зифоф янга дасти наварӯсро ба дасти ту надод ва ба ту нагуфт, ки ман ин амонати худро ба ту супурдам? Мувозибаш бош. Мабодо дар ҳаққи ӯ бадӣ кунӣ. Чунонки он Набии карим (с.) дар вопасин айёми ҳаёти худ дар хутбаи ҳуҷҷатулвидоъ мардонро ба ҳусни сулук ва рафтори писандида бо занон суфориш кард ва фармуд: «Шуморо ба некӣ бо занон суфориш мекунам… чаро ки ононро ба унвони амонати Худо гирифтаед…». Мавлоно низ дар риояти ҳоли занон бисёр ҳассос буд. Чунонки вақте ранҷиш миёни Баҳоуддини Валад ва ҳамсараш рафт, Мавлоно аз арӯси худ ҳимоят кард ва бо калимоте муҳаббатомез дилдориаш дод ва гуфт: «Агар Баҳоуддин дар озори шумо кӯшад, ҳаққо ки дил аз ӯ барканам ва ҳатто саломи ӯро ҷавоб нагӯям ва ӯ ҳақ надорад дар ҷанозаи ман ҳозир шавад». Мавлоно ғолибан хушунатро бар занон менакӯҳад[2].

Лозим ба ёдоварист, ки лафзи янга (шакли дигари вожаи янго) аз забони туркӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шуда ба ду маъно: а) ҳамсари бародар, амак, таға; келин; б) аз хешованди наздики оилаи арӯс, ки шаби тӯй дар ҳавлии домод меистад, ба кор меравад. Дар тарҷумаи русии «Маснавии маънавӣ» (интишори Москва, бо эҳтимоми шарқшиносони маъруф чун Пригарина. Акимушкин, Чалисова...ва дигарон) калимаи янго ба маънои дугона (подружка) тарҷума шудааст:

В ночь брачного чертога разве подружка невесты ее руку Не препоручила в качестве залога твоей руке?[3]

Ҳол он ки дар истилоҳоти маросими тӯйи тоҷикӣ вожаҳои «янга» ва «дугонаи арӯс» як мафҳумро ифода намекунанд.

Маросими духтарбинӣ ва аз ҷиҳати моливу иқтисодӣ таносуб доштани оилаҳои арӯсу домод барои хушбахтии оилавӣ аз унсурҳои муҳими бунёди оилаи солиму устувор дониста шудааст:

Гуфт: «Майлаш хешиву пайвастагист
Хост духтарро бибинад зердаст,
Нек хотунест, Ҳақ донад, ки кист»
Иттифоқан духтар андар мактаб аст.
Боз гуфт: «Ар орд бошад ё субӯс,
Гуфт сӯфӣ: «Мо фақиру зору кам,
Мекунам ӯро ба ҷону дил арӯс»

---

[1] Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ». Дафтари аввал. –Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1392. – С. 1021.
[2] Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. Ҷ. 4. – С. 198.
[3] Руми, Д.М. Маснавийи маънави «Поэма о скрытом смысле». 4-6 дафтары / Пер. с перс. Л.Г. Лахути, Н.И. Пригариной, М.А. Русанова, А.А. Хисматулина, Н.Ю. Чалисовой, О.М. Ястребовой. – М.: Вече, 2013. – С.781.

Қавми хотун молдору мӯҳташам.
Кай бувад ин куфви эшон дар зивоҷ?
Куфв бояд ҳар ду ҷуфт андар никоҳ.
Як дар аз чӯбу даре дигар зи оҷ
В-арна танг ояд намонад иртиёҳ»[1]

Бад-ин тариқ, маснавиҳои ирфонӣ ба ҷуз он ки маонии фалсафиву мазҳабӣ ва равоншиносиро баён медоранд, ҳамчунин одобу одот ва фарҳангу маданияти оилавиро низ мунъакис месозанд. Аз ҷумла, дар «Маснавии маънавӣ» шоир аз ганҷинаи маҷмуи ёфтаҳои ақливу зеҳнии инсонияти то асри худ ва фарҳанги мардумӣ барои ифодаи афкору андеша баҳрамандӣ ҷустааст. Зикри ҷузъиёти фарҳанги хонаводагии мардум баҳри барҷаставу возеҳ ва равшан ифода ёфтани афкору ақоиди фалсафиву ирфонии шоир хизмат кардааст. Маҳз тавассути тамсилот хонанда ба хулосаҳои амиқ ва ҳадафи аслии муаллиф даст меёбад.

Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ бо алтофи беназир ва назокати олӣ гӯё матлаби моро ба равшанӣ ифода мекунад:

Дилором бошад зани некхоҳ,
Валекин зани бад, Худоё паноҳ…
Сафар ид бошад бар он кадхудой,
Ки бонуи зишташ бувад дар сарой.
Дари хуррамӣ бар сарое бубанд,
Ки бонги зан аз вай барояд баланд…
Занеро, ки ҷаҳл асту норостӣ,
Бало бар сари худ, на зан хостӣ…
Бар он банда Ҳақ некӯӣ хостаст,
Ки бо ӯ дилу дасти зан рост аст.
Чу дар рӯи бегона хандид зан,
Дигар мард гӯ, лофи мардӣ мазан…
Зани хуби хуштолеъ ганҷ асту ёр,
Раҳо кун зани зишти носозгор…
Зани хуби фармонбари порсо
Кунад марди дарвешро подшо.
Ҳама рӯз гар ғам хурӣ, ғам мадор,
Чу шаб ғамгусорат бувад дар канор.
Киро хона ободу ҳамхона дӯст,
Худоро ба раҳмат назар кӯи ӯст.
Чу мастур бошад зани хубрӯй,
Ба дидори ӯ дар биҳишт аст шӯй. *(«Бӯстон», боби 7-«Дар олами тарбият»)*

Саъдии Шерозӣ дар “Гулистон” зӯрмандиву зулмро маҳкум намудааст. Ба зӯрмандӣ хештанро маситою иддаои мардонагиву мардӣ як сӯ нех! Касе, ки асири нафси бадфармову фурӯмоя бошад, марди мардон несту бо зани нотавон баробар аст! Агар тавонӣ, ба нӯши маҳаббат даҳоне ширин куну коми диле барор! Чӣ номардиву номардумист, ки ба қаҳр муште бар даҳоне кӯбӣ ё бар касе ҷафое раво дорӣ:

Лофи сарпанҷагию даъвийи мардӣ бигузор.
Оҷизи нафси фурӯмоя, чӣ мардӣ, чӣ занӣ!
Гарат аз даст барояд, даҳане ширин кун*,
Мардӣ он нест, ки муште бизанӣ бар даҳане! [2]

Ҳамин тариқ, шарҳу тавзеҳи мавзуи мазкур худ далел бар он аст, ки ҳанӯз аз даврони куҳани таърихӣ масъалаи зӯровариву хушунат дар осори форс-тоҷик аз ҷойгоҳи хоса бархурдор буда, баҳсу баррасии он ҳанӯз дар “Шоҳнома” сурат гирифтааст. Дар канори ин, мавриди ситоиш қарор гирифтани хушхӯиву хулқи накӯ далел бар он аст, ки аз қадимулайём барои мардуми тоҷик ғояи меҳру раҳму шафқат ва таҳкими суботу оромиш арзиши баланди

[1] Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – Ҷ.4. – С. 198.

[2] Шакурзода, О. Шарҳи «Гулистон»-и Саъдӣ. – Душанбе, «Адиб», 2014. - 540 с.

иҷтимоӣ дошт. Андешаҳои башардӯстонаи осори адабии суханварони моро дар шумори бузургтарин осори адабиёти ҷаҳон шомил мекунанд ва онҳо то имрӯз арзиши баландро доранд. “Маснавии маънавӣ”, “Гулистон” ва “Бӯстон” низ саршор аз панду андарзҳои дилпазир мебошад, ки дар кашфу пайдо намудани роҳи дуруст дар зиндагӣ, дарки зарурати ҳамдигарфаҳмӣ ва нобудии зӯроварӣ ба ҳар фарди ҷомеа мадад мерасонад. Агарчи ин масъала асрҳо инҷониб бозгӯ мегардад, вале паёме, ки бо худ ҳамроҳ дорад, ҳамеша тоза аст. Зеро то вақте ки афкори башар аз масоили дуруст ва нодурусти марбут ба сарнавишти худ ва васоили ҳусули ҳадафҳои олии зиндагӣ дар заҳмат аст, аз ашъори бузургон роҳнамоӣ мехоҳад.

ВАЗЪИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР БАЪЗЕ ДАВЛАТҲОИ МУСУЛМОНӢ*

СИТУАЦИЯ С НАСИЛИЕМ В СЕМЬЕ И ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО О ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ В НЕКОТОРЫХ МУСУЛЬМАНСКИХ СТРАНАХ

ХАЙРУЛЛОЕВ ФАРРУХ САЙФУЛЛОЕВИЧ
дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
e-mail: nigora_farrukh@mail.ru

Бе ягон дудилагӣ баён кардан мумкин аст, ки зӯроварӣ дар оила миллат ва давлат надорад. Аз ин рӯ, дар кишварҳои мусулмонӣ ҳам ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила кам нестанд. Афсӯс, ки маълумоти илмӣ ва оморӣ оид ба вазъи зӯроварӣ дар оила дар давлатҳои мусулмонӣ камёб аст, аммо мо кӯшиш кардем дар доираи таҳқиқоти мазкур тамоми сарчашмаҳои мавҷударо зери таҳлили мухтасар қарор дода, вазъи зӯроварӣ дар оила ва қонунгузории дахлдори давлатҳои мусулмониро ошкор намуда, баъзе натиҷаҳои илмиро ба даст биёрем.

Аксарияти муаллифон ҳангоми баррасии мавзӯи мазкур аз он шуруъ мекунанд, ки ҷаҳони исломӣ гӯё ҷаҳони мардҳо бошад, ки дар он ҳуқуқи занҳо дар ҳар сурат поймол мешаванд ва меъёрҳои ҳуқуқии исломие, ки муносибати байни мардон ва занонро танзим мекунанд, аз давраи пайдоиши дини ислом то ба имрӯз тағйир наёфтааст[1].

Ба андешаи олими маъруфи рус Сюкияйнен Л.Р., ягона сарчашмае, ки ба чунин фаҳмиш нерӯ мебахшад, ҳадис, ки дар он чунин оварда мешавад: «Халқе, ки тақдири анҷоми корҳои худро ба зан вогузоштааст, ҳеҷ вақт пешсаф буда наметавонад», ба ҳисоб меравад[2].

Муаллифони мазкур, пеш аз ҳама, собиқ Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро мисол оварда, қайд мекунанд, ки тибқи Конститутсияи он шариат сарчашмаи асосии ҳуқуқ ба шумор мерафт. Дар асоси шариати ислом нақши роҳбарикунандаи мард дар оила ба таври хос муқаррар мегардид. Аллакай чунин ҳолатро аксари муҳаққиқон ҳамчун мусбӣ ба фоидаи мардон баррасӣ мекунанд.

Дигарон қайд мекунанд, ки «Бе шубҳа, қонун баъзе ҳуқуқҳои занонро кафолат медиҳад, аммо дини номбурда мавқеи занонро дар ҷомеаи афғон муайян намуда, ба мардон итоат кардани онҳоро мефармуд. Ҳатто дар Эъломияи умумиафғонии Шӯрои уламо аз 2-уми марти

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

[1] Петровский, А.В. Внутрисемейная преступность и преступления против женщин в мусульманском мире / А.В. Петровский // Криминология: вчера, сегодня, завтра. - 2013. - № 4 (31), – С. 79-81; Мусульманское право (внутренние и международно-правовые нормы): учебник / Под ред. М.А. Сарсембаева. – Алматы: изд-во Института «Данекер», 1999. – С. 82.

[2] Сюкияйнен, Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий. – М.: ООО «Садра», 2014. – С. 71.

с. 2012 қоидаҳои рафтори занон дар ҷомеа тавре муқаррар шудааст, ки дар бисёр ҷойҳояш ба манфиатҳои мутаасибони динӣ мувофиқат мекунанд»[1].

Ризоӣ Воҳид дар доираи масъалаи баррасишаванда, дар таҳқиқи худ натиҷаҳои пурсиши занҳои афғониро дар соли 2008 оварда, қайд мекунад, ки 92% занҳо дар оилаҳои худ зери лату кӯб қарор доранд ва сабабҳои лату кӯб шудани онҳоро аксарияти ҷомеа асоснок мешуморад ва дастгирӣ мекунанд, масалан, 78% пурсишшавандагон қайд карданд, ки барои бе иҷозати шавҳар аз ҳудуди хона берун баромадан зери лату кӯб қарор дода шудаанд ё 76% занҳо барои баҳс кардан бо шавҳарашон ба лату кӯб аз ҷониби шавҳарашон дучор шудаанд ё 46% занҳоро барои рад кардан дар алоқаи шаҳвонӣ бо шавҳар лату кӯб кардаанд ва ғайра[2].

Петровский А.В. бошад, такя ба маълумоти СММ аз соли 2006, вазъи зӯроварӣ дар оила дар Афғонистонро бо рақамҳои зайл нишон медиҳад: 57 % занҳо бар хилофи синну соли муқарраршудаи никоҳӣ (яъне, 16 сол) ба никоҳи маҷбурӣ бароварда ва танҳо 5% ин гуна никоҳҳо расман ба қайд гирифта мешаванд[3].

Ҳатто дар соли 2012 вазъият дар Афғонистон дар боби масъалаи баррасишаванда тағйир наёфт. Ба қавли Фахрӣ К., мавҷуд будани одатҳои кӯҳна, хурофоти динӣ, вазъи нооромии сиёсӣ ва мушкилоте, ки дар назди давлати собиқа меистод, барои рушди ҷомеа ва ҳалли масъалаи зӯроварӣ дар оила имконият намедод[4].

Гарчанде, ки солҳои пеш аз суқути ҳокимияти собиқа фаъолияти занҳои афғон бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои худ баъзе самараҳои худро дода буд, аммо, ба андешаи мо, ҳалли проблемаи зӯроварӣ дар оила дар ҷомеаи Афғонистони имрӯза, хусусан, бо ғасби ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Ҳаракати Толибон*, боз ба муҳлати номуайян ба таъхир гузошта шуд, зеро ҷомеа ба пурра даст кашидан аз меъёрҳои динӣ ва одатҳои кӯҳна хоҳиши зиёд надорад.

Бояд қайд кард, ки дар гузашта ҳукумати Афғонистон иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймон байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи манъи шаклҳои гуногуни табъизи занон (имзо карда буд, аммо ратификатсия нашуд), Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар ба ҳисоб мерафт, аммо бо забти ҳокимият аз ҷониби намояндагони Ҳаракати Толибон муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалии мазкур татбиқ нашуда истодаанд. Сад афсӯс, таърих дуюмбора такрор шуд.

Вазъиятӣ зӯроварӣ дар оила дар Покистон низ хуб нест. Соли 2019 тибқи омор 2,5% ҷиноятҳое, ки дар давлат содир мешаванд – зӯроварӣ дар оила нисбати занҳоро ташкил мекунанд. Одатан занҳо дар Покистон зери лату кӯб қарор дода мешаванд ё истифода аз кислота ба онҳо зарари ҷисмонӣ расонда мешавад ё ба никоҳи маҷбурӣ дода мешаванд ё ба узвҳои таносули занон зарар оварда мешавад[5].

Тибқи маълумоти расмии СММ, гарчанде ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷавобгариро барои ҳамла намудан ба зан бо истифодаи кислота дар сатҳи қонунгузории миллӣ пурзӯр гардонид, аммо вазъи зӯроварӣ дар оила ҳоло ҳам ниёз ба беҳбудӣ дорад[6]. Яке аз маъмултарин зӯроварие, ки нисбати духтарон содир мешавад, ин никоҳи бармаҳал ва маҷбурии духтарони аз 10 то 14-сола мебошад.

Дар Арабистони Саудӣ, ба қавли доктор Ал-Муниф, то соли 2000 факти дар кишвар мавҷуд будани проблемаи зӯроварӣ дар оила эътироф намешуд. Аз ин рӯ, дар сатҳи ҳукуматӣ

---

[1] Новикова, О.Н. ООН и права женщин в Афганистане / О.Н. Новикова // Актуальные проблемы Европы. – 2015. - № 3. - С. 193.

[2] Резаи, В. Гендерный аспект насилия против женщин в современном Афганистане / В. Резаи // Историческая и социально-образовательная мысль (юридические науки). - 2014. - № 4 (26). - С. 347-349.

[3] Петровский, А.В. Внутрисемейная преступность и преступления против женщин в мусульманском мире / А.В. Петровский // Криминология: вчера, сегодня, завтра. - 2013. - № 4 (31), – С. 80.

[4] Резаи, В. Асари зикршуда. - С. 347.

* Ташкилоти мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ эътироф шудааст.

[5] Больше трети преступлений в Пакистане - домашнее насилие // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://regnum.ru/news/society/2720057.html (санаи мурочиат - 10.11.2020).

[6] Спецдокладчик ООН: в Иране выдают замуж тысячи девочек в возрасте от 10 до 14 лет // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://news.un.org/ru/story/2021/03/1398282 (санаи мурочиат - 07.01.2022).

доир ба масъалаи баррасишаванда ягон чораҳо дар самти қонунгузорӣ низ андешида намешуданд[1].

Аммо аз соли 2004 сар карда, барои ҳалли проблемаи зӯроварӣ дар оила кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуд. Масалан, Ташкилоти миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон созмон дода шуд, ки дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила баъзе салоҳиятҳоро доро мебошад. Соли 2005 бошад занҳои кишвар Барномаи миллии таъмини амният дар оилаҳо таъсис додаанд, ки татбиқи он имкон дод, ки сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба проблемаи зӯроварӣ дар оила баланд бардошта шавад, мутахассисони соҳа тайёр карда шаванд ва муҳим он аст, ки ба занҳо имкон дода шуд, бо мардҳо оид ба ҳуқуқи занҳо ва проблемаи зӯроварӣ дар оила муколамаи дахлдор доир намоянд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар Арабистони Саудӣ проблемаи зӯроварӣ нисбати муҳоҷирон, хусусан занҳо, бениҳоят зиёд мушоҳида мешавад. Занҳои муҳоҷире, ки ба ҳайси хизматгори хона кор мекунанд дар бисёр ҳолатҳо дучори зӯроварӣ дар оила мешаванд ва ин проблема ҳалли худро наёфта истодааст.

Ҳатто ҳукуматҳои баъзе давлатҳо, бахусус, Бангладеш, маҷбур мешаванд, ки дар Арабистони Саудӣ бошишгоҳ барои занҳое, ки аз дасти корфармонони бевиҷдон ҷабр дидаанд, созмон дода истодаанд, ки занҳо муваққат дар онҳо паноҳ гирифта метавонанд. Ҳукуматҳои давлатҳои дигар бошад, ба мисли, Индонезия, Шри-ланка, Филлипин ба шаҳрвандони худ, асосан ба занҳо, сафар бо мақсади муҳоҷирати меҳнатӣ ба Арабистони Саудӣ манъ кардаанд[2].

Зарур ба ёдоварист, ки ҳалли проблемаи зӯроварӣ дар оила дар кишварҳои мусулмонӣ дар аввал, ба андешаи мо, дар сатҳи мафкура бояд сурат гирад. Вақте аҳолии кишварҳои мазкур, хусусан, худи занҳо, фикр мекунанд, ки низоми падаршоҳӣ дар доираи муносибатҳои оилавӣ афзалтар мебошад, ин маънои онро дорад, ки проблемаи баррасишаванда дар наздиктарин вақт ҳалли худро ёфта наметавонад.

Тибқи тадқиқоти равоншиноси рус Ирина Феткулова, 73,3 % занҳои афғон андеша доранд, ки оиларо бояд нигоҳ дошт, гарчанде ки шавҳар занро мавриди лату кӯб қарор диҳад ҳам[3]. Дар чунин вазъият тасаввур кардан душвор аст, ки дар кишварҳои мусулмонӣ дар солҳои оянда дар сатҳи қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила ягон пешравие ба чашм метавонад расад.

Дар ин радиф, профессор Сюкияйнен Л.Р. андеша меронад, ки дар кишварҳои мусулмонӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ на танҳо дар асоси ғояи (идеологияи) ҳуқуқӣ, инчунин, дар асоси психологияи динии оммавӣ сурат мегирад, [4] ки онро бояд дар назар дошт.

Маҳз ҳамин аст, ки кишварҳои мусулмонӣ дар қабул ва татбиқи сиёсати пешгирӣ ва мубориза алайҳи зӯроварӣ дар оила пурра ё қисман тайёр нестанд. Ҳатто дар сатҳи мафкураи оммавӣ дар кишварҳои мусулмонӣ масъалаи мазкур ҳамчун як навъи хатар ба дин баҳо дода мешавад.

Инчунин, аксарияти олимони давлатҳои мусулмонӣ аз он нигарон ҳастанд, ки масъалаҳои ҳуқуқиеро, ки ҷаҳони ғайримусулмон бо талоши зиёд дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ мехоҳад ба мусулмонон «бор» намояд, аз ҷумла, масъалаи зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он, гӯё мақсади аз дини ислом дур кардани аҳолии кишварҳои мусулмонӣ дорад[5].

Зиёда аз ин, чи тавре Жданов Н.В. қайд мекунад, «Дар умум тарзи ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ дар давлатҳои мусулмонӣ аз реҷаи сиёсии ҳукмрон вобастагӣ дорад»[6]. Яъне, дар аксарият ҳолат қабули ин ё он самти сиёсати дохилӣ дар кишварҳои мусулмонӣ аз вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва ғоявии ҷомеа вобастагӣ дорад.

---

[1] Объединенные первоначальный и второй периодический доклады Саудовской Аравии (CEDAW/C/SAU/2; CEDAW/C/SAU/Q/2 и Add.1) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://docstore.ohchr.org/SelfServices/ (санаи мурочиат - 13.11.2020).

[2] Домработницы из Бангладеша, работающие в Саудовской Аравии, возвращаются с шокирующими историями: «Должны ли мы закрывать глаза на насилие?» // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://ru.globalvoices.org/2019/11/20/86838/ (санаи мурочиат: 13.11.2020).

[3] Представления о домашнем насилии у женщин из Афганистана // [Манбаи элек-тронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.b17.ru/article/4 (санаи мурочиат: 05.01.2022).

[4] Сюкияйнен, Л.Р. Ислам и права человека в диалоге культур и религий. – М.: ООО «Садра», 2014. – С. 137.

[5] Жданов, Н.В. Исламская концепция миропорядка. - М.: Международные отношения, 2003. – С. 355.

[6] Ҳамон ҷо. – С. 357.

Тасдиқи ин суханҳоро дар шароити имрӯзаи Афғонистон, Ироқ ва Сурия дидан мумкин аст. Масалан, ба наздикӣ дар Ироқ ба қонунгузории оилавии кишвар баъзе тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки тибқи он синну соли никоҳӣ ба 9-солагӣ муқаррар шуд.

Моҳияти ислоҳот дар чист? Дар лоиҳаи қонуни баҳсбарангез пешниҳод карда мешавад, ки қонун дар бораи вазъи шахсӣ, ки соли 1959 қабул шудааст ва Кодекси оилаи Ироқро ташкил медиҳад, ислоҳ карда шавад. Дар таҳрири пешина, қонун пешбинӣ мекунад, ки синни ҳадди ақали издивоҷ 18 сол аст. Дар мавриди махсус бо ичозати падару модар ва макомоти васояту парасторӣ мумкин аст, ки ба 15-солагӣ кам карда шавад.

Тағйирот ба рӯҳониён иҷозат медиҳад, ки аз тафсири шахсии шариати ислом истифода баранд, ки ба гуфтаи баъзеҳо, духтаронро дар синни наврасӣ ё дар мавриди мазҳаби ҷаъфарии шариати исломӣ, то 9-солагӣ ба шавҳар медиҳанд[1].

Бояд дуруст фаҳмид, ки консепсияи исломии ҳуқуқи зан аз муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ куллан фарқ дорад. Ба қавли Л.Р.Сюкияйнен, шариат на ба баробарии ҳуқуқҳо, балки имкониятҳои баробари мардҳо ва занҳо дар самти доштани ҳуқуқҳои худ такя мекунад[2] .

Аз ин рӯ, ҳангоми ба миён омадани баҳси байни низоми ҳуқуқи дунявӣ ва динӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, бе шубҳа, ҳалли он вақти зиёдро талаб мекунад, чунки дар муҳокимаи проблемаи баррасишаванда на ҳамаи тарафҳо омодаанд.

Ҳамин тариқ, вазъи зӯроварӣ дар оила ва қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила дар кишварҳои мусулмонӣ якхела нест. Дар баъзе кишварҳо, масалан, Арабистони Саудӣ, бо эҳтиёт, масъала нисбати шаҳрвандони кишвар ҳалли худро ба таври мусбӣ ёфта истодааст, аммо нисбати занон-шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ вазъият мушкил мебошад. Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бошад, бо ба сари қудрат омадани толибон тамоми кӯшишҳои бистсолаи ҷонибдорони ҳифзи ҳуқуқҳои зан ва кӯдакон, беманфиат монд ва то ба ҳол вазъият номаълум мебошад. Кишвари дигари мусулмонӣ – Покистон низ дар ҳалли масъалаи зӯроварӣ дар оила дар сатҳи қонунгузории амалкунанда ягон пешравӣ надорад ва занҳои кишвар то ба ҳол ҷабрдидаи хушунати хонаводагӣ шуда истодаанд.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА ПРИ ПОДГОТОВКЕ ПУБЛИКАЦИЙ ЮРИДИЧЕСКОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ

ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР РАФТИ ТАҲИЯИ НАШРҲОИ ХУСУСИЯТИ ҲУҚУҚИДОШТА

ХАТОВ ЭДУАРД БОРИСОВИЧ
заведующий кафедрой информационных технологий и организации расследования киберпреступлений Московской академии Следственного комитета им. А.Я. Сухарева, кандидат юридических наук, доцент, полковник юстиции
E-mail: k.org-up@ya.ru

Различные вопросы, связанные с внедрением искусственного интеллекта (далее - ИИ) в последние годы привлекают внимание как специалистов и исследователей в самых различных сферах, так и обычных пользователей, что неудивительно, так как полностью отвечает стремительно меняющимся реалиям сегодняшнего дня.

С учетом обозначенной организаторами темы сегодняшнего мероприятия, надо отметить, что практика использования ИИ при подготовке различного рода юридических документов и публикаций интенсивно развивается, вместе с ней возникают необходимость рассмотреть и проблемы такого применения, которые не только возможны, но и уже возникают.

[1] Вишневская, Е. Парламент Ирака разрешил браки с детьми. Так ли это на самом деле? // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.gazeta.ru/politics/2025/01/22/20423384.shtml?ysclid=m6aeaiobag424562980 (дата обращения: 24.01.2025 г.
[2] Сюкияйнен, Л.Р. Указ. раб. – С. 55.

Прежде всего отметим, что в России нормативное определение ИИ закреплено "Национальной стратегией развития искусственного интеллекта на период до 2030 года", утвержденной Указом Президента РФ от 10.10.2019, № 490 (ред. от 15.02.2024).

Стратегией обозначено, что искусственный интеллект - комплекс технологических решений, позволяющий имитировать когнитивные функции человека (включая поиск решений без заранее заданного алгоритма) и получать при выполнении конкретных задач результаты, сопоставимые с результатами интеллектуальной деятельности человека или превосходящие их. Комплекс технологических решений включает в себя информационно-коммуникационную инфраструктуру, программное обеспечение (в том числе, в котором используются методы машинного обучения), процессы и сервисы по обработке данных и поиску решений.

Указывается также о необходимости разработки специального правового режима регулирования ИИ, что подразумевает и решение проблемы правового режима результатов интеллектуальной деятельности, созданных с использованием ИИ.

Безусловно при подготовке различных публикаций, иных текстов применение таких алгоритмов, которые также могут быть отнесены к ИИ происходит не только в исследованиях, связанных с нейросетями, машинным обучением и т.д., а повсеместно. Например, в настоящее время поиск в сети Интернет различных данных, нормативных актов, материалов судебной и иной правоприменительной практики, научных публикаций, литературы, интересующих исследователя, преподавателя или обучающегося происходит путем поисковых запросов поисковыми машинами в гигантских массивах индексированной информации, использующими различные алгоритмы и уже несколько лет – тоже с применением самообучаемых нейронных сетей, позволяющих гораздо точнее ранжировать полученные результаты исходя не только заданных в поиске слов, но и смысла запроса, а также по изображению и другим параметрам семантического анализа.

Однако, проблемы возникают при использовании ИИ для генерирования текста научных, учебно-методических, иных публикаций и работ. Например, многие российские вузы оказались не готовы к массовому использованию студентами нейросетей для написания курсовых и дипломных работ, а также презентаций и т.д. При этом, для поиска информации, для расчетов, анализа, поиска корреляций (например, анализе преступности), применение ИИ в работе исследователя вполне допустимо, с чем согласны ряд специалистов[1].

Вместе с тем, использование ИИ для написания самого текста публикации, как правило, противоречит нормативным требованиям, так как применение его алгоритмов в этом случае будет нарушением «самостоятельности» автора.

Кроме того, нельзя забывать и о том, что нейросеть весьма часто генерирует ответы с фактическими ошибками, «галлюционирует».

И примеры такого есть, далеко ходить не нужно. В Интернете есть даже рейтинги программ и ресурсов для генерации текстов (ChatGPT; автор24; Zaochnik; AiWriteArt; RoboGPT ; Gerwin AI; Writesonic; НейроТекстер; Study24.ai;CopyMonkey, Perplexity и т.д.). Например, Perplexity — это поисковая система с искусственным интеллектом. В отличие от Google или Яндекс, Perplexity выдает ответ на запрос *связным текстом*, а не ссылками на релевантные источники.

В позапрошлом году в СМИ широко освещалась история, когда выпускник ВУЗа заявил после защиты диплома о том, что работы была выполнена с применением с помощью чата ChatGPT менее чем за сутки. Диплом, созданный нейросетью был успешно защищен и был оценен оценкой «удовлетворительно». Сам дипломник подробно описал алгоритм собственной работы с чатом. В частности, с помощью ряда запросов на английском языке по теме работы были получены тексты, которые (после перевода на русский язык) были положены с основу введения, первой (теоретической) главы работы. Для практической и аналитической части пользователь использовал чужую учебную работу, которая была направлена боту с запросом на изменение ее под конкретную тему и организацию. Общий объем затраченного времени на работу составил 23 часа, из которых 15 ушло на запросы боту и 9 часов на перевод (вероятно, машинный) и редактирование. Полученный текст имел 82 процента оригинальности по системе «Антиплагиат» и получил положительные рецензии от научного руководителя и оппонента, которые, впрочем, отмечали несвязность текста и

[1] Кудинов, М.А. К вопросу о правомерности использования алгоритмов искусственного интеллекта при подготовке и написании учебных работ / М.А. Кудинов // Новый юридический вестник. Международный научный журнал. – 2023. – № 3 (42). – С. 19-23.

нарушение логики русского языка. После анонсирования это событие приобрело определенный общественный резонанс, ряд граждан направили в Минобрнауки обращения об аннулировании результатов защиты, в связи с чем была организована дополнительная проверка в ВУЗе.

Данных об аннулировании диплома в сети не обнаружено, поэтому сошлемся на позицию руководства Минобрнауки: выпускника вуза, написавшего дипломную работу с помощью нейросети ChatGPT, наказывать не нужно, а университетам и институтам стоит подумать об изменении подхода к проверке знаний у студентов[1].

В настоящее время для этого в широко используемой системе «Антиплагиат» уже действует детектор машинно-сгенерированных текстов. Он работает на основе алгоритмов искусственного интеллекта, обучен и протестирован на большом массиве данных. Так, сегодня уже нередко, по результатам проверки текста на антиплагиате администрация ВУЗа возвращает подготовленные выпускные квалификационные работы студентам на этом основании для переработки.

Так как ИИ использует находящиеся в сети Интернет выдержки из чьих-то работ, причем не только текст, но и также идеи из уже опубликованных материалов, на которые тоже распространяются авторские права. «Надо быть осторожным в присвоении не чужого текста, а чужих идей, потому что за каждой формулировкой стоит всегда выносимая на защиту конкретная идея», - подытожил В. Филиппов.[2] На наш взгляд эту позицию стоит обязательно учитывать, особенно юристам, в том числе при решении вопроса об использовании ИИ для разработки плана, структуры диссертации.

По аналогии с консультационной помощью научного руководителя своему ученику, по нашему мнению, подобный вариант применения ИИ может быть использован для поиска совпадений, сравнения высказанных мнений, идей, с учетом требований цитирования, наряду с изучением структуры, содержания, иных интересующих параметров других уже защищенных работ правовой и иной тематики.

Следует учитывать также и то, что искусственный интеллект генерирует тексты, которые могут выглядеть очень правдоподобно, наукообразно и даже иметь высокий процент оригинальности. При этом, если анализировать созданный юридический текст повнимательнее, можно найти признаки, которые определят его роботизированное происхождение.

1. Бессмысленные фразы.
2. Искаженные словосочетания, термины или клише[1].
3. Странно, необычно написанные устоявшиеся определения. Это обычно говорит об использовании ИИ для перефразирования чужого текста.
4. Фейковые ссылки на правовые прецеденты, публикации или полное отсутствие ссылок на источники даже в тех случаях, когда из текста следует явная необходимость ссылок.
5. Фактические ошибки, ложная информация, фейковые факты.
6. Фразы, которые проникли в текст из диалога с ботом
7. Иногда такой текст существенно длиннее, чем предполагало задание.
8. Текст написан в стиле, который ранее не был свойственен конкретному студенту.
9. Пожалуй, самое главное – автор впоследствии не демонстрирует полноценное владение материалом.

Таким образом, ответ в допустимости ИИ при написании научных, учебно-методических работ (диссертаций, учебников**,** лекций и т.п.) явно кроется в масштабах и характере такого использования. Если использовать его для расчётов, обобщении статистических показателей, при поиске необходимой информации, то требуемая самостоятельность при подготовке таких работ не нарушается.

В случае применения ИИ для генерации текстов, которые потом используются в публикации без изменений – то в этом случае усматривается явное нарушение, так как тексты подготовлены несамостоятельно.

Нельзя забывать, что согласно действующему законодательству Российской Федерации за нарушения в сфере интеллектуальной собственности установлена гражданско-правовая, административная и уголовная ответственность.

[1] ИА ТАСС 08.02.2023 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://tass.ru/obschestvo/16990327
[2] ИА ТАСС 04.06.2024 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https:https://nauka.tass.ru/nauka/

Не стоит исключать того, что установленный факт написания учебно-методической работы с помощью алгоритмов искусственного интеллекта, которым была сгенерирована основной части текста и принципиальных выводов работы может стать основанием для судебного решения о признании полученного в результате документа недействительными[1].

В развитие темы: Президент РФ Владимир Путин в декабре 2024 г. на международной конференции «Путешествие в мир искусственного интеллекта», заявил, что Россия должна стать мировым лидером по масштабу применения искусственного интеллекта во всех сферах жизни, который уже активно используется в госуправлении, образовании, медицине[2]. По его предложению ВУЗы с высоким рейтингом с текущего учебного года должны расширить свои программы магистратуры и аспирантуры на подготовку кадров именно в области разработки технологий искусственного интеллекта, а также дополнительно за счёт федерального бюджета увеличить приём студентов на базовые программы в области искусственного интеллекта.[3]

Уже сейчас широко обсуждается прогнозируемое и местами уже пилотное внедрение программ – ассистентов, цифровых помощников сотрудников правоохранительных органов, основанных на технологиях искусственного интеллекта.[4]

Кроме того, активно ведутся работы по совершенствованию человеческого организма, расширению возможностей человеческого мозга за счет вживления имплантов, чипов и т.п., т.е. по созданию как это не звучит фантастически – киборгов. Можно представить их возможности в написании юридических и научных текстов, иных публикаций, документов, а также потенциальные и прогнозируемые связанные с этим этические и правовые проблемы. На наш взгляд, это предмет для перспективных научных исследований.

В этой связи, по нашему мнению, возникает потребность как минимум в не только в обновлении соответствующих организационно-распорядительных, методических документов, регулирующих вопросы применения технологий ИИ в научных, образовательных, иных организациях, в том числе юридической направленности, но и в глубоком изучении различных тенденций, отражающих иные правовые и этические проблемы в этой сфере, т.е., вопрос границ применения ИИ в подготовке публикаций и иных работ открыт, практика развивается, изучать технологии ИИ нужно более углубленно, в т.ч. юристам, а использовать в научной и учебно-методической деятельности очень аккуратно.

В заключение хотелось бы отметить, что при подготовке настоящего доклада ИИ не использовался.

РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МОҲИЯТИ ОН, ОМИЛҲО ВА ПРИНСИПҲО

КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЕЕ СУЩНОСТЬ, ФАКТОРЫ И ПРИНЦИПЫ

ХОЛБОЙЗОДА БЕХЗОД ЭРГАШАЛӢ
сардори кафедраи фанхои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмои иқтисодӣ, майори милитсия
e-mail: Allashukurov2015@mail.ru

Дар шароити муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, проблемаи баланд бардоштани рақобатпазирӣ барои корхонаҳои тамоми соҳаҳои иқтисоди муҳим аст. Имрӯз, барои ноил шудан ба натиҷаҳои самарабахши кори худ, корхонаҳо бояд ба шароити доимо тағйирёбанда мутобиқ шаванд, ки дар навбати худ таҳияи консепсияҳои инноватсионии рушди корхона ва баланд бардоштани рақобатпазирии онро

[1] Кудинов М.А. Указ. раб. – С. 23.
[2] Российская газета // https://rg.ru/2024/12/11/saga-o-forsajte.html?utm_referrer=https%3A%2F%2F yandex.ru %2 F
[3] Официальный сайт Президента России: http://www.kremlin.ru/events/president/transcripts/72811
[4] Хатов, Э.Б. Цифровой помощник или цифровой прокурор? / Э.Б. Хатов // [Электронный ресурс] - Режим доступа: Российский журнал правовых исследований. - 2023. Т. 10, - № 1. - С. 87–92. DOI: 10.17816/RJLS109325.

талаб мекунанд. Барои таҳияи ин консепсияҳо омӯзиши амиқи категорияи иқтисодии рақобатпазирӣ ва хусусиятҳои он зарур аст. Надоштани дониши зарурии назариявӣ ва амалии механизми мураккаби рақобатпазирии мол ва хизматрасонӣ аксар вақт ба иштибоҳҳои ҷиддӣ ҳангоми муқаррар кардани нархҳо оварда мерасонад, ки дар баъзе ҳолатҳо ба талафоти назаррас ва баъзан муфлисшавии корхонаҳо оварда мерасонад.

Дар иқтисоди босубот дар ҳоли ҳозир, болоравии барзиёди нархҳо ба ин ё он маҳсулот ба назар мерасад, ҳар як истеҳсолкунанда, фурӯшанда ва алахусус худи маҳсулот маҷбур аст, ки барои афзалиятҳои истеъмолкунандагон мубориза барад.

Дар ин ҳолат, афзалият ба ҳар гуна истеъмолкунанда ба маҳсулот дода мешавад, ки ҳам аз ҷиҳати арзиш ва ҳам сифат, ки дар ҳоли ҳозир комилан рақобатпазир аст.

Муайян намудани мафҳуми рақобатпазирии корхонаҳо дар навбати аввал бояд аз мундариҷа ва моҳияти рақобат оғоз карда шавад. Худ аз худ маълум аст, ки рақобатпазирии корхона бояд вобаста аз дастовардҳо ва ҳадафҳои муайянкардаи консепсияи рақобат таҳия карда шавад. Дар доираи ин кор, рақобат ҳамчун рақобат байни бахшҳои соҳибкорӣ, ки ба даст ёфтан ба ҳадаф ҳавасманданд, бо дарназардошти захираҳои маҳдуд манфиатдор аст. Агар ин ҳадаф аз ҷониби иқтисоди бозоргонӣ муайян карда шуда бошад, пас рақобати бозор рақобати субъектҳои хоҷагидорӣ барои фоида мебошад.

Рақобати дохилидавлатӣ ин мубориза байни корхонаҳои як соҳаи иқтисодиёт барои фароҳам овардани шароити нисбатан мусоид барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мебошад, ки ба фарқияти сифати таҷҳизоти истеҳсолии корхонаҳо, дараҷаи тахассуси кормандон ва таҷҳизоти техникӣ вобаста аст ин омилҳо фарқияти арзиши истеҳсолот ва дар натиҷа фоидаи ширкатҳоро муайян мекунанд. Аммо, сарфи назар аз ин фарқиятҳо, рақобати дохилиминтақавӣ ба баробаршавии нархҳо дар бозор оварда мерасонад.

Навъи дигари рақобат байни корхонаҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолият мекунанд, рақобати байнисоҳавӣ мебошад, ки асоси он хоҳиши истеҳсолкунандагон барои ба даст овардани фоидаи бештар ва инчунин ёфтани соҳаи фоиданоки сармоягузории асосӣ мебошад.

Дар назар доред, ки дар назарияи иқтисодӣ сатҳи рақобат дар бозори муайян бо ҳафт асос арзёбӣ карда мешавад:

– шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ;
– фарқияти (“тафовут”) мол;
– сатҳи консентратсия (яъне, вазни хоси ҳар як ширкат дар истеҳсол ва фурӯши ин маҳсулот);
– усули нархгузории маҳсулот;

Имкониятҳои пайдоиши ширкати нав дар ин бозор;

– дараҷаи огоҳии харидорон ва фурӯшандагон оид ба нарх ва сифати мол;
– андозаи он, ки харид бидуни зӯрӣ анҷом дода мешавад.

Инчунин қайд кардани чунин намудҳои рақобат, ба мисли рақобати пок, инҳисорӣ ва олигополистӣ қобили тавақҷӯҳ аст.

Дар бозори рақобати соф, шумораи зиёди фурӯшандагон ва харидорони ҳар гуна маҳсулоти шабеҳ мавҷуданд.

На харидор ва на фурўшанда дар алоњидагї ба сатњи нархњои њозираи бозории мањсулот таъсири њалкунанда намерасонанд.

Фурўшанда наметавонад нархеро муќаррар кунад, ки аз нархи бозор баландтар бошад, зеро истеъмолкунанда метавонад озодона молњоро бо нархи бозор аз раќибон харад.

Бозори рақобати монополистӣ шумораи зиёди харидорон ва фурӯшандагонро дорад, ки метавонанд бо доираи васеи нархҳо амалиёт анҷом диҳанд. Ин имконият тавассути қобилияти фурӯшандагон барои пешниҳод кардани маҳсулоти гуногун ба муштариён фароҳам оварда мешавад. Маҳсулот аз ҳамдигар метавонанд аз ҷиҳати сифат, хосият, намуди зоҳирӣ, инчунин дар доираи хидматҳои марбута фарқ кунанд ридорон ин фарқиятҳоро мебинанд ва омодаанд, ки молро бо нархи баландтарин, ки дар бозор муқаррар шудаанд, пардохт кунанд.

Дар бозори олигополистон шумораи ками фурӯшандагон мавҷуданд, ки ба сиёсати нарх ва инчунин стратегияҳои маркетинг ҳассос мебошанд. Теъдоди ночизи иштирокчиёни бозори олигополистӣ бо сахт будани шартҳо ҳангоми ворид шудан ба ин бозор таъмин карда

мешаванд. Хусусиятҳои мухталифи бозори олигополистӣ мавҷуданд, яке аз хусусиятҳои муҳими он дар он аст, ки иштирокчиёни ин бозор ба натиҷаҳои мусбати дарозмуддати болоравии нархҳо эътимод надоранд: рақибон онҳоро маҷбур мекунанд, ки онҳоро паст кунанд.

Вобаста аз муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар мамлакати мушаххас инкишоф ёфтааст, намудҳои гуногуни рақобатро фарқ кардан мумкин аст.

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ба моликияти хусусӣ асос ёфтаанд, намудҳои зерини рақобат ташаккул меёбанд:

– рақобати истеҳсолкунандагони оддӣ;
– сармояи ягона;
– монополияҳо;
– сармояи миллӣ;
– сармояи байналмилалӣ.

Рақобати озод, ки тавассути «шикаст хӯрдани» нархҳо сурат мегирад, ҳамаи истеҳсолкунандагонро водор мекунад, ки қоидаҳои ягонаи рафторро риоя кунанд. Онҳо он талаботҳои идоракунии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муқаррариро бо назардошти қонунҳои объективии иқтисодӣ инъикос мекунанд.

Ҳамкории бозор ба он натиҷа меорад, ки истеҳсолкунанда ба бехатарии истеҳсолот таваҷҷӯҳ зоҳир карда, густариш медиҳад ва инчунин хусусиятҳои техникӣ ва ташкилии истеҳсолро замонавӣ мекунад. Инчунин, истеҳсолкунанда бояд усулҳои самараноки иқтисодиро барои мубориза бо рақибон истифода барад, яъне:

– бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва кам кардани харочоти истеҳсолӣ нархи маҳсулоти онҳоро паст кунанд
– сифати молро беҳтар мекунад, доираи онҳоро васеъ мекунад;
– хизматрасонӣ ба муштариён дар савдо ва пас аз савдо беҳтар карда мешавад.

Аз ин бармеояд, ки фоида дар иқтисоди бозаргонӣ тавассути истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ё таносуби натиҷа ё харочоти барои ба даст овардани он ба даст меояд. Аз ин рӯ, моҳияти рақобати бозорӣ мубориза барои ба ҳадди аксар расонидани фоида тавассути истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ мебошад.

Дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ аз ҷониби корхона вобаста ба сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолӣ, ки ба муносибатҳои истеҳсолӣ, истеҳсолӣ ва ғайра асос ёфтаанд, инчунин аз ҷиҳати самаранокии истифодаи захираҳо аз ҷониби рақибон муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, рақобат хусусияти мураккабест, ки онро тавассути нишондиҳандаҳои гурӯҳӣ, интегралӣ ва умумӣ баён кардан мумкин аст. Мақсади баҳодиҳӣ ба рақобатпазирии корхона муайян кардани мавқеи корхона дар бозор, минтақа ва ҷаҳон мебошад. Рақобатпазирии корхона ин қобилияти рақобат дар бозор ва ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ нисбат ба рақибон мебошад.

Дар бораи консепсияи рақобат нуқтаи назари зиёди муаллифон мавҷуданд, нуқтаҳои асосӣ дар ҷадвал оварда шудаанд.

Аз нуқтаи назари баррасишаванда таҳлил карда, ба хулоса омада метавонем, ки рақобат маҷмӯи хусусиятҳои мухталифест, ки ҳангоми муқоисаи онҳо бартариҳои рақобатӣ доранд. Аз он ҷумла рақобатпазирии ширкат аз ҷониби молҳои муайян карда мешавад ва рақобатпазирии мол аз ҷониби истеъмолкунанда баҳо дода мешавад. Аммо, бояд қайд кард, ки мафҳуми рақобатпазирӣ аз сатҳи муносибатҳои рақобатӣ фарқ мекунад.

Рақобатпазирии корхона дар муқоиса бо мафҳуми “рақобатпазирии молҳо” як мафҳуми хеле маъмул аст.

Рақобатпазирии корхона хусусияти маҷмӯии ададӣ мебошад, ки бо ёрии он натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона дар давраи муайян баҳо дода мешаванд. Як навъ як системаи унсурҳоест, ки барои ифодаи ҳисоби ададии як намуди муайяни потенсиал таҳия шудаанд. Таъмини рақобатпазирии корхона аз баъзе бартариҳои он вобаста аст, ҳангоми муқоисаи онҳо бо рақибони асосӣ ва мавҷуда, яъне маънои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, имиж, молиявӣ ва

Ҳангоми ташаккули мафҳуми рақобатпазирии ташкили рақобатпазирии маҳсулот, бешубҳа, маълум мешавад, ки ин ё он равиш, ҳам дар сатҳи амалиётӣ ва ҳам тактикии

идоракунӣ, қарорҳои идоракуниро пешниҳод мекунад, ки вазъияти номусоидро маҳдуд мекунанд ва талафотро ба ҳадди ақал мерасонанд.

Ба ибораи дигар, рақобатпазирии стратегӣ аён аст, агар ташкилот афзалиятҳои рақобатӣ дошта бошад, ки онҳо ҳамчун дурнамои дарозмуддат, ки яке аз маҷмӯи алтернативаҳои стратегияи рақобатпазирии созмон дониста мешаванд[1].

Нуқтаи назари муаллифон дар бораи мафҳуми рақобатпазирӣ

Муаллиф (рақобат) Рақобатпазирии ширкат аз рақобатпазирии мол муайян карда мешавад.

Се сатҳи таъминкунандаи рақобатпазирии созмон интизор аст: амалиётӣ, тактикӣ ва стратегӣ[2] [6].

1. Амалиёт таъмин намудани рақобатпазирии маҳсулот мебошад. Хусусияти фарқкунандаи рақобат дар ин ҳолат нишондиҳандаи рақобатпазирии маҳсулот мебошад.
2. Тактикӣ - ин рақобат дар сатҳи тактикӣ ҳолати умумии корхона дорад. Хусусияти фарқкунанда нишондиҳандаи маҷмӯи вазъи корхона мебошад
3. 3.Стратегӣ - ташаккули ҷолибияти сармоягузории корхонаро тавсиф мекунад. Шарти асосӣ ба назар чунин мерасад, ки афзоиши арзиши корхона мебошад.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми рақобатпазирӣ ба маънои васеъ хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии нишондиҳандаҳоро муайян мекунад, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, инчунин потенсиали он барои афзоиш ва такмили минбаъда, инчунин қобилияти рақибонро дар рақобат барои ноил шудан ба ҳадафҳои шахсӣ муайян мекунад. Аммо азбаски ҳадафҳо бо ҳам муваққатӣ мебошанд, рақобатпазирии корхона аз қобилияти он барои анҷом додани фаъолияти бомуваффақ дар муҳити рақобат иборат аст[3].

Мушкилот дар набудани комили дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти рақибон аксар вақт роҳбарияти корхона дар бораи бартарияти корхона нисбат ба рақибони худ фикри нодурустро нишон медиҳад ва ин метавонад ба суст шудани кӯшишҳо оварда расонад, ки сатҳи бартарии рақобатии ширкатро таъмин кунанд.

Омилҳои мухталифе ҳастанд, ки ба сатҳи рақобат дар корхона таъсир мерасонанд. Омилҳои экологии ширкат мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, зеро онҳо сатҳи муносибати истеъмолкунандаро нисбат ба худи корхона, инчунин маҳсулот ва хизматрасониҳои ба онҳо муайяншударо муайян мекунанд. Гурӯҳи дуюми омилҳо ба муҳити дохилии ширкат таъсири зиёдтар мерасонанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки рақобатпазириро идора кунанд сохтори соҳибкорӣ дар маҷмӯъ. Омилҳои дохилӣ - ин омилҳое мебошанд, ки ба фаъолияти корхона таъсири танзимкунанда мерасонанд ва дар навбати худ метавонанд ба онҳо низ таъсир расонанд. Омилҳоеро, ки ба рақобатпазирии корхона таъсир мерасонанд, шартан ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст[4]:

- техникӣ ва иқтисодӣ;
- тиҷоратӣ;
- танзимкунанда.

Омилҳои техникӣ ва иқтисодӣ инҳоянд: сифат, нархи фурӯш; арзиши истифода, истеъмоли маҳсулот ё хидматҳо. Ин аз бисёр ҷиҳат аз ҳосилнокӣ, хароҷоти истеҳсолӣ ва ғайра вобаста аст.

Омилҳои тиҷоратӣ меъёрҳои фурӯши молро дар бозори муайян ташкил медиҳанд ва иборатанд аз:

1. шароити бозор;
2. хизматрасонии пешниҳодшаванда;
3. реклама;
4. симои ширкат.

---

[1] Поважный, С.Ф., Ларина, Р.Р., Белоусов, А. В. Логистика и маркетинг в управлении кадрами: монография. - Донецк, 2003. – С. 75.

[2] Носак, В.С., Шелудко, Е. Моди бизнеса: инновационные стороны // Сборник научных статей факультета экономики, менеджмента и коммерции КубСТУ. - Краснодар, 2015. – С. 177-178.

[3] Касьянова, В.Е. Функции и инструменты развития специальной инфраструктуры сферы образовательных услуг: на материалах Краснодарского края: автореферат дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05 / Касьянова В.Е.; - Майкоп, 2014. - 175 с.

[4]. Поважный, С.Ф., Ларина, Р.Р., Белоусов, А.В. Асари зикршуда. – С. 54.

Омилҳои танзимкунанда талабот ба бехатарии экологӣ, техникӣ ва ё дигар намуди истифодаи маҳсулотро дар бозори муайян, инчунин талаботи патентиро муайян мекунанд[1].

Идоракунии рақобат маҷмӯи чораҳоро барои такмилдиҳии методии маҳсулот, ҷустуҷӯи доимии каналҳои нави тақсимот, беҳтар кардани хизматрасонӣ, ҷустуҷӯи гурӯҳҳои нави муштариён, таблиғот пешбинӣ менамояд. Муваффақияти корхон а дар рақобати талаботҳои истеъмолӣ аз ширкат талаб мекунад, ки қобилиятҳои фарқкунандаи худро рушд диҳад, ки ин ба рақибон мағлуб шавад[2]. Аммо ин банақшагирии самараноки стратегиро тақозо мекунад, ки аз ташкили системаи ҳамгироишудаи афзалиятҳои рақобатии ширкат ва инчунин ба нигоҳ доштан ва рушди онҳо асос ёфтааст. Ташкили арзишҳои муайян барои муштариёни худ аз ҷониби корхона дар асоси ташкили он ва муайян кардани намудҳои муайяни фаъолият ба даст оварда мешавад. Арзиши ниҳоии аз ҷониби корхона муайяншуда муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза истеъмолкунандагон барои мол ё хидматҳои пешниҳодкардаи корхона пардохт кардан мехоҳанд.

РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОИЛАВӢ ДАР ҶМШС ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1924-1929)

РАЗВИТИЕ СЕМЕЙНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В ТАДЖИКСКОЙ АССР (1924-1929 ГГ.)

ХОЛИНОВА МИЖГОНА МУБАРАКШОЕВНА
мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: Kholinova8@mail.ru

Тавре маълум аст дар ҶМШС Тоҷикистон чун дар дигар давлатҳои навтаъсис, дарҳол таҳия кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар тамоми манотиқи мутаҳидгаштаи ҷумҳурӣ як хел амал мекарда бошанд, ғайриимкон буд. Бо назардошти ин, Кумитаи инқилобии ҶШС Ӯзбекистон 27-уми ноябри соли 1924 чунин қарор қабул кард: Минбаъд, то мақомоти дахлдори ҳокимият барои ҶШС Ӯзбекистон қонуни ягона муқаррар накунанд, дар кишвар ҳамаи он қонунҳое, ки Ҳукумати ИҶШС қабул намудааст ва қонунҳои маҳаллие, ки дар ҳудудҳои дахлдори ҶШС Ӯзбекистон ҷорӣ буданд, амал мекунанд[3]. Азбаски қарори мазкур ба ҶМШС Тоҷикистон низ дахл дошт ва дар манотиқи дахлдори ҷумҳурӣ, ки ба он аз собиқ ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро дохил шуданд, ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар арафаи тақсимоти миллию давлатӣ ҷорӣ буданд, қувваи ҳуқуқӣ доштанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар арафаи таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар ноҳияҳои аз собиқ ҶМШС Туркистон ба он ҳамроҳшуда танзими муносибатҳои никоҳу оила бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ дар асоси Кодекси соли 1918-уми ҶШФСР дар бораи оила сурат мегирифт ва дар ноҳияҳои ба ҷумҳурӣ аз собиқ ҶХШ Бухоро ҳамроҳшуда муносибатҳои мазкур мисли пештара бо меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ танзим мегардиданд ва чунин ақидаеро, ки гӯё дар ҶХШ Бухоро кодекси ҶШФСР оид ба оила амал мекард, академик Ф.Т. Тоҳиров хато меҳисобад[4].

Бо назардошти қарори Кумитаи инқилобии ҶШС Ӯзбекистон аз 27-уми ноябри соли 1924, ки дар боло овардем, то 1-уми октябри соли 1928, яъне то мавриди амал қарор гирифтани Кодекси ҶШС Ӯзбекистон оид ба оила дар Ӯзбекистон қонунгузории оилавии собиқ ҷумҳуриҳо дар ҳудудҳои дахлдор мувофиқан амал карданд. Вале дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла дар ҳудудҳое, ки аз ҶХШ Бухоро ба он дохил шуда буданд, қисман бархилофи қарори мазкур дарҳол муносибатҳои никоҳу оилавӣ дар асоси кодекси якуми

[1]. Ҳамон ҷо. – С. 80
[2]. Касьянова, В.Е. Асари зикршуда. – С. 79
[3] **СУ УзССР. - 1925. - № 1. – Ст. 2.**
[4] Тоҳиров, Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон: монография / Ф. Тоҳиров. - Душанбе: Ирфон, 1994. - С. 218.

ҶШФСР оид ба оилае, ки дар собиқ ҶМШС Туркистон бо илова ва моддаҳои бекоршуда татбиқ мегардиданд, танзим ёфтанд[1].

Бо вуҷуди ин, аз навиштаҳои академик Ф.Т. Тоҳиров бармеояд, ки меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ низ қисман дар танзими муносибатҳои никоҳу оила дар ҶМШС Тоҷикистон чун дар собиқ ҶХШ Бухоро истифода мегардиданд[2]. Масалан, мувофиқи низомнома дар бораи қозиҳо, ки Кумитаи инқилобӣ, 17-уми июни соли 1925 бар лағви тамоми қарорҳои пешинаи собиқ ҶХШ Бухоро дар бораи қозиҳо қабул карда буд ва мувофиқи ҳамин гуна низомномаи дуюм, ки Кумитаи инқилобӣ[3] 2-юми июни соли 1926 бар лағви низомномаи пешина қабул кард, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи оилавии исломӣ ҳал кардани масъалаҳои никоҳу талоқ раво дониста мешуд.

Ногуфта намонад, ки Кодекси соли 1918-уми ҶШФСР, ки дар Тоҷикистони мухтор амал мекард, соли 1926 бекор карда шуда, ба ҷойи он Кодекси нави ҶШФСР оид ба қонунҳо дар бораи асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳ, оила ва васоят қабул гардид. Таҳияи лоиҳаи кодекси мазкур соли 1923 оғоз гардид, ки ин ба сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон бетаъсир намонд. Лоиҳа сараввал қабул нагардид, аз ин хотир соли 1925 он барои муҳокима ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод шуд ва соли 1926 пас аз муҳокимаҳои зиёд қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуд, ки дар заминаи он 1-уми октябри соли 1928 Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ, оила ва васояти ҶШС Ӯзбекистон қабул гардид.

Лоиҳаи Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ, оила ва васояти ҶШС Ӯзбекистон дар иҷлосияи 3-юми КИМ Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои муҳокимаи умумии меҳнаткашон аз 1-уми августи соли 1928 пешниҳод гардид. Дар раванди муҳокимаи лоиҳа аҳолӣ фаъолона ширкат варзида, ҷиҳати беҳтар намудани он андешаҳои зиёде пешниҳод намуд[4]. Лоиҳаи Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ, оила ва васоят 23-юми июли с. 1928 аз тарафи КИМ ҶШС Ӯзбекистон қабул гардида, аз 1-уми октябри с. 1928 мавриди амал қарор дода шуд ва мутобиқи Қарори КИМ ҶШС Ӯзбекистон аз 1-уми декабри с. 1928, № 209 амали кодекси мазкур дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон аз 1-уми январи с.1929 ҷорӣ карда шуд, ки ин санаи бузург дар таърихи ташаккули қонунгузории оилаи ҶМШС Тоҷикистон ҳам ҳаст[5].

Чуноне аз низомномаҳои дар бораи қозиҳо қабулкардаи Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон, ки пештар ишора кардем, аён мегардад, ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи ин мақомот (ва меросбарони он – КИМ ва ШКХ ҶМШС Тоҷикистон) низ баромад мекардаанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

Қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 10-уми июли соли 1925 «Дар бораи дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ҷорӣ кардани сабти ҳолати шаҳрвандӣ», ки дар барҳам задани тартиботи кӯҳна ва аз таъсири хурофотпарастон раҳо додани оила ташкили сабти ҳолати шаҳрвандӣ аҳамияти махсус дошт[6]. Моҳи ноябри соли 1925, дар назди Кумитаи инқилобӣ ва баъдтар дар назди ШКХ-и ҷумҳурӣ комиссияи кӯдакон (комиссияи беҳтар кардани шароити зиндагии кӯдакон) ташкил ва низомномааш тасдиқ карда мешавад[7]. Моҳи сентябри соли 1927 Президиуми КИМ-и Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон Дастур «Дар бораи беҳтар кардани зиндагии занони меҳнаткаш»-ро қабул мекунад[8].

Сарчашмаҳои дигари муҳимми ҳуқуқи оилавии Тоҷикистони мухтор кодексҳои ҷиноятии ҶШФСР (с. 1922) ва ҶШС Ӯзбекистон (соли 1926) буданд, ки онҳоро мақомотҳои тафтишоти судии ҷумҳурӣ дар муборизаи бар зидди урфу одатҳои боқимондаи патриархалӣ-феодалӣ ба роҳбарӣ мегирифтанд. Дар замимаи кодекси ҷиноятии ҶШФСР барои ҶМШС Туркистон, ки 16-уми октябри с. 1924 КИМУ тасдиқ карда буд, дар боби махсус (ҷиноятӣ

---

[1] Тахиров, Ф.Т. История государства и права Таджикистана. - Душанбе: Амри илм, 2001. – Т.2. Ч.1. - С. 438-439.
[2] Тахиров Ф.Т. Асари зикршуда. - С. 443-444.
[3] Рахмон, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане: монография / О.Э. Рахмон. - Душанбе: «Эр-граф», 2014. - С. 47.
[4] Маҳмудзода, М., Худоёрзода, Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. - Душанбе: «Эр-граф», 2015. - С. 79.
[5] Холинова, М.М. Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского права: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.01 / М.М. Холинова. –Душанбе, 2018. - С. 15.
[6] Бойгонии давлатии марказии Тоҷикистон, ф. 9, р. 1, д. 15, в. 136.
[7] Бойгонии давлатии марказии Тоҷикистон, ф. 9, р. 1. д. 10, в. 8.
[8] Бойгонии давлатии марказии Тоҷикистон, ф. 10, р. 1, д. 162, в. 201.

маишӣ)[1], аз ҷумла барои додани қалин, маҷбуран ба шавҳар додан, дузанӣ ва серзанӣ, ки ба ҶМШС Тоҷикистон низ хос буданд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мегардад.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон, ки дар Тоҷикистон низ аз 1-уми июли с. 1926 ҷорӣ гардид, ҳамчунин боби махсус дошта (боби 9) , дар он ҷиноятҳои маишии маҳаллӣ пурратар ба эътибор гирифта шуда буданд. Аз ҷумла дар он барои пардохти қалин (м. 273), маҷбуран ба шавҳар додани зан бо истифода аз таъсиррасонии ҷисмонӣ ва ё руҳӣ (м. 274), ба шавҳар додани духтари ноболиғ ва ё хурдсол (м. 274-а), ҳар гуна таҳдид ба шахсият ва шаъну шарафи зан дар робита ба озодии ӯ аз зулму асорат (м. 274-б), монеъ шудан ба ҳозиршавии занон ба мактаб, клуб ва дигар муассисаҳо ва умуман иштироки фаъолонаи онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ (м. 274-в), аҳди гаҳворабахш (м. 274-г), бастани никоҳ бо шахсе, ки дар ақди никоҳи дигар қарор дорад (м. 275) ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида буд[2]. Инчунин дар боби ҷиноятҳои давлатӣ бе асоси қонунӣ рад ва ё саркашӣ намудани шахсоне, ки васӣ ё парастор таъйин гардидаанд, аз қабул ва ё ба зима гирифтани уҳдадории васояту парасторӣ (м. 119[1]) ҳамчун ҷиноят муқаррар шуда буд[3].

Таърихи ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон бо тадбирҳои роҳбарияти давлат доир ба дар рӯҳияи ҳуқуқҳои ҷомеаи нав тарбия кардани меҳнаткашони ҷумҳурӣ, кори бузурги бунёдкоронаи ба кори амалии сохтмони ҳаёти нав ҷалб сохтани занон зич алоқаманд аст. Асосгузор ва роҳбари давлати шӯравӣ В.И. Ленин ҳанӯз дар ибтидои ҳокимияти таъсисдодааш махсус қайд карда буд, ки «Вазифаи ҷумҳурии Шӯравӣ, пеш аз ҳама, барҳам задани ҳама гуна маҳдудиятҳои ҳуқуқи занон мебошад». Ин вазифа дар декретҳои Октябр ва дигар қонунҳои Давлати Шӯравӣ, аз ҷумла дар қонунгузории Тоҷикистони мухтор ба тарзи ҳуқуқӣ татбиқ шуда буд. Аммо баробарҳуқуқии расмӣ ҳанӯз баробарҳуқуқии воқеӣ набуд. Дар қарори Бюрои ташкилии КМ ҲКР (б) аз 22-юми декабри соли 1924 «Вазифаҳои навбатии кори байни занон» зикр шуда буд: «Вазифаи асосии ҳизб дар кори аз асорат озод намудани занони Шарқ қонуни шӯравиро дар бораи ҳуқуқи занон ва тадбирҳои муборизаро бо боқимондаҳои маишӣ ва динӣ дар бахши оила, никоҳ ва муносибатҳои молумулкӣ, инчунин қонунҳоро дар бахши ҳуқуқи мерос дар ҳаёт аниқ татбиқ кардан аст. Дар роҳи иҷрои ин вазифа шаклу усулҳои гуногуни кор истифода карда мешуданд.

Масъалаи ҳуқуқи занон, аз зулму асорат ва беҳуқуқии чандасрина озод кардани онҳо, таъмини баробарҳуқуқии расмӣ ва воқеии он дар ҳалли муносибатҳои никоҳу оила дар Тоҷикистони мухтор, чун дар дигар ҷумҳуриҳои аҳолиаш мусулмони шӯравӣ мавқеи муҳим дошт. Таваҷҷуҳу ғамхории давлату ҳукумат нисбати тақдири занони меҳнаткаши Шарқи Шӯравӣ дар муроҷиатномаи 13-уми феврали соли 1925 қабулкардаи Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС – «Дар бораи ҳуқуқи занони меҳнаткаши Шарқи Шӯравӣ ва дар бораи зарурати мубориза бо тамоми шаклҳои дар бахши иқтисодӣ ва оилаю маишӣ мутеъ кардани онҳо» равшану мукаммал ифода ёфта буд[4]. Дар муроҷиатномаи мазбур ҳуқуқҳои занони меҳнаткаши Шарқ, ки дар қонунгузории шӯравӣ аз рӯзи инқилоби Октябр дарҷ ёфта буд, ҳамаҷониба зикр гардид. Дар он даъват мешуд, ки ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бетаъхир дар ҳаёт татбиқ карда шуда, барои аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳуқуқ ва оилаю маишӣ пурра озод кардани занон ҳамаҷониба саъю кӯшиш ба кор бурда шавад.

Анҷумани якуми Муассисони Шӯроҳои умумитоҷик ба масъалаи мазкур диққати аввалиндараҷа дода, моҳи декабри соли 1926 дар қатори дигар санадҳои муҳими ҳуқуқӣ Муроҷиатнома «Ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон дар бораи аз зулму асорат озод кардани занон» ва Қарор «Дар бораи ҳуқуқи занони меҳнаткаши ҶМШС Тоҷикистон ва зарурати мубориза бо зулму асорати занон»-ро қабул кард. Дар муроҷиатнома зикр шуда буд, ки «вазъи ғуломонаи занон дар зиндагӣ мамониати бузургест дар кори сохтмони хоҷагӣ ва фарҳангии Тоҷикистон»... Бигузор ҳар кас дар хотир дошта бошад, ки – зикр мешуд дар Муроҷиатнома, – дар оилаи худ ғуломиро раво дониста, озодии хешро талаб карда наметавонад. Бигзор ҳар кас дар ёд дошта бошад, ки модари бесаводи аз қайди ғуломӣ раҳо

[1] СУ РСФСР. 1924. Ст. 787.
[2] Уголовный кодекс Узбекской ССР от 16.06.1926, № 40 // Уголовное законодательство СССР и союзных республик. М., 1957. С. 216-217.
[3] Уголовный кодекс Узбекской ССР от 16.06.1926, № 40 // Уголовное законодательство СССР и союзных республик. М., 1957. С. 188.
[4] Рахмон О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане. Душанбе: «Эр-граф», 2014. С. 46-47.

наёфта муборизони солиму қавӣ тарбия дода наметавонад[1]. Ҳамин тавр, дар марҳилаи таҳқиқшаванда қонунгузории оилавӣ ба оилаи ҳуқуқи романо-олмонӣ ва ҳуқуқи сотсиалистӣ мувофиқ гардида, меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ асосан аз байн бурда шуданд. Инчунин маҳз дар ҳамин давра Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ, оила ва васояти ҶШС Ӯзбекистон (соли 1928) қабул гардид, ки он дар Тоҷикистон пас аз ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтан низ зиёда аз 40 сол бо тағйиру иловаҳо амал намуд.

НИҲОДИ ИДОРАКУНИИ ҲАРБӢ ДАР САРЗАМИНИ ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ

ИНСТИТУТ ВОЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ НА ТЕРРИТОРИИ ИСТОРИЧЕСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

ХУШВАХТЗОДА ХУРШЕД ХУДОЙҚУЛ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия
xushvaxtzoda76@bk.ru

Идоракунии ҳарбӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ба сифати намуди махсуси идоракунӣ, ниҳоди идоракунии ҳарбӣ, ҳамеша таваҷҷӯҳи ҷомеа ва инчунин, аҳли илмро ба худ ҷалб мекунад, чунки пеш аз ҳама, он бо амнияти давлат, ҳифзи сарҳад ва некуаҳволии халқ алоқаи ногустастанӣ дорад. Ин хусусияти идоракунии ҳарбӣ хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти онро низ муайян мекунад. Умуман, фаъолияти ниҳоди идоракунии ҳарбӣ ва танзими он амалан махфӣ боқӣ мемонад. Дар аксар ҳолат санадҳои ҳуқуқии самти ҳарбӣ муҳри «барои истифодаи хизматӣ» доранд. Ин, албатта, омӯзиши масъалаҳоеро, ки мо дар назди худ гузоштаем, душвор мегардонад. Дар мавриди ҷанбаи таърихии масъала низ дар бораи мақомоти идоракунии ҳарбӣ маълумоти парокандаро аз ҳар сарчашмаҳо ҷамъоварӣ кардан лозим омад. Таҳлили таҷрибаи наслҳои гузашта, бахусус дар чунин як соҳаи махсус, аз қабили идоракунии ҳарбӣ имрӯз, махсусан дар бунёди давлати миллии соҳибистиқлол, ҳамчун кафили амният ва рушди осоиштаю шукуфони давлат барои халқи тоҷик аҳамияти бузургро доро мебошад.

Бояд гуфт, ки тавсифи умумии марҳилаи бузурги таърихии идоракунии ҳарбиро додан имконнопазир аст, зеро ҳукмронии ҳар як сулолаи алоҳида бо хусусиятҳои хоси худ аз дигараш фарқ мекард. Чунон ки маълум аст, ҳокимон бо ёрии қувваи низомӣ мушкилот ва вазифаҳои мушаххасеро, ки дар назди онҳо меистод, ҳал мекарданд ва бо чунин мушаххасот тавсифи умумии идоракунии ҳарбиро пешниҳод кардан хеле душвор аст. Аммо дар ин мавриди метавон дар бораи вазифаҳои умумие, ки дар назди низомиён вуҷуд доштанд, сухан ронд. Ин вазифаҳо аз ҳифзи сарҳади давлатӣ, ҷанг бо дигар давлатҳо, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳарбӣ, ба хизмат даъват ва аз он озод кардан, таъсиси мақомоти идоракунии ҳарбӣ ва ғайра иборат буданд. Дар ин ҷо сухан дар бораи сифат, вазифа ва салоҳияти мақомоти роҳбарикунандаи ҳарбӣ меравад.

Идоракунии ҳарбӣ бо пайдоиши ҷомеа ва ҳокимият, бо шиддат гирифтани муборизаи қабилаҳо барои обу замин, ҳифзи ҳудуд, макони зист таъсис мегардад. Тавре муҳаққиқон менависанд, дар баробари ниҳоди «Пешвои қабила» мақоми сардори ҳарбии қабила низ ба миён меояд. Одатан, чунин мақом дар як қабила ҳангоми ҳамлаи низомии бегонагон таъсис дода мешуд[2]. Бо хотима ёфтани ҷанг ин вазифа барҳам дода мешуд, зеро хавфи ҳуҷуми бегонагон аз байн рафта буд.

Дар адабиёти илмии таърихию ҳуқуқӣ пайдоиши баъзе давлатҳоро аксар вақт бо фаъолияти сардори ҳарбии қабила ва дастаи созмонёфтаи ҳарбии ӯ алоқаманд мекунанд. Сарфи назар аз шаклҳои гуногуни пайдоиши давлатҳо дар Шарқу Ғарб, дар марҳилаи аввали таъсис ва рушди давлатдорӣ сарвари давлат сарвари низомии он ҳам буд, зеро худи ӯ

[1] Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / Сост.: Ф.Т. Тахиров.– Душанбе: Дониш, 2014. –С. 210-211.
[2] Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана. - Душанбе, 2007. Т. 1., ч.1-2. – С. 240. Источники исламского периода таджикской государственности: теория и практика. Изд. – 2. / Отв. ред. академик Тахиров Ф. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 32, 57.

бевосита ба масъалаҳои идоракунии ҳарбӣ машғул буд. Идоракунии артиш салоҳияти ҳокимони кулли давлатҳои дар қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон созмонёфта ба шумор мерафт.

Таърихи ташаккули давлатдории тоҷикон беш аз панҷ ҳазор солро дар бар мегирад, ки дар ин давра ҳам сохторҳои низомӣ ва ҳам табақаи ҳарбӣ мавқеи имтиёзнокро ишғол мекарданд, зеро онҳо асоси қудрати ҳокимияти давлатиро ташкил медоданд. Рушди фаъолияти ҳарбӣ (ташкили артиш ва идоракунии ҳарбӣ) ҳеҷ гоҳ хусусияти яксон надошт. Рушди он аксар вақт бо бӯҳрон мувоҷеҳ мешуд, ё зуд ба амал омад, ё баръакс, давраи дуру дарози тӯлониро аз сар мегузаронд. Ташаккул ва рушди ин соҳа ба бисёр омилҳо, ба омилҳои дохиливу берунӣ, яъне ба ҷаҳонбинӣ, қобилият ва хислати ҳоким, вазъи минтақа, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, сатҳи рушди иқтисодии кишвар ва ғайра вобаста буд. Дар кулли артиши давраи мавриди таҳқиқ чи тавре ки муҳаққиқ Начмиддинов Д.У. қайд мекунад, қувваи асосӣ барои зарба задан, инчунин барои ҳамлу нақл воситаи нақлиёт аскарони савора маҳсуб меёфтанд, ки аз идоракунии онҳо натиҷаи ҳар як ҷанг вобаста буд[1].

Ҳар як сулолаи ҳукмрон хусусиятҳои ба худ хос дошт, ки рушди корҳои ҳарбӣ ва комёбиҳо дар идоракунии ҳарбӣ ба онҳо вобаста буд. Ҳокимон вазифаҳои муайянеро, ки дар назди онҳо истодаанд, роҳнамоӣ намуда, ба рушди корҳои ҳарбӣ ва таҳкими артиш фаъолона мусоидат мекарданд. Барои баъзеҳо ин фаъолият барои ҳифзи сарҳад, ё саркӯб кардани нооромиҳои дохилӣ бошад, пас, баъзеҳо ҳокимон артишро чун василаи ҷангҳои истилогарона истифода мебурданд. Чи тавре ки муҳаққиқ Зоир Ҷ.М. қайд мекунад, барои дарки масоили мазкур, даврабандиро истифода бурдан лозим, аст, ки ҳамчун методологияи омӯзиши мавзуъ имкон медиҳад, то «гуруҳбандӣ карда шавад, хусусиёт ва қонуниятҳои ҳар як давра, марҳила ошкор гардад»[2]. Бо истифода аз ин восита, мо кӯшиш мекунем, ки хусусиятҳои ҳар як марҳилаи таърихиро бо мақсади омӯзиши ҳаматарафаи ниҳоди идоракунии ҳарбӣ ошкор созем.

Бояд гуфт, ки аз рӯйи маъхазҳо ҳокимияти мулкӣ ва роҳбарияти ҳарбӣ бо ҳам робитаи зич доштанд ва баъзан муайян кардан душвор буд, ки кадоме аз онҳо афзалият доштанд – ҳоким, ба сифати намояндаи ҳокимияти олӣ ё сипаҳсолор, сардори лашкар, ки таҳти назорати худ қудрати ҳақиқиро доро буд. Дар аксар маврид, ҳарду шохаи ҳокимият дар дасти як шахс муттаҳид мешуданд, ки ин ба ҳалли саривақтии масъалаҳои ташкили артиш, сафарбаркунии аҳолӣ, таъмин намудани захираҳои молиявӣ тавассути ҷамъоварии андоз ва ғайра мусоидат мекард.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ барои даврабандии таърихи давлатдории тоҷик ченакҳои гуногун ва дар илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон равишҳои форматсионӣ, тамаддунӣ ва сулолавӣ истифода мебаванд[3].

Муҳаққиқон Одинаев Р.С. ва Буризода Э.Б. қайд мекунанд, ки тибқи равиши сулолавӣ ҳар як сулола аз низомиён барои таҳкими қудрати худ истифода мекард[4]. На танҳо ба қудрат расидани ин ё он сулола, балки ба тахт нишастани довталаби нави ҳамон сулола низ доштани маҳорату малакаи ҳарбӣ вобаста буда, дар сурати надоштани ин гуна малака эҳтимоли сар задани нооромиҳо ва ба миён омадани ҷангҳои байниҳамдигарӣ мегардид. Дар чунин шароит малакаи дар соҳаи ҳарбӣ, маҳорати ҷангӣ ва ғалаба дар он, қобилият дар идоракунии ҳарбӣ арзиши баланд доштанд.

Истифодаи равиши тамаддунӣ ҳангоми омӯзиши таърихи ҳуқуқ ва давлат низ аҳамияти бузурги илмӣ дорад. Ин имкон медиҳад, ки падидаи мавриди таҳқиқ аз нуқтаи назари муносибатҳо дар ҷомеа, идеологияи расмӣ ва муносибати он бо нерӯи ҳарбӣ баррасӣ карда шавад. Бо равиши сулолавӣ ба давраи ҳукмронии як сулола, ҳокимоне, ки дар як оила дар як шароит ба воя расидаанд ва муносибати онҳо ба идораи ҳарбӣ чи гуна буд, таваҷҷуҳи хоса

[1] Наджмиддинов, Д.У. Военная лексика сочинения «Адаб ул-ҳарб ва шоджаат» Мубаракшаха (XII - XIII вв.). – Душанбе, 2012.- С. 26.
[2] Зоиров, Д.М. Введение в государствоведение: методология исследования государственности. – СПб.: Петербургский университет МВД России, 2002. –100 с.
[3] Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана. – Душанбе, 2016. - Т.1, ч.1-4. (от древнейших времен до начала XX века). - С. 10-12.
[4] Одинаев, Р.С. Институт мазалим в истории таджикской досоветской государственности (историко-правовое исследование / Отв. ред. д.ю.н. И. Б. Буриев. – Душанбе, 2015. - С. 33-34.

дода мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки идомат ва ё меросияти малакаи идоракунии ҳарбӣ ҳангоми ба тахт нишастани намояндагони як сулола тасдиқ ва ё рад карда шавад.

Ба шарофати равиши сулолавӣ метавон нақши ҳар як сулола ва ҳатто ҳар як ҳоким – намояндаи сулоларо дар таърихи фаъолияти ҳарбӣ ва идоракунии ҳарбӣ муайян кард. Аслан илми ҳарбӣ ва идоракунии ҳарбӣ яке аз соҳаҳои маҳдуди идоракунӣ мебошад, ки дар омӯзиши он метавон аз равиши сулолавӣ истифода бурд, қаҳрамониҳои намояндагони барҷастаи сулолаҳои тоҷиконро, ки дар мубориза бар зидди истилогарони хориҷӣ ё қаламравҳои забтшуда (ки аслан ба тоҷикон тааллуқ доштанд) нишон дода буданд тавсиф кард. Ҳамин тариқ, таърихи ҳарбиро аз руи усули сулолавӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки ҳар як сулола дар таърих мавқеъи худ, хусусиятҳои ба худ хос ва инчунин таърихи худро дорад. Чунин даврабандӣ, ба андешаи мо, ба объективияти илмӣ, мавзуи омӯзиш ва фарогирии ҳамаҷонибаи таърихи идоракунии ҳарбӣ мувофиқат мекунад, вале он давраҳо, марҳилаҳои аз ҳад зиёдро дар бар мегирад ва аз ин рӯ муайян кардани хусусият, фарқият ва қонунияти онҳо хеле душвор хоҳад буд.

Омӯзиши таърихи таъсиси ниҳоди идоракунии ҳарбӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ҳам аз нигоҳи маърифатӣ, ҳам илмӣ ва ҳам аз нуқтаи назари баҳогузории амалия муҳим аст. Тоҷикон халқи дорои таърихи куҳанбунёду беназири худ буда, аз ин таърих барои такмили таҷрибаи идоракунии ҷомеаи муосир, аз ҷумла соҳаи ҳарбӣ андешаву таҷрибаи зиёдеро омӯхтан мумкин аст. Оид ба ин масоил рисолаҳои зиёди мутахассисони ҳарбии тоҷик дар асрҳои миёна бахшида шудаанд. Аз ҷумла, «Адаб ул-ҳарб ва шуҷоат»-и Муборакшоҳ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва як қатор сарчашмаҳои дигар китобҳое ҳастанд, ки чӣ дар Шарқ ва чи дар Ғарб машҳуранд. Омӯзиши ин мавзуъ аз он сабаб муҳим аст, ки он метавонад як навъ калид (замина) баҳри гузаронидани ислоҳоти босамар дар соҳаи идоракунии муосири артиш, омода намудани он ба иҷрои вазифаҳои мубрам ва дорои аҳамияти умумидавлатӣ, инчунин амалиёти сулҳпарвар гардад. Артиш қувваи азимест, ки онро ба мақсадҳои созанда ва дифоӣ, яъне – муҳофизати давлат, сарҳад, мустаҳкам намудани қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, намоиш додани қобилияти мудофиавии давлат метавон истифода бурд.

Истифодаи равиши тамаддунӣ, ки дар солҳои охир аз ҷониби намояндагони илми таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар таҳқиқи ниҳоди идоракунии ҳарбӣ бо он шарте пазируфта мешавад, ки ҳангоми татбиқи он нисбат ба таърихи идоракунии ҳарбӣ истисноҳои ҷиддӣ бояд сурат гирад. Чи тавре ки аз асари Муборакшоҳ «Адаб ул-ҳарб ва шуҷоат» бармеояд, ӯ таърихи фаъолияти ҳарбӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати ҳарбӣ, нақшаи таъсиси артиш, ташкил ва идоракунии онро аз давраи қадим то асри XIII амиқ омӯхта ва чи тавре ки аз мазмуни асар бармеояд, ҳокимон минбаъд кулли тартиботи ҳарбиро аз гузашта қабул ва дар фаъолияти ҳарбии хеш корбаст намудаанд ва махсусан ин қоидаҳоро ҳангоми омодагӣ ба ҷанг, инчунин дар рафти ҷанг истифода бурда идомат медоданд. Муборакшоҳ дар китоби худ қайд кардааст, ки дар ҷаҳон чанд намуди бурдани ҷанг вуҷуд дорад ва дар асараш на танҳо онҳоро номбар мекунад, балки ба таври муфассал хусусияти хоси онҳо ошкор месозад. Ҳамин тариқ даврабандии идоракунии ҳарбиро метавон дар заминаи принсипи идомат ва ё инкори таҷрибаи қаблӣ анҷом дод.

Тибқи равиши тамаддунӣ метавон чунин даврабандии идоракунии ҳарбиро дар таърихи Тоҷикистон пешниҳод намуд:

1) пайдоиш ва ташаккули идоракунии ҳарбӣ;
2) идоракунии ҳарбии марҳилаи зардуштӣ;
3) идоракунии ҳарбии марҳилаи исломӣ;
4) давраи омехтаи идоракунии назорати ҳарбӣ;
5) идоракунии ҳарбии давраи шуравӣ;
6) давраи муосири идоракунии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон[1].

Дар таърихи давлатдории тоҷикон марҳилаҳои тӯлонии рушди босуръати фаълияти ҳарбии зеринро ҷудо кардан мумкин аст: ориёӣ, ҳахоманишинӣ, мақдунӣ, кушонӣ, сосонӣ, арабӣ, сомонӣ, хоразмӣ, қарахонӣ, салҷуқӣ, муғулу тоторӣ, темурӣ, манғитӣ, шӯравӣ ва муосир. Дар давраи ахир саҳми низомиён ва сохторҳои қудратӣ дар истиқрори сулҳу ваҳдати

[1] Буриев, И.Б. Асари зикршуда. - С. 23.

миллӣ дар Тоҷикистон махсусан назаррас аст. Дар ҳар як давраҳои дар боло зикршуда рушди хизмати ҳарбӣ ва идоракунии ҳарбӣ бо хусусиятҳои хоси худ, ки дар ташкили артиш, усулҳо ва принсипҳои идоракунии онҳо, дар таҷрибаи ҷамъшуда ва амалияи гузаронидани амалиёти ҷангӣ ифода ёфтааст, фарқ мекард.

Қобили қайд аст, ки ҳар давраи минбаъда, пай дар пай аксар қавоид ва анъанаҳои хизмати ҳарбӣ ва идоракунии ҳарбиро албатта бо назардошти талаботи замони худ истифода мекард. Дар натиҷа, самти идоракунии ҳарбӣ мунтазам ба тағйирот дучор гардида, воқеияти нав қоидаву усулҳои нави ҷанг, роҳҳои нави идоракунии артишро тақозо мекард.

Таърихи давлатдории тоҷикон дар ин мазмун аз ниҳодҳо ва анъанаҳое, ки дар соҳаи идораи ҳарбӣ ташаккул ва пойдор шудаанд, ғанӣ мебошад. Муаллиф дар хусуси ҳамкории мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо идораи ҳарбӣ таҳлил анҷом дода, қайд мекунад, ки ҳокимият ба як нафар таалуқ дошт. Намунаҳои таърихии муттаҳид гаштани ҳокимият дар як ниҳод (даст) дар даврони то Дориуш (522-484 пеш аз милод), Сомониён (875-999) ва Темуриён (1370-1599) гувоҳӣ медиҳанд, ки чунин пайвастани ваколатҳои ҳоким комилан асоснок ва муваффақ будааст. Бо ёрии идоракунии ҳарбӣ ҷамъият ва ё сулолаи ҳукмрон ҳамеша кӯшиш менамуданд, ки ҳокимияти давлатиро мустаҳкам, тартиботи қонуниро барқарор, ҷиноятҳориҳои оммавиро пешгирӣ, сарҳадҳои давлатӣ муҳофизат карда шавад.

БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ

ПОВЫШЕНИЕ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ГРАЖДАН В ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ

ҶАМШЕДЗОДА КОМРОН ҶАМШЕД
мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: jkomron11@mail.ru

Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[1]. Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми намояндагӣ ва қонунгузори кишвар бештар ба халқ иртибот дошта, таввасути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иродаи халқро ифода карда, ба он шакли олии ҳуқуқӣ медиҳад. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки Конститутсия ҳамчун дастоварди бузурги мардуми тоҷик заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро фароҳам оварда, шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад [8]. Зеро Конститутсия ин санади роҳнамо ва танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, пешравию рушди кишвари мо ба он пайванди ногусастанӣ дорад.

Бо ин мақсад, дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мафҳумҳои «инсон» ва «шаҳрванд» меъёрҳои мушаххас танзим гардидаанд. Масалан, мутобиқи моддаи 5-и он «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд». Ҳамчунин, боби 2 Конститутсия ба ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки ба рушду инкишофи ҳар шаҳрванди кишвар мусоидат намуда, ба сиёсати ҳуқуқбунёдии давлат пурра созгор мебошад. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023, зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016) (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда карда шавад»[1]. Бо ин тасмими наҷиб яке аз меъёрҳои асосии Конститутсия – таъмини ҳуқуқбунёдӣ амалӣ мегарад, ки тавасути он шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳуқуқ муқаррар карда мешавад.

Ҷиҳати рушди сиёсати ҳуқуқии кишвар ва маърифати ҳуқукии ҷомеа Маҷлиси Олӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамояд, ки бевосита танзимкунандаи ин ё он соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ба Конститутсия рабт дошта, аз он сарчашма мегиранд. Ҳарчанд, қонунҳо аз номи давлат ба тасвиб мерасанд, вале дар онҳо, пеш аз ҳама бояд манфиати халқ ифода ёбад. Бо ин мақсад, давлати демократӣ сиёсати худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт бояд ба манфиату иродаи халқ мувофиқ гардонад. Тавре Каримов А.Д. қайд мекунад, ки «мақомоти қонунгузор, ки бо тартиби интихоботи озодона ташкил ёфтааст, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро, пеш аз ҳама, аз рӯйи ба инобат гирифтани манфиати халқ муайян мекунад»[2].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ эътироф гардидааст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақоми қонунгузор ин меъёр бо тамоми назокати ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад.

Анҷом додани тадбирҳои зикргардида аз ҷониби мақоми қонунгузор арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд. Ба андешаи Шарофзода Р.Ш., «боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат маҳсуб мешавад»[3].

Ба ақидаи Лебедева С.В. «воситаҳои шарҳу баёни ғояҳо ва принсипҳои сиёсию ҳуқуқӣ унсури муҳимми маърифати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд»[4]. Бо такя ба андешаҳои баёншуда, ба назари мо, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми қонунгузор бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ ба рушди низоми қонунгузории кишвар ва ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон саҳми беназир мегузорад. Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»[5] аз он шаҳодат медиҳад, ки мақоми қонунгузор дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва тарбияи онҳо дар роҳи ватандӯстӣ бетараф нест. Чунки қабули Қонуни мазкур тақозои замон буда, он ба таҳкими ҳисси муҳаббат ба Ватан, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳуввияти миллии шаҳрвандон мусоидат намуда, масъулияти мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ баланд мебардорад, инчунин барои ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияи ватандӯстӣ, соҳаҳои фарҳанг, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа, бахусус дар байни наврасону ҷавонон, имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «ояндаи Тоҷикистон низ маҳз аз сатҳи маърифати мардум ва пешрафти илму техника вобаста буда, ҷалби ҷавонону наврасон ба илму дониш ва касбу ҳунар бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҳамаи аҳолии ҷомеа қарор дошта бошад»[6]. Бо ин мақсад, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии қонунгузории кишвар дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳониро

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 06-уми ноябри с. 2008 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://sadoimardum.tj

[2] Каримов, А.Д. Парламентское право России: учебное пособие / А.Д. Каримов. – М.,1999. – 246 с.

[3] Шарофзода, Р.Ш. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ: Таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил / Р.Ш. Шарофзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – № 1 (45). – С. 23-39.

[4] Лебедева, С.В. Основы культурно-просветительской деятельности учителя математики: учебно-методической пособие. – Саратов, 2019. – 128 с.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24-уми декабри с. 2022, № 1920 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2022, № 12, қ. 2, м. 760.

[6] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқотбо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, аз 9-уми марти с. 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http: // www.president.tj

таҳлил намуда, дар доираи салоҳияти худ қарорҳо (қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо қонунҳо) қабул менамояд, ки иҷроиши онҳо дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ доранд.

Яке аз масъалаҳои дигари ҳалталаб дар соҳаи қонунгузорӣ ин бартараф намудани мухолифатҳо байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар шароити имрӯза дар раванди сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Ализода З.М. «мухолифат миёни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаи нав набуда, он ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст»[1]. Аз ин рӯ, қонунеро сифатнок эътироф кардан мумкин аст, ки агар он ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро воқеан бо назардошти мақсаде, ки ҳангоми нашри он дар назар гузошта шуда буд, ба танзим дарорад.

Маҷлиси Олӣ дар низоми тақзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос дошта, ин мавқеъ далолат аз он медиҳад, ки мақоми қонунгузор баёнгари иродаю манфиати шаҳрвандон мебошад. Ба инобат гирифтани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Зеро то кадом дараҷа дуруст иҷро гардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии ҷомеа дарк медиҳад. Бояд қайд кард, ки рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ бе донистани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, ки аз ҷониби мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва қонунгузор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарар мегарданд, ғайриимкон мебошад. Маҳз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа, ки дар заминаи риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таъмин мешавад, шарти асосии амалишавии самаранокии донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунии давлат баҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, мақоми қонунгузор ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ, роҳҳои амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадории шахсони воқеӣ ҳангоми ба онҳо расонидани ёрии ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ»-ро қабул намуд. Мақсад аз қабули Қонуни мазкур ин «фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ, ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин таъмини дастрасии онҳо ба адолати судӣ»[2] мебошад.

Дар шумули санадҳои меъёрии қабулшуда, қонунҳое ҳастанд, ки дар таърихи фаъолияти қонунгузории кишвар бори нахуст ва ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд, ки ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва рушди низоми санадҳои қонунгузории кишвар саҳми намоён гузоштаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз»[4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ»[5] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда»[6].

Бо боварӣ метавон гуфт, ки қонунҳои қабулгардида муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим дароварда, ба устувории низоми қонунгузории кишвар заминаи

---

[1] Алиев, З.М. Мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба татбиқи қонунгузорӣ / Алиев З.М // Забон ва сифати қонун, – Душанбе, 2010. – С. 25-30.

[2] Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4-уми июли с. 2020, № 1694 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020. № 7-9, мод. 600.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15-уми марти с. 2023, № 1949 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, №1-3, мод.1.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19-уми июли с. 2022, № 1890 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №7, мод. 432.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» аз 24-уми декабри с. 2022, № 1922 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №12, қ. 2, мод. 762.

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» аз 22-юми июни с. 2023 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023, №4-6, мод. 154.

ҳуқуқӣ фароҳам меоранд. Ҳамзамон, ба таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таккони амиқ мебахшанд. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: «Ҳамаи мо вазифадорем дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноороми пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза баҳри суботу амнияти кишварамон аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем»[1].

Қабули қонунҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳад, ки мақоми қонунгузор вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳонро омӯхта, баҳри суботу амнияти Ватан, пешгирии содиршавии ҳуқуқвайрокунӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон санадҳои меъёрии ҳуқуқии бомавридро қабул менамояд. Зеро ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ ва умуман ба ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа таъсир мерасонад. Ҳуқуқтатбиққунӣ, ки ҷузъи асосии низоми ҳуқуқӣ мебошад, дар шароити ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба қонунгузории миллӣ боиси тағйири мазмуну шаклҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мегардад.

Тавре Ватанзода М.М. қайд менамояд, «яке аз мақсадҳои асосии тасдиқи санадҳои байналмилалӣ ин қабули уҳдадорӣ дар хусуси мутобиқ гардонидани санадҳои дохилӣ бо санадҳои байналмилалӣ мебошад»[2]. Аз ин рӯ, ворид гардидани меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ, мутобиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба асосҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, ки яке аз унсурҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ мебошад, таъсир мерасонад.

Инчунин, дар баробари санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, саҳми санадҳои зерқонунӣ низ дар амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи шаҳрвандон назаррас мебошад. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели с. 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали с. 2018, № 1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри с. 2019, № 599 «Дар бораи барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030». Дар санадҳои зикршуда самти сиёсати ҳуқуқии давлат оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, инчунин таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандонро ҳамчун самти фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандон муайян гардидааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳо оид ба роҳҳо ва усули баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар низоми қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҷиҳати боз ҳам самаранок гардонидани роҳҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ озмунҳои ҳуқуқӣ, намоиши барномаҳои ҳуқуқӣ дар телевизион ва дастрасии аҳолиро ба иттилооти ҳуқуқӣ бештар намуда, ҳамзамон сомонаи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ташкил карда шавад.

Дар асоси таҳқиқоти мавзуи мазкур пешниҳод менамоем, ки тартиби интишори санадҳои қонунгузорӣ дар нашрияҳои расмӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян гардидааст, дар баробари он сомонаи махсуси электронӣ барои интишори санадҳои қонунгузорӣ расман эътироф карда шавад. Зеро дастовардҳои илмӣ ва техникии муосир имкон медиҳанд, ки интишори санадҳои қонунгузорӣ ва қабули он дар таҳрири нав бо мақсади пурра дастрас гардидан ба ҷомеа дар сомонаи электронӣ расман ба чоп расанд. Зеро чунин таҷриба дар давлатҳои пешрафтаи дунё мақоми расмиро гирифтааст. Бо мақсади мутобиқ намудани низоми қонунгузории кишвар ба ҷаҳонишавӣ, рушди техникаи қонунгузорӣ ва дар ин замин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» моддаи 68[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи 68[1]. Сомонаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 06-уми ноябри с. 2008 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://sadoimardum.tj

[2] Ватанов, М.М. Масъалаҳои мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда. / Ватанов М.М. // Забон ва сифати қонун. – 2010. – С. 31-35.

1. «Сомонаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сомонаи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиқнамудаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо забони давлатӣ ва забони русӣ интишор мегарданд.

2. Дар сомона ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиқнамудаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектони қонунгузор тафсири ғайрирасмӣ дода мешавад.

3. Фаъолияти сомонаро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд».

ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ҶАНБАҲОИ ИҶТИМОИИ ОН*

НАСИЛИЕ В СЕМЬЕ И ЕГО СОЦИАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ

ШАРИФЗОДА ПАРВИНИ РАҲМУЛЛО
сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия
E-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru

Оила институтест, ки бинобар дарки моҳияти худ, ки бояд ҳам аз тарафи ҷамъият ва ҳам давлат дастгирӣ карда шавад. Оила дорои маҷмуи пурраи хусусиятҳои муҳимми иҷтимоӣ мебошад, ки онҳоро танҳо аз ҷиҳати қонунӣ тағйир додан мумкин нест. Муносибат ба арзишҳои оилавӣ ҳолати солимии ахлоқии ҷомеаро инъикос карда аз ин рӯ, самти асосии рушди ҷамъиятро муайян мекунад. Ҳамзамон дар ҷомеаи муосир шаклдигаркунии институти оилавӣ ба мушоҳида мерасад, ки аз ҷумла ба зуроварӣ нисбати аъзои оила оварда мерасонад[1].

Зӯроварӣ дар оила ба як падидаи универсалӣ табдил ёфтааст, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст. Чи гуна намуди зӯроварӣ - ҷисмонӣ, руҳӣ, иқтисодӣ ё шаҳвонӣ, новобаста аз он ки қурбонии он ки аст - ин асосан натиҷаи анъанаҳое мебошад, ки дар тӯли солҳои зиёд ташаккул ёфтаанд ва дар таърихи тамоми башарият решаҳои амиқ доранд. Дар саросари ҷаҳон чунин бадрафторӣ нисбат ба одамон як мушкили ҷиддии иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки сол то сол бештар паҳн мешавад[2].

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ проблемаи зӯроварӣ дар оила аз нимаи дуюми асри 20 мавриди омӯзиш қарор гирифт. Дар ин ҷо мавқеи асосиро сотсиологияи ИМА ишғол мекунад, ки дар он ҷо ин мубрамият аввалин шуда буд дар миқёси миллӣ падидаи манфӣ эътироф гардид, ки барои таҳлил ва пешгирии он равишҳои муносиби илмӣ, назариявӣ ва амалиро тақозо мекунад. Муҳимтарин корҳо тадқиқотҳое мебошанд, ки сотсиологҳо М.Штраус, Р.Желлс ва С. Штейнметз дар соли 1975 анҷом дода, сипас дар соли 1985 идома додаанд. Мақомотҳои эътирофшудаи ин мушкилот, ки бисёре аз олимон ба онҳо такя мекунанд Р. Геллес, Р. Берк, Э. Дуглас, К. Йолло, Л. Лерман ва ғайра мебошанд[3].

Дар Иттиҳоди Шуравӣ зӯроварӣ дар оила масъалаи «пушида» буд. Ба он танҳо криминалистҳо ва дигар мутахассисон ҳангоми омӯзиши ҷиноятҳои дар соҳаи оилавию маишӣ содиршуда машғул буданд. Баррасии ин мушкилот дар сатҳи давлатӣ як чизи мамнӯъ буд. Дар кишваре, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ объектҳои афзалиятноки ҳимояи ман-

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

[1] Бирюкова, А.С. Насилие в семье как социальная проблема /А.С. Бирюкова. – Вестник КемГУ. -2010. - № 3 (43). – С. 150-155.

[2] Томусякова, И.И. Международные правовые акты, регулирующие противодействие насилия в семье / И.И. Томусякова. Форум права. - 2014. № 3. – С. 438-441.

[3] Жульжик, Е.А. Насилие над женщинами в семье / Е.А. Жульжик. – М.: Научно-методический электронный журнал, 2014. – С. 6.

фиатҳои давлат ва моликияти давлатӣ бошад, зӯроварӣ дар оила наметавонад ба мушкилоти иҷтимоӣ табдил ёбад. Одатан, омӯзиши зӯроварӣ дар оила бо баррасии зӯроварии ҷисмонӣ тибқи моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ маҳдуд карда мешуд. Гуногунии ин падидаи иҷтимоӣ, ки дар шаклҳои гуногун зоҳир мешуд, танҳо дар робита бо зӯроварии ҷисмонӣ зикр шудааст[1].

Зӯроварӣ дар оила тули якчанд солҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда истодааст. Аз соли 2018 дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон телефони боварӣ оид ба хушунат ва баробарии гендерӣ фаъолият мекунад, ки ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила метавонанд оиди содиршавии зӯроварӣ ё ин ки маслиҳатҳо гиранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зӯроварӣ дар оила предмети тадқиқот гардидааст.

С.А. Валиев, М. Давлатов, Л.Ю. Кибизова, Н.Р. Маҳмудов, Н. Маҳмудов, У. Меликов, Х. Мирзоев, С.А. Мукумова, М. Низомова, М. Раҳимҷонова, З.А. Саидзода, З.А. Саидов, Ф.С. Хайруллоев, А.Г. Холиқов, Ф.Ш. Шоисматуллоева, Р.Р. Раҳмадҷонзода, Х. Юсуфӣ ва дигар олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тадқиқотҳои худ масъалаҳои проблемаи пешгирии зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла тавассути ба амал баровардани профилактикаро дида баромадаанд.

Гурӯҳи махсус аз пажуҳишҳое ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фардӣ-гуманистӣ иборат буда, аз қабили робитаи зӯроварӣ ва безӯроварӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, нақши омилҳои гендерӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин масъала тадқиқоти илмии махсус вуҷуд надорад.

Гарчанде, ки таҳлили зӯроварӣ дар оила дар Тоҷикистон мавзӯи ҷавон бошад, лекин он дорои библографияи муҳим мебошад. Аз худ намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методологии мавзӯъ, ҳамчунин мафҳумҳои умумии он хусусияти баҳснок доранд. Ба дараҷаи зарурӣ табиати иҷтимоии зӯроварӣ дар оила татбиқ нагаштааст. Ҳамчунин базаи сотсиологӣ ва иттилотӣ-оморӣ он суст буда, маълумотҳо дар бораи динамикаи тадқиқот ва маълумотҳои оморӣ аз сарчашмаҳои гуногун аз якдигар фарқ менамоянд. Бинобар ҳамин зарурияти омӯзиши маҷмуавии сотсологии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд, ки он метавонад дар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили маҷбурнамоӣ дар пешгирии низоъ дар байни одамони наздик ширкат варзад.

Масоили зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар диққати илмҳои ҷамъиятӣ ва умуман ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст. Аз рӯи маълумотҳои криминалистӣ, тандурустӣ, сотсиологӣ ва воситаҳои ахбори омма бар меояд, ки гуё зӯроварӣ дар оила ин «меъёре мебошад, ки аз як насл ба насли дигар мегузарад». Ҷабрдидагони асосии зӯроварӣ дар оила инҳо мебошанд: кӯдакон, занон ва маъюбон.

Масоили зӯроварӣ дар оила зуҳуроти гуногунҷанбаи иҷтимоӣ аст. Табъизи шахсият ва оиларо дар доираи маҳдуд кардан ё зарар расондан ба ҳуқуқу озодиҳои шахс дарбар мегирад.

Зӯроварӣ дар оила ин амали системаноки такроршавандаи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ, иқтисодӣ ба шахсони наздик бар зидди иродаи онҳо бо мақсади ҳукмронӣ ва назорат ба шумор меравад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» зӯроварӣ дар оила ин кирдори зиддиҳуқуқии қасдона ё таҳдиди содир намудани кирдори дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иқтисодӣ ва шаҳвонӣ, инчунин муносибати беэътиноёнаи аз ҷониби як узви оила нисбат ба узви дигари оила, ки ҳуқуқу озодиҳои ин шахсонро поймол мекунанд ва ё поймол карда метавонанд, шаъну шарафи онҳоро паст мезананд, зарари ҷисмонӣ ва ё руҳӣ мерасонанд ва ба маҷбуран ё қасдан маҳрум сохтан аз озодӣ оварда мерасонанд[2].

Олимони тоҷик Хайруллоев Ф.С., Кибизова Л.Ю. бар он ақидаанд, ки зӯроварӣ дар оила ин кирдори (амал ё беамалии) қасдан ғайриқонунӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар аъзои оила бо мақсади ба даст овардани ҳокимияти худ содир намуда, ки боиси поймол

[1] Щенина, Т.Е. Насилие в семье: Частное дело или социальная проблема? / Т.Е. Щенина. – М.: Экономика и право, 2008. – С. 225.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти с. 2013, № 954 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj (санаи мурочиат: 27.02.2025).

шудани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо гардида, расонидани ҳама гуна зарар ё таҳдиди расонидани чунин зарар мегардад[1].

Олими рус Паригина Н.А. қайд мекунад, ки «зӯроварӣ дар оила метавонад як маротиба ё ба тариқи такрорӣ ё мумзин табдил ёбад. Зӯроварӣ асоси гендерӣ дошта метавонад аз тарафи як шахс ба шахси дигар таъсири ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ё рӯҳӣ расонида ҳуқуку озодиҳои ӯро маҳдуд намуда дар зиндагии ҷамъиятӣ ва хусусии он таҳдид ба вуҷуд меорад[2].

Аз рӯйи ақидаи Феткулова И.А., «зӯроварӣ дар оила ин таҷрибаи ҷарроҳатнок буда оқибат ба натиҷаҳои ҷиддӣ оварда мерасонад. То андозае, ки зӯроварӣ дарознок ва бераҳмона бошад ин ба ҷароҳати вазнин ва аз даст додани эҳсоси инфиродии шахс мегардад»[3].

Ба ақидаи Саидзода З.А., барои самаранок идора кардан дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, донистани хислатҳои шахсият зарур аст ва агар чунин хислат диндории шахс бошад, пас донистани догмаҳои асосии динӣ аз рақиби худ бадтар нест ва муколамаи босаводона бо ӯ ҳамчун воситаи иҷтимоӣ-психологӣ ҷузъи муҳими фаъолияти чунин давлатҳо мебошад»[4].

Масоили зӯроварӣ дар оила ба фарҳанги умумии тарбия, эҳсосӣ набудани ҳимояи иҷтимоӣ, нобарорбарии гендерӣ ва дигар муносибатҳои оилавӣ ба назар мерасад.

Омили асосии криминогении ҷиноятҳо дар оила ин набудани таъминоти моддӣ, бадмастӣ, рашк, қасосгирӣ ва ғайраҳо мебошад. Нобаробарии гендерӣ дар оила ва зӯроварии дар оила ин натиҷаи низои мунтазам буда оқибат ба криминализатсия оварда мерасонад. Таъсири чунин амалҳо ба занон ва кӯдакон метавонад ба рафтори онҳо таъсири манфӣ расонида дар оқибат ба ҷиноят табдил ёбад[5].

Муҳаққиқ Шемякина О.О. қайд мекунад, ки «масоили мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила ин масоили ташаккули шахсият аст, ки бо роҳи рӯҳӣ дар раванди низоъ як шахс мехоҳад аз болои шахси дигар ҳукмрон гардад, ки ба тасаввурот ва меъёрҳои рафтори он таъсири манфӣ расонида арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқиро аз байн мебарад»[6].

Ноҷурӣ дар доираи муносибатҳои оилавӣ вазъияти криминогенӣ ва низоъро ба вуҷуд оварда ҳамчун рафтори бадахлоқӣ аз ҷониби занон, кӯдакон дар ҷомеа баромад мекунад[7].

Аз рӯйи ақидаи Ситников С.Н., муносибати бераҳмона дар оила муносибатҳои олиавиро вайрон намуда, ба яке аз аъзоёни оила зарари ахлоқӣ, рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва шаҳвонӣ мерасонад. Оқибатҳои он хеле манфӣ мебошад, ки дар одамон эҳсоси тарс, изтироб ва дигар ҳолатҳои эмотсионалӣ ва ҷисмониро ба вуҷуд меорад[8]. Дар натиҷаи он ҳолатҳои баъди ҷароҳатӣ, стресс, вайроншавии психика ва бадрафтории ҷинсию инфиродӣ аз қабили бадмастиву нашъамандӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки ба ғайр аз зарари ҷисмонӣ дар зӯроварӣ дар оила зарари ахлоқиву рӯҳӣ низ мақоми хос дорад, ки таъсири он баъди чандин солҳо эҳсос мегардад. Яке аз намудҳои хатарнок ва паҳншудаи зӯроварӣ дар оила ин зӯроварии ҷисмонӣ буда расонидани зарари ҷисмонӣ бо роҳҳои гуногун, лату кӯб, азобу уқубат, қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ ва ғайра тавсиф карда мешавад.

Дигар намуди зӯроварӣ ин зӯроварии шаҳвонӣ аст, ки бо роҳи маҷбуркунӣ ба алоқаи ҷинсӣ, тарсу ҳаррос, таҷовуз, амалӣ карда мешавад. Ин намуди зӯроварӣ дараҷаи баланди латентӣ дорад. Намуди дигари зӯроварӣ дар оила ин зӯроварии рӯҳӣ аст, ки таҳқир, амали зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва дигар шахсонро ба вуҷуд оварда ба ҳолатҳои худкушӣ, тарсондан бо роҳҳои гуногун, маҳдуд кардани доираи муошират ва гирифтани ёрии тиббиву

[1] Хайруллоев, Ф.С., Кибизова, Л.Ю. Основные теоретико-правовые начала к определению понятия насилия в семье / Ф.С. Хайруллоев, Л.Ю. Кибизова // Юридический вестник. – 2020. - №1. – С. 5-10.
[2] Парыгина, Н.А. Женщина – жертва насилия (социологический портрет) / Н.А. Парыгина. – М.: Власть и управление на Востоке России, 2009. – С. 212-217.
[3] Феткулова, И.А. Домашнее насилие. Женщина – жертва –преступник / И.А. Феткулова. – М., 2010. – С. 46-48.
[4] Саидзода, З.А. О социально-психологических аспектах предупреждения насилия в семьях / З.А. Саидзода // Вестник Волгогр. гос. ун-та. Сер. 5, Юриспруд. - 2016. - № 2 (31). – С. 27-31.
[5] Черняк, Е.М. Социальный портрет семьи, в которой происходит насилие / Е.М.Черняк. – М.: Вестник университета. 2012. – С. 45.
[6] Шемякина, О.О. Влияние внутриличностных конфликтов на проявление девиантного поведения на этапе юношеского развития личности / О.О. Шемякина. – М.: Юридическая психология. –2010. – С. 26-28.
[7] Хамзаева, А.Д. Предупреждение насильственных преступлений, совершенных женщинами в сфере семейных отношений [Текст] / Хамзаева А.Д. – М.: Бишкек, 2006. – С. 24.
[8] Ситников, С.Н. Причины насильственных преступлений в семье / С.Н. Ситников. – М.: Вестник Моск. гос. обл. ун-та, 2009. – С. 34–37.

иҷтимоӣ, назорати реҷаи рӯз ва ғайраҳо амалӣ мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки ин намуди зӯроварӣ паҳн гаштааст.

Зӯроварии иқтисодӣ. Ин намуди зӯроварӣ дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад: даст кашидан аз парастории кӯдакон, пинҳон доштани даромад, худнамоӣ дар истифодаи маблағҳои оилавӣ, яктарафа ҳал кардани қарорҳои молиявӣ, назорати сахт аз болои масрафи маблағи аъзоёни оила ва ғайра. Бисёр вақт занон аз мардон вобаста мешаванд, ки ба тавалludи кӯдак, табъизи фаъолияти меҳнатӣ, бекорӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин зӯроварӣ аз ҷониби калонсолон нисбати кӯдакон маҷбур кардани онҳо барои интихоби волидайн ба тариқӣ ва рӯҳӣ амалӣ гашта ҳуқуқҳои кӯдакон ва ҳуқуқҳои волидайнро маҳдуд ва носолим месозад[1].

Аз рӯйи ақидаи Елисеева Д., сабабҳои зуҳуроти зӯроварӣ хеле зиёд мебошанд. Зӯроварӣ дар оила ба омилҳои гуногун вобастагӣ дорад бинобар ин онҳоро таҳқиқ карда мебароем:

1. Табиати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад.
2. Натиҷаи таҷрибаи инфиродии шахс аст.
3. Ба ҷароҳати синну солӣ алалхусус ҷароҳати кудакон вобаста аст.
4. Дар натиҷаи таъсири рӯҳӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.
5. Хусусиятҳои инфиродии шахсро дар бар мегирад[2].

Бисёр вақт одамон зӯровариро таҷриба карда, лекин онро чун меъёр мутаасифона қабул мекунанд. Аммо бояд донист, ки зӯроварӣ дар оила ба саломатии инсон, инкишофии ақлонӣ ва ахлоқии он, амнияти ҷомеа таҳдид ба вуҷуд меорад. Набояд фаромӯш кард, ки маҷбур кардани як шахс аз тарафи шахси дигар ғайри хоҳиши он ин поймолкунии ҳуқуқи инсон аст.

Зӯроварӣ дар оила якчанд ҳуқуқҳои инсонро поймол мекунад: аз қабили баробарӣ дар назди қонун, табъиз аз рӯи ҷинс, ҳуқуқи истифода накардани муносибати бераҳмона, ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии ҷисмонӣ, ҳуқуқ ба стандартҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии саломатии инсон[3].

Асосҳои ҳимояи ҳуқуқи шахсони ба зӯроварӣ дар оила гирифтор шуда дар ҳуҷҷатҳои зерин дарҷ гардидаанд: «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар», «Конвенсия оиди ҳуқуқҳои сиёсии занон», «Эъломияи ҳуқуқи кӯдак», Санади байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ», «Санади байналмилалӣ оиди ҳуқуқҳои граждани ва сиёсӣ», Эъломияи бекор кардани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон», «Конвенсияи розигӣ барои бастани ақди никоҳ, синну соли ниҳоии никоҳӣ ва қайди никоҳ», Конвенсия дар бораи баробарҳуқуқии мукофотпулии занон ва мардон аз рӯи арзиши меҳнати баробар», «Конвенсия дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои модар», «Конвенсия дар бораи муносибати баробар ва имконияти баробари занону мардон аз рӯи фаъолияти меҳнатии уҳдадории оилавӣ», «Конвенсия дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнату машғулият».

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили муносибати оилавӣ дар моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Аз ҷумла давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст. Ҳамчунин муносибати оилавӣ ва зӯроварии оилавӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Масоили мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта барои амалӣ намудани он монеаҳои зиёд мавҷуд ҳастанд. Ин монеаҳоро дида мебароем:

1. Надидани чораҳои зарурӣ ҳангоми зӯроварӣ дар оила.

[1] Синельников, А.М. Социальному работнику о проблеме домашнего насилия / А.М. Синельников. – М.: Университетская книга, 2001. – С. 128.
[2] Елисеев, Д. Жестокое обращение с детьми как проблема современного общества / Д. Елисеев. – М.: Свобода, 2001 – С. 386.
[3] Томусякова, И.И. Международные правовые акты, регулирующие противодействие насилия в семье / И.И. Томусякова. – М.: Форум права, 2014. – С. 438-441.

2. Фаъолияти сусти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди бақайдгирӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила.

3. Набудани механизмҳои ҳимояи фаврӣ аз ҷониби мақомотҳои дахлдор нисбати зӯроварӣ дар оила.

Аз рӯйи ақидаи Субботина Н.В. ва Пащенко А.С., дар чунин ҳолат бояд ба таври мақсаднок чорабиниҳои мувофиқи комплексӣ нисбати зӯроварӣ дар оила новобаста аз мавқеи ҷабрдидагон гузаронида шавад[1].

Зарурати истифодаи технологияҳои гуногунсоҳа барои кор бо ҷабрдидагони зӯроварӣ ба миён меояд. Ин нуқта ба он равона шудааст, ки барои ҳифзи саломатӣ ва ҳолати рӯҳии ҷабрдидагон бояд марказҳои мушовара ва иттилооти ҳуқуқӣ ва рӯҳӣ ба роҳ монда шавад.

Аз рӯйи тачрибаи ИМА барои ҳалли ин масъала технологияи судӣ-ҳуқуқии барқароркунӣ гузаронида мешавад. Масалан на ҷустуҷуи шахси гунаҳгор ё ҷазои сахти он, балки динамикаи муносибати байни аъзоёни оила, муқаррар кардани гуноҳи ҳар як аъзоёни оила ба назар гирифта мешавад. Ин дар ИМА ба он оварда мерасонад, ки пай дар пайи зӯроварӣ аз байн бардошта шавад[2]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаи мазкур марказҳои ёрирасони ҳуқуқӣ ва рӯҳӣ фаъолият менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи танҳо чораҳои ҷазодиҳӣ ба таври пурра амнияти оиларо таъмин карда наметавонад. Бинобар ин бояд чорабиниҳои комплексӣ аз қабили профилактика, барномаи зудамал барои пешгирии зӯроварӣ дар оила, барномаи махсуси рӯҳӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматрасонии иҷтимоӣ, марказҳои буҳронӣ, созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маориф, муассисаҳои динӣ роҳандозӣ карда шавад.

Дар шароити ҳозира фаъолияти иҷтимоӣ барои пешгирии зӯроварӣ дар оила танҳо бо ташкили марказҳои буҳронӣ ва телефонӣ боварӣ ба роҳ монда шуда ин барои тамоми сокинони Тоҷикистон пурра дастрас нест. Барои ҳамин бояд механизми дақиқи қатъи зӯроварӣ дар оила аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ таҳия гардад. Масалан дар Тоҷикистон ин такмили қонунгузории миллиро нисбати оила, кӯдак, модар, аъзоёни оила ва пешгирии зӯроварӣ дар оила дар назар дорад.

Дигар мубрами муҳим дар ин самт надонистани ҳуқуқҳои шахрвандон барои гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Яъне бисёр ҷабрдидагон то ҳол намедонанд, ки ба ғайр аз мақомоти корҳои дохилӣ боз ба куҷо мурочиат кунанд ва мушкилиҳои худро пинҳон медоранд.

Зарурати муқовимат ба зӯроварӣ дар оила ба асосҳои зерин вобастагӣ дорад: ташаккули механизми самараноки ҳифзи ҷабрдидагон аз рӯи самтҳои гуногун; ташаккули технологияи нави мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила аз рӯи талаботҳои дарачавии ташхис, огоҳонидан, профилактика ва ҳимоя[3].

Самтҳои асосии мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила ҳамоҳангсозии комплекси технологияҳо дар дарачаҳои зерин мебошад:

– коркарди механизми сиёсати оилавӣ, ки ба ҳимояи оила ва таъмини қонунэҷодкунӣ равона гардидааст;

– қатъ намудани ҳама гунна табъизи гендерӣ дар оила ва умуман дар ҷомеа;

– ташхиси зӯроварӣ дар оила тавассути шуурнокии занон ва динамикаи вазъи криминалӣ;

– муайян намудани кӯдакон ва заноне, ки ба зӯроварӣ дучор гардиданд. Ёрии саривақтӣ ва таъминоти иҷтимоии онҳо ва гузаронидани чорабиниҳои барқарорсозӣ;

– мунтазам тавассути васоити ахбори омма огоҳ намудани аҳолӣ оиди зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он;

– ташкили шароити мусоид барои қайди ҳатмии гендерӣ дар байни аҳолӣ;

---

[1] Субботина, М.В. Особенности расследования преступлений, связанных с домашним насилием / М.В. Субботина, А.С. Пащенко. – М.: Волгоград: ВА МВД России, 2007. – С. 104.

[2] Нелидкин, А.М. Проблемы внедрения технологий ювенальной юстиции в социальную сферу / А.М. Нелидкин, М.В.Еремин // Социально-экономические аспекты развития современного общества: межвуз. сб. науч. тр. Вып.3.; под ред. д.и.н., проф. С.В.Демидова. – Рязань: РИПД «Первопечат- никЪ», 2014. – С. 116-122.

[3] Ермолова, Д.Ю. Технологии социальной работы с лицами, подвергшимися насилию / Д.Ю. Ермолова. – М.: ИНФРА – М, 2009. – 105 с.

– ҳамкории байни Ҳукумат ва мақомотҳои гуногун барои бунёди механизмҳои ҳимоя занон дар оила;

– ҳимояи иҷтимоии занон ва кӯдакон дар намуди ёрии иттилоотӣ, машваратӣ, рӯҳӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила;

– васеъ намудани шабакаи марказҳои буҳронӣ ва марказҳои барқарорсозии иҷтимоии занон;

– дида баромадани чораҳои ҳуқуқие, ки дар худ меъёрҳои маъмурӣ, маданӣ, манзилӣ ва ҳуқуқи оилавиро дарбар мегиранд[1].

Ҳимояи шахсони ба зӯроварӣ дар оила гирифташуда бояд ба комплекси чорабиниҳо ва барномаҳои махсуси ҳаррӯзаву фаврӣ фаро гирифта шаванд. Дар ин ҷода гузаронидани чорабиниҳои машваратӣ, рӯҳӣ ва маълумотнокӣ барои гунаҳгорони зӯроварӣ дар оила ва профилактикаи он гузаронида шаванд[2].

Корҳои профилактики марказҳо ва фондҳои гуногун, ки ба зӯроварӣ дар оила вобастаанд бояд кӯшиш намоянд, ки зӯроварӣ дар оиларо ҳамчун омили хатарнок ба танзим дароранд. Ин марказҳо якчанд функсияҳои иҷтимоиро иҷро менамоянд:

– функсияи ҳимояткунӣ;
– функсияи профилактикӣ;
– функсияи барқарорсозӣ;
– функсияи батанзимдарорӣ ва инкишофдиҳанда;
– функсияи офиятбахшӣ.

Тағйирёбии шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, арзишҳои ахлоқӣ, муносибатҳои байни шахсӣ ба он оварда мерасонанд, ки ҳолатҳои рӯҳӣ, изтиробӣ ва ғамангезӣ дар шахсият пайдо мешаванд. Ин албатта ба муҳити атроф ва наздикон таъсири манфии худро мерасонад ва метавонад зӯровариро ба вуҷуд оварад[3].

Ҳамин тариқ зарур аст, ки системаи алоқаманд ва ҳамоҳангсоз байни мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон барои аз байн бурдани омилҳои криминогении зӯроварӣ дар оила ташаккул дода шаванд[4].

Сари вақт айният намудани зуҳуроти зӯроварӣ дар оила бояд ба коркарди технологияҳо ва механизмҳои нави ҳифзи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва профилактикаи он равона гардад. Ҳамоҳангсозӣ байни муассисаҳои давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тандурустӣ, марказҳои буҳронӣ дар ин ҷода аҳаммияти калон дорад. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки онҳо бояд дар робитаи наздик фаъолият намуда тавонанд, ки ёрии саривақтӣ ва тахассусӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила расонанд[5].

МАСОИЛИ МУБРАМИ УҲДАДОРИҲО АЗ ШАРТНОМА

АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ДОГОВОРНЫХ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ

ЭМОМАЛИЗОДА НАВРУЗ ЭМОМАЛӢ
судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
e-mail: tam300986@mail.ru

Қисми 1 моддаи 351 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) муқаррар намудааст, мувофиқи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба манфиати шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад, чунончи молу мулкро диҳад, корро иҷро кунад, хизмат расонад, пул супорад ва ғайра, ё аз иҷрои ягон амал

[1] Елфимова, Е.И. Правовые проблемы борьбы с домашним насилием / Е.И. Елфимова. – М.: Вестн. Волгогр. гос. ун-та. Сер. 5, Юриспруд., 2013.
[2] Шведова, Н.О. О насилии в отношении женщин / Н.О. Шведова. Насилие и социальные изменения. – 2000. – С. 38-53.
[3] Томусякова И.И. Асари зикршуда. – С. 438-441.
[4] Феткулова, И.А. Асари зикршуда. – С. 46-48.
[5] Хамзаева, А.Д. Предупреждение насильственных преступлений, совершенных женщинами в сфере семейных отношений / Хамзаева А.Д. – М.: Бишкек, 2006. – С. 24.

худдорӣ намояд ва кредитор бошад, ҳуқуқ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд[1]. Аз моҳияти меъёри мазкур иҷрои уҳдадорӣ ин аз ҷониби қарздор ба фоидаи шахси дигар анҷом додани амали муайян ё худдорӣ намудан аз амалҳои дахлдор тибқи шартҳои уҳдадорӣ, талаботи қонун, дигар санади ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Тибқи қисми 1 ва 3 моддаи 482 Кодекси мазкур, шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ мебошад. Нисбати уҳдадориҳое, ки аз шартнома бармеоянд, муқаррароти умумӣ оид ба уҳдадориҳо (м.м. 351-481 ҳамин Кодекс) татбиқ мегарданд, агар дар қоидаҳои ҳамин боб ва қоидаҳо оид ба навъҳои алоҳидаи шартномаҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Профессор Раҳимов М.З. қайд менамояд, ки мафҳуми «уҳдадорӣ» набояд танҳо бо мазмуни «уҳдадории қарздор» баҳо дода шавад, чунки уҳдадорӣ ин маҷмуи «уҳдадорӣ ва соҳибҳуқуқии шахс» низ ба шумор меравад[2]. Яъне, дар уҳдадорӣ қарздор ва кредитор дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян буда, мақсади он аз расидан ба натиҷаи дахлдор иборат мебошад.

Дар маҷмуъ, нисбат ба уҳдадориҳое, ки аз шартнома бармеоянд, муқаррароти умумӣ оид ба уҳдадориҳо (м.м. 351-481 ҳамин Кодекс) татбиқ мегарданд ва моҳияти иҷрои уҳдадориро ин анҷом додани маҷмуи амалҳои аз ҷониби иштирокчиёни уҳдадории дахлдор - тарафҳои шартнома ташкил медиҳанд, ки онҳоро аз рӯйи қоидаи умумӣ қарздор бояд ба таври дахлдор иҷро намояд. Вайрон намудани уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор – тарафи шартнома ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маданӣ дониста шуда, мувофиқан нисбат ба қарздор ҷавобгариҳои маданӣ - ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Дар чунин ҳолат қонунгузор ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои мададнии кредитор як қатор тарзҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ҷиҳати ҳавасмандии қарздор бобати иҷрои саривақтии уҳдадориҳо равона карда шудаанд. Чунин тарзҳо дар маҷмуъ дар ҳуқуқи граждани тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориро ташкил медиҳанд[3].

Ба ҳайси тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ мувофиқи талаботи қ. 1 м. 380 КМ ҶТ, иҷрои уҳдадорӣ метавонад ба воситаи ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани ашёи қарздор, замонат, кафолат, байъона ва дигар тарзҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда шавад. Яъне, ин номгӯи васеъ мебошад, иҷрои уҳдадориҳо метавонад инчунин бо тарзҳои дигари дар қонун ё шартнома пешбинишуда таъмин карда шавад.

Ба КМ ҶТ дохил намудани боби марбутаро метавон муносибати анъанавӣ ҳисоб кард. Зеро он ба мо аз Кодекси граждании соли 1999 боби 22 «Таъмини иҷрои уҳдадорӣ» [13] ва Кодекси граждании соли 1963-и ҶШС Тоҷикистон боби «Таъмини иҷрои уҳдадориҳо» (боби 18 фасли 3 «Ҳуқуқи уҳдадорӣ») омадааст. Дар қонунгузории замони Шуравӣ ба ҳайси тарзҳои таъмин ноустуворона, гарав, кафолат ва байъона (м. 204) номбар шуда буданд. КМ ҶТ бошад, аз Кодекси граждании қаблӣ ва ИҶШС гирифта шуда, сарчашмаи чунин муқарраротҳо Маҷмӯи қонунҳои Империяи Россия (китоби чаҳорум, ҷилди 10 «Оид ба уҳдадориҳо тибқи шартномаҳо») фасл «Оид ба таъмини шартномаҳо ва умуман уҳдадориҳо» мебошад. Тибқи муқаррароти моддаи 1554-и он: «шартномаҳо ва уҳдадориҳо тибқи розигии тарафайн тавассути

1) замонат;
2) шартҳои ноустуворона;
3) гарави амволи ғайриманқул;
4) гарави амволи манқул метавонанд устувор ва таъминшаванда бошанд», мебошад[4].

Айни замон тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар боби 28 моддаҳои 380-439-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

---

[1] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 24-уми декабри с. 2022, № 1918 // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 11.03.2023)

[2] Рахимов, М.З. Избранные труды. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование / М.З. Рахимов. – Душанбе, «Бухоро», 2014. – С. 31.

[3] Бобохонов, Х.З., Сайфиддинова, М.А., Сидиков, Д.А., Сулаймонов, Ф.С. Гражданское право Республики Таджикистан: учебное пособие // Х.З. Бобохонов / Под общ. ред. канд. юрид. наук, доцента Сулаймонова Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – С. 163.

[4] Гринь, О.С. Поручительство в механизме обеспечения исполнения обязательств: автореф. дис. канд. юрид. Наук: 12.00.03 / О.С. Гринь. – М.: 2012. - С. 86

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар кодексҳои граждании аксари мамлакатҳои аврупоӣ (масалан, Олмон, Швейтсария, Италия, Нидерланд) мо фаслеро дида наметавонем, ки дар он қоидаҳо оид ба сохторҳои алоҳидаи муттаҳидкунандаи қонунгузори кишварамон зери номгӯи «Таъмини иҷрои уҳдадориҳо» баён шуда бошад. Дар кодексҳои ин давлатҳо чунин меъёрҳо дар бобҳои гуногун дарҷ гардидаанд. Ҳамин тавр, гарав одатан дар доираи ҳуқуқи ашё (§1113-1191 Уложенияи граждании Олмон; м. 793-915 Кодекси граждании Швейтсария; м. 227-275-и китоби 3 Кодекси граждании Нидерландия), замонат бошад дар байни шаклҳои алоҳидаи уҳдадориҳо (§ 765-778 Уложенияи граждании Олмон); м. 492-512 Кодекси уҳдадориҳои Швейтсария (китоби 5 Кодекси граждании[1]); м. 1936-1957 Кодекси граждании Италия; м. 850-870 китоби 7 Кодекси граждании Нидерландия) баррасӣ карда мешаванд. Оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар Кодекси граждании соли 1922 ҶШСФР низ боби алоҳида набуд. Вале дар Кодекси граждании Федератсияи Россия фасли 3, боби 23 таъмини уҳдадориҳои боби алоҳида мавҷуд буда, параграфи 5, м. 361-367-и он ба замонат бахшида шудааст.

Масалан, дар китоби якуми Уложенияи граждании Олмон («Қисми умумӣ») боби 7 «Пешниҳоди таъмин» вуҷуд дорад. Аз байни чунин тарзҳо моддаи 232 чунин муқаррар мекунад: ба депозит ворид намудани пул ё коғази қиматнок; ба гарав гузоштани талаботи дар Китоби қарзҳои Федератсия ё Китоби қарзҳои замин дарҷгардида; ба гарав гузоштани амволи манқул; муайян намудани ипотека ба суд ё суди бунёдшаванда**,** ки дар номгӯи (реестр) судии Олмон ба қайд гирифта шудааст ё Регистри судҳои бунёдшаванда; муқаррар намудани ипотека ба замини наздиҳавлигии дар ҳудуди мамлакат қарордошта[2]; ба гарав гузоштани талаботи замини наздиҳавлигии тавассути ипотека таъминбудаи дар ҳудуди мамлакат қарордошта ё қарзҳои иҷоравии (рентавии) замини наздиҳавлигӣ ҳосилдиҳанда, ки дар ҳудуди мамлакат қарор доранд[3].

Бинобар ин, дар меъёри додашудаи Уложенияи граждании Олмон қайд карда мешавад, ки агар таъмин бо яке аз тарзҳои дар боло номбаршуда пешниҳод нагардад, он гоҳ додани зомини муносиб иҷозат дода мешавад.

Дар адабиёт оид ба ҳуқуқи олмонӣ ба қатори тарзҳои таъмин инчунин ҳуқуқи нигоҳ доштан, ҳуқуқи инкор кардани иҷро дар ҳолати аз тарафи дигар иҷро нашудани шартнома, ноустуворона оид ба шартнома, сабти пешакӣ, эътирози ба китоби замин дохилкунанда, эътирофи қарзи мавҷуда, вексели кафолатӣ ва воситаҳои дигарро мансуб медонанд[4].

Тарзҳои таъмин дар ҳуқуқи муосири Фаронса аз рӯйи категорияҳои махсус инъикос ёфтаанд. Ин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки соли 2006 ба Кодекси граждании Фаронса китоби нави чаҳорум «Оид ба таъминот» дохил карда шуд. Таҷрибаи мазкур диққатҷалбкунанда мебошад, зеро дар ин ҷо меъёрҳо оид ба таъмин дар қисми алоҳидаи Кодекси граждании Фаронса дар радифи чунин бобҳои анъанавии аз ҳамаи кодексозии ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди «Дар бораи шахсон», «Дар бораи амвол ва шаклдигаркуниҳои гуногуни моликият», «Дар бораи воситаҳои гуногуне, ки тавассути онҳо моликият ба даст оварда мешавад» ҷудо карда шудаанд. Пеш аз ҳама, ба китоби чаҳорум меъёрҳо оид ба чораҳои таъминӣ аз китобҳои дигари кодекс кӯчонида шудаанд.

Масалан, қоидаи институти замонат тағйир наёфтааст, дар боби нав танҳо рақами тартибии моддаҳо дучори тағйирот шудаанд (м. 2288-2320 собиқ моддаҳои 2011-2043 мебошанд). Дар мавриди баъзе тарзҳои нави таъмин дар ҳуқуқи фаронсавӣ (масалан, кафолати мустақил, мактуби кафолатӣ) ҳаминро гуфтан зарур аст, ки чунин меъёрҳо бори аввал пешбинӣ шуданд. Китоби мазкур ба ду фасл (унвон) тақсим мешавад. Фасли якум ба таъмини шахсӣ бахшида шудааст ва дар он бобҳо оид ба замонат, кафолати мустақил (м. 2321), мактуби кафолатӣ (м. 2322) дарҷ гардидаанд. Дар фасли дуюм меъёрҳо оид ба таъмини амволӣ дохил карда шудаанд. Аз ин рӯ, он ба якчанд зерфасл тақсим карда шудааст, ки дар байни онҳо меъёрҳо оид ба ҳуқуқҳои таъминӣ ба амволи манқул (м. 2330-2332), гарав (м.

---

[1] Кодекси граждании Швейтсария. Аз сомонаи расмии ҳокимияти федералии Конфедератсияи Швейтсария // [Манбаи электронӣ]. – Речаи воридшавӣ: http //www. admin. ch (санаи мурочиат: 20.03.2025).

[2] Гражданское уложение Германии // [Манбаи электронӣ]. – Речаи воридшавӣ: http://oceanlaw.ru/wp-content/uploads/2018/02/1900- -1.pdf (санаи мурочиат: 01.01.2025)

[3] Василевская, Л.Ю. Учение о вещных сделках по германскому праву. – М., 2004. – С. 435.

[4] Вебер, Х. Обеспечение обязательств (Kredit sicherung srecht) / Пер. с нем. Ю. М. Алексеева, О. М. Иванова. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – С. 6-7.

2333-2366), нигоҳдории таъминии фасл (м. 2367-2372) ва ба амволи ғайриманқул (м. 2374-2386), антикрез (гараве, ки ҳосили онро кредитор истифода бурда, аз ҳисоби қарз ҳосили гирифтаро ҳисобӣ мекард ё не мутобиқи шартнома ҳал мешуд) – гарави амволи ғайриманқул (м. 2387-2392), ипотека (м. 2393-2425)) ҷудо карда шудаанд[1].

Дар низоми ҳуқуқии мамлакатҳои англо-амрикоӣ низ баъзе меъёрҳои умумӣ оид ба таъминот дида мешаванд. Ҳамин тавр, дар Кодекси ягонаи савдоии ИМА, ки дар иёлотҳои Амрико бо тағйироти мухталиф ба ҳайси қонунҳои иёлоти дахлдор қабул карда шудаанд фасли 9 «Таъминоти аҳдҳо» дохил карда шудааст. Дар ин ҷо категорияи «манфиати таъминотӣ» мавриди истифода қарор мегирад, ки зери он ҳуқуқ ба амвол, чун таъминот хизмат мекунад, фаҳмида мешавад[2]. «Манфиати таъминотӣ маънои манфиат ба амволи манқул ё лавозимотеро ифода мекунад, ки пардохт ё иҷрои уҳдадориҳоро таъмин мекунад» (қ. 35 м. 1-201)[3].

Дар қонунгузории Федератсияи Россия низ таъмини иҷрои уҳдадорҳо ба монанди Кодекси мадании кишвари мо муқаррар карда шудааст. Дар он номгӯи номаҳдуди тарзҳои таъминро муқаррар кардааст, бинобар ин дар адабиёт ба сифати онҳо сохторҳои ҳуқуқии гуногуншакл муайян карда шудааст.

Бо мақсади то ҳадди муайян кам кардани хатари иҷрои уҳдадорӣ, тарзҳои махсуси таъмини иҷрои уҳдадорӣ таҳия карда шудаанд. Таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун институти ҳуқуқи граждани аз замонҳои қадим амал карда, бо баъзе тағйирот то ба ҳол мавриди истифода қарор дорад.

Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ гуфта чораҳои характери молумулкӣ доштаеро меноманд, ки барои иҷрои уҳдадорӣ ё ба таври дахлдор иҷро шудани он мусоидат мекунанд[4]. Ба таври дигар, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ин чораҳои таъсиррасонии иловагӣ ба қарздор мебошанд, ки бо қонун ё шартнома пешбинӣ шудаанд[5]. Истифодаи чунин чораҳо барои қонеъ гардонидани манфиатҳои кредитор равона шуда, кафолати муҳими пешгирии иҷро нашудан ё ба таври дахлдор иҷро нашудани уҳдадориҳо мебошанд.

Профессор Усмонов О.У. дуруст қайд намудааст, ки «Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ барои манфиати кредитор муайян карда шудаанд. Агарчи на ҳамаи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ характери муҷозотӣ дошта бошанд ҳам, аммо онҳо бевосита ё бавосита барои қарздор вазни иловагӣ мебошанд»[6]. Моҳияти институти мазкур ин кафолат додани иҷрои уҳдадориҳо ва устувор гардонидани мавқеи кредитор дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадорӣ буда, барои ба кредитор таъмин намудани ҳуқуқҳои иловагӣ, ки ӯ дар мавриди аз ҷониби қарздор иҷро накардани уҳдадориҳояш тавонад аз он бо роҳи фурӯши амволи гарав, ҷалби зомин ва кафил истифода барад, то ҳол амал мекунад.

Амали намудани ҳуқуқи таъминии кредитор бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

а) ба зиммаи қарздор вогузор намудани чораҳои иловагии амволӣ дар намуди ноустуворона ва ё байъона;

б) ҷалб намудани шахсони сеюм ба ҷойи қарздор барои иҷрои уҳдадорӣ ва ё нисбат ба онҳо татбиқ намудани ҷавобгарӣ (замонат ва кафолат);

---

[1] Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) = Code civil des Français (Code Napoléon) / Пер. с фр. В.Н. Захватаева // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: http://infotropic.ru/grazhdanskij-kodeks-frantsii/ (санаи муроҷиат: 01.10.2024 с.)

[2] Гражданское и торговое право зарубежных государств: учебник /отв. ред. Е.А. Васильев. А.С. Комаров. – М.: 2008. – С. 478.

[3] Кодекси ягонаи савдоии ИМА // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://miripravo.ru/lexmercatoria/sale/uniform-commercial-code.htm Downloads/edinoobraznyi_torgovyi_kodeks.pdf (санаи муроҷиат 20.03.2025).

[4] Узайдуллоев, Н., Амонов, А., Солиев, И. Аҳдҳои ва шартномаҳо (дар тафсир ва эзоҳот) / Н. Узайдуллоев, А. Амонов, И.Солиев. // – Душанбе: «Сурушан», 2003. – С. 74.

[5] Қурбонов, Қ.Ш., Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе, “Донишварон”, 2017. – С. 476.

[6] Ҳуқуқи граждани. Китоби дарсӣ. Қисми якум [Матн] / О.У. Усмонов // Муҳаррири масъул: узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе, «Эр-граф», 2001. – С. 373; Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 [Матн] / О.У. Усмонов / Муҳаррири масъул: узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ М.А. Маҳмудов. – Душанбе, «Эр-граф». 2007. – С. 398.

в) пешакӣ ҷудо намудани амвол барои имконияти маҷбуран қонеъ намудани талаботи кредитор (гарав)[1].

Тавре муайян карда шуд, номгӯи тарзҳои таъминӣ васеъ мебошад ва иҷрои уҳдадориҳо метавонанд инчунин бо тарзҳои дигари дар қонун ё шартнома пешбинишуда таъмин карда шавад.

Вобаста ба ин, устод Витрянский В.В. ба меъёри муқарраркунандаи тарзҳои иловагии таъмини иҷрои уҳдадориҳо ҳолатҳои зеринро мансуб медонад, ки дар қонунгузории граждании мо низ ҳолатҳои мазкур ҷой доранд, ба монанди «оид ба масъулияти субсидиарии иштирокчиёни ширкати комил, инчунин ширкати ба боварӣ асосёфта тибқи уҳдадориҳои шарикӣ; моликият тибқи уҳдадориҳои муассиса; дар бораи ҳуқуқи кредитори аҳдро иҷронамуда, дар ҳолати саркашии тарафи дигар аз тасдиқи нотариалии талаби эътирофи ҳаққонияти он; дар бораи ҳуқуқи кредитори ҷиҳати талаби бақайдгирии аҳд дар ҳолати саркашии тарафи дигар; дар бораи ҷавобгарие, ки дар баробари қарздор шахси сеюм, ки ба ӯ иҷрои уҳдадориҳо вогузор шудааст бар дӯш дорад, масалан меъёри Кодекси граждани, ки тибқи он дар ҳолатҳое ки агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришнома бинобар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббарокунӣ аз ҷониби бонки барои иҷрои супоришномаи пардозанда ҷалбгардида рух дода бошад, мутобиқи қисми 1 ҳамин модда суд метавонад масъулиятро ба зиммаи ҳамин бонк гузорад»[2].

Муҳаққиқ Белов В.А. бошад аз ҷумла, дар боби 23 Кодекси граждании Федератсияи Россия (Таъмини иҷрои уҳдадорӣ) номбарнашуда, аммо бевосита дар қонунгузорӣ пешбинишудаҳоро аз қабили авали (кафолати пардохт) чекӣ ва векселӣ, индоссамент, аксепт ба тартиби миёнарав, се намуди махсуси гарав (дар ҳолати муқарраркунии муносибатҳои таъминӣ оид ба нигоҳдории мол зери шаҳодатномаи анбории дучанда ё оддӣ, ки аз тариқи уҳдадории вомбаргии амонатӣ ё гаравӣ ба расмиёт оварда мешавад), замонат зери уҳдадории вомбаргӣ, маблағгузорӣ зери гузашти талаботи пулӣ, кафолати давлатӣ ва мунисипиалиро ба тарзҳои таъмин мансуб медонад[3].

Олим Ем В.С. ба сифати наздиктарин монандиҳои институтҳои ҳуқуқии хориҷӣ сохтори кафолатии (таъминии) интиқоли ҳуқуқи моликият[4] ва нигоҳдории титули моликиятро дар қонунгузории россиявӣ аҳди зери шартҳои таъхиршуда ва шартномаҳои пешакӣ меномад[5]. Ба ҳайси мисол метавон фурӯши шартиро оварда[6]. Вале, асоси ин воситаҳои кафолатро метавон боз дар институтҳои ҳуқуқи римӣ ба монанди фидутсия (гарави фидутсиарӣ)[7] ва комиссория пайдо намуд[8]. Инчунин, Латинсев А.В. дар асоси гурӯҳбандии тарзҳои таъмин эҳтимолияти пайдо шудани чунин конструксияҳоро аз қабили «аккредитиви амволӣ, гардиш байъона, кафолати ашёӣ, фидутсияи молҳо дар муомилот»-ро пешгӯӣ мекунад[9]. Гонгало Б.М. дар байни тарзҳои номбарнашудаи таъмин мавҷудияти «ноустуворонаи молӣ»-ро қайд мекунад[10].

Ба тарзҳои иловагии таъмин, ки метавонанд дар шартнома муайян карда шаванд, инчунин аз тарафи қарздор ворид намудани маблағи муайян ба депозити шахси сеюм, шартҳои аз тарафи соҳибмулк вогузор кардани таваккали нобудшавии ё вайроншавии

---

[1] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум [Матн] / Ф.С. Сулаймонов, П. Мирзоев. Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 287.

[2] Брагинский, М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. – М.: Статут, 2005. – С. 481.

[3] Белов, В.А. Гражданско-правовые формы отношений, направленных на обеспечение исполнения обязательств / В.А. Белов // Меры обеспечения и меры ответственности в гражданском праве: сборник статей. – М.: Статут, 2010. – С. 177.

[4] Сарбаш, С.В. Обеспечительная передача правового титула / С.В. Сарбаш // Вестник гражданского права. – 2008. – № 1. – С. 7.

[5] Суханов, Е.А. Российское гражданское право: Учебник: В 2 т. Т. 11. / Е.А. Суханов / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: Статут, 2010. – С. 84-87.

[6] Гонгало, Б. М. Учение об обеспечении обязательств. – М.: Статут, 2004. – С. 50-51

[7] Римское частное право: учебник [Текст] / И.Б. Новицкого / Под ред. И.Б. Новицкого, И.С. Перетерского. – М.: Юризд. Министерства юстиции СССР, 1948. – С.357-358.

[8] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 364-365.

[9] Латынцев, А.В. Система способов обеспечения исполнения договорных обязательств: автореф. дис... канд. юрид. наук: 12.00.03 / А.В. Латынцев. – М., 2002. – С. 11.

[10] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 48-49.

тасодуфии амвол ба контрагент, шартҳои ҳисоб кардани фоиз ба маблағи пардохти пешакӣ аз рӯзи қабули ин маблағ аз харидор то интиқоли воқеии мол ва ғайраҳоро мансуб медонанд[1].

Бо назардошти гуногунрангии сохторҳое ҳуқуқие ки ба сифати тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо муайян карда мешаванд, ба андешаи мо, эроди Гонгало Б.М. комилан асоснок мебошад, ки чунин мегӯяд: «Ба ҳайси тарзҳои таъмини уҳдадориҳо дилхоҳ воситаи ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, ки ба ин ё он дараҷа барои ҳифзи ҳуқуқҳо мусоидат карда, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонун ҳифзкунандаро таъмин менамояд ва як шахсро дар муқоиса бо ҳолати иштирокчии дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ дар вазъияти нисбатан муфид ва ғайраҳо қарор медиҳад[2]. Амалан иваз кардани мафҳум мегузарад: тарзҳои таъмини уҳдадориҳо воситаҳои ҳуқуқие эълон карда мешаванд, ки мутобиқати рафтори иштирокчиёнро бо ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо дар раванди ҳар як муносибати ҳуқуқӣ (на танҳо уҳдадорӣ) таъмин карда ё дигар воситаҳое мебошанд, ки ба ин ё он дараҷа ҳуқуқҳои яке аз иштирокчиёни робитаи ҳуқуқиро кафолат медиҳанд.

Сабаби чунин тамоюл дар он ифода меёбад, ки дар илми ҳуқуқи граждани бисёр масъалаҳои таълимоти умумӣ оид ба таъминот ҳаллу фасл нашудаанд ва ҳамон тавре ки Рассказова Н.Ю. қайд мекунад ҳарчанд, ки эҳтиёҷот ба ин калон мебошад[3]. Дар чунин шароит ҳар як муҳаққиқ ба мафҳуми тарзи таъмини иҷрои уҳдадориҳо мазмуни худро ворид месозад. Бо вуҷуди ин, баъзе масъалаҳои умуминазариявии таъмини уҳдадориҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳқиқ шудаанд.

Пеш аз ҳама зарур аст, ки шартӣ будани истилоҳи «таъмини иҷрои уҳдадориҳо», ки Гонгало Б.М. қайд намудааст ба назар гирифта шавад, чунки як қатор чораҳо, ҳатто тибқи қонун ба сифати чунин номбаршудаҳо, аз ҷумла, замонат ва кафолати бонкӣ ба иҷрои уҳдадориҳои асосӣ муносибате надошта, барои ҳимояи манфиати амволии қарздиҳанда дар ҳолати иҷро накардани қарздор пешбинӣ шудаанд. Бинобар ин, тавре ки олим қайд мекунад, истифодаи истилоҳи «таъмини уҳдадориҳо» ҳамон тавр, ки ҳуқуқшиносони то инқилобӣ истифода менамуданд нисбатан дуруст мебошад[4].

Мейер Д.И. низ ҳангоми таърифи тарзҳои таъмини шартномаҳо гуфта буд, ки ҳуқуқи уҳдадорӣ дар муқоиса бо ҳуқуқҳои ашёӣ аз рӯи устуворӣ фарқ намекунанд, чунки шартнома ҳуқуқи шахсро ба амали бегона муқаррар мекунад ва иҷрои чунин амал аз иродаи шахси уҳдадоршуда вобаста мебошад. Бинобар ин, «мавҷудияти ҳуқуқӣ барои ба ҳуқуқи уҳдадорӣ расонидани он устуворие, ки ба он аз рӯи мавҷудият намерасад, усулҳои сунъӣ эҷод мекунад»[5].

Дар адабиёт, чун қоида, тарзҳои таъмини уҳдадориҳо чун навъи фаръии категорияи нисбатан умумӣ - чораҳои таъминӣ баррасӣ карда мешаванд. Аз байни онҳо чораҳои умумие ҷудо карда мешаванд, ки дар ҳама ҳолат, ғайр аз онҳое ки қонун, шартнома ё худи хосияти муносибатҳои муқарраршуда (водоркунӣ ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл, вогузор кардани уҳдадорӣ барои ҷуброни зарарҳои дар натиҷаи вайронкории он бавуҷудомада)[6] истисно кардаанд, инчунин чораҳои махсус ва иловагӣ на барои ҳама, балки танҳо нисбат ба ҳамон уҳдадориҳое, ки барои онҳо тибқи қонун ё созишномаи тарафайн махсусан муайян шудаанд, қобили қабул мебошанд[7]. Охиринҳо бошанд мафҳуми тарзҳои таъмини уҳдадориҳоро ташкил медиҳанд[8]. Аммо, чунин фаҳмиш моҳияти ин ҳодисаро ошкор намекунад, чунки аломатҳои онро ифшо намесозад.

Мушкилоти асосии аломатҳои тарзҳои таъмини уҳдадорӣ дар ба вуҷуд овардани таълимоти умумӣ дар бораи онҳо мебошад. Ҳамин тавр, Гонгало Б.М. аломатҳои зеринро ҷудо намудааст: «истифодаи тарзи таъмини уҳдадорӣ:

а) боиси пайдо шудани уҳдадории аксессорӣ мегардад;

---

[1] Брагинский, М.И., Витрянский В.В. Асари зикршуда. – С. 481-486.
[2] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 30.
[3] Рассказова, Н.Ю. Вопросы общей теории обеспечительных обязательств / Н.Ю. Рассказова // Правоведение. – 2004. – № 4. – С. 41-42.
[4] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 9-10.
[5] Мейер, Д.И. Русское гражданское право: чтения, изданные по запискам слушателей / Д.И. Мейер. Под ред. А. И. Вицина. 3-е изд. – СПб.: Типография Николая Тиб лена, 1864. – С. 471.
[6] Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 1. / Т.В. Богачева. Отв. ред. В.П. Мозолин. – М.: Проспект, 2012. – С. 685.
[7] Иоффе, О.С. Обязательственное право. – М.: Юридическая литература, 1975. – С. 155-156.
[8] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 15-24.

б) эҳтимолияти саршавии оқибатҳои амволиро пешбинӣ мекунад;

в) оқибатҳои амволӣ метавонанд танҳо дар ҳолати аз тарафи қарздор вайрон кардани уҳдадории асосӣ ба вуҷуд оянд;

г) то вайронкунӣ тарзи таъмини уҳдадорӣ худро ё тариқи ҳавасмандкунии қарздор нисбат ба иҷро, ё тавассути боварнок кардани қарздиҳанда ба он, ки вайронкунии уҳдадорӣ боиси кам шудани соҳаи амволии ӯ намегардад, таҷассум менамояд»[1]. Дар асоси ин, олим муайянкунии тарзҳои таъмини уҳдадориҳоро ҳамчун чорабиниҳои таъминии хосияти амволидоштаи муқарраркардаи қонун ё шартнома, ки дар шакли уҳдадориҳои аксессории ҳавасмандкунандаи қарздор барои иҷрои уҳдадориҳо ва (ё) ба тарзи дигар кафолатдиҳандаи ҳифзи манфиати амволии қарздиҳанда дар ҳолати иҷро накардани қарздор мавҷуд мебошанд, арзёбӣ мекунад.

Ҳамин тавр, муаллиф ақидаи худро пеш аз ҳама ба муносибати функционалӣ асоснок мекунад, ки «…он ҳолате, ки ин чорабиниҳо мақсади бевоситаи таъмини уҳдадориҳоро доранд, имконият медиҳанд, онҳоро аз байни дигар тарзҳои таъминкунандаи ҳуқуқи воқеӣ, иҷрои уҳдадориҳо, ҳифзи манфиатҳои шахси комилҳуқуқ ва ғайраҳо ҷудо намоянд. Охирин барои иҷрои уҳдадориҳо мусоидат карда, метавонад иҷрои онҳоро таъмин намояд. Аммо, самти функционалии онҳо метавонад дигар бошад»[2].

Ақида ва тафсирҳои дигари тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба тавсифоти дигари онҳо нақши ҳалкунанда медиҳад. Пас тарзҳои баррасишаванда метавонанд аз тариқи категорияи ҳуқуқи субъективии махсус муайян карда шаванд. Масалан, Вебер Х. предмети таҳқиқоти худро ҳамчун «чунин конструксияҳои шартномавӣ, вақте ки таъмини талаботи кредитор нисбат ба қарздор дар шакли баъзе ҳуқуқҳо (Sicherrungsrecht)[3], ки кредитор метавонад дар ҳолати иҷро нашудани талаботи худ амалӣ созад ва таъминро ҳамчун ҳуқуқи аз шартномаи уҳдадорӣ ё ашёӣ пайдошаванда муайян мекунад, ки кредитор метавонад дар ҳолате, агар таъминот тавассути ин ҳуқуқи талабот нисбат ба қарздор ё шахси сеюм иҷронашаванда гардад ё дар ҳаҷми пурра иҷро нашавад амалӣ созад, муайян мекунад[4].

Инчунин Латинсев А.В. зери мафҳуми таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ «механизми махсуси ҳуқуқии ба ҳимояи манфиати қарздиҳанда (тарафи таъминшуда) равонашударо аз вайрон намудани уҳдадориҳои таъминӣ аз тарафи қарздорро мефаҳмад, ки моҳияти он аз тарафи таъминкунанда ё шахсони ваколатдори он ғайр аз ҳуқуқҳои асосӣ оид ба уҳдадориҳои таъминӣ дар тақсим намудани ҳуқуқҳои иловагӣ[5] ифода меёбад, ки ӯ ва ё ваколатдори ӯ метавонанд дар ҳолати аз тарафи қарздор вайрон кардани уҳдадории таъминшуда ё дар ҳолатҳои дигари дар қонун ё шартнома нишондодашуда истифода намоянд[6]. Камбудии асосии ин тасдиқҳои моҳиятан дуруст аз он иборат аст, ки барои таъминро аз санксия ҷудо намудан имконият намедиҳанд[7].

Ғайр аз ин, дар мафҳуми таъмини иҷрои уҳдадориҳо метавон ба чунин аломат, ба монанди бунёди манбаи иловагии иҷрои уҳдадорӣ, як навъ «эҳтиётӣ»-и иҷро диққат дод. Ҳамин тавр, Рассказова Н.Ю. уҳдадории таъминотиро ҳамчун чораи граждани – ҳуқуқии хосияти амволидоштаи барои қарздиҳанда дар уҳдадории асосӣ манбаи иловагӣ – берунии иҷро нисбат ба ин уҳдадорӣ ташкилкунанда муайян мекунад[8].

Зимнан, муаллиф ду хусусияти таъминот – воқеӣ ва ҳуқуқиро ҷудо мекунад. Хусусияти воқеӣ бунёди ин манбаи иловагиро ифода мекунад. Агар танҳо бо ин маҳдуд шавем, он гоҳ ба қатори таъминот, масалан, шарт оид ба ҳуқуқи қарздиҳанда дар мавриди интихоби предмети иҷро дар уҳдадории алтернативӣ беасос дохил мешавад. Хусусияти ҳуқуқӣ аз он

---

[1] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 36-39.
[2] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 39.
[3] Гринь, О.С. Поручительство в механизме обеспечения исполнения обязательств: автореф. дис. канд. юрид. наук: 12.00.03 / О.С. Гринь. – М.: 2012. - С. 95.
[4] Вебер, Х. Обеспечение обязательств (Kredit sicherung srecht) / Пер. с нем. Ю. М. Алексеева, О. М. Иванова. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – С. 8.
[5] Гринь, О.С. Поручительство в механизме обеспечения исполнения обязательств: автореф. дис. канд. юрид. наук: 12.00.03 / О.С. Гринь. – М.: 2012. - С. 96
[6] Латынцев, А.В. Система способов обеспечения исполнения договорных обязательств: автореф. дис. канд. юрид. наук: 12.00.03 / А.В. Латынцев. – М., 2002. – С.7.
[7] Рассказова, Н.Ю. Вопросы общей теории обеспечительных обязательств / Н.Ю. Рассказова // Правоведение. – 2004. – № 4. – С. 43.
[8] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 58.

иборат аст, ки «таъминот бо уҳдадории асосӣ якҷоя нашуда, нисбат ба он берунӣ боқӣ мемонад»[1]. Ин маънои онро дорад, ки ба қатори таъминот наметавон шартҳои иҷрои уҳдадориҳоро (масалан, оид ба қайд, шакли аккредитивии ҳисобот) мансуб кард ва аз он далел вобастагӣ дорад, ки уҳдадории таъминӣ ва асосӣ аз асосҳои гуногун пайдо мешаванд. Чунин муносибатро Тариканов Д.В. низ дастгирӣ карда қайд мекунад, ки ба ҳайси тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар маънои аслӣ метавон танҳо «нигаҳдории махсуси дороиҳои муайянро, ки ба онҳо талаботи қарздиҳанда дар ҳолати вайронкунии уҳдадориҳо таваҷҷуҳ мегардад, эътироф кард».

Бешубҳа, ҳангоми чунин фаҳмиш наметавон байъона ва ноустуворонаро ба қатори тарзҳои таъминот дохил намуд, чунки ҳангоми истифодаи ин конструксияҳо «нигоҳдории берунӣ»-и иҷро бунёд карда намешавад.

Ғайр аз ин таҳқиқотҳо, ҷустуҷӯйи хосияти умумии ҳуқуқӣ барои ҳамаи тарзҳои таъминот, ки барои дар як ниҳоди ҳуқуқӣ муттаҳид намудани онҳо мусоидат мекунад, мантиқан дуруст мебошад.

Асосан ба ҳайси чунин хусусият баррасӣ намудани акссесорнокӣ, нисбат ба замонат мувофиқ мебошад. Вале, ихтилофоти чашмрас дар ин ҳолат нисбат ба кафолати бонкӣ ошкор мегардад, ки онро қонунгузор ба ҳайси тарзи таъмин номбар карда, уҳдадории ғайриакссесорӣ меҳисобад (м. 425 КМ ҶТ). Ин ихтилофот дар адабиёт бо ду роҳ ҳаллу фасл карда мешавад: ё кафолати бонкӣ аз тарзи таъмин хориҷ карда мешавад[2] ё ба мафҳуми акссесорнокӣ тафсири ниҳоят васеъ дода мешавад, то ки имкон диҳад кафолати бонкӣ уҳдадории акссесорӣ ҳисобида шавад[3].

Ба андешаи мо, ҳеҷ яке аз ин вариантҳо қобили қабул нестанд. Аввалан, хориҷ кардани хусусияти ғайриакссесорӣ аз қатори тарзҳои таъмин ҳам ба ҳақиқати қонунгузории амалкунанда ва ҳам ба тамоюли рушди он мухолиф аст. Дар ҳоли ҳозир ба тарзҳои ғайриакссесории таъмин ғайр аз кафолати бонкӣ метавон авал (кафолати пардохт), гарави мол дар анбор, ки тавассути варианти муомилотӣ (шаҳодатномае, ки анборҳои молӣ барои қабул ва нигоҳдории амвол медиҳанд) ба расмиёт дароварда шудааст ва ғайраҳоро дохил намуд. Дар ҳуқуқи олмонӣ хусусиятҳои таъмини ғайриакссесории қарзи замин ва қарзи рента машҳур мебошанд[4]. Пайдоиши тарзҳои нави таъминро, ки дорои ин хусусиятҳо нестанд тахмин кардан комилан дуруст мебошад, чунки бинобар набудани алоқамандӣ оид ба ҳамаи тавсифоти асосии ҳуқуқӣ нисбат ба уҳдадории асосӣ дар ин қабил воситаҳои ҳуқуқӣ арзиши таъминӣ нисбат ба таъмини акссесорӣ баланд мебошад. Баъдан, ҳангоми тафсири ҳаматарафаи мафҳуми акссесорнокӣ он аз бисёр ҷиҳат маънои ҳуқуқии худро, ки мо дар боло мувофиқи замонат шарҳ дода будем, гум мекунад. Ҳамин тавр, хусусияти акссесорнокӣ ба ҳамаи тарзҳои таъмини уҳдадориҳо хос намебошад.

Набудани ягон намуди дигари аломатҳои ҳуқуқӣ, ки метавонистанд дар ҳамаи тарзҳои таъмин намудор гарданд, Белов В.А.-ро ба чунин хулоса меорад, ки «таъмини иҷрои уҳдадориҳо сохтори ягонаи ҳуқуқиро эҷод намекунад». Муаллиф илова мекунад, ки «дар мафҳуми таъмини иҷрои уҳдадориҳо дидани ягон сохтори махсуси граждани-ҳуқуқӣ маъно ва имконият надорад. Яъне, ҳар як кӯшиши мушоҳида кардани табиати ягонаи ҳуқуқӣ барои ҳамаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ошкоро беоқибат мебошад». Дар баробари ин, ҳатто ҳангоми чунин муносибат ба ин масъала Белов В.А. ба ҳар ҳол хосияти умумии ин воситаҳои ҳуқуқӣ - самтнокии функсионалиро эътироф мекунад[5].

Дар байни вазифаҳои тарзҳои таъмин одатан вазифаи ҳавасмандкунӣ ва вазифаи муҳофизатиро (кафолатӣ, ҷубронӣ) ҷудо мекунанд. Ҳамчунин Рассказова Н.Ю. пешниҳод мекунад, ки вазифаи назоратӣ низ ҷудо карда шавад[6]. Вазифаи ҳавасмандкунӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин воситаи ҳуқуқӣ қарздорро зери таҳдиди оғози оқибатҳои нохуши амволӣ барои ӯ ҷиҳати иҷрои муносиби уҳдадориҳо равона месозад. Вазифаи муҳофизатӣ ба кредитор

[1] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 46.
[2] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 57.
[3] Гонгало, Б. М. Асари закршуда. – С. 37-38.
[4] Василевская, Л.Ю. Учение о вещных сделках по германскому праву. – М., 2004. – С. 471-472; Вебер, Х. Обеспечение обязательств (Kredit sicherung srecht) / Пер. с нем. Ю. М. Алексеева, О. М. Иванова. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – С. 36.
[5] Белов, В.А. Гражданско-правовые формы отношений, направленных на обеспечение исполнения обязательств // Меры обеспечения и меры ответственности в гражданском праве: сборник статей. – М.: Статут, 2010. – С. 174.
[6] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 47-48.

Мутобиқи қ.1 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ФОҶ”, натиҷаҳои ФОҶ барои тайёр ва амалӣ гардонидани ҳаракатҳои тафтишотӣ ва судӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ) ҷиҳати ошкор намудан, огоҳониидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ошкор ва муайян намудани шахсони тайёркунанда, содиркунанда ё содиркардаи онҳо, ҳамчунин барои ҷустуҷӯӣ шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазо саркашинамуда, бедарак гумшуда ва муайян намудани молу мулки мусодиршаванда истифода бурдан мумкин аст[3].

Аломатҳои ФОҶ ва мурофиаи юридикӣ хеле ба ҳамдигар монанд ҳастанд. Вобаста ба ин, мафҳуми “мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”-ро таҳлил бояд намуд. Барои муайян намудани мафҳуми “мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” нақши муҳиммро вожаи “мурофиа” бозӣ мекунад. Дар адабиётҳои илмӣ “мурофиа” – ин рафт, инкишофи ягон ҳодиса, пайдарҳамӣ, ивазшавии ҳолатҳо дар ягон маврид, маҷмӯи амалҳои пайдарҳам, ки барои ба ягон натиҷаи муайян ноил гардидан оварда мерасонад, маънидод гардидааст.[4]

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки мафҳуми “мурофиа оперативӣ-ҷусиуҷӯӣ” аз маънии классикии мафҳуми мурофиа, яъне раванд дур набуда, маҷмуи амалҳои пайдарҳами кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси ФОҶ равона гардидааст, муайян менамояд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки байни олимони коршиноси соҳаи ФОҶ мафҳуми “мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” хеле фаровон истифода бурда мешавад. Масалан, Шумилов А.Ю. ишора мекунад, ки ба чунин раванд фаъолияти субъектҳое, ки барои амалишавии ФОҶ ваколат доранд, дохил мегардад ва онҳо амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба роҳ монда, барои қабули қарорҳои дахлдор, ҳалли масъалаҳои ФОҶ, инчунин барои ҳимояи инсон ва ҷомеа аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ менамоянд, истифода бурда мешаванд[5]. Ғайр аз ин,

[1] Ожегов, С.И. Словарь русского языка. Ок. 57000 слов / С. И. Ожегов; под ред. Н.Ю. Шведовой. - 16-е изд., испр. – М.: Русский язык, 1984. – С. 345.
[2] Герасименко, Н.И. Понятие «оперативно-разыскной процесс» / Н.И. Герасименко // Вестник Белгородского юридического института МВД России имени И.Д. Путилина. – 2023. – № 4. – С. 60-64.
[3] Абдуллозода, Н.Р. Муродзода, Ф.Ғ. Асари зикршуда. - С. 148.
[4] Современный словарь иностранных слов: около 20000 слов. - 3 изд. перераб. -М., 2001. – С. 499.
[5] Шумилов, А.Ю. Оперативно-розыскная энциклопедия. - М., 2004. – С. 363.

муаллиф қайд менамояд, ки мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низоми марҳилавии корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тартиби ҳалли парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ мебошад.

Гусев В.А., Луговик В.Ф. мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатии ваколатдор ва шахсони мансабдор, ки мақсади асосии он-ҳалли вазифаҳои, ки тибқи қонунгузории оперативӣ – ҷустуҷӯӣ муайянгардида буда, барои иҷрои онҳо ФОҶ-ро ба роҳ мемонанд[1]. Дигар коршиносону таҳқиқотчиёни ин соҳа низ ин мафҳумро ба тарзи дар боло овардашуда маънидод намудаанд[2].

Баъзе муаллифон мафҳуми мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба тарзи дигар шарҳ додаанд. Масалан, Водко Н.П. дар ФОҶ мафҳуми мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро истифода бурда, қайд менамояд, ки дар амалишавии он ЧОҶ ба таври динамикӣ низ ба роҳ монда мешаванд[3].

Гирко С.И. ва Харченко С.Ф. мафҳуми мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба ду қисм: ҷиноятӣ-мурофиавӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷудо менамоянд[4].

Ақидаи дар ФОҶ мавҷуд будани мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро на балки дар Федератсияи Россия, дар Ҷумҳурии Беларус низ дастгирӣ менамоянд ва дар корҳои илмии худ мафҳуми “мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”-ро хеле зиёд истифода намуда, субъектҳо ва иштирокчиёни ин намуди мурофиаро бо мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳам алоқаманд меҳисобанд[5].

Ҳамин тавр бо боварӣ метавон қайд кард, ки ба гуногунии ақидаҳо нигоҳ накарда, олимону коршиносон дар мақолаҳои илмии худ вобаста ба ФОҶ мафҳуми мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро истифода мебаранд ва онро дар таҷрибаи кории худ асоснок меҳисобанд.

Дар хулоса қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯи, ки тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ, фаъолияти марҳилавию динамикии мақомоти давлатӣ ва шахсони ваколатдор дар амалишавии ФОҶ барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси ФОҶ равона гардидааст, муайян менамояд.

ГУЗАРИШ БА ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ КОҲИШ ДОДАНИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ

ПЕРЕХОД В ЭЛЕКТРОННОЕ ПРАВИТЕЛЬСТВО КАК ФАКТОР СНИЖЕНИЯ КОРРУПЦИОННЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

АБДУРАҲМОНЗОДА НАСИМҶОН АҲЁ
омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
e-mail: allashukurov2015@mail.ru

АБДУКАРИМЗОДА МУҲАММАДАЛӢ АБДУКАРИМ
омӯзгори калони кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматии факултети № 4 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
e-mail: hokiroev-1966@mail.ru

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди технологияи иттилоотӣ, истифодаи васеи воситаҳои электронӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ба як зарурат табдил ёфтааст. Яке аз омилҳои муҳимми рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократия, инчунин коҳиш додани ҷиноятҳои коррупсионӣ, ташаккули ҳукумати

[1] Гусев, В.А., Луговик, В.Ф. Теория оперативно-розыскных процедур: монография / В.А. Гусев, В.Ф. Луговик. – М., 2019. – С. 336.
[2] Фомичёва, О.В. К вопросу о содержании, принципах и функциях оперативно-розыскного процесса в исправительных учреждениях на современном этапе / О.В. Фомичёва // Человек: преступление и наказание. – 2009. – № 3(66). – С.129-131.
[3] Водько, Н.П. Федеральный закон «Об оперативно-розыскной деятельности» в системе российского законодательства: проблемы и решения: монография / Н.П. Водько. – М., 2007. - 330 с.
[4] Гирько, С.И., Харченко, С.В. О соотношении уголовно-процессуальной и оперативно-розыскной деятельности / С.И. Гирько, С.В. Харченко // Закон и право. – 2019. - № 2. – С.127-132.
[5] Бесецкиий, И.И., Родевич, Л.И. Субъекты и участники оперативно-розыскного и уголовного процессов / И.И. Бесецкий, Л.И. Родевич // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2007. - № 1. - С. 22-26.

электронӣ маҳсуб мешавад. Ҳукумати электронӣ на танҳо равандҳои идоракунии давлатиро шаффоф ва самаранок мегардонад, балки заминаи заруриро барои таҳкими ҳисоботдиҳӣ, назорати ҷамъиятӣ ва мубориза бо фасод фароҳам меорад[1].

Ҳукумати электронӣ маҷмуи равандҳо ва низомҳои рақамиест, ки барои расонидани хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (минбаъд - ТИК) равона шудааст. Истилоҳи ҳукумати электронӣ аз тарҷумаи ибораи англисии «electronic government» ва ё худ «e-government» пайдо гардидааст. Дар забони англисӣ вожаи «government» маънои ҳукуматро дорад, ки ин на танҳо ба мақомоти ҳокимияти иҷроия, балки дар маҷмуъ ба давлат тааллуқ дорад ва ҳукумати электронӣ бештар ба шакл ва усулҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ нисбат ба ҳукумат ҳамчун субъекти ин фаъолият ишора мекунад.

Ба маънои аслиаш – ин «идоракунии электронӣ» ва ё «идоракунии электронии ҳукумат» мебошад. Бори аввал истилоҳи ҳукумати электронӣ соли 1991 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пайдо шудааст. Истилоҳи ҳукумати электронӣ ин аввалин маротиба дар ҳуҷҷатҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатӣ дида мешуд. Ва, он таввасути васоити ахбори омма паҳн гардида, баъдан ин истилоҳ дар қонунгузорӣ ва матнҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз соли 1999 мафҳуми ҳукумати электронӣ дар рӯзномаву маҷалаҳо ва дигар сарчашмаҳои хабарасонии ИМА мунтазам истифода мешуд. Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ ҳукумати кушоду равшанест, ки ба муколамаи доимӣ бо одамон омодаааст[2]. Дар ин замина, мақсад аз он на танҳо автоматикунонии равандҳои маъмурӣ, балки баланд бардоштани сатҳи шаффофият, дастрасии баробар ва коҳиш додани робитаи мустақими шаҳрванд бо корманди давлатӣ мебошад.

Яке аз омилҳои асосии паҳншавии коррупсия ин норасоии шаффофият дар равандҳои маъмурӣ ва нодида гирифтани ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Бо истифода аз низомҳои электронии идоракунӣ, шаҳрвандон метавонанд ба маълумоти зарурӣ, аз ҷумла тартиби расонидани хизматрасониҳо, қарорҳои мақомоти давлатӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Ин имкон медиҳад, ки тамоми равандҳои идоракунии давлатӣ ба таври фаҳмо ва кушода амалӣ гарданд.

Яке аз усулҳои маъмултарини амалигардонии коррупсия – ин муносибати мустақими шаҳрванд бо мансабдори давлатӣ мебошад. Дар сурати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, зарурати вохӯрии шахсӣ бо корманди давлатӣ аз байн меравад. Масалан, дархости шиноснома, сабти никоҳ, пардохти андоз, гирифтани иҷозатномаҳо ва дигар хизматҳо метавонанд тавассути портали ягонаи электронӣ амалӣ шаванд.

Ҳукумати электронӣ имконият медиҳад, ки равандҳои маъмурӣ ба таври автоматӣ пайгирӣ ва назорат шаванд. Ҳар як амал, агар дар системаи электронӣ сабт шавад, метавонад осон пайгирӣ ва таҳлил гардад. Ин равандҳо, ки дар платформаҳои шаффоф ва ғайриҳизбӣ сабт мегарданд, мансабдорро маҷбур месозанд, ки амалҳо ва қарорҳои худро шарҳ диҳанд ва ҳисобот диҳанд. Ҳамзамон, шаҳрвандон ва созмонҳои ғайридавлатӣ метавонанд ба ин маълумот дастрасӣ пайдо кунанд ва ҳолати фаъолиятҳои давлатӣ ва хусусиро мониторинг кунанд. Бо истифода аз технологияҳои электронӣ, раванди қабули қарорҳо ва расонидани хидматҳо автоматизатсия мешавад. Ин раванд на танҳо кам кардани хатоҳои инсонӣ, балки пешгирии ё фош кардани кирдорҳои коррупсионӣ дар сатҳҳои гуногунро низ таъмин мекунад. Масалан, агар системаи электронӣ дар татбиқ кардани мансабдори давлатӣ дар шинасоии маълумот ё ворид кардани маълумот иштибоҳ кунад, ин иштибоҳ дар режими реалӣ ва тавассути мониторинг шиносои карда мешавад.

Таърихи рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон нисбатан кӯтоҳ аст, вале дар ҳамин муддат, кишвар пешрафтҳои назаррасро дар ин самт нишон додааст. Ҳукумати Тоҷикистон якчанд ташаббусҳои муҳимро барои гузариш ба моделҳои электронӣ амалӣ намудааст, ки ба омилҳои асосии коҳиши коррупсия ва баланд бардоштани шаффофияти идоракунии давлатӣ нигаронида шудаанд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23-уми декабри с. 2023 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/36370.

[2] Шамсов, И.С. Ҳукумати электронӣ дар раванди рушди ҷомеаи иттилоотӣ / И.С. Шамсов // Фишурдаи маърӯзаи дотсенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи милии Тоҷикистон. 20.12.2015 сол // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://dmt.tj

Аз соли 2007 бо Барномаи рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид, ки барои гузариш ба ислоҳоти электронӣ, беҳсозии хизматрасониҳо ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар бахши давлатӣ нигаронида шудааст. Воридшавии платформаҳои хизматрасонии давлатӣ, аз ҷумла портали "Меҳр" ва хизматрасониҳои электронӣ дар соҳаи андоз ва сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ин раванд мусоидат намудаанд[1].

Ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати давлатӣ ҷиҳати рақамигардонии идоракунии давлатӣ ва хизматрасониҳо сурат мегирад. Барои амалӣ сохтани ин раванд, як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва татбиқ шудаанд, аз ҷумла: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»[2], «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ иттилоот»[3], «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ»[4], инчунин стратегияву барномаҳои давлатӣ ба монандӣ: стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[5], ки заминаи ҳуқуқии рушди ҳукумати электронӣ ба шумор мераванд.

Бар асоси ин заминаҳои ҳуқуқӣ, Тоҷикистон тадриҷан ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронии давлатӣ, қабули аризаҳо тариқи порталҳои онлайн, истифодаи имзои электронӣ ва рушди платформаҳои рақамиро оғоз намудааст. Ҳарчанд сатҳи рушди ҳукумати электронӣ дар кишвар ҳоло ҳам бо мушкилиҳои техникӣ ва институтсионалӣ рӯ ба рӯст, вале заминаи ҳуқуқии он дар ҳоли такмилёбист.

Бо вуҷуди ислоҳот, ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон бо як қатор монеаҳо рӯбарӯ мебошад. Аз ҷумла, сатҳи пасти саводнокии рақамӣ дар байни шаҳрвандон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар минтақаҳои дурдаст, набудани ҳамоҳангсозии муассир миёни сохторҳои давлатӣ ва камбуди мутахассисони соҳаи ТИК – ин ҳама ҷараёни электронизатсияро душвор месозад.

Бо дастгирии давлат ва шарикони байналмилалӣ, имконияти беҳсозии инфрасохтори рақамӣ, такмили қонунгузории соҳа ва таҳкими нерӯи инсонӣ вуҷуд дорад. Пешниҳод мешавад, ки барои суръат бахшидан ба ин раванд, марказҳои омӯзиши рақамӣ таъсис дода шаванд, дастрасии интернет дар деҳот васеъ гардад ва ҳамчунин қонунгузории алоқаманд бо ҳукумати электронӣ такмил дода шавад.

Бояд зикр кард, ки дар ҷаҳон кишварҳое ба монанди Эстония, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайра мебошанд, ки дар онҳо ҳукумати электронӣ рушд кардааст. Масалан Эстония яке аз пешсафон дар ҷаҳон оид ба сохтмони ҳукумати рақамӣ (электронӣ) ба ҳисоб меравад. Ин кишвар бо сармоягузории оқилона ба инфрасохтори рақамӣ ва қабули стратегияҳои муосири рақамисозӣ тавонист дар муддати кутоҳ як модели беназири ҳукумати электронӣ бунёд намояд, ки ин боиси то 90% коҳиш додани ҷиноятҳои коррупсионӣ гардид[6].

Дар шароити имрӯза, ҳукумати электронӣ ҳамчун як воситаи муассири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, метавон шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳисоботдиҳии онҳо ва назорати ҷамъиятиро таъмин намуд. Ҳамзамон, коҳиш ёфтани робитаи мустақим бо мансабдорон ва автоматикунонии равандҳо сабаби асосии камшавии амалҳои коррупсионӣ мегардад.

Барои муваффақона амалӣ кардани ҳукумати электронӣ, Тоҷикистон бояд ба масъалаҳои зерин диққати махсус диҳад:

1. Такмили инфрасохтори рақамӣ дар тамоми минтақаҳо.
2. Омодасозии кадрҳои баландихтиссос дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва комуникатсионӣ.
3. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ.

---

[1] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2012 – 2020) // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: www.cs.gov.tj.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» аз 15-уми марти с. 2023, №1965 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ иттилоот» аз 18-уми июни с. 2008, № 411 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 03-юми августи с. 2020, №1537 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj.

[5] Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: ба қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01-уми декабри с. 2016, № 636 қабул шуд.

[6] World Bank – E-Government Support for Development Projects: The World Bank Group // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ www.worldbank.org.

4. Тақвияти қонунгузории марбут ба ҳукумати электронӣ.
5. Рушди ҳамкориҳои байналмиллалӣ.

Ҳукумати электронӣ ҳамчун шакли наву самараноки идоракунии давлатӣ дар замони муосир имкониятҳои васеъ барои коҳиш додани амалҳои коррупсиониро фароҳам меорад. Истифодаи ТИК ба баланд гардидани сатҳи шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва назорати ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Бо кам кардани робитаҳои мустақим байни шаҳрвандон ва мансабдорон, имкони амалигардонии фасод ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Дар таҷрибаи Тоҷикистон низ қадамҳои ҷиддӣ дар роҳи ташаккули ҳукумати электронӣ гузошта шудаанд, аммо дар баробари он монеаҳои техникӣ, инфрасохторӣ ва инсонӣ ҳанӯз ҷой доранд. Аз ин рӯ, татбиқи муваффақонаи ҳукумати электронӣ бояд бо такмили инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва таҳкими қонунгузории соҳа ҳамзамон сурат гирад.

Дар шароити афзоиши талаботи ҷомеа ба адолат ва шаффофият, ҳукумати электронӣ метавонад ҳамчун воситаи муассири мубориза бо коррупсия ва таҳкими эътимоди мардум ба давлат хизмат кунад. Маҳз тавассути татбиқи фарогири ин модел, Тоҷикистон метавонад ба марҳилаи нави рушди устувор ва муосири идоракунии давлатӣ қадам гузорад.

МАСЪАЛАҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

ВОПРОСЫ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

АЛИНАЗАРОВА КИФОЯТ ҒУЛОМНАЗАРОВНА
ходими хурди илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: alinazarova.kifoyat@mail.ru

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мустаҳкам намудани пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ ва таҳкими шохаҳои ҳокимияти давлатӣ тамоми шароити мусоид фароҳам овард. Дар ин замина, дар нахустин санаде, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро эълон намуд, ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардид[1]. Соли 1994 аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул шуда, ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсия гардид. Мувофиқи Конститутсияи нав «ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судҳо амалӣ мегардад»[2].

Ҳокимияти судӣ дар асоси фаъолияти Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ гардида, барои ҳимояи ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилот ва муассисаҳо, қонуният ва адолат нигаронида шудааст[3].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар раванди амалигардонӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии мамлакат ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Инчунин Конститутсия принсипҳои конститутсионии амалӣ кардани адолати судиро эълон карда, ба ҳар як шаҳрванд кафолати адолати судиро муҳайё менамояд. Дар ин асно, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ дар самти ба амал баровардани адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини тартиботу қонуният фаъолияти мунтаззами худро ба роҳ мондааст.

---

[1] Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳиистиқлол. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 160.
[2]Ниг.: м. 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 30.
[3] Ашурзода, А.А. Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020 - № (1-2). – С. 14-23.

Бо дарназардошти муҳим будани нақши мақоми судӣ дар бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми апрели соли 1997 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки ин санад дар рушди ҳокимияти судӣ нақши босазои худро гузошт[1].

Президенти кишвар ҳанӯз 31-уми майи соли 2002 зимни суханрониашон дар машварат бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ ва судҳо иброз доштанд, ки: «Имрӯз барои ҷамъият ҳимояи судии пурқувват ва боэътимод беш аз пеш зарур мебошад ва онро суде таъмин карда метавонад, ки воқеан нерӯманд ва дахлнопазир бошад»[2].

Дар асоси меъёрҳои Конститутсияи соли 1994, 6-уми августи соли 2001 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Мувофиқи он ҳокимияти судӣ бо роҳи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Қабул шудани ин қонун барои муайян кардани салоҳияти судҳо ва танзими фаъолияти судҳо шароити қонуниро фароҳам овард[3].

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 2007, № 271 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷики-стон» тасдиқ гардид, ки он дар такмили қонунҳои амалкунанда, қабули кодексу қонунҳои нав, ташкили сохторҳои нави судӣ ба монанди коллегияҳои маъмурӣ ва оилавӣ, амалӣ намудани дигар чораҳои соҳавӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ нақши назаррас дорад.

Вобаста ба татбиқи принсипи конститутсионии таҷзияи ҳоки-мияти давлатӣ ва бо дарназардошти он, ки ҳокимияти судӣ дар та-шаккули давлатдорӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муҳим дорад, бо мақсади рушду таҳкими ҳокимияти судӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъдан боз се барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021 қабул гардиданд.

Дар қонунгузории нав ваколати судҳо комилан васеъ карда шуд. Суд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ аз қувваи маҷбурсозии давлатӣ истифода мебарад, ки чунин шакли маҷбурсозии давлатӣ, пеш аз ҳама, дар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мегардад.

Конститутсия инчунин муҳлати ваколати судяҳоро ба 10 сол баробар намуд.

Мустақилияти судҳо ва принсипҳои баробарии тарафҳо дар назди қонун ва ошкоро будани мурофиаи судӣ дар сатҳи Конститутсионӣ муқаррар гардида, бевосита равандҳои демократии замони навро дар кори судҳо таҷассум менамояд. Ҳамзамон дар фаъолияти судҳо, тавре баъзе муҳаққиқон иброз медоранд, масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доранд. Масалан, дар танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти низоми судҳои маъмурӣ, ки шакли махсуси мурофиавии ҳаллу фасли парвандаҳо ба онҳо вогузор шудааст, баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд. Аз ин лиҳоз. метавон гуфт, ки заминаҳои ташкилию ҳуқуқии истеҳсолоти судии маъмурӣ, ба ислоҳот ниёз дорад[4].

Яке аз хусусиятҳои фарккунандаи Конститутсияи нав аз қонунҳои замони Шуравӣ дар он буд, ки дар он бори аввал бетарафии сиёсии судяҳо, бетарафии иқтисодӣ ва новобастагии онҳо аз дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ инъикос гардид. Чунончи дар моддаи 90 - уми Конститутсия омадааст, ки «судя наметавонад вазифаи дигареро ишғол намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ»[5].

Конститутсияи нави Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ на танҳо сохтори судҳоро муайян кард, балки мақомоти судиро аз таъсири низоми ҳизбӣ озод намуд. Бо қабул шудани ин Конститутсия сохторҳои судӣ аз таъсири идеологияи ҳукмрон озод гардиданд[6].

Акнун, ташкил, ваколат ва тартиби фаъолияти Суди Олиро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳо» муайян мекунад. Суди Олӣ аз Раис, Муовини якуми Раис, муовинон, су-

[1] Ашурзода А.А. Асари зикршуда. – С. 16.

[2]Ниг.: Машварати корӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторхои низомӣ // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://prezident.tj/event/news/13106 (санаи мурочиат: 04.04. 2024).

[3] Ойев, Х., Сафаров, Б.А. Механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар ҶТ: дастури таълимӣ / Х. Ойев, Б.А. Сафаров. – Душанбе, 2013. – С. 144.

[4] Иброҳимов, С.И. Адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: падидаи ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон. – Душанбе.: Ирфон, 2011. – С. 129.

[5] Ниг.: м. 86 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016.– С. 30.

[6] Хомидов, Х. Сравнительное конституционное право: история и современность: монография / Х. Ҳомидов. – Душанбе, 2001. – С. 235.

дяҳои Суди Олӣ иборат буда, дар ҳайати Пленум, Раёсат, мушовараи судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, мушовараи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва мушовараи ҳарбӣ, амал мекунад. Тибқи қонуни конститутсионии зикргардида, Раиси Суди Олӣ, муовини якум, муовинон ва судяҳоро Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурӣ ба муҳлати 10 сол интихоб мекунад.

Мувофиқи қонун Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии ҳокимияти судӣ дар соҳаи пешбурди судии шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ мебошад. Санадҳои қабулкардаи он ниҳоӣ буда, иҷрои он дар тамоми қаламрави Тоҷикистон, ҳатмист. Он дорои ҳуқуқи назорат аз болои фаъолияти судии суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҳарбӣ мебошад.[1]

Қонунҳои нав бевосита хусусияти асосии кори судяҳоро инъикос намуданд ва дар маркази кори судҳо муносибатҳои ахлоқӣ дар назди айбдоршаванда ва аҳли ҷомеа меистод.

Маҳз ҳамин омилро Кобликов А.С. нишонаи амалисозии адолати судӣ маҳсуб медонад[2]. Яъне, ҳар як судяро мебоист дар асоси донишҳои ҳуқуқӣ, психологӣ ва ахлоқӣ амали айбдоршавандаро баҳогузорӣ намояд. Судя бояд дар қабули қарор ба талаботҳои қонун такя намуда, ба қарори қабулкардаи худ боварӣ дошта бошад ва масъулиятро дар назди ҷомеа барои қарори мазкур эҳсос намояд, «зеро муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар он мавриди устувор мегарданд, агар дар давоми баҳсҳо қарори дуруст пайдо шавад ва адолати судӣ таъмин шавад. Дар ин мавриди боварӣ нисбат ба низоми судӣ ва масъулияту интизомнокии тарафҳо меафзояд»[3].

Моҳи майи соли 2004 Қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоятҳо, суди шаҳрҳо ва ноҳияҳоро вазифадор намуд, ки тағйиру иловаҳои ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо дар кори мурофиавӣ мавриди истифода қарор диҳанд.[4] Ин қарор боиси зиёд гардидани масъулияти судяҳо дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ гардид.

Моҳи июни соли 2004 Қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тачрибаи кори судҳо дар дида баромадани парвандаҳо оиди тиҷорати ғайриқонунӣ» қабул шуд, ки он судҳоро водор намуд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо айбдор будани шахсони инфиродӣ ва соҳибкоронро таҳқиқ ва исбот карда, баъд аз тафтиши судӣ қарор қабул намоянд. Зеро дар ин давра зарар ба соҳибкорон аз тарафи ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ хеле зиёд гардид ва ин ба шароити иқтисодии на танҳо соҳибкорон, балки ба иқтисоди тамоми кишвар зарари ҷиддӣ мерасонд[5].

Бояд қайд кард, ки бо пешрафти ҷомеа, сохторҳои судии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инкишоф ёфта шакли нав гирифтанд. 26 июли соли 2014 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ин марҳилаи нави инкишофи фаъолияти судҳо гардид. Бо қабул гардидани ин қонун, қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми ноябри соли 1995 «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бекор карда шуд, зеро меъёрҳои он ба талаботи давраи нав ҷавобгу набуданд. Мутобиқи қонуни нав назорати конститутсионӣ аз болои таъмини адолати судӣ ва баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, ба сатҳи нав бардошта шуд. Ҳамчунин принсипҳои ошкоро будани мурофиаи судӣ, муҳокимаи парвандаҳо, таъмини амнияти шаҳрвандон, дахлнопазирии ҳаёти шахсии онҳо ва муҳофизати ахлоқу одоби ҷамъиятӣ ошкоро эълон шуда, дастурҳои нав дар бораи истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио-видеоӣ, пахши ҷараёни мурофиаи судӣ аз тариқи радио ва телевизион дар рафти мурофиа таъмин карда шуданд[6].

---

[1] Давлатов, У.А. 70-соли Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / У.А.Давлатов. – Душанбе, 1998. – С. 144.

[2] Кобликов, А.С. Юридическая этика. – М, 1999. – С. 30.

[3] Ализода, З., Малаев, М., Зоиров, Ш., Шеров, С. Суди ҳакамӣ. – Душанбе, 2008. - 164 с.

[4] Сборник Постановлений Верховного Суда Республики Таджикистан / Под ред. Фатҳиддинова С. –Душанбе, 2004. – С. 134.

[5] Фатхиллоев, С. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз тачрибаи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ. — Душанбе, 2004. – С. 67.

[6] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон“ аз 26 июли с. 2014, № 1083 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7 қ.1, мод.379; с. 2015, № 3, мод.197; №7-9, мод.697; с. 2017, № 5, қ.1, мод.266.

Қабул шудани ин қонуни конститутсионии болозикр қадами навбатии давлати Тоҷикистон ба сӯи ҷомеаи ҳуқуқбунёд гардид ва нишонаи баланд шудани мавқеи ҳокимияти судиро нишон медод. Дар моддаи 7 ҳамин қонун омадааст, ки «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 нафар судяҳо иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад».Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ ва дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ, ки баҳри таъмини волоият ва амали бевоситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис дода шудааст, барои ҳифзи ин арзишҳо доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Таъмин намудани амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсия, яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ ба ҳисоб меравад[1].

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад[2]. Қонунгузории нави судӣ инчунин принсипҳои фаъолияти судӣ, ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбат ба суд, манъ будани дахолат ба фаъолияти суд, мустақилияти судяҳо, таъмини амнияти судяҳо, мӯҳлати интихоб ё таъин кардани судяҳо ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти судҳоро мавриди танзим қарор гирифт.

Вобаста ба вазифаи суд ҳаминро гуфтан зарур аст, ки барпо кардани адолат ин ягона унсурест, ки онро халқ аз ниҳодҳои судӣ талаб мекунад. Адолати судӣ яке аз зуҳуроти муҳим ва асосии амалигардонии ҳокимияти судӣ ба шумор рафта, дар фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ, мавқеи хосаро дорад, ки амалӣ карда шудани он тибқи муқаррароти Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ваколати мақомоти судӣ вогузор карда шудааст. Амалӣ намудани адолати судӣ ваколати истисноии мақомоти судӣ эътироф гардида, дигар мақомоти давлатӣ ҳуқуқ надоранд онро ба амал бароранд. Роҳҳои асосии ба амал баровардани адолати судӣ дар қонунгузории амалкунанда, пеш аз ҳама, дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ карда шудааст.

Вазифаи ҳокимияти судӣ иҷро кардани меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузорӣ мебошад ва судяҳои суди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ мутобиқ ба он амал мекунанд. Дар роҳи ба амал баровардани адолати судӣ, вазифаи суд аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, корхонаву муассиса ва ташкилотҳо иборат мебошад ва дар ин самт онҳо ҳамчун кафили ҳуқуқдории шаҳрвандон фаъолият мекунанд. Маҳз дар доираи ҳамин ваколатҳо судҳо адолати судиро таъмин мекунанд.

Конститутсияи соли 1994 на танҳо шароити қонунӣ барои фаъолияти судҳоро таъмин намуд, балки бо роҳи тақсимбандии онҳо ба судҳои умумӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ зарурати риояи қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории мурофиавӣ ва тобеияти судиро мувофиқи принсипи конститутсионии танҳо аз тарафи суд ба амал баровардани адолати судиро ҷорӣ намуд.

Дастгирии пайвастаи ҳокимияти судӣ аз ҷониби давлат, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷавобгӯ ба талаботи имрӯза, бо маром идома ёфтани ислоҳоти низоми судӣ ва бехтар гардидани шароти иҷтимоии кормандони мақомоти судӣ боиси он гардид, ки ҳокимияти судӣ дар кишвар ташаккул ёфта, боварии аҳолӣ ба ин ниҳоди ҳокимияти давлатӣ рӯз аз рӯз меафзояд.

Имрӯз нақши ҳокимияти судӣ дар рушди давлати демократию ҳуқуқбунёд, таъмини амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои консти-тутсионии ҳар шахс ва ҳимояи манфиатҳои давлат босазо буда, ҳокимияти судӣ рисолати аслии худро баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ иҷро менамояд.

[1] Ҷамшедзода, Ҷ.Н. Суди конститутсионӣ кафили таъмини волоияти Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.Н. Ҷамшедзода // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. - № 3-4 (61). – С. 33 – 42.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014.

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРАВОВЫХ ОСНОВ, РЕГЛАМЕНТИРУЮЩИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ РЕЗУЛЬТАТОВ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

АНВАРЗОДА САМАНДАР АНВАР
унвонҷӯи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: samandar0040@gmail.com

Агар ба таърихи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ назар намоем, мушоҳида менамоем, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) чун объекти батанзимдарории ҳуқуқӣ дар аввалҳои солҳои 20-уми асри XX арзи вуҷуд намудааст. Дар давраи Шӯравӣ амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ) дар КМҶ Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия (минбаъд – ҶШФСР) с.1923 (м. 93) дар шакли умум пешбинӣ шуда буд, ки имконияти аз ҷониби мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронидани санҷишҳои ғайриошкороии аризаҳои беномро оид ба ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда иҷозат медод. Баъд аз анҷом ёфтани санҷиш оид ба ҳаққонӣ будани чунин маълумот, онҳо ба сифати сабаб барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хизмат мекарданд. Дар дигар ҳолатҳо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) чун фаъолияти махсусан ғайриошкоро эътироф карда мешуд ва натиҷаҳои он дар тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ истифода бурда намешуд.

Муқаррароти мазкур то с.1926 дар ҳудуди Тоҷикистон мавриди амал қарор дошт. Минбаъд ин муқаррарот дар КМҶ солҳои 1926 ва 1929-и ҶШС Ӯзбекистон, ки дар ҳудуди Тоҷикистон то с.1935 амал мекарданд (яъне, то қабул шудани КМҶ аввалини ҶШС Тоҷикистон[1]), тасдиқи худро ёфта буданд.

Имконияти амалигардонии натиҷаҳои ЧОҶ ҳангоми ошкор, кушодан ва тафтиш намудани ҷиноятҳо аввалин маротиба ба таври меъёрӣ дар Асосҳои пешбурди судии ҷиноятии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравӣ Сотсиалистӣ (минбаъд – ИҶШС) ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ с.1958 мустаҳкам шуда буд[2]. Дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с. 1961)[3] бошад, ин меъёр мушаххас гардида, ба ҳайси чораҳое, ки барои ошкор намудани ҷиноятҳо ва шахсони онҳоро содиркарда татбиқ карда мешуданд.

Аз ҷумла, дар м. 114 КМҶ ҶШС Тоҷикистон муқаррароти зерин ҷойгир шуда буд: ба мақомоти таҳқиқ татбиқи чораҳои зарурии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чораҳои бо КМҶ пешбинишуда, бо мақсади ошкор намудани ҷиноятҳо ва шахсони онҳоро содиркарда, вогузошта мешавад.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки меъёри мазкур дорои мазмуни номуайян буда, хусусияти шартӣ дошт, чунки механизми истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар КМҶ аниқ муайян нашуда буд. Ғайр аз ин, тартиби муносибати муфаттишон, прокуророн ва судяҳо нисбат ба ФОҶ, ки аз ҷониби мақомоти милитсия ва мақомоти амнияти давлатӣ амалӣ гардонида мешуд, ба танзим дароварда нашуда буд.

Зиёда аз ин, дар солҳои 60-70-и асри гузашта аз ҷониби Прокурори генералии ИҶШС як қатор фармонҳо ба табъ расонида шуда буданд, ки дар онҳо дахолат намудани муфаттишон ва прокуророн ба фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манъ карда шуда буд. Минбаъд тибқи банди 12 Низомнома дар бораи Шуъбаи (Раёсати) тафтишотӣ, ки бо фармони ВКД ИҶШС аз 19.10.1973, № 325 тасдиқ шуда буд, ба сардорони Раёсатҳои тафтишотӣ ҳуқуқ дода шуда буд, ки бо маводи ФОҶ шинос шаванд. Лекин чунин дигаргуниҳо, ки хусусияти идоравӣ доштанд, проблемаҳои умумии истифодабарии маълумоти ғайримурофиавиро ҳаллу фасл карда наметавонистанд.

Новобаста аз ин, дар ин давра дар назарияи ФОҶ кӯшишҳои коркарди методика ҷиҳати дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани натиҷаҳои ЧОҶ ба роҳ монда шуданд. Бори

[1] Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской Советской Социалистической Республики. - Сталинабад: Издание Народного комиссариата юстиции Тадж. ССР - Таджгосиздат, 1935. - 32 с.
[2] Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР / М.М. Муллаев. – Душанбе, 1960. - С. 153.
[3] Уголовный кодекс Таджикской ССР; Уголовно-процессуальный кодекс Таджикской ССР; Исправительно-трудовой кодекс Таджикской ССР. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 496 с.

нахуст чунин кӯшишҳо дар корҳои илмии як қатор олимон (Б.В. Бойцов, В.М. Барикин) дар с.1965 доир ба назарияи ҳуҷҷатноккунӣ ифодаи худро ёфт. Дар оянда бошад, ба ин проблема, яъне ба сифати далел истифода бурдани маводе, ки дар натиҷаи амалигардонии ФОҶ ба даст оварда шудаанд, диққати махсусро дигар олимон (Белкин Р.С., Винберг А.И., Бедняков Д.И., Доля Е.А., Карнеева Л.М., Ларин А.М., Минковский Г.М., Самойлова В.Г. ва дигарон) низ медоданд.

Дар солҳои 80-уми асри гузашта профессор В.Г. Самойлов ибрози ақида намуда буд, ки ФОҶ барои амалӣ гардидани фаъолияти мурофиавӣ ва билохира, барои баамалбарории меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Ӯ аз ҷумла, пешниҳод намуд, ки фаъолияти кормандони оперативӣ барои самараноктар гузаронидани ЧОҶ, ки ба кушодани ҷиноят равона карда шудаанд, нигаронида шавад ва муфаттишон бошанд, дар навбати худ, фаъолияташонро дар ҷодаи истифода бурдани чунин натиҷаҳои дар раванди кушодани ҷиноят бадастовардашуда ба роҳ монанд[1].

Масъалаи дар мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати далел истифода бурдани натиҷаҳои ФОҶ муддати дурудароз баҳснок буд. Сабаби чунин ҳолат дар он мушоҳида карда мешавад, ки қонунгузории онвақта масъалаи мазкурро аниқ ва мушаххас ба танзим надароварда буд. Бинобар ин, ҳатто дар солҳои 90-уми асри гузашта, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дигаргуниҳои куллӣ ба миён омаданд, аз ҷумла, ислоҳоти васеи ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда буд, натиҷаҳои ЧОҶ аз тарафи судҳо дар бисёр мавридҳо ба сифати маводе, ки аҳамияти далелнокӣ дошт, эътироф карда намешуд.

Албатта, вазъияти бамиёномада ошкор намудани ҷиноятҳоро, махсусан ҷиноятҳои муташаккилро, мураккаб менамуд. Аз ин сабаб дар сатҳи қонунгузорӣ кӯшишҳои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда оид ба масъалаҳои дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани натиҷаҳои ФОҶ баррасӣ мешуд. Масалан: бо мақсади муайян намудани аломатҳои ҷиноят ва шахсони онро содиркарда, ҳамзамон, барои муайян намудани ҳолатҳои воқеие, ки онҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст ба сифати далел истифода бурда шаванд, тибқи Қонуни ИҶШС «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Асосҳои пешбурди судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» аз 12 июни с.1990, имконияти амалӣ гардонидани ЧОҶ бо истифода намудани сабти видео ва аудио, инчунин, навори кино муқаррар карда шуда буд[2].

Бояд қайд намуд, ки ин санади меъёрии ҳуқуқӣ истифода бурдани натиҷаҳои ЧОҶ-ро дар мурофиаи ҷиноятӣ иҷозат медод. Ғайр аз ин, қонуни мазкур моддаи иловагии 35[1]-ро ба Асосҳои пешбурди судии ҷиноятӣ ворид намуд, ки тибқи он ба гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо иҷозат дода шуда буд.

Барои амалӣ гардонидани ин муқаррароти Қонун, аз ҷониби Вазорати адлия, Суди Олӣ, Кумитаи амнияти давлатӣ ва ВКД ИҶШС 30 июни с.1990 «Дастурамал оид ба татбиқ намудани воситаҳои сабти видео ва аудио, воситаҳои наворбардорӣ ва аксбардорӣ, алоқаҳои телефонӣ ва истифода бурдани натиҷаҳои бадастовардашуда ҳангоми кушодан ва тафтиш намудани ҷиноят», ки бо Прокуратураи генералии ИҶШС мувофиқа карда шуда буд, тасдиқ шуд. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ татбиқ намудани воситаҳои криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ шуда буд.

То андозаи муайян санади меъёрии ҳуқуқии мазкур он норасогие, ки дар қонунгузории ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ ҷой дошт, бартараф намуд. Лекин, баъзе муқаррароти он, аз ҷумла, имконияти васеи гузаронидани ЧОҶ то оғози парвандаи ҷиноятӣ, муқовимати ҷиддиро аз ҷониби судяҳо ва прокуророн ба миён овард. Ҳамзамон, дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ предмет ва доираи назорати прокурорӣ, инчунин, тартиби табдил додани натиҷаҳои ЧОҶ ба сифати далелҳо вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ ифодаи аниқи худро наёфта буданд.

Танҳо баъди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.1993) тартиби истифода бурдани натиҷаҳои ЧОҶ дар тайёр ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ҳамчунин, ба сифати далел истифода бурдани онҳо аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври пурра ва саҳеҳ ба танзим

[1] Самойлов, В.Г. Правовые, морально-этические основы и принципы ОРД ОВД: материалы и лекции для слушателей и курсантов учебных заведений МВД СССР. – М., 1984. – С. 8-9.
[2] Ведомостҳои Съезди депутатҳои халқии ИҶШС ва Совети Олии ИҶШС. – 1990. – № 26. – Мод. 495.

дароварда шуданд[1]. Муқаррароти мазкур дар қонунҳои минбаъда «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (аз с.1998 ва с.2011) мустаҳкам карда шуданд. Аз ҷумла, тибқи м.11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (с.2011)[2] натиҷаҳои ФОҶ метавонанд барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун сабаб ва асос хизмат намоянд, ба мақоми таҳқиқ, муфаттиш ё суде, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурдашон мебошад, пешниҳод карда шаванд, инчунин, барои исбот марбут ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро танзим менамояд, истифода шуда метавонанд.

Ҳамин тариқ, қабул шудани санади меъёрии ҳуқуқие, ки дорои хусусияти ошкоро мебошад, тамоми ФОҶ-ро ба таври қонунӣ ба танзим даровард. Вобаста ба ин, маводе, ки дар ҷараёни амалигардонии ин фаъолият ба даст оварда шудаанд, аз тарафи қонунгузор чун маводе эътироф карда шуд, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҷамъоварӣ карда шудааст. Яъне, масъалаи имконпазирии истифодаи чунин маълумот аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ба таври мусбӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст.

Қонунгузор муқаррар намуд, ки маводи дар ҷараёни амалӣ гардонидани ФОҶ дастрас шудааст, метавонанд бевосита барои истифода бурдан дар мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод карда шаванд. Акнун шарту шароитҳое, ки қаблан мавҷуд буданд ва тибқи онҳо манбаи чунин маълумот набояд ифшо карда шаванд, аз байн рафтанд. Чунки тибқи қонунгузорӣ субъектони ФОҶ вобаста ба зарурати бамиёномада, худ ихтиёран маълум менамоянд, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ кадом намуди маълумоти оперативӣ ва дар кадом ҳаҷм истифода бурда шаванд.

Айни замон бо мақсади такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷиноятқорӣ, ки дар он ФОҶ яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамояд, зарурати қабул намудани қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳлили амалияи судӣ оид ба баҳо додан ва истифода бурдани натиҷаҳои ФОҶ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён омадааст.

Ҳамин тариқ, аз таърихи ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ва мурофиаи судии ҷиноятие, ки дар давоми даҳсолаҳо вобаста ба фаъолияти мазкур тадриҷан такмил дода шудааст, бармеояд, ки ин раванд асосан дар гирди мукммалнамоии қонунгузорӣ ҷиҳати ФОҶ ҷараён гирифта, то ин ҷониб рафта истодааст ва минбаъд низ хоҳад давом дод.

Оддатан дар чунин ҳолатҳо, чуноне, ки таҷрибаи ҳуқуқӣ нишон медиҳад, то ҳалли проблемаи ҳуқуқӣ дар сатҳи қонунэҷодкунӣ, тавзеҳоти олимону мутахассисони ҳуқуқшинос, ки дар асоси мантиқ, қонуну қоидаҳо ва дигар воситаҳои (асбобҳои) илмӣ коркард ва пешниҳод мегарданд, барои муайян кардани мавқеи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиа ҷиноятӣ, алалхусус дар ҷараёни исботкунӣ, ба субъектҳои зикргардида ёрдам мекунанд. Аммо, ин ҳолат тасодуфан бо вуҷуди зуҳуротҳои муосир ба миён омада, бояд ҳалли ҳуқуқии худро ёбад. Дар вазъияти мазкур, мо маҷбур мешавем, ки то лаҳзаи баратараф намудани нуқсон дар қонун, ҳолати мазкурро ҳамчун муваққатӣ ва ғайрирасмӣ эътироф намоем. Дастовардҳои олимону таҳқиқгарони илмӣ бояд аз ҷониби қонунгузор баррасӣ гардида, дар ҷараёни мукаммалнамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мунтазам истифода бурда шаванд.

Дар замони истиқлолият қонунгузор ҷиҳати ба танзим даровардани механизми ФОҶ натиҷаҳои хубро ноил гаштааст. Масалан, таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” таҳрири охирон, хусусан моддаҳои 1, 4-6, 8-9, 11-12, 14-15, 17-18 ва 21, нишон медиҳад, ки тарзу усулҳо ва техникаи амалигардонии ФОҶ метавонанд на танҳо аз зери назари тарафи ҳимоя (м. 6 КМҶ ҶТ), балки аз муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор (аз ҷумла прокурори ваколатдор) ва суд, бо риояи сирри давлатӣ, пинҳон нигоҳ дошта шавад. Дар мод. 12 Қонуни баррасигардидаамон дар ин хусус бевосита талабот аст[3], ки мақомоти амаликунандаи ФОҶ ба он такя намуда, имконият дорад сирри

[1] Зоиров, Ҷ.М. Заминаҳои ҳуқуқии пайдоиш ва инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: дастури илмӣ-таълимӣ. – Душанбе, 2008. - С. 74.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 155; 2014, № 7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., № 1447.

[3]Ниг.: Қонуни ҶТ “Дар бораи ФОҶ”: Мод. 12. Ҳифзи маълумот дар бораи мақомоти амаликунандаи ФОҶ: 1.

фаъолияташро фош накарда, ҳифз намояд.

Ҳамин тариқ, маълумотҳо оид ба ҷузъиёти ҷараёни ФОҶ ба дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва КМҶ дастнорас аст. Ҳадди дастрасии прокурор ва суд низ бо меъёрҳои ин Қонун муқаррар гардида, ҳамзамон бо ин салоҳияти онҳо вобаста ба соҳаи ФОҶ маҳдуд мегардад. Дар ҳолати мазкур, муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, судя ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (Фасли II КМҶ ҶТ) маҷбур мешаванд, ки танҳо ба маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти амаликунандаи ФОҶ ба тариқи руякӣ боварӣ намоянд, ки натиҷаҳои ФОҶ дуруст ва мувофиқи талаботи қонун ба даст оварда шудаанд, зеро дар қонунгузорӣ дигар манбаҳои санҷиши онҳо пешбинӣ нашудаанд. Амали тафтишӣ бошад, ба фикри мо на ҳама тарафҳои фаъолияту чорабиниҳои оперативӣ-чустуҷӯиро санҷида барояд.

Маҳдудияти қонунӣ аз нуқтаи назари қонунгузор ба манфиати идоравии мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва иштироккунандагони он хизмат мекунанд ва қонунӣ будани фаъолияти мазкур танҳо ба зиммаи виҷдони кормандони оперативӣ ва роҳбарияти онҳо гузошта мешавад. Онҳо дар назди қонун ҷиҳати риояи накардани қонуният, вайрон кардани меъёрҳои муқарраргардидаи он ҳангоми ба амал баровардани ФОҶ тибқи мод. 23 Қонуни ҶТ “Дар бораи ФОҶ” ҷавобгар мебошанд. Вазъияти ҳуқуқии мазкур ва мушкилоти вобаста ба он ба миёномада дар қонунгузории Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо низ вуҷуд дорад ва ин масъала дар системаи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқистифодабарии онҳо то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Инчунин, қобили зикр аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар баробари дигар соҳаҳои ҳуқуқ вобаста ба тағйирёбии вазият дар қаламрави кишвар ва зуҳуротҳои замони муосири ба миёномада мунтазам такмил мегардад, ки дар натиҷа боиси воридоти тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор мешавад. Яке аз чуни навовариҳо ин меъёри нави КМҶ ҶТ – мод. 88 (1). *“*Далелҳои ғайри қобили қабул”, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми майи с. 2016, № 1306[1] ба КМҶ ҶТ қабул ва ворид карда шудааст.

Тибқи муқаррароти қ. 1. моддаи мазкур далелҳо ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд, агар онҳо бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда, ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд, аз ҷумла бо:

– истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ;

– истифодаи гумроҳшавӣ, ки дар натиҷаи нафаҳмонидан, нопурра ё нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст;

– гузаронидани амали мурофиавӣ аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи анҷом додани пешбурдро бо парвандаи ҷиноятии мазкур надошт;

– гузаронидани амали мурофиавӣ бо иштироки шахсе, ки бояд рад карда мешуд;

– ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ;

– ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст;

Маълумот дар бораи қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо ва нақшаҳои ҳангоми гузаронидани ЧОҶ ғайриошкоро истифодашаванда ё истифодашуда ва натиҷаҳои ФОҶ, маълумот дар бораи шахсони ба ГМҶ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои МА ФОҶ ва дар бораи шахсони ба онҳо ба таври махфӣ мусоидаткунанда, ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ сирри давлатӣ ҳисоб меёбанд ва ошкор намудани онҳо танҳо дар асоси қарори аз ҷониби роҳбари МА ФОҶ тасдиқшуда метавонад сурат гирад. 2. Ошкор кардани маълумот дарбораи шахсони ба ГМҶ воридкардашуда, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои МА ФОҶ ва ҳамчунин дар бораи шахсоне, ки ба онҳо ба таври махфӣ мусоидат мекунанд ё мусоидат кардаанд, фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истиснои ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят, мумкин аст. 3. Қарори судя дар хусуси гузаронидани ЧОҶ ва маводе, ки барои қабули чунин қарор асос гардидаанд, танҳо дар МА ФОҶ маҳфуз дошта мешаванд. 4. Ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро инъикос менамоянд, ба суд (судя), прокуроре, ки риояи қонуниятро дар ФОҶ назорат мекунад, ҳамчунин ба мақоми таҳқиқ ва муфаттиш, ки дар пешбурдашон парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, ба мақомоти дигари амаликунандаи ФОҶ бо тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур пешниҳод шуда метавонанд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистоназ” 14-уми майи с. 2016, № 1306.

– истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исбот.

Инчунин, дар қ. 2 меъёри мазкур пешбини шудааст, ки қобили қабул набудани далелҳо, инчунин маҳдуд кардани истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя бо ташаббуси худи онҳо ё бо дархости тарафҳо муайян карда мешаванд. Маълумоти воқеӣ дар бораи истифода шудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, новобаста ба ворид шудани аризаи онҳо ё дархости ҳимоятгар аз нигоҳи қобили қабул будани нишондодҳои онҳо ҳамчун далел, мавриди тафтиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешаванд.

Муқаррароти қ. 3 моддаи мазкур барои кормандони мақомоти амаликунандаи ФОҶ аҳаммияти калон дорад, зеро дар он қонунгузор пешбини мекунад, ки ҳангоми ғайри қобили қабул ҳисобидани далел бо сабаби истифода намудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи салоҳияти худ оид ба ҷавобгарии дахлдори шахсони ба ин амалҳо роҳдода, чораҳо меандешанд.

Талаботи қ. 4 моддаи таҳлилгардидаамон ба марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ (таҳқиқ) ва мурофиаи судӣ аҳаммияти калон дорад. Дар он пешбини шудааст, ки далелҳои ғайри қобили қабул ҳисобида шуд беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати дар мод. 85 Кодекси мазкур зикрёфта истифода шуда наметавонанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои дар боло зикргардида, бояд иқрор кард, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ФОҶ ба такмили минбаъда эҳтиёҷи калон дорад, зеро мавқеи фаъолияти мазкур дар мурофиаи судии ҷиноятӣ то охир муайян нашудааст. Баҳсҳо дар ин мавзӯъ асосан ба натиҷаҳои ФОҶ, статуси онҳо дар исботкунӣ алоқамандӣ доранд ва чунин нофаҳмиҳо натанҳо дар кишварамон, балки дар дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ ҷой доранд. Вобаста ин А.Б. Костенко чунин мешуморад, ки барои ҳалли муаммои ҳуқуқии мазкур ду роҳ истифода мумкин аст: Якум, ҷорӣ намудани “амалҳои тафтиши ғайриошкоро”; Дуюм, дар КМҶ ворид кардани муқаррароттҳое, ки мунтазам натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далел эътироф мекунанд.[1]

Қобили зикр аст, ки дар КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон таҳрири соли 2014[2] як навоварии ҳуқуқӣ дароварда шуд – ин “амалҳои тафтишии ғайриошкоро”. Барои институти навтаъсисдодашудаи мурофиавӣ (маҳфуми “амалҳои тафтишии ғайриошкоро” дар б. 12 мод. 7 КМҶ ҶҚ оварда шудааст), ки аз нуҳ навъи амалҳои тафтишии ғайриошкоро иборат мебошад, боби 30 ҳамин Кодекс бахшида шуда, дар он ҳар як модда амали татишии алоҳидаро ба танзим медарорад. Чуноне, ки Карл А.М. қайд мекунад, ворид кардани институти зикргардида қадами аввалини қонунгузрии Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти якҷояшавии (интегратсияи) фаъолиятҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ мебошад[3].

Дар хусуси пешниҳоди Костенко А.Б. гуфтан ба маврид аст, ки он мантиқан асоснок бошад ҳам, аммо мо чунин мешуморем, ки барои ҷорӣ намудани яке аз ин навовариҳо дар қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯи ва мурофиаи ҷиноятӣ онро ҷиҳати мутобиқгардонии мавқеи нави натиҷаҳои ФОҶ тайёр кардан лозим аст, ки ин ворид кардани тағйиру иловаҳоро пеш аз ҳама дар КМҶ ва Қонун “Дар бораи ФОҶ” дар бар мегирад, ки ба меъёрҳои фундаменталии ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ низ бояд таъсироти калон расонад, зеро ин навгунаҳои ҳуқуқӣ ба принсипҳои амаликунандаи онҳо мухолифат мекунанд. Амали тафтишие, ки ба тариқи пинҳонӣ (ғайриошкоро) сурат мегирад, бо реҷаи махфият пӯшонидашуда, фаъолияти муфаттиш ва таҳқиқбарандаро низ дар назари ҷомеаи шаҳрвандӣ зери шубҳа мегузаронад. Агар, дар вазъияти ҳозира чи проблемаҳо вобаста ба ФОҶ ва натиҷаҳои он ба миён меоянд, бо роҳи тафтишоту таҳқиқ, инчунин мурофиаи судӣ ҳалли худро меёбанд ва дар сурати роҳ додан ба қонуншиканӣ мақомоти амаликукнандаи ФОҶ гунҳгор дониста мешавад, пас баъди ҷорӣ намудани “амали тафтишии ғайриошкоро”

[1] Костенко, А.Б. Проблемы использования результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовным делам / А.Б. Костенко // Юридическая наука. - 2020. - № 3. - С. 111.

[2] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан от 4 июля 2014 г., № 231-V (с изменениями и дополнениями по состояниб на 01.04.2019 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852 (дата обращения: 11.06.2024).

[3] Карл, А.М. Соотношение негласных следственных действий и оперативно-розыскных мероприятий / А.М. Карл // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. - 2019. - № 3 (83). - С. 150.

эҳтимолан муфаттиш ва таҳқиқбаранда низ сафи шахсони мансабдорони вайронкунандаи қонунро илова менамоянд.

Варианти дуюми пешкашкардашудаи муаллиф аз ҷиҳати дар таҷрбаи ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва Россия мутобиқ гардониданаш нисбатан беҳтар аст, зеро салоҳияти мақомоти амаликунандаи ФОҶ оиди гузаронидани ҷорабиниҳо ба таври ғайриошкоро танҳо ба онҳо мансуб дошта, ба мақомоти тафтишот ва таҳқиқ дода намешавад. Инчунин, дар ҳолати мазкур обрӯқи мақомоти тафтишот ва таҳқиқ, ки ҳомии адолати судӣ мебошанд, зарар намебинад, зеро онҳо натиҷаҳои ФОҶ-ро тафтиш намуда, онҳоро барои истифодабарии минбаъда ба сифати далели исботкунӣ дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва муҳокимаи он дар мурофиаи судӣ роҳ медиҳанд.

Вале, дар баробари ин фикру мулоҳизаҳо, мо сеюм роҳро пешкашу интихоб менамоем, ки мувофиқи он аҳамияту саҳми мақомоти амаликунандаи ФОҶ-ро паст нашуморида, тарафдори мустақилияти он буда, ҳали проблемаро дар мурофиаи ҷиноятӣ намеҷӯем, чунки такмил додани қонунгузории ФОҶ ва дурурст ба роҳ мондани сиёсати оперативӣ ҷустуҷӯӣ, аз ҷумла дар самти кор бо кадрҳои ин соҳа, ки дар маҷмӯ боиси баланд бардоштани обрӯи кормандони оперативӣ шуда, натиҷаҳои фаъолияташонро ҳамчун манбаи ҳақиқат дар дигар мақомот қабул карда мешавад. Ягона роҳ дар замону вазъи муосири кишварамон ин такмил додани асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натӣиҷаҳои ФОҶ ва механизми амалӣ намудани он ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва дар рафти мурофиаи судӣ, инчунин мукаммалнамоии низоми назоратӣ дар соҳаи мазкур, мебошад, ки боварии комил дорем, баро бартараф кардани камбудиҳои зикргардида мусоидат намуда, чораи комплексии самаранок мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин дар ин ҷараёни таъсиси механизми устувори амалигардонии он дар таҷрибаи мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат мекунанд, ки дар натиҷаи тадбирҳо дар ин самт андешидашуда, институти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муқовимат ба ҷиноятқорӣ ба вуҷуд омадааст. Таърихи институти мазкур, ки дар кишварамон зиёда аз ним аср давом дорад, зарурату самаранокии онро тасдиқ мекунад, зеро иқтидори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии дар натиҷаҳои он инъикосгардида тавассути механизми истифодабариашон дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ихтиёри мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас шуда, ба онҳо имконият медиҳад уҳдадорӣ ва вазифаҳояшон дар сатҳи талабгардидаи қонун иҷро намоянд.

2. Институти истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷойи муқаррарро ишғол карда, аҳаммияти дахлдор дорад, бо ҳамин дурнамои рушдро дастрас намудааст ва бо вуҷуди камбудиҳои назаривӣ ва амалӣ ҷиҳати функсиягардониаш дар низоми мазкур ва зуҳуроти зудтағйирёбии замони муосир бо хатару окибатҳояш, масъалаи мукаммалнамоии институти номбурда ҳадафи аввалиндараҷаи давлат ба шумор меравад.

ОЯНДАБИНИИ СТРАТЕГӢ ВА ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПРОГНОЗИРОВАНИЕ И УКРЕПЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

АСЛАМОВ БОЗОРАЛӢ САФАРАЛИЕВИЧ
ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия
e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru

Тафаккури стратегӣ - ин раванди равонӣ ва фикрӣ буда, бо дар назардошти комёбӣ дар бозӣ ё дигар намуди фаъолият истифода мегардад. Барои ба амалбарории тафаккури стратегӣ мавҷудияти ғоя ва имконият нақши асосӣ мебозад. Он метавонад, ки инфиродӣ ё дастаҷамъӣ бошад, ки ояндаро муайян карда тавонад.

Яке аз ҳадафҳои муҳимми тафаккури стратегӣ ин банақшагирӣ ва хулосабандӣ барои оянда мебошад. Дар ибтидо стратегия фақат бо мақсадҳои ҳарбӣ истифода мешуд. Мафҳуми «стратегия» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои санъати фармондеҳиро дорад. Ин мафҳум дар Чини қадим низ маъмул буд. Тахминан дар солхои 400 ва 421-и то мелод аз ҷониби фармондеҳи ҳарбии Чин Сун Изи китобе навишта шуда буд бо номи «Санъати ҷанг», ки асосҳои доктринаҳои ҳарбиро дар бар мегрифт. Ба ақидаи генерали франсавӣ Андре Бофре (1902-1975), тафаккури стратегӣ ин раванди фикрие мебошад, ки хусусиятҳои абстрактӣ ва ақлонӣ дошта, маводҳои психологӣ ва моддиро мавриди истифода қарор медиҳад. Андре Бофре худ афсари артиши Фаронса, стратеги ҳарбӣ буд. Ӯ муаллифи мафҳуми «тафаккури стратегӣ» мебошад. Стратег барои таҳлил ва ҷамбасткунии фикр бояд неруи бузурги ақлонӣ дошта бошад, воқеятро тахлили амиқ карда, ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ ва қарори дахлдор қабул карда тавонад.

Дар илм ва ҷомеа мафҳуми ягонаи тафаккури стратегӣ вуҷуд надорад ва он вобаста ба масоили ҷамъиятӣ-сиёсӣ тағйир меёбад. Ҷомеаи инсонӣ исбот намуд, ки на ҳама вақт тафаккури стратегӣ дар асоси банакшагирӣ дуруст мебарояд. Дотсенти Донишгоҳи миллии мудофиаи Варшава Мариан Козуб менависад, ки «тафаккури стратегӣ» ба воқеият ва масоили амниятӣ робита дорад, ки дар маркази муносибатҳои байналмиллалӣ меистад.

Тафаккури стратегӣ ин бештар бо забони таҳдидҳои чаҳонӣ муосир баррасӣ мегардад, аз қабили хатари паҳншавии яроқи ядроӣ, терроризм, экстремизм, савдои одамон, инкишофи босуръати технологӣ ва оқибатҳои хавфноки он, хатарҳои экологӣ, инкишофи нобарорбари иктисодии кишварҳо, ҷангҳои дохилӣ ва минтақавӣ, ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ ва ғайра.

Дар адабиёти илмӣ беш аз 400 маънидодкунии мафҳуми «стратегия» мавҷуд мебошад, ки барои шароити муосир се гурӯҳи омилҳои онро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мақсад ва методи ҳокимияти ҳарбӣ дар фаъолияти сиёсӣ.
2. Дараҷаи муайянкунии мақсади стратегӣ ва тарзҳои амалигардонии он дар давлат.
3. Дараҷаи муайян кардани вазифа ва айнияти амалигардонии вазифаҳои комлексӣ.

Дар ҷаласаи 46-уми Шурои роҳбарони хадамоти давлатҳои иштирокдори ИДМ 21-майи соли 2019 дар шаҳри Душанбе ин нуқта бори дигар мустаҳкам гардид: «Нақшаҳои ҳарбӣ - техникӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба Тоҷикистон дар масоили амниятӣ меафзояд, ки ин ҳолат аз таҳдидҳои Афғонистон рӯи кор меояд. Намудҳои ҳамкориҳо дар ҷодаи ёрӣ ба қуввахои мусаллаҳ, омодагии кадрҳо, дастаҳои таъиноти махсус ворид намудани техника ва таҷҳизоти радиолакатсионӣ афзоиш меёбад». Иштирокдорони ҷаласа ба шарикон оид ба мушкилоти миллии муборизе бар зидди терроризм маълумот дода, доир ба ташкили муқовимат бо терроризм табодули таҷриба ва роҳҳои ҳаллро пешниҳод карданд.

Аз ҷумла, Директори Хадамоти федералии амниятии Россия Александр Бортников, ки раисии Шуроро ба зимма дошд, таъкид намуд, ки ҳамгироии хадамоти махсуси кишварҳои

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои муборизе бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

ИДМ «имкон дод, ки давоми сол ҳашт ячейкаи террористӣ ошкор ва беш аз 100 аъзои онҳо дастгир гарданд». А.Бортников ҳамчунин зикр кард, ки яке аз самтҳои асосии ҳамкории ҳадамоти махсуси ИДМ табодули пайвастаи маълумоти оперативӣ мебошад. Маълумоти дастрасгардида махзани байналмилалии маълумот оид ба муқовимат бо терроризм, махзани махсусгардонидаи маълумоти Маркази зиддитеррористии ИДМ ва дигар низомҳои маълумотии мавриди истифодаи коллективиро пурра месозад. Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки вазъияти баамаломада «такмили мунтазами амалҳои муштаракро дар самти мубориза бар зидди терроризм, бо дарназардошти тадбирҳои пешгирикунанда тақозо мекунад»[1].

Яке аз ҳадафҳои муҳим дар ин самт ин пешгирии пахншавии маводи мухаддир дар сарҳадхои ҷанубии ИДМ, маблағгузории гурӯҳҳои террористию экстремистӣ мебошад. Тафаккури стратегии кишварҳои гуногун мутаасифона ба қавли Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «бархе аз кишварҳо мутаасифона дар бозиҳои геополитикӣ аз стандартҳои дугона истифода мебаранд, ки вазъи сиёсии минтақаҳоро боз ҳам мураккабтар менамояд».

Дар маҷмуъ тафаккури стратегӣ як қатор таҳдидҳои амнияти стратегиро барои Ҷумхурии Тоҷикистон барои оянда муайян менамояд:

1) Ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими давлатӣ.
2) Устувории асосҳои сохтори конститутсионии давлат.
3) Мавҷудияти неру ва захираи зарурии давлатӣ баҳри дифоъ аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ.

Барои дар амал пиёдагардонии стратегия ғоя лозим аст. Буҳрони сиёсии солҳои 1992-1997 бархурди ғоявиро ба вуҷуд овард, ки бо таассуф боиси харобии иқтисодӣ ва зиёни иҷтимоию маънавӣ гашта, зарари иқтисодии он ба зиёда аз 10 миллиард доллари ИМА баробар гардида, рукнҳо ва асосҳои давлатдориро фалаҷ гардонид, қонуншиканӣ ва бесарусомониҳоро дар мамлакат вусъат бахшид.

Хушбахтона, бо қавъиродагию ҷасорати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри бостонии Хуҷанд, моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идеяи ягонагӣ, ваҳдати миллӣ сулҳу субот, созиши миллӣ ва эъмори давлати демократю дунявӣ ва соҳибихтиёр ироа гардид. Дар ин шароит ягон ходими ҷамъиятиву давлатӣ он замон чунин масъулияти баландро ба уҳда намегирифт.

Ба гуфтаи худи Пешвои муаззами миллат ба ҳеҷ кас он давра вазифа лозим набуд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аёми ҷавонӣ ва мушкили давлати тоҷикон ин масъулияти баландро ба зиммаи худ гирифт ва иброз намуд, ки «манро ба ин вазифаи пурмасъул бовар намудед, акнун биёед вакилони мардумӣ якҷоя пеши роҳи хунрезиро гирем ва Тоҷикистонро аз ин вартаи нобудӣ наҷот диҳем. Ба ман, ки бовар кардед, ба шумо ваъда медиҳам, ки ҳар чӣ зудтар пеши роҳи хунрезиро мегирам, ба халқи азизам сулҳу салоҳ меорам. То он, ки охирин ҳамватани мо аз хориҷи кишвар барнагардад, ман худро ҳамчун сарвари давлат ором ҳис карда наметавонам».

Дар ин Иҷлосияи таърихӣ бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳокимияти конститутсионӣ барқарор карда шуда, тасмим гирифта шуд, ки ба пойтахт шаҳри Душанбе биёянд. Теъдоди зиёди санадҳои ҳуқуқӣ дар Иҷлосияи мазкур қабул гардид, ки роҳи ояндаи Тоҷикистонро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд. Бо талошҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, бо таври интихоботи умумхалқӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ баҳри сулҳу ваҳдати миллӣ талош меварзид. Дар шаҳри Душанбе дар як утоқи хурди мехмонхона роҳи халосӣ аз вартаи нобудии давлат ва миллати тоҷикро ҷуста, ба гуфти худаш худро қурбонии роҳи наҷоти миллат меҳисобид, ки дигар чашми модари тоҷик ашкро набинад ва танҳо хандаи тифлон ҳувайдо бошад. Марҳилаи муҳимтарин дар раванди сулҳ, гуфтушуниди байни тоҷикон аст, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав оғоз гардида буд.

Дар ин гуфтушунид нахустин Эъломияи муштарак оид ба оштии миллии устувор дар раванди сулҳи тоҷикон ба имзо расид. Баъдан ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

[1] Дар Душанбе ҷаласаи 46-уми Шурои роҳбарони хадамоти давлатҳои иштирокдори ИДМ баргузор гардид // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридсозӣ: https://khovar.tj (санаи мурочиат: 19.09.2024).

Иттиҳоди неруҳои оппозитсияи тоҷик дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул ва Машҳад мулоқот гузаронданд. Ҷустуҷӯи роҳу усулҳои расидан ба сулҳу амонӣ барои тоҷикон зиёда аз се сол идома ёфт.Табиист, ки дар ин мулоқотҳо ҳар тараф шартҳои манфиатноки худро пешниҳод менамуд ва билохира 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав мулоқот баргузор гардид, ки бо таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ва имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» анҷом пазируфт[1].

Аз ин идеяи миллӣ ва маҳсули тафаккури стратегии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардум тоҷик ва халқиятҳои гуногуни сокини кишвар истиқболи гарм намуданд. Беҳуда нест, ки аз ин ҳикмати наҷиб Пешвои муаззами миллат бори дигар ёдовар шуданд, ки «Дар паҳлуи халқ дар ҳама ҳолат будан меҳвари сиёсати давлат ва хизмати содиқона ба онро ташкил медиҳад» - иброз намуданд, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[2].

Бо ташаббуси Пешвои миллат Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 қабул гардид. Асоси таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 се принсипи асосии рушди оянда:

1) боздоранда (пешгирии осебпазирии рушди оянда);
2) саноатикунонӣ (баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ);
3) инноватсионӣ (рушд дар асоси навовариҳо дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар) ташкил менамоянд.

Дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои мазкур се вазифаи асосӣ гузошта шудааст, ки ҳалли онҳо дар шароити кунунӣ хеле зарур мебошад:

– расидан ба сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии баробар ба сатҳи кишварҳои тараққиёташон миёна бо дараҷаи миёнаи даромад муқоисашаванда;

– таъмин намудани рушди устувор тариқи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;

– сеюм, тавсеа ва таҳкими мавқеи табақаи миёна.

“Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷиҳати барпо намудани давлат ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум эълон доштанд, барои рушди иқтисодиёт ва беҳтару хубтар гаштани сатҳи зиндагии мардум гузошта, миллати тоҷик дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сарбаландӣ ба истиқболи фардои дурахшон бо иродаи қавӣ ва эътимоди комил ба роҳи интихобкардаи худ қадамҳои устувор мегузорад” менависад, Раҳимзода Р.Ҳ.[3].

Ҳар як миллати том , бахусус точикон дорои хувият ва манфиатҳои милии хеш мебошанд. Таъмини амнияти миллӣ чун унсури таркибии таҳкими истиқлолити давлатӣ баромад менамояд. Дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навиштаанд, ки «Ҳамчун номи точик забони тоҷик хам таърихи ғанӣ ва рангин дорад ва барои мухофизати каламрави ҳастии худ бо забонҳои бегона хамеша дар набард будааст. Дар замони истилои араб тозиён басо кушиданд, ки забони дариро аз байн бубаранд. Ғосибони араб ба ин хотир матнхои авестоӣ ва маъбадхоро несту нобуд ва забони пахлавиро буғӣ карданд. Онхо хона ба хона, деха ба деха, шахр ба шаҳр гашта, точикони бомаърифатро сар буриданд ва бо зарби шамшер кеши моро саркуб карда, оини худро ҷорӣ намуданд.

Осори хатти сосонӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, дарӣ ва суғдиро оташ зада, хирадмандони тоҷикро катли ом ва овораву саргардони мулкҳои бегона карданд. Умуман, аз беху бун нест кардани фарҳанги як миллат, ба хусус забони вай хоси ҷахолати истилогарон аст. Аҷнабиёии истилогар маҳз ба ҳамин восита ба мақсади дуни худ расида метавонистанд. Зеро забон — барҷастатарин ва гуётарин поя, шиноснома ва нишони бақои хар як халку миллат аст»[4].

---

[1] Асламов, Б.С., Маҳмадов, С.Т. Саҳми Э. Ш. Раҳмон ҳамчун Пешвои сиёсӣ дар истиқрори сулҳ ва вахдати миллӣ / Б.С. Асламов, С.Т. Маҳмадов // Осори илмии Академияи ВКД Ҷумҳури Тоҷикистон. Душанбе, 2002. - С. 49-53.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 26-уми январи с. 2021 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj. (санаи мурочиат: 26.01.2021).

[3] Раҳимзода, Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ - асоси амнияти иқтисодӣ: монография / Р.Ҳ. Раҳимзода. -Душанбе: ЭР-граф, 2020. - С. 163.

[4] Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то давраи соли 2030.--Душанбе, 2016 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: http://www.vkd.tj (санаи мурочиат: 19.03.2025).

Хулоса, ҳифзи тамомияти арзӣ, таъмини сохти конститутсионӣ, ваҳдати миллӣ, рушди босуботи иқтисодӣ - иҷтимоӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ ҳамчун унсурҳои муҳими таҳкими амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии бошитоб ва рақобатҳои геополитикӣ маҳсуб меёбанд.

ҲИФЗИ СУДӢ ВА ПЕШБУРДИ АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ

СУДЕБНАЯ ЗАЩИТА И ПРОВЕДЕНИЕ СЛЕДСТВЕННЫХ ДЕЙСТВИЙ

АҲМАДЗОДА МАРҲАБО АҲМАД
судяи суди шаҳри Хуҷанд
E-mail: gmc-78@yandex.ru

ҚАЛАНДАРОВ ШАРИФҶОН ДАДОЕВИЧ
магистри Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

ҒАФФОРЗОДА ДИЛНОЗАХОНИ АБДУНАБӢ
корманди суди шаҳри Хуҷанд

Дар Тоҷикистон дар роҳи таъмини амнияти кишвар, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ғанӣ гардонидани дастовардҳои истиқлолияти миллӣ чораҳои муҳими ҳуқуқӣ андешида шудаанд, ки ба бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва адолати иҷтимоӣ мусоидат кардаанд. Лекин, зарурати такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо назардошти пайомадҳои иҷтимоӣ, густариши таҳдиди падидаҳои номатлуб аз байн нарафтааст, ки ин масъалаҳо тадқиқоти назариявиро дар амалишавии сиёсати ҳуқуқии давлат ногузир мегардонад. Дар низоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ амалҳои тафтишӣ мавқеи махсус дорад, лекин дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) мафҳуми амали тафтишӣ пешбинӣ нашудааст[1]. Ҳарчанд нигоҳи мутахассисони соҳа оид ба шарҳи ин мафҳум гуногун бошад ҳам, дар ақидаҳои онҳо нисбати хусусиятҳои амалҳои тафтишӣ ягонагӣ дида мешавад. Мутахассисони соҳа амалҳои тафтишотиро бо раванди исбот алоқаманд медонанд[2].

Воқеан ҳам зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ тайиноти амалҳои тафтишотиро ҷамъоварӣ ва санҷидани далелҳо ташкил медиҳад. Дар натиҷаи иҷро шудани амалҳои тафтишотӣ тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта исбот карда мешаванд. Суд, ки мақоми ҳокимияти давлатиро дорад дар марҳилаҳои тосудӣ салоҳияти худро оид ба амалӣ шудани адолати судӣ васеъ истифода мебарад, то ки ҳангоми пешбурди амалҳои мурофиавӣ, хусусан амалҳои тафтишӣ кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодии инсон ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар таъмин карда шавад.

Дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи ҷинояти чун шакли фаъолияти ягонаи давлатӣ тибқи принсипҳои адолати судӣ барои ноил шудан ба ҳадафи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешбинӣ шудааст, ки амалишавии он дар марҳилаҳои пешбурди то судӣ ва судӣ чудо мешаванд. Яъне, ба амалбарории адолати судӣ аз ҷониби суд танҳо баровардани ҳукмро ифода намекунад.

Дар байни воситаҳои ҳуқуқӣ ба суд дода шудани як қатор салоҳияти назоратӣ, аз ҷумла иҷозат ба амалҳои тафтишӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, баррасии арзу дархост ва ё шикояти иштирокчиёни мурофиа нисбат ба амал (беамалӣ) ва қарорҳои мақомоти тафтишотии пешакиро номбар кардан мумкин аст, ки на танҳо иштироки судро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ нишон

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; ҚҶТ аз 24.12.2022 № 1926, № 1927, аз 03.01.2024 № 2017.

[2] Раҳматулоев, А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 300 с.; Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳр. Н.А. Қудратов. – Душанбе: Таджпринт, 2016. – 527 с.

медиҳад, инчунин зарурат ва ногузирим назорати судиро дар воқеан татбиқ шудани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ мутобиқ ба Конститутсияи ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муайян кардааст .

Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳанд, ки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ, дар мавридҳои алоҳида иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дучори маҳдудиятҳои беасос мегарданд, ки ба воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ ва эҳтимолияти бегуноҳӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Дар амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ хатогиву монеаҳо, аз ҷумла вайронкунии қонун ва риоя нашудани тартиби пешбурди амалҳои тафтишотӣ, таъмини кафолатҳои ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар пурра бартараф нашудаанд, ки зарурати такмил дода шудани назорати судӣ ва чораҳои самараноки бартарафкунии монеаву хатогиҳоро боз ҳам мубрам мегардонад.

Муаллифони ватанӣ ҳам нисбати муҳимияти назорати судӣ андешаҳои ҷолибро пешбарӣ карда, зарурати назорати судиро дар марҳилаҳои тосудӣ ногузир ва ҳатмӣ дониста, ҳамчунин диққати судро ба вайронкунии қонун ҳангоми пешбурди кофтуков ва дарёфт кардан ҷалб менамояд, оиди бартараф карда шудани норасоиҳое, ки ҳангоми пешбурди амалҳои тафтишотӣ метавонанд дахлнопазирии манзилро халалдор кунанд, нуқтаи назари худро иброз кардааст[1]. Андешаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст оиди такмил додани вазъи мурофиавии суд дар амалишавии унсурҳои принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (тарафҳои муносибатҳои мурофиавӣ) дар марҳилаҳои тосудӣ мебошад, ки муаллиф бо як қатор пешниҳодҳо, аз ҷумла бо таъсис дода шудани воҳиди муфаттиши судӣ ё судяи тафтишбаранда мавқеи худро асоснок мекунад[2].

Дар қонунгузории як қатор давлатҳои ИДМ таҷрибаи васеъ шудани салоҳияти суд ба мушоҳида мерасад. Дар (м. 244(1) КМҶ ФР) иштирокчии мурофиа “ёрдамчии судя” пешбинӣ шудааст, ки дар мурофиаи судӣ ба корҳои ташкилии баргузорӣ, техникӣ ва расмиёти санадҳои мурофиаи судӣ ба раисикунандаи маҷлиси суд ёрӣ медиҳад, лекин салоҳияти ҳалли масъалаҳои мурофиавиро надорад[3]. Ҳамин гуна меъёр дар КМҶ Ҷумҳуриҳои Қирғизистон (м.270) ва Қазоқистон (м.88 КМҶ) оид ба нақши пристави судӣ ва медиатор (м.88-1 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон) муқаррар шудааст[4].

Ҷиҳати назорати суд қарор додани асосҳои дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят ва маҳдуд шудани озодии гумонбаршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ Абдуллоева М.К., мавқеи худро асоснок мекунад, ки “огоҳсозии прокурор ва суд, хешовандони наздик таъҷилан баъди тартиб додани протоколи дастгиркунӣ ьа роҳ монда шавад. Чунки аз лаҳзаи қабули хабарнома дар бораи дастгир кардан прокурор ва суд вазифадор мешаванд, ки новобаста аз шикоят аз ҷониби шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда, ки озодии у маҳдуд мешавад ё ҳимоятгари у, асоснок ва қонунӣ будани онро мавриди санҷиш қарор диҳанд”[5].

Дар навбати худ Ғоибов Р. зарурати васеъ карда шудани салоҳияти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо инсон дар баррасии ҳама баҳсҳои ҳуқуқӣ пешбарӣ карда буд. Мавсуф бартарияти муқаррароти конститутсиониро нисбати санадҳои байналхалқӣ ҷонибдорӣ мекунад ва қайд кардааст, ки салоҳияти татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби суд бо волоияти қонуни миллии ҳуқуқӣ (ҳуқуқи инсон) бояд таъмин карда шавад[6].

---

[1] Нозиров, Н.А. Иҷозати суд барои пешбурди баъзе амалҳои тафтишотӣ / Н.А. Нозиров // Осори Академияи ВКД. – 2012. - №1 (17). – С. 56-62.

[2] Кахоров, Н.М. Состязательность в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: правовой аспект: монография / Н.М. Кахоров. – Худжанд: Хуросон, 2019. – С. 144.

[3] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001 № 174ФЗ (ред. от 24.03.2021 г. № 49 – ФЗ, от 05.04.2021 г. № 67 – ФЗ) // Российская газета от 09.04.2021. № 76.

[4] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Кыргызстан // Принят Законодательным собранием Жогорку Кенеша Кыргызской Республики 24 мая 1999 года; Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан. - Акмола, 13 декабря 1997 года, № 206-1 // Автоматизированная правовая система «Консультант-плюс» // [Электронный ресурс] - Режим доступа: Internet. http://www.consultant.ni/Online/ (дата обращения: 02.03.2025).

[5] Абдуллоева, М.К. Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят: втореф….дис. н.и.ҳ: 12.00.09 / М.К. Абдуллоева. –Душанбе, 2023. – С. 29.

[6] Гоибов, Р.Д. Судебное правоприменение в условиях судебно-правовой реформы в постсоветском Таджикистане: Общетеоретический аспект: автореф… к.ю.н.: 12.00.01 / Р.Д. Гоибов. - Душанбе, 2012. – 22 с.

Бинобар ин, ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст, зеро акнун сухан на танҳо дар бораи ҳимояи шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст, балки дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои ҳам шахси ҷиноятсодиркарда ва ҳам иштирокчиёни дигари мурофиа, инчунин оиди самаранокии таъмини кафолатҳои конститутсионӣ, татбиқи воситаҳо ва тартиби мурофиаи ҷиноятӣ, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон хизмат мекунанд, меравад[1]. Аз ин лиҳоз, дар адабиёт ин шакли фаъолияти суд дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини қонуният ва ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс аз маҳдудкунии беасос ва ғайриқонунӣ номбар мешавад.

Дар адабиёти муосир қайд мешавад, ки навъҳои назорат, ба монанди назорати судӣ, назорати конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, намудҳои гуногуни назорати маъмурӣ (назорати идоравӣ (соҳавӣ), назорати давлатӣ, назорати халқӣ, назорати ҷамъиятӣ, назорати ҳизбӣ,) аз ҳамдигар, вобаста ба соҳаи назорат, мавзуи назорат ва доираи салоҳияти мақомоти назоратбаранда фарқ мекунанд[2].

Бинобар ин, барои муайян кардани ҳадду ҳудуди назорати судӣ ва амалшавии он дар марҳилаҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ муҳим аст, ки *мавзуи назорати судӣ*, самти фаъолияти суд ва ҳадди иштироки суд дар иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дақиқ карда шаванд.

Таҳлили назария ва меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки *мавзуи назорати судиро* дар марҳилаҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба таври мушаххас номбар ва мавриди тадқиқот қарор додан муҳим аст, аз ҷумла:

1) риоя ва иҷрои дақиқи тартиби муқарраркардаи қонун оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаҳои то судӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

2) муносибати ҳуқуқии мақомоти пешбурди парванаи ҷиноятӣ ва иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

3) таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодии инсон ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар ҳангоми пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятӣ;

4) пешбурди амал ва санадҳои мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокурор дар пешбурди таъқиби ҷиноятӣ;

5) қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ.

Масъалаҳоеро, ки мавзуи назорати судиро дар марҳилаҳои тосудӣ ташкил додаанд, на танҳо иҷрои саривақтӣ ва самараноки вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои тосудӣ мусоидат мекунанд, онҳо дар як вақт тайиноти (функсия) судро дар самти ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муайян мекунанд. Лекин, суд салоҳияти мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокурор ва мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро иваз намекунад ё ба зимма намегирад, дар таъқиби ҷиноятӣ иштирок намекунад. Муайян шудани мавзуи назорати судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, вазифаҳо ва тайиноти судро тағйир намедиҳанд, балки таносуби назорати судӣ, назорати соҳавии мурофиавӣ ва назорати прокурориро возеҳ нишон медиҳанд.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, ба андешаи мо, вобаста кардани амалҳои тафтишотӣ бо марҳилаи тафтишоти пешакӣ хулосаи саҳеҳ нест. Чунки дар марҳилаи тафтиши пешакӣ амалҳои тафтишотие, ки ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро ба таври ҷиддӣ маҳдуд мекунанд (азназаргузаронӣ дар манзили истиқоматӣ, ки дар сурати розӣ набудани шахсони маскуни он, кофтуков, дарёфт кардан, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ, ҳабси муросилоти почтаю телеграф, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани мавод, экспертизаи судӣ-тиббӣ ё судӣ-равонпизишкӣ), бо иҷозати суд гузаронида мешаванд. Ҳангоми моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади таҳқиқи далелҳои ҷамъовардашуда аз ҷониби суд, судя бо иштироки тарафҳо аз амадҳои тафтишӣ нав баргузор мешаванд.Ин қисми муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар баррасии тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ ҳатмӣ аст, ба истиснои

[1] Лукашева, Е.А. Права человека и правовое государство / Е.А. Лукашева //Общая теория прав человека. - М.: Норма, 1996. - С. 93.
[2] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. - Душанбе: ЭР-граф, 2009. – С. 281.

гузаронидани мурофиа бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ. Дар фарқият аз тартиби пешбурди амалҳои тафтишӣ дар марҳилаҳои тосудӣ, амалҳои тафтишӣ дар марҳилаи муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ хусусиятҳои хоси худро дорад:

а) ҳангоми пешбурди амалҳои тафтишӣ таъмин шудани кафолати ҳимояи судии манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигарро мавриди муҳокима қарор медиҳад;

б) амалҳои тафтишӣ дар марҳилаи судӣ бештар на бо мақсади ҷамъоварии далелҳо, балки бо мақсади санҷидан ва баҳодиҳӣ ба далелҳои ҷамъовардаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва иштирокчиёни тарафи ҳимоя баргузор мешаванд;

в) суд ба далелҳои ҷамъовардашужа мустақилона, холисона ва новобаста аз мавқеи тарафҳо баҳои ҳуқуқӣ медиҳад;

г) суд бо иштироки бевоситаи тарафҳо қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва кофӣ будани далелҳоро муайян мекунад;

д) агар далелҳо бо вайрон кардани талаботи қонун бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ҷамъоварӣ шуда, ба саҳеҳияти маълумоти воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд, суд онҳоро ғайриқобили қабул эътироф мекунад;

ж) дар пешбурди амалҳои тафтишӣ тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ ах ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии худ истифода бурда, метавонанд саволгузорӣ намоянд, диққати судро ба ҳолатҳои дахлдор ҷалб намоянд.

Илова кардан лозим аст, ки ба ғайр аз қоидаҳои умумии пешбурди амалҳои тафтишӣ назар ба марҳилаҳои тосудӣ, дар марҳилаи судӣ пешбурди амалҳои тафтишӣ тартиби хоса дорад. Масалан, раисикунанда ба судшаванда ҳуқуқи ӯро дар бораи додан ё надодани нишондод нисбат ба айби ба ӯ эълоншуда ва ҳолатҳои дигари парванда фаҳмонда, инчунин дар бораи он, ки тамоми гуфтаҳои (нишондоди) ӯ, мумкин аст, ба муқобили ӯ истифода шаванд, огоҳ месозад. Ҳангоми ба додани нишондод розӣ будани судшаванда сараввал ӯро ҳимоятгар ва иштирокчиёни мурофиа аз тарафи ҳимоя ва сипас айбдоркунандаи давлатӣ ва иштирокчиёни мурофиа аз тарафи айбдоркунӣ пурсиш мекунанд. Раванд ва натиҷаи амалҳои тафтишӣ дар протоколи ягонаи маҷлиси суд қайду мусатҳкам мешаванд.

Пурсиши судшаванда дар ғайби судшавандаи дигар танҳо бо ташаббуси суд, судя ё дархости тарафҳо иҷозат дода мешавад. Шоҳид дар алоҳидагӣ ва дар ғайби шоҳидони ҳанӯз пурсиданашуда пурсиш карда мешавад. Пурсиши ҷабрдидаи ноболиғ ё шоҳид бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси суд, судя дар ғоибии судшаванда анҷом дода шуда, дар ин бора суд, судя таъинот (қарор) мебарорад ва ғайраҳо. Ин қоидаҳо баҳри дастраси ба адолати судӣ шароит ба вуҷуд меоранд, ки ба тарафҳо барои изҳори раддия ва дархост, пешниҳоди далел, иштирок дар тафтиш, баромад дар музокираҳои судӣ, ба суд пешниҳод кардани тавсия оид ба ҳалли ҳамаи масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ мубоҳиса ва баробарӣ таъмин гардад, ки суд ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирад ва барои ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда барои тарафҳо имконият мавҷуд бошанд.

Ҳамин тариқ, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳифзи судӣ ба ҳар кас кафолат дода мешавад» ва бо ҳамин мақом онҳоро давлат ҳамчун ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ҳимоя менамояд (моддаи 19). Аз ин ру, дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳифзи судӣ барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона мешавад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки ҳар як шахс дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳифзи судиро дорад ва ин ҳуқуқи заминавӣ ё бунёдии ҳар як шахс аз амал (беамалӣ) ва санадҳои ғайриқонунӣ ва беасос аст.

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

БОБОЗОДА МУҲАММАДҶОН МАҲМАДНАИМ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
e-mail: muhammadjon97bobozoda@mail.ru

ЗАРИФЗОДА БАҲРОМ МУЛЛООБИД
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
e-mail: zarifzodabahrom@ mail.ru

Мақсади асосии ҳар як ҷомеаву давлат ва роҳбарияти сиёсии он ташкилу таъмини ҳаёти хушу хуррам ва осудаву ороми халқу диёраш, сарсабзӣ ва сарбаландии миллаташ дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин ҳадафҳои муҳим монеаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки барои рафъи онҳо кӯшишҳои дастаҷамъонаи зиёд лозим мебошад. Бояд зикр намуд, ки инсоният имрӯз ба хатарҳои нав аз қабили терроризму экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, бӯҳрони байналмилалии молиявӣ, авҷ гирифтани амалҳои коррупсионӣ ва дигар хатарҳои нав ба нав рӯ ба рӯ шуда истодааст.

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки “Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст. Ҳоло кишвари мо дар марҳалаи нави тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст”[1]. Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ сарчашмаи асосии пешгирӣ ва муқовимат бо амалҳои коррупсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар замони муосир яке аз монеаҳои асосӣ барои амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин коррупсия маҳсуб меёбад. Коррупсия боварии шаҳрвандонро нисбат ба давлат коста гардонида, теша ба решаи руши иқтисодиёт мезанад, некӯаҳволии иҷтимоиро аз байн мебарад ва умеду орзуи кӯдакону наврасонро нисбати оянда нобуд месозад.

Чун анъана мафҳуми коррупсия аз забони лотинӣ гифта шуда, “коррупсия” (corruptio) маънои вайрон кардан, харида гирифтанро дорад. Дар аввал, мафҳуми коррупсия амалу ҳаракатҳои шахсонеро ифода менамуд, ки мақсадашон вайрон ё халалдор намудани ҷараёни мурофиаи судӣ ё идоракунии кору фаъолияти аҳли ҷомеа буд[2]. Ҳоло, дар зери мафҳуми коррупсия хариду фуруши ашхоси мансабдор ва истифода гардидани ваколатҳои (имкониятҳои) хизматӣ бо мақсадҳои ғаразноки шахсӣ фаҳмида мешавад.

Пӯшида нест, ки коррупсия чун унсури манфии ҷамъият, новобаста аз дараҷаи тараққиёти он, мисли худи ҷомеа хеле куҳан буда, заминаҳои пайдошавӣ ва рушди худро дорад.

Ҷараёни ташаккул ёфтани мафҳуми коррупсия ба маънои ҳозирааш таърихи дуру дароз дошта, тули чандин асрҳоро да рбар мегирад. Аксарияти олимон дар чунин андеша ҳастанд, ки аломатҳои аввалини коррупсия дар Бобулистони қадим ба вуҷуд омада, дар қонунҳои шоҳ Хаммурапӣ бевосита инъикос гардида буданд. Аз ҷумла, дар як қисми ин қонун чунин омада буд, ки “Агар одам амволи худо ё касрро дуздида бошад, ин одам бояд кушта шавад, хамчунин оне, ки аз дасти вай чизи дуздиро гирифт, бояд кушта шавад”[3]. Аз мазмуни ин

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28-уми декабри с. 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 15.03.2025)
[2] Кузовков, Ю.В.. Мировая история корупции. - М.: Анима- Пресс, 2010. - С. 5.
[3] Сборник законов царя Хамурапи // Источники права. - Вып.1. -Тольятти: ИИП “Акцент”, 1996. -56 с.

қисми қонуни мазкур фаҳмида мешавд, ки бояд шахсе, ки аз ваколатҳои хизматӣ бо мақсади ғаразноки шахсӣ истифода менамояд, муҷозот карда шавад.

Дар сарчашмаҳои Юнони қадим ва Рими қадим ҳам оид ба мафҳуми коррупсия сухан меравад. Масалан, дар ёдгории ҳуқуқии Рим чунин омадааст: “Наход ту қарори судро дар хусуси додани ҳукми қатл ба он судя ва миёнрав, ки барои баррасии парванда таъин шуда буданду оид ба ин кор ришваи пулӣ гирифтанашон фош шуд, бераҳмона шуморӣ?”.[1]

Оид ба мафҳуми коррупсия дар ҳар қарну солҳо сухан мерафт. Ҳануз дар асрҳои миёна мафҳуми коррупсия ба тариқи васеъ истифода мегардид ва фаҳмида мешуд.Дар асрҳои миёна фаҳмиши мафҳуми коррупсия васеътар мегардад. Дар ин самт сиёсатмадори машҳури он замон Н. Макиавелли ибрози ақида намуда, коррупсияро ҳамчун беморие номидааст, ки дар оғоз фаҳмиданаш душвору табобаташ осон вале сониян, фаҳмиданаш осону табобаташ ғайри имкон мебошад[2].

Мутафаккири бузург Ш.Л. Монтеске гуфта буд, ки дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастогҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мешавад[3].

Коррупсия ба яке аз таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, ки амнияти кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатари ҷиддӣ мегузорад. Он тамоми мамлакатҳои оламро фаро гирифта, дар ҳар макону замон дар сатҳи мухталиф пайдо мешавад. Ҳам дар мамлакатҳои тараққиёфта ва ҳам дар мамлакатҳои сустинкишофёфта ба таври хосса коррупсияро зоҳир мегардад.

Пас аз барҳам хурдани ҷомеаи ибтидоӣ ва пайдошавии синфи ҳукмрон ва типҳои таърихии давлатдорӣ коррупсия низ пайдо гардид. Чунки манфиатҷӯии мардуми сайёра баъди барҳам хурдани ҷамъияти ибтидоӣ оғоз гардида буд. Ҷараёни пайдошавӣ ва ташаккулёбии коррупсия дар ҳар минтақа ва сарзаминҳо гуногун ба чашм мерасид, ки ҳар халқу қавм ва миллатҳо тарзи ба худ хоси ин раванди номатлуби иҷтимоиро аз сар гузаронидаанд. Ташаккулёбии шаклҳои гуногуни истеҳсолот дар манотиқи гуногуни олам пайдо гардида, таъсири бевоситаи худро ба типҳои таърихии давлат ва сохти иҷтимоии ҷомеа расонда, барои инкишофи моделҳои гуногуни коррупсия заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Олимон ва муҳаққиқони соҳа, коррупсияро ҳамчун институти номатлуби раванди иҷтимоии байналмилалӣ азёбӣ намуда, вобаста ба хусусиятҳои минтақавии ташалккулёбӣ навъҳои зерини онро тасниф намудаанд:

а) модели аврупоиғарбӣ ин модели ташаккули коррупсия асосан фарогири раванди иқтисодии кишварҳои қораи Аврупо буд ва онро коррупсияи иқтисоди низ меномиданд. Лозим ба ёдоварист, ки ин намуди модели коррупсия ба ҷиҳатҳои сиёсӣ ва иҷтимои алоқамандии зич надошт ва ба ин соҳаҳои ҳаёти ҷомеа паҳн намегардид. Бо дар назардошти ин гуфтаҳо ба ин модели рушди коррупсия хусусияти аз тарафи аҳли ҷомеа хамчун падидаи ғайримуқарраррӣ арзёбӣ гардидани коррупсия, оштинопазирии он нисбати ҳолатхои суистеъмол гардидани ҳокимият ва аз ҳамин лиҳоз хеле пардапушона амалӣ шудани кирдорҳои коррупсионӣ хос мебошад;

б) модели осиёгӣ чунин модели коррупсия бештар ҷабҳаҳои иҷтимоии ҳаёти ҷомеаи қораи Осиё фаро мегирифт. Бо сабаби робитаи ногусастанӣ доштани муносибатҳои иҷтимоӣ бо муносибатҳои коррупссионӣ, ба монанди хешутаборӣ,ҳамшаҳригӣ, ҳамкорӣ, дустӣ ва ғайра ин модели рушди коррупсияро коррупсияи иҷтимоӣ низ меноманд. Ин модели ташаккули коррупсия ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа хос буд. Бо сабаби вуҷуд надоштани кафолатҳои ҳифзи молумулк, оҷизӣ да пеши ҳокимияти пуриқтидору худкомаи амалдорони давлатӣ, бозаргонону амлокдорони сарватманд наҷоти худро дар химояи гуруҳӣ дида, шумораи зиёди хешу табор, ҳамшаҳриён ва хидматгоронро дар гирди худ ҷамъ намуда, дар ин замина корпоратсияҳои оилавию маҳаллӣ бунёд менамуданд.

Чун натиҷаи мавҷуд набудани механизмҳои ҷилавгир аз худкомагиҳои ҳокимон дар заминаҳои манфиатҷуии иҷтимоӣ муттаҳид шудани ҳам элитаи сиёсӣ ва ҳам элитаи

[1] Маҳмудов, М.А., Зиёзода, Т.Н., Холиқҷов А.Г., 3. [ва диг.]. Ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ. - Душанбе: “ТоРус”, 2010. - 240 с.

[2] Бикмухаметов, А.Э., Газимзянов, Р.Р., Кабанов, П.А. Коррупиция и антикоррупционная политика: Библиографический справочник. - Казань, 2009.- 140 с.

[3] Монтескье, Ш. Избранные сочинения. -М., – 1955. - С. 289.

иктисодӣ, инчунин муайян набудани доираи ваколат ва беназоратии мансабдорони давлатӣ коррупсияро дар кишварҳои Осиёи Марказии тоинқилобӣ ба як падидаи роиҷу маъмул табдил дод. Дар кишварҳои ин минтақа дар шароити имруза низ чунин заминаҳои коррупсия аз қабили ҳузури зиёдатии давлат дар иқтисодиёт, дақиқ тафрика нашудани ҳокимияти давлатӣ, ваколатҳои васеи амрдиҳию назоратии шахсони мансабдор, имконияти аз тарафи онҳо гирифтани фоидаи шахсӣ аз ваколатҳои хизматӣ, таъсири анъанаву робитаҳои анъанавии пешин аз байн нарафтаанд.

г) модели африқоӣ. Ба ақидаи муҳаққиқон ва коршиносон дар модели африқоӣ ҳокимият пурра ба каналҳои асосии иктисодӣ, ки байни хам мувофиқа намудаанд, фурӯхта ё ба онҳо омехта шуда, мавҷудияти боэътимоди онҳоро тавассути фишангҳои сиёсӣ таъмин менамояд.

д) модели америкоилотинӣ ин модели охирини рушди коррупсия маҳсуб меёбад. Рушди ин модели коррупсия аз дигар моделҳо бо он фарк мекунад, ки ба коррупсия муросокорию сахлангорӣ намудани хукумат боиси аз тарафи сохторҳои пасипардагӣ ва ҷиноятпешаи иктисодиёт ба даст овардани қудрати ба давлат ҳамто мегардад. Хокимият ба муқовимати бевоситаю шадид бо мафия, ки аллакай ба «давлат дар дохили давлат» табдил гардидааст, кашида мешавад.

Коррупсияи замони муосир шаклу намуд ва хусусиятҳои ба худ хосро соҳиб буда, ба ғайр аз гуруҳбандии минтақавӣ боз бо дигар хислатҳояш низ тасниф карда мешавад. Аз рӯйи дараҷаи афзоиш коррупсияро ба се намуд тасниф мекунанд:

- харобкунанда;
- паҳншуда;
- маҳдуд.

Аз рӯйи самтҳои паҳн гардидан корупсияҳоро ба намудҳои зайл ҷудо месозанд:

а) коррупсияи бахши давлатӣ - кирдорхои корррупсионии ашхоси мансабдори мақомотҳои давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳарбӣ, мақомоти худидораи махаллӣ, муассисаҳо, ташкилот ва корхонаҳои давлатиро фаро мегирад.

б) коррупсия дар бахши хусусӣ – ин намуди коррупсия дар он ҳолат ҷой дорад, ки ашхоси ваколатдори ташкилоту корхонаҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ молумулки онро ба манфиати худ ва бар зарари ташкилоту корхона истифода менамоянд.

Вобаста ба шаклҳои фаолият намудҳои зерини коррупсия фарқ карда мешавад:

1. коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ;
2. коррупсия дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
3. коррупсия дар мақомоти гумрук ва андоз;
4. коррупсия дар сохтори низомӣ;
5. коррупсия дар соҳаи маориф;
6. коррупсия дар соҳаи тандурустӣ;
7. коррупсия дар соҳаи манзилию камуналӣ;
8. коррупсия дар соҳаи кишоварзӣ;
9. коррупсия дар соҳаи саноат ва ғайра.

Дар маҷмуъ коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамеа аст, ки баҳри мубориза бо он дар ҳар як давлат чораҳо андешида мешаванд, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳануз аз рӯзҳои аввали ноил гардидан ба соҳибихтиёрӣ ҳокимияти олии сиёсӣ, дар якҷоягӣ бо ташкилоту идораҳои давлатию ғайриҳукуматӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххаси мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирикунандаи онро тарҳрезӣ ва амалӣ карда истодаанд.

Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва болоравии коррупсияро коҳиш диҳад.

Дар шароити имрӯза шаффофият яке аз принсипҳои муҳимми амал ва фаъолияти самараноки низоми идорӣ шинохта шудааст. Хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки айни ҳол коррупсия дар ниҳодҳои хизмати давлатӣ васеъ паҳн шуда асту он масъалаи муҳим ва

ҳалталаб аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, ба масъалаи таъмини шаффофият ҳамчун роҳи рафъи коррупсия диққати махсус дода мешавад[1].

Имрӯз коррупсия ба яке аз масъалаҳои глобалии байналмилалӣ табдил ёфта, тамоми давлатҳоро новобаста аз сохтори сиёсӣ ва сатҳи ташаккули сиёсӣ дар бар мегирад ва танҳо аз рӯйи доираи фарогирии соҳаҳои воридшудааш шаклан дар ҳар як давлат фарқиятҳоеро соҳиб аст.

Ба хотири мубориза бо коррупсия муайян намудани моҳияти амиқи ин зуҳурот ва таркиби онҳоро, ки ба коррупсия дохил мешаванд, зарур аст. Дар алоқаманди бо ин намудҳои зерини коррупсияро тасниф намудан мумкин аст:

а) коррупсия дар доираи идоранамоии давлатӣ;

б) коррупсияи парламентӣ;

в) коррупсия дар корхонаҳо.

Ҳама гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, оқибатҳои манфии коррупсияро ба соҳаҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ метавон чунин баррасӣ намуд. Масалан, дар соҳаи иқтисодиёт коррупсия боиси пайдоиши як қатор зуҳуроти манфӣ мешавад:

1. механизми рақобати бозорро вайрон сохта, сабаб мешавад, ки ғолиб на субъекти рақобатпазир, балки он субъекте мегардад, ки бартариро тавассути пора додан соҳиб гардидааст. Ин заминаи кӯмаки раванди монополия намудани соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва паст гардидани идеяи рақобати озоди бозоргонӣ мегардад;
2. коррупсия аз паси худ таҳсимоти нодурусти захираҳои буҷети давлатиро самар меорад, махсусан, ҳангоми таҳсимотсозии фармоишҳои давлатӣ ва ҷудо кардании қарзҳо. Аз ин сабаб, садди роҳи амалишавии барномаҳои давлатӣ мегардад;
3. коррупсия ба нодуруст равона шудани таҳсимоти даромадҳо, бойшавии субъектҳони муносибатҳои коррупсионӣ аз ҳисоби дигар субъектҳои ҷомеа боис мешавад;
4. коррупсия ба баландшавии арзиши маҳсулот ва хизматрасонӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷаи он истифодабарандагон зарар мебинанд;
5. коррупсия воситаест, ки барои рушди олами ҷиноӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ин ба паст гардидани воридшавии андоз ба буҷети давлат, ғеҷиши капитал ба хориҷи кишвар, душвор гардидани иҷрошавии вазифаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат оварда мерасонад.

Оқибатҳои манфии коррупсияро дар соҳаи иҷтимоӣ бошад метавон чунин шарҳ дод:

а) коррупсия фарқияти барҷастаеро дар байни арзишҳои эълоншуда ва воқеӣ пешниҳод менамояд ва дар байни аъзоёни ҷомеа стандарти духӯрагии ахлоқӣ ва рафториро пайдо месозад. Ин ба он оварда мерасонад, ки ҷенаки ҷомеа пулу мол мешавад ва арзиши инсоҳо аз рӯи боигариашон, новобаста аз роҳи пайдокардаи ин боигарӣ, муайян мегардад;

б) коррупсия барои ба фоидаи гурӯҳи маҳдуди олигарҳҳо таҳсимшавии манфиатҳои ҳаётан муҳим мусоидат менамояд, ки аз паси худ якбора нобаробарии миёни одамонро ба вуҷуд меорад;

в) коррупсия қонунро ҳамчун воситаи асосии танзими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, маҳдуд менамояд ва эътибори онро коста мегардонад;

г) коррупсия дар шуури ҷамъиятӣ тасаввуроти бемуҳофизатии шаҳрвандонро дар назди ҳокимият ва олами ҷиноӣ ба бор меорад.

Яке аз масъалаи муҳимтарини коррупсия, равшани андохтан ба моҳият ва бартараф кардани заминаҳои он, муайян кардани андозаи зарар аз ин падидаи ҷамъиятӣ мебошад.

Дар замони муосир дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байнаомиллалӣ мафҳумҳои гуногуни коррупсия истифода бурда мешаванд.

Дар асоси талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”, “коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади

[1] Солиев, Ш.Х. Механизмҳои таъмини шаффофият дар низоми хизмати давлатии Тоҷикистони муосир / Ш.Х. Солиев // Ахбори ДДҲБСТ. – 2015. - № 4(65). – С. 170.

моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ»[1].

Кирдорҳои коррупсионӣ аз дигар кирдорҳо бо он дар тафовут мебошад, ки:

а) онҳо аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ, ҳамчунин шахсони вазифахои роҳбарии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои коллективиро базиммадошта содир мешаванд;

б) аз тарафи ашхоси зикршуда барои расидан ба максад салоҳиятҳои хидматии онҳо ё имкониятҳои ба онҳо алоқаманд истифода мешаванд;

в) мақсади ин амалҳо гирифтани фоидаи шахсӣ мебошад.

Кирдорҳо танҳо дар сурати мавҷудияти аломатҳои дар боло зикршуда коррупсия эътироф мешавад. Кирдорҳое, ки дар онҳо ҳатто яке аз аломатхои нишондодашуда мавҷуд нестанд, коррупсия махсуб намешаванд.

Ҳамин тариқ, коррупсия суиистифода аз салоҳиятҳои мансабӣ буда, ҳадаф аз он гирифтани фоидаи шахсӣ мебошад, порагирӣ бошад, танҳо як навъи шаклҳои гуногуни коррупсия аст. Мафҳуми «коррупсия» танҳо порагириро ифода намекунад, зеро суиистифода аз салоҳиятҳо метавонад усулҳои сершумори зоҳиргардӣ дошта бошад. Масалан, он дар истифодаи аз ҳад зиёди ҳокимият, истифода ё ғайриконунӣ додани афзалият дар ҳолати тақсимоти неъматҳои моддӣ, аз худ кардан ё тороҷ сохтани амволи боваркардашуда, сохтакории хидматӣ, ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони вокеию юридикӣ бобати амалисозии ҳуқуқҳо ва манфиатҳои онҳо, ошнобозӣ, протексионизм, ҷурабозӣ, хешутаборчигӣ, дахолат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектони хоҷагӣ, маҳдудсозии рақобат ва ғайра зоҳир мешавад.

Дар масъалаи ташкили воситаҳои мубориза бар зидди коррупсия бошад, ҷустуҷӯ ва пайдо намудани сарчашмаҳои асосии он хеле зарур аст. Ин зарурат аз он хиҷат низ эҳсос мешавад, ки давлат новобаста аз имкониятҳояш на ҳама вақт метавонад дар танҳоӣ бар зидди ин ҷинояти номатлуб мубориза барад.

Дар мамлакатҳои гуногуни олам бидуни механизмҳои давлатии мубориза бар зидди коррупсия, инчунин дигар унсурҳои маҷмӯии сиёсии ҷамъият ба монанди: созмонҳои ғайриҳукуматӣ, воситаҳои ахбори омма, иттиҳодияҳои журналистон, иттифоқҳои касаба, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ ва марказҳои таҳлилӣ низ ба муборизаи зидди коррупсия ҷалб карда мешаванд. Иштирок намудани субъектҳои зиёд дар кори мубориза бар зидди коррупсия имкониятҳои маълумотгирӣ, кадрӣ, техникиро зиёд намуда, ба пурра намудани стратегияи давлат дар муборизаи зидди коррупсия ёрӣ мерасонад.

Албатта, ин маънои онро надорад, ки бори масъулият ва роҳбарии мубориза бо ин амали зишт аз дӯши давлат гирифта мешавад, зеро иваз шудани нақшҳо метавонад фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро дар ин самт суст ва ба фориғболии он дар мубориза бар зидди коррупсия оварда расонад. Баръакс, давлат тавассути офаридани меъёрҳои ҳуқуқии оштинопазир нисбати коррупсия дар муборизаи зидди он бояд мавқеи асосиро ишғол намояд.

ЗАНОН ВА ШАХСОНИ ДИГАРЕ ДОРОИ УҲДАДОРИИ ОИЛАВӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТОНИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

ЖЕНЩИНЫ И ДРУГИЕ ЛИЦА, ОБЛАДАЮЩИЕ СЕМЕЙНЫМИ ОБЯЗАТЕЛЬСТВАМИ КАК ПРАВОВЫЕ СУБЪЕКТЫ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

БОБОКАЛОНОВА САОДАТ ҒОИБОВНА
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Ҷ. Буйдоқов, унвончӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: bgoib@mail.ru

Имрӯзҳо ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи воқеии муносибатҳои занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавиро дар соҳаи

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 07-уми августи с. 2020, № 1714 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2020. № 7-9, мод. 620.

меҳнат ва дигар муносибатҳое, ки ба онҳо бевосита алоқаманданд, ба таври куллӣ тағйир дод, ки ин боиси таҷдиди назар кардани бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусан қонунгузорӣ оид ба меҳнатро, ки меҳнати занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавиро танзим менамояд, гардидааст.

Меъёрҳои консептуалӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин афзалиятҳои ҳуқуқҳои занон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, дар қонунҳои қабулгардидаи кишвар ба таври возеҳ инкишоф ёфтаанд. Ҳангоми таҳияи онҳо ба стандартҳои баландэътибори меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки таъмини пурраи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро ба меҳнат, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, модарӣ, инчунин стандартҳои марбут ба фароҳам овардани шароити моддию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-маишӣ кафолат медиҳанд, диққати махсус дода шуд[1].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд муқаррар шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагуна маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳоро аз рӯи аломати мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, ҷинсӣ, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ ва дигар аломатҳо манъ намудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати аз ҳама баландэътибори ҳуқуқӣ консепсияи ҳозиразамони ҳуқуқу озодиҳои инсонро инъикос мекунад ва ин сифати Қонуни олӣ шароити мусоидро барои рушди ҳама соҳаҳои ҳуқуқ ва махсусан ҳуқуқи меҳнат ба вуҷуд овардааст.

Тибқи м. 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди аққали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Ҳуқуқ ба меҳнат маънои онро дорад, ки ҳар як фард озодона қобилияти меҳнатии худро амалӣ намуда, онро ихтиёрдорӣ менамояд ва ҳеҷ касро ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб намудан мумкин нест, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян намудааст[2].

Дар баробари ин, ҳар шахс ҳуқуқи ба кор дохил шуданро дорад ва ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад намояд, аз ҷумла занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ низ дар муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳое, ки ба онҳо бевосита алоқаманданд, ба сифати субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Қабл аз мавриди таҳлил қарор додани субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ба истилоҳи «субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ» рӯ меоварем.

Ба андешаи олими шинохта Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) истилоҳи «субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ» ба маънои иштирокчии муносибати ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Истилоҳҳои «субъект» ва «шахс» чун ҳаммаъно истифода мешаванд. Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шахсест, ки дар муносибатҳои ҳуқуқӣ иштирок мекунад. Истилоҳи «шахс» (одатан дар ҳуқуқи хусусӣ) ба маънои «шахси воқеӣ» ва «шахси ҳуқуқӣ» истифода мешавад.

Мафҳумҳои «субъекти ҳуқуқ» ва «субъекти муносибати ҳуқуқӣ» фарқ доранд. Ҳар инсон, сарфи назар аз синнаш, маълумоташ, вазифаи ишғолкардааш ва м.и. субъекти ҳуқуқ мебошад[3].

Вобаста ба ин бояд тазаккур дод, ки яке аз унсурҳои муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ин субъекти он (тарафҳои шартнома) мебошанд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии тарафҳоро таҷассум менамояд.

Яке аз субъектҳои ин муносибатҳо дар ҳама маврид корманд мебошад, ки дорои маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ буда, ҳуқуқи конститутсионӣ, ваколат, уҳдадорӣ ва ҳам иҷрои як қатор вазифаҳоро дорад, аз ҷумла занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавидошта.

---

[1] Рахмонова, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917-2011 гг.): автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / О.Э. Рахмонова. – Душанбе, 2012. – С. 17.

[2] Ҳуқуқи меҳнат ва таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Нашри якум / Муҳаррири масъул н.и.ҳ., дотсент Ғ.М. Бобокалонов. – Душанбе: «ЭР-граф». 2021. – С. 57.

[3] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2018. – С. 620.

Мафҳуми шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ аввалин маротиба дар сархати ҳафтоду якуми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) ҷой дода шуда, аз Конвенсияи № 156 Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат «Оид ба муносибат ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занони коргар: кормандоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд», ва аз 23-уми июни с. 1981 дар иҷлосияи 67-умин Конфронси генералии СБМ дар Женева[1] қабул шудааст, маншаъ мегирад.

Мутобиқи сархати ҳафтоду якуми қисми 1 КМ ҶТ шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ – занони ҳомила ва дигар кормандоне, ки дар тарбия ва нигоҳубинашон кӯдаки то чордаҳсола, кӯдаки маъюб ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, доранд, мебошанд[2].

Дар адабиёти илмӣ ҳуқуқҳои занон, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, низ чун ҳуқуқҳои шахсӣ тавсиф шуда, қобилҳуқуқӣ ва қобиламалии меҳнатӣ, ҳамчун мақоми субъекти ҳуқуқи меҳнат истифода шудааст.

Шонасридинов Н. қайд менамояд, ки шахси воқеӣ ҳанӯз то дохил шудан ба муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, яъне бо доро гаштан ба қобилҳуқуқӣ ва қобиламалии меҳнатӣ мақоми субъекти ҳуқуқи меҳнатро касб менамояд.

Қобилҳуқуқӣ ва қобиламалии меҳнатии шахси воқеӣ ҷудонопазир буда, дар ҳамбастагӣ қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатии ӯро ташкил медиҳанд.

Қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатии шахси воқеӣ бо маҳаки иродавӣ ва синнусолӣ тавсиф гашта ба қобилияти воқеии инсон ба меҳнат (қобилияти меҳнатӣ) алоқаманд мебошад. Қобилияти меҳнатӣ бошад, ҳамчун қобилияти ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон ба меҳнат маънидод мешавад.

Дар ҳуқуқи меҳнат қобилҳуқуқӣ ва қобиламалӣ тавъам буда, бидуни якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Дар ҳуқуқи маданӣ бошад, қобилиҳуқуқӣ ва қобиламалӣ ба ҳам рост намеоянд, яъне шахс метавонад қобилҳуқуқ буда, ҳамзамон дорои қобиламалӣ набошад[3].

Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. қайд менамоянд, ки қобилияти ҳуқуқдории меҳнатӣ ва қобилияти амалкунии меҳнатӣ дар соҳаи истифодаи меҳнати кормандон ҳамчун як мафҳуми ягона баррасӣ карда мешаванд, зеро қобилияти меҳнатӣ аз шахсияти инсон (шахс, шаҳрванд) ҷудонопазир аст. Ҳар як меҳнати зинда фаъолияти ихтиёрӣ ва шахсии инсонро (кормандро) талаб мекунад ва мустақиман аз ҷониби ӯ (на аз ҷониби намояндаи ӯ, ки дар ҳуқуқи граждани иҷозат дода мешавад) амалӣ карда мешавад. Чунин ягонагии ногусастании қобилияти ҳуқуқдории меҳнатӣ ва қобилияти амалкунии меҳнатиро ҳуқуқи субъективии меҳнатӣ меноманд...[4]

Ба ақидаи Гинтсбург Л.А., қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатӣ муқаддам аз муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ қарор дошта, ҳамчун шарти имконпазирии ба вуҷуд омадани чунин муносибатҳо мебошад[1].

Бегичев Б.К. қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатиро бо ду ченак, яъне ченаки синнусол ва ченаки иродавӣ тавсиф намудааст.

Ченакҳои зикршуда бошанд бо қобилияти амалии инсон ба меҳнат зич алоқаманданд. Қобилияти меҳнатӣ ҳамчун қобилияти ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон ба меҳнат маънидод мешавад[2].

Дар ин замина бояд қайд кард, ки қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатӣ бо расидан ба синни муайян ба вуҷуд омада, ба намудҳои зайл ҷудо мешавад:

- қобилияти субъектҳуқуқии умумии меҳнатӣ;
- қобилияти субъектҳуқуқии пурраи меҳнатӣ;

---

[1] Конвенция Международной организации труда «О равном обращении и равных возможностях для трудящихся мужчин и женщин: трудящиеся с семейными обязанностями» № 156 (принята в г. Женеве 23.06.1981 на 67-ой сессии Генеральной конференции МОТ) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121450/

[2] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604.

[3] Шонасридинов, Н., Бозоров, Р.Б. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2006. – С. 18.

[4] Маҳмадуллозода, Н.Р., Наботов, С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. –Душанбе: ҶДММ “Сомон принт”, 2021. – С. 95-96.

[1] Гинцбург, Л.А. Социалистическое трудовое правоотношение. - М.: Изд-во «Наука», 1977. – С. 186.

[2] Бегичев, Б.К. Трудовая правоспособность советских граждан. - М., 1972. – С.70-75; 179-190.

– қобилияти субъектҳуқуқии маҳдуди меҳнатӣ ва қобилияти субъектҳуқуқии махсуси меҳнатӣ.

Ба андешаи мо, қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатии занон, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавидошта дар ду намуд, яъне, қобилияти субъектҳуқуқии маҳдуди меҳнатӣ ва қобилияти субъектҳуқуқии махсуси меҳнатӣ ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин, муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ як қатор хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Чи тавре зикр гардид, ба субъектҳои муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ ба сифати корманд (шахсони воқеӣ) ва корфармо-соҳибкори инфиродӣ, занон, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ (минбаъд корманд) маҳсуб мешаванд, ки бидуни онҳо муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ ҷой дошта наметавонад.

Корманд шахсе мебошад, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ бо корфармо дар асоси шартномаи меҳнатии басташуда қарор дорад.

Танҳо корманд ҳуқуқ дорад қобилияти ба меҳнат доштаашро ихтиёрона ва озодона ихтиёрдорӣ намуда, касбу кори дилхоҳро интихоб намояд (қ. 1 м. 35 Конститутсияи ҶТ). Аз ин рӯ, иҷрои вазифаҳои меҳнатии корманд тавассути намояндагон номумкин аст, онҳоро танҳо шахсан иҷро бояд намуд. Пас, қобилҳуқуқӣ ва қобиламалии меҳнатии корманд бо ҳам алоқаманд буда, дар як вақт ба вуҷуд меоянд[1]. Чунин ягонагии қобилҳуқуқӣ ва қобиламалии меҳнатиро бо мафҳуми қобилияти субъектҳуқуқии меҳнатӣ ифода менамоянд.

Мутобиқи муқаррароти қ. 2 м. 21 КМ ҶТ қобилияти субъектҳуқуқии умумии меҳнатӣ бо расидани шахси воқеӣ ба синни 15-солагӣ ба вуҷуд меояд.

Шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд бо расидан ба синни 15-солагӣ шартномаи меҳнатӣ баста, ба ҳайси субъекти муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ баромад кунанд, ки занон аз қабили чунин шахсони воқеӣ маҳсуб меёбанд.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки қонунгузор дар бастани шартномаи меҳнатӣ бо шахсони то синни 18-сола баъзе маҳдудиятҳоро муқаррар намудааст. Масалан, бо шахсони ба синни 18 нарасида бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба иҷрои кори бо масъулияти моддӣ алоқаманд манъ аст. Пас аз гузаштани синни муайяншуда, занон метавонанд яке аз тарафҳои шартномаи меҳнатӣ ва ҳамчун субъекти муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ баромад намоянд.

Тибқи муқаррароти қ. 3 м. 21 КМ ҶТ дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо мувофиқаи падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ивазкунанда, бе халалдор кардани раванди таълим метавонанд шартномаи меҳнатӣ банданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳолатҳои истисноӣ баҳри омодасозӣ ба меҳнати истеҳсолӣ ва бо дарназардошти ҳифзи саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии талабагони муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро, ки ба синни чордаҳсола расидаанд, ба кор қабул намудан мумкин аст, бо шарте, ки якум, кори аз ҷониби чунин шахсон иҷрошаванда ба гурӯҳи корҳои сабук мутааллиқ бошад, дуюм, кори иҷрошаванда ба саломатии ӯ зарар нарасонад, сеюм, иҷрои чунин кор раванди муътадили таълими (таҳсили) хонандаро халалдор насозад, чорум, барои иҷрои чунин кор розигии яке аз волидон ё шахсони ивазкунандаи онҳо гирифта шуда бошад. Ҳамин тавр, қобилияти субъектҳуқуқии маҳдуди шахси воқеӣ аз синни чордаҳсолагӣ ба вуҷуд омада, то расидан ба синни понздаҳсолагӣ идома меёбад[1].

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат маҳакҳоеро, ки хусусияти ҳолатҳои истисноии шахсони ба синни 14-солагӣ расидаро равшан менамуда бошанд, дар алоҳидагӣ муайян нашудааст.

Ба андешаи мо, хуб мебуд, дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат чунин меъёр ворид карда мешуд, ба сифати ҳолатҳои истисноӣ шахсони ба синни 14-солагӣ расида танҳо дар сурате шартномаи меҳнатиро баста метавонанд, ки агар:

---

[1] Желтов, О.Б., Сошникова, Т.А. Трудовое право России: учебное пособие. - М.: Эскомо, 2005. – С. 44.

[1] Шонасридинов, Н., Бобокалонов, Ғ.М., Маҳмадуллозода, Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда / Муҳаррири масъул, н.и.ҳ., дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: «Мастер Принт», 2022. – С. 38.

1) розигии хаттии яке аз волидон ё шахси ивазкунандаи онҳо мавҷуд бошад;
2) чунин шахсон хонандагони макотиби маълумоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳҳои касбию-техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус бошанд;
3) кори иҷрошаванда сабук бошад ва ба саломатии онҳо зиён нарасонад;
4) иҷрои кор ҷараёни таълими (таҳсили) онҳоро халалдор насозад;
5) кор дар вақти фориғ будани хонандагон аз таълим (таҳсил) иҷро шавад.

Чи тавре зикр гардид, қонунгузор дар бастани шартномаи меҳнатӣ бо шахсони то синни 18-сола баъзе маҳдудиятҳоро муқаррар намудааст.

Мутобиқи қ. 2 м. 74 КМ ҶТ давомнокии вақти кории ҳаррӯза (баст) барои кормандони аз 15 то 16-сола 5 соат ва аз 16 то 18-сола 7 соат, барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар давоми соли хониш таҳсилу кор мекунанд аз 14 то 16 – сола 2,5 соат ва аз 16 то 18- сола 3,5 соат, зиёд буда наметавонад.

Инчунин, тибқи муқаррароти моддаи 211 КМ ҶТ вобаста ба синну соли ноболиғон, чунин давомнокии вақти кори ҳафтаинаро муқаррар намудааст:

– барои кормандони синни аз чордаҳ то понздаҳсола на зиёдтар аз бисту чор соат;
– барои кормандони синни аз понздаҳ то ҳаждаҳсола на зиёдтар аз сию панҷ соат.

Корфармо ҳуқуқ надорад, ки давомнокии кори ҳафтаинаи барои ноболиғон муқарраршударо зиёдтар намояд. Ҳамзамон, корфармо метавонад вобаста ба шароити кор ва вазъи иқтисодии ташкилот, давомнокии ниҳоии кори ҳафтаинаи барои ноболиғон муқарраршударо кӯтоҳтар намояд.

Инчунин, бо дарназардошти хусусиятҳои физиологии ҷисми занон ва шахсони аз ҳаждаҳсола хурд қабул намудан ба корҳои шароиташон зарарнок ва хатарнок мумкин нест.

Тибқи талаботи қ. 4 м. 35 Конститутсияи ҶТ дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифода намудани меҳнати занон ва ноболиғон манъ карда шудааст. Ин талабот дар КМ ҶТ мушаххас шудааст. Тибқи муқаррароти м. 216 КМ ҶТ кор фармудани занон дар корҳои зеризаминӣ, дар корҳои шароиташон зарарнок, манъ мебошад. Айнан чунин талабот нисбати истифодаи меҳнати шахсони аз ҳаждаҳсола хурд дар муқаррароти м. 208 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Ҳаминро тазаккур дод, ки тафовут дар меъёрҳои зикргадида, хусусиятҳои фаъолияти меҳнатии субъектҳои гуногуни меҳнат, хусусан меҳнати занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, дида мешавад.

Чунин тафовуту маҳдудияту фарқиятгузорӣ ғамхории махсуси давлат нисбат ба шахсоне, ки муҳтоҷи ҳимояи хоси иҷтимоӣ мебошанд, хусусан, занон, ноболиғон ва ғайра, муқаррар шудааст. Чунин талабот баҳри ҳимояи саломатӣ ва ҳуқуқҳои гурӯҳи шахсони номбурда пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи сархати чоруми қ. 1 м. 56 КМ ҶТ бо шахси ба синни понздаҳ нарасида, бе розигии хаттии падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ивазкунанда, ошкоро бар хилофи қонун, асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ, бо шахси ба синни муқаррарнамудаи КМ ҶТ нарасида, шартномаи меҳнатӣ баста шуда бошад, аз тарафи суд беэътибор дониста мешавад. Чи тавре дар боло зикр гардид, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи меҳнат баромад мекунанд.

Шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ин занони ҳомила ва дигар кормандоне, ки дар тарбия ва нигоҳубиниашон кӯдаки то чордаҳсола, кӯдаки маъюб ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст доранд, мебошанд.

Ба шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ метавонанд кормандон, ки тибқи қонунгузории оила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбия ва инкишофи кӯдак уҳдадоранд. (падару модар, падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бе парастории падару модармондаро, тарбия мекунанд, корманде, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст, шахсоне, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои васӣ ё парастор доранд), дигар хешовандони кӯдак, ки воқеан ӯро нигоҳубин мекунанд, дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонунгузорӣ корманде, ки нисбат ба дигар аъзоёни оилааш, ки дар ҳолатҳои муқарраргардида ба нигоҳубин ё кӯмак эҳтиёҷ доранд, дохил карда шаванд.

ЗНАЧЕНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СОВЕРШАЕМЫХ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИМИ

АҲАММИЯТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ДАР ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ АЗ ТАРАФИ НОБОЛИҒОН СОДИР КАРДА МЕШАВАНД

ГОЗИБЕКОВ ТОЛКИН ХАБИБУЛЛАЕВИЧ
доцент кафедры специальных профессиональных дисциплин Института повышения квалификации МВД Республики Узбекистан, подполковник
moi@iiv.uz

Основной целью проводимых в Республике Узбекистан реформ является воспитание молодежи, формирование молодых людей как всесторонне развитой личности. Ведь в них нашли отражение идеи о том, что молодежь – хозяева будущего, основа развития государства и общества.

Сегодня, по мере того как общество становится все более сложным, появляются новые формы преступности. Это требует постоянного самосовершенствования и опыта в улучшении знаний и навыков тех, кто борется с этим явлением. Это происходит из-за того, что несовершеннолетние все больше вовлекаются в преступления, зачастую просто не понимая последствий своих неправомерных действий, что и приводит к неблагоприятным последствиям. В таком положении вещей отчасти наблюдается отсутствие надлежащего сотрудничества между школой, семьей и широкой общественностью или в отсутствии эффективного сотрудничества.

Эта ситуация требует внимания не только семьи, но и школы, района, широкой общественности и, конечно же, органов внутренних дел. Поэтому следует особо отметить важную роль органов внутренних дел (далее – ОВД), сотрудников нацгвардии, несущих службу в общественных местах, и конечно же, самой общественности в профилактике правонарушений, совершаемых несовершеннолетними. В образовании и воспитании нет разделения. Если есть пробел, он, скорее всего, будет восполнен чужими идеями.

Каковы же причины детской преступности? На наш взгляд, совершению преступлений и правонарушений среди несовершеннолетних способствуют ряд факторов, к которым, по оценкам специалистов относятся, в частности, такие, как

Отсутствие воспитания в семье. Родительское равнодушие, семейные конфликты, отсутствие надзора и отсутствие духовной среды – все это способствует тому, что ребенок идет по неверному пути. Бессмысленная трата свободного времени ребенка. Во многих случаях несовершеннолетние остаются без присмотра в свободное от учебы время и вступают в различные незаконные группы.

Недостатки в системе образования. К таким негативным ситуациям приводят помимо прочего, недостаточная воспитательная работа в школе, отсутствие у учителей индивидуального подхода, неблагоприятная обстановка в классе. Опасности в Интернете и информационном пространстве. Популярность контента, пропагандирующего насилие, преступность и безразличие среди молодежи, также является существенным источником риска.

Негативная среда. Вредные привычки друзей, соседей и уличной обстановки, желание легкого заработка и тому подобные ситуации отравляют сознание несовершеннолетних.

Родители не занимаются своими детьми и не могут найти путь к сердцу ребенка. Ребенок будет доверять своим родителям только в том случае, если доверяет им как своим друзьям. Если родитель боится своего ребенка, он попытается скрыть свою вину и искать спасения в другом месте, что, в свою очередь, может привести к тому, что ребенок сойдет с пути или попадет под влияние чуждых идей. Эти факторы, действуя по отдельности или в совокупности, побуждают молодых людей совершать преступления. По этой причине необходимо изучить корень проблемы и принять системные меры по ее решению.

Статья 76 Главы XIV Конституции Республики Узбекистан дает широкое определение семьи, детей и молодежи, утверждая, что семья является основной ячейкой общества и находится под защитой общества и государства. В статье 77 указано, что родители и лица, их заменяющие,

обязаны заботиться о своих детях до достижения ими совершеннолетия, воспитывать их, давать им образование, обеспечивать их здоровое, полноценное и гармоничное развитие1.

ОВД как один из правоохранительных органов республики осуществляют деятельность сразу по нескольким важным направлениям работы с несовершеннолетними:

Деятельность профилактических инспекторов. Инспекторы по профилактике, работающие в сотрудничестве со школами, проводят индивидуальные беседы с несовершеннолетними, изучают условия их жизни и семейное окружение. Религиозных организаций, средств массовой информации, неправительственных организаций. Активисты местного сообщества. В каждом регионе есть ответственные лица по работе с несовершеннолетними, которые отвечают за контроль над детьми и их семьями, оказание помощи нуждающимся семьям, вовлечение проблемных подростков в кружки и спортивные секции.

Родители и школы. Партнерство школы и семьи имеет решающее значение в воспитании ребенка. Учителя должны выявлять проблемы учащихся на основе индивидуального подхода и решать их совместно с родителями.

Социальные сети и СМИ. Пропаганда здравого смысла среди молодежи и представление духовно высоких личностей в качестве образцов для подражания – это обязанность средств массовой информации. Организация социальной рекламы, юридических шоу и интерактивных проектов через СМИ может оказать огромное положительное влияние.

Неправительственные, некоммерческие организации. НПО, работающие с молодежью, играют важную роль в повышении правосознания посредством различных тренингов, социальных проектов, семинаров и круглых столов.

Доктор юридических наук А.А. Саидов в своих исследованиях подчеркивает, что «В целях снижения преступности среди несовершеннолетних необходимо с детства формировать у них правосознание. В этом процессе должны объединиться усилия государственных органов, образовательных учреждений и общественности»2.

Доктор педагогических наук, ученый, изучающий проблемы социальной адаптации несовершеннолетних, И. М. Исмоилов утверждает, что «Пока молодые люди не достигнут уровня самосознания, окружающие несут ответственность за каждое их действие. Ребенка формирует его окружение, и это окружение должно быть позитивным»3.

Е.Ю. Путилова, российский криминолог, специалист по преступности несовершеннолетних, в своих работах приходит к выводу о том, что «Корень преступности кроется в отсутствии социального контроля внутри семьи. Роль местных сообществ имеет решающее значение в решении этой проблемы»4.

В своем Послании народу Узбекистана 2023 года Президент Республики Узбекистан Шавкат Мирзиёев особо подчеркивал мысль о том, что «Мы должны любить своих детей, дать им образование и работу, помочь им найти свое место в жизни. Это долг не только родителей, но и всего общества»5.

На основании вышеизложенного можно сделать вывод о том, что преступления, совершаемые несовершеннолетними, представляют собой не только совокупность правовых, но и социальных и нравственных проблем. Достичь цели по предупреждению и устранению этой проблемы можно лишь в том случае, если не только ОВД, но и все общество - начиная с семьи, школы, двора, СМИ, НПО будут эффективно проводить профилактическую и разъяснительную работу. И все это делать не во имя работы по воспитанию детей, а потому, что как сказал уважаемый Президент, наше будущее в руках молодежи, мы все хотим подчеркнуть, что мы должны признать это поколе-

[1] Конституции Республики Узбекистан принята путем всенародного голосования на референдуме Республики Узбекистан, проведенном 30 апреля 2023 года // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://constitution.uz/ru (дата обращения: 01.04.2025).

[2] Саидов, А.А. Основы правового государства и правовой культуры: монография / А.А. Саидов. — Ташкент: Издательство «Адолат», 2019.

[3] Исмаилов, И.М. Социально-психологические подходы к воспитанию молодежи / И.М. Исмаилов. - Ташкент: Издательство Ташкентского государственного университета политологии и права, 2021.

[4] Путилова, Е.Ю. Криминология: Преступность несовершеннолетних. - М.: Издательство «Юрайт», 2017.

[5] Мирзиёев, Ш.М. Новый Узбекистан - к развитию и процветанию. - Ташкент: Издательство «Узбекистан», 2023.

ние будущим нашего общества, поддерживать с ним тесную связь и быть примером во всех отношениях, не оставляя места для слов «это твой ребенок, это мой»1.

Мы прекрасно понимаем, насколько верны глубокие слова известного просветителя Абдуллы Авлони, который говорил, что «Образование для нас - вопрос жизни или смерти, спасения или разрушения, счастья или катастрофы». Мы все знаем, к каким разочарованиям и пагубным последствиям приводит игнорирование вопросов образования. Но если вы скажете эту правду сегодня нашему народу, он скажет: «Что я могу сделать, если я не работаю!», «Понимаете, это нелегко, житейские заботы, еда и одежда для детей...», «Ну, теперь, когда он в безопасности, его воспитание останется в прошлом...».

Ученые обнаружили, что есть родители, которые тратят на воспитание своих детей всего двенадцать минут в день. Эти моменты в основном тратятся на мелкие выговоры, которые произносятся за столом, когда ребенок выходит из дома или идет в школу.

Наш великий соотечественник имам Газали утверждал, что «Ребенок дан родителями на хранение. Сердце ребенка – драгоценный камень, свободный от любого шаблона или образа. Оно принимает любой шаблон, примененный к нему, и склоняется в любом направлении, куда бы оно ни склонилось. Если его научить делать добро, он вырастет и достигнет счастья в этом мире и в загробном. Его заслуги разделят его родители и каждый учитель и наставник. Если его приучить ко злу, если его предоставить самому себе, как животных, он в конечном итоге погибнет. Его грех ляжет на плечи тех, кто несет ответственность за его воспитание»2.

В нынешнюю эпоху непрерывного развития науки и образования нет сомнений, что основой образования должно быть воспитание. Поэтому целесообразно, чтобы наука развивалась на основе образования. Более того, поскольку цель каждого воспитателя, учителя, наставника в сфере образования – воспитать кадры с хорошим будущим, которые будут служить Родине и народу, то такое воспитание не может не принести свои плоды. То есть, современный учитель и воспитатель должен быть предан делу обучения того человека, которого он обучает, и должен быть страстным педагогом.

Как сказал наш Первый Президент Ислам Каримов, «Образование не может быть отделено от воспитания, а воспитание от образования – это восточное мировоззрение, восточная философия жизни»3. Поэтому необходимо гармонично осуществлять образовательную и воспитательную работу. Мы не должны забывать, что от того, какое образование и воспитание получают сегодня наши дети и молодежь, зависит будущее страны, развитие нашей Родины, будущее нашего народа. Поэтому каждый родитель, учитель и тренер должен прежде всего увидеть индивидуальность в каждом ребенке. Исходя из этого простого требования, мы должны признать, что главной целью и задачей сферы образования должно быть воспитание молодых людей, которые вырастают самостоятельными и широко мыслящими, зрелыми людьми, живущими осознанно.

Как отметил наш Первый Президент в своей работе «Высокая духовность – непобедимая сила», «Еще один важный жизненный фактор, который напрямую влияет на формирование духовности, тесно связан с системой образования. Поэтому роль и значение образования и воспитания в формировании духовности велики»4.

Как известно, наши предки издавна считали бесценное богатство знаний, просвещения, образования и воспитания важнейшим условием и залогом человеческого совершенства и процветания нации. Конечно, образование является продуктом сознания, но в то же время оно является важнейшим фактором, определяющим уровень сознания и его развитие, то есть формирует и обогащает духовность народа. Следовательно, духовность невозможно развить без изменения системы образования и, на этой основе, сознания.

В заключение следует сказать, что воспитывать детей необходимо на основе науки и образования, а образование, в свою очередь, тесно связано с духовностью. Духовное воспитание имеет большое значение в воспитании нашей молодежи. Как неоднократно отмечал Первый Президент, «Если мы потеряем бдительность и чуткость, решимость и ответственность в этом вопросе, если

[1] Там же.
[2] Ал-Газали. Начало наставлений, на истинный путь (Бидайат ал хидай-ат) / Пер. с араб. Шамиля ибн Омара. – М.: Диля, 2009. – 160 с.
[3] Каримов, И.А. Труды Президента Республики Узбекистан: На пути духовного возрождения. – Ташкент, 2009.
[4] Каримов, И.А. Высокая духовность – непобедимая сила. - Ташкент, 2008.

мы бросим это чрезвычайно важное дело на произвол судьбы и эгоизм, мы можем потерять свою духовность, которая коренится и питается нашими священными ценностями, нашей исторической памятью, и в конечном итоге сбиться с пути всеобщего развития, к которому мы стремимся»1. Самое главное, воспитать подрастающее поколение здоровыми, полноценными людьми, которые будут преданы своим предкам, нашей истории, нашей Родине, нашему родному языку, нашим национальным ценностям и традициям нашей священной религии. Мы считаем это долгом каждого человека перед своей Родиной.

КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРӢ

КОНСТИТУЦИЯ АВТОНОМНОЙ СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ АДМИНИСТРАТИВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ

ҒАФУРЗОДА ДАЛЕР АЗАЛШО
омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
E-mail: dalergafurov88@mail.ru

РАҲИМЗОДА ЗАФАР КАРОМАТУЛЛО
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия

Пас аз ғалабаи инқилоби бузурги октябри соли 1918 дар Осиёи Миёна дар ҳудудҳои пештараи сиёсию маъмурии он, Ҷумхурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон соли 1918 ва Бухорою Хоразм соли 1920 таъсис дода шуданд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки халқҳои сокини Осиёи Миёна ҳар кадом мехостанд давлати миллии мустақили худро дошта бошанд, ки дар он замон ин кор ғайриимкон буд. Новобаста аз ин, соли 1924 бо дархости зиёди халқҳои Осиёи Миёна Сессияи 2 Кумитаи инқилобии ИҶШС тақсимоти давлатию миллии Осиёи Миёнаро гузаронид, ки дар натиҷа ҷумҳуриҳои нави сотсиалистӣ ва вилоятҳои мухтор ба вуҷуд омаданд[2].

Дар ин тақсимот Тоҷикистон ҳамчун давлати мухтор яъне, Ҷумхурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд ҶМШС Тоҷикистон) дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (минбаъд ҶШС Ӯзбекистон) таъсис ёфт. Кумитаи иҷроияи марказии (минбаъд – КИМ) Россия 27-уми октябри соли 1924 ташкили ҶМШС Тоҷикистонро дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон тасдиқ намуд[3].

Акнун барои ҶМШС Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавону навтаъсис яке аз масъалаҳои муҳим, ин дорои сарчашмаи ҳуқуқи худи ба ҳисоб мерафт. Албатта ҳамаи дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ аз Конституцсия сарчашма мегиранд, бинобар ҳамин масъалаи дигар дар он давра ин қабули Конституцсияи ҶМШС Тоҷикистон дониста мешуд.

Хотиррасон бояд намуд, ки то соли 1927 худи ҶШС Ӯзбекистон низ Конституцсияи худро надошта, он дар асоси Конституцсияи ИҶШС ва дигар қонунҳои он амал мекард. Ниҳоят, анҷумани дуюми Шурои Ӯзбекистон 30-юми марти соли 1927 Конституцсияи якуми Ӯзбекистонро қабул намуд, ки он дар оянда барои қабули Конституцсияи ҶМШС Тоҷикистон нақши назаррас бозидааст. Санади олии ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии Тоҷикистони мухторро дар ҳайати худ муайян намуда, андоза ва ҳадди қонунэҷодкунии мақомоти ҳокимияти давлатии ҶМШС Тоҷикистонро муайян мекард.

[1] Каримов, И.А. Указ. раб.
[2] Тоҳиров, Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон: монография / Ф. Тоҳиров. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 115.
[3] Агзамходжаев, А.А. Таджикская ССР в составе Узбекской ССР / А.А. Агзамходжаев // Некоторые вопросы государства и права. Новая серия. – 1966. – Вып. 282. – С. 22-33.

Лозим ба ёдоварист, ки ҶМШС Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои мухтори ҳамон вақт, ки дар ҳайати дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қарор доштанд, ҳуқуқҳои калон дошт[1]. Масалан, мақомоти ваколатдори Тоҷикистон ҳақ доштанд, ки вобаста ба манфиатҳои миллии худ, урфу одат ва дигар хусусиятҳои миллӣ дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи ҶШС Ӯзбекистон тағйиротҳо ворид намоянд, ки ин нишона аз нуфӯз ва эътибори олӣ доштани Тоҷикистони мухтор миёни ҷумҳуриҳои шуравӣ буд[2].

Ҳамин тавр, 28-уми апрели соли 1929 Анҷумани дуюми Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон Конститутсияи якуми ҶМШС Тоҷикистонро қабул намуд[3]. Гуфтан мумкин аст, ки ин Конститутсия ормонҳои халқи тоҷикро дар роҳи бунёди давлати миллӣ ва тараққиёти Тоҷикистони мухтор ҷомаи амал пушонида, низоми идоракуниро дар тамоми соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ тағйир дод. Он вазъи ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумла, ваколати мақомоти қонунгузорро мукаммал намуда, доираи ҳуқуқҳои Кумитаи иҷроияи марказиро низ васеъ намуд.

Конститутсияи мазкур муайян кард, ки мақомоти олии ҳокимияти ҶМШС Тоҷикистон Анҷумани Шуроҳои Тоҷикистон, КИМ-и Шуроҳо ва Президиуми он ба ҳисоб рафта, бо назардошти ҳуқуқу манфиатҳои миллӣ дорои чунин ҳуқуқҳо буданд: оид ба ташкили комиссариатҳои халқии номуттаҳидаи Тоҷикистони мухтор (яъне, оид ба масъалаҳои нигаҳдории тандурустӣ, маориф, таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи никоҳ ва оила, масъалаҳои манзил, истифодаи замин ва адлия), инчунин, комиҷроияҳои маҳаллӣ ва шӯъбаҳои онҳо (яъне, оид ба масъалаҳои сохтмони шӯравӣ) декрету қарорҳо бароранд.

Комиссариатҳои халқии номуттаҳида дар фаъолияти худ танҳо ба КИМ-и шуроҳо ва Комиссариатҳои халқии ҶМШС Тоҷикистон тобеъ буданд[4]. Дар фарқият аз комиссариатҳои халқии номуттаҳида комиссариатҳои халқии муттаҳида дар фаъолияти худ сиёсати пешгирифтаи комиссариатҳои халқии ҳамноми ИҶШС ва ҶШС Ӯзбекистонро амалӣ месохтанд.

Ба комиссариатҳои халқии номуттаҳида дохил мешуданд:

1. Комиссариати халқии адлия;
2. Комиссариати халқии маориф;
3. Комиссариати халқии тандурустӣ;
4. Комиссариати халқии хоҷагии қишлоқ;
5. Раёсати хоҷагии об.

Дар баробари комиҷроияҳои маҳаллӣ Конститутсияи мазкур ба Шурои комиссарони халқии ҶМШС Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дода буд. Шурои комиссарони халқӣ дар фаъолияти худ ба КИМ-и шуроҳо ва президиуми он ҳисоботдиҳанда буданд. Лозим ба ёдоварсит, ки маҳз Конститутсияи аввалини ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 заминагузори асосии дар сатҳи қонунгузорӣ оид ба ваколати қонунгузории КИМ – шуроҳо ҳамчун мақоми олии роҳбарикунанда ва Шӯрои комиссарони халқӣ ҳамчун мақоми иҷроия ва амрдиҳанда, ки ваколати қабули қарор ва декретҳоро дар оянда доштанд, ба ҳисоб меравад. Хусусан ин мақомотҳо дар такмили қонунгузории маъмурӣ аниқтараш ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷазои маъмурӣ нақши назаррас доранд.

Барои исботи гуфтаҳои боло менигарем ба Қарори КИМ ва ШКХ Тоҷикистон аз 11-уми ноябри соли 1933, № 236 «Оид ба тасдиқ намудани Низомнома «Дар бораи аз ҷониби комиҷроияҳои маҳаллӣ ва Шӯроҳо қабул намудани қарорҳои ҳатмӣ ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои вайрон намудани онҳо»[5].

Санади мазкур дар ҳоле қабул карда шуд, ки аллакай санаи 5-уми декабри соли 1929 бо қарори КИМ ИҶШС, Тоҷикистон аз мухторияти ҶШС Ӯзбекистон баромада, миёни давлатҳои иттиҳод ҳамчун ҶШС Тоҷикистон шинохта шуд. Ғайр аз ин, дар ин давра анҷумани 4 Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон санаи 25-уми феврали соли 1931 Конститутсияи нави Тоҷикистонро қабул намуд. Акнун тибқи Конститутсияи нави амалкунанда ҳамаи ҳокимият

[1] Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917 – 1994 гг.) / Составитель: д.ю.н., проф., академик Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дошниш, 2014. – С. 26.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 38.
[3] Ниг.: Тоҳиров, Ф. Асари зикршуда. – С. 262-263.
[4] Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917 – 1994 гг.) / Составитель: д.ю.н., проф., академик Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дошниш, 2014. – С. 272-273.
[5] Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон. – Ф. 11, – Оп. 3, – Д. 363, – В. 157.

дар Тоҷикистони шуравӣ ба дасти синфи коргару деҳқон ва аскарони сурх гузашта, мақомоти олии ҳокимият анҷумани Шуроҳои коргару деҳқон эътироф гардид.

Бори аввал ҷавобгарии маъмурӣ нисбати корхона, муассиса ва ташкилотҳо муқаррар карда шуд, ки ин яке аз хусусиятҳои асосии фарқкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ дар ин давра буд. Қобилияти ҷавобгарии шахси мансабдор расман мустаҳкам карда шуд. Акнун шахсони мансабдор ҳамчун субъекти мустақили ҷавобгарии маъмурӣ баромад мекарданд. Ҷавобгарии маъмурӣ нисбати шахсони мансабдор дар сурате татбиқ мегардид, ки агар охирин уҳдадориҳои бар души онҳо вогузоршударо ба таври дахлдор иҷро намекарданд. Маҳз ҳамин солҳо нисбати коргарони корхона, муассиса ва ташкилотҳо барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматиашон бо тартиби хизматӣ ҷавобгарии интизомӣ муқаррар шуда буд[1].

Ё ин ки қарори КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 03-юми июли соли 1933, № 218 «Оид ба тартиби ба ҳабс гирифтани шахсоне, ки барои вайрон намудани қоидаҳои умумии зиддисӯхторӣ, ҳифзи бино ва иншоотҳо ва тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои хизматӣ» қарор қабул намуд[2].

Айнан чунин санад бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 07-уми июли соли 1932, № 42/904 «Оид ба ҷавобгарии коргарони корхона, муассиса, ташкилот ва дастгоҳи идоракунӣ барои вайрон намудани қоидаҳои умумӣ ва зиддисӯхтории ҳифзи биноҳои хизматӣ, иншоотҳо ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои хизматӣ дар онҳо» қабул карда шуда буд[3]. Чунин санадҳо аз давраи қабули нахуст Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон то давраи қабули дуюмин Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон бениҳоят зиёданд.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба он, ки оё Конститутсияи Тоҷикистони мухтор мавриди амал қарор гириф ё не фикрҳои мухталиф ҷой доранд[4]. Гап сари он меравад, ки худи ҳамон сол яъне, соли 1929 ҷумҳурии мухтор ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфт ва масъалаи қабули конститутсияи давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон пеш омад. Аз ҳамин сабаб онро Анҷумани Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон тасдиқ накард. Вале, аксари муҳаққиқон, аз ҷумла, Ф. Тоҳиров чунин андеша доранд, ки Конститутсияи Тоҷикистони мухтор на танҳо мавриди амал ҳам қарор гирифтааст, балки расман ҳамчун қонуни асосии кишвар эътироф гардидааст[5].

Аз таҳқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷавобгарии маъмурӣ, ки солҳои баъди қабули нахуст Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон амал кардаанд, бармеояд, ки новобаста аз он, ки Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон тасдиқ шуда буд ё не он рисолати таърихии худро иҷро намуд. Конститутсияҳои минбаъда ва қонунгузории маъмурӣ маҳз аз он сарчашма гирифта, дар бобҳои алоҳидаи он ваколати КИМ ва ШКХ ҳамчун мақомоти олии роҳбарикунанда ва иҷроияву амрдиҳӣ эътироф гардида, дар Конститутсияи соли 1931 низ ҳамин меъёр бе тағйир монд[6].

Чунин меъёрҳо дар қонунгузории амалкунандаи ҳамон давра зиёд ба мушоҳида мерасанд, ки аз нахуст Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон сарчашма гирифтаанд ва мо метавонем даҳо чунин мисолҳоро пешкаши хонанда намоем, вале, бе шубҳа метавон иброз намуд, ки Конститутсияи аввалини Тоҷикистони шуравӣ соли 1929 сарчашмаи муҳим дар рушди низоми давлатдорӣ ва қонунгузории маъмурӣ ба ҳисоб меравад.

---

[1] Раджабов, С.А. Национально-государственное размежевание Таджикской Советской Республики // Материалы к истории таджикского народа в советский период. – Сталинабад, 1954. – С. 84.
[2]Ниг.: Тоҳиров, Ф. Асари зикршуда. – С. 13.
[3] Хазыков, А.Г. Сборник нормативных актов по советскому административному праву. – М.: Высшая школа, 1964. – С. 142.
[4] Ниг.: Тоҳиров, Ф. Асари зикршуда. – С. 32.
[5] Ҳамон ҷо. – С. 32.
[6] Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917 – 1994 гг.) / Составитель: д.ю.н., проф., академик Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дошниш, 2014. – С. 336.

КОНСТИТУТСИЯ ВА ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

КОНСТИТУЦИЯ И УКРЕПЛЕНИЕ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ

ДОДОЗОДА АБДУМАНОН МАХСУД
сардори Раёсати ташкили кори судҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии дараҷаи 2-юм, унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: r.nazorat@mail.ru

Шашуми ноябри соли 1994 оғози низоми нави давлату давлатдорӣ, поягузории муносибатҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии кишварамон мебошад. Зеро маҳз дар ҳамин санаи таърихӣ аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сифати қонуни олии кишвар қабул гардид.

Конститутсияи Тоҷикистон дорои хислату паҳлуҳои гуногун мебошад, ки метавон чандтои онро номбар кард. Конститутсия қонуни устувор аст ва онро ягон мақомот, ки дар чаҳорчӯбаи меъёру муқаррароти он таъсис ёфтанд, наметавонанд тағйир диҳанд.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ба василаи дар худи Конститутсия муқаррагардида, яъне тариқи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад. Тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз он ҷумла ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар мувофиқа бо муқаррароти Конститутсия фаъолият мекунанд.

Конститутсия ҳамчун қонуни олии давлат муайянкунандаи мазмун ва муҳтавои ҳамаи қонунҳои амалкунандаи он мебошад, такягоҳи мустаҳками қудрати сиёсӣ ва кафолатдиҳандаи ҳадду ҳудуди салоҳияти мақомоти давлатӣ буда, таъминкунандаи дар зери ҳимояи қонун қарор гирифтани ҳар инсон аст. Гузашта аз ин, Конститутсия оромию суботи ҷомеа, ваҳдати сиёсӣ ва назму низомро дар ҳудуди давлат, барқарории адолат, кафолати амният ва ҳукумати мардум бар мардумро таъмин мекунад.

Маҳз ба ҳамин маънӣ Конститутсияи Тоҷикистон вазифаи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоиро ҳамчун мароми халқи Тоҷикистон муқаррар намудаст.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихи навини кишвар санади воқеан таърихӣ ва тақдирсози миллат буда, он истиқлолияти давлатии тоҷиконро дар сатҳи қонуни олии кишвар сабт намуда, асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва самтҳои муҳими таҳкиму пешрафти ояндаи онро мутобиқи меъёрҳои эътирофшудаи муосир муқаррар кард.

Шароити соҳибистиқлолӣ талаб менамуд, ки дар кишвар ҳарчи зудтар ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида, Конститутсияи давлати соҳибихтиёр қабул гардад ва дар он мақсаду мароми ҷомеа, давлат ва сохти давлатдорӣ, инчунин масъалаҳои дигари калидии ҷомеа – соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва ягонагии давлат, унсурҳои дигари асосии сохтори конститутсионӣ, аз ҷумла соҳибихтиёрии халқ, арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ муайян карда шаванд[1].

Зимнан бояд таъкид намуд, ки оғози таҳаввулоти конститутсионии кишвар бо дигаргуниҳои сиёсие, ки бо бозсозии охири солҳои 80-ум ва аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта шурӯъ шуда буд, алоқаманд аст. Ҳанӯз 23 августи соли 1990 Шурои Олии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили комиссия оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» қарор қабул намуда буд, аммо ба комиссияи мазкур муяссар нашуд, ки дар ин замина кори назаррасеро анҷом диҳад.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва эълони истиқлолияти давлатии собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, қабули Конститутсия ба яке аз масъалаҳои муҳими рӯз табдил ёфт. Зеро бе Конститутсияи нав, ки муайянкунандаи роҳи рушду такомули минбаъдаи ҷомеа мебошад, комёб шудан ба ин мақсад ғайриимкон буд. Бо дарназардошти ин воқеият ҳанӯз дар ибтидои соли 1992 аз ҷумлаи аъзои Комиссияи таҷдидёфтаи конститутсионӣ, гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис ёфт. Гурӯҳи корӣ лоиҳаро таҳия намуд, аммо оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар кишвар имкон надод, ки лоиҳаи таҳияшударо мардуми Тоҷикистон муҳокима ва қабул кунанд.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 134 с.

Бо барқарор шудани сохти конститутсионӣ дар кишвар масъалаи таҳия ва қабули Конститутсия дубора мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иқдоми ҷиддии навбатӣ дар роҳи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори иҷлосияи ҳабдаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми августи соли 1993 «Дар бораи комиссия оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» гардид, ки тибқи он ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ бо роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт.

Бо дарки воқеияти таърихи сиёсии кишвар ва аҳаммияти Конститутсия дар таъмини суботу устувории ҳаёти ҷомеа муқаррар гардид, ки лоиҳаи Конститутсияи нав ба муҳокимаи халқ бароварда шуда, он аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардад.

Дар раванди қабули Конститутсия, ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон раиси Комиссияи конститутсионӣ интихоб шуда буданд, тамоми васоити илмӣ, мулоҳизаи мантиқӣ ва афкори сиёсӣ истифода шуда, аз ду лоиҳаи аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ пешниҳодшуда, ки яке аз онҳо шакли идораи Тоҷикистонро парламентӣ ва дигаре президентӣ муайян мекард, пас аз муҳокимаҳои тӯлонӣ бо пешниҳоди раиси комиссияи конститутсионӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, лоиҳаи Конститутсия, ки шакли идораи президентиро муқаррар мекард, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид.

Лоиҳаи Конститутсия пеш аз қабул гардидан тавассути воситаҳои ахбори омма муҳокима гардида, ҳама паҳлӯҳои масъалаи давлатдорӣ бо назардошти талаботи замон, афкори ҷомеа ва принсипҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ташкили дурусти кори Комиссияи конститутсионӣ бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҷаласаҳои он ба таври васеъ, дақиқ ва якчанд дафъа баррасӣ шудани лоиҳаи Конститутсияи нав, ба муҳокимаи мардум пешниҳод гаштани лоиҳаи мувофиқашудаи он ва ниҳоят аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсия, баёнгари раванди демократии таҳия, муҳокима ва қабули ин санади тақдирсоз буд.

Бо дарназардошти нақш ва мавқеи Конститутсия дар ҳаёти ҷомеа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор доштанд: «Конститутсия санади воқеан таърихиву муқаддаси ҳар давлату миллат ва танзимкунандаи тамоми муносибатҳои муҳими ҷомеа мебошад».

Дар моддаи 5 Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ аризиши олӣ эълон гардидаст. Аз ин ҷиҳат, Конститутсияи мо аз ҳамаи конститутсияҳои замони шуравӣ тафовути куллӣ дошта, ҳамзамон ба конститутсияҳои имрӯзаи давлатҳои демократӣ ва муқаррароти санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон шабоҳат дорад.

Конститутсия нахустин қонуни асосии давлати Тоҷикистон аст, ки дар он таҷзияи ҳокимият ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, тартиби ташкил, салоҳият ва мувозинати байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ифодаи қонунӣ ёфтааст.

Аз ин рӯ аввалин маротиба дар таърихи сиёсии кишвар дар сатҳи конститутсионӣ ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ эътироф карда шуд. Ин меъёри воқеан демократӣ дар моддаи 9 Конститутсия ба таври зайл муқаррар карда шудааст: «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад».

Дар асоси талаботи Конститутсия, соли 1995 ҷиҳати рушду такомули мақомоти судӣ қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1], «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[2], «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3], «Дар бораи судҳои ҳарбӣ»[1], «Дар бораи сохтори судӣ»[2], кодексҳои граждани,

[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикитон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3-юми ноябри с. 1995 № 84 (бо Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.06.2014, № 1083 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=7457&language=tj (санаи мурочиат 05.08.2024).

[2] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикитон "Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3-юми ноябри с. 1995, № 91 (бо Қонуни ҶТ аз 6-уми августи с 2001, № 30 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=384&language=ru (санаи мурочиат 05.08.2024).

[3] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикитон «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3-юми ноябри с. 1995, № 93 (бо Қонуни ҶТ аз 6-уми августи с 2001, № 30 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=434&language=ru (санаи мурочиат 05.08.2024).

оила, меҳнат, ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғайра қабул гардиданд.

Боиси зикри хос аст, ки дар роҳи таҳкими ҳокимияти судӣ ва татбиқи амалии адолати иҷтимоӣ нақши Конститутсия ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз Сарвари давлат рушди фаъолияти ҳокимияти судиро яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат қарор дода, дар заминаи он то ба имрӯз барои ташаккули низоми судии кишвар ва баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ дар ҷомеа, корҳои назаррас ва муҳим ба анҷом расонида шуданд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба рушди низоми судии кишвар навгонии зиёде ворид намуда, тибқи ин фармон ҳаллу фасли як қатор масъалаҳо, аз қабили таъсиси вазифаҳои приставҳои судӣ, ёрдамчиёни раисони судҳо, шумораи зарурии котибони маҷлиси судӣ, ҷудо кардани маблағҳо бобати таъминоти моддии судҳо, вазъи иҷтимоии судяҳо ва аъзои оилаи онҳо, таъмиру тармим ва таҷҳизонидани биноҳои судҳо, таъмин кардани онҳо бо воситаи нақлиёт ва техникаи ёрирасон пешбинӣ гардида, онҳо марҳила ба марҳила ҳалли худро дарёфтанд.

Идомаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ тақозо менамуд, ки қонунҳои конститутсионии алоҳидаи дар соли 1995 қабулгардида, бо назардошти дигаргуниҳои ҷиддии сиёсию ҳуқуқӣ дар доираи як қонуни конститутсионӣ гирд оварда шаванд. Бо ҳамин мақсад 6-уми августи соли 2001 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3] қабул гардида, дар он тарзи ташкил ва фаъолияти судҳои кишвар, вазифа, салоҳият, талабот ба судяҳо, тартиби интихобу таъин шудан, вазъи иҷтимоӣ ва моддии судяҳо, масъулияту ҷавобгарӣ, ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судӣ ва дигар масъалаҳои марбута пешбинӣ шуданд.

Дар натиҷаи таҳкими ваҳдату субот ва ризоияти миллӣ, тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи кишвар се маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардида, тавассути он низоми судию ҳуқуқӣ такмил дода шуданд.

Дар заминаи ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999 ва 2003 фаъолияти ҳокимияти судӣ такмил ёфта, муҳлати ваколати судяҳо аз панҷ то ба даҳ сол муқаррар гардид.

Дар ҳамин радиф ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ гардида, аз ҷиҳати тарзи ташкилию сифатӣ ва миқдорӣ ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ инкишоф ёфт ва бори аввал дар низоми судии мамлакат - Суди конститутсионӣ, судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ арзи вуҷуд намуда, инчунин синни ниҳоии ба вазифаи судягӣ интихоб ё таъин гардидан аз 60 ба 65 сола тағйир дода шуд.

Бо мақсади аз салоҳияти ҳокимияти иҷроия, яъне аз тобеъияти Вазорати адлия баровардани масъалаҳои ташкилии ҳокимияти судӣ, дар асоси ислоҳоти конститутсионии соли 1999, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳалли масоили мазкур ба уҳдаи ин сохтори навтаъсиси коллегиалӣ вогузор гардид[4].

Ҳамзамон барои мунтазам такмил додани ихтисос ва баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, соли 2003 дар назди Шӯрои адлия Маркази таълимии судяҳо ташкил карда шуд.

Боиси зикр аст, ки бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ, и**сл**оҳоти конститутсионии 22-уми майи соли 2016 баргузоршуда, дар қатори дигар тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, ҳаллу фасли

---

[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикитон “Дар бораи судҳои ҳарбӣ” аз 3-юми ноябри с. 1995, № 96 (бо Қонуни ҶТ аз 6-уми августи с 2001, № 30 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=935 (санаи муроҷиат 05.08.2024)

[2] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикитон “Дар бораи сохтори судӣ” аз 3-юми ноябри с. 1995, № 86 (бо Қонуни ҶТ аз 6-уми августи с 2001, № 30 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=146&language=ru (санаи муроҷиат 05.08.2024).

[3] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикитон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06-уми августи с. 2001, № 30 (Бо Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27-уми июни с. 2014, № 1084 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=1193&language=tj (санаи муроҷиат 05.08.2024)

[4] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми декабри с. 1999, № 48 (бо Фармони Президенти ҶТ аз 9-уми июни с. 2016, № 698 аз эътибор соқит дониста шуд) // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=8963 (санаи муроҷиат: 05.08.2024).

масъалаҳои хеле муҳим дар самти таъмини ташкили фаъолияти судҳо, таъмини моддию техникии онҳо, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судягӣ, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо, инчунин пешбарии номзадҳо ба вазифаи судягӣ ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор карда шуд.

Аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар бобати таҳким бахшидан ба фаъолияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши он дар иҷрои вазифаҳои конститутсионии худ, такмили сохтори судӣ, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардида, дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 20-уми апрели соли 2006 ва бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат, аввалин Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010 таҳия ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 2007 тасдиқ гардид[1].

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи тадбирҳо оид ба татбиқи Барномаи мазкур як қатор қонунҳо, аз ҷумла кодексҳои мурофиавии граждани, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»[2], «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»[3], «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[4] ва ғайра қабул карда шуданд.

Аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси воҳидҳои корӣ иловагӣ дар судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе ва Суди Олӣ ташкил гардидани коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат, таҳкими сохтор ва пешрафти фаъолияти ҳокимияти судӣ гувоҳӣ дода, ба сифатнок баррасӣ намудани парвандаҳо ва қабули қарорҳои қонуниву асоснок мусоидат карда истодаанд.

Ҳамчунин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011 Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 тасдиқ гардид[5].

Дар иртибот ба барномаи мазкур қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6], «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[7], Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Бо мақсади рушди низоми судии кишвар, баланд бардоштани сатҳи дониши касбии судяҳо, нақш ва мавқеи суд дар таъмини воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии давлат ва ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2015 Барномаи сеюми ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид[8].

Ҷиҳати иҷрои Барномаи мазкур ба қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ зиёда аз 100 тағйиру иловаҳо ворид карда, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии

---

[1] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, № 271 “Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010” // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http:www.adlia.tj (санаи мурочиат: 05.08.2024).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 20-уми марти с. 2008, №373 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 3, мод. 192; с. 2010, № 7, мод. 543; с. 2012 № 7, мод. 717; с. 2019 № 1, мод. 9; № 6. мод. 315, с. 2021. №1-2, мод.7.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5-уми январи с. 2008, № 344 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1 қ. 2, мод. 10; с. 2012, № 7, мод. 712.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти с. 2008, № 372 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 3, мод.191; с. 2011, № 6, мод. 453; с. 2012, № 4, мод.261; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 398, с. 2016, № 3, мод. 134; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 281.

[5] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013” аз 3 январи соли 2011, № 976 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http:www.adlia.tj (санаи мурочиат 05.08.2024).

[6] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми июли с. 2014, № 1083 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 379; с. 2015, № 3, мод. 197; № 7-9, мод. 697; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 266.

[7] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми июли с. 2014, № 1084 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, № 7-9, мод. 698, с. 2016, № 7, мод. 603; с. 2018, № 2, мод. 62, с. 2021, № 1- 2, мод. 1; № 4, мод.191.

[8] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017» аз 5-уми январи с. 2015, № 327 // [Захираи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http:www.adlia.tj (санаи мурочиат 05.08.2024).

Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» бо меъёрҳои мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ қабул карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели с. 2019 Барномаи чоруми ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 тасдиқ гардид[1], ки ин иқдом аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми декабри соли 2018 сарчашма мегирад .

Барномаи номбурда идомаи барномаҳои болозикр буда, ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, рушду такомули қонунгузории амалкунанда, беҳдошти таъминоти моддию техникии судҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо равона шудаст.

Дар доираи ин Барнома соли 2021 бори аввал Қонуни нав «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо»[2] қабул гардид. Мақсади қабули ин қонун-таъмини принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, дастрасии ҷомеа ба фаъолияти судҳо буда, кафолати муҳими муҳокимаи одилонаи судӣ ва воситаи таҳкими боварии ҷомеа нисбат ба ҳокимияти судӣ мебошад.

Айни замон, судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ҷашнҳои фархундаи дар пешистода 30-солагии қабули Конститутсия ва 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, баҳри рушду суботи кишвар, сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат ва ободию шукуфоии Ватани азизамон самаранок меҳнат намуда, дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки аз Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониашон дар мулоқот бо судяҳои ҷумҳурӣ аз 21 ноябри соли 2019 бармеоянд, бо сарбаландӣ ва масъулияти баланд иҷро менамоянд.

АҲАММИЯТИ ИШТИРОКИ ШАХСОНИ МУСОИДАТКУНАНДА ДАР ЧОРАБИНИҲОИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

ЗНАЧЕНИЕ УЧАСТИЯ ГРАЖДАН, СОДЕСТВУЮЩИХ В ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНЫХ МЕРОПРИЯТИЯХ

ЁРМАТОВ ИСКАНДАР ЁРМАМАТОВИЧ
сардори кабинети кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, сержанти милитсия
E-mail: yormatov.com@gmail.ru

Мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ яке аз функсияҳои муҳимми давлат ба ҳисоб меравад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба салоҳияти онҳо масъалаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дохил мешавад, маҷмуи усулу воситаҳои амалӣ гардонидани онро доранд. Дар байни онҳо ҷойи махсусро институти мусоидати шаҳрвандон ба воҳидҳои амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ишғғол мекунад. Ҳалли босамари масъалаҳои мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ҳангоми аз тарафи воҳиди амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбад – ФОҶ) дар рафти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ), мунтазам истифода бурдани ёрии шахсони алоҳида имконпазир мегардад.

Мувофиқи қ. 1 м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», шахсони алоҳида бо розигии худи онҳо барои тайёр намудан ё гузаронидани ЧОҶ метавонанд ҷалб карда шаванд[3]. Дар чунин ҳолатҳо бо хоҳиши ин шахсон махфияти

[1] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» аз 19-уми апрели с. 2019, № 1242 // [Захираи электронӣ]. Реҷаи воридшавӣ: http:www.adlia.tj (санаи мурочиат 05.08.2024).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» аз 25-уми июни с. 2021, № 1783 // [Мабаи электронӣ]. Реҷаи воридшавӣ: http:www.adlia.tj (санаи мурочиат 05.08.2024).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 155; с. 2014, № 7, қ. 1. мод. 387; с. 2017, № 7-9, мод. 570.

мусоидати онҳо ба воҳиди амаликунандаи ФОҶ, аз он ҷумла, мусоидат тибқи қарордод нигоҳ дошта мешавад[1].

Ду навъи ҷалби шахсон ба воҳиди амаликунандаи ФОҶ вуҷуд дорад: мусоидат ва ҳамкорӣ. Мусоидат ва ҳамкорӣ мафҳумҳое мебошанд, ки аз рӯйи моҳият монанд ва наздик ҳастанд, вале аз рӯйи мазмун гуногунанд. Васковская Е.В. чунин меҳисобад, ки мусоидат нисбат ба ҳамкорӣ доираи васеи мафҳумҳоро фаро мегирад[2]. Сипачев А.Ю. ба хулосае меояд, ки мафҳуми мусоидат бештар васеътар ва мафҳуми ҳамкорӣ бошад, қисми таркибии он аст[3]. Мо бо хулосаҳои ин муаллифон розӣ шуда, қайд мекунем, ки ҳамкорӣ яке аз шаклҳои мусоидат мебошад. Мусоидат метавонад ба ҳамкорӣ табдил ёбад ва ҳамкорӣ бошад, дар навбати худ метавонад ба ҳолати аввала баргардад. Аз ин бармеояд, ки ҳамкорӣ дар доираи мусоидат ташаккул ёфта, яке аз шаклҳои татбиқи он дар ҳалли вазифаҳои ФОҶ мебошад.

Мусоидат ва ҳамкорӣ аз рӯи хусусиятҳои зерини худ аз ҳам фарқ мекунанд:

– ба мусоидат назар ба ҳамкорӣ доираи васеи шахсон ҷалб шуда метавонад. Масалан, мутобиқи қ. 3 м. 17 қонуни дар боло зикргардида, ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мутобиқи қарордод истифода бурдани мусоидати махфии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судя, прокурор ва адвокат манъ аст, аммо барои ҷалби онҳо бидуни қарордод ягон маҳдудият вуҷуд надорад.

– ҳамкорӣ ҳамеша дар асоси қарордод сурат мегирад. Мусоидат бошад, дар асоси созиши шифоҳии ду тараф имконпазир аст.

– мусоидат аз рӯйи мӯҳлат ҳам дарозмуддат ва ҳам кӯтоҳмуддат шуда метавонад. Ҳамкорӣ дар асоси қарордод бошад, аз рӯйи муносибатҳои устувор ва дарозмуддати байни шахс ва воҳиди оперативӣ фарқ мекунад.

– ҳамкорӣ ҳамеша муносибати махфии шахсро бо воҳиди оперативӣ дар назар дорад.

Мусоидат метавонад дар се шакл амалӣ гардад: махфӣ, ошкоро ва анонимӣ.

Мусоидат амалҳои зеринро дар бар мегирад, аз ҷумла, ҷамъоварӣ ва гирифтани иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки барои воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ манфиати оперативӣ дорад, инчунин амалҳое, ки бо истифодаи маълумоти бадастомада тайёрӣ ва гузаронидани ЧОҶ имконпазир мегардад.

Шакли конфиденсиалии (махфии) мусоидати шаҳрвандон ба воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар тайёр кардан ва гузаронидани ЧОҶ маънои онро дорад, ки маълумот дар бораи шахсоне, ки чунин кӯмакро мерасонанд, фош карда намешавад. Мусоидати махфӣ имконияти ба таври зуд ошкор, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳоро баланд мебардорад.

Мусоидати шаҳрвандон метавонад, ҳамчунин, ба таври ошкоро сурат гирад. Мусоидати ошкоро иштироки ошкорои шахсро дар тайёр ва гузаронидани ЧОҶ дар назар дорад. Он метавонад ҳам якдафъаина ва ҳам дарозмуддат бошад. Яке аз намуди мусоидати ошкорои шаҳрвандон, ин ҷалб намудани кормандони ғайриштатӣ мебошад. Дар м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» омадааст, ки милитсия вазифаҳои ба зиммааш гузоштаро якҷоя бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, кормандони ғайриштатии милитсия ва инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат ба милитсия таъсис дода шудаанд, иҷро мекунад[4]. Ё худ, воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ЧОҶ-и ошкороро тайёр мекунад ё мегузаронад ва дар он шахси мусоидаткунанда иштирок мекунад. Ин шахс майлу хоҳиши пинҳонӣ иштирок карданро надорад ва ё ин ки пинҳон доштани иштироки худро дар ЧОҶ талаб наменамояд ва омода аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ба сифати шоҳид баромад кунад.

[1] Абдуллозода, Н.Р., Муродзода, Ф.Ғ. 200 саволу ҷавоб аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2025. - С. 153-154.

[2] Васьковская, Е.В. Гласное содействие граждан органам, осуществляющим оперативно-розыскную деятельность: дис. канд.юрид. наук: 12.00.09 / Е.В. Васьковская. – Красноярск, 2005. – 179 с.

[3] Сыпачев, А.Ю. О понятии гласного содействия граждан оперативным подразделениям органов внутренних дел / А.Ю. Сыпачев // Бизнес в законе. - 2008. - №1. - С. 256.

[4] Шарифзода, Ф.Р., Юлдошев, Р.Р., Самиев, Н.М. Хрестоматияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: дастури илмӣ-амалӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - С.128-141.

Мусоидати анонимӣ[1] – як навъи мусоидати кӯтоҳмуддат (якдафъаина) мебошад. Анонимӣ, ҳамчун навъи мустақили мусоидатро Хазов Е.Н. ва Богданов А.В. фарқ карда, қайд мекунанд, ки мусоидати анонимӣ ин як навъи мусоидат ба шӯъбаҳои оперативии Вазорати корҳои дохилӣ дар муборизa бо ҷиноятқорӣ мебошад, ки тавассути пешниҳоди анонимии маълумот амалӣ мегардад ва шахси онро пешниҳодкарда намехоҳад номи худро ифшо кунад ва дар оянда дар мурофиаи ҷиноятӣ иштирок кунад[2]. Мо бо фикри олимон қисман розӣ ҳастем, зеро мусоидати анонимӣ ин як навъи мусоидат на танҳо ба шӯъбаҳои оперативии Вазорати корҳои дохилӣ, балки ба тамоми воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар м. 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” нишон дода шудааст[3], ба ҳисоб меравад. Рукавишников А. қайд мекунад, ки хоҳиши ҳатто ба корманди оперативӣ ифшо насохтани маълумоти шахсии худ, хусусияти муҳимест, ки мусоидати анонимиро аз мусоидати махфӣ ва хусусан ошкоро фарқ мекунонад[4]. Ин навъи мусоидат ба воҳидҳои оперативӣ дар санадҳои меъёрии идоравӣ танҳо дар марҳилаи пеш аз мурофиа пешбинӣ шудааст, яъне то оғози парвандаи ҷиноятӣ. Маълумот дар бораи ҷиноятҳо метавонад ба воҳиди оперативӣ тавассути почта, телефон ё дигар шаклҳои алоқа, ё худ дар вохӯрии бевосита бо корманди оперативӣ тавассути миёнарав гирифта шавад. Ҳангоми гирифтани маълумоти анонимӣ маҷбур кардани шахсе, ки онро пешниҳод мекунад, барои ифшои шахсияти ӯ, инчунин, талаб кардани ҳама гуна ҳуҷҷатҳо манъ аст.

Ду шакли мусоидати шаҳрвандон ба воҳиди амаликунандаи ФОҶ вуҷуд дорад:

а) бо бастани қарордод;

б) бе бастани қарордод.

Қарордоди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – шартномаи хаттии ба меъёрҳои қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ асосёфта мебошад, ки бо амали ихтиёрӣ ва иродавии воҳиди амаликунандаи ФОҶ ва шахсони алоҳидаи болиғи қобили амал, сарфи назар аз ҳолатҳои дар қ. 3 м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ” овардашуда, баста шудааст[5]. Он ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро ҳангоми ҳалли вазифаҳои ФОҶ ва оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро барои онҳо муқаррар менамояд. Хусусияти асосии фарққунандаи ҳамкории махфӣ дар асоси қарордод, ин давомнокӣ ва устувории муносибати байни тарафҳо ба ҳисоб меравад. Барои мусоидат дар асоси қарордод қонунгузор ду шарти иловагиро ба шартҳои асосӣ муайян кардааст: расидан ба синни балоғат ва қобилияти амалкунӣ доштанд.

Дар таҷриба ба ғайр аз қарордод ҳамчун шакли таъмини ҳамкории махфӣ, инчунин мусоидати пинҳонӣ мумкин аст бе бастани қарордод амалӣ карда шавад. Мусоидат бидуни қарордод метавонад дар пешниҳод намудани маълумотҳои зарурӣ ба воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, пешниҳод намудани ҳуҷраҳои хизматӣ ё манзили истиқоматии шаҳрванд барои таъмин намудани амалигардонии ЧОҶ, иштирок намудан дар ЧОҶ ва дар расонидани дигар кӯмакҳо ифода гардад[6].

[1] Аз юнонӣ anonymos – бе ном, бе нишон додани ном.Ниг.: Толковый словарь иноязычных слов: св. 25000 слов и словосочетаний / Л.П. Крысин. – М.: Эксмо, 2005. – С. 39.

[2] Хазов, Е.Н. Анонимное содействие граждан в решении задач ОРД (проблемы, суждения, пути решения) / Е.Н.Хазов, А.В.Богданов // Вестник Московского университета МВД России. 2009. - С. 181.

[3] Абдуллозода, Н.Р., Муродзода Ф.Ғ. Асари зикршуда. - С. 153-154.

[4] Рукавишников, Г.А. К вопросу о сущности анонимного содействия граждан органам внутренних дел / Г.А. Рукавишников // Право и государство: теория и практика. - 2008. - С. 122-124.

[5] Абдуллозода, Н.Р., Муродзода, Ф.Ғ. Асари зикршуда. - С. 153-154.

[6] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. - С. 378-398.

ТЕЛЕКОММУНИКАТСИЯ ВА КИБЕРФАЗО ҲАМЧУН ВОСИТАИ ҶИНОЯТҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА ТЕРРОРИСТӢ

ТЕЛЕКОММУНИКАЦИЯ И КИБЕРПРОСТРАНСТВО КАК СРЕДСТВО ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ И ЭКСТРЕМИСТСКИХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

ИБРАГИМЗОДА ҶАМШЕД ИБРАГИМ
омӯзгори калони кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
E-mail: ibrogimzoda86@mail.ru

Фаъолияти экстремистӣ ҳамчун падидаи мураккаби барои ҷамъият хавфнок ҳадафи ҷиноятии худ, усулҳои хосси расидан ба ин ҳадафро дорад. Оқибатҳои мустақим ё ғайримустақими ифротгароӣ ба тамоми соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Фаъолияти экстремистӣ ҳамчун амали ҷиноятӣ бо тамоми зуҳурот ва хусусиятҳои гуногуни худ ба ин ё он роҳ ба сохти конститутсионии ва истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад[1].

Рушди тараққиёти илмию техникӣ, ки ҷомеаи муосирро ҳамроҳӣ мекунад, яке аз сабабҳои рушди ҷинояткорӣ гардид, ки ҳоло на танҳо дар соҳаи ҳаёти воқеӣ, балки ба истилоҳ фазои киберӣ низ паҳн шудааст. Киберҷиноятҳо шаклу миқёси нав гирифта сарҳади худро пайваста васеъ мекунанд.

Дар баробари ин ҷиноятҳое, ки бо истифода аз соҳаи телекоммуникатсия ва иттилооти компютерӣ содир мешаванд, на танҳо барои шахрвандон ва ташкилотҳои алоҳида, балки барои амнияти миллии ҳар як давлат дар маҷмӯъ дараҷаи баланди хатар доранд. Ҷиноятқорон бо истифода аз Интернет, қодиранд, ки на танҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст[2], содир кунанд, балки инчунин дастрасӣ ба маълумотеро, ки қонунгузории амалкунанда ҳифз шудаанд, ба даст оваранд, ба содир намудани ҷиноятҳои хатарнок дар вақти амалҳои террористӣ аз ҷумла, ҳамлаҳо ба воситаи нақлиёт, амнияти ҳаёт ва амнияти энергетикии тамоми ҷаҳон мусоидат кунанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳқиқи ҳамлаи террористии дар маркази Ню Йорк машҳури 11 сентябри соли 2001 муайян карда шуд, ки таркиши ду бурҷҳо танҳо як қисми намоёни ҳамлаи террористӣ буда, дар таҳияи он даҳҳо ҳазор нафар дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ҷойгир буда, ҳамкории онҳо бо истифода аз интернет сурат гирифтааст[3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии мубориза бо экстремизм ва терроризм дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 1-уми июни с. 2021 муайян карда шудааст. Дар зербанди 8 банди 23 боби 3 Стратегияи мазкур самти муайян шудааст доир ба баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию терроистӣ[4].

Тибқи омор дар Иттиҳоди Аврупо 3600 гурӯҳи ҷиноӣ, ки дар Интернет фаъолият мекунанд, безарар гардонида шудаанд, аммо ин ҳамагӣ 30 фоизи шумораи умумии ҷиноятҳои дар ин соҳа ошкоршударо ташкил медиҳад[5].

---

[1] Абдуллозода, Н.Р. Конститутсия ҳамчун асоси ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм / Н.Р. Абдуллозода // Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он» бахшида ба 30 – солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш.Душанбе, 2 ноябри соли 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. - С. 119.

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; Қ ҶТ аз 07.08.2020, № 1717.

[3] Использование интернета в террористических целях / Управление ООН по наркотикам и преступности // Организация Объединенных Наций. Нью-йорк, 2013 год. - С. 164.

[4] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 аз 1-уми июни с. 2021, № 187 // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://docs.yandex.ru/docs (санаи воридшавӣ: 14 марти соли 2025).

[5] Галушкина, А.А. К вопросу о кибертерроризме и киберпреступности / А.А. Галушкин // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Юридические науки. - 2014.- № 2.

Имрӯзҳо системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ ба соҳаҳои гуногуни ҷомеа амиқ ворид шудаанд. Фазои умумиҷаҳонии иттилоотӣ ташаккул ёфтааст, ки одамон дигар ҳаёти худро бидуни он тасаввур карда наметавонанд[1].

Хусусиятҳои асосии шабакаҳои иттилоотии муосир, ки ҷиноятқорон барои содир намудани ҷиноят истифода мебаранд, инҳоянд:

– дастрасӣ ва осонии истифода барои қариб ҳама истифодабарандагони шабакаҳои иттилоотии муосир;

– имконияти мубодилаи иттилооти мустақим бо шахси мушаххас, новобаста аз ҷойгиршавии ӯ;

– хусусияти байналхалқии мубодилаи иттилоот, ки сарҳадҳои муоширатро амалан аз байн бурдааст, ҳангоми қабули хадамот новобаста аз шаҳрванди ва маҳалли ҷойгиршавии ҳам таҳвилгари хадамот ва ҳам гиранда[2].

Озодии баён дар фазои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки далерона ва нотарсона амал кунад, ки дар робита ба ин метавон гуфт, ки иттилоотонии ҷомеа дорои сифатҳои зиёди мусбӣ, бешубҳа, боиси иттилоотишавии муҳити ҷиноӣ гардида, ба он хусусияти возеҳ ифодаёфтаи байналмиллалӣ ва баландитехнологӣ бахшидааст.

Шахсоне ки ба содир намудани ҷиноятҳои дар боло зикргардида майл доранд аз имкониятҳои низомҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ истифода мебаранд, ки ба васеъшавии миқёси фаромиллӣ мусоидат намуда, дар ниҳоят ба амнияти миллӣ таҳдиду хатар эҷод мекунанд. Ҳодисаҳое, ки дар кишварҳои Гурҷистон, Ироқ, Эрон, Либия, Сурия, Туркия, Украина ва дигар кишварҳо ба вуқӯъ пайвастанд, самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотиро барои ташкили бетартибиҳои оммавӣ ва таъсири тарғиботӣ ба шуури мардум нишон доданд, ки дар як қатор ҳолатҳо табаддулот ва тасарруфи қудрат аз ҷониби нерӯҳои тундраврo таъмин намуданд.

Ҷиноятҳое ки дар интернет содир мешаванд сол то сол хатарноктар шуда, ҷиноятқороне ки онҳоро содир мекунанд, торафт бештар муташаккил шуда фаъолияти онҳо хусусияти байналмиллалӣ касб мекунад. Тадқиқотчиён дуруст қайд мекунанд, ки «киберҷиноятқорӣ ба пайдоиши як навъи гурӯҳи қаблан номаълум – гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ, ки бо як навъи нави аслиҳа – силоҳи киберӣ, ки барои ҳамла ба шахсони алоҳида ва созмонҳо истифода мешуданд, ба вуҷуд овардааст».[3]

Дар адабиёт оид ба таърифи мафҳуми кибертерроризм нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад, ки мо мафҳуми зерини мафҳуми кибертерроризмро пешниҳод менамоем: ин содир намудани ҷиноятҳои дараҷаи гуногун бо роҳи ҳамлаҳои компютерӣ, рахна кардани пойгоҳи додаҳои иттилоотӣ, табодули иттилооти дорои хусусияти экстремистӣ ва амалӣ намудани амалҳои дигаре мебошад, ки ба халалдор кардани фаъолияти системаҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, инчунин омодагӣ ба чунин ҷиноятҳо нигаронида шудааст.

Дар баробари ин Интернети ҷаҳонӣ миқдори зиёди иттилооти гуногунро дар бар мегирад, ки метавонанд барои воҳидҳои оперативии мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷӯҳ кунанд. Ин маълумот барои ҳалли масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, аз ҷумла барои муқовимат ба зуҳуроти ифротгароиву террористӣ, навъҳои махсусан хатарноки ҷиноятқорӣ, муайян намудани каналҳои интиқоли маблағҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашуда, манбаъҳои ҷиноии маблағгузории гурӯҳҳои ҷиноятии байналмилалӣ, ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ бомуваффақият истифода мешавад

Бояд гуфт ки заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҷорӣ, аз ҷумла асосҳои назариявии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имкон медиҳад, ки категорияҳои дар боло зикргардидаи ҷиноятҳоро дар интернет бомуваффақият муайян намуда, амалҳои ҷиноятиро ҳуҷҷатгузорӣ намоем. Дар баробари ин, тавре таҷриба нишон медиҳад, муқовимат ба ҷиноятҳо, аз қабили

[1] Глазкова, Л.В. Системные закономерности формирования организованных преступных групп и сообществ / Л.В. Глазкова // Уголовный закон Российской Федерации: проблемы правоприменения и преспективы совершенствоание: матер. Всерос. науч. – практ. Конф. Иркутск, 2016.

[2] Жестеров, П.В. Границы национального суверенитета и преступления в сфере киберпространства / П.В. Жестеров // Правоохранительная деятельность органов внутренних дел в контексте современных научных исследований. 2018.

[3] Крупные атаки хакеров в 2001 – 2006 годах / Информационное агентство России ТАСС // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://tass.ru/info/ (санаи воридшавӣ: 14 марти с. 2025).

терроризм ва ифротгароӣ, аз ҷумла бо истифода аз фазои киберҷинояткорӣ, бе истифодаи қувваҳо, воситаҳо ва усулҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ғайриимкон аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир дар интернет гурӯҳҳои ҷиноӣ, созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ фаъолона ташаккул ёфта истодаанд Дар адабиёт қайд карда мешавад, ки «сохторҳои шабакаҳои террористӣ метавонанд марказҳои муштараки ҳамоҳангсозиро дар берун аз ҳудуди давлате, ки иштирокчиёни асосӣ дар он ҷойгиранд, дошта бошанд, ки ин муайянкунии чунин шабакаҳоро мушкил намуда, хатари ҷамъиятии онҳоро зиёд мекунад».

Мутахассисони соҳа қайд мекунанд, ки аксарияти мутлақи ҷонибдорони ақидаҳои радикалиро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки дар бораи ақидаҳои ифротгаро аз шабакаи ҷаҳонӣ маълумот мегиранд, ки маводи таблиғотӣ паҳн мешавад. Аксар вақт бо ин мақсад ҷиноткорон аз вебсайтҳои якрӯза истифода мекунанд, ки маълумотро аз ҳамдигар нусхабардорӣ мекунанд, то пас аз баста шудани дастрасӣ ба яке аз манобеъ, дигарон ба доираи васеи корбарон маълумотро идома медиҳанд. Инчунин имкон дорад, ки суроғаи вебсайтро дар шабака бо нигоҳ доштани мундариҷаи он тағйир диҳанд. Аксар вақт пайгирии сарчашма ва муаллифи аслӣ қариб ғайриимкон ба назар мерасад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, имрӯз дар Интернет то 5 ҳазор манбаҳои дорои маводи ифротгароиро метавон пайдо кард, дар ҳоле ки беш аз 90% ин гуна захираҳо ба забони русӣ берун аз доираи ҳуқуқии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд.

Илова бар иртиботи мустақим бо ҳамдигар ва ҷалби ҷонибдорони нав, созмонҳои террористӣ ва аъзои онҳо метавонанд аз шабака васеъ истифода баранд, ки ин ба онҳо дастрасии осон ба ҳама гуна иттилооти зарурӣро бидуни сензура ва назорати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фароҳам меорад. Бартарии назаррас барои онҳо қобилияти нигоҳ доштани ҳадди аксар беном ва бо малакаҳои муайян аз масъулият канорагирӣ кардан аст.

Вобаста ба гуфтаҳои боло саволҳои марбут ба тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ба миён меоянд. Амалҳои зарурии тафтишотӣ хусусиятҳои муайян доранд ва аксар вақт ҷалби мутахассисонро барои ба даст овардани далелҳои парванда талаб мекунанд.

Ин фаъолият азназаргузаронии ҷои ҷиноятро ҳамчун амали зарурии тафтишотӣ дар бар мегирад. Ҷойи кори гумонбаршуда ва интиқолдиҳандагони иттилооте, ки ӯ бо онҳо кор кардааст. Аз ин рӯ, ҷои содир шудани ҷиноят бояд макони физикии компютер, ноутбук, телефон ё планшете ҳисобида шавад, ки гумонбаршуда аз он берун меравад. Аммо, ин равиш ба киберҷиноятҳо татбиқ намегардад, зеро тавре ки мо аллакай қайд кардем, онҳо метавонанд табиати фаромарзӣ дошта бошанд ва тавассути дастрасии дурдаст содир карда шаванд.

Истифодаи мафҳуми «фазои иттилоотии шабакавӣ» имкон медиҳад, ки шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ҳамчун макони амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ арзёбӣ карда шаванд, аммо бояд ба назар гирифт, ки ҷои ҳодисаи ҷиноятӣ ҳамчун макони амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар фазои киберфазоӣ ҳудуди фазоию вақтӣ надорад. Дар қонунгузории амалкунанда аслан мафҳуми «макони содир намудани ҷиноят», «макони гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»-ро пешбинӣ намекунад, гарчанде ки қонунгузор мафҳуми вақти содир кардани ҷиноятро аниқ муайян кардааст. Вобаста ба вазъияти ба амал омадаистодаи оперативӣ-тафтишотӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд намуди мушаххаси чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотиро, ки ҳангоми кушодани ҷиноят анҷом дода мешаванд, босалоҳият муайян намоянд.

Бешубҳа, аксарияти истифодабарандагон усулҳои қонунии дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳониро истифода мебаранд, аммо ҳамлагарон ба таври муассир “пинҳон кардани изи” ҳузури худро ёд гирифтаанд, ки дар он хизматҳои мухталифе, ки имкони дастрасии беном ба шабакаро фароҳам меоранд, кумак мекунанд. Аксарияти ин ширкатҳо хостинг ва провайдерҳо мебошанд, ки ба истифодаи каналҳои пайвасти беном, аз қабили шабакаи хусусии виртуалӣ (VPN), сервери фосилавӣ (Proxy) имкон медиҳанд. Нуқтаҳои дастрасии ройгони бесим (Wi-Fi) низ хеле маъмуланд, ки бо ёрии онҳо шумо метавонед ба фазои иттилоотӣ беном ворид шавед ва ношинохта бимонед. Ҳамаи инҳо дар муайян кардани шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои киберҷиноятӣ иштирок доранд, душвориҳои муайян ба вуҷуд меоранд ва инчунин раванди исботи парвандаҳои ҷиноятии категорияи баррасишавандаро душвор мегардонанд.

Баҳри пешгирии ҷиноятҳо дар соҳаи телекоммуникатсия ва иттилооти компютерӣ чунин пешниҳод менамоем:

– бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ дар бораи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз соҳаи телекоммуникатсия ва иттилооти компютерӣ содир мешаванд, зарур аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо як қатор мафҳумҳо: «киберҷиноят», «ҷиноятҳои киберӣ», «кибертерроризм» пурра карда шавад, инчунин мафҳуми «ҷойи ҷиноят»-ро бо назардошти хусусиятҳои киберравшанӣ равшан созад;

– ворид намудани тағйирот ба қоидаҳое, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ муқаррар менамоянд, бо мақсади пурра намудани онҳо бо муқаррарот дар бораи ҷавобгарии кибертерроризм;

– ташаккули заминаи меъёрии ҳамкории байниидоравӣ оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди киберҷинояткорӣ. Дар айни замон барои ҳамкории байниидоравӣ байни воҳидҳои махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои киберҷиноят, инчунин кор бо ширкатҳои таъминкунандаи дастрасӣ ба шабака (провайдерҳои интернет ва операторони мобилӣ) заминаҳои меъёрӣ зарури вуҷуд надорад.

Инчунин тадбирҳои зерини ташкилӣ пешниҳод карда мешаванд:

– муайян намудани мақсадҳои чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар фазои киберфазо;

– таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба тафтиши ҷиноятҳои киберӣ;

– муҷаҳҳаз намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо базаи махсуси моддию техникӣ, таҳияи барномаи дахлдори таълимӣ барои тайёр намудани мутаххасисон дар заминаи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисосӣ «Муқовимат ба киберҷиноят».

Ҳамин тавр, қайд намудан зарур аст, ки кори самарабахши муқовимат ба киберҷиноят танҳо дар сурати ба назар гирифтани хусусияти ин навъи ҷиноят: истифодаи технологияҳои махсус имконпазир аст. Бинобар ин, барои пурсамар тафтиш ва кушодани чунин ҷиноятҳо кормандони воҳидҳои оперативӣ ва тафтишотӣ бояд дониши мувофиқ дошта бошад, агар дар сатҳи ҳакерҳо ва крикерҳо набошад ҳам, ҳадди ақал дар сатҳи мутахассис бошад. Дар акси ҳол, на танҳо ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё амалҳои тафтишотӣ, аз қабили тафтиш ва мусодира, балки дар таъини экспертиза ва додани саволҳои дуруст ба коршиносон низ ногузир душвориҳо ба миён меоянд. Бо мақсади бехтар намудани тайёрии мутаххасисон тавсия кардан мумкин аст, ки шумораи курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ махсусан дар соҳаи иттилооти компютерӣ зиёд карда шавад.

ПСИХОЛОГИЯИ ШАХСИЯТИ ҶАБРДИДА ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

ПСИХОЛОГИЯ ПОТЕРПЕВШЕГО ЛИЦА В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

ИДИБОЙЗОДА ДИЛМУРОД ИДИБОЙ
сардори кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
e-mail: dilmurod.idiboyzoda@mail.ru

САЙФИДИНЗОДА СУЛТОНХОН АҲРУЛЛО
омӯзгори калони кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
e-mail: dilmurod.idiboyzoda@mail.ru

Психологияи ҷабрдида омилҳои ошкоркунии шахсияти ҷабрдидаро мавриди таҳқиқ қарор дода, рафтори ӯро то содир шудани ҷиноят ва баъди содир шудани ҷиноят меомӯзад. Инчунин тавсияҳои амалиро барои пурсиши ҷабрдида ва дар шаҳрвандон тарбия намудани хислатҳои ахлоқию иродавиро мақсади худ қарор дода, роҳу усулҳои аз таҳдиди ҷинояткорӣ ҳимоя намудани шаҳрвандонро омӯхта, тавсияҳо медиҳад.

Ин шохаи психология бо фанҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, криминология, психологияи ҳуқуқӣ ва психологияи шахсият алоқамандии зич дорад.

Тадқиқотҳои психологӣ ошкор намудаанд, ки 80 фисади ҷабрдидагон, ки нисбаташон ҷиноятҳои гуногун содир шудаанд, бо ҷинояткорон муносибатҳои хешутаборӣ, ҷинсӣ ва дигар хел алоқамандӣ доштаанд. Ҷиноят зинаи охирини зиддиятҳои байни онҳо гаштааст. Аз ин ҷост, ки тадқиқотҳои пурра ва ҳаматарафаи психологӣ ба он равона карда шудаанд, ки дар навбати аввал сабабҳои сар задани зиддиятҳоро дар байни шаҳрвандон ошкор намуда, чораҳои пешгирии онҳоро пешниҳод кунанд[1].

Ҷабрдида мувофиқ ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ шахсе ба ҳисоб меравад, ки аз ҷинояти нисбаташ содиршуда аз ҷиҳати моддию маънавӣ зарари ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва молумулкӣ дидааст. Шахси ҷабрдида дар рафти тафтишот симои асосӣ аст, агар дар мурофиаи судӣ сухан аз ҷиноятҳои муқобили шахсият ба монанди: куштор, расондани зарарҳои гуногуни ҷисмонӣ, таҷовуз ба номус, дуздии молу мулки шахсӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ҷиноятҳои бо нақлиёт алоқаманд равад.

Ҷиноят бо иштироки ду шахс: айбдоршаванда ва ҷабрдида содир карда мешавад. Дар навбати аввал эътибор ба шахси аввала дода мешавад. Зеро барои гуноҳкорӣ ва ҷавобгарӣ тақдири вай ҳал мешавад. Дар натиҷаи омӯзиши ҳаматарафаи кирдор ва ҳар як амали айбдоршаванда натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда шуда, ба шахсияти вай баҳои муносиб бояд дода шавад. Аз дигар тараф ҳамон вақт сабабҳо ва шароитҳои ҷиноятсодиркунӣ пурра ошкор карда мешаванд, ки агар шахсияти ҷабрдида низ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хулосаҳои аниқи психологию мурофиавӣ бароварда шавад. Чунки дар аксар мавридҳо худи ҷабрдида сабабгори нисбаташ содир намудани ҷиноят мегардаду дар баъзе ҳолатҳо ҳадди мудофиаи зарурӣ истифода мешавад.

Дар рафти омӯзиши психологияи шахсияти ҷабрдида тарафҳои зеринро ошкор намудан зарур аст:

– шахсияти ҷабрдида;
– ҷабрдида пеш аз содиршавии ҷиноят;
– ҷабрдида дар ҳолати содиршавии ҷиноят;
– ҷабрдида баъди содиршавии ҷиноят;
– ҷабрдида дар давраи тафтиши пешакӣ[2].

Барои таҳқиқи шахсияти ҷабрдида ба таври шартӣ ду тарзи маъмул вуҷуд дорад:

а) дар «соҳаи омор», яъне ошкор намудани ҷинс, синну сол, миллат, ҳолати хизматӣ. Ин тарафҳо барои он тадқиқ карда мешаванд, ки метавонанд ба таври бевосита ба гурӯҳбандии ҷиноят таъсир расонанд (дар ҳолати ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, ҳолати итоати хизматӣ дар муқобилият нишондиҳандагӣ);

б) дар «пайдарҳамии амал», яъне рафтори ҷабрдида дар марҳилаи саршавии содиркунии ҷиноят, рафти ҷиноят ва алоқамандии ҷинояткор бо рафти ҳодисаи ҷиноят (шиддатнокии ҳуҷум нисбат ба бошиддат ҳимоя намудан, дар гурез шудан аз ҷинояткор ва ғайра).

Ба рафтори ҷабрдида дар бисёр ҳолатҳо дараҷаи огоҳ будан аз талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ва вазифаҳои ҷабрдида, донистани имконияти иловагӣ дар бораи муқобилият нишон додан ба ҳамлаҳои ҷинояткор, боварӣ ба қонун дар бораи он, ки мутобиқ ба талаботи он чораҳои мудофиаи зарурӣ дуруст, бе иштибоҳ андешида шудаанд, нақши калонро мебозад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва криминалогӣ ибораҳои «қурбоншудаи ҷиноят» ва «ҷабрдидаи ҷинояткорӣ»-ро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳарду дар навбати аввал ҳаммаъно ҳастанд, вале қурбонии ҷиноят ҳар кас шуданаш мумкин аст. Аммо ҷабрдида аз ҷинояткорӣ онҳое ҳисоб меёбанд, ки аз содир гаштани ҷиноят зарари моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ дидаанд. Аз дигар тараф «қурбонӣ» ин мафҳуми фанни виктимология буда, ҷабрдида ба категорияи ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ таалуқ доранд.

Солҳои охир ба таври васеъ дар тадқиқотҳои криминалистӣ диққати ҷиддӣ ба нақши ҷабрдида дар ошкор кардан ва таҳқиқи ҷиноят дода мешавад. Виктимология ҳамчун фан дар бораи шахсияти ҷабрдида, алоқаҳо ва муносибаташ бо ҷинояткор ва дигар лаҳзаҳои бо содиршавии ҷиноят алоқаманд маслиҳатҳои муфиди илмӣ медиҳад.

[1] Васильев, В.Л. Юридическая психология: учебник. - М.: Юристь, 1998. - С. 56.
[2] Платонов, К.К. Структура и развитие личности: монография / К.К. Платонов. - М.: Экзамен, 1986. - С. 39.

Дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ заминаҳои виктимологии ҳолати ҷабрдидаро мушоҳида намудан имкон бошад ҳам, бештар омӯзиши тақдири ҷабрдидагон дар соҳаҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ба муаммои хеле муҳими ҷомеа табдил ёфтааст. Дучор шудан бо ҳодисаҳои хурду миёна ба фиреби корхонаҳои калони шахсӣ ва ба майдони назорати ҷиноятқорон афтодани истеҳсолкунандагони камтаҷриба гувоҳи он аст, ки дар соҳаи иқтисодиёти пасипардагӣ (теневой) ҷабрдидагон хеле сершуморанд[1].

Ба ҳолати ногувор афтодани соҳибкорон пеш аз ҳама аз он сабаб руй медиҳад, ки аксари онҳо аз қобилият ва лаёқати таҳлилгарӣ маҳрум буда, оддитарин ҳисобу китобро сарфаҳм намераванд. Онҳо таваккалӣ фаъолияти худро пеш бурда, ҳамеша худ ва ҳамшариконашонро дар зери хавфу хатари муфлисшавӣ мегузоранд.

Баробари содир шудани муфлисӣ, ҳодисаҳои маҳрум шудан аз даромад, нарасидани музди меҳнат барои кормандон, рӯйпӯш карда натавонистани қарзҳо ба вуҷуд омада, аломатҳои ҷинояткорӣ аз як тараф ва аз дигар тараф ба фиребу қашшоқӣ гирифтор шудан аниқ мегарданд, ки аз ин фақат ҷабрдида зарари калон мебинад.

Дар ҳар ҳолат гурӯҳҳои ҷиноятпеша барои васеъ кардани минтақаи назоратии худ чораҳои ғайриқонуниро андешида, бо роҳи қаллобӣ ва фиребгарӣ нақшаҳои ҷиноятқоронаашонро амалӣ мекунанд. Аксар вақт барои ба мақсад расидан, ба гарав мондани хона, корхона, нақлиёти шахсӣ ва ҳатто одамонро рабудан истифода карда мешаванд. Сабабҳо ва омилҳои асосии ҷабрдидагони ҷиноят гаштани шаҳрвандонро чунин маънидод намудан мумкин аст:

– ба таври зарурӣ аз қонунҳо огоҳ набудан;
– камбизоатӣ, мӯҳтоҷ будан ба пул;
– мунтазам истеъмол кардани машрубот ё моддаҳои нашъадор;
– солхӯрдагӣ ва бекасии занону муйсафедон, маҷрӯҳон ва инчунин аз гирифтор будан ба касалиҳои руҳӣ.

Қайд кардан бамаврид аст, ки шахсони ҷудогона ё гурӯҳи одамоне, ки ба мардумфиребию ҷиноятқорӣ машғул ҳастанд, аз намуди беруна хеле покдоман, адолатхоҳ ва зиёии дилсузи одамони мӯҳтоҷ менамоянд.

Ин қабил одамон барои бо роҳи қаллобӣ ба даст овардани пули муфт аз ягон кирдор рӯй намегардонанд.

Барои тадқиқоти психологию педагогӣ гузаронидан оид ба омӯзиши шахси ҷабрдида консепсияи Платонов К.К. хеле асоснок ва илмӣ буда, тарафҳои рӯҳии ҷабрдида бо ёрии дастгоҳи махсус таҳлил карда шуда, хулосаҳои илмӣ бароварда шудаанд[2].

Дар ҳимоякунӣ ва устувор истодани ҷабрдида дар бартараф намудани мусибати ба сараш омада ҳолати худбаҳодиҳӣ ва ангезандагии шиддатноки психологӣ зарур аст.

Нишондоди ҷабрдида яке аз сарчашмаҳои асосии далел ва исботҳо барои таҳқиқи ҷиноятқорӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷабрдида ҳуқуқҳои зиёдро соҳиб аст, ки аз мавқеи мурофиавӣ аз тарафи қонунгузор муқаррар карда шудаанд ва аз ҳуқуқҳои шоҳидону дигар иштирокчиёни тафтишот фарқ мекунад. Пеш аз ҳама нишондодҳои ҷабрдида, на фақат хислати исботкунӣ, балки воситаи ҳимояи худи ҷабрдида ҳам мебошанд.

Муносибати ҷабрдида дар ошкор намудани асли ҳодисаи нисбаташ содиршуда ҳам манфиатнок ва шавқманд асту ҳам бефарқ дар кушода шудани кирдори ҷиноӣ. Ин ҳолатҳоро чунин маънидод кардан мумкин:

– ҷабрдида боварӣ дорад, ки аз рӯи қонун ба ҷиноятқор ҷазо муқаррар карда мешавад;
– ҷабрдида боварӣ надорад, ки ҷиноятқор аз рӯйи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;
– ҷабрдида ҳавасманд аст, ки тафтишот нисбати ҷиноятқор ба таври бояду шояд бурда нашавад;
– ҷабрдида ҳавасманд нест, ки асли воқеаи содиршуда ошкор шавад.

Дар нишондоди ҷабрдида бояд чунин масъалаҳо мавҷуд бошанд:

– ҳодисаи ҷинояти нисбаташ содиршуда, ҷой ва вақти содиркунӣ;

---

[1] Васильев, В.Л. Этика в юриспруденции и предпринимательское деятельности / В.Л. Васильев. - СПб, Изд-во «Арслонова», 1995. - С. 12.
[2] Платонов, К.К. Структура и развитие личности / К.К. Платонов. - М.: Экзамен, 1986. - С. 40.

– ар бораи ҳар як иштирокчии ҷиноят, мавқеъ ва нақши онҳо дар зарарраасонӣ ба вай;

– дар бораи хислат ва ҳаҷми зарари овардашуда;

– дар бораи муносибати ҷабрдида бо айбдоршаванда[1].

Омӯхтани ҳолатҳои психофизиологӣ, серҳаракатии ҷараёнҳои психикӣ, шаклҳои системаи асаб ва мизоҷи ҷабрдида имкон медиҳанд, ки нисбаташ дар асл кадом ҳодиса рух дода, ҷиноят чӣ тавр содир карда шудааст, ошкор карда шавад. Дар ин ҷараёни психологӣ дарккунӣ, ба ёд овардан ва изҳоркунии ҳодисаи содиршуда хеле муҳим ҳастанд, ки аз ҷабрдида диққати зиёдро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, нишондоди шахсияти ҷабрдида барои мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти судӣ хеле зарур аст. Зеро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ тарафҳои психологии шахсияти ҷабрдидаро омӯхтан муаммоҳои зиёдро ошкор мекунад. Яке аз масъалаҳои муҳимми ин муаммо омӯхтани шахсияти ҷабрдида ва муносибату рафтораш дар лаҳзаи тафтиши пешакӣ мебошад. Чунин омӯзиш чун анъана бо роҳи мушоҳидакунӣ, сӯҳбат, хулосабарориҳо аз рӯйи хислатномаҳо, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва натиҷаҳои санҷишҳои психологӣ ташкил карда мешаванд.

Нишондоди ҷабрдида, мукаммал будани он ба бисёр омилҳои субъективию объективӣ вобаста аст. Донистани донишҳои асосии психологӣ ва қонуниятҳои раванди ҷараёнҳои рӯҳиии одамон имкон медиҳад, ки корманди мақомоти корҳои дохила аз ҷабрдида нишондоди барои таҳқиқот муҳимро ба даст оварда, ба олами ҷинойи зарбаи қавӣ ва қонунӣ зада, адолати иҷтимоӣ тантана кунад.

Ҳамин тариқ, пурсиши ҷабрдида дар ҳолати пуршиддати рӯҳӣ мегузарад ва аз ин сабаб наметавонад, муфассал оид ба ҳолатҳои ҷинояти содиршуда маълумот диҳад. Дар ин ҳолатҳо ба мақсад мувофиқ мебуд, ба фикри мо пурсиши ҷабрдида на дар ҳол баъд аз содир шудани ҷиноят, балки баъд аз расонидани ёрии зарурии тиббӣ ва рӯҳӣ гузаронида шавад.

СВЕДЕНИЯ, ПОДЛЕЖАЩИЕ УСТАНОВЛЕНИЮ В ХОДЕ ДОПРОСА ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ О НАРУШЕНИИ ПРАВИЛ БЕЗОПАСНОСТИ ПРИ ВЕДЕНИИ СТРОИТЕЛЬНЫХ ИЛИ ИНЫХ РАБОТ

МАЪЛУМОТЕ, КИ ДАР ВАҚТИ ПУРСИШ ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО ОИД БА ВАЙРОН НАМУДАНИ ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРИИ ГУЗАРОНИДАНИ СОХТМОН ВА ДИГАР КОРҲО БОЯД МУҚАРРАР КАРДА ШАВАНД

КАЗАЧЕК ЕЛЕНА ЮРЬЕВНА
старший преподаватель кафедры криминалистики Хабаровского филиала Московской академии Следственного комитета Российской Федерации им. А.Я. Сухарева, полковник юстиции
E-mail: dobrychkaa@mail.ru

Наиболее распространенным первоначальным следственным действием, позволяющим следователю более полно восполнить событие совершенного преступления, без которого не обходится расследование уголовного дела – является допрос, цель которого, получение достоверных данных о произошедшем противоправном деянии.

Проведение допроса, независимо от процессуального статуса лица, подлежащего допросу, без подготовительной стадии может свести его значимость к минимуму. А в иных случаях, например, при неполучении всех необходимых сведений, подлежащих выяснению у допрашиваемого в ходе проведения допроса – к безрезультативности.

Здесь следует согласиться с мнением профессора Л.В. Бертовского, который отмечает, что вне зависимости от категории и сложности дела подготовительная стадия допроса является самой ответственной[2].

[1] Салимов, Ҳ.С. Криминалистика: китоби дарсӣ / Ҳ.С. Салимов. - Душанбе: Матбуот, 2008. - С. 69.

[2] Бертовский, Л.В. Искусство допроса: монография / Л.В. Бертовский. – М.: Проспект, 2025. - 320 с. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://book.ru/book/957337 (дата обращения: 08.04.2025).

На данной стадии важны все элементы подготовки к допросу, но особенно стоит уделить внимание на формирование вопросов к допросу, так как основной целью допроса - получение сведений с целью их дальнейшей проверки. Такими сведениями могут являться первоочередно: дата, время, место, способ совершения преступления и иные обстоятельства, подлежащие выяснению. Данные сведения являются основообразующими и с их помощью возможно установить наиболее полные и точные обстоятельства произошедшего. Однако кроме данных основообразующих обстоятельств, подлежащих уточнению у допрашиваемого лица, необходимо по каждому конкретно рассматриваемому случаю установить и иные обстоятельства, имеющие определенное значение для уголовного дела.

Сказанное можно проиллюстрировать следующим примером из следственной практики. Так, из обстоятельств уголовного дела следует, что 17.02.2023 около 08 часов 10 минут местного времени и.о. освобожденного бригадира локомотивовагоноремонтного завода (далее – ЛВРЗ) Энергоцеха должностное лицо, отвечающее за соблюдение требований по охране труда гр. Я. провел инструктаж по технике безопасности слесарям аварийно-восстановительных работ Энергоцеха ЛВРЗ – Б. и О., после чего, дал задание на день по осмотру санузлов и туалетов на предмет утечек и засоров на территории ЛВРЗ. В ходе выполнения задания слесарь аварийно-восстановительных работ Б. по личной инициативе, при отсутствии наряда-допуска на выполнении работ повышенной опасности, при отсутствии средств индивидуальной защиты - веревки, спасательного пояса, каски, рукавиц, гидрокостюма Л-1, в комплектацию которого входит противогаз, осуществил спуск в канализационный колодец промышленно-ливневой канализации К-42 расположенный в Логистическом Цехе ЛВРЗ, где потерял сознание. Далее, гр. Б. был доставлен в реанимационное отделение ЧУЗ КБ РЖД-Медицина, где была констатирована его биологическая смерть. Причиной смерти гр. Б. явилась механическая асфиксия от попадания в среду с низким содержанием кислорода.

В ходе подготовительной стадии допроса следователем был сформирован круг лиц, подлежащих допросу, а также подготовлен план допроса, в котором были отражены сведения, подлежащие установлению в ходе допроса при расследовании преступлений данной категории.

Так, с целью выяснения обстоятельств произошедшего события были допрошены лица, непосредственно имеющие отношение к проведению аварийно-восстановительных работ, в том числе слесари аварийно-восстановительных работ, являющиеся коллегами гр. Б., и.о. бригадира, а также начальники Энгергоцеха и Логистического цеха. Данным лицам задавался следующий перечень вопросов, с целью получения сведений об обстоятельствах произошедшего.

Так первоначально подлежало выяснить то, с какого периода времени допрашиваемое лицо, состоит в своей должности, а также что входит в его должностные обязанности. Данные сведения необходимы для установления стажа и опыта работы, а также перечня основных должностных обязанностей работника, на чем основывается последующий перечень вопросов.

Необходимо выяснить какой у работника производственный график, с целью установления того, совпадает ли график работы бригадира с графиком работы слесаря, так как слесарь находится в непосредственном подчинении у бригадира и время, проведенное слесарем при производстве аварийно-восстановительных работ, должно быть подконтрольно бригадиру.

Следующим обстоятельством, подлежащим к выяснению, является распорядок рабочего дня слесаря аварийно-восстановительных работ, для установления того, какой перечень работ слесарь может выполнять в течении дня, как начинается его рабочий день, а именно проходит ли планерка, инструктаж по технике безопасности и охране труда, как и в каком виде слесарям выдается задание на день, кем данное задание выдается, как оно должно быть зафиксировано - в устной или же в письменной форме.

Подлежит выяснению то, как фактически должна проходить работа слесаря, а именно в данном конкретно рассматриваемом случае как должна проходить работа по чистке колодцев системы канализации, порядок действий слесарей при производстве данного вида работ.

Порядок проведения инструктажа по охране труда и технике безопасности для слесарей, что в него входит, расписываются ли слесари в журнале после прохождения инструктажей.

В случае если для проведения данного вида работ (чистки колодцев) необходимо наличие наряд-допуска, то в ходе допроса необходимо выяснить как он оформляется, регистрируется, кем он выдается, что в него входит, сколько работников должно осуществлять чистку, на какой он вы-

дается срок, должен ли иметься второй экземпляр наряд-допуска, где он должен хранится и чем это все регламентировано.

Также подлежит выяснению то, какая одежда должна быть в распоряжении у слесарей согласно наряд-допуску, какие должны быть предусмотрены средства индивидуальной защиты, входит ли туда противогаз и другие средства индивидуальной защиты.

Кем производится контроль слесарей во время производства работ, в том числе во время чистки канализации, как производится этот контроль.

Далее необходимо установить связь допрашиваемого лица с потерпевшим, то есть выяснить, как давно они работают вместе, как допрашиваемое лицо может охарактеризовать гр. Б., как давно работает гр. Б. в данной должности, его характеристики, отношение к работе, как он производил данный вид работ, имелись ли ранее в сторону гр. Б. нарекания по поводу выполнения им своей работы, производил ли он ранее чистку колодцев.

Далее следует выяснение того, как осуществлялась работа фактически, то есть соответствовало ли фактическое проведение работ, тому, как эта работа должна была проводится в соответствии с нормативными требованиями. В перечень вопросов входит выяснение того, как начинался рабочий день, как проходил инструктаж по технике безопасности, обговаривался ли на нем вопрос о порядке проведения чистки колодцев системы канализации, кто присутствовал на инструктаже, где были поставлены подписи о прохождении инструктажа, какое было задание на день, задание дано устно или сведения о нем также фиксировались в письменном виде.

Далее следует выяснение самих обстоятельств произошедшего, а именно кто производил контроль слесарей во время производства работ, в том числе во время чистки канализации, как производился этот контроль.

Сколько человек должно участвовать в бригаде при проведении работ по чистке канализации. Почему фактически в бригаде присутствовало два человека Б. и О., а не три как заявлено по правилам проведения чистки, где находился гр. С. – третий член бригады, участвовал ли он в работах в тот день.

В какой одежде в тот день был гр. Б., почему на нем не было гидрокостюма.

Ставил ли гр. Я. или кто-либо иной перед гр. Б. и гр. О. задание на проведение чистки колодца (или задание было на визуальный осмотр, без спуска непосредственно в сам колодец), кто имеет право давать слесарям задания на проведение таких работ.

Кем выдавался наряд-допуск на выполнение работ по очистке канализации, проходили ли члены бригады ознакомление с данным нарядом, почему наряд выдан на срок с 10.02.2023 по 22.02.2023, почему согласно данному наряд-допуску ответственным исполнителем работ назначен гр. Б.

Какие именно инструменты, материалы, приспособления, средства индивидуальной защиты необходимы для производства работ по очистке системы канализации, и для чего они нужны.

Производили ли гр. Б. и гр. О. анализ воздушной среды перед началом работ с помощью газоанализатора. Какой был результат.

Где хранятся противогазы, кто их выдает, был ли к ним допуск у гр. Б. 17.02.2023, а также сколько противогазов было в наличии на момент происшествия, прошли ли они поверку, если да, то, когда.

Какие инструктажи по охране труда и технике безопасности (стажировка, первичный инструктаж, внеплановый, целевой) проходил гр. Б., а также проходил ли он проверку знаний требований охраны труда.

В заключение необходимо выяснить мнение допрашиваемого лица о том, по какой причине гр. Б. мог отступить от правил техники безопасности и охраны труда, и при отсутствии наряда-допуска на выполнении работ повышенной опасности, при отсутствии средств индивидуальной коллективной защиты - веревки, спасательного пояса, каски, рукавиц, гидрокостюма Л-1, в комплектацию которого входит противогаз, осуществить спуск в канализационный колодец промышленно-ливневой канализации К-42.

С помощью данного подробного перечня обстоятельств, подлежащих выяснению в ходе допроса возможно получить все необходимые сведения и дать оценочное суждение действиям гр. Б., с последующим направлением данных сведений на проведение судебной экспертизы соблюдения

требований охраны труда, техники безопасности и технологии с последующим установлением причин произошедшего, а также виновных лиц.

Кроме того, возможно проведение допроса родных и близких потерпевшей стороны с целью выяснения ее личности, характеристики, взаимоотношений с родственниками, знакомыми, в том числе и с подозреваемым, если они были ранее знакомы, круг связей и знакомств, образ жизни, что им известно о случившимся и из каких источников. Свидетели из числа знакомых, соседей и сослуживцев подозреваемого и потерпевшей стороны допрашиваются как правило по вопросам, связанным с личностью виновного и его жертвы.

Таким образом, допрос свидетелей, потерпевших, подозреваемого и иных лиц является важным, в то же время сложным следственным действием и главным источником доказательств. Сведения, полученные в ходе допроса при расследовании преступлений, о нарушении правил безопасности при ведении строительных или иных работ позволяют не только установить обстоятельства произошедшего, но и позволят следователю: установить ряд обстоятельств, влияющих на вид и размер уголовного наказания за совершение преступления (например, признание обвиняемым своей вины, активное способствование раскрытию преступления, изобличение соучастников и другие; обнаружить новые доказательства; выявить новые эпизоды преступной деятельности обвиняемого установить причины и условия, способствовавшие совершению преступления и другие.

Правильная подготовка следователя к проведению допроса способствует установлению максимального количества фактических обстоятельств, способствующих своевременному и правильному расследованию и раскрытию преступлений[1].

ВЛИЯНИЕ ИНТЕГРАЦИИ БИОЭКОНОМИКИ НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВА

ТАЪСИРИ МУТТАҲИДШАВИИ БИОИҚТИСОДӢ БА ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

КЛОЧИХИН ВЯЧЕСЛАВ АНАТОЛЬЕВИЧ
старший преподаватель кафедры организации финансово-экономического, материально-технического и медицинского обеспечения Академии управления МВД Российской Федерации, подполковник полиции
E-mail: va.klochikhin@yandex.ru

БЕРОЕВ МАРАТ ТАЙМУРАЗОВИЧ
адъюнкт факультета подготовки научных и научно-педагогических кадров Академии управления МВД России, подполковник полиции
E-mail: beroevmarat@mail.ru

На современном этапе, в условиях обострения геополитической обстановки, тематика обеспечения продовольственной безопасности имеет особенно актуальный аспект и является объектом пристального внимания со стороны государства. В проведенном исследовании рассмотрена инновационная сфера экономики, связанная с эффективным, рациональным использованием биологических ресурсов при производстве продовольственных товаров, проанализировано влияние создания инновационных технологий в продовольственном секторе на продовольственную безопасность и развитие государства. Обосновано, что имплементация рациональных, ресурсосберегающих технологий выводит сферу обеспечения продовольственной безопасности на совершенно новый уровень.

Биоэкономика – это инновационный вид хозяйственной деятельности, сформированный на научных достижениях, циклической экономике и экономике возобновляемых ресурсов, биологии, химии, биоинженерии, информатике, экологии, рационализации и эффективности, основанный на

[1] Казачек, Е.Ю. Особенности допроса подозреваемого при расследовании неосторожных преступлений, совершенных медицинскими работниками / Е. Ю. Казачек // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2017. – № 3(17). – С. 186-191.

рациональном и эффективном использовании биологических ресурсов, таких как сельскохозяйственная продукция, лесные товары, рыба и биотехнологии, для создания новых продуктов, технологий и услуг[1].

Согласно требованиям Указа Президента Российской Федерации от 07.05.2024 № 309 «О национальных целях развития Российской Федерации на период до 2030 года и на перспективу до 2036 года», руководителем страны поставлена задача достижения технологического суверенитета за счёт снижения уровня зависимости от импорта, поскольку биотехнологии входят в перечень важнейших наукоёмких технологий[2]. В настоящее время на территории Российской Федерации зарегистрировано более 200 крупных производителей различной продукции, относящейся к биоэкономике, а также 50 научных и научно-исследовательских институтов, занимающихся исследованиями в данной области.

Целью развития биоэкономики является необходимость развития экономики в долгосрочной перспективе. Данный посыл закладывает вектор повышения производительности труда, роботизации производственных процессов, снижения расходов и развития сферы экологической безопасности государства. Моделирование результатов внедрения биоэкономики, формирует целеполагание, заложенное в тезисах Указа Президента Российской Федерации от 07.05.2024 № 309 «О национальных целях развития Российской Федерации на период до 2030 года и на перспективу до 2036 года», а непосредственно комплексность подхода закладывает основу успешной реализации запланированных мер.

Следует отметить, что качественное целеполагание невозможно без ретроспективного анализа и зарубежного опыта реализации отдельных направлений биоэкономики. В настоящее время Российская Федерация подвергается беспрестанному санкционному давлению, что негативно воздействует на обмен технологическими достижениями, но вместе с тем является мотиватором собственных разработок. Кроме того, существуют вызовы и угрозы, связанные с негативным воздействием на окружающую среду в сочетании с ограниченностью сырьевых и энергетических ресурсов при постоянном росте численности населения и дефиците продовольствия.

По оценкам экспертов к 2030 году мировой рынок биотехнологий достигнет 1,7 трлн. дол. В свое время СССР занимал второе место на мировой арене с долей более 3%, однако на сегодняшний день, следует признать, что Россия критически зависит от импортных продуктов, комплектующего оборудования, причем по некоторым направлениям зависимость доходит до 100% от продукции из недружественных стран.

По данным заместителя министра Минпромторга России Михаила Юрина, в настоящее время рынок российской биоэкономики и биотехнологии и все, что с ним связано оценивается на уровне 300 млрд. руб. и составляет лишь 0,04% от мирового рынка[3].

Принято считать, что на рынке биоэкономики и биотехнологий конкурируют отдельные компании, но это не так. За лидерство в биотехнологиях конкурируют, прежде всего, государства с их долгосрочными геополитическими интересами и соответствующими ресурсными возможностями. Без соответствующих усилий по развитию отечественного биоэкономического сектора в ближайшие 3–5 лет возможности достижения стратегической продовольственной безопасности и технологического суверенитета страны могут быть упущены навсегда.

Противостояние национальных интересов стран-лидеров в сфере биоэкономики и биотехнологий продолжает нарастать. Так, Китай заявил о планах в течение ближайших 10 лет выйти на лидирующую позицию в биотехнологическом секторе в мире, потеснив США. Развитие биоэкономики стало центральной идеей очередного (14-го) пятилетнего плана Коммунистической партии Китая, намеченного на 2021–2025 гг. с общим объемом финансирования на уровне $3,28 триллио-

[1] Титова, Е.С., Шишкин, С.С., Штыхно, Д.А. Биоэкономика – один из путей к устойчивому развитию регионов России // – Федерализм. – 2023. – Т. 28. – № 1 (109). – С. 56-79.

[2] Указ Президента Российской Федерации «О национальных целях развития Российской Федерации на период до 2030 года и на перспективу до 2036 года» от 07 мая 2024 г., № 309 // Собрание законодательства Российской Федерации от 2024 г., № 20, ст. 2584.

[3] Биоэкономика России: траектории развития // Восточный экономический форум. – 4 сентября 2024 года // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://roscongress.org/sessions/eef-2024-delovaya-programma-bioekonomika-rossii-traektorii-razvitiya/translation/ (дата обращения: 19.03.2025).

нов[1]. План включает три направления развития биоэкономики и биоиндустрии: технологические инновации, индустриализацию и политическую поддержку. Согласно плану, Китай предпримет увязанные шаги по ускоренному развитию здравоохранения, сельского хозяйства, биоэнергетики, обеспечения биобезопасности и развития биоинформатики. Значение биобезопасности как одного из приоритетов плана крайне велико.

В ответ на 5-летний план развития биоэкономики в Китае, Администрация США объявила Национальную инициативу в области биотехнологии и биопроизводства (далее - NBBI). Данная инициатива нацелена на укрепление потенциала США в области производства дорогостоящих высокотехнологичных товаров, изготовленных из биологических ресурсов, развитие фармацевтических биотехнологий и устойчивых сельскохозяйственных ресурсов.

Межведомственный, многоотраслевой характер NBBI указывает на еще одну отличительную особенность плана: он объединяет национальную безопасность, климат и экономическую безопасность в рамках единого пакета политики. Сейчас федеральные политики США рассматривают биоэкономику как стержень более традиционных целей государственной политики: национальной безопасности, геополитической мощи, глобальной конкурентоспособности и экономического роста.

В России есть определенный потенциал развития биоэкономики: вся сырьевая база (сельскохозяйственные культуры, лесные и водные ресурсы, вторичное сырье и др.), некоторое количество предприятий, работающих на внутреннем и внешнем рынках. Во времена СССР был сделан достаточно большой кадровый задел: около 1 тыс. учебных заявлений выпускают примерно 16 тыс. специалистов в год.

В области планирования развития биоэкономики в России пока не существует единого центра для такой работы, есть лишь различные ведомства и компании, которые на основе проектного метода оказывают поддержку развитию биоэкономики. Например, есть соответствующие программы у Минпромторга, Минсельхоза, Минздрава, Минобрнауки, но все они не согласованы.

В 2024 году в Правительстве Российской Федерации было проведено обсуждение проектов технологического лидерства, в рамках которого прорабатывалась концепция национального проекта технологического лидерства (далее – НПТЛ) «Биоэкономика». Предполагается, что такой НПТЛ должен состоять из нескольких частей, начиная с научно-технического сопровождения, научно-технического развития, создания инфраструктуры, как в компаниях, так и в учебных заведениях (включая обучение и переподготовку специалистов), организации новых производств и модернизации существующих заводов. Такой представляется организационную модель управления НПТЛ «Биоэкономика».

На текущий момент из тех проектов, которые представлены на рассмотрение на стратегической сессии под руководством Председателя Правительства Российской Федерации Мишустина М.В., можно выделить три больших блока:

– Проект по продовольственной безопасности, содержащий селекционную генетику, кормовые добавки, ветеринарные препараты, средства защиты растений.

– Проект по технологиям сбережения здоровья граждан, где есть также биомедицинские технологии для долголетия и новые медицинские технологии и препараты.

– Проект «Химия и новые материалы» Минпромторга, который предложен как федеральный проект развития биотехнологий.

Чтобы не оказаться в той ситуации, когда у различных ведомств есть различные проекты, не связанные между собой, все эти направления были переосмыслены и сформированы предложения по созданию единого проекта, который назывался бы «Биоэкономика», в рамках которого уже будут создаваться различные федеральные проекты, включающие фундаментальные и прикладные исследования, разработку пилотных и опытных производств, создание промышленных предприятий с обеспечением их кадровым и научным сопровождением.

В настоящее время Минпромторг России подготовил соответствующий доклад в Правительство России, который прошел необходимый этап согласования с заинтересованными федеральными органами исполнительной власти.

[1] Биоэкономика России: траектории развития // Восточный экономический форум. – 4 сентября 2024 года // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://roscongress.org/sessions/eef-2024-delovaya-programma-bioekonomika-rossii-traektorii-razvitiya/translation/ (дата обращения: 19.03.2025).

Таким образом, НПТЛ «Биоэкономика» находится в состоянии ожидания принятия решения Правительством, чтобы запустить процедуру его реализации, включая определение: кто дальше будет ответственный за разработку национального проекта, кто будет кураторами и ответственными за утверждение и разработку федеральных проектов.

Также в июле 2024 года был утвержден Совет по развитию микробиологической промышленности и биотехнологии Российской Федерации. В его состав вошли представители: Минпромторга, Минсельхоза, научные организации и производственных компаний. В мандат Совета включена и подготовка национального проекта «Биоэкономика».

Кроме того, 7 августа 2024 года подписано распоряжение Правительства № 2103-р[1] о создании Научно-технологического центра биоэкономики и биотехнологий, разработки которого будут применяться в промышленности, сельском хозяйстве, энергетике и других сферах экономики. Центр будет функционировать в форме объединения (консорциума) без образования юридического лица. В его состав войдут восемь научных учреждений. Среди них - Институт биоорганической химии им. академиков М.М. Шемякина и Ю.А. Овчинникова РАН, Институт цитологии и генетики Сибирского отделения РАН, Всероссийский научно-исследовательский институт сельскохозяйственной биотехнологии, Институт теоретической и экспериментальной биофизики РАН. Головной научной организацией нового центра определен НИЦ «Курчатовский институт».

Развитие биоэкономики в России в условиях конкуренции с США, КНР и другими странами – это комплексная, сложная задача, которую можно решить только при комплексном участии федеральных и региональных органов исполнительной власти и активном вовлечении бизнеса и науки. Значительные объёмы и широкое разнообразие биологических ресурсов, способствует развитию собственной переработки, открывает возможность для дальнейшей диверсификации экономики, созданию рабочих мест и увеличению производства в смежных отраслях для экспорта продукции с высокой добавленной стоимостью.

Обобщая изложенное, следует отметить, что интеграция биоэкономики в экономическое развитие государства является важной тенденцией нашей эпохи и оказывает влияние на многие аспекты, включая устойчивость, производительность и социальное благополучие. Своевременное определение вызовов и угроз, возникающих при реализации биоэкономики необходимо для корректировки государственной политики. Развитие биоэкономики бесспорно консолидирует усилия, мощности и ресурсы экономического потенциала страны.

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ДАР БОРАИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ, УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ПО ВОПРОСАМ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ

ҚАЛАНДАРЗОДА СОРБОН МУҲАММАДИСО
унвончӯи Академияи идоракунии далатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар таърихи давлатдории муосири тоҷик истиқлоли давлатӣ муҳиммтарин дастоварда ба шумор рафта, барои эҳёи ва густариши суннатҳои аҷдодӣ ва дар як мавриди ташкили давлати демократию ҳуқуқбунёд заминаҳои пойдору қавъӣ гузошт. Хушбахтона, соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти арзишҳои ҳуқуқи башар, аз қабили арзиши олӣ эълон гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, дахлнопазирии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, волоияти конститутсия ва қонун, таҷзияи ҳокимият, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихобот ва раъйпурсӣ, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ қабул гардид.

Баробари ин дар замони истиқлолият дар соҳаи маориф ва илм, инчунин фаъолияти илмӣ ва илмию педагогӣ низ масъалаҳое арзи ҳастӣ мекунанд, ки бояд дар ҷомеаи илмӣ ва

[1] Распоряжение Правительства Российской Федерации «О создании Научно-технологического центра биоэкономики и биотехнологий в форме объединения научных организаций без образования юридического лица» от 7 августа 2024 г., № 2103-р // Собрание законодательства Российской Федерации от 2024 г., № 35, ст. 5379.

аҳли маорифи Тоҷикистон бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд. Вобаста ба ин ин, дастурҳои доимӣ аз паёмҳои Президенти мамлакат бармеоянд, ки ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати амиқи давлатӣ дар соҳаи илм ва маориф, таъмини фаъолияти муассисаҳои илмӣ тибқи талаботи замони муосир ва истифодаи самараноки дастовардҳои он баҳри рушду нумуи истиқлолияти Тоҷикистон хеле муҳим ва муфид маҳсуб мешаванд[1]. Таҳлилҳо ва арзёбиҳои возеҳу амиқи масоили соҳаи мазкур бори дигар аз таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва илм ва таълиму тарбияи насли наврас ва махсусан кӯдакон дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳануз дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 вобаста ба масъалаи таҳкими иқтидории илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ оид ба вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф таъкид намуданд, ки “Мо , пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро бамаротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем”[2].

Таъкиди Сарвари давлат доир ба вазъи инъикоси вазъи воқеии муассисаҳои томактабӣ буд, зеро соҳаи мазкур ба дастгирӣ ва кӯмаки махсус ниёз дорад. То соли 1991 дар ҷумҳурӣ 940 муассисаҳои томактабӣ фаъолият менамуданд, ки тақрибан 30 фоизи талаботи ҷомеаро қонеъ мекард. Вале дар давраи солҳои 90-ум аз ин миқдор 400 муассисаи томактабӣ ё ба ихтиёри муассисаҳои дигар дода шуданд ва ё хусусӣ гардонида шуданд, ки дар натиҷа дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 540 чунин муассиса фаъолият дошт, ки он тақрибан 17 % талаботи шаҳрвандонро қонеъ менамуд. Барои фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ Сарвари давлат супориш доданд, ки дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бунёд карда шавад, ки қисми зиёди онҳо бояд барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии деҳот нигаронида шаванд.

Дар асоси м. 1 Конститутсия - Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эътироф гардидааст ва ба вуҷуд овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як инсон ҳадафу мароми давлати мо мебошад. Мувофиқи қисми 3-юми моддаи 5-и Конститутсия эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зумраи вазифаҳои афзалиятноки давлат қарор гирифтааст[3]. Ин масъулият дар як вақт нисбат ба кӯдакон ҳамчун қишри нозуку осебпазир ва эҳтиёҷманди ҷомеа низ татбиқ мегардад. Маврид ба тазаккур аст, ки зиёда аз 70 дарсади аҳолии кишвари моро ҷавонони то 35 сола ташкил медиҳанд, ки аз он 3,9 млн. ва ё 41,2 фоизашро кӯдакони то 18 сола ташкил медиҳанд, ки ба дастгириву ғамхории махсуси давлату ҳукумати кишвар пайваста ниёз доранд.

Маҳз бо дарназардошти дарки масъалаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати кишвар таҳти роҳбарии хирадмандона ва ғамхоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳодҳои салоҳиятдори махсусгардонидашуда, инчунин зерсохторҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон дар таркиби мақомоти давлатӣ таъсис ёфтаву фаъолият менамоянд, ки ҳадафи асосии онҳо аз ҳифзи солимӣ ва тарбияи кӯдакон дар чаҳорчӯбаи арзишҳои суннатӣ, дар амал татбиқ намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ ва иҷрои қонунгузории кишвар дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон иборат мебошад.

Ба сифати онҳо метавон Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳифзи

[1] Насриддинзода, Э.С. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди V. - Душанбе: Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 265.
[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018. -Душанбе: Шарқи озод, 2021. – С. 21.
[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 03.04.2025).

ҳуқуқи кӯдак дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва даҳҳо зерсохторҳои дигарро ном бурд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳими байналмилалӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ду протоколи иловагӣ ба онро ба тасвиб расонидааст.

Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак 19 апрели соли 2018 Нақшаи миллии амалро барои солҳои 2018-2022 ба тасвиб расонид, ки дар заминаи он тадбирҳои судманд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон роҳандозӣ карда шуд.

Мувофиқи м. 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон модару кӯдак зери ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд[1]. Иҷтимоигардонии ҳар як кӯдак пеш аз ҳама дар оила сурат мегирад, зеро кӯдак тарбияи асосӣ ё ибтидоиро аз падару модар мегирад. Яъне, асосҳои аввалиндараҷаи иҷтимоиву меъёрӣ ва ҳамзамон ҳуқуқиро оила муайян мекунад, ки кӯдак онҳоро ҳамчун сармашқи фаъолияти минбаъдаи ҳаётӣ истифода мебарад.

Бояд зикр намуд, ки кӯдак дар баробари дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти мустақил метавонад баромад намояд. Дар муносибатҳои ҷамъиятие, ки кӯдак иштирок мекунад, аз қониби меъёрҳои соҳаҳои мухталифи қонунгузории кишвар танзим карда мешаванд.

Вазъи ҳуқуқии кӯдак, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ҳам дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам қонунгузории миллӣ пешбинӣ гардидааст. Санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллии зерин ҳуқуқу озодиҳои кӯдакро кафолат додаанд: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” (аз 18.03.2015), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон” (аз 2.01.2020), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” (аз 02.08.2011) ва ҳоказо.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ҳанӯз соли 2011 бо ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ қабул гардид. Дар замони амали қонуни мазкур ба он 5 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Нақш ва манзалати ин қонун дар тақвияти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд басо муҳим ва назаррас арзёбӣ мегардад.

Чунон чи, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9 марти соли 2024 баён намуданд, ки «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардонидани онҳо усулу воситаҳои заруриро дар сохтори давлатӣ ташаккул дод. Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз ҷумлаи иқдомоти дар ин самт амалигардида мебошанд»[2].

Пешвои миллат дар суханронии худ оид ба муҳкимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» доир ба масъулияти ниҳодҳои ба таълиму тарбияи насли наврас ва кӯдакон вобаста буда таъкид доштанд: “Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа рӯҳу равони воқеӣ пайдо мекунад. Аммо ба ин се ниҳод муҳити атроф ва фазои иттилоотӣ, ки дар натиҷаи раванди ҷаҳонишавӣ вусъати азиме пайдо кардааст, таъсири зиёд мерасонад.

Дар ин гуна ҳолат ниҳодҳое, ки зикр намудам, бояд якҷо бо расонаҳои миллии иттилоотӣ нерӯву иқтидори кофии муқовимат дошта бошанд, то ин ки вуруди ҷанбаҳои

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 03.04.2025).

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9 марти с. 2024.

номатлуби фарҳанги бегонаро пешгирӣ карда, нагузоранд, ки онҳо дар ҷомеаи мо миёни наврасону ҷавонон паҳн гарданд ва афкори онҳоро захролуд намоянд”[1].

Дар баробари пешрафти соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи ҷомеа дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйирот ба вуҷуд омада, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ зарурати қабули қонунҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, бо мақсади ба талаботи нави муносибатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ гардонидани онҳо пеш меояд. Шаҳодати яке аз ин ҳолатҳо дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20-уми июни соли 2024 маҳсуб мешавад[2].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муодили истилоҳи “кӯдак” мафҳумҳои зиёде, чун “ноболиғ”, “наврас”, “навзод”, “фарзанд” ва ғ. истифода мегарданд.

Мувофиқи моддаи 1 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак “Дар ин Конвенсия ҳама гуна мавҷудоти инсонии то синни 18 сола кӯдак ҳисобида мешавад, агар тибқи қонуне, ки нисбати ин кӯдак истифода мегардад, он пештар ба синни балоғат нарасида бошад”[3].

Дар асоси натиҷагирӣ аз татбиқи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Пешвои миллат зимни суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9-уми марти соли 2024 таъкид доштанд, ки «ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи кишвар дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз соли 2016 то имрӯз барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур 19 ҳазору 480 нафар, аз ҷумла 1170 нафар омӯзгорон ва 18 ҳазору 310 нафар падару модарон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Боиси ташвиш аст, ки вайронкунии талаботи қонунҳои миллии номбаршуда бештар аз ҷониби баъзе хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорон, ходимони дин, фарзандон ва хешу табори онҳо содир мегардад.

Дар баробари ин сабаби дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»-ро муҳаққиқон ва ҳуқуқшиносон аз ин омилҳо иборат медонанд, аз ҷумла:

– содаву оммафаҳм ва ба таври васею фарогир танзим намудани муносибатҳо оид ба таълиму тарбияи кӯдак бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда ва ҷавобгӯ ба талаботи замон дар доираи қонуни мазкур;

– мушаххасу мукаммал намудани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати идоракунии давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат, ҳамкории мақомоти давлатӣ, ҷомеаи кишвар ва татбиқи мушаххаси меъёрҳои қонуни мазкур;

– шарҳу тавзеҳи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз байн бурдани носаҳеҳӣ (духӯрагӣ) ва гуногунфаҳмии меъёрҳои ҳуқуқӣ доир ба муносибатҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ки дар қонуни қаблан амалкунанда мавҷуд буданд[4].

Инчунин омилҳои дигар низ доир ба таҳрири нав низ аз ҷониби мутахасисон зикр гардидааст. Аввалан, ба ҷойи мафҳуми «фарзанд» истифода бурдани мафҳуми «кӯдак» ва дар ин замина ворид намудани тағйирот ба номи қонун асоси мантиқӣ дорад (боби 1, моддаи 1). Зеро мафҳуми «фарзанд» хусусияти умумӣ дорад, зеро барои волидайн то дами вопасини умр ҳамаи кӯдакон (новобаста аз синну сол) фарзанд мебошанд. Инчунин, баъди фавти онҳо низ ба сифати фарзанди ҳамон волидайн муаррифӣ карда мешаванд. Умуман, фарзандро ба марҳилаҳои синнусоли тақсим намудан оҳанги ғайримантиқӣ медиҳад[5].

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», 14.12.2010.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20-уми июни соли 2024.

[3] Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://khit.tj/wpcontent/uploads/2016/01/4.-Konventsiya-oid-ba (санаи мурочиат: 05.03. 2025).

[4] Қурбонализода, Н., Соҳибзода, М. Мулоҳизаҳо дар хусуси навгониҳо ва афзалиятҳои ҳуқуқии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://khovar.tj/(санаи мурочиат: 05.04. 2025).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак» аз 24-уми марти с. 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://http://mmk.tj/content (санаи мурочиат: 10.03. 2025).

Мафҳуми «кӯдак» бошад, марҳилаи муайян ё як давраи мушаххас, на ин ки тамоми ҳаёти фарзандро ифода медорад. Аз ин рӯ, дар доираи қонун мушаххас кардани синну соли ниҳоии кӯдак дар тарҳи нави қонун ба мақсад мувофиқ буда, камбудии ҷойдоштаи қонуни қаблиро бартараф намуд.

Дуюм, тағйироту иловаҳо ба сохтори қонуни мазкур дар тарҳи нав аз як тараф, мазмуни қонунро мукаммал кард, аз тарафи дигар, ҳуқуқ, вазифа ва уҳдадориҳои се ниҳоди муҳими иҷтимоӣ: оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро, ки дар раванди таълим ва тарбияи кӯдак ҳар кадом нақши калидӣ мебозанд, дақиқ ва возеҳ мушаххас намуд.

Сеюм, дар тарҳи нави қонун принсипҳои масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак, сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ҷалби аҳли ҷомеа барои таълиму тарбияи кӯдак, мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд мушаххас нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, хулоса намудан мумкин аст, ки бо ташаббусҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати кишвар таҷрибаи таҳияи қонунҳоро бо назардошти хусусияти хос ба низоми сиёсати ҳуқуқии мамлакат мутобиқ гардонидаанд. Аз ҷумла саҳами Пешвои миллат дар ташаккули қонунгузории миллӣ дар самти таълиму тарбияи кӯдак назаррас буда, зери сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон комилан ба роҳ монада шудааст.

МЕХАНИЗМҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

МЕХАНИЗМЫ ЗАЩИТЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

ҚУРБОНЗОДА АБДУМАЛИК ТУРАХОН
муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: abdumalik.kurbonov@bk.ru

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовард ва нодиртарин падида дар таърихи ҳастии миллати тоҷик мебошад, ки пас аз ҳазорсоли вобастагии сиёсӣ, ҳамчун натиҷаи саъю талош, муборизаю исён ва бозтобкунандаи орзую ормони ниёгон насиби насли саодатманди он гардидааст. Бо ин манзур метавон гуфт, ки комёб гардидан ба Истиқлолии давлатӣ барои миллати тоҷик самари фидокориву талошҳои бардавоми фарзонафарзандони ин миллат дар ин ҷода аст. Зеро миллати тоҷик садсолаҳо бо ормони бунёди давлати мустақили миллӣ зиндагӣ ба сар мебурд. Озодӣ барои ҳар миллат дастоварди муқаддас ба шумор меравад.

Даврони Истиқлолро марҳилаи пайдоиш ва инкишофи андешаи ҳуқуқи инсон низ номидан мумкин аст. Зеро маҳз дар ҳамин давра ба таври расмӣ дар сатҳи Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардид.

Вобаста ба ин, давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро мақсаду вазифаҳои муҳиммтарини худ шуморида, баҳри амалӣ намудани он механизмҳои ташкиливу ҳуқуқиро таҳия ва роҳандозӣ менамояд. Инсон ва шаҳрванд бошад, қисми таркибии ҷомеа буда, дар баробари ин барои бунёду пойдории давлат, рушду нумуи он, инчунин ҷиҳати барҳурдорӣ аз ҳуқуқу озодиҳои худ талош меварзад. Давлат бо инсону шаҳрванд алоқамандии мушаххас дорад ва онҳо дар раванди ҳастии худ ҳамдигарро пурра мекунанд. Аз ин рӯ, давлатро бе инсону шаҳрванд тасаввур кардан номумкин аст. Дар навбати худ, инсону шаҳрванд низ дар пайвастагии сахт бо давлат ташаккул ёфта, иштирокчӣ ва бунёдкори муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад[1].

Дар байни инсону шаҳрванд ва давлат муносибатҳои бешумор дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд. Қисми муҳимми ин муносибатҳо дар ҷомеаи ҳозиразамон хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ доранд. Вобаста ба ин, муносибати инсону шаҳрванд

[1] Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. китоби дарсӣ. – Душанбе: «Оли Сомон», 1997. – С. 117.

ва давлат шакли сиёсӣ пайдо мекунад. Барои амалӣ гардондани муносибатҳои сиёсии байни шаҳрванд ва давлат алоқамандии онҳо хусусияти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Баробари ин, гуфтан лозим аст, ки дар давраи ҳозира муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва ғайра, ки дар байни давлат ва инсону шаҳрванд муқаррар гардидаанд, бештар хусусияти сиёсӣ доранд. Амалӣ шудани ин муносибатҳо алоқамандии инсону шаҳрвандро бо давлат боз ҳам мустаҳкам мегардонад[1].

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ сарнавишти миллат бо дасти худаш иншо гардида, шакли идораи давлатӣ, асосҳои сохти конститутсионии ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, самти сиёсати дохилию байналмилалии он ва дигар масоили муҳимми давлатӣ мустақилона муайян карда мешавад.

Дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 эълон гардидани Истиқлоли давлатӣ ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидани Тоҷикистон барои асос гузоштани пояҳои бунёдии давлатдории миллии тоҷикон имконият фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастёб гардидан ба ин сатҳи баланди сиёсию ҳуқуқӣ ба марҳилаи сифатан нави инкишофи таърихии худ қадам гузошт.

Вобаста ба ин, 6-ноябри соли 1994 дар Тоҷикистони соҳибистиқлол тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсия қабул гардида, дар заминаи он низоми самарабахши ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд, ки ин ҳолат марҳилаи муҳимтарини аз нав ташаккулёбии мақомоти давлатӣ ва татбиқи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардид. Конститутсияи мамалакати мо тамоми ҳуқуқу озодиҳоеро, ки санадҳои байналмилалӣ кафолат додааст, фаро мегирад. Ғайр аз ин, дар Конститутсия танҳо принсип ва самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд.

Аз ин рӯ, оид ба ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба зарурат санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул мегарданд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояву ҳифзи он аз зумраи онҳо ба шумор мераванд[2].

Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз муносибатҳои мураккабе иборат аст, ки вобаста ба мавқеи шахс дар ҷомеа соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти онҳоро дарбар мегирад. Дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқи тафаккури ҳаёти ҷомеа муносибатҳои бавуҷудоянда ҳаёту фаъолияти шахсро фаро мегиранд, вале ҳеҷ як соҳаи ҳуқуқ дар алоҳидагӣ онҳоро танзим карда наметавонад. Танҳо ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ дар умум онро мустаҳкам ва танзим менамоянд. Бо вуҷуди ин, меъёри ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи махсус дошта, мувофиқи хусусиятҳои ба танзимандозии худ мавқеи шахсро дар самтҳои асосии ҳаёт ба таври мушаххас муайян намудааст. Он муносибатҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандро вобаста ба мақеи он дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ муқаррар менамоянд. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ асосҳои ҳолати ҳуқуқи инсону шаҳрвандро дар Тоҷикистон муқаррар менамоянд[3].

Паҳлуҳои алоҳидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро қонунҳои алоҳида муқаррар ва мустаҳкам мекунанд, ки қонунҳо оид ба интихобот ва раъйпурсӣ, оид ба оила, маориф, тандурустӣ, мудофиаи граждани, манзил, замин, дар бораи судҳо, дар бораи амният ва мақомоти алоҳидаи давлатӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Эълон гардидани муқаддас шуморидани озодӣ ва ҳуқуқи шахс аз номи халқи Тоҷикистон дар муқаддимаи ин санади олии меъёрии кишвар, ки мақсади қабул намудани онро ифода менамояд, мустаҳкам гардида, дар муайян намудани ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд нақши асосӣ бозидааст.

Бо дастёбӣ ба Истиқлоли давлатӣ ва қабули Конститутсия Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ шинохта шуда, арҷгузорӣ ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва афзалиятноки давлат муқаррар гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати нави миллиро ба таври ҳуқуқи расмӣ гардонда, таҳкурсӣ, шакл, вазифаҳо ва моҳияту ҳадафи онро муайян намуд. Ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар боби алоҳидаи Конститутсия мушаххасан ба танзим

[1] Имомов, А. Асари зикршуда. – С. 117.
[2]Ниг.: Боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 11.
[3] Имомов, А. Асари зикршуда. – С. 119.

дароварда шуда, усулҳо ва кафолати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар карда шуд.

Як қаттор падидаҳои ҳуқуқӣ конститутсионии марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабили шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар боби мазкур муттаҳид карда шуда аст, ки дар маҷмӯ ҳамчун маҳаки муайянкунандаи мақоми инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва давлат мебошанд. Маҳз ҳамин меъёрҳо уҳдадории давлатро ҷиҳати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар менамоянд. Ба сатҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба онҳо баҳо дода мешавад. Мазмуни вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд асосан вобаста ба ҳуқуқу вазифаҳои онҳо тавассути қонунгузории миллӣ танзим ва амалӣкарда мешавад[1].

Бо ҳамин манзур дар марҳилаи фавқуззикр ҳамвора бо инкишофи сифатан нави низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати татбиқ намудани онҳо ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳким ёфта, ширкат варзидани онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ вусъат меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёд намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст ва дар ин ҷода фароҳам овардани фазои ҳуқуқии ҷомеа вазифаи авалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд буда, ғояи меҳварии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд усулҳое мебошанд, ки дар хусуси моҳияту мазмуни ин падида шаҳодат медиҳанд.

Амалӣ ва татбиқшаванда будани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бо роҳи муқаррар кардани кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд. Кафолатҳо дар он вазифаҳои ба уҳдаи худ гирифтаи давлат ифода меёбанд, ки барои таъмини вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд таъин гардидаанд. Ин кафолатҳо вазъи ҳуқуқӣ ва ҳақиқии инсону шаҳрвандро дар ҷомеа ба якдигар пайванд месозанд[2].

Барои таъмини ҳуқуқи озодиҳои инсону шаҳрванд давлат қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамояд, инчунин сохторҳои муайян ва мушаххаси худро созмон медиҳад, ки ҳамчун механизми мустақил ва кафолатдиҳанда амал мекунанд. Вазифаи онҳоро дар ин самт тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунад. Ҳамзамон тибқи Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва дигар асноди дахлдор худи шаҳрвандон метавонанд бевосита ва фаъолона дар риоя гардидани ҳуқуқу озодиҳои худ ба мақомоти салоҳиятнок мурочиату мусоидат кунанд.

Барои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон бо қонунҳои кишвар ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудаанд, ки ин ҳам ҳамчу механизми риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд амал мекунад.

Суд, прокуратура, мақомоти корҳои дохила мақомоте мебошанд, ки бевосита фаъолияташон ба ин мақсад равона карда шудааст. Умуман гавҳари кори ниҳодҳои давлатӣ, ба хусус Ҳукумати кишвар ва ҳукуматҳои маҳал инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба ҳисоб меравад. Давлат ва ҳукумат танҳо ба хотири инсон аст. Дар ҳолати дигар бунёду рӯйи кор будани давлату ҳукумат ҳамчу созмони сиёсӣ номумкин ва хилофи мантиқ аст.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, яке аз механизмҳои асосии риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд дар Тоҷикистон баромад мекунанд. Шумораи зиёди санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсону шаҳрванд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуд. Дар ин росто, мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ дастоварди замони Истиқлол ва яке аз механизмҳои риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд аст.

– Конвенсияи Женева аз 12 августи соли 1949 ва ду Протоколи иловагӣ бар онҳо аз 8 июни соли 1977, ва дигар санадҳои байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд:

– Конвенсияи Женева оид ба беҳтаршавии аҳволи маҷрӯҳон ва беморон дар артишҳои амалкардаистода (Конвенсияи I Женева);

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 7-16.

[2] Имомов, А. Асари зикршуда. – С. 119.

– Конвенсияи Женева оид ба беҳтаршавии аҳволи маҷрӯҳон, беморон ва шахсони аз ҳайати қувваҳои мусаллаҳ, ки дар рафти ғарқи киштӣ дар баҳр осеб дидаанд (Конвенсияи Женева);

– Конвенсияи Женева оид ба муносибат бо асирони ҳарбӣ (Конвенсияи III Женева);

– Конвенсияи Женева оид ба ҳимояи аҳолии шаҳрвандӣ дар рафти ҷанг (Конвенсияи IV Женева);

– Протоколи иловагӣ ба конвенсияи Женева, ки ба ҳимояи қурбониёни низоъҳои байналхалқӣ дахл дорад (Протоколи I);

– Протоколи иловагӣ ба конвенсияи Женева, ки ба ҳимояи қурбониёни низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқидошта дахл дорад;

– Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[1];

– Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ;

– Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон;

– Конвенсия зидди шиканҷа зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф аз ҷумлаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие мебошанд, ки Тоҷикистон онҳоро эътиоф намуда, ҷиҳати амалӣ гардидани онҳо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро таҳия ва қабул намудааст[2].

Дуруст аст, ки дар санадҳои дахлдори байналмилалӣ инсон, озодӣ шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои фитрии он ба сифати волотарин арзиш қайд гардидааст[3].

Дар ҳамин иртибот, давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба риояи талабот ва таъмини иҷрои ин таъинот уҳдадор мебошанд. Аз ҷумла, ин таъинот нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ҳамчун узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ (аз 2-уми марти с. 1992) паҳн мегардад. Яке аз иқдомҳои саривақтии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди гароиш намудан ба низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва мустаҳкам намудани принсипҳои умумиэътирофгардидаи хусусияти демократию инсондӯстидошта, аз ҷумла, ба тасвиб расондани созишномаҳои байналмилалию минтақавии дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дурустии ин ақидаро дар муносибатҳои гуногунҷанбаи зуд тағирёбандаю муракабгардидаи субъектони ҷаҳони муосир ва роҳи дар даврони соҳибистиқлолӣ тайнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад.

Омузиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тавассути Конститутсияи Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқи байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, инчунин қонунҳои миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррар гардида, тавассути сохторҳои дахлдори давлатӣ риоя ва ҳифз карда мешаванд. Ин механизмҳо кафолат медиҳанд, ки инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба таври густурда бархурдор бошад.

Бинобар ин, дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, мо насли ҷавон ва зодаи даврони Истиқлолро водор месозад, ки барои дар муқобили ҳамагуна таҳдиду хатарҳои рӯзафзун бо рӯҳияи шикастнопазир устуворона мубориза бурда, ҷиҳати ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёд ва арҷгузорандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тарақӣ намудани Тоҷикистони азиз некбинона кӯшиш намоем.

[1] Менглиев, Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010 – С. 349.
[2] Бобоев, У.Х., Диноршоев, А.М., Қодирқулов, Х.Р. ва диг. Ҳуқуқи инсон / Маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – С. 272.
[3] Бобоев, У.Х., Диноршоев, А.М., Қодирқулов, Х.Р. ва диг. Асари зикршуда. – С. 552.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПОДРАЗДЕЛЕНИЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ ОХРАНЫ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

МУКАММАЛ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ВОҲИДҲОИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ МУҲОФИЗАИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МАЪРУФЗОДА МАЪСУМАХОН МАЪРУФ
старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции
E-mail: marufzoda79@mail.ru

В 40-х и начале 50-х годов на территории Республики Таджикистан продолжала действовать ведомственная милиция. Все больше и больше под ее охрану на договорных началах принимались такие жизненно важные объекты как заводы, фабрики, банки, базы, водохранилища, гидроузлы, научно-исследовательские учреждения, библиотеки, архивы и другие особо важные сооружения.

Ведомственная милиция не только выполняла обязанности общей милиции по поддержанию общественного порядка, но и вела борьбу с преступностью на указанных охраняемых объектах. Вместе с тем, в начале 50-х годов большой размах приобрело строительство новых городов, заводов, фабрик и других объектов государственного значения Грандиозные успехи государственного и культурного строительства страны незамедлительно потребовали должного внимания по обеспечению и охране государственного и общественного имущества.

Одной из важнейших функций органов внутренних дел была и остается органа государственного имущества. Исходя из условий тех дней, Совет Министров СССР своим Постановлением от 29 октября 1952 года образовал службу вневедомственной охраны, в котором особо указывалось, что. при органах милиции в республиках, краях и областях, а также в крупных городах республиканского краевого и областного подчинения создается вневедомственная наружная сторожевая охрана, в обязанности которой входила охрана мелких торговых и хозяйственных объектов: магазинов, парки, киоски, палатки склады, небольшие бытовые мастерские и другие объекты[1].

Для охраны объектов в крупных городах, где требовалось большое количество сторожей, с учетом административного деления города организовывались районы охраны объектов. При МВД и УВД в целях ведения общего руководства этими подразделениями были созданы управления ведомственной сторожевой охраны, которые в свою очередь несли материальную ответственность за принятие под охрану объектов народного хозяйства[2].

Служба вневедомственной сторожевой охраны на территории Таджикистана была организована не сразу. Вначале отдел был организован в городе Душанбе, затем последовательно возникали в городах Ленинабаде, Курган-Тюбе, Кулябе при УВД областей, что было связано, в первую очередь с тем, что активное развитие народного хозяйства вызывало необходимость усиления и укрепления охраны материальных ценностей объектов народного хозяйства.

Приказом МВД Таджикской ССР за № 53 от 31 марта 1953 года отдел вневедомственной сторожевой охраны был преобразовал в Управление вневедомственной сторожевой охраны при МВД Таджикской ССР и утверждены штатные единицы. В соответствии с постановлениями и другими нормативными правовыми внутриведомственными документами, для подразделений охраны милиции стали выделять автомототранспорт, улучшилось обеспечение личного состава спецодеждой, внедрялись современные технические средства сигнализации. Впервые охранной сигнализацией был оборудован промтоварный магазин № 39 горторга Душанбе, затем такие сигнализации были установлены на специальных важных объектах на территории всей республики. Внедрение сигнализации привело к тому, что резко уменьшилось число краж на этих объектах, а служба вневедомственной охраны не только оправдала себя, но и в тоже время расширилась и укрепила свои позиции.

[1] История органов внутренних дел Советского государства / Под. рек. Р.С. Мулукаева. - М., 1986. - С. 110.
[2] Порядок приема объектов под охрану подразделениями вневедомственной охраны / Под. ред. С.С. Жилалкина. - М.,1983. - С. 5.

Особенностью данной службы было то, что сотрудники вневедомственной охраны содержались за счет средств, поступающих от предприятий, учреждений и организаций за услуги охраны, личный состав этой службы должен использоваться только на охране объектов народного хозяйства. Запрещается использовать его для охраны изоляторов временного содержания, конвоирования арестованных, проверки паспортного режима и на других видах службы, не связанной с охранной объектов народного хозяйства.

Подразделения милиции вневедомственной охраны являлись составной частью этой охраны и входили в ее личный состав. Они подчинялись приказам и инструкциями МВД СССР и указаниям Главного управления вневедомственной охраны МВД СССР, начальнику отдела вневедомственной охраны, который нес ответственность за обучение, воспитание и организацию службы милиционеров[1].

Милиция вневедомственной охраны осуществляла охрану объектов народного хозяйства и личного имущества граждан как правило парными патрулями на автомашинах, мотоциклах, мотороллерах и пешим порядком по определённым маршрутам, которые включались в единую дислокацию, а также с помощью пультов центрального наблюдения.

Дислокация постов патрулирования разрабатывалась отделом вневедомственной охраны с учетом расположения охраняемых объектов, их технической оснащённости, наличия средств охранно-пожарной сигнализации, расстановки сил и средств ОВД, а также с учетом сложившейся оперативной обстановки. Для этого проводился тщательный анализ совершенных преступлений и правонарушений. Правильно составленная дислокация постов позволяла милиционерам наиболее эффективно нести службу и обеспечиваться хорошим их взаимодействием.

В 1964 году в порядке эксперимента Главным управлением вневедомственной охраны МВД СССР в городе Ленинграде была произведена частичная замена сторожевой охраны на милицейскую. Результаты введения милицейских постов и маршрутов незамедлительно привело к уменьшению числа краж и уличных преступлений, а также улучшению оперативной обстановки в целом по всему городу.

На территории Таджикской ССР первые наряды милиции были введены в 1967 году сначала в крупных городах, таких, как Душанбе, Курган-Тюбе, Ленинабаде, общая численность которых составляла 120 единиц. За счет сокращения сторожевой службы осуществлялся ввод сотрудников милиции. Практика показала, что такая замена позволила повысить надежность охраны объектов, а также усилить борьбу с уличной преступностью и поддержанием общественного правопорядка.

Уже к 1969 году за счет сокращения 525 сторожей, было введено 175 штатных единиц сотрудников милиции, которыми впоследствии было предотвращено 72 факта совершения преступлений[2].

Патрульно-постовая служба милиции вневедомственной охраны была наиболее прогрессивным методом охраны объектов. Главное ее назначение состояло не только в обеспечении надежной охраны объектов народного хозяйства, личного имущества граждан, поддержания, общественного порядка в зонах постов и маршрутов патрулирования, но и в защите интересов государства, созидательного труда, отдыха и прав граждан от преступных ин иных посягательств.

В этих целях наряды милиции вневедомственной охраны, которые, кстати, были оснащены мотоциклами и радиосвязью, охраняли до 30 объектов, что свою очередь позволяло своевременно выезжать на любой объект, а также раскрывать преступления по горячим следам.

Далее, в соответствии с Приказом МВД СССР от 11 декабря 1970 года была создана ночная милиция, которая задействовалась в системе единой дислокации всех служб ОВД в вечернее и ночное время в целях борьбы с уличной преступностью и соблюдению общественного порядка. Наряды ночной милиции были признаны в качестве отдельного структурного подразделения ОВД республики.

Ещё в 1974-1975 годы по инициативе МВД СССР в системе ряда министерств, в частности, легкой промышленности, промышленного строительства, создало специальные службы по изучению и устранению причин и условий, порождающих хищения, бесхозяйственность, способствующих непроизводительным потерям и расходам. Практика подтвердила целесообразность таких

[1] Устав патрульно-постовой службы советской милиции. - М., 1974. – С. 182.
[2] Караева, Н.А.. Вневедомственной охране 50 лет // Сипар, 2003. № 8.

преобразований. За сравнительно короткое время было сохранено от хищений и получено дополнительной прибыли на десятки миллионов рублей[1].

В результате применения новшеств, служба вневедомственной охраны МВД претерпела количественному и вместе с тем, качественному изменению.

Начиная с конца 60-х годов и в последующие десятилетия под охрану попадали все большее количество крупных предприятий, учреждений, организаций республиканского и общесоюзного значения. До начала 70-х годов объекты народного хозяйства охраняли в основном сторожи и ведомственные подразделения. К концу десятой пятилетки 80 % объектов было передано под наиболее надежную, централизованную охрану, действовавшую совместно со службой ночной милиции.

Установка пультов Централизованного наблюдения, которая стала на то время наиболее экономически выгодной системой своевременного пресечения попыток преступных посягательств на государственные и общественные достояния в значительной мере совершенствовало эффективную деятельность отделов вневедомственной охраны.

Там, где были сконцентрированы значительные материальные ценности, эти объекты были оборудованы средствами охранной сигнализации. Разработка и внедрение технологически надежных и эффективных приборов охранной сигнализации из числа ультразвуковых, фотоэлементных и других приборов намного укрепила позицию службы милиции. Налаживание выпуска этих технических средств промышленности позволило в кратчайшие сроки обеспечить подразделения милиции необходимой аппаратурой и кабельной продукцией.

Отделы вневедомственной охраны при УВД областей составили комплексный план по оборудованию особо важных объектов со средствами охранно-пожарной сигнализации с подключением ин на ПЦН. С другой стороны, служба вневедомственной охраны, выполняя решения коллегии УВД и МВД республики, обследовали и определили особо важные объекты для оборудования новейшей техникой. С целью осуществления этих целей для оказания практической помощи, за всеми районными подразделениями были закреплены инспекторы и инженеры областного аппарата ОВО, которые в районах областей организовывали работу по установлению сигнализации.

С приходом выпускников из различных специальных инженерных школ милиции, в 70 -80 годы служба вневедомственной охраны УВО МВД Таджикской ССР последовали большое изменения, связанные с одной стороны наличием специалистов, а с другой - широким использованием новейших научно-технических достижений, укрепления технического состояния охраняемых объектов. Пульты централизованного наблюдения поэтапно к началу 90-годов стали совершенствоваться.

Сотрудники милиции вневедомственной охраны при выполнении своих задач по охране объектов были обязаны предотвращать и пресекать различные правонарушения в районе своего маршрута. Служба требовала от сотрудников высокой бдительности, решительности, выдержки и умения быстро ориентироваться в сложившейся неблагоприятной обстановке.

Исходя из этого, для работы в охране стали привлекаться специалисты с техническим образованием, введены должности начальников пультов централизованной охраны, инспекторов-инженеров, в крупных отделах работало до 30-40 электромонтеров. В связи с этим, республике были организованы курсы по обучению работников технического профиля. В г. Воронеже была открыта средняя специальная школа милиции, где готовили специалистов для Таджикистана, которые впоследствии назначались на должности начальников ПЦО. В этой школе обучались и получили специальное образование около 40 сотрудников системы охраны республики.

МВД Таджикской ССР систематически принимало меры, чтобы подразделения ОВО на местах были вооружены современными видами приборов сигнализации. Количество предприятий, учреждений и других объектов, охраняемых вневедомственной охраной к 1976 году в Таджикистане, увеличилось более чем в четыре раза. Последовательная замена сторожевого состава вневедомственной охраны на милицейскую и включение объектов на ПЦН позволило преобразовать отделы вневедомственной охраны МВД Таджикской ССР в Управление ВО МВД. В результате деятельности УВО в республике значительно сократились кражи государственного и личного имущества.

[1] Советская милиция. История и современность 1917-1987 гг. - М. Юридическая литература, 1990. – С. 231.

Правовой основной функционирования вневедомственной охраны служила как было подчеркнуто выше, Типовым положением о вневедомственной охране при органах милиции[1].

Согласно данному Положению, основными задачами вневедомственной охраны стали:

– охрана объектов от хищений социалистического имущества и проникновения посторонних лиц на охраняемые объекты;

– разработка и осуществление мероприятий по улучшению организации охраны, совершенствованию технических средств охраны, сокращению численности и удешевлению охраны объектов;

– осуществление технического надзора за выполнением монтажных работ по оборудованию объектов средствами охранной сигнализации;

– обеспечение эксплуатационного обслуживания аппаратуры охранной и охранно-пожарной сигнализации;

– обеспечение эксплуатационного обслуживания аппаратуры охранной и охранно-пожарной сигнализацией на объектах, охраняемых вневедомственной охраной, за счет средств, предусмотренных сметами на ее содержание.

Оборудование техническими средствами сигнализации на объектах Минторга и Таджикпотребсоюза осуществлялось Ленинабадским участком РМК Таджикпотребсоюза. Эксплуатационное обслуживание Ленинабадского участка осуществлялось Душанбинским экспериментальным заводом «Эталон» на договорных условиях, за исключением охраняемых объектов подразделениями области.

На объектах Госснаба и Госагропрома Таджикской ССР внедрение эксплуатации технических средств осуществлялось силами Душанбинского монтажно-наладочного участка № 2 Спецавтоматика.

Следует особо отметить, что к 90-ым годам более 90 % наиболее важных объектов на местах и в центре республики были оборудованы средствами сигнализации даже в несколько рубежей защиты и все они были подключены на ПЦН. Столица республики, города Куляб, Ленинабад, Нурек, Чкаловск и ряд других по этим показателями вышли на передовые позиции.

С развалом Советского Союза и наращением хозяйственных отношений нанесло большой удар по дальнейшему развитию ведомства. Возникшие негативные факторы оказали большое отрицательное влияние на процесс развития пунктов централизованного наблюдения, пагубно отразившись не только на государственном, но и на честном секторе, включая охрану квартир граждан.

ТАРАФҲОИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТӢ

СТОРОНЫ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА В ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЯХ

МУЗАФАРЗОДА МАРҶОНА ШАРИФБЕГ
унвончӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: tv1@gmail.com

Муайян намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кормандон ва корфармоён, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат ба ҳисоб мераванд. Вазифаҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат аз фароҳам овардани шароитҳои муҳимми ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои меҳнатии кормандон ва корфармоён, инчунин танзими муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ва дигар муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, бокортаъминкунӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандон, пешбурди музокироти коллективӣ, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, баррасии баҳсҳои меҳнатӣ, бастани

[1] Постановление Совета Министров СССР «Типовое положение о вневедомственной охране при органах милиции» от 18.02.1966 г.

шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, иштироки кормандон ва иттифоқҳои касаба дар муқаррар намудани шароитҳои меҳнат ва татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, шарикии иҷтимоӣ, ва ғайраро дар бар мегирад.

Нақши муҳиммро дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ доранд, ки ин ҳам бошад, тарафҳои шарикии иҷтимоӣ баромад мекунанд. Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат, пеш аз ҳама, кормандон, инчунин корфармоён мебошанд, ки аз ҷониби намояндагони ба таври дахлдор ваколатдор намояндагӣ мекунанд. Шакли фаъолияти мутақобилаи ин категорияҳо бастани шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ, таъсиси мақомоти шарикии иҷтимоӣ, ба дӯш гирифтани уҳдадориҳо, ҳамоҳангсозии манфиатҳо мебошад.

Масъалаҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар заминаи ҳуқуқи меҳнат муҳим арзёбӣ мешаванд, зеро шарикии иҷтимоӣ ба натиҷаҳои иқтисодии меҳнат таъсири назаррас мерасонад. Шарикии иҷтимоӣ ин ҳамкории байни корфармоён, кормандон ва давлат мебошад, ки ба танзими муштараки муносибатҳои меҳнатӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Аҳамияти ин мавзуъ дар он аст, ки он ба муҳайё намудани муҳити нисбатан устувор ва пешбинишавандаи иқтисодиёт ва муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунад. Шарикии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки барои раванди пурсамар ва инноватсионии меҳнат шароит фароҳам оварад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ақидаҳои зиёд мавҷуданд.

Хорошкевич Н.Г. қайд менамоянд, ки вобаста ба шумораи тарафҳои иштироккунанда он метавонад дуҷониба, сеҷониба ва бисёрҷониба бошад. Шарикиҳои дуҷонибаи иҷтимоӣ одатан байни кормандон ва корфармоён ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат, онҳо инчунин мегӯянд, ки шарикии иҷтимоӣ дар асоси принсипи дуҷониба "бипартизм", яъне робитаҳои шарикони анъанавии иҷтимоӣ сохта мешавад. Шарикони анъанавӣ ҳамчун иттифоқҳои касаба ва корфармоён фаҳмида мешаванд[1].

Созишномаҳо инчунин дар сатҳҳои гуногун қабул карда мешаванд ва аз ҳудуди ташкилот берун мераванд, ки меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 301 Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) пешбинӣ намудаанд.

Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. чунин зикр намудаанд, бо мувофиқаи ҷонибҳои дар музокиротбуда, мавзуъҳои созишномаҳо муайян карда мешаванд, ки метавонанд дуҷониба бошанд, дар он намояндагони кормандон ва корфармоён ва сеҷониба, ки дар он мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ низ ширкат меварзанд. Онҳо намояндагони худро барои ташкили комиссияҳои доимии сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар сатҳи дахлдор пешниҳод менамоянд.

Ин комиссияҳои сетарафа дар асоси принсипи трипартизм (истилоҳоти ТБМ) фаъолият мекунанд, яъне, ҳамкории сеҷониба, ки дар он се тараф намояндагӣ мекунанд: аз кормандон-иттифоқҳои касаба, аз корфармоён-иттиҳодияҳои онҳо, аз ҷониби давлат-мақомоти ваколтадор[2].

Сафаров М. зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 инҷониб Комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба сифати механизми ниҳодӣ (институтсионалӣ) фаъолият менамояд[3].

Сайдахмедов А.И. қайд менамояд, шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли принсипан нави муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар он аст, ки корманд: якум, танҳо объекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро қатъ намуда, дар баробари соҳибмулк–корфармо субъекти фаъоли ин муносибатҳо мегардад, ки танзими онҳо дар сатҳҳои гуногун амалӣ мегардад; дуюм, муҳиммтарин принсипи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин раванд иштироки

[1] Хорошкевич, Н.Г. Социальное партнерство: российский и зарубежный опыт: учебное пособие / Н.Г. Хорошкевич; под общ. ред. И. Д. Тургель. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2021. – С. 16.
[2] Маҳмадуллозода, Н.Р., Наботов, С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: “Сомон Принт”, 2021. – С. 122.
[3] Сафаров, М. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳоду ҳамбастагӣ // Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” / [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj/index. php?art_id=47593

баробари мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, намояндагони корфармоён ва кормандон мебошад[1].

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш эълон доштааст.

Моддаи 28 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи шахрвандонро ба муттаҳид шудан, аз ҷумла, ба таъсис додани иттифоқҳои касаба бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон муқаррар намудааст.

Ба ҳайси субъектони муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ давлат, корфармоён, намояндагони меҳнаткашон, иттифоқҳои касаба ва дигар мақомотҳои намояндагии кормандон, мақомоти назорати риоя ва иҷрои қонунгузорӣ оид ба меҳнат маҳсуб меёбанд.

Ба гурӯҳи муносибатҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, муносибатҳои шарикӣ- иҷтимоӣ дар бобати баргузорӣ ва раванди музокироти коллективӣ ҷиҳати бастани шартномаҳои коллективӣ ва иҷрои онҳо, муносибатҳо оид ба иштироки кормандон дар идоракунии истеҳсолот, муносибатҳо оид ба муқаррар намудани шароити меҳнат, муносибатҳо дар бобати мустақиман омодасозии касбӣ ва такмили ихтисос дар ташкилотҳо, муносибатҳо оид ба истироҳат, муносибатҳо оид ба муҳофизати меҳнат, муносибатҳо дар бахши назорати риоя ва иҷрои қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва ғайра муносибатҳо тааллуқ доранд.

Муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои ҷиддии иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як давлат мебошад. Ба гурӯҳи муносибатҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ маҳсуб меёбад[2], баромад менамояд.

Мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар фаъолияти комиссияҳои сетарафа иштирок намуда, бо назардошти фикру мулоҳизаҳои шарикони иҷтимоӣ дар қарорҳои муҳими сиёсию ҳуқуқӣ қабул кардан ва ба намояндагони кормандон ва корфармоён дар ёфтани роҳҳои ҳалли созишнома ва ба ҳамдигар қобили қабул донистани он кӯмак мерасонад.

Мусоидати давлат дар таҳкими ҳамкории байни кормандон ва корфармоён, рушди шаклҳои гуногуни шарикии иҷтимоӣ, инчунин дар дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани шартҳои асосии ҳамкории тарафҳо, муқаррар намудани кафолатҳо ба шахсони иштироккунандаи гуфтушунидҳои дастаҷамъӣ, пешбинӣ намудани масъулият барои саркашӣ аз иштирок дар гуфтушунидҳои коллективӣ, вайрон кардан ё иҷро накардани шартнома, шартномаи коллективӣ, тадбирҳои муносибро зоҳир менамояд.

Мутобиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, роҳбарии самараноки иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин мекунад (м. 13), гузаронидани сиёсати ягонаи давлатии иҷтимоӣ, татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шахрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ амалӣ мекунад, ба рушди таъминоти иҷтимоӣ ва хайру эҳсон мусоидат менамояд (м. 16)[3].

Мутобиқи моддаи 295 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи намояндагони корфармоён меравад, корфармоён ҳуқуқ доранд, дар иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шаванд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии корфармоён ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ таъсис ёфта, фаъолият мекунанд ва мақсади асосиашон мусоидат ба рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт ва ташаббуси соҳибкорӣ, инчунин бо роҳи ифода намудани манфиатҳои ташкилотҳо ва моликони молу мулк, ҳимояи ҳуқуқи онҳо дар соҳаи муносибатҳои хоҷагӣ ва меҳнатӣ дар мақомоти давлатӣ, дар муносибатҳои ҳамдигарӣ бо намояндагони кормандон ба амал баровардани шарикии иҷтимоӣ мебошад.

---

[1] Сайдахмедов, А.И. Социальное партнерство в Республике Узбекистан, Российской Федерации, Республике Казахстан: сравнительно-правовой анализ: автореф. дис… канд. юрид. наук: 12.00.05 / А.И. Сайдахмедов. – М., 2011. – С. 4.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо аз 26.09 с.1999, 22. 06. с.2003 ва 22. 05. с.2016. - Душанбе: «Нашриёти Ганҷ». 2016. - С. 49.

[3] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми майи с. 2001, №28 // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) (санаи мурочиат: 31.10.2024).

Бояд тазаккур дод, ки меъёри зикргардида ба КМ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2022, № 1897 мавриди истифода қарор дода шудааст.

Аз мазмуни м. 295 КМ ҶТ чунин бар меояд, ки корфармоёнро иттиҳодияҳои онҳо намояндагӣ мекунанд.

Иттиҳодияҳои корфармоён, ташкилотҳои ғайритиҷоратие мебошанд, ки ба узвияти корфармоён асос ёфта, аз ҷониби онҳо баҳри намояндагӣ ва ҳифз намудани манфиатҳои аъзоёнашон дар низоми шарикии иҷтимоӣ, созмон дода мешаванд.

Иттиҳодияҳои корфармоён дар асоси қарори муассисон ташкил карда мешаванд, ки ба ҳайси онҳо на кам аз ду корфармо ё ду иттиҳодияи корфармоён баромад мекунанд.

Қобилҳуқуқии иттиҳодияи корфармоён ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи қайди давлатии он бо тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 508 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» пешбинӣ намудааст, ба вуҷуд меояд (моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»).

Ноил шудан ба мақсадҳои шарикии иҷтимоӣ бештар аз мақоми иштирокчиёни ҳамкорӣ дар ин самт ва аз равишҳои онҳо дар иҷрои уҳдадориҳои худ вобаста аст. Дар соҳаи таҳқиқоти илмии соҳаи ҳуқуқи меҳнат барои муайян кардани таркиби предмети шарикии иҷтимоӣ муносибати умум эътирофшуда вуҷуд надорад. Омӯзиши тадқиқоти мавҷуда дар ин соҳа ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намуд, ки ин ба шаклҳои шарикии иҷтимоӣ вобастагии калон дорад. Дар баробари ин дар адабиёти илмӣ доир ба шаклҳои шарикии иҷтимоӣ нуктаҳои бисёре баён карда шудаанд.

Масалан, Молодсов М.В. ва Головин С.Ю. чунин мешуморанд, ки ин бояд гуфтушуниди коллективӣ, машваратҳои байниҳамдигарӣ оид ба масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд, инчунин кафолати ҳуқуқҳои кормандон ва такмил додани қонунгузорӣ оид ба меҳнатро дар бар гирад. Илова бар ин, ба ин иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот ва иштироки намояндагони кормандон ва корфармоён дар ҳалли берун аз суди баҳсҳои меҳнатӣ дохил мешаванд[1].

Чуча С.Ю. шаклҳои шарикии иҷтимоиро ба танзимкунанда (аз қабили машваратҳо ва гуфтушунидҳои коллективӣ) ва муҳофизати (низомҳои ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ) тасниф мекунад[2]. Мо низ ба ақидаи зикрнамудаи Чуча С.Ю.-ро ҳамфикрӣ намуда, чунин мешуморем, ки зимни бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ «шаклҳои танзимӣ»-и шарикии иҷтимоӣ дохил карда шавад.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки манфиатҳои кормандони ташкилотро ҳангоми гузаронидани гуфтушуниди коллективӣ, бастан ва тағйир додани шартномаи коллективӣ, назорати иҷрои он, инчунин ҳангоми татбиқи ҳуқуқи иштирок дар идоракунии ташкилот, баррасии баҳсҳои меҳнатии байни кормандон ва корфармо ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ё дигар намояндагоне, ки кормандон интихоб кардаанд ифода мекунанд.

Дар Оинномаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: «Иттифоқҳои касаба кӯшиш менамоянд, ки ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шахрванд, бе мансубияти он ба миллат ва дин, ба меҳнат, озодии интихоби касбу кор, шароити одилонаи меҳнат ва манфиатҳои бекорон ҳифз шаванд, низоми иҷтимоии одилонаи музди меҳнат ва шароити кор татбиқ шавад, риояи қонунҳои меҳнат, қоидаву меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист таъмин шавад, замина ва маблағ барои беҳдошти сиҳатии кормандон, аъзои оилаи онҳо, инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба вуҷуд оварда шавад, созишномаю шартномаҳои коллективӣ баста шаванд ва иҷрои онҳо таҳти назорат қарор гирад»[3].

Матскевич О.В. қайд менамоянд, ки агар кормандон аъзои иттифоқи касаба набошанд, онҳо ба ҳар ҳол ҳуқуқ доранд ба мақоми ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ваколат

[1] Молодцов, М.В. Трудовое право России: учебник для вузов / М.В. Молодцов, С.Ю. Головина. – Москва: НОРМА, 2003. – С. 45.
[2] Чуча, С.Ю. Становление и перспективы развития социального партнерства в Российской Федерации / С.Ю. Чуча. – М.: Вердикт-1М, 2001. – С.87.
[3] Манбаи электронӣ – Реҷаи воридшавӣ: https://fikmt.tj/?p=6936; **info@fikmt.tj**

диҳад, ки манфиатҳои онҳоро дар муносибатҳо бо корфармо тибқи шартҳои муқаррарнамудаи ин ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба намояндагӣ намояд[1].

Ба ақидаи мо инчунин, ҳузури намояндаи дигар низ барои амалӣ намудани ваколатҳои ташкилоти иттифоқи касаба монеъ шуда наметавонад, чунки моддаи 166 КМ ҶТ имконияти ба корманд муқаррар намудани кафолатҳо барои иҷрои уҳдадориҳои ба манфиати кормандони ташкилот равонашударо пешбинӣ намудааст, бинобар ин, ҳангоми бастани шартномаи коллективӣ, тарафҳои он бояд ин масъаларо ҳамаҷониба омӯхта, мувофиқи фикри ҳар як аъзои коллективи меҳнатӣ, мақомоти намояндагии кормандон, шарту шароити меҳнат ва вазъи иқтисодии ташкилотро ба инобат гиранд.

Ҳамин тариқ, тарафҳои шарикии иҷтимоиро вобаста ба шаклҳои шарикии иҷтимоӣ гуногуншакл муайян кардан мумкин аст.

Тарафҳои муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, ки кормандон ва корфармо(ён) маҳсуб меёбанд, дар онҳо тавассути намояндагони худ иштирок мекунанд.

Дар ин ҳолат намояндагони кормандон инҳо мебошанд: иттифоқҳои касаба ва ассотсиатсияҳои онҳо, дигар ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, ки дар Оинномаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ё дигар намояндаҳое, ки аз ҷониби кормандон дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМ ҶТ интихоб шудаанд.

Дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ, мавқеи марказиро КМ ҶТ, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд[2].

Мақсади асосии КМ ҶТ фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии одамон равона гардидааст.

Яъне, мақсади асосии КМ ҶТ аз фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои меҳнатии корманд ва корфармо, инчунин танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, бокортаъминкунӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандон, шарикии иҷтимоӣ, пешбурди музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, иштироки кормандон ва иттифоқҳои касаба дар муқаррар намудани шароитҳои меҳнат ва татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ва ғайра иборат аст.

Мутобиқи м. 11 КМ ҶТ муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд, дар баробари КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо созишнома ва шартномаҳои коллективӣ танзим мегарданд, ки муқаррароти онҳо вазъи ҳуқуқии кормандонро дар муқоиса бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бад насозанд.

Хусусияти муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ хусусан созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар хосияти шахсии муносибатҳои иштирокчиён таҷассум меёбад, ки тарафҳои онро дар бар мегирад.

Фасли IV КМ ҶТ, ки шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат номгузорӣ шудааст, дар боби 30 КМ ҶТ тартиби бастани созишнома байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки м. 301 КМ ҶТ намудҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар сатҳи болотар муайян намудааст, яъне сурат гирифтани он дар сатҳи соҳаи алоҳидаи хоҷагии халқ (иқтисодиёти миллӣ), минтақа ва умумидавлатӣ, инъикоси худро дар созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ) ва ҷумҳуриявӣ (генералӣ).

Масалан, тибқи қ. 6 м. 301 КМ ҶТ созишномаҳо якум, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ – байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияи корфармоён ва намояндагони кормандони Тоҷикистон (созишномаи генералӣ).

---

[1] Мацкевич, О.В. Трудовое право: учебник для бакалавриата / О.В. Мацкевич, А.Н. Приженникова, А.В. Буянова. - М.: Прометей, 2022. – С. 113-114.

[2] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604.

Дуюм, дар сатҳи соҳавӣ – байни мақомоти дахлдори давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён ва мақомоти соҳавии намояндагии кормандон.

Сеюм, дар сатҳи вилоятӣ – байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон. Чорум, дар сатҳи шаҳрӣ (ноҳиявӣ) - байни мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои корфармоён (моликон), намояндагони кормандон.

Хулоса, аслан, тарафҳои шарикии иҷтимоӣ кормандон ва корфармоён мебошанд, ки аз ҷониби намояндагони ба таври дахлдор ваколатдор намояндагӣ мекунанд.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки чунин муқаррарот дар моддаи алоҳидаи КМ ҶТ пешбинӣ нашудааст.

Масалан, дар қ. 2 м. 11 КМ ҶТ меъёре ҷой дода шудааст, ки тибқи он муқаррароту шартҳои созишномаи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, шартномаҳои коллективӣ ва шартномаи меҳнатӣ, ки вазъи ҳуқуқии кормандонро дар муқоиса бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон коста месозанд, эътибор надошта, татбиқ намешаванд. Инчунин, боби 30 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи тартиби бастани созишнома байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ меравад, муқаррарот оид ба намудҳои созишнома ва иштирокчиёни он (м. 301), тартиб ва муҳлати бастани созишнома (м. 302), мазмуни созишнома (моддаи 303) ва амали созишнома (м. 304) пешбинӣ шудаанд, аммо муқаррарот дар бораи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар моддаи алоҳидаи КМ ҶТ пешбинӣ нашудааст.

Дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати давлатҳои ИДМ муқаррарот дар бораи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар моддаи алоҳида пешбинӣ шудаанд. Масалан, чунин муқаррарот дар моддаи алоҳидаи Кодексҳои меҳнати Федератсияи Россия (м. 25)[1] ва Ҷумҳурии Узбекистон (м. 39)[2] пешбинӣ шудааст.

Бо ҳамин назардошт, нуқтаи назари худро оид ба такмили Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамоям, ки дар боби 30 КМ ҶТ моддаи 300(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“**Моддаи 300(1). Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ**

Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ кормандон ва корфармоён мебошанд, ки аз ҷониби намояндагони ба таври дахлдор ваколатдор намояндагӣ мекунанд.

Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дар ҳолатҳое, ки ба сифати корфармо баромад мекунанд, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат тарафҳои шарикии иҷтимоӣ мебошанд.”

ПОНЯТИЕ АДМИНИСТРАТИВНОГО ПРАВОНАРУШЕНИЯ В ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫХ АКТАХ ГОСУДАРСТВ-УЧАСТНИКОВ СНГ (СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ)

МАФҲУМИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ДАР САНАДҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТ-АЪЗОИ ИДМ (ҶАНБАИ МУҚОИСАВИИ ҲУҚУҚӢ)

МУХАББАТШОЗОДА ГУЛЗОРА МУХАББАТ
преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
e-mail: kafedra.fmmkd@mail.ru

Совершенствование законодательства Республики Таджикистан в области понятия административного правонарушения немыслимо без проведения сравнительно-правовых исследований в данной области в государствах-участниках Содружества Независимых Государств (далее – СНГ).

[1] Трудовой кодекс Российской Федерации от 30.12.2001, № 197-ФЗ (в ред. от 08.08.2024, с изм. от 22.11.2024 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34683/

[2] Трудовой кодекс Республики Узбекистан: утвержден Законом Республики Узбекистан от 28 октября 2022 года, № ЗРУ-798 (с изм. и доп. по сост. на 20.09.2024 г.) // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=39247440&sub_id=390000&pos

Так, в Республике Таджикистан принят в 2008 году принят Кодекс об административных правонарушениях». В статье 17 кодекса административное правонарушение определено как «противоправное, виновное деяние (действие или бездействие) физического или юридического лица, совершение которого в установленном настоящим Кодексом порядке влечет административную ответственность» [1].

В Российской Федерации такой кодекс принят 30 декабря 2001[2] закрепляет, что административным правонарушением признается противоправное, виновное действие (бездействие) физического или юридического лица, за которое настоящим Кодексом или законами субъектов Российской Федерации об административных правонарушениях установлена административная ответственность.

Кодекс Азербайджанской Республики от 29 декабря 2015 года, № 96-VQ «Об административных проступках»[3] определяет административное проступка как посягающее на охраняемые настоящим Кодексом общественные отношения противоправное, виновное (умышленное или неосторожное) деяние (действие либо бездействие), которое влечет административную ответственность.

В Кодексе Республики Беларусь от 6 января 2021 года № 91-З «Об административных правонарушениях»[4] закреплено положение о том, что административным правонарушением признается противоправное виновное деяние (действие или бездействие) физического лица, а равно противоправное деяние юридического лица, за совершение которого установлена административная ответственность.

Кодекс Республики Казахстан от 5 июля 2014 года № 235-V ЗРК «Об административных правонарушениях»[5] определяет административное правонарушение как противоправное, виновное (умышленное или неосторожное) действие либо бездействие физического лица или противоправное действие либо бездействие юридического лица, за которое настоящим Кодексом предусмотрена административная ответственность.

Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 128 «О правонарушениях»[6] закрепляет, что правонарушение признается совершенное физическим или юридическим лицом противоправное, виновное деяние (действие или бездействие), за которое настоящим Кодексом предусмотрена ответственность.

Кодекс Туркменистана от 29 августа 2013 года «Об административных правонарушениях»[7] под административным правонарушением понимает противоправное, виновное (совершённое умышленно или по неосторожности) действие (бездействие) физического или юридического лица, за которое настоящим Кодексом предусмотрена административная ответственность.

Кодекс Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2015-XII «Об административной ответственности»[8] под административным правонарушением признаётся посягающее на личность, права и свободы граждан, собственность, государственный и общественный порядок, природную среду противоправное, виновное (умышленное или неосторожное) действие или бездействие, за которое законодательством предусмотрена административная ответственность.

---

[1] Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 г., № 455 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://ncz.tj (дата обращения: 28.02.2025).

[2] Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30 декабря 2001 г., №195-ФЗ // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru (дата обращения: 03.03.2025).

[3] Кодекс Азербайджанской Республики об административных проступках от 29 декабря 2015 г., № 96-VQ // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://online.zakon.kz (дата обращения: 04.03.2025).

[4] Кодекс Республики Беларусь об административных правонарушениях от 6 января 2021 года № 91-З // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://pravo.by (дата обращения: 05.03.2025).

[5] Кодекс Республики Казахстан об административных правонарушениях от 5 июля 2014 г., №235-V ЗРК // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://adilet.zan.kz/rus (дата обращения: 06.03.2025).

[6] Кодекс Кыргызской Республики «О правонарушениях» от 28 октября 2021 г., № 128 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://base.spinform.ru (дата обращения: 07.03.2025).

[7] Кодекс Туркменистана «Об административных правонарушениях» от 29 августа 2013 г. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://turkmenistan.gov.tm/ru (дата обращения: 08.03.2025).

[8] Кодекс Республики Узбекистан «Об административной ответственности» от 22 сентября 1994 г., № 2015-XII // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://lex.uz (дата обращения: 10.03.2025).

Кодекс Республики Молдова от 24 октября 2008 года № 218-XVI «О правонарушениях»[1] определяет правонарушение как виновное противоправное деяние (действие или бездействие), представляющее меньшую социальную опасность, чем преступление, посягающее на охраняемые законом ценности, предусмотренное настоящим кодексом и наказуемое согласно установленной ответственности за правонарушение.

Кодекс Республики Армения от 6 декабря 1985 года «Об административных правонарушениях»[2] закрепляет, что административное правонарушение это противоправное, виновное (умышленное или неосторожное) действие или бездействие, посягающее на государственный или общественный порядок, социалистическую собственность, права и свободы граждан, установленный порядок управления, за которое законодательством предусмотрена административная ответственность.

Кодекс Украины от 7 декабря 1984 года № 8073-X «Об административных правонарушениях»[3] определяет административное правонарушение как посягающее на общественный порядок, собственность, права и свободы граждан, на установленный порядок управления противоправное, виновное (умышленное или неосторожное) действие либо бездействие, за которое законом предусмотрена административная ответственность.

Таким образом, мы наблюдаем определенное единство мнений законодателей государств-участников СНГ в определении административное правонарушение.

Вполне рабочей является модель дефиниция административного правонарушения, закрепленная в Кодексе Республике Таджикистан об административных правонарушениях. Некоторые различия в определениях стран-участников СНГ являются несущественными, однако на ряд из них следует обратить внимание.

Так, КоАП Республики Армения указывает, что «административное правонарушение это противоправное, виновное (умышленное или неосторожное) действие или бездействие, посягающее на государственный или общественный порядок, социалистическую собственность…». Государственный или общественный порядок – важный аспект, но стоит ли его закреплять в определении административного правонарушения? Скорее всего, нет. А вот упоминание о социалистической собственности – прекрасный ход законодателя.

Кодекс Азербайджанской Республики «Об административных проступках» определил административный проступок кратко, лаконично и понятно. Но и без перечисления характерных признаков.

Кодекс Республики Молдова «О правонарушениях» смешал в определения правонарушения: представляющее меньшую социальную опасность, чем преступление, посягающее на охраняемые законом ценности. С учетом современных достижений юридической науки – это видится некорректным.

Таким образом, проведение сравнительно-правовых исследования в рассматриваемой области может дать определенный нормативный и фактический материал для продолжения научных исследований.

[1] Кодекс Республики Молдова «О правонарушениях» от 24 октября 2008 г., № 218-XVI // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.legis.md (дата обращения: 11.03.2025).

[2] Кодекс Республики Армения «Об административных правонарушениях» от 6 декабря 1985 г. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://base.spinform.ru (дата обращения: 12.03.2025).

[3] Кодекс Украины «Об административных правонарушениях» от 7 декабря 1984 г., № 8073-X // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://continent-online.com (дата обращения: 13.03.2025).

ТАҲАВВУЛИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОҲАИ ПЕШГИРИИ СИРОЯТИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ВА КАСАЛИИ ЗӮҲРАВӢ

ЭВОЛЮЦИЯ РАЗВИТИЯ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В СФЕРЕ ПРОФИЛАКТИКИ ЗАРАЖЕНИЯ ВИРУСОМ ИММУНОДЕФИЦИТА ЧЕЛОВЕКА И ВЕНЕРИЧЕСКИХ ЗАБОЛЕВАНИЙ

МАҲИНАИ НУРАЛӢ
ходими илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
E-mail: makhinanurali02@mail.ru

Мусаллам аст, ки ҷиҳати дарки дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқи пеш аз ҳама ба таърихи пайдоиши он ру овардан зарур аст. Зеро, таҳқиқоти таърихи аз чандин ҷиҳат аҳамияти бузург дорад ва барои дарки дурусти қонуне, ки ҷавобгариро барои ин ё он кирдор муқаррар мекунад, пеш аз ҳама, сабаб ва таърихи пайдоиши онро бояд омӯхт. Таҳлили таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ дар такмили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир ва ҳам таҳаввулоти минбаъдаи он нақши ҳалкунандаро дорад. Дар робита ба ин масъала «Ҳар як консепсияро танҳо вақте дуруст фаҳмидан мумкин аст, ки агар таърихи он маълум бошад»[1].

Дар айни замон назарияҳо ва фарзияҳои зиёде дар бораи аввалин пайдоиши бемории вируси норасоии масунияти одам (минбаъд – ВНМО) вуҷуд доранд. Аввалин ҳодисаҳои бемории ВНМО дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар охири солҳои 1980 ба қайд гирифта шуда буд ва шаҳодат аз он аст, ки ин беморӣ хеле «ҷавон» мебошад[2]. Дар мавриди истилоҳи «касалиҳои зӯҳравӣ» пайдоиши он ба асри XXVI рост меояд, ки табиби фаронсавӣ Жак де Бетенкур соли 1527 онро бо номи олиҳаи афсонавии зебоӣ ва ишқ – Зӯҳра пайваст карда буд. Аммо омӯзиши касалиҳои зӯҳравӣ дар замонҳои қадим пайдо шуда, дар китобҳои Гиппократ, Абӯали ибни Сино ва дигар олимони соҳаи тиб зикр шудааст.

Дар баробари ҷанбаҳои сирф тиббии бемориҳои дар боло зикршуда, масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ин мушкилот низ мавҷуданд. Дар тадқиқоти хурди худ мо мехоҳем ба таври муфассалтар масъалаҳои таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар соҳаи сирояти вируси норасоии масунияти одам (минбаъд - ВНМО) ва касалиҳои зӯҳравӣ баррасӣ кунем ва барои дарки дурусти қонуне, ки ҷавобгариро барои чунин кирдор муайян мекунад, аввалан бояд сабабҳо ва решаҳои таърихии онро баррасӣ кард.

Дар воқеъ, таърихи давлатдории тоҷикон як давраи ҳазорсоларо дар бар мегирад. Лекин, ҷавобгарии ҷиноӣ барои сироят кардан бо ВНМО дар қонунгузории Тоҷикистон таърихи начандон кӯҳан дорад, аммо дар робита бо бемории ВНМО, касалиҳои зӯҳравӣ пештар пайдо шудааст. У.А. Азизов[3] қайд мекунанд, ки баъди ташкил ёфтани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон сарчашмаи қонуни ҷиноятӣ Кодекси ҷиноятии ҶШФС Россия аз соли 1922 (минбаъд - КҶ ҶШФС Россия) гардид.

Омӯзиши матни кодекси мазкур дар таҳрири соли 1922 нишон медиҳад, ки дар он ягон муқаррароте вобаста ба сироят кардан бо ВНМО пешбинӣ нашудааст, лекин ҷавобгарӣ барои сироят кардан бо касалиҳои зӯҳравӣ муқаррар шуда буд. Тибқи дисспозитсияи м. 155 Кодекси мазкур «Барои дидаю дониста сироят кардани шахси дигар ба касалии вазнини зӯҳравӣ» ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлатӣ то се сол муқаррар шуда буд[4].

---

[1] Рагимов, И.М. Преступность и наказание: монография / И.М. Рагимов. – М.: ОЛМА Медиа Групп, 2012. – С. 11.
[2] Правда о ВИЧ. Семь фактов о заболевании, которые должен знать каждый // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://lenta.ru/articles/2022/11/14/pravda-o-vich: (санаи мурочиат: 12.02.2025).
[3] Азизов, У.А. Формирование Советского уголовного права и особенности развития институтов преступления и наказания в Таджикистане (1917-1924 гг.) / У.А. Азизов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2015. - № 3 (3). – С. 132.
[4] Кумитаи Ичроияи Марказии Умумироссиягӣ Кодекси ҷиноятии ҶШФСР 1 июни соли 1922, № 80 тасдиқ намуда, он аз 8 боб ва 227 – модда иборат буд.

Ба ақидаи А.Н. Бурдинская, яке аз қадамҳои аввалин дар самти мубориза бо касалиҳои зӯҳравӣ дар замони Шӯравӣ ин ба кушодашавии Институти давлатии венерологӣ 17 декабри соли 1921 дар шаҳри Москва рост меояд[1].

Дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна дар соли 1924 Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Худмухтор ба ҶШС Узбекистон дохил шуд ва бо қарори Шӯрои Олии ҶШС Узбекистон дар ҳудуди Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон аз 1 июли соли 1926 мавриди амал қарор гирифт. Дар Кодекси мазкур моддаи 199 «Сирорят кардани дигар шахс бо касалиҳои зӯҳравӣ» - ро дар бар мегирифт[2] ва ҷавобгарӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати се сол пешбини гардида буд. Фарқ байни Кодекси ҷиноятии ҶШФС Россия соли 1922 ва ҶШС Узбекистон фақат дар як чиз зохир мегардид, ки агар дар КҶ ҶШФС Россия дар моддаи 155 «Барои дидаю дониста сирорят кардани шахси дигар ба касалии вазнини зӯҳравӣ бошад, дар КҶ ҶШС Узбекистон «Сирорят кардани дигар шахс бо касалиҳои зӯҳравӣ» пешбини шуда буд, мӯҳлати ҷазо барои ҳар ду се сол муайян шуда буд.

Баъди ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҷиноятии ҶШФС Россия соли 1926 боз якчанд қисматҳои дигар вобаста ба ҷиноятҳои сирорят кардан бо касалиҳои зӯҳравӣ ворид карда шуд. Аз ҷумла моддаи 155 ба моддаи 150 гузаронида шуда, дар таҳрири пештар «Барои дидаю дониста сирорят кардани шахси дигар ба касалии вазнини зӯҳравӣ» садо медод, дар таҳрир нав бошад чунин тағйиру илова карда шуда буд «Бо касалии зӯҳравӣ сирорят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист», гузашта аз ин, агар қаблан масъулият танҳо барои сирояти вазнини касалии зӯҳравӣ пешбинӣ шуда бошад, пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ибораи «Мубталои ин беморӣ будани худро медонист» ва ин чунин пештар агар аз як қисм иборат буд, дар таҳрир нав қисми дуюм илова карда шуда буд «Дидаю дониста, таҳти хатар гузоштани шахси дигар ба воситаи алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳо, ки ба сирояти касалиҳои зӯҳравӣ оварда мерасонад» ва барои он дар баробари аз озоди маҳрум кардан, меҳнати маҷбурӣ ба мӯҳлати то шаш моҳ низ пешбини шуда буд[3].

Бо ташкили ҶШС Тоҷикистон (октябри 1929), марҳилаи нави рушди қонунгузории Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва хусусан ҷиноятӣ оғоз ёфт. Дар асоси омӯзиши меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШС Тоҷикистон) дар таҳрири солҳои 1935 ва 1961, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар он нисбати муносибати ҷомеа ба ҷиноятҳои зидди ҳаёт ва саломатии шахрвандон тағйирот ворид карда шудааст. Масалан, дар моддаи 118 «Сирорят кардани шахси дигар ба касалии зӯҳравӣ ва саркашӣ аз табобати касалии зӯҳравӣ» сирорят ва саркашӣ аз табобати касалиҳои зӯҳравӣ, дидаю дониста бо воситаи алоқаи ҷинсӣ, аз ҷониби шахси қаблан маҳкумшуда, сирорят кардани ду ва ё зиёда шахсон нишон дода шуда буд, инчунин ҷавобгарӣ барои ин кирдорҳо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду, се ва панҷ сол, корҳои ислоҳӣ ва ҷарима пешбинӣ шуда буд.

Пас аз даҳ сол дар натиҷаи тағйирот ва илова ба КҶ ҶШФС Россия нишонаҳои таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи 115 такмил дода шуданд ва инчунин моддаи нави 115 (1) дар намуди «Саркаши кардан аз табобати касалиҳои зӯҳравӣ» қабул карда шуд. Бо омӯзиши моддаи 115 КҶ ҶШФС Россия аз соли 1960, метавон гуфт, ки он нисбат ба моддаи 150 КҶ ҶШФС Россия қабули соли 1926, ки мо дар боло зикр кардем, хеле сахттар ва васеътар аст.

---

[1] Бурдинская, А.Н. История развития уголовного законодательства советской России об ответственности за заражение венерической болезнью / А.Н. Бурдинская // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики Тамбов: Грамота. – 2013. - № 9 (35). В 2-х ч. Ч. II. - С. 45-48. // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: www.gramota.net/materials/3/2013/9-2/10.html (санаи муроҷиат: 12.02.2025).

[2] Уголовный Кодекс Узбекской ССР от 16 июня 1926 г.: Постановление Центрального Исполнительного Комитета Советов Узбекской Советской Социалистической Республики, г. Самарканд.

[3] Уголовный кодекс РСФСР в редакции 1926 года (с изм. и доп., внесенными Постановлениями ЦИК СССР от 19.02.1926 г.). Опубл.: 1926. Источник: «СУ РСФСР», 1926, № 80, ст. 600 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://ru.wikisource.org/wiki/Уголовный_кодекс_РСФСР_1926_года/Редакция_05.03.1926 (санаи муроҷиат: 08.02.2025).

Бояд қайд кард, ки қонуни ҷиноятии ҶШФС Россия нисбати гунаҳкорон қатъӣ буд. Барои он, ки шахсони бо моддаҳои 115 ва 115 (1) КҶ ҶШФС Россия соли 1960 маҳкум шудаанд, афв карда намешуданд[1].

Дар оянда, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Россия ва Тоҷикистон, ки масъулияти ҷавобгарии ҷиноятиро барои сироят кардан бо ВНМО ва касалиҳои зӯхравӣ танзим мекунанд, тағйироти назаррасро аз сар мегузаронанд. Таърихи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироятёбии ВНМО дар Россия вақте оғоз ёфт, ки Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС Фармонро «Дар бораи чораҳои пешгирии сироятёбии вируси БПНМ» аз 25 августи соли 1987 таҳти №7612-11 қабул карда буд[2].

Бори аввал дар бораи сироятёбии ВНМО дар моддаҳои КҶ ҶШФС Россия соли 1987 пас аз ворид кардани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 115 ва 115 (2) «Сироят кардан бо ВНМО» - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол дар қисми аввал ва дар қисми дуюм «Бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист» - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ҳашт сол ҷорӣ карда шуд. Тағйироти бештар то қабули кодекси нави ҷиноятии Россия дар соли 1996, ки ба кирдори ҷиноятии сироят кардан бо касалии зӯхравӣ ва ВНМО дахл дорад, ба амал наомадааст.

Дар робита ба тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶШС Тоҷикистон дар соли 1987, моддаҳои 118, 118 (1) «Сироят кардан бо бемории БПНМ» - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол (қисми 1) ва «Сироятёбии шахси дигар бо бемории БПНМ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист» - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ҳашт сол (қисми 2) илова карда шуд[3].

Дар КҶ Федератсияи Россия соли 1996 моддаи 121 «Сироят кардан бо касалии зӯхравӣ» тағйирот ба амал оварда, вақте ки қисми 1 масъулиятро барои «Сироятёбии шахси дигар бо касалии зӯхравӣ аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист» пешбини карда буд. Санксияи ин модда ҷазоро дар намуди ҷарима, корҳои ҳатмӣ ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё ҳабс ба мӯҳлати то шаш моҳ пешбини менамуд. Қисми 2 ҳамин кирдор «Нисбати ду ва ё зиёда шахсон ё нисбати шахси баръало ноболиғ» ҷарима ба андозаи то сесад ҳазор рубл, корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати то панҷ сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол муқаррар карда буд.

Моддаи 122 бошад «Сироят кадан бо вируси норасоии масунияти одам» амалан тағйир наёфтааст, танҳо қисматҳои он, ки пештар ду қисм буд баъд аз таҳрири нав чор қисмро дар бар мегирифт, ғайр аз маҳрум сохтан аз озодӣ дар он ҷазо дар намуди маҳдудият аз озодӣ, корҳои ҳатмӣ, инчунин ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян пешбини гардиданд. Дар эзоҳи модда гуфта мешавад, ки «Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, дар он хусус аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, ки агар шахси дигаре, ки таҳти хатари сироят бо ВНМО қарор дорад ё гирифтори ин беморӣ шудааст, саривақт аз мавҷудияти ин беморӣ огоҳ карда шуда бошад ва ихтиёран ба содир кардани амалҳое, ки хатари сироятёбиро ба вуҷуд овардаанд, розигиашро дода бошад».

Пас аз ба даст овардани Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қонунгузории худро такмил дод. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) 21 майи соли 1998 қабул карда шуд. Дар он м. 125 «Сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» – ро пешбинӣ мекунад. Каме баргашта қайд мекунем, ки дар кодекси қаблии соли 1961 ин модда бо номи м. 118 (1) «Сироят кардан бо БПНМ» муайян карда шудааст, ки дар он умуман сирояти ВНМО зикр нагардидааст, дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули соли 1998 ин модда тағйир дода шуда, дар қ. 1 м. 125 «Дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар», ки ҷазоро дар намуди маҳдуд сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то 3 сол ва маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол пешбинӣ мекунад; қисми 2 моддаи мазкур «Бо вируси норасоии масунияти одам сироят

[1] Бурдинская, А.Н. История развития уголовного законодательства советской России об ответственности за заражение венерической болезнью / А.Н. Бурдинская // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. В 2-х ч. Ч. II.- 2013. - № 9 (35). - С. 45-48.
[2] Бимбинов, А.А. Заражение ВИЧ-инфекцией: уголовно-медицинское исследование» // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://lawjournal.spbu.ru: (санаи мурочиат: 15.02.2025)
[3] В редакции Указа Президиума Верховного Совета Таджикской ССР от 9 ноября 1987 г. № 823.

кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист», ҷазоро дар намуди аз ду то панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ мекунад ва қисми 3, банди (а) ва (б)-и ҳамин модда нисбати ду ё зиёда шахсон ё баръало ноболиғ, ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол пешбини менамояд.

М. 126 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои «Сирояткардан бо касалиҳои зӯҳравӣ» пешбинӣ мекунад ва бояд қайд кард, ки ин модда тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст. Чуноне, ки, агар қаблан он аз 4 қисмат иборат буда, аз озодӣ маҳрум сохтан ба мӯҳлати то панҷ сол муқаррар шуда буд, ҳоло бошад масъулият барои ин амал сабуктар карда шуда, аз ду қисм иборат буда, маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол муқаррар шудааст.

Дар охир чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки то солҳои 80-ум қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистону ва Россия дар бораи сирояти ВНМО маълумоти пурра надошт ва пас аз пайдоиши он дар кишварҳои ғарб, қонунгузории ҷиноятии ҳарду кишвар масъулияти сирояткардан бо ВНМО-ро ҳамчун амали хатарнок дар бар мегирифт ва ҷавобгарӣ барои он нисбат ба сирояткардан бо касалиҳои зӯҳравӣ хеле баландтар ва фарқкунанда аст.

Фарқи байни кодексҳои ҷиноятии ин кишварҳо доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти сирояткардан бо вируси норасоии масунияти одам ва касалиҳои зӯҳравӣ чунин ба назар мерасад, ки дар КҶ Россия ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои марбут ба ВНМО, вобаста ба ҳолатҳои ҷиноят, то ҳашт соли маҳрум сохтан аз озодӣ муайян карда шудааст, инчунин дар моддаи 122 эзоҳ дар бораи дар кадом ҳолат шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сирояткардан бо ВНМО озод карда мешавад, оварда шудааст. Дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои марбут ба ВНМО, вобаста ба ҳолатҳои ҷиноят, маҳрум сохтан аз озодиро то даҳ сол ташкил медиҳад ва ягон эзоҳ вобаста ба ҷиноятҳо дар самти сирояткардан бо ВНМО ва касалии зӯҳравӣ оварда нашудааст.

ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

УЧАСТНИКИ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА И ИХ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

МАҲМАРАҲИМЗОДА ФИРДАВС МАҲМАРАҲИМ
омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
E-mail: Fmahmarahimzoda@gmail.com

ҲАСЕНЗОДА ОЛУФТАМОҲ ЛАТИФ
Омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти милитсия
E-mail: Fmahmarahimzoda@gmail.com

Мурофиаи ҷиноятӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи адолати судӣ буда, дар ҷараёни он ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд бояд ҳифз ва таъмин гарданд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки ҳар кас ҳуқуқ дорад ҳимояи судиро талаб намояд ва кори ӯро суди салоҳиятдор, мустақил ва беғараз баррасӣ кунад[1]. Ин принсип ҳокимияти қонун ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамояд. Қонуни асосӣ ҳамчунин эълом медорад, ки ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми судӣ гунаҳкор ҳисобида намешавад. Ин кафолати конститутсионӣ ва дигар меъёрҳои қонунгузорӣ заминаи ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро фароҳам меоранд.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 с., бо тағйиру иловаҳои с. 1999, с. 2003 ва с. 2016. – Душанбе: «Ирфон» 2024. – 139 с. (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ).

Дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ шахсони гуногун – суд, мақомоти таҳқиқу тафтишот, айбдоркунандаи давлатӣ, ҷабрдида, гумонбару айбдоршаванда, ҳимоятгар ва ғайра – иштирок менамоянд. Ҳар кадоми ин иштирокчиён дорои ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва нақши муайян дар таъмини адолат ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошанд. Қонуни мурофиавӣ вазифадор намудааст, ки ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони масъул дар мурофиа ҳуқуқу шаъну шарафи шахсро эҳтиром намуда, аз ҳар гуна муносибати ғайриинсонӣ ё шиканҷа худдорӣ намоянд. Мақолаи пешниҳодшуда мафҳум ва гурӯҳбандии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро тавзеҳ дода, нақши иштирокчиёни асосиро дар таъмини ҳуқуқу озодиҳо таҳлил мекунад. Инчунин, воситаҳо ва кафолатҳои ҳуқуқии мавҷуда барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо дар ҷараёни мурофиа баррасӣ шуда, бо истинод ба қонунгузории амалкунанда, санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи судии кишвар хулосаҳо ва тавсияҳо пешниҳод мегарданд.

Эътибори қонун ва принсипи адолати судӣ тақозо мекунад, ки ҳамаи нафарони дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ иштироккунанда ҳамчун “иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ” эътироф ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро қонун ба таври равшан муқаррар намояд. Тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ), иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ тамоми мақомот ва шахсони воқеӣ мебошанд, ки дар раванди барасии парвандаи ҷиноятӣ бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавӣ ҷалб мегарданд. Қонун иштирокчиёнро ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунад:

– Суд – ягона мақоми адолати судӣ, ки баррасии парвандаи ҷиноятӣ ва қабули қарорҳои ниҳоиро амалӣ месозад. Суд аз ҳайси мақомоти беғараз хизмат намуда, бар пояи қонун адолатро татбиқ мекунад ва дар ҷараёни мурофиа барои таъмини ҳуқуқҳои тарафҳо шароити заруриро муҳайё месозад.

– Тарафи айбдоркунӣ (иттиҳом) – мақомоти расмие, ки аз номи давлат татбиқи таъқиби ҷиноятиро ба зимма доранд, аз ҷумла айбдоркунандаи давлатӣ (прокурор) ва мақомоти таҳқиқу тафтишот. Ин гурӯҳ ҳамчунин ҷабрдида (дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ) ва даъвогари гражданиро дар бар мегирад. Прокурор тибқи қонун шахси мансабдори давлатӣ буда, аз номи давлат айбдоркуниро дастгирӣ мекунад ва иҷрои пурраю дақиқи қонунҳоро дар марҳилаҳои таҳқиқу тафтиш назорат мебарад. Мақомоти тафтишот (муфаттишон) ва мақомоти таҳқиқот низ ҳамчун иштирокчиёни тарафи айбдоркунӣ вазифадоранд парвандаро ҳамаҷониба, пурра ва объективона таҳқиқ намоянд ва ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқу озодиҳои шахсро эҳтиром кунанд.

– Тарафи ҳимоя – шахсоне, ки аз худ ё дигарон бар зидди иттиҳоми ҷиноятӣ дифоъ менамоянд. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама гумонбаршуда, айбдоршаванда (бо ҷумлаи марҳилавӣ инчунин судшаванда дар суди аввалия) ва ҳимоятгар дохил мешаванд. Тибқи қонун, гумонбар касест, ки нисбати ӯ бо асосҳои пешбининамудаи қонун парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, дар бораи гумонбар буданаш ба ӯ эълон шудааст ё ӯ боздошт гардидааст ва ё нисбати ӯ чораи пешгирӣ татбиқ шуда истодааст. Айбдоршаванда бошад, шахсест, ки бо қарор ба сифати айбдоршаванда ҷалб шудааст. Қонуни мурофиавӣ инчунин мафҳуми «судшаванда»-ро мешиносад, ки ба айбдоршаванда пас аз ирсол шудани парванда ба суд марбут буда, то баровардани ҳукм он шахс дар ҷараёни судӣ судшаванда номида мешавад. Ҳар як гумонбар ва айбдоршаванда иштирокчии тарафи ҳимоя ба шумор рафта, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ аз тамоми воситаҳои қонунӣ истифода бурда метавонад. Ҳимоятгар бошад, шахси соҳибихтисосест, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба гумонбар, айбдоршаванда ё судшаванда кумаки ҳуқуқӣ мерасонад ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя мекунад.

– Иштирокчиёни бетараф ва ё кумакрасон – ба ин гурӯҳ шахсоне шомиланд, ки мустақиман тарафҳои баҳс (айбдоркунанда ё ҳимоякунанда) набуда, вале барои пешбурди мурофиа мусоидат мекунанд. Ба онҳо пеш аз ҳама шаҳодатдиҳандагон (шоҳидон), ҷабрдидагон, мутахассисону коршиносон, тарҷумонҳо ва ғайра мансубанд. Масалан, ҷабрдида (муддаиӣ ё потерпевший) шахсе эътироф мегардад, ки бар асари ҷиноят ба ӯ зарари ҷисмонӣ, моддӣ ё маънавӣ расидааст. Ҷабрдида дар мурофиа ҳуқуқҳои васеъ дорад, аз ҷумла пешниҳод кардани далелҳо, иштирок дар тафтишоти судӣ ва эътирози қарорҳо, ки ҳимояи манфиатҳо ва ҳуқуқҳои ӯро таъмин менамояд. Шоҳидон ва коршиносон бо додани шаҳодат ва хулосаҳои экспертӣ барои равшан гардидани ҳолатҳои парванда кӯмак мерасонанд. Ин иштирокчиён уҳдадоранд маълумоти дуруст пешниҳод кунанд ва барои маълумоти бардурӯғ ҷавобгар мешаванд. Қонун барои ҳимояи ҷабрдидагон ва шоҳидону дигар шахсони дар мурофиа кӯмакрасон низ чораҳо пешбинӣ намудааст – аз ҷумла, дар ҳолати таҳдид ба амнияти

онҳо, мақомоти ваколатдор метавонанд тадбирҳои ҳимоявӣ андешанд (масалан, пешниҳод намудани ҳимояи давлатӣ).

Қонун «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» низ мавҷуд мебошад, ки тартиби татбиқи чораҳои ҳимоявиро нисбати иштирокчиёни мурофиа муқаррар намудааст.

Ҳамин тавр, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таркиби иштирокчиёни мурофиа ва мақоми ҳар яки онҳоро дақиқ муайян кардааст. Гурӯҳбандии мазкур барои он муҳим аст, ки нақши ҳар як иштирокчӣ дар ҷараёни мурофиа ва сатҳи масъулияти ӯ дар таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мушаххас гардад. Принсипи баробарҳуқуқии тарафҳои айбдоркунӣ ва ҳимоя дар қонун эътироф шудааст, то ин ки мурофиа бо риояи тавозуни ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиён пеш равад.

Дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳар як иштирокчӣ вазифадор аст, ки бо амалкарди худ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсони дар ин раванд ҷалбшуда мусоидат намояд. Хусусан иштирокчиёни асосӣ – гумонбар (шубҳадор), айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунандаи давлатӣ ва суд – дар сатҳи болоии таъсир ба риояи ҳуқуқҳои инсону шаҳрванд қарор доранд.

– Гумонбаршуда аввалин мақоми шахсест, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар марҳалаи ибтидоии мурофиа метавонанд зери хатари ҷиддӣ қарор гиранд. Аз лаҳзаи дастгир шудан ё эълони расмии гумонбарӣ, ин шахс дорои ҳуқуқҳои муҳиме мешавад, ки ҳимояи он барои таъмини одилонаи ҷараён муҳим аст. Аз ҷумла, Конститутсия ва КМҶ ҶТ ба гумонбар ҳуқуқ медиҳад, ки аз лаҳзаи боздошт шуданаш аз кӯмаки ҳуқуқии ҳимоятгар истифода барад. Ин ҳуқуқ кафолат медиҳад, ки шахс бидуни таъхир маслиҳати ҳуқуқӣ гирифта, худро аз эҳтимоли фишору нақзи ҳуқуқҳо ҳимоя карда тавонад. Гумонбар ҳамчунин ҳақ дорад, ки дар бораи моҳияти гумонбарияш огоҳ гардад, хомӯширо ихтиёр кунад ё ба зидди худ шаҳодат надиҳад, дар сурати пурсиш ҳузури ҳимоятгарро талаб намояд ва қарорҳои мақомоти пешбурди парвандаро ба тартиби пешбинишуда шикоят намояд. Ин меъёрҳо ба татбиқи принсипи муҳимми фарзияи бегуноҳӣ мусоидат мекунанд – мувофиқи он, ҳар шахси гумонбар то вақти дар суд гунаҳкор эътироф шуданаш бегуноҳ дониста мешавад ва ӯ вазифадор нест бегуноҳии худро исбот намояд. Тибқи қонун бори исботи гуноҳ бар дӯши айбдоркунандаи тараф мебошад ва ҳар гуна шубҳае, ки бартараф нашудааст, ба фоидаи гумонбар ё айбдоршаванда тафсир мешавад. Ин қоидаҳо воситаҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқҳои шахси гумонбар аз ҳукми ноҳақ ва муносибати ғайриодилона мебошанд.

– Айбдоршаванда шахсест, ки тафтишот бо далелҳои кофӣ ӯро ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудааст ва парванда нисбати ӯ пеш меравад. Нақши айбдоршаванда дар мурофиа ҳамчун тарафи ҳимоя дорои аҳамияти калидӣ аст, зеро сарнавишти ҳуқуқӣ ва озодии ӯ дар тавозуни мурофиа қарор дорад. Қонун ҳуқуқҳои васеи айбдоршавандаро кафолат медиҳад, аз ҷумла: донистани моҳияти айб, гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳои расмии иттиҳом (қарори айбдоркунӣ, ҳалномаи ирсол ба суд ва ғ.), пешниҳод кардани далелҳо ба фоидаи худ, додани баёнот ё рад кардани он, истифода аз забони модарӣ дар ҷараёни мурофиа ва талаб кардани тарҷумон. Ҳамчунин айбдоршаванда ҳаққи доштани ҳимоятгарро аз лаҳзаи дастгир шудан, аз ҷумла дар ҳолатҳои пешбинишуда ройгон, дорад. Ин кафолатҳо ба ӯ имконияти комил медиҳанд, то мавқеи ҳимоявии худро таҳия ва пешниҳод кунад. Айбдоршаванда метавонад ҳама қарор ва амалҳои тафтишотӣ, амали прокурор ё ҳаллу фасли судиро, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дахл доранд, ба тартиби аппелятсионӣ ё назоратӣ шикоят кунад. Вақте ки мурофиа ба марҳилаи судӣ мегузарад, айбдоршаванда ҳамчун судшаванда ҳуқуқ дорад дар муҳокимаи судӣ баробар бо айбдоркунандаи давлатӣ далелу далелпешаҳо орад ва мавқеи худро муҳофизат кунад. Нигаҳ доштани тавозуни ҳаққи айбдоршаванда ба ҳимоя ва ҳаққи айбдоркунандаро ба таъқиб дар рафти мубоҳисаи судӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини муҳокимаи одилона ба шумор меравад.

– Ҳимоятгар ҳамчун намояндаи тарафи ҳимоя нақши мустақим дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда мебозад. Дар қонунгузории миллӣ мақоми ҳимоятгар бо салоҳиятҳои васеъ муқаррар шудааст. Тибқи моддаи 22 КМҶ ҶТ, ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз кӯмаки ҳимоятгар истифода барад ва суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ки ба гумонбар ё айбдоршаванда

ҳуқуққояшро фаҳмонда, имконияти дифоъро фароҳам созанд[1]. Ҳимоятгар мустақилона ё бо дархости айбдоршаванда далелҳо ҷамъ мекунад, дар пурсишҳо ва баррасии парванда ширкат варзида, ба саволҳо ҷавоб мегардонад ва аз ҳуқуққои мурофиавии нафари таҳти ҳимояташ ҳимоя мекунад. Маҳз тавассути фаъолияти ҳимоятгар принсипи мусобиқа (адвокатура) дар мурофиа амалӣ гашта, баробарҳуқуқии тарафҳо таъмин мегардад. Ҳимоятгар инчунин ҳангоми ошкор шудани нақзи ҳуқуққои мизоҷаш (масалан, ҳангоми истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ ба мисли шиканҷа барои гирифтани иқрор) метавонад ба мақоми ваколатдор ё суд мурочиат намуда, талаб кунад, ки чунин амалҳо қатъ ва натиҷаҳои онҳо беэътибор дониста шаванд. Бо ин роҳ, ҳимоятгар яке аз кафилони асосии мурофиаи одилона ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар ҷараёни мурофиа мебошад.

– Айбдоркунандаи давлатӣ (прокурор). Гарчанд вазифаи аслии прокурор таҳти ҳимоя гирифтани манфиатҳои давлат дар мубориза бо ҷиноятқорӣ ва пешбурди айбдоркунӣ аст, вай ҳамзамон бояд қонуният ва ҳуқуқу озодиҳои инсонро эҳтиром намояд. Моддаи 36 КМҶ ҶТ муқаррар мекунад, ки прокурор аз номи давлат айбдоркуниро ба амал бароварда, иҷрои дақиқи қонунҳоро дар тамоми марҳилаҳои мурофиа назорат мекунад. Прокурор ваколатдор аст ба ҳифзи ҳуқуққои ҷабрдидагони ҷиноят таваҷҷуҳ зоҳир кунад, инчунин мустақилияти суд ва ҳуқуққои айбдоршавандаро поймол нанамояд. Яке аз уҳдадориҳои прокурор таъмини қонунияти ҳаракатҳои тафтишотӣ мебошад: ӯ назорат мекунад, ки мақоми таҳқиқ ё муфаттиш ҳангоми ҷамъоварии далелҳо қонунвайронкунӣ накунанд ва ҳуқуққои шахсони дар парванда ҷалбшударо нақз насозанд. Масалан, агар маълум гардад, ки дар ҷараёни тафтиш нисбати гумонбар ғайриқонунӣ зӯроварӣ шудааст ё далелҳо бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, прокурор бояд чора андешад, то чунин далелҳо ба роҳҳои пешбиникардаи қонун санҷида шуда, дар ҳолати тасдиқи ғайриқонунӣ буданашон аз парванда хориҷ гарданд. Прокурор инчунин ҳақ дорад пеш аз ҳалномаи судӣ аз айбдоркунӣ даст кашад, агар бубинад, ки далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳукми қонунӣ кофӣ нестанд ё шахс бегуноҳ аст. Бо чунин амалҳо, айбдоркунандаи давлатӣ низ ба таври ғайримустақим дар ҳифзи ҳуқуқи шахс аз ҷавобгарии беасос саҳм мегузорад ва адолатро таъмин мекунад.

– Суд (мақомоти судӣ). Суд ҳамчун ниҳоди марказии адолати судӣ нақши ҳалкунанда дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ дорад. Тибқи Конститутсия ва қонунҳои мурофиавӣ, адолати судӣ танҳо аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад ва ҳама шахсон дар назди қонун ва суд баробаранд. Суд мустақилона ва беғаразона парвандаро баррасӣ намуда, бояд принсипи мусофиқа ва баробарии тарафҳоро риоя кунад. Яъне, суд вазифадор аст шароити мусоид барои татбиқи ҳуқуққои ҳар ду тараф – айбдоркунӣ ва ҳимоя – фароҳам оварад ва худ ҷонибдорӣ ягон тарафро накунад. Нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқҳо аз чанд ҷиҳат муҳиму муассир аст:

1) тафтиши судӣ – дар марҳалаи судӣ, суд ҳамаи далелҳои пешниҳодшударо мустақилона ва холисона месанҷад. Судя ҳақ надорад ба ягон далели ба таври ғайриқонунӣ ба дастомада такия кунад; ӯ метавонад чунин далелҳоро беэътибор донад. Ин талаботи қонун таҷассумгари принсипи истиснои далелҳои ғайриқонунӣ мебошад, ки ҳуқуққои айбдоршавандаро аз истифодаи далелҳои бо шиканҷа ё вайрон намудани дигар ҳуқуқҳо бадастомада муҳофизат мекунад. Мутобиқи принсипи “меваи заҳролуд”, агар худи тарзи ба даст овардани далел ҳуқуқу озодиҳоро вайрон карда бошад (мисол, шоҳидӣ зери шиканҷа ё кофтукови ғайриқонунӣ), пас он далел наметавонад асоси ҳукм қарор гирад.

2) Санҷиши қонунияти нигоҳдорӣ ва маҳдудсозии озодӣ – ҳар гуна тасмими марбут ба маҳрумият аз озодӣ (таъини ҳабси пешакӣ, кофтукови манзил ва ғ.) бояд бо иҷозати суд ё санҷиши судӣ амалӣ гардад. Дар қонун пешбинӣ шудааст, ки шахси дастгиршуда агар болиғ бошад, бояд дертарин дар зарфи 72 соат ва агар ноболиғ бошад, дар муддати 48 соат ба ҳузури судя оварда шавад, то ки масъалаи қонунияти боздошти ӯ ва татбиқи ҳабси пешакӣ баррасӣ гардад. Судя танҳо дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои қонунӣ метавонад ҳабси пешакиро татбиқ ё идома диҳад; дар акси ҳол, гумонбар бояд раҳо карда шавад. Ин тартиб кафолат медиҳад, ки ҳеҷ кас бе асоси қонунӣ ва беш аз муҳлати муқарраршуда дар боздошт нигоҳ дошта нашавад

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2008 // Қонуни ҶТ аз 01.04.2010 с., бо тағйиру иловаҳои 03.01.2024 с. № 2017.

Зимнан, Конститутсия низ арз медорад, ки ҳеҷ кас бе асоси қонунӣ дастгир ё нигоҳдорӣ шуда наметавонад, ки ин яке аз меъёрҳои муҳими ҳифзи озодии шахсӣ мебошад.

3) Ҳалли одилонаи баҳс – дар фарҷоми мурофиа суд ҳукми худро танҳо бо иттико ба далелҳои исботшуда ва қонун эълон мекунад. Судя бояд итминон ҳосил кунад, ки ҳамаи далелҳои пешкашгардида ҳамаҷониба санҷида шуданд, ҳуқуқҳои тарафайн таъмин гаштанд ва ҷазои таъиншаванда бо қонун мутобиқ ва одилона аст. Агар суд шубҳа дошта бошад, бояд онро ба нафъи айбдоршаванда ҳал намояд (ин талабот ҳам дар қонунҳои миллӣ ва ҳам дар санадҳои байналмилалӣ, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, зикр шудааст). Ҳамчунин суд вазифадор аст ба ҳуқуқҳои ҷабрдида низ таваҷҷуҳ намуда, дар хусуси ҷуброни зарари расонидашуда чорачӯйӣ кунад. Конститутсия муайян кардааст, ки ҳуқуқҳои ҷабрдидагон аз ҷониби қонун ҳифз мешаванд ва давлат ба ҷабрдида ҳимояи судӣ ва ҷуброни зарари расидаро кафолат медиҳад.

Бо ин тарз, иштирокчиёни асосии мурофиаи ҷиноятӣ ҳар кадом дар доираи салоҳият ва вазифаҳои худ нақши хос дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон доранд. Мутақобилан ва ҳамзамон, фаъолияту муносибати қонунии ҳамаи онҳо заминаи як мурофиаи одилона ва қонуниро мегузорад. Масалан, агар яке аз ин иштирокчиён – хоҳ прокурор бо риоя накардани қонуният дар марҳалаи тафтишот, хоҳ ҳимоятгар бо беэътиноӣ ба вазифаҳои худ, ё судя бо вайрон кардани беғаразӣ – ба ҳуқуқҳои шахс халале ворид созад, он гоҳ адолати мурофиавӣ зери суол меравад. Бинобар ин, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи ҷамъӣ ва ҳамгирои ҳамаи иштирокчиёни раванди ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон як қатор принсипҳо, воситаҳо ва кафолатҳои ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст, ки татбиқи онҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар ҳар марҳилаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ таъмин мекунад. Муҳимтарин кафолатҳои ҳуқуқӣ иборатанд аз:

– Фарзияи бегуноҳӣ ва тақсими бори исбот. Ин принсипи бунёдӣ дар моддаи 20 Конститутсия ва қонунҳои мурофиавӣ возеҳ баён шудааст: ҳеҷ шахс гунаҳкор ҳисобида намешавад, то даме ки гуноҳи ӯ бо ҳукми суд тасдиқ нашавад. Кодекси мурофиавӣ низ таъкид мекунад, ки бори исботи гуноҳ ба души айбдоркунандагон буда, гумонбару айбдоршаванда вазифадор нестанд бегуноҳии худро исбот кунанд. Ҳар гуна шубҳаи бартарафнашуда ба фоидаи айбдоршаванда ҳал карда мешавад. Ин кафолатҳо эҳтимоли маҳкум шудани шахси бегуноҳро коҳиш дода, мақомоти тафтишот ва айбдоркуниро водор месозанд, ки барои исботи айб далелҳои қотеъ ва қонунӣ ҷамъоварӣ намоянд. Инчунин, манъи асосёбии ҳукм бар гумон пешбинӣ шудааст: ҳукми маҳкумкунанда танҳо ба далелҳои боэътимод асос ёфта метавонад, на фарзия ё гумону тахмин.

– Ҳуқуқ ба ҳимоя ва ёрии ҳуқуқӣ. Яке аз механизми асосии ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони муттаҳам таъмини ҳуқуқи онҳо ба дифоъ аст. Конститутсия муайян намудааст, ки ҳар шахс аз лаҳзаи дастгиршавӣ метавонад аз хизмати адвокат истифода барад. Ин талабот дар КМҶ низ мустаҳкам шудааст: ҳар гумонбар ё айбдоршаванда аз вақти боздошт ҳуқуқ дорад фавран ҳимоятгар ҷалб намояд ё талаб кунад, ки ҳимоягар таъин карда шавад. Мақомоти таҳқиқу тафтишот ва додгоҳӣ уҳдадоранд ҳуқуқи мазкурро шарҳ дода, имконияти амалигардонии онро фароҳам созанд. Зимнан, дар ҳолатҳое ки шахс имкони пардохти хизмати адвокатро надорад, қонун тартиби таъини ҳимоятгари давлатӣ (бепул)-ро пешбинӣ намудааст. Таъмини ҳуқуқ ба ҳимоя, аз ҷумла вобаста ба дастрасии бетаъхири муттаҳам ба адвокат, кафолати асосии пешгирии таҳқири ҳуқуқҳо (мисли зӯроварӣ дар боздошт, маҷбурсозӣ ба эътирофи гуноҳ ва ғ.) ба шумор меравад.

– Принсипи забони мурофиа ва ҳуқуқ ба тарҷума. Баробарии шаҳрвандон дар назди қонун талаб мекунад, ки ҳеҷ шахс бинобар надонистани забони мурофиа дар вазъияти маҳдудият қарор нагирад. Моддаи 18 КМҶ ҶТ забони давлатиро забони пешбурди мурофиа мешиносад, аммо ҳамзамон кафолат медиҳад, ки ҳама иштирокчиёни мурофиа (аз ҷумла гумонбар, айбдоршаванда, ҷабрдида ва шоҳидон), ки забони мурофиаро намедонанд, ҳақ доранд аз забони модарӣ ё забони барои худ фаҳмо истифода баранд, баёнот дода тавонанд ва тарҷумони ройгон ҷалб кунанд. Ҳамаи асноди мурофиавӣ бояд ба забони давлатӣ таҳия гардида, ба шахсоне, ки забонро намедонанд, тарҷумаи онҳо таъмин карда шавад. Ин меъёрҳо кафолат медиҳанд, ки ҳеҷ як иштирокчии мурофиа аз имкони фаҳмидани мазмуни иттиҳому далелҳо ва ҳимояи самарабахши худ маҳрум нагардад, ки ҷузъи таркибии мурофиаи одилона мебошад.

– Манъи шиканҷа ва муносибати ғайриинсонӣ. Қонун қатъиян ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ, фишор ва таҳқири шаъну шарафи инсонро дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ манъ мекунад. Моддаи 10 КМҶ ҶТ эълон медорад, ки ҳеҷ яки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ зери зӯроварӣ, шиканҷа ё муносибати бераҳмона ё таҳқиромез қарор дода намешаванд. Ин қоида мутобиқ ба ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон (масалан, Конвенсияи зидди шиканҷаи СММ) буда, барои муҳофизати ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озодии инсон нигаронида шудааст. Ҳар гуна иқрор ё маълумоти бо зуроварӣ гирифташуда эътибори қонунӣ надорад. Қонунгузорӣ (аз ҷумла Кодекси ҷиноятӣ) барои истифодаи шиканҷа ва маҷбуркунӣ ба додани нишондод ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд, ки худ як механизми пешгирикунандаи нақзи ҳуқуқи инсон дар рафти тафтишот ба шумор меравад. Илова бар ин, агар иштирокчии мурофиа (масалан, гумонбар ё шоҳид) иддао кунад, ки нисбат ба ӯ зуроварӣ ё муносибати ғайриқонунӣ роҳ ёфтааст, мақомоти пешбурди парванда ё суд бояд ин ҳолатро таҳқиқ ва чораҳои заруриро андешанд.

– Ҳуқуқ ба шикоят ва назорати судӣ. Кафолати муҳими дигари мурофиаи одилона имконияти пурра истифода бурдани роҳҳои шикоятбарӣ аз қарорҳо ва амалҳои ғайриқонунӣ мебошад. КМҶ ҶТ муқаррар мекунад, ки иштирокчиёни мурофиа ва дигар шахсони манфиатдор ҳақ доранд дар муҳлат ва тартиби қонун муайяннамуда аз рӯи амал (ё беамалии) шахсони масъули марҳилаи тафтишотӣ ё қарорҳои суду прокурор шикоят пешниҳод намоянд. Аз ҷумла, гумонбар ё айбдоршаванда метавонад дар марҳилаи тафтишот ба болои қарорҳои муфаттиш (масалан, дар бораи оғози парванда, татбиқи чораҳои пешгирӣ, рад намудани дархостҳо ва ғайра) ба прокуратура ё додгоҳ шикоят кунад. Пас аз баровардани ҳукм, айбдоршаванда (ҳоло маҳкумшуда ё сафедшуда) ҳаққи апеллятсия ва кассатсияро дорад, то ҳукм ё ҳалномаи судии ба эътибордаромадаро дар судҳои болоӣ бозбинӣ кунад. Ин система имконияти ислоҳи хатогиҳои эҳтимолӣ ва рафъи беадолатиҳоро фароҳам меорад. Ҳамчунин, назорати судӣ дар марҳалаҳои пешакӣ низ татбиқ мегардад: масалан, татбиқи чораҳои пешгирӣ ба монанди ҳабси пешакӣ, кофтукови манзил, гирифтани ахбороти алоқаи телефонӣ ва ғайра танҳо бо санксияи суд ё бо қарори судия имконпазир аст. Ин механизмҳо назорати ҳайати беғараз (суд)-ро ба амали мақомоти тафтишотӣ таъмин намуда, роҳи сӯиистифодаи эҳтимолиро масдуд мекунанд.

– Ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида ва ҷуброни зарар. Таъмини адолати мурофиавӣ танҳо бо ҳимояи ҳуқуқҳои айбдоршаванда маҳдуд намешавад; ҳуқуқҳои ҷабрдидагон низ бояд мадди назар бошанд. Конститутсия ва КМҶ ҳуқуқи ҷабрдидаро барои иштирок дар пешбурди парванда, пешниҳод кардани далелҳо, ибрози дархост ва шикоятҳо эътироф мекунанд. Давлат уҳдадор шудааст, ки ба ҷабрдида дастрасӣ ба адолатро таъмин кунад ва ҷуброни зарари расидаро кафолат диҳад. Дар парвандаҳои ҷиноятӣ ҷабрдида метавонад ҳамчун даъвогари гражданӣ барои рӯёндани товони зарар иштирок намояд. Ҳамчунин, дар қонун тартиби пардохти ҷубронпулӣ аз тарафи давлат дар ҳолатҳои зарар дидани шахс бар асари хатогиҳои фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ё судӣ (масалан, ҳабсу маҳкумияти ғайриқонунӣ) пешбинӣ шудааст. Ин тадбирҳо баробарии тарозуи адолатро нигоҳ медоранд, то ки на фақат айбдоршаванда, балки ҷабрдида низ адолати худро дарёфт намояд.

– Ҳифзи давлатии иштирокчиёни мурофиа. Барои таъмини иҷрои ҳақиқии ҳуқуқҳои иштирокчиён, махсусан дар ҳолатҳое ки ба амнияти онҳо хатар таҳдид мекунад, қонунгузорӣ ниҳодҳои ҳимояи давлатиро роҳандозӣ намудааст. Тавре зикр гардид, дар Тоҷикистон Қонуни махсус «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» амал мекунад. Мувофиқи он, иштирокчиёни муҳим, аз қабили ҷабрдидагон, шоҳидони калидӣ, айбдоркунандаи давлатӣ, судяҳо ва ҳатто гумонбару айбдоршаванда дар ҳолати мавҷуд будани таҳдид метавонанд таҳти ҳимояи давлатӣ қарор гиранд. Чораҳои ҳимоявӣ метавонанд гуногун бошанд – аз муҳофизати ҷисмонии шахс то пинҳон намудани маълумоти шахсии ӯ, тағйири ҷойи зист ва ҳатто тағйири ҳувият дар ҳолатҳои истисноӣ. Чунин кафолатҳои иловагӣ барои онанд, ки тарси эҳтимолӣ аз таҳдиду фишор иштирокчиёнро аз истифодаи озодонаи ҳуқуқҳои худ бознадорад ва рафти мурофиа бемонеа пеш равад.

– Риояи расмиёти қонунӣ ва таҳқиқоти ҳамаҷониба. Қонунгузории мурофиавӣ ҳамаи мақомоти ваколатдори таҳқиқу тафтишот ва додгоҳиро муваззаф намудааст, ки ҷиноятҳоро бо риояи қатъии қонун тафтиш ва баррасӣ намоянд. Моддаи 21 КМҶ талаб мекунад, ки тафтиши ҳолатҳои парванда пурра, ҳамаҷониба ва беғаразона гузаронида шавад. Ин маънои онро дорад, ки ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам ҳолатҳои сафедкунанда бояд бо як андо-

за аҳамият таҳқиқ гарданд. Мақомоти тафтишотӣ ҳақ надоранд танҳо далелҳои зидди гумонбарро ҷамъоварӣ карда, аз далелҳои ба фоидаи ӯ будашуда чашм пӯшанд – чунин рафтор худ нақзи ҳуқуқи дифоъ маҳсуб мешавад. Вақте ки тафтишот якҷониба сурат мегирад, ҳуқуқи айбдоршаванда ба адолати судӣ халалдор мешавад. Аз ин рӯ, меъёри мазкур низ кафолати ҳуқуқии муҳими ҳифзи озодии шахс аз туҳмат ё тафтиши ғайриодилона мебошад.

Ба ғайр аз унсурҳои боло, қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалӣ дигар ҷиҳатҳои муҳими мурофиаи одилонаро низ пешбинӣ мекунанд, аз ҷумла ҳуқуқ ба муҳокимаи ошкоро ва шаффоф (ғайр аз ҳолатҳои истисноие, ки қонун пешбинӣ кардааст, ба мисли ҳифзи сирри давлатӣ ё ахлоқи ҷамъиятӣ), ҳуқуқ ба муҳокима дар муҳлати оқилона (бе таъхири нозарурӣ), ҳуқуқ ба суди таъсисёфта тибқи қонун ва ғайра.

Таҳлили боло нишон медиҳад, ки дар қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва нақши онҳо дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба таври кофӣ муайян ва танзим гардидааст. Конститутсия, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ принсипҳо ва кафолатҳои заруриро барои мурофиаи одилона пешбинӣ мекунанд. Аз ҷумла, фарзияи бегуноҳӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя, баробарии тарафҳо дар мурофиа, манъи шиканҷа, ҳуқуқ ба шикоят ва назорати судӣ – ҳама ҷузъи таркибии низоми қонунии мурофиавӣ мебошанд, ки бояд амалан татбиқ шаванд. Нақши иштирокчиёни асосии мурофиа – суд, прокурор, тафтишот, гумонбару айбдоршаванда, ҳимоятгар – ҳар кадом аз лиҳози таъмини ҳуқуқу озодиҳо хеле муҳим аст. Вақте ҳар яке аз онҳо вазифаҳои худро бо масъулият ва мутобиқ ба қонун иҷро мекунанд, эҳтимоли поймолшавии ҳуқуқҳои инсон кам шуда, эътимоди ҷомеа ба адолати судӣ таҳким меёбад.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи судӣ ва маълумоти воқеӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи ин кафолатҳо ҳамеша ба сатҳи қонеъкунанда нест. Дар солҳои охир коршиносону созмонҳои ҳуқуқи башар таъкид менамоянд, ки гарчанде қонун ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаро кафолат медиҳад, вале дар амал гумонбарон ва айбдоршавандагон на ҳамеша аз ин ҳуқуқҳо ба пурраги баҳраманд мегарданд. Масалан, тибқи гузоришҳои байналмилалӣ, қариб ҳамаи айбдоршавандагон дар судҳо гунаҳкор эълон мешаванд ва маҷмӯи ақаллият ҳукми сафед мегиранд, ки нишондиҳандаи паст будани дараҷаи татбиқи фарзияи бегуноҳӣ дар амалия аст. Ҳамчунин ҳолатҳои мавриди таъхир қарор гирифтани дастрасии гумонбар ба адвокат, истифодаи эътирофҳои зери фишор бадастомада дар тафтишот, риоя нашудани пурра ҳуқуқҳои ҷабрдидагон ба ҷуброн ва дигар масъалаҳо ба назар мерасанд. Ин камбудиҳо бештар на аз норасоии меъёрҳои қонун, балки аз иҷрои номукаммали онҳо ва мушкилоти муассисаву кадрӣ маншаъ мегиранд.

Бо дарназардошти ин, барои боз ҳам беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ, татбиқи чораҳои зерин тавсия мегардад:

1. Тақвияти иҷрои қонун ва назорати институтсионалӣ. Зарур аст, ки мақомоти дахлдор (прокуратура, суд ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон) назорати ҷиддитар аз болои риояи қонун ҳангоми таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судӣ ба роҳ монанд. Ҳар як далели нақзи ҳуқуқ (масалан, дастрасии дерҳангом ба ҳимоягар, маълумоти шубҳаноки иқроршавӣ, қонуншиканиҳо зимни кофтуков) бояд фавран баррасӣ ва ислоҳ гардад. Ҷорӣ намудани механизми арзёбии кори судҳо ва тафтишот аз нигоҳи эҳтироми ҳуқуқҳои инсон (масалан, тавассути ҷамъоварии омор оид ба шумораи ҳукмҳои сафед, ҳолатҳои бекор шудани ҳукмҳо бинобар нақзи ҳуқуқи мурофиавӣ) метавонад фоидаовар бошад.

2. Баланд бардоштани савияи касбӣ ва маърифати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиа: Барои судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва адвокатҳо доиман курсҳои такмили ихтисос оид ба меъёрҳои ҳуқуқи инсон ва стандартҳои мурофиаи одилона гузаронида шавад. Шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар ва қарорҳои мақомоти байналмилалӣ (масалан, Кумитаи ҳуқуқи инсон ё Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон) дар бахши мурофиаи одилона ба кормандони соҳа имкон медиҳад, ки дар фаъолияти худ ҳассостар ва масъулона амал намоянд. Ҳамчунин ба ҷабрдидагон, шоҳидон ва худи гумонбарон фаҳмонидани ҳуқуқҳои онҳо (ба забони сода) дар ҳар марҳила муҳим аст, то онҳо аз ҳуқуқҳои худ огоҳ бошанд ва фаъолияти мақомоти тафтишотиро зери назари ҷамъиятӣ қарор диҳанд.

3. Тақвияти кафолатҳои марҳилаи то судӣ (презумпсияи ҳабс ҳамчун истисно): Тавсия дода мешавад, ки истифодаи ҳабси пешакӣ танҳо дар ҳолатҳои воқеан зарурӣ сурат гирад ва ҳамчун истисно татбиқ шавад, на қоида. Барои ин, судҳо бояд ба чораи алтернативӣ ба ҳабс (мисли гарав, назорати хонагӣ, имзо нагузоштани тарки маҳал) афзалият диҳанд,

агар он барои таъмини ҳузури айбдоршаванда дар мурофиа кофӣ бошад. Ин тартиб на танҳо ҳуқуқ ба озодиро беҳтар ҳимоя мекунад, балки боиси коҳиши фишори эҳтимолӣ ба гумонбар дар боздошт (аз қабили фишори равонӣ ё ҷисмонӣ) хоҳад шуд. Ҷорӣ кардани механизмҳои назорати электронӣ ё дигар технологияҳо низ метавонад ҳамчун василаи таъмин намудани ҳузури айбдоршаванда бидуни ҳабс хизмат кунад.

4. Густариши принсипи шаффофият ва дастрасӣ ба иттилоот: Мурофиаҳо бояд дар ҳадди имкон ошкоро баргузор шаванд (ба истиснои ҳолатҳои хос). Нашри қарорҳои судӣ (бо риояи маълумоти махфӣ) ва таҳлили онҳо аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба баланд шудани сатҳи ҳисоботдиҳии судҳо мусоидат мекунад. Ҳисоботдиҳии даврии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба парламент ё ҷамоат оид ба тадбирҳои андешидашуда барои пешгирии шиканҷа, таъмини ҳуқуқ ба ҳимоя ва ғайра низ механизми хубест, ки метавонад амалӣ шавад. Ин омилҳо ба вуҷуд овардани фарҳанги эҳтироми ҳуқуқи инсон дар низоми адлия кӯмак мерасонанд.

5. Реформаи иловагӣ дар қонунгузорӣ: Бо вуҷуди комилияти умумии КМҶ, бознигарии баъзе ҷиҳатҳо ба мақсад мувофиқ буда метавонад. Масалан, баррасии имконияти ҷорӣ кардани фаъолияти суди ҳайати намояндагӣ (суди присяжных) барои парвандаҳои вазнин метавонад кафолати иштироки ҷомеа дар баррасии парванда ва баландравии эътимод ба адолати судиро фароҳам орад. Инчунин, дар қонунгузорӣ муқаррароти равшантар оид ба беэътибор донистани ҳар гуна далелҳои бо нақзи ҳуқуқ бадастомада (формализатсия кардани доктринаи «меваи заҳролуд») таъкид гардад. Иловаҳои мазкур метавонанд фазои ҳуқуқиро барои ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокчиён боз ҳам тақвият бахшанд.

Хулоса, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳам таъмини меъёрии қавӣ ва ҳам амалисозии дақиқи онро аз ҷониби ҳамаи иштирокчиён талаб мекунад. Қонунгузории Тоҷикистон дар ин самт пойгоҳи заруриро муҳайё намудааст, ки он ба меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда (монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ) мувофиқ аст. Минбаъд диққати асосӣ бояд ба иҷрои бетарафона ва қатъии ин меъёрҳо равона гардад. Таҷрибаи мурофиавии одилона на танҳо кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони алоҳида аст, балки барои эътимод ба низоми адлия ва волоияти қонун дар ҷомеа низ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Таъмини шароите, ки дар он судяҳо мустақилона амал мекунанд, прокуророну тафтишот қонунмеҳварона фаъолият мебаранд, ҳимоятгарон озодона ҳуқуқҳои муштариёни худро ҳимоя мекунанд ва шаҳрвандон мутмаинанд, ки мурофиаи ҷиноятӣ воқеан адолатро барқарор месозад, яке аз ҳадафҳои асосии давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон мебошад. Пас, татбиқи пурраи нақши иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон – кафили адолати судӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар кишвар маҳсуб меёбад.

Адолати судӣ дар ҷомеа танҳо замоне комилан пойдор мегардад, ки ҳар шахси вобаста ба он – аз муфаттиш то судя ва аз ҷабрдида то айбдоршаванда – худро дар ҳимояи қонун ва ҳуқуқҳои худ эмин эҳсос намояд.

РИОЯ ШУДАНИ КАФОЛАТҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ШАХС ҲАНГОМИ ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ МУРОФИАВӢ

СОБЛЮДЕНИЕ КОНСТИТУЦИОННЫХ ГАРАНТИЙ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА ПРИ ПРИМЕНЕНИИ МЕР ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПРИНУЖДЕНИЯ

МУҲАММАДЗОДА НАРГИСА ДАВРОН
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия
E-mail: Samina7979@mail.ru

Прокурор дар марҳилаи то судии парвандаҳои ҷиноятӣ риоя шудани кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро назорат мекунад. Масъалаи таъмини дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ

яке аз масъалаҳои муҳим дониста шуда, мазмун ва моҳияти он дар маркази диққати ҳуқуқшиносон - муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ қарор дорад.

Ҳуқуқҳои инсон – ин яке аз неъматҳои асосии тамаддуни ҷаҳони ҳозира муайян шуда, мафҳуми мушкил ва бисёртарафа мебошад ва он додани фақат як мавҳум ва ба таври ягона тасаввур намудан мушкил мебошад, зеро ки на фақат категорияи ҳуқуқӣ, инчунин фалсафавӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ мебошад.

Ҳуқуқи инсон дар одамон аз лаҳзаи таввалуд ба даст оварда шуда, чун қисми шароитҳои ҳатмии ӯ (давлат ҳуқуқ надорад онҳоро бекор намояд), ки онро табиати инсон барои зистан талаб менамояд, инчунин чун восита ва мақсади ҳаёт новобаста аз он ки онҳо дарк карда мешаванд ё не муайян мегардад.

Дар ҳуқуқҳои инсон неъматҳои асоситарини умумиинсонӣ, ки бояд ҳар як шахс новобаста аз ки будан ва дар кучо зиндаги намудан (ҷинс, миллат, наҷод ва ғайра) зоҳир мешаванд. Ва худи онҳо дар қатори чунин неъматҳои умумиинсонӣ чун ваколати қонун, адолат, плюрализм ва ғайра меистанд.

Маҳз чунин фаҳмиш аз тарафи давлат талаб карда шудааст, ки соҳибистиқлолияти сиёсиро эълон кардааст ва ташкили пояи қонунгузории шахсиро дар тамоми фаъолияти инсонӣ аз он ҷумла дар соҳаи таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд оварда шудааст.

Мутобиқи моддаи 7-и Деклоратсияи умумии инсон ва шаҳрванд “Ҳамаи одамон дар назди қонун ва бе ҳеҷ гуна фарқият ба ҳимоя баробар ҳуқуқ доранд, новобаста аз ягон хел маҳдудкунӣ, ки чунин Деклоратсияро вайрон мекунанд”.

Аз ин лиҳоз озодии табии инсон аз он иборат аст, ки аз ягон ҳокимияти олӣ дар замин новобаста буда, ба ягон ҳокимияти қонунгузорӣ бояд новобаста бошад ва вай бояд фақат ба қонунҳои табиӣ тобеъ бошад. Озодии инсон дар ҷамъият аз он иборат аст, ки вай бояд фақат ба он қонунҳое, ки аз тарафи ҷамъият қабул шудаанд ва бо розигии он муайян шудаанд табиат дошта бошанд.

Дар як ҷамъият мафҳумҳои адолати судӣ, ҳақиқат, обрӯ ва эҳтиром вуҷуд дорад. Лекин ин ҳуқуқҳо дар шароити ҷамъияти давлат чизеро намедиҳад. Ба одамон дар танҳоӣ ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ ғайри имкон мебошад ва баҳсҳо аз рӯи сабабҳои ҳуқуқӣ худ аз худ сарчашмаи баҳсҳои бисёр мегарданд. Одамон худ ҷамъиятро бунёд намудаанд, ҷамъият бошад давлатро барои он, ки имконияти истифода аз ҳуқуқҳои табии худ.

Ҳуқуқу озодихои инсон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нуфузи худро дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нигоҳ медоранд. Барои ҳимояи манфиати шаҳрвандон, давлат ва ҷамъият аз таҷовуз ва сӯиқасди ҷиноят, дар соҳаи пешбурди судии ҷиноятӣ маҳдудиятҳои муайяни мурофиавӣ пешбинӣ шудаанд, ки бо мақсади иҷроиши вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ амалӣ мешаванд.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ на танҳо шартҳои муайян, балки асос ва тартиби муайяни маҳдуднамоиро пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми татбиқи онҳо баъзе аз кафолат конститусионии шахс ва ҳуқуқҳои вай муваққатан маҳдуд мегарданд. Ба ғайр аз ин, қонун на танҳо тартиби мурофиавии кофтуков, дарёфт кардан, ба ҳабс гирифтани шаҳрванд балки тартиби дароз кардани мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ё дигар кафолатҳои иловагии риояи ҳуқуқхои шаҳрвандро низ пешбинӣ кардааст. Мақсади қабули Барномаҳои давлатии муборизa бо ҷиноятқорӣ ҳам, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шуда истодааст, на танҳо пурзӯр намудани муборизa бар зидди ҷиноятқорӣ, балки ба вуҷуд овардани тағйироти куллӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба ҷиноятқорӣ, ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон на шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷамъият мебошад.

Татбиқи чорабиниҳои мачбурии хусусияти мурофиавӣ дошта, пеш аз ҳама дар фаъолияти мақомотҳои таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад[1].

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри с. 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. –Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

Чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ дошта дар баъзе мавридҳо, мувофиқи кодекси мурофиавии ҷиноятӣ танҳо бо розигии прокурор ва иҷозати суд татбиқ мешаванд. Масалан дахлнопазирии манзил тибқи Конститутсияи Ҷумҳуурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ба манзили шахс бар хилофи хоҳиш ё розигии соҳибмулк ворид шавад, ғайр аз ҳолатҳои истисной - ҳолатхои муайян кардаи конун ва дар асоси қарори суд. Ҳоло кофтуков бо розигии прокурор ва бо иҷозати суд дар асоси қарори вақҳноки муфаттиш, таҳқиқбаранда гузаронида мешавад. Гузаронидани амалҳои тафтишӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқи коиститутсионии шаҳрвандро нисбати дахлнопазирии мукотиба, гуфтугуи телефонӣ, телеграфӣ ва дигар маълумотҳо бо шабакаҳои электронӣ маҳдуд мекунанд, ё ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ, ёфта гирифтани онҳо дар муассисаи алоқа ва ё хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабақаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешавад, танҳо дар асоси қарори суд роҳ дода мешаванд.

Таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз муҳимтарин вазифаҳои мақомоти прокуратура маҳсуб ёфта, ҳимояи ҳуқуқи инсон, баррасии холисона ва ҳаматарафаи муроҷиатҳои шаҳрвандон, бахусус дар мавридҳои таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо ҳамчун самти афзалиятноки назорати прокурорӣ ба ҳисоб меравад.

Баяд қайд кард, ки тарзу усулҳои таъмини риояи дақиқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми ба амал баровардани фаъолият дар соҳаи назорати умумӣ, назорати ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ, пешбурди таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бо як қонуну кодексҳо, санадҳо, санадҳои байналимиллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин фармону даструҳо ба танзим дароварда шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар м.19 кафолат додааст, ки ҳеҷ касро бе асосҳои қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Дастгир кардани шахс танҳо бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумхурӣ мумкин аст.

Мувофиқи м.3 Эъломияи ҳуқуқи башар, хар як инсон ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопаҳирии шахсӣ ҳақ дорад. Инчунин, дар м. 9 Эъломияи мазкур муқаррар карда шудааст, ки ҳеҷ касро худсарона дастгир, ҳабс ё бадарға кардан мумкин нест[1].

Прокурор, ба риояи дақиқ ва иҷрон якхелаи қонунҳои амалкунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат карда, ба ҷиноятҳое, ки онҳо ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандро маҳдуд ё поймол мекунанд, бо роҳи баровардани қарорҳои вақҳнок дар бораи оғоз кардани парвандаҳои ҷинояти диққату эътибори махсус медиҳад. Вай аз болои қонунӣ ва асоснок оғоз кардани парвандаи ҷинояти аз тарафи мақомоти таҳқиқи ибтидои ва тафтиши пешаки назорат мекунад, аз болои ҳалномаҳо, таъинот ва қарорҳои суд ва ё судя эътироз меоварад.

Прокурор ҳангоми баамалбаровадани фаъолияти худ масъалаи назоратро аз болои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс ба таври қатъӣ ба роҳ монда, асосан дар доираи ваколатҳои худ, риояи қонунгузорӣ оид ба муроҷиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумла реҷаи қабули шаҳрвандонро дар мақомоти давлатӣ мунтазам мавриди санҷиш қарор дода, ҳангоми ошкор шудани қонунвайронкуниҳои ҷиддӣ масъалаи ҷавобгарии шахсони гунаҳгорро баррасӣ менамояд. Қабули шаҳрвандонро дар ҷои истиқомат ва ҷои кори онҳо ба роҳ монда, сабабҳои дар мақомоти дахлдор муддатҳои дароз ҳал нашудани муроҷиатҳои онҳоро пайгирӣ намуда, нисҳати шахсони масъул чораҳои дахлдор меандешад.

Прокурор назоратро ба риояи ҳуқуқу озодиҳои шахс дар рафти таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ пурзур намуда, дар ин мавриd:

– ба баррасии аризаҳо оиди беасос ва аз руи ғараз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, татбиқ кардани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ диққати махсус медиҳад,

– ҳангоми омузиши парвандаҳои ҷиноятӣ ба баррасии холисона ва ҳаматарафаи муроҷиатҳои шаҳрвандон, дархостҳои дастгиршудагон, намояндагони қонунии онҳо ва ҳимоягарон дар рафти таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд,

– дар мавриди дохил шудани маводҳо оид ба додани ризоият барои пешниҳоди дархост ба суд ҷиҳати додани иҷозат ба ҳабси пешакӣ ва дароз кардани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани прокурор вазифадор аст, тамоми маводҳои парвандаи ҷиноятиро омухта, дар ҳолати зарурӣ гумонбаршуда ё айбдоршавандаро пурсиш намояд, ҳангоми дар суд баррасӣ

[1] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10.12.1948 с. // Маҷмуи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ. - М., 2004.- С. 39-44.

намудани чунин дархост, инчунин ҳангоми омузиши парвандаҳои ҷиноятӣ воқеияти сабтҳои протоколи дастгиркунӣ оиди лаҳзаи воқеан дастгиркунии шахс, инчунин нисбати у истифода шудан ё нашудани шиканҷа, ё дигар амалҳои ғайриқонунӣ муайян карда мешавад,

– бо омузиши дархост оиди дароз кардани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ ва мӯҳлати дар ҳабс будан диққати ҷиддӣ дода, танҳо дар ҳолати мавҷуд будани зарурияти воқеӣ ба дароз намудани ин мӯҳлатҳо иҷозат (розигӣ) медиҳад,

– аз ҷониби мақомотҳои таҳқиқ ва тафтиш андешида шудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии дастгиршудагон ва шахсоне, ки нисбати онҳо чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси пешакӣ интихоб шудааст, назорат намуда, нигоҳдории боэътимоди молу мулки онҳо ва ашёи ба сифати далели шайъӣ гирифташуда таъмин карда мешавад [1].

Тибқи муқаррароти м. 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин. Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст”.

Прокурор ба пешгирӣ, ошкор намудан ва таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо оид ба истифодаи азобу шиканҷа ва дигар навъҳои зуроварӣ ё таҳдид истифодаи он бо баромадан аз ҳалли ваколатҳои мансабдорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ дастгир намудани шахрвандон, азобу шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона ва пастзанандаи шаъну шарафи онҳо мунтазам дар тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ ва ҳангоми мавҷуд будани маълумотҳои муайян инчунин дар утоқҳои кории кормандони фаврии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ санҷишҳои ногаҳонӣ мегузаронад.

Риояи ҳуқуқу озодиҳои дастгиршудагон, аз ҷумла сари вақт фаҳмонидан ҳуқуқу озодиҳои онҳо, таъмини дастрасӣ ба ҳимоятгар, муоинаи тиббӣ, аз дастгиркунӣ хабардор намудани хешовандони дастгиршуда, дуруст нишон додани вақти дастгиркунӣ дар протоколи дастгиркунӣ, инчунин дар Китоби бақайдгирии нигаҳдории муваққатӣ нигоҳдошташаванда мавриди назорат қарор медиҳад.

Бояд қайд кард, ки шахсони дастгиршуда ё ба ҳабс гирифташуда таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор дошта, дар сурати ҷароҳати ҷисмонӣ гирифтан ё ба ҳалокат расидани онҳо дар ҳудуди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд ба таври боварибахш сабабҳои онҳоро шарҳ диҳанд.

Ҳангоми санҷишҳо ба масъалаҳои таъмини бехатарии дастгиршудагон дар ҷойҳои пурсиш ва нигаҳдории онҳо, андешидани чораҳои пешгирии зудҷароҳатрасонӣ ва худкушӣ, аз ҷумла панҷарапеч кардани тирезаҳои утоқҳои хизматии ошёнаҳои боло ва беназорат нагузоштани дастгиршудагон диққати ҷиддӣ дода, барои бартараф кардани шароитҳои ба худҷароҳатрасонӣ ё худкушӣ даст задани онҳо мусоидаткунанда чораҳои эътиноии прокурорӣ татбиқ карда мешаванд.

Прокурор аз руи ҳар як арзу шикоят ё хабару иттилоот дар бораи истифодаи шиканҷа, дигар навъи зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи он бо баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабдорӣ новобаста аз ворид шудан ё нашудани муроҷиатҳои расмӣ санҷиши пурраву ҳамаҷониба гузаронида, қарорҳои қонунӣ ва асоснок қабул менамояд.

Тафтиши беғаразона, ҳаматарафа, пурра ва саривақтии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба истифодаи шиканҷа дигар навъ зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи онро ба роҳ монда, аз ҷумла дар рафти тафтиш бетаъхир гузаронидани шаҳодаткунонӣ ва ё ташхиси судии тиббии ҷабрдидагони эҳтимолӣ бояд таъмин карда шавад.

Тибқи муқаррароти м.88 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон[2], баёнот ва нишондоде, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зурӣ, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ гирифта шудаанд, беэътибор дониста шуда, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд, инҷунин барои исботи ҳолатҳое, ки бо парвандаи ҷиноятӣ бояд муайян карда шаванд, татбиқ карда намешаванд.

[1] Раҳматуллоев, А.Э., Сангинов, А.Б. Мавқеъи прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ: дастури ёрирасони таълимӣ. – Хуҷанд, 2010. – С. 34.

[2]Ниг.: моддаи 26 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564. – Душанбе: Матн 2024.

КРИМИНАЛИСТИКАИ РАҚАМӢ: МУБОРИЗА БО КИБЕРҶИНОЯТКОРӢ ДАР АСРИ РАҚАМӢ

ЦИФРОВАЯ КРИМИНАЛИСТИКА: БОРЬБА С КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЯМИ В ЦИФРОВОЙ ВЕК

МУҲИДДИНЗОДА ХУСРАВ ҒАФОР
дотсенти кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия
e-mail: khusrav-78@mail.ru

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии кишвар қайд намудаанд, ки Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои муосирро ба тамоми соҳаҳои ҷомеа фаъолона ҷорӣ намуда, рақамикунонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди кишвар дониста шудааст.

Маҳз барои ҳамин масъалаи рақамикунонии иқтисодиёти кишвар ва инноватсия, инчунин ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025 – 2030 бо ташаббуси Пешвои миллат «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуд.

Равандҳои инноватсионӣ дар технология он қадар муҳимму амиқ буда, он сазовори таваҷҷӯҳ мебошанд, зеро пешравиҳои технологияи иттилоотӣ дар дигар соҳаҳои илмию техникӣ ва инчунин дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон дигаргуниҳои глобалиро ба вуҷуд овардааст.

Ин навовариҳо сабаби тағйир ёфтани шакл ва тарзи содир намудани ҷиноятҳо гаштааст. Зиёдшавии усулҳо ва воситаҳое, ки барои расидан ба ҳадафҳои ҷиноятӣ истифода мешаванд, ба истилоҳ таҳдидҳои киберӣ ё киберҷиноятҳо мебошанд, ки дар ду зуҳуроти гуногун ба амал омадаанд:

а) намудҳои анъанавии фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили қаллобӣ, порнографияи кӯдакона, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ғ., ки ба воситаи интернет содир карда мешаванд;

б) Интернет ба амалҳои террористӣ, таҳдидҳои зеҳнӣ ва дахолат ба шабакаҳои гуногун (ҷамъиятӣ, хусусӣ, тиҷоратӣ ва ғ.) барои халалдор кардани фаъолияти онҳо мусоидат мекунад. Осебпазир будани сохторҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва хусусӣ ба ин намуди фаъолияти ҷиноятӣ чунин шарҳ дода мешавад, ки иншооти муҳими инфрасохторӣ ба шабакаҳои компютерӣ ва шабакаи ҷаҳонии интернет вобастагии бештар пайдо мекунанд.

Киберҷиноятҳо (ҷинояти киберӣ, ҷинояти электронӣ ё ҷиноятҳои рақамӣ) - ин ҷинояти тавассути технологияи рақамӣ, бахусус компютерҳо ё дигар таҷҳизоти электронӣ ва шабакаҳои интернетӣ анҷом дода мебошад. Навъҳои асосии он:

1. Ҳамлаҳои киберӣ, ба монанди хакерӣ (ҳуҷум ба компютерҳо ва шабакаҳо), вирусҳо ва нармафзорҳои зараровар (малвар, троян, рансомвар), ҳамлаҳои DDoS (манъ кардани кори вебсайтҳо ё серверҳо)
2. Қаллобии интернетӣ, ки чун фишинг (фиреб додан тавассути паёмҳои электронӣ ё вебсайтҳои сохта), қаллобӣ бо корти бонкӣ (дуздии маълумоти корти кредитӣ), бозори сиёҳ дар интернет (фурӯши маводи мамнӯъ тавассути торикнет) маълум мебошад.
3. Дуздии маълумоти шахсӣ – ин дуздии ҳувият (истифодаи маълумоти шахсӣ барои қаллобӣ), дуздии паролҳо ва маълумоти махфӣ аст.
4. Ҷиноятҳои марбут ба маводи ғайриқонунӣ, аз ҷумла паҳн кардани порнографияи кӯдакон, муомилоти маводи мухаддир тавассути интернет ва қочоқи инсон ва аслиҳа.
5. Шантаж ва таҳдид дар интернет – ин кибер-таҳқир (кибербуллинг), шантаж бо маълумоти шахсӣ ё тасвирҳои хусусӣ мебошад.

Киберҷиноятҳо торафт мураккаб ва мукаммал шуда, усулҳои анъанавии мубориза бо онҳо нокифоя мегарданд. Дар ин вазъият криминалистии рақамӣ як воситаи ҷудонашавандаи мубориза бо киберҷиноятҳо гардад. Он ба мутахассисони соҳаи экспертизаи судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки изҳои рақамии аз ҷониби ҷиноятқорон гузошташударо муайян, ҷамъоварӣ ва таҳлил кунанд.

Криминалистикаи рақамӣ дар тадқиқи киберҷиноятҳо нақши калидӣ дорад. Усулҳо ва тарзҳои он ба коршиносони судӣ имкон медиҳанд, ки далелҳои рақамиро дастрас кунанд, ки барои корбарони оддӣ метавонанд ноаён бошанд. Инҳо ба монанди файлҳои нобудшуда, мета маълумотҳо, иттилооти фаъол будан дар шабака ва ғайра шуда метавонанд.

Криминалистикаи рақамӣ як истилоҳи навест, ки то ҳол пурра муайян нашудааст ва аллакай синонимҳои худро дорад («криминалистикаи электронӣ», «криминалистии компютерӣ» ва ғайра). Дар ин баробар, вай чунон ҷиддӣ ва умедбахш буда, мутобиқшавии равишҳои криминалистии анъанавӣ ба воқеияти рушди ҷомеаи иттилоотии муосир аст, ки амалияи татбиқи ҳуқуқ аз мо тақозо мекунад, ки мо ҳарчи зудтар роҳи рушди илмии ин соҳаро тай намуда, ба татбиқи оммавии амалии муқаррароти он дар тафтишоти ҷиноятҳо гузарем.

Криминалистикаи рақамӣ доираи васеи асбобу воситаҳоро ба монанди барномаҳои истихроҷи маълумот, барномаҳои таҳлили фаъол будан дар шабакаҳои гуногун, барномаҳои барқарорсозии маълумотҳои гум ё нест кардашуда ва ғайра истифода мебарад. Воситаҳои мушаххас вобаста ба вазифа ва намуди тафтиш интихоб карда мешаванд.

Криминалистикаи рақамӣ дар муболиза бар зидди киберҷиноятҳо нақши муҳимро мебозад. Он барои муайян ва таҳлили изҳои рақамии аз ҷониби ҷинояткорон гузошташуда кӯмак мекунад ва маълумоти арзишро барои тафтиш ва пешгирии киберҷиноятҳо таъмин мекунад.

Гузаронидани экспертизаи криминалистии рақамӣ метавонад бо як қатор мушкилотҳо, аз қабили ҳифзи далелҳои рақамӣ аз осеб дидан, рамзгузории маълумот, номаълум будани ҷинояткорон ва мушкилии таҳлили миқдори зиёди иттилоот рӯбарӯ шавад. Бо вуҷуди ин, рушди технологияҳо ва усулҳои криминалистии рақамӣ имкон медиҳанд, ки ин монеаҳо бартараф карда шуда, бо ҷиноятҳои киберӣ самаранок мубориза барем.

Равандҳое, ки дар олами «виртуалӣ» ба амал меоянд, изҳои зиёд мегузоранд: ғайрифаъол (пассивӣ – маълумоти техникӣ дар бораи истифодаи таҷҳизотҳои электронӣ) ва фаъол (изҳои амалҳое, ки корбарони бевосита иҷро менамоянд: суратҳо, сабтҳо). Муайян кардан, ба қайд гирифтан ва истифода бурдани ин гуна изҳоро соҳаи ҷавони илми криминалистика – криминалистикаи рақамӣ мавғул мебошад[1].

Афзоиши технологияҳо тарзи ҳаёту зиндагӣ, кор ва муошарати моро кулан дигаргун сохт. Ин аз як тараф фоидаи зиёд овард, лек аз тарафи дигар бошад як навъи нави фаъолияти ҷиноятӣ – киберҷиноятӣ пайдо шуд. Вақте ки ҷинояткорон фазои рақамиро истифода мебаранд, муборизаи муассир бо ин таҳдидҳо муҳим мегардад, ки дар ин ҷо криминалистикаи рақамӣ ёрии бевоситаи худро мерасонад.

Ба ақидаи А.Н. Яковлев, криминалистикаи рақамӣ дониши нав дар соҳаи криминалистика мебошад, ки ба фаҳмиши хусусиятҳои фаъолияти технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ асос ёфта, барои кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо истифода мешавад[2].

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, криминалистикаи рақамӣ доираи васеи усулҳо ва воситаҳоро барои гузаронидани тафтишот ва ба даст овардани далелҳои рақамӣ истифода мебарад, ки баъзеи онҳо мавриди таҳлил қарор медиҳем:

1. **Таҳлили шабакавӣ**. Таҳлили шабакавӣ раванди санҷиши фаъолияти шабака барои ошкор кардани рафтори шубҳанок ва муайян кардани таҳдидҳо мебошад. Коршиносони криминалистикаи рақамӣ барои муайян ва тадқиқи киберҷиноятҳо бо фаъолияти шабакавӣ аз воситаҳо ва усулҳои гуногун, аз қабили таҳлили трафик ва ошкор кардани ҳамлаҳои ғайриқонунӣ ба шабака истифода мебаранд.

2. **Истихроҷи маълумот**. Истихроҷи маълумот - ин раванди ба даст овардани иттилоот аз дастгоҳҳои рақамӣ ва васоити нигаҳдорӣ ба монанди компютерҳо, телефонҳои мобилӣ, флеш-дискҳо ва ғайра мебошад. Мутахассисони криминалистикаи рақамӣ барнамаҳои таъминоти компютери, дар умум нармафзорҳо ва сахтафзорҳои махсусро барои

[1] Криминалистика: учебник / под ред. Т.А. Седовой, В.Д. Пристанскова. - М.: ЮСТИЦИЯ, 2019. - С. 19.

[2] Яковлев, А.Н. Цифровая криминалистика и ее значение для расследования преступлений в современном информационном обществе / А.Н. Яковлев // Совершенствование следственной деятельности в условиях информатизации: сб. материалов междунар. науч.-практ. конф. (Минск, 12–13 апреля 2018 г.) / Следственный комитет Республики Беларусь; редкол.: С. Я. Аземша [и др.]. – Минск: редакция журнала «Промышленно-торговое право», 2018. – С. 357.

истихроҷи изҳои рақамӣ ва далелҳои дар ин дастгоҳҳо нигоҳ дошта ё нобудшуда истифода мебаранд.

3. **Таҳлили метамаълумотҳо.** Метамаълумот дорои маълумот дар бораи дигар иттилоотҳо, ба монанди вақти эҷод, вақти дастрасӣ ё корбарӣ, муаллиф ва ғайра мебошад. Таҳлили метамаълумот ба мо имкон медиҳад, ки байни файлҳо ва рӯйдодҳои гуногун робита барқарор кунем, ки ин метавонад дар тадқиқи ҷиноятҳои киберӣ муфид бошад. Мутахассисони криминалистикаи рақамӣ барномаҳои таъминоти компютерӣ ва усулҳои махсусро барои таҳлили метамаълумотҳо ва гирифтани маълумоти иловагӣ истифода мебаранд., ки ҳангоми тафтишот кӯмаки худро мерасонад.

4. **Барқарор кардани маълумоти нобудшуда.** Изҳои рақамиро ҷиноятқорон бо мақсади нобуд кардани далелҳо метавонанд несту нобуд ё пинҳон кунанд. Аммо, криминалистикаи рақамӣ усулҳо ва воситаҳоро барои барқарор кардани маълумоти нобудшуда дорост. Коршиносони криминалистикаи рақамӣ усулҳоеро ба мисли барқарор кардани маълумот аз васоити нигаҳдории корношоям ё таҳлили фазои истифоданашудаи диск барои барқарор кардани файлҳои нобудшуда ва ба даст овардани далелҳои арзишмандро истифода мебаранд.

Криминалистикаи рақамӣ дар бисёр соҳаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқ ва экспертизаи судӣ истифода карда мешавад. Якчанд мисолҳои истифодаи криминалистикаи рақамиро дида бароем:

1. Тафтиши киберҷиноятҳо. Криминалистикаи рақамӣ дар тадқиқи ҷиноятҳои киберӣ, аз қабили ҳамлаҳои ҳакерӣ, қаллобии киберӣ, ҷосусии киберӣ ва ғайра нақши муҳимро мебозад. Мутахассисони криминалистикаи рақамӣ дар ҷамъоварии далелҳо, муайян кардани ҷиноятқорон ва пешниҳоди он дар суд кӯмак мекунанд.

2. Тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ. Экспертизаи рақамӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии гуногун низ истифода мешавад. Мутахассисони криминалистикаи рақамӣ дар барқарор кардани маълумоти нобудшуда, истихроҷи маълумот аз компютерҳо ва дастгоҳҳои мобилӣ, таҳлили метамаълумотҳо ва дигар изҳои рақамӣ, ки метавонанд бо ҷиноят алоқаманд бошанд, кӯмак мекунанд.

3. Мубориза бо терроризми киберӣ. Дар даҳ соли охир кибертерроризм ба як таҳдиди ҷиддӣ табдил ёфта истодааст ва экспертизаи криминалистикаи рақамӣ дар мубориза бо он нақши муҳимро дорад. Мутахассисони криминалистикаи рақамӣ изҳои рақамии марбут ба фаъолияти кибертеррористиро таҳлил мекунанд ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешгирӣ ва муқовимат ба ҳамлаҳои кибертеррористӣ маълумоти муҳим ирсол менамоянд.

Криминалистикаи рақамӣ ҳамчун системаи дониш дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Ҷузъҳои дар боло номбаршуда гарчанде ки бомуваффақият бошанд ҳам, лек дар алоҳидагӣ инкишоф ёфта истодаанд. Дар баробари ин, сатҳи бадастомадаи рушди ҷузъҳои криминалистикаи рақамӣ аллакай ба мо имкон медиҳад, ки ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои махсусан мураккабро, ки қаблан ба таври латентӣ ҳисобида мешуданд, таъмин менамояд.

Бояд зикр кард, ки дар воқеияти муосир, илми криминалистика ба рушди технологияҳои рақамӣ, эҷоди воситаҳо ва усулҳои имкони истихроҷи иттилооти криминалистӣ аз навъи нави васоитҳои электронӣ мувофиқат мекунад. Ба шарофати пешрафти технологӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи технологияҳои рақамӣ имконпазир гардида, татбиқи онҳоро осон менамояд ва ба марҳилаи тафтишоти пешакӣ суръат бахшида, ташаккули пурраи заминаи исботкуниро имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо барои мубориза бо ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ дар кишвари мо содир мешаванд, пайваста такмил додани амнияти системаҳои иттилоотӣ, рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҷиноятҳои иттилоотӣ, рушди воситаҳои рақобатпазири технологияҳои иттилоотӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи бехатари захираҳои иттилоотӣ зарур аст.

Дар экспертизаи муосир масоили ҷой ва нақши изҳои виртуалӣ, далелҳои электронӣ дар илм, инчунин тамоюлҳои рушди криминалистикаи рақамӣ бештар баррасӣ мешаванд. Масалан, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия ба наздикӣ категорияи «изи виртуалӣ» ба таври ғайримустақим инъикос ёфтааст. Мувофиқи он қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Русия ба субъекти махсуси ваколатдор (муфаттиш, мутахассис) имконият медиҳад, ки маҷмӯи иттилооте, ки дар ҷараёни амалиёти инфиродии тафтишотӣ

гирифта шудааст, ки баъдан ҳамчун далели шайъӣ дар парвандаи ҷиноятӣ эътироф карда мешавад (моддаҳои 164.1 ва 182 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия) таҳлил намояд. Аз ин лиҳоз, мантиқан кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ "изи электронӣ"-ро дар заминаи далелҳои электронӣ муқоиса мекунанд. Гузашта аз ин, имрӯз қонунгузори Русия васоити коғазӣ ва ҳуҷҷатҳои электрониро мушобеҳ намуда, ба ин васила ба онҳо қувваи баробари ҳуқуқӣ медиҳад[1].

Изҳои электронӣ дар маҳзанҳои гуногуни иттилоотӣ боқӣ мемонанд, чун дар базаҳои операторони мобилӣ ё ҳангоми истифодаи кортҳои пластикӣ ё вертуалии кредитӣ ва дисконтӣ, ҳуҷҷатҳои сафарӣ, компютерҳои шахсӣ, алоқаи мобилӣ ва дигар дастгоҳҳое, ки доираи онҳо босуръат васеъ мешавад.

Дар робита ба ин, кормандони муосири ҳифзи ҳуқуқ танҳо вазифадоранд, ки ба манфиати муайян кардани ҳақиқат дар парванда аз изҳову нишонаҳои рақамӣ босаводона истифода баранд. Муайян кардан, сабт ва рамзкушоӣ кардани чунин изҳо барои ошкор ва тадқиқи ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳое, ки дар фазои интернет содир шудаанд, мусоидат мекунад.

Дар илм ва амалияи криминалистика изҳои вертуалӣ аз рӯи хосияташон бо ду роҳ баррасӣ мешаванд. Онҳоро ҳамчун моддӣ ё идеалӣ тасниф кардан мумкин нест. Ба андешаи мо, изҳои рақамӣ маҷмӯи маълумотро дар бораи фаъолияти истифодабарандаи муҳити иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ҳангоми дар фазои электронию виртуалӣ буданро ифода мекунанд. Изи рақамӣ як навъ чун фаъолияти шахс дар фазои виртуалӣ метавон баррасӣ кард. Бо назардошти таваҷҷуҳи воқеии олимон ва муҳаққиқон ба ин мавзӯъ, имрӯз таснифоти зиёди изҳои рақамӣ мавҷуд мебошад[2] .

Ҳамин тавр, аз рӯйи шакли интиқолдиҳанда изҳои рақамӣ ба категорияҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

– дар ҳомилҳои оптикӣ, нимноқилӣ ва магнитӣ ҷойгиршуда;

– аз рӯйи дастрасӣ ва истифодабарӣ: истифодабарӣ ба таври локалӣ ё фосилавии ба ҳама дастрасбуда ва ҳифзшуда;

– аз рӯйи ҷойгиршавии нигоҳдорӣ: дар ихтиёри ҷиноятқор буда (компютери шахсӣ, диски сахт, телефони мобилӣ ё дигар таҷҳизоти техникӣ), дар дастгоҳҳои ҷабрдида буда, шоҳид, шахсони сеюм ва изҳои рақамӣ, ки ҳамзамон дар таҷҳизотҳои ҳамаи ин шахсон ва дар шабакаи глобалии Интернет нигоҳ дошта мешаванд;

– аз рӯйи намуди таҷҳизоте, ки дар он изҳо ва нишонаҳои рақамӣ нигоҳ дошта мешаванд: статсионарӣ ва мобилӣ фарқият мекунанд;

– аз рӯйи таъиноти мақсаднок: барномаҳои хатарнок ва барномаҳои лозимаи фоидабахш (барномаҳое, ки вазифаҳои гуногун барои иҷрои амалиёт ё амалҳо, кӯмак дар корҳои рӯзмара, дар хона, дар ҷои кор ва ғ. заруранд)[3].

Мусаллам аст, ки ошкор, сабт ва несту нобуд кардани изҳои рақамии ҷиноятқор истифодаи дониш ва технологияҳои махсусро талаб мекунад, ки коркард ва такмили онҳо тайи чанд соли охир як соҳаи ниҳоят муҳими илми криминалистика мебошад. Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани бахши мустақили техникаи криминалистӣ – экспертизаи криминалистии ҳомилҳои электронии иттилоотӣ ва изҳои рақамӣ бамаврид аст. Ин бахш бояд кори якхелаи шахсони мансабдори дахлдорро, ки бо категорияи объектҳои мавриди назар алоқаманд мебошанд, таъмин намояд. Инчунин мо зарур мешуморем, ки бояд ба изҳои рақамӣ (виртуалӣ) дар баробари дигар изҳое, ки онҳоро криминалистика меомӯзад, ҷойи алоҳида дода шавад ва таснифоти ягонаи аз ҷониби умум қабулшудаи худи изҳои виртуалӣ муайян карда шавад.

---

[1] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://pravo.gov.ru/proxy/ips/?docbody=&nd=102073942 (дата обращения: 08.04.2025).

[2] Вехов, В.Б. «Электронная» криминалистка: что за этим понятием? / В.Б. Вехов // Проблемы современной криминалистики и основные направления ее развития в XXI веке: материалы международной научно-практической конференции. – Екатеринбург, 2017. - С. 77.

[3] Бахтеев, Д.В. Криминалистическая классификация цифровой доказательственной информации / Д.В. Бахтеев // Криминалистика в условиях развития информационного общества (59-е ежегодные криминалистические чтения): сборник статей Международной научно-практической конференции. – М.: Академия управления МВД России, 2018.

Дар назар дошта шудааст, ки коршиноси судие, ки экспертизаи криминалистии ҳомилҳои электронии иттилоотӣ ва изҳои рақамиро мегузаронад, бояд дар соҳаи техникаи компютерӣ, система ва иттилоотҳо дониши махсус дошта бошад. Экспертизаи криминалистии ҳомилҳои электронии иттилоотӣ ва изҳои рақамӣ экспертизаи мустақили судӣ мебошад, ки ба гурӯҳи экспертизаҳои муҳандисӣ-техники мансуб аст.

Аҳамияти навовариҳо дар соҳаи криминалистика инкорнопазир аст, зеро яке аз вазифаҳои асосии илми криминалистика - ин эҷод ва татбиқи воситаҳо, усулҳо ва методикаҳои мувофиқи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда мебошад. Вобаста ба ин, бори дигар зарурати таъсис, ба низом даровардан ва муттаҳидсозии бахши нисбатан нави технологияҳои криминалистӣ «экспертизаи судӣ-криминалистии ҳомилҳои электронии иттилоотӣ ва изҳои рақамӣ»-ро таъкид менамоем. Чунин ба назар мерасад, ки дар шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ такмили ин соҳа ба ҳамгироии навтарини дастовардҳои илму техника ба криминалистика, рушди мавқеъҳои назариявии инфиродӣ ва оптимизатсияи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо мусоидат мекунад.

Ба гуфтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар 5 соли оянда барои пешбурди иқтисоди рақамӣ ва муборизаи бо таҳдидҳои аз рақамикунонии кишвар, ҳангоми содир намудани амалҳои зиддиҳуқуқӣ бармеояд, бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

1. Дар моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот дароварда, бандҳои нав дар намуди “изҳои вертуалӣ” ва “изҳои рақамӣ” илова намудан қобили қабул мебошад.
2. Такмили қонунгузорӣ ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти гузариш ба рақамикунонии МКД, аз он ҷумла тафтишу тадқиқи киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои иттилоотӣ дар соҳаи криминалистикаи рақамӣ ва экспертизаи судӣ-рақамӣ.
3. Рушди сармояи инсонӣ тавассути омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо, баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди тафтиш ва тадқиқи киберҷиноятҳо.
4. Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ ва технологияи рақамӣ дар ҷараёни тафтиш ва тадқиқи киберҷиноятҳо.
5. Андешидани чораҳо дар самти таъмини амнияти киберии махзанҳои иттилоотии мақомоти корҳои дохилӣ.
6. Такмил додани амнияти системаҳои иттилоотӣ ва рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ.
7. Рушди воситаҳои рақобатпазири технологияҳои иттилоотӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни тафтиш ва тадқиқи киберҷиноятҳо.

ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ҲАЁТ: ТАҲЛИЛИ ИЛМИИ МАФҲУМИ ОН ВА ОҒОЗИ ЛАҲЗАИ ЭЪТИРОФИ ҲАЁТ

ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРОТИВ ЖИЗНИ: НАУЧНЫЙ АНАЛИЗ ЕГО ПОНЯТИЯ И МОМЕНТ ПРИЗНАНИЯ НАЧАЛА ЖИЗНИ

МУҲИДДИНОВ АЗИЗУЛЛО ДАВЛАТОВИЧ
омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ, факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
E-mail: muhiddinov_tj@mail.ru

Дар асоси қисми 1-уми моддаи 18-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз моддаи 3 – юми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948)[1] ва қисми 1, моддаи 6-уми Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966)[2] сарчашма мегирад, ки дар он «Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад» зикр шудааст. Воқеан, ҳар кас

[1] Асноди асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар. – Душанбе, 2002. – С. 13.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 26.

ба зиндагӣ, ки ҳуқуқи фитрӣ ва ҳуқуқи ҷудонопазири ӯ ба ҳисоб меравад, давлат ба воситаи мақомотҳои дахлдори худ ва тавассути қонун эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Бахусус, ҳифзи ҳуқуқи шахс ба зиндагӣ, ба ҳаёт яке аз вазифаҳои ниҳоят муҳими қонунгузории ҷиноятӣ маҳсуб мешавад.

Бесабаб нест, ки Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) соли 1998 моддаи нахустини худро (м. 104 КҶ ҶТ) дар иртибот бо моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳифзи чунин яке арзиши олӣ оғоз намудааст.

Ҳамин нуқта низ мусаллам аст, ки тамоми муҳаққиқони риштаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба истиснои баъзе аз онҳо, объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаётро муносибати ҷамъиятие, ки таҳти ҳифзи КҶ, аз ҷумла, моддаҳои 104-109 КҶ ҶТ қарор гирифтаанд, ҳаёти шахси дигарро чун мавҷудоти биологӣ медонанд. Чӣ тавре, ки профессор Кузнетсова Н.Ф. қайд кардааст, кӯшиши баъзе аз олимон, ба монанди Красиков А.Н. дар хусуси он, ки мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ баробармаъно нестанд, на он қадар пурмаҳсул буда, ба мақсад мувофиқ аст. Бинобар ин, ба ҷойи онҳо бояд ибораи «шахсияти иҷтимоишуда» ворид карда шавад. Зеро эътирофи чунин ибора моро маҷбур месозад, ки аз доираи ҷабрдидагони воқеии ҷиноятҳои муқобили ҳаёт тифлон, пирон, шахсоне, ки гирифтори бемории руҳӣ ҳастанд, берун намоем. Ҳол он, ки қонунгузории ҷиноятии бештари кишварҳои олам акси муносибатро бо чунин масъала пешбинӣ менамоянд[1]. Масалан, тамоми кодексҳои ҷиноятии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд - ИДМ) аз он ҷумла, банди «в» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ куштани баръало ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст, ҳамчун одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда муайян намудааст. Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқии муосир воқеан ҳаёти инсонро танҳо чун мавҷудоти биологӣ меҳисобад.

Ба сифати ҷабрдидаи ҷиноятҳои муқобили ҳаёт эътироф намудани инсон чун мавҷудоти биологӣ моро муваззаф месозад, ки ба саволи он ки ҳаёти инсон чист ва он аз кадом лаҳза оғоз ёфта, дар кадом лаҳза анҷом меёбад ҷавоби дурусту саҳеҳ диҳем. Зеро ба тамоми муҳаққиқони риштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ маълум ва муайян аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёт маъмулан дар ҳолате ба миён омаданаш мумкин аст, ки ҳаёт чун мавҷудоти биологӣ дар доираи вақти муайян арзи вуҷуд дорад. Дар акси ҳол кирдори гунаҳгорро лозим меояд, ки аз рӯи қоидаи саҳви воқеӣ (масалан, ҳангоми тир холӣ намудан ба сӯи ҷасад ё кӯшиши одамкушӣи тифли мурда таваллудшуда) бандубаст намуд.

Ҳаминро бори дигар бояд тазаккур дод, ки ҳаёти инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ дар доираи вақти муайян ҷараён гирифта, ибтидо ва интиҳои худро дорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқии дохиливу хориҷӣ хусусан, вақте ки масоили кирдорҳои ба ҳаёт таҷовузкунанда баррасӣ мегарданд, таҳлилгарони мавзӯи мазкур пеш аз ҳама кӯшиш ба харҷ додаанд, ки лаҳзаи оғоз гардидани ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии ҳаёти инсонро мавриди таҳқиқот қарор дода, бо ин андешаи худро дар ин ҷода мустақилона баён ва ё андешаи қаблан ҷойдоштаи дигаронро ҷонибдорӣ намуда, то ин ки муфассиронро бо ибрози ақидаи хеш мутақоил созанд. Аз ин рӯ, то кунун сари масъалаи баррасишаванда фикрҳои мухталиф баён гардидаанд. Ҷой доштани чунин гуногунандешагиро таҳлилгарон бо он асос мекунанд, ки ҳаёти инсон чун мавҷудоти биологӣ дар замон ва макон ҷараён гирифта, давраҳои гуногуни онро алоҳида чун лаҳзаи оғозёбии ҳаёти инсон ба қалам додаанд.

Дар адабиёт оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва тибби-судӣ иншо шудани фикрҳои гуногунро дар хусуси лаҳзаи оғоз ёфтани ҳаёти инсон воҳурдан мумкин аст. Олими шинохта ва нуктасанҷ Кузнетсова Н.Ф. тамоми андешаҳои сари ин мавзуъ зикршударо (қаблан ё дар айни замон баёншударо) ба чор гурӯҳ тақсимбандӣ намудааст. Дар иртибот бо маводи ба мо дастрасшуда, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, андешаи ибрознамудаи мавсуф қобили қабул аст. Воқеан, дар гузашта (ё дар айни замон) лаҳзаи оғози ҳаёти инсон эътироф шудааст:

а) мавҷудияти мустақилонаи ҳаёти инсон берун аз организми модар баъди пурра аз батни ӯ ҷудо шудани тифл (Гродзинский М.М., Киселев А.Ф., Волков Г.Н., Таганцев Н.С., Неклюдов Н.А., Гернет М.Н. ва дигарон);

[1] Полный курс уголовного права: В 5 т. / Под ред. д.ю.н., А.И. Коробеева. Т.11: Преступления против личности. – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2008. – С. 140.

б) ҷудо шудани бадани тифл аз батни модар ва оғози нафаскашии ӯ (Шаргородский М.Д., Лист Ф.);

в) аз батни модар берун шудани ягон қисми бадани тифл (Набоков В.Д., Жижиленко А.А.);

г) аз батни модар берун шудани тифли навтаваллудшуда ҳатто агар он ҳаёти берун аз батнро оғоз накарда бошад (Пионтковский А.А., Утевский Б.С., Рашковская Ш.С.)[1].

Дар айни ҳол миёни ҳуқуқшиносон ва кормандони тиб ақидае ҳукмрон аст, ки мувофиқи он ҳаёти инсон аз лаҳзаи ҷараёни таваллуд оғоз меёбад[2]. Пеш аз он, ки масъалаи баррасишавандаро дар иртибот бо андешаи ҳукмрон мавриди таҳлил қарор диҳем, ҳаминро бояд ёдрас намуд, ки муҳаққиқони ватанӣ оид ба лаҳзаи оғози ҳаёти инсон танҳо бо пешниҳод намудани масъала маҳдуд шуда, андешаи аниқи худро дар ин хусус баён нанамудаанд.

Лекин дар сарчашмаҳои ҳуқуқии гузашта меъёрҳои мушаххасро дар ин хусус пайдо намудан имконпазир аст. Масалан, дар Дигестҳои Юстиниан нишон дода шуда буд, ки «Нафаре, ки дар батн ҷой дорад, тавре ҳифз карда мешавад, ки миёни одамон бошад»[3]. Муҳаққиқи ватанӣ А.Ғ. Холиқов системаи ҳуқуқии зардуштиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ба ҳаёт ҳуқуқ доштани ҷанини дар батни модар бударо Авесто эътироф менамояд. Тифли дар батни модар бударо ҳуқуқи зардуштӣ ҳимоя мекунад «Агар зан ва ё духтар аз шарму ҳаё кӯдаки ғайриқонунӣ дар батнаш пайдошударо исқоти ҳамл намояд, нисбати ин кирдори худ гунаҳгор эътироф мешавад. Агар зан тифлро дар батни худ нобуд созад гуноҳ барои куштани тифл ҳам ба модар ва ҳам ба падар гузошта мешавад. Нисбати чунин ҷиноят ҷазо ҳамчун барои одамкушии қасдона муқаррар мегардад».

Ҳамин тавр, Авесто ва меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳаёт ҳуқуқ доштани тифли таваллуднашударо ҳифз менамояд. Он чӣ диққатҷалбкунанда аст, ки ҳатто дар он давра нисбати таваллуди ғайриқонунӣ сарзаниши ҷамъиятӣ ҷой дошт. Қонунгузории зардуштӣ тамоми вазнинии зуҳуроти мазкурро дарк намуда, новобаста ба ин мақсади ҳимояи таваллуди ғайриқонуниро дар назди худ мегузошт. Қобилияти ҳуқуқдории тифлони таваллуднашуда натанҳо дар шакли эътирофи ҳуқуқ барои мавҷудият ҳифз мегашт, балки инчунин ҳуқуқи онҳо барои нигоҳубин, таъминот ва муносибати ғамхорона низ муқаррар мешуд. Агар мард зани ҳомиладорро нигоҳубин ва таъмин намекард ва дар натиҷа ба тифл зарар мерасид, барои чунин гуноҳ мардро ҳамчун барои одамкушии қасдона ҷазо медоданд[4].

Андешаи дар ҳуқуқ ва тиб оид ба лаҳзаи оғози ҳаёт ҳукмронро таҳлил намуда, ҳаминро бояд баён намуд, ки лаҳзаи оғози ҷараёни таваллуд барои тасдиқ кунонидани оғози ҳаёти инсон бояд ҳолатҳои берун шудани сари кӯдак аз бадани модар эътироф шавад. Ҷудо шудани тифл аз бадани модар ва гузаштан ба нафаскашии мустақилона аллакай берун аз доираи оғози лаҳзаи ҳаёти инсон меистад. Дар адабиётҳо оид ба оғози ҳаёти инсон (ҳам аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ ва тиббӣ) ақидаҳои дигар низ ҷой доранд. Масалан, В.Ф. Караулов оғози ҳаёти инсонро ба давраҳои минбаъдаи таваллуд гузошта, қайд менамояд, ки пас аз таваллуд бо гирифтани нафаси аввал шуши тифли навзод кушода мегардад. Одатан аз ин гиряи аввали тифл шаҳодат медиҳад. Аз ҳамин лаҳза мумкин аст оид ба оғози ҳаёти инсон сухан ронд[5]. Красиков А.Н. чунин андеша дорад, ки баҳснокии масъала бояд бо такя ба фармони Вазорати тандурустии ФР ва қарори Кумитаи Давлатии ФР оид ба омор аз 4-уми декабри соли 1992, «Оид ба гузаштан ба пешниҳодоти ташкилоти Умумиҷаҳонии тандурустӣ нисбати омилҳои зинда ва мурда таваллуднамоӣ», инчунин вобаста ба Дастурамал «Оид ба муайян намудани омилҳои зинда таваллуднамоӣ ва мурда таваллуднамоӣ» ҳал гардад[6]. Дар санадҳои меъёрии зикршуда зинда таваллуднамоӣ ҳолатҳои зерин ҳисоб мешаванд: «пурра

---

[1] Полный курс уголовного права: В 5 т. / Под ред. докт. юрид. наук. проф., заслуженного деятеля науки РФ А.И. Коробеева. Т.11: Преступления против личности – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2008. – С. 141.

[2] Уголовное право России. Часть Особенная. – М., 2004. – С. 20; Уголовный закон в практике районного суда. – М., 2007. – С. 15.

[3] Памятники римского права: Законы XII Таблиц. Институции Гая. Дигесты Юстиниана. – М. Зерцало, 1997. – С. 18.

[4] Халиков, А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право). – Душанбе, 2003. – С. 54-58.

[5] Уголовное право Российской Федерации. Особенная Часть. – М., 1999. – С. 23.

[6] Красиков, А.Н. Преступления против прав человека на жизнь: монография / А.Н. Красиков. – Саратов, 1999. – С. 43.

хориҷ шудан ё баромадани ҷанин аз батни модар новобаста аз давомнокии ҳомиладорӣ, новобаста аз он ки ҷанин пас аз чунин хориҷшавӣ нафас мегирад ва ё дигар аломатҳои ҳаётро зоҳир мекунад, ба мисли задани дил, ҳаракати беихтиёронаи мушакҳо новобаста аз ҷудо ва канда шудани ноф ва ҳамроҳак».

Дар иртибот бо андешаи қаблан зикршуда Бородин С.В. дуруст қайд мекунад, ки аввалан, бояд категорияҳои гуногуни зерин аз қабили: лаҳзаи оғози ҳаёт ва зинда таваллуд шудани ҷанинро набояд омехта кард; сониян санадҳои меъёрии зерқонунии идоравӣ дар соҳаи тандурустӣ наметавонанд нақши далели ҳалкунандаро дар баҳсе, ки предмети онро проблемаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд бозанд. Илова бар он, дар робита бо баррасӣ намудани масъалаи ҷудо намудани иқдоти ҳамл аз одамкушӣ ҳангоми таваллуди тифл Бородин С.В. тавсия медиҳад, ки ба таҷрибаи қонунгузориҳои кишварҳои хориҷӣ рӯ орем. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Ҳиндустон муқаррароте мавҷуд аст, ки мувофиқи он ба марг расонидани кӯдаки зинда дар батни модар одамкушӣ маҳсуб намегардад. Вале ба марг расонидани кӯдаки зинда ба шарте ки ягон қисми бадани тифл аз батн берун шуда бошад, бо вуҷуди оне ки тифл ба нафаскашӣ шурӯъ нанамуда ё нопурра таваллуд шуда бошад ҳам, он чун одамкушӣ бояд баррасӣ шавад[1].

Тадқиқоте, ки Кондрашова Т.В. ба амал баровардааст ӯро ба хулосае меорад, ки дар адабиётҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба муайян намудани лаҳзаи оғозёбии ҳаёти инсон дар маҷмӯъ ба панҷ гурӯҳ тақсим мешаванд:

- ҷудо шудани ҷанин аз батни модар;
- баромадани (чок кардан) ҷанин аз батни модар;
- оғоз ёфтани нафаскашии мустақилона;
- оғоз ёфтани таваллуд;
- лаҳзаи буридани ноф.

Чи тавре, ки Шарапов Р. қайд мекунад, андешаи худи Кондрашова Т.В. дар хусуси лаҳзаи оғозёбии ҳаёти инсон нофаҳмост, зеро ӯ чунин мешуморад, ки дар санадҳои меъёрии Вазорати тандурустӣ мавқеи дуруст ҷой дорад ва ҳангоми муайян намудани лаҳзаи оғози ҳаёти инсон зарур аст, ки ба чунин ҳуҷҷатҳо такя намуд. Дар баробари ин Кондрашова Т.В. тасдиқ менамояд, ки азбаски дар чунин ҳуҷҷатҳои тиббӣ сухан оид ба қатли тифли навтаваллудшуда меравад, аз ин лиҳоз лаҳзаи оғоз ёфтани ҳаёт чун қаблӣ боқӣ мемонад. Ба андешаи ӯ бо ҷудо шудани ҷанин аз бадани модар ҷараёни таваллуд ҳоло ба итмом нарасидааст. Ӯ тавсия медиҳад, ки ҳаракатҳое, ки барои қатъ намудани ҳаёти тифли навтаваллудшуда равона шуда, ки ҳоло ӯ пурра аз бадани модар ҷудо нашудааст, бояд чун сӯиқасд ба одамкушӣ бандубаст карда шавад.

Ба нуқтаи назари баённамудаи Красиков А.Н. ва Кондрашова Т.В. муҳаққиқ Шарапов Р.розӣ нест. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳаёт маҳсули таваллуд дар лаҳзаи аз организми таваллудкунанда рондани тифл набояд аз мадди назари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии ҳаёти инсон берун бошад, аммо нияти нобуд сохтани тифл ҳангоми таваллуд бо роҳи бевосита таъсир расонидан ба ҷисми он чун одамкушӣ мумкин аст эътироф карда шавад[2].

Ба андешаи Попов А.Н., нуқтаи Шарапов Р. бештар қобили қабул аст. Хизмати мавсуф аз он иборат аст, ки ӯ лаҳзаи оғози ҳифзи ҳаёти инсонро, инчунин ба давраи таваллуд низ мансуб медонад. Аммо тасдиқи ӯ оид ба он ки қонуни ҷиноятӣ ҳаёти инсонро дар давраи таваллуд ҳифз наменамояд нофаҳмо аст. Ба ақидаи мо оид ба ҳифзи ҳаёти инсон дар вақти таваллуд низ тафсири қонун аниқ шаҳодат медиҳад. Зиёда аз ин, бо назардошти он ки ҳаёти инсон амалан аз лаҳзаи бордоршавӣ оғоз мегардад ба ақидаи мо ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии ҳаёти инсон бояд хеле пештар аз таваллуди тифл оғоз гардад. Дар ҳама ҳолат ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии ҳаёт бояд аз лаҳзае, ки тифл барои идома додани ҳаёт берун аз батни модар тайёр аст, амалӣ гардад. Ба ин қонунгузории ҷиноятии амалкунанда низ монеа намешавад.

Дар айни замон бештари муҳаққиқон андешаеро ҷонибдорӣ менамоянд, ки мувофиқи аз ҳаёт маҳрум кардани тифл дар ҷараёни таваллуд бояд чун одамкушӣ эътироф гардад. Бар замми он, вобаста ба таҳрири мавҷудаи м. 105 КҶ ҶТ мумкин аст, чунин хулоса бароварда, ки қонунгузории ҷиноятӣ натанҳо аз ҳаёт маҳрум кардани тифли навтаваллудшударо пас аз ҷудо шудани ҷанин аз батни модар, инчунин кирдоре, ки ҳангоми таваллуд содир шуда ва

[1] Бородин, С.В. Преступления против жизни. – М., 1999. – С. 175-176.
[2] Шарапов, Р.Д. Теоретические основы насильственных преступлений. – М., 2013. – С. 115.

тифли таваллудшуда мустақилона ҳаёти берун аз батнро оғоз накардааст, эътироф менамояд. Дар ин бора матни иншошудаи диспозитсияи қонун гувоҳӣ медиҳад: «кӯдаки навзоди худро куштани модар ҳангоми таваллуд…». Бинобар ин. масъала оид ба имконияти қатли тифлро дар давраи таваллуд ҳал шуда шуморидан мумкин аст.

Дар охир метавон хулоса намуд, ки оид ба оғози ҳаёт ва эътирофи марги шахс, то ҳол байни олимон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, тибб ва биология (эмбриология), муқаррароти ягона ҷой надорад. Доир ба масъалаи ҷойдошта, муаллифон нуқтаи назари худро пешниҳод намудаанд. Бо дарназардошти пешниҳоди онҳо ҳаёт то оғози таваллуд, - ҳанӯз дар батни модар оғоз гардида, доир ба марги шахс, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пайвандсозии (трансплантатсияи) узв ва (ё) бофтаҳои инсон» аз 30 июли соли 2007 – ба асос гирифта, онро аз лаҳзаи фавти бебозгашти пурраи мағзи сар (марги биологӣ), эътироф менамоянд.

ҲОЛАТҲОИ КОРРУПСИОНӢ ВА ХАТАРИ ОН БАҲРИ ҶОМЕА

СОСТОЯНИЕ КОРРУПЦИИ И ЕЕ РИСК ДЛЯ ОБЩЕСТВА

НАСРИЗОДА АНОРАХОН АСКАР
сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
e-mail: Allashukurov2015@mail.ru

Коррупсия яке аз масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир ба шумор меравад, ки на танҳо дар кишварҳои рӯ ба рушд, балки дар давлатҳои пешрафта низ ба мушоҳида мерасад. Аммо дар кишварҳои дар ҳоли рушд, ба мисли Тоҷикистон , таъсири он ба рушди ҷомеа бештар ва назаррастар аст. Қобили зикр аст, ки тибқи ҳисоботи ташкилоти Transparensy International, сатҳи коррупсия дар бисёре аз кишварҳои Осиёи марказӣ то ҳол баланд боқӣ мондааст.

Индекси дарки коррупсия барои соли 2024, ки аз ҷониби Transparensy International нашр шудааст , ки Тоҷикистон бо гирифтори 19 хол дар ҷойи 164-ум аз 180 кишвар қарор дорад. Ин нишондиҳанда пасттарин хол барои нишондиҳанда аз соли 2005 ин ҷониб мебошад, ки нишон медиҳад, ки дарки коррупсия дар кишвар афзоиш ёфтааст[1].

Ҳолати коррупсионӣ яке аз хатарҳои намоёни ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, зеро монеа мешавад барои пешравии давлати демократӣ ва боварии аҳолӣ нисбати мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар зери маломуту нобоварӣ гирифтор мекунад. Дар ин ҷода Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудаанд, ки «ба роҳ мондани муборизаҳои қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳимми фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтори мақомоти давлатӣ мебошад».

Ба таърихи пайдоиши он назар афканем, он дар садаи бистум пайдо шуда, дар замоне, ки муаррихон ҷузъиёти ин ё он зуҳуроти падидаи ришвахӯриро ба қайд мегирифтанд, андешаи он дар атрофи он ҳамчун як амали дур аз ахлоқ, ки тобиши ҷиноятомез дорад, ташаккул меёфт. Дар замонҳои қадим «Коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасон ва фурухтани мансаб маънидод шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амали хилофи ҷомеа дастзада дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.

Шахси бадхоҳу нохалаф ва зиёнкору тамаъҷӯй дар ҳар давру замон ва дар ҳар мулку макон ҳастанд ва зиёни худро бар одаму давлат тавассути ҳар амали бад мерасонанд, ки яке аз ин амалҳо ин коррупсия мебошад.

Коррупсия амали зиддиҳуқуқӣ, бадахлоқона ва мушкилоти ҳалталаби замони муосир шинохта мешавад. Бо маънии коррупсия шахс пеши назари худ шахси тамаъҷӯй, нохалаф ва фақат ба манфиати худ коркунандаро мешиносад. Ноадолатии ҷомеаро низ метавонем бо

[1] Ниг.: Transparensy International. Coruptions Index 2024.

коррупсия ҳаммаъно сохт, зеро шахсе, ки ба ҳолатҳои коррупсионӣ даст мезанад, шахси зиёнкор шинохта мешавад. Ришвахур, ришвадеҳ, хушомадгуй ва амсоли инҳоро, метавон ба шахсе, ки ба ҳолатҳои коррупсионӣ даст мезананд, ҳаммаъно сохт.

Мақсади порадеҳ ин гирифтани фоида, мақсади порагир, ин ба даст овардани ягон чиз ба таври ғайриқонунӣ ва пеш бурдани зиндагии худ мебошад, падидаи нодуруст ва амали номатлуб ва ҳамчунин барои ҷомеа харати муҳим дорад. Бо ришвадиҳӣ ба даст овардани ҷойи корӣ, ки хилофи қонунгузорӣ мебошад, ин тайёр намудани кадри бесаводу зуккахур ва ҳамчунин манфиатпараст аст, аз дасти бесаводу нохалаф тамоми корҳои зидди ҷамъиятиву давлатиро мунтазир шудан аз назар дур нест.

Сабабҳои сар задани ҳолатҳои коррупсионӣ ин аз худпарастии инсонист. Шахсе, ки оқибати амали худро фикр мекунад, ҳеҷ гоҳ ба ҳолати коррупсионӣ даст намезанад. Ҳолати коррупсионӣ ин амали фаъоли шахс мебошад, ки дидаю дониста, оқибаташро дарк карда, амали нодурусти худро анҷом медиҳад.

Имрӯзҳо яке аз проблемаҳои замони муосир ин мубориза бо коррупсия мебошад. Оид ба ин масъала солҳои охир дар матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бисёр фикру ақидаҳо пешкаш шудаанд. Дар Кодекси рафтори шахсони мансабдори мақомотҳои тартиботи ҷамъиятиро таъминкунанда (соли 1978) қайд шудааст, ки мафҳуми коррупсияро ҳар як давлат алоҳида муқаррар мекунад. Масъалаи мубориза ва муқовимат бо коррупсия ҳамеша аз ҷониби созмону ташкилотҳои байналмиллалӣ , махсусан Созмони Миллали Муттаҳид ҳамчун яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа эътироф карда мешуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба самти коррупсияро аз мадди назар дур намондааст: «Мо диққати сохтору мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеаро мунтазам ба масъалаи пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия ҷалб мекунед, зеро бо вуҷуди тадбирҳои дар ин самт андеша шудани Ҳукумат ҳанӯз ҳам ҳолатҳои содиршавии амалҳои коррупсионӣ кам нестанд».[1]

Бо ин мақсад барои пешгирӣ аз ҳама гуна ҷинояту ҷиноятқорӣ ва муборизаи беамон бурданбо фаъолияти коррупсионӣ 31 октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди коррупсия қабул шуда, рӯзи 9 декабри соли 2003 дар шаҳри Меридаи кишвари Мексика дар конфронси сиёсии сатҳи баланд бо иштироки намояндагони зиёда аз 100 давлат барои ҳамроҳшавии дигар давлатҳои ҷаҳон баргузор гардид. Ҳамин тариқ санаи 9 декабр ҳамчун «Рӯзи байналмиллалии мубориза бо коррупсия» пазируфта шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияи мазкур 25 сентябри соли 2006 имзо гузошт ва он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардид. Инчунин бо мақсади муттаҳид сохтани саъю кушишҳои зиддикорупсионии давлат ва муборизаи бе восита бо ҳолатҳои коррупсионӣ ё бо худи коррупсия, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ бо раванди муқовимат бо он дар заминаи конвенсияи зикршуда бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 мақомоти ваколатдори давлатӣ – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳамчунин барои пешгирӣ ва бартараф сохтани ҳолатҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар барои муқовимат бо коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020 қабул карда шуд, ки он аз 7 боб ва 36 модда иборат аст. Мафҳуми коррупсия дар қонуни дар боло зикршуда, чунин оварда шудааст: «Коррупсия – кирдори (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаи давлатӣ ваколатдор ва ёшахсони ба онҳо баробаркардашуда, бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои модию ғайримоддӣ, бартарият ва ё имтиёзҳои дигар содир менамояд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ва ёпешваш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо ба манфиати шахсони воқеъӣ ё ҳуқуқӣ»[2].

Намудҳои маъмултарини коррупсия:

1. Порагирӣ;
2. Суистифода аз мансаб;

[1] Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми январи с. 2021 // Қонун ва ҷомеа. - №4 (560).
[2] Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар барои муқовимат бо коррупсия» аз 7-уми августи с. 2020, № 1714.

3. Мухолифати манфиатҳо;
4. Ифшои маълумоти махфӣ;
5. Хариду фуруши вазифаҳо[1].

Хатарҳои коррупсия барои ҷомеа:

– Фалаҷшавии иқтисод: Коррупсия муҳити сармоягузорӣ ва рақобатро вайрон мекунад.

– Коҳиши эътимод ба давлат: Мардуми беэътисод ба сохторҳои давлатӣ камтар дар раванди демокративу иҷтимоӣ иштирок мекунанд.

– Беадолатӣ ва паст шудани ахлоқи ҷамъиятӣ: Коррупсия тарбия ва меъёрҳои ахлоқиро вайрон мекунад.

– Маҳдуд гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳо: Хизматрасониҳо танҳо ба шахсони «дорои имконият» мерасад.

Бо мақсади пешгирӣ кардани ҳолатҳои коррупсионӣ дар ҷомеаи башарӣ аз воситаҳои зерин бояд истифода кард:

– вусъат додани донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар бораи ин омили номатлуб ва оқибатҳои он;

– ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ дар шароити ҳозира;

– гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷомеа.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ МЕХАНИЗМОВ ВОЗМЕЩЕНИЯ ВРЕДА В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ И РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

ДУРНАМОИИ ИНКИШОФИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶУБРОНИ ЗАРАР ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НЕХАЕВ ИЛЬЯ НИКОЛАЕВИЧ
адъюнкт адъюнктуры Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова,
старший лейтенант полиции
E-mail: ilya.nexaev.1997@gmail.com

Расследование преступлений – сложный и многоаспектный процесс, требующий от представителя органа исполнительной власти (следователя, дознавателя), достаточного уровня компетентности, профессионализма и комплексного подхода. Определение имущественного положения обвиняемого является не только обязанностью такого сотрудника, согласно статей 73 и 85 уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации[2] и Республики Таджикистан[3] соответственно (далее - УПК РФ/УПК РТ), а также важной составляющей характеристики его личности, позволяющей произвести предварительную оценку возможности к добровольному возмещению причиненного его преступлением вреда потерпевшему, а кроме этого, спрогнозировать вероятность совершения им новых преступлений. К сожалению, в практических реалиях сотрудники следственных подразделений не редко сталкиваются с трудностями, связанными с отсутствием у обвиняемого принадлежащего ему и зарегистрированного на его имя имущества.

Ситуации, в которых такой субъект действительно не обладает каким-либо имуществом, в силу объективных жизненных обстоятельств или социального статуса вполне объяснима и понят-

[1] Ниг.: моддаҳои 319-324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 784 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.2023, № 1985; аз 20.06.2024, № 2050.

[2] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001, № 174-ФЗ (ред. от 29.05.2024) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.07.2024) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/ (дата обращения: 28.03.2025).

[3] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 г., № (с изменениями и дополнениями по состоянию на 03.01.2024 г.) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://base.mmk.tj/ (дата обращения: 28.03.2025).

на. С другой стороны, ситуация осложняется, если имущество умышленно скрывается, путем фиктивной регистрации на третьих лиц, в том числе родственников. Целью таких действий служит желание лиц причастных к совершению преступлений осложнить процесс поиска и наложения ареста на такое имущество, а также воспрепятствование обращению его в доход государства. Стоит признать, что законодательство как Российской Федерации, так и Республики Таджикистан по настоящее время не содержит в себе эффективных механизмов оперативного противодействия в рамках правового поля таким схемам, что помимо иных существующих детерминантов оказывает негативное влияние на возмещение ущерба потерпевшему, подрывая справедливость правосудия и назначения уголовного судопроизводства.

Ограниченный инструментарий в борьбе с сокрытием имущества побуждает научное сообщество к разработке и теоретической апробации новых юридических конструкций, не всегда связанных с наложением ареста на имущество и установлением его местонахождения, в том числе с изучением изысканий и опыта зарубежных стран, ставящих перед собой задачу, в первую очередь восстановить имущественное положение потерпевшего.

Переоценка существующих механизмов возмещения вреда, оценка их эффективности, анализ и сопоставление друг с другом, выделение действующих или потенциально возможных, а также новых механизмов, по мнению члена Президиума Верховного Суда Российской Федерации В.В. Момотова, «вполне объяснима в контексте тенденции прагматизации права, которая предопределяет экспансию наиболее удобных юридических конструкций, позволяющих эффективно достигать целей правового регулирования»[1].

На этом фоне, мы можем выделить три основных модели правого регулирования возмещения вреда, эффективно работающие за рубежом и зарекомендовавшие себя с положительной стороны.

Первая модель, распространена в Новой Зеландии, Кипре, Австралии и других странах. Базируется она на сочетании государственной и добровольной системах социального страхования. Пострадавший, независимо от имущественного положения виновного, может получить компенсацию из указанных фондов социального страхования. Затем государство предъявляет регрессное требование к виновному, направленное на возмещение понесенных расходов.

Эта модель эффективна в том плане, что гарантирует потерпевшему компенсацию, но ее результативность в части возврата средств в фонды страхования зависит от развитости регрессивной системы, возложения обязанности на виновного, строгости осуществления контроля за процессом возмещения им компенсированных сумм. Неотъемлемым недостатком выступает прогнозируемая экономическая безнаказанность виновного лица, в случае, если привлеченное к ответственности лицо не обладает собственностью, чтобы удовлетворить регрессное требование.

В данной связи, невозможно не обратить внимание на опыт Японии. По законодательству этой страны, предусмотрена уголовная ответственность в отношении лиц, уклонившихся от возмещения вреда. В результате таких пассивных действий, лицу, в отношении которого обвинительный приговор вступил в силу, а сроки исполнения возмещения причиненного вреда истекли, грозит лишение свободы сроком до двух лет, либо штраф[2].

Вторая модель нашла свое распространение в Италии, Швейцарии, Чехии. Представлена существованием и активным использованием специально созданных реабилитационных служб, которые находятся под кураторством правоохранительных органов. Целью таких служб выступает помощь и оказание поддержки жертвам преступлений, в том числе профессиональное социальное и юридическое консультирование.

Представлены кризисными комплексными центрами для размещения пострадавших от преступлений. Кроме того, в частности в Чешской республике, существуют центры переговоров и решения конфликтов, посредством применения процедуры медиации. Как отмечают В.Е. Градский и Н.М. Журавлева, судопроизводство этой страны позволяет сформировать широкое представление

[1] Момотов, В.В. Экономическая и правовая ценность договора в судебном процессе / В.В. Момотов // Журнал российского права. - 2019. - №1. - С. 23.

[2] Кобец, П.Н. Правовые основы по защите прав потерпевших и возмещению вреда, причиненного в процессе совершенного преступления, в Японии / П.Н. Кобец // Международное уголовное право и международная юстиция. - 2022. - № 3. - С. 5.

о практике применения примирительных процедур, а также дает возможность заимствования зарубежного опыта в данной сфере.[1]

Третья модель функционирует в странах с глубоко сформированной правовой системой США, Франции, Германии и представлена непосредственными выплатами потерпевшим от преступлений как из специализированных государственных, так и частных, социальных фондов. Кроме этого, в представленных странах присутствует и широкий гражданско-правовой инструментарий, предоставляющий возможности для обращения взыскания на имущество, принадлежащее виновному лицу, без утраты права на компенсацию.

Однако, в случае если такое представляется затруднительным или невозможным, законодательство, например, Франции и предусмотрело публичный компенсационный фонд для обеспечения доступности возмещения вреда, особенно в случаях, когда виновный не установлен или не способен к процессу компенсации. Существование такого фонда – яркий пример прагматичного подхода к решению проблем, связанных с возмещением преступного вреда, демонстрирующий государственную ответственность за защиту прав граждан.

Рассматривая наличие таких правовосстановительных механизмов в зарубежных странах, представляется возможным спроецировать их действие и возможный положительный потенциал для Российской Федерации и Республики Таджикистан. Стоит обратить внимание на то, что указанными странами и рядом других, на Межпарламентской Ассамблее государств-участников Содружества Независимых Государств, принят модельный закон от 27 ноября 2020 года № 51-28 «О возмещении причиненного вреда гражданам, потерпевшим от преступлений». Указанный закон предполагает и содержит в себе структуру; порядок функционирования; круг лиц, имеющих право на компенсацию, а главное – закрепляет собой признание необходимости в создании государственного бюджетного учреждения, именуемого как «Фонд помощи гражданам, потерпевшим от преступлений».

Такой же точки зрения придерживается и М.Т. Аширбекова, которая замечает, что «российское законодательство отстает от зарубежного «в части создания компенсационных фондов государства по возмещению вреда, причиненного потерпевшему», что особенно нетерпимо по нераскрытым преступлениям и в «обеспечении безопасности потерпевших по уголовным делам».[2] Автор статьи, считает, что не зависимо от страны и правовой системы, каждый потерпевший конечно же должен быть восстановлен в нарушенных в его отношении правах.

Но, к сожалению, вынужден и констатировать, что из-за ряда объективных причин, например, из-за иных фундаментальных экономических обязанностей государств перед гражданами относительно иных сфер деятельности и расходных статей по настоящее время такой фонд не учрежден.

Именно поэтому, автор настоящей статьи считает, что фонд, предполагающий собой компенсацию потерпевшим от преступлений в виде возмещения преступного вреда, может быть сформирован не в сфере государственного и/или бюджетного регулирования. Так, например, альтернативными источниками формирования такого компенсационного фонда для жертв преступлений могут выступать:

1) штрафные санкции, возложенные на осужденных, в виде основного наказания.
2) доходы от реализации арестованного имущества, обращенного в доход государства;
3) залоги, обращенные в доход государства по судебному решению;
4) штрафные санкции, возложенные на подозреваемых/обвиняемых при освобождении от уголовной ответственности;
5) спонсорство;
6) доходы с организаций, осуществивших благотворительные взносы и получившие от этого налоговые льготы;
7) добровольные пожертвования лиц, ранее являвшихся потерпевшими;
8) различные пошлины, возлагаемые на участника/участников уголовного судопроизводства. Формирование фонда посредством использования указанных источников

[1] Градский, В.Е., Журавлева, Н.М. Медиация в уголовном процессе Чешской республики / В.Е. Градский, Н.М. Журавлева // Вестник Уральского юридического института МВД России. - 2021. - №1. - С. 63.
[2] Аширбекова, М.Т. Уголовно-правовые средства обеспечения интересов потерпевшего в ходе производства по уголовному делу / М.Т. Аширбекова // Северо-Кавказский юридический вестник. - 2013. - № 2. - С. 74.

позволит осуществить его наполнение и реализовать выплаты без нагрузки на бюджетную систему страны.

Учреждение такого фонда, функционирующего посредством доходов из указанных источников, для обоих упомянутых стран-участниц СНГ, является актуальным и, на наш взгляд обосновывается схожестью смешанной правовой системы России и Таджикистана, а также направленностью уголовно-правовой политики на удовлетворение интересов потерпевших.

Так, доктринально, законодательство обоих стран декларирует:

– защиту прав потерпевшего от преступления на доступ к правосудию и на возмещение причиненного ему ущерба (ст. 52 Конституции РФ[1], ст. 21 Конституции РТ[2]);

– закрепление возмещения вреда, причиненного преступлением, в качестве одной из принудительных мер воспитательного воздействия, применяемых к несовершеннолетним преступникам (ст. 427 УПК РФ и п. «в» ч. 2 ст. 90 УК РФ[3]; ст. 436 УПК РТ и п. «в» ч. 2 ст. 88 УК РТ[4]);

– возмещение вреда, причиненного преступлением, влияет на размер и срок наказания, учитываться при выборе вида наказания в силу установленных ограничений на назначение наказания в виде лишения свободы за преступления небольшой или средней тяжести (ст. 61 УК РФ и УК РТ);

– возложение на осужденного с учетом его возраста, трудоспособности и состояния здоровья исполнение определенных обязанностей, которые, по мнению суда, будут способствовать исправлению (ст. 73 УК РФ и ст. 71 УК РТ).

Так, прослеживается, что национальное уголовное законодательство каждой из стран, соответственно, существенно схоже друг с другом, не только по уровню вовлеченности в нарушенные интересы потерпевших, но и в стимулировании процесса возмещения вреда у лиц, преступивших закон.

Подводя итог размышлениям, представляется возможным заключить, что проблема установления истинного имущественного положения обвиняемых требует комплексного решения. Существует необходимость совершенствования законодательства, путем введения более эффективных механизмов выявления и ареста скрываемого имущества, изучая и адаптируя позитивный зарубежный опыт, с учетом особенностей присущей каждой стране, национальной правовой системы. Внедрение современных технологий, например, систем анализа больших данных и профилирования финансовых потоков, также может значительно повысить эффективность расследования и возмещения ущерба потерпевшим.

Кроме этого, заметим, что законодательная деятельность уполномоченных государственных органов относительно разработки механизмов возмещения вреда, причиненного преступлением, направлена на защиту неотчуждаемых, принадлежащих каждому гражданину прав и свобод. Такая деятельность так же содержит в своем назначении создание таких юридических конструкций, которые смогут гарантировать восстановление положения лиц потерпевших от преступлений. В свою очередь, зарубежный опыт демонстрирует более развитые способы возмещения преступного вреда, которые благодаря своей дифференцированности, позволяют разрешать большее количество уголовных дел альтернативными путями, посредством обширности и наличия таких механизмов возмещения вреда, включающих в себя как традиционные судебные исковые формы, так и эффективные публичные фонды компенсации и реабилитации.

Несомненно, что Российская Федерация и Республика Таджикистан в настоящее время находятся на пути постепенного и продуманного реформирования своих систем, в то же время находясь в состоянии стремления к улучшению защиты прав потерпевших, но еще не достигли такого уровня развития, как представленные зарубежные страны, в первую очередь, из-за смешан-

[1] Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993 с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 01.07.2020) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/ (дата обращения: 28.03.2025).

[2] Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г. (с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999, 22 июня 2003 и 22 мая 2016 гг.) // [Электронный ресурс] -Режим доступа: http://base.mmk.tj/ (дата обращения: 28.03.2025).

[3] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996 N 63-ФЗ (ред. от 28.02.2025) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/ (дата обращения: 28.03.2025)

[4] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 574 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.06.2024 г.) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://base.mmk.tj/ (дата обращения: 28.03.2025).

ной правовой системы. Опыт обеих стран представляет ценный материал для изучения и совершенствования механизмов восстановления положения потерпевших от совершенных в их отношении преступлений.

ТАНЗИМИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ*

КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВЫХ ФОРМ УЧАСТИЯ ГРАЖДАН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЕСПЕЧЕНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО ПОРЯДКА

НУРИДДИНЗОДА СУФӢ НУРИДДИН**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
e-mail: Sufi-1986@mail.ru

Эътимод ба давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи он заминаи иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, ки дар шуури шаҳрвандон пояи қонуният ва эҳтиром ба мақомоти давлатӣ бунёд мегардад. Шахси мансабдори мақомоти давлатӣ (хизматчии давлатӣ), ки аз боварии аҳли ҷомеа бархурдор нест, наметавонад, ки барои татбиқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъулияти пурраро бар дӯш гирад. Ба таври дигар, бе боварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти мақомоти зикршуда дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мақсади аслии хешро аз даст медиҳад. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба иштироки шаҳрвандон дар иҷрои корҳои давлатӣ, бахусус, амалӣ кардани самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба воситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

Тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон ҳақ доранд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, қабули қарорҳои аҳаммияти умумидавлатӣ ва маҳаллидошта бевосита ё ба воситаи вакилони худ иштирок намоянд[1]. Бояд қайд намоем, ки ҳуқуқи шаҳрвандон дар ин самт фаъолона ва ғайрифаъолона амалӣ карда мешаванд. Мавқеи фаъоли шаҳрвандон оид ба иштирок дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ аз эътимоди ҷомеа ба давлат ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дарак медиҳад, аммо ҳолати баракс (мавқеи ғайрифаъол) шаҳодатгари он аст, ки эътимоди ҷомеа ба давлат ва мақомоти он дар сатҳи паст қарор дорад.

Почебут Л.Г. ва Чикер В.А. дар мақолаи илмии хеш, ки ба масъалаи психологияи боварӣ дар ташкилот бахшида шудааст, қайд менамоянд, ки эътимод тамаркузи субъектро ба рушди муносибат бо дигар одамон, гурӯҳҳо, созмонҳо, наздик шудан ба онҳо ифода мекунад ва баръакс, нобоварӣ хоҳиши дур кардани худ ва канорагирӣ аз дигаронро нишон медиҳанд[2].

Дар асарҳои Антоненко И.В.[3], Борисова М.М.[1], Бичков П.А.[2], Крючкова И.М.[3], Скрипкина Т.П.[4] ва дигарон, сарфи назар аз тафовут дар бахши тавсифи эътимод, он ҳамчун

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи тадқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2027)» таҳия шудааст, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад. Рақами бақайдгирии давлатӣ 0121TJ1289.

** Мақола дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, омода карда шудааст.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 07.07.2023).

[2] Почебут, Л.Г., Чикер, В.В. Психология доверия в организации / Л.Г. Почебут, В.В. Чикер // Психологический журнал. – 2017. – Т. 38. – № 6. – С. 65-76.

[3] Антоненко, И.В. Социальная психология доверия: автореф. дис. ... д-ра псих. наук: 19.00.05 / И.В. Антоненко. - Ярославль, 2006. - 48 с.

ҳолати интизорӣ, муносибат ва мубодилаи иттилоот, муносибатҳои шахсӣ ва дигар равандҳои мубодилаи иттилоот, баррасӣ мегардад.

Як зумра муаллифони ғарбӣ, аз қабили Крамер Р.[5], Левицкий Р., Макаллистер Д., Бис Р.[6] дар бораи таъсири мусбати нобоварии муътадил ва оқибатҳои номатлуби эътимоди аз ҳад зиёд, ки гӯё боиси сӯиистифода аз эътимод, афзоиши хароҷоти ҳамкориҳои мутақобила бо зарурати ба даст овардани кафолатҳо ва интиқоли мушкили иттилоот, рафъи қарорҳои мураккаб мегардад, изҳори назар мекунанд.

Муаллифони болозикр ҳамчунин, бар он ақидаанд, ки эътимод вақте ба вуҷуд меояд, ки муносибатҳо бо арзиши ҳаддӣ ақал фоидаи ҳадди аксарро фароҳам меоранд. Вобаста ба ҳамин масъала, ба андешаи мо, эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати амали кардани самти фаъолияти он оид ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳадди аксар расонидани фоидаи шахсӣ алоқаманд нест. Чунки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ дар давлат самти асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, на ин ки аз ҷомеа. Ҷомеа дар ҳалли масъалаи зикршуда аз рӯи хоҳиш ва иродаи худ иштирок менамояд. Аз ин рӯ, эътимод дар байни ҷомеа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд дар асоси шарикии иҷтимоӣ асосёфта коркард карда шуда, роҳҳои сӯиистифодаи ҷомеа аз ин ҳамкорӣ пешгирӣ карда шавад.

Дар иртибот ба таҳлили мавзуи асосии таҳқиқшаванда ва бо дарназардошти хусусиятҳои умумии баррасигардидаи он, зикр кардан ба маврид аст, ки шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ заминаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дорад. Тибқи талаботи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ буда, халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад[7]. Ифодаи олии иродаи халқ дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ райпурсии умумихалқӣ ва интихобот ба ҳисоб мераванд. Яъне, халқ (шаҳрвандон) на танҳо дар иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ (вобаста ба мавзуъ, дар иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳиязи ҳуқуқ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ) иштирок менамоянд, балки аз рӯйи меъёрҳои конститутсионии болозикр дар таъсису барҳам додани сохторҳои давлатӣ ва ба вазифа таъйин намудани сардорони мақомоти давлатӣ ширкат меварзанд. Асоснокии ақида бо он мустаҳкам карда мешавад, ки халқ ба таври интихоботи умумӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мансаб интихоб намуда, таъсис ва барҳам додани ҳукумат ва ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод намудани аксари роҳбарони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ салоҳияти конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ҳамчунин, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар райпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул менамоянд ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асос ва мувофиқи Конститутсия қабул гардида, мухолифати байни меъёрҳои он бо муқаррароти Конститутсия иҷозат дода намешавад. Вобаста ба ҳамин масъала бояд қайд намоем, ки дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар ҳаёти воқеӣ амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд дар тамоми самтҳои ҳаёти фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бахусус, дар самти иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ қабул гардида[8], мавриди амал қарор доранд.

---

[1] Борисова, М.М. Социальные представления молодежи о доверии: автореф. дис. ... канд. псих. наук: 19.00.05 / М.М. Борисова. - СПб., 2018. - 27 с.

[2] Бычков, П.А. Взаимосвязь ценностно-мотивационной сферы избирателей с доверием политической власти: дис. ... канд. псих. наук: 1900.12 / П.А. Бычков. - СПб., 2012. – С. 74.

[3] Крючкова, И.М. Социально-психологические характеристики феномена «доверия» в работах отечественных психологов / И.М. Кроючкова // Современные исследования социальных проблем. – 2017. – Т. 8. – № 8. – С. 113–124.

[4] Скрипкина, Т. П. Психология доверия. - М.: Академия, 2000. – С. 123.

[5] Kramer, R. M. Trust and Distrust in Organizations: Emerging Perspectives Enduring Questions // Annual Reviews Psychology. - 1999. - Vol. 50. - Pp. 569–598.

[6] Lewicki, R.J., Macallister, D.J., Bies, R.J. Trust and distrust: New relationships and realities // Academy of Management Review. - 1998. - Vol. 23. - Pp. 438–459.

[7] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 07.07.2023).

[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи с. 2004, № 41 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 14.01.2025); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29-уми декабри с. 2010, № 566 // [Манбаи

Агар ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида назар андозем масъалаи танзими муносибатҳои ҷамъиятии таҳқиқшавандаро мушаххастар намуданамон мумкин аст. Тибқи талаботи моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад. Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст. Меъёри моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» бо мақсади амалӣ кардани муқаррароти моддаи болозикри (м. 23) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. Чунончӣ дар он муқаррар шудааст: Милитсия ҳуқуқи ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, истифода бурдан ва паҳн кардани маълумотро дар бораи ҳаёти шахс бе розигии худи ӯ, ба истиснои мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, надорад[1].

Чи тавре ки муайян мегардад, масъалаи ҳамкории шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ташкили фаъолият оид ба ҳамкории байни милитсия бо ҷомеа риояи баъзе аз уҳдадориҳоеро барои кормандони милитсия муайян намудааст, ки танзими хешро дар Конститутсия ёфтаанд. Маврид ба зикр аст, ки татбиқи амалии меъёрҳои зикршудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» айни замон баъзе аз мушкилотҳоро дар бар мегирад. Дар ҳамин радиф, мушкилот оид ба эътимод надоштани бархе аз шаҳрвандонро ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ёдовар шудан мумкин аст. Ғ.Н. Қодирзода оид ба таҳқиқи илмии рисолаи диссертатсионии хеш, ки ба мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» бахшида шудааст, дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни 204 нафар шаҳрвандон назарсанҷӣ гузаронидааст. Дар вақти назарсанҷӣ ба саволи «Оё Шумо тайёред, ки ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳо ёрӣ расонед», зиёда аз 50 нафар, ки аз теъдоди умумии пурсидашудагон 25 %-ро ташкил менамоянд, посух гардониданд, ки бо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамкорӣ эътимоднок нест[2].

Муҳиммияти ҳалли мушкилоти баланд бардоштани сатҳи эътимоди шаҳрвандонро ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, милитсия мо аз омилҳои асосии зерин вобаста медонем:

Аввалан, хусусияти фаъолияти маҷбуркунандагии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҷойи худро ба ҳамкории мутақобила бо ҷомеа, ки дар асоси боварии тарафайн асос ёфтааст иваз намояд.

Сониян, чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғибию ташфиқотӣ ҷиҳати зарурати мавҷудият ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба аҳолӣ бештар ба роҳ монда шавад. Яъне, шаҳрвандон дар симои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд такягоҳ ва пуштибони боэътимоди худро бинанд.

Сеюм, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва донишҳои ҳуқуқию малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баланд бардошта шавад.

Билохира, механизми назорати ҷамъиятии фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда шуда, натиҷаи он ҳамчун яке аз маҳакҳои асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти онҳо пешбинӣ карда шавад.

Моддаи 28 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, итти-

---

электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 14.01.2025); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22-юми июни с. 2023, № 1969 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 21.01.2025); Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми марти с. 2013, № 1438 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.03.2025); Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи с. 2014, № 296 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 27.03.2025); Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021–2025: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни с. 2021, № 211 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 29.03.2025).

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи с. 2004, № 41 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 03.04.2025).

[2] Қодирзода, Ғ.Н. Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд: дис. ... номз. илм. ҳук: 12.00.01 / Ғ.Н. Қодирзода. – Душанбе, 2024. – С. 248.

фоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.

Меъёри зикршудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти давлатӣ, бахусус, иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мушаххастар намудааст. Вобаста ба татбиқи амалии меъёри мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» қабул карда шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шаклҳои инфиродӣ ва дастаҷамъона пешбинӣ мегардад. Ташкили фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ, дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ[1] маҳз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқие ба ҳисоб мераванд, ки шаҳрвандон тавассути аъзо гардидан ба онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳалли дигар вазифаҳо ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ёрӣ мерасонанд.

Чи тавре, ки муайян гардид Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» шаклҳои дастаҷамъонаи барасмиятдароварда шудаи ҳамкории шаҳрвандонро бо мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ менамояд. Аммо, шаҳрвандон дар шакли ғайрибарасмиятдарорӣ низ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ метавонанд, ки иштирок намоянд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ин масъала бояд дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли хешро ёбад.

Дар алоқамандӣ ба ҳамин масъала гурӯҳи мутахассисони ватанӣ қабули инфиродӣ ва коллективӣ (дастаҷамъона)-и шаҳрвандонро яке аз усулҳои самараноки ҳамкории байни милитсия ва ҷомеа медонанд[2].

Ҳамин тавр, бо таҳлили камтарин меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар алоқамандии онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар асоси Конститутсия ва бо мақсади амалӣ намудани меъёрҳои он қабул карда мешаванд, муайян гардид, ки шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии худро доро мебошанд.

Новобаста аз оне, ки дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) баъзе аз мушкилотҳои соҳавӣ вобаста ба татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба чашм мерасад ва камтарини онҳоро мо дар таҳқиқи мавзуъ пешниҳод кардем, лекин меъёрҳои баномавӣ ва стратегияҳои қабулгардида дарак аз он медиҳанд, ки дар ояндаи наонқадар дӯр масъалаи мазкур ҳалли хешро пайдо менамояд. Ба таври мисол, тибқи муқаррароти меъёрҳои лоиҳавии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» дар оянда афкори омма оид ба фаъолияти хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун яке аз маҳакҳои асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баромад менамояд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки кормандони мақомоти мазкур дар оянда иҷрои вазифаҳои хизматии хешро тавре ба роҳ мемонанд, ки эътимоди зиёди шаҳрвандонро ба даст меоранд. Гузашта аз ин, меъёрҳои Конститутсия дар танзими муносибатҳои таҳқиқшаванда ҳамчун воқеият авлавият ва афзалият дошта, пояи устувори таҳқими демократӣ ва ҳуқуқбунёдии давлатро тақозо менамоянд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 22-юми июни с. 2023, № 1969 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.04.2025).

[2] Солиев, К.Х., Мансурзода, А.М., Абдулаҳадзода, А.А., Нуридинзода, С.Н., Мирзорустамов, М.М. Раҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа / зери н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. / К.Х. Солиев, А.М. Мансурзода, А.А. Абдулаҳадзода, С.Н. Нуридинзода, М.М. Мирзорустамов. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – С. 15.

МУҚОВИМАТ БО ТАЪЛИМОТИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТИДОШТА

ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ УЧЕНИЯМ ЭКСТРЕМИСТСКОГО ХАРАКТЕРА

ОДИНАЗОДА АМИРҶОН АБДУҒАФОР
омӯзгори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
e-mail: Saidshoabdulloev4@gmail.com

АБДУЛЛОЗОДА САИДШОҲ БАҲРОМШО
омӯзгори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
e-mail: Saidshoabdulloev4@gmail.com

Таҳлили сабабҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мафкуравӣ, геополитикӣ ва ва ҳуқуқии экстремизми динӣ нишон медиҳад, ки дар низоми мубориза ифротгароии динӣ аҳаммияти тадбирҳои пешгирикунанда поин рафтан мумкин нест. Дар пешгирии экстремизми динӣ бояд тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва имконоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ истифода карда шаванд. Ҳамаи қувваҳои солимии ҷамъиятро, ки ба ҳалли ин проблемаи хелетаъхирнопазир манфиатдоранд, мутобиқ кардан дуруст аст. Дар ин маврид мавқеи бодиққат мутаносибро инкишоф додан, кори мунтазам, пай дар пай, индивидуали зарур мебошад. Аз ин рӯ, барои мо муҳим ба назар мерасад, ки ҳангоми татбиқи чораҳои пешгирикунанда оид ба муқовимат ба экстремизм дар соҳаи динӣ бояд хусусияти маҳаллӣ ба инобат гирифта шаванд. Аз ҷумла, сатҳи диндории аҳолӣ, пойбанди ба эътиқод ва созмонҳои муайяни динӣ, таъсири гурӯҳҳои динии ифротӣ, теъдоди созмонҳои динӣ ва ҳузури онҳо, имкони таъсиси дигар иттиҳодияҳои динии мусбӣ, ки дар минтақа ба қайд гирифта шудаанд.

Дар муқовимат ба экстремизми динӣ тадбирҳои пешгирикунандаи дорои хусусияти умумии иҷтимоӣ ва махсуси пешгирикунанда ҷойгоҳи муҳиммро ишғол мекунанд. Онҳо фаъолияти мақсадноки давлатӣ, шахсони мансабдор, ташкилоту муассисаҳои ҷамъиятӣ ва дигар ғайридавлатӣ ва намояндагони онҳоро оид ба муайян намудани омилҳои ифротгароӣ дар соҳаи динӣ ва татбиқи тадбирҳое, ки ба рафъ ё безараргардонии онҳо нигаронида шудаанд, намояндаги мекунанд.

Аз нигоҳи пешгирии пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ, ҳалли мушкилоти иқтисодии кишвар ва рафъи деформатсия дар соҳаи иҷтимоӣ аҳамияти кам надорад. Чунон, ки Степанов Н.В., дуруст қайд мекунад - Степанов дар бобати муборизаи зидди экстремизм ва чиноятхои ба он алокаманд «тадбирҳои беҳбудии иктисодиёт, баланд бардоштани дарачаи шуғл, фаъолияти мехнатӣ ва баланд бардоштани дарачаи зиндагонӣ ва ғайра на танхо бевосита ба решаҳои иктисодии ин зухуроти манфии иҷтимоӣ ки худ аз худ хеле зиёд аст муҳим, балки инчунин ба рафъи (банд кардан, безараргардонии) омилҳои дигари (ғайрииқтисодии) рафтори ғайриқонунӣ – ғоявӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, ташкилӣ, идоравӣ ва дигар сабабу шароитҳои ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат мекунад амалӣ мегардад.[1]

Ҳамин тариқ, тибқи гузоришҳои хадамоти истихборотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар қаламрави онҳо корхонаҳое вуҷуд доранд, ки роҳбарони онҳо афроде буданд, ки аз ифротгароён пуштибонӣ мекарданд. Ба эътиқоди коршиносон, созмонҳои ифротии мазҳабӣ дар заминаи ҷамъиятҳои истеҳсолӣ ташкил ёфта, як қисми даромадро ба он интиқол медиҳанд. Ҳамин тавр, онҳо аллакай худмаблағгузори шуда, ба сузандоруи хоричӣ вобаста нестанд. Аз ин рӯ, бидуни амалӣ намудани талошҳо оид ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодие, ки барои густариши ифротгароии динӣ шароит фароҳам меоварад, дар мубориза бо ин падидаи манфии иҷтимоӣ муваффақ шудан ғайриимкон аст.

Аммо рафъи мушкилот дар соҳаи иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ на ҳамеша кафолати аз байн рафтани ифротгароии динӣ мегардад. Ба фикри мо, дар ин масъала низ ба эътидол овардани системаи сиёсии давлат зарур аст. Муайян намудани тадбирҳои умумии иҷтимоӣ ва пешгирикунанда дар соҳаи сиёси аҳамияти камтар дорад:

[1] Степанов, Н.В. Криминологические проблемы противодействия преступлениям, связанным с политическим и религиозным экстремизмом: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Н.В. Степанов. - М., 2003. - С. 100.

– ташаккул ва рушдидавлатдорӣ;
– мустаҳкам намудани демократия ва ҳамаи шохаҳои ҳокимият;
– такмили муносибатҳои байнидавлатӣ;
– ҳалли масъалаҳо бо риояи манфиатҳои тамоми минтақаҳои мамлакат мутаносиб.

Илова бар ин, тадбирҳои пешгирикунандаи сиёси барои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷудо намудани ваколатҳо вавазифаҳои мақомоти марказӣ, ҳудуди ва мақомоти маҳаллӣ худидоракунии маҳаллӣ дар соҳаи пешгирии ифротгароии динӣхизмат мекунанд.

Қайд менамоем, ки дар сурати имконпазир будани дастгириисозмонҳои анъанавии динӣ, самаранокии чораҳои пешгирикунанда оид ба мкқовимат ба ифротгароии динӣ зиёд карда мешавад. Таваҷҷуҳ ба созмонҳои динӣ ҳаракатҳои ифротгаро аз ҷомеаи динӣ дур мекунад.Масалан, моҳи августи соли 2003 Шурои Олии руҳониёни мусалмонони Арабистони Саудӣ бо судури “фатво” террорризмро маҳкум кард. Ин хулосаи мазҳабӣ-ҳуқуқӣ мафҳуми қобили қабул будани “ҷиҳод”-ро, ки ифротгароёни исломиро дар кишварҳои мухталиф барои сафед кардани аъмоли худ ба таври васеъ истифода кардаанд, рад мекунанд. Амалҳои таҳрибкорона, аз қабили таркиш ва куштор дар фатво ҳамчун “ҷиноятҳои мухталиф” таъриф шудаанд ва дар ин санад афроде, ки аз ҳамлаҳои террористӣ даст мезананд, ҷанги муқаддасро “бехабарони гумроҳшуда” меноманд[1].

Дар заминаи пешгирии ифротгароии динӣ корҳои ошкор ва фош кардани далелҳои тасдиқи фаъолияти экстремистӣ ба мақсад мувофиқ аст. Чи тавре ки амалия нишон медихад, хатто хурдтарин эътирофи ифротгароён нуфузи онхоро дар байни ахолӣ пурзур намуда, ба афзоиши шухрати онхо таъсир мерасонад. Чунин муносибат нисбат ба ифротгарой – аҳаммият надодан ё қабул накардани он ҳамчун падидаи манфие, ки дар ҷойе дар “қатҳои охирин”-и ҳаёти ҷамъиятӣ ҷойгир аст ва ба ҳаёти кишвар таҳдид намекунад, боиси он мегардад, ки дар ҷомеа муносибати бепарво, бепарвой пайдо шуда, нисбати зуҳуроти ифротгароии динӣ назари манфӣ вуҷуд нахоҳад дошт. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки таҷрибаи ҷаҳонии мубориза бо ифротгароии динӣ ва мубориза бо терроризм ғайри қобили қабул будани ҳама гуна гузаштҳо ба ифротгароёнро нишон медиҳад. Ифротгароён ин гуна гузашткуниро зуҳури заъфи мақомот медонанд ва дар посух метавонанд иқдомоти худро боз ҳам шадидтар кунанд.

Ҳамин тариқ, ифротгароии мазҳабӣ аксар вақт дар натиҷаи огоҳии нокифоя аз ҷониби мақомоти олии давлатӣ ва роҳбарият аз хатари воқеии ин падида ба шахсият, ҷомеа ва давлат фаъол мегардад. Ва инчунин аз сабаби набудани барномаи дахлдори амал, истифодаи равишҳои куҳна ва хатто аз даст додани мавкеъҳои пештара дар мубориза ба муқобили ҳуҷумҳои таҷовузкоронаи зиддиҷамъиятӣ ва зиддиконститусионӣ равона шуда аст.

Дар андешидани тадбирҳо оид ба муқовимат ба ифротгарой ҷавонон ва корҳои фаҳмондадиҳии қонунгузорӣ ба онҳо ва фош кардани ифротгароии динӣ мавқеи хоса доранд. Маълум мешавад, ки вақтҳои охир ифротгароии мазҳабӣ барои ба даст овардани нерӯи тоза ба ҷавонон такя мекунанд. Дар натиҷа, мо зарур мешуморем, ки дар байни ҷавонон чунин микроиқлими ахлоқӣ фароҳам оварда шавад, ки имкони ворид шудани ақидаҳои ифротгарой, зиддиҷамъиятиро ба шуур ва рафтори одамон бештар истисно карда, ба ташаккули ахлоқии одами нав, дорои хислатҳои мусбати иҷтимоӣ мусоидат намояд. хислатхо, эхтиёчоти бойи маънавӣ, самтҳои мусбати арзиш ва накшахои хаётӣ равона гардидаанд.

Яке аз сабабҳои паҳншавии босуръати ифротгароии динӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ, албатта, якбора эҳёи бисёр ҷараёнҳои мазҳабӣ, сектаҳои гуногун буд, ки дар замони шӯравӣ фаъолияташон мамнӯъ буд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки фаъолияти созмонҳои диниро бодиққат аз назар гузаронанд, то ба ҳадафҳои оинномавӣ мувофиқат кунанд. Дар баробари ин ба кори бақайдгирии давлатии динӣ диққати махсус додан лозим аст[2]. Муқовимат ба экстремизм дар самтҳои асосии зерин амалӣ мегардад:

– андешидани чораҳои пешгирикунанда, ки барои огоҳонии пешгирикунанда мафкураи экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкор намудан ва бартарафсозии сабабу шароити ба онҳо мусоидаткунанда равона гардидааст;

[1] Молдалиев, О.А. Исламизм и международный терроризм: угроза ислама или угроза исламу? / О.А. Молдалиев. - Бишкек: Издательство «Фонд им. Фридриха Эберта”, 2004. - С. 59.
[2] Хвыля-Олинтер, А. Ваххабизм: вчера, сегодня, завтра // Профессионал. - 2000. - № 6 (38). - С. 29.

– огоҳонӣ, ошкор, пешгирӣ, рафъ ва қатӣ намудани фаъолияти экстремистӣ, инчунин ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта;

– ҳамкории байналмилӣ дар самти муқовимат ба экстремизм[1].

Тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти экстремистӣ дар мамлакат манъ мебошад. Дар Ҷумхурии Тоҷикистон ҳаракатҳои бо зӯри сарнагун кардан ва ё таъғир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, соҳибистиқлолӣ, тамомияти арзӣ, инчунин, мусоидат кардан ба чунин кирдорҳо,барангехтани,адовати миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва муноқишаҳои иҷтимоӣ, инчунин, тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубияти онҳо ба миллат,нажод ё маҳал ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё содир кардани ин ҳаракатҳо бо роҳи зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокомият равона шудаанд ташкил кардани гуруҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо, паст задани шаъну эътибори миллӣ, вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳраванд вобаста ба мансубияташ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод, миллат, қавм, маҳал, дин (мазҳаб) ва забон ё муносибати ӯ ба дин, ҷаоб намудан барои иштирок дарамалҳои экстремистӣ, инчунин, омӯзондани мафкураи экстремистӣ, монеъ шудан ё маҷбур кардан ба таъғир хусусияити фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот,иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо, истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё ташкилоти дигари давлатӣ ва наздикони онҳо бо мақсади қасос гирифтан барои онамалҳое, ки бо иҷрои фаъолияти хизматӣ вобаста бошад ё ин, ки хатари истифодаи зуроварӣ вобаста ба ин асосҳо, ташфиқот ва ба намоиши оммави гузоштани нишон, парчам ё рамзи дигари ташкилотҳои аз ҷониби суд экстремисти эътирофшуда, даъвати оммавӣ барои иҷро намудани амалҳои экстремистӣ ё интишори маводи экстремистӣ, инчунин тайёр кардан ва нигоҳ доштани онҳо бо мақсади паҳн намудан, нашр ва (ё)паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, видеоӣ ва маводи дигари дорои хусусияти эксремисти дар воситаи ахбори омма, шабакаи интернет, воситаи алоқаи барқӣ фаъолияти эксремистӣ муайян ва муқарар карда шудааст.

Имрӯз тариқи шабакаҳои интернетӣ ва дигар васоити ахбори омма мебинем, ки дар баъзе гушаҳои ҷаҳон вазъият чигуна ноорому нигаронкунанда аст. Таҳлили коршиносон нишон медиҳад, ки расонаҳо ва технологияҳои иттилоотии мазкур, ба шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз ҷониби гуруҳҳои махсуси ифротгарову фитнаҷӯй барои таблиғи ақидаҳои тундгароёнаи худ моҳирона истифода мебаранд.

Аз таҳлили фазои иттилооти хулоса карда мешавад, ки таблиғи ақидаҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва тундгароёна дар тамоми дунё то рафт афзоиш ёфта, ҷавонон таҳти таъсири таблиғоти доираҳои гурӯҳҳои террористӣ қарор мегиранд. Онҳо ба василаи истифода аз дин ва эътиқоди динӣ барои расидан ба ҳадафҳои нопокӣ тундгароёнаи худ ва инкори арзишҳои дунявӣ амал менамоянд. Паёмадҳои амалҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва террористӣ, бешубҳа, на ба манфиати башарият ва на ба манфиати халқҳои ҷаҳон мебошад, балки талафоти зиёди ҷонӣ ва ҳисороти моддиву маънавӣ беҳисобро дар пай дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафи амнияти давлату миллат самтҳои асосии муқовимат ба экстремизмро дар қонунгузории амалкунанда муайян намудааст.

Тибқи талаботи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи муқовимат ба экстремизм” муқовимат ба экстремизм яъне дар самтҳои асосии зерин амалӣ мегардад:

– андешидани чораҳои пешгирикунанда, ки барои огоҳонии паҳншавии мафкураи экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкор намудан ва бартарафсозии сабабу шароити ба онҳо мусоидаткунанда равона гардидааст;

– огоҳонӣ, ошкор, пешгирӣ, рафъ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ, ничунин ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта;

– ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизм;

– ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат бо экстремизм.

[1]Ниг.: Моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 02-юми январи с. 2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2020, № 1, мод.2.

Ба роҳ мондани чорабиниҳои тарғиботию ташфиқотӣ оид ба экстремизм ва оқибатҳои ҳуқуқии он дар байни шаҳрвандон, хоссатан ҷавонон, ки татбиқи чунин тадбирҳо ба боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии онҳо мусоидат менамоянд, аз тадбирҳои муҳимми пешгирии фаъолияти экстремистидониста мешавад. Бо дар назардошти ҳамин мақсадҳо, давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ошкору пешгирӣ ва маҳкумкунандаи фаъолияти экстремистиро ба роҳ мондааст.

ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

НОРМАТИВНЫЕ ПРАВОВЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВНЕДРЕНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

РАСУЛЗОД ЛОИҚ ХОЛИҚ**
ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
e-mail: rasulzod@inbox.ru

Таъсиси заминаи меъёрии ҳуқуқии татбиқи ҳукумати электронӣ бо мақсади таъмини шароитҳои ҳуқуқӣ барои фаъолияти ҳукумати электронӣ, ҷиҳати таъмини истифодаи босамари технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд – ТИК) дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар ин соҳа равона гардидааст.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» (аз 16 сентябри соли 1999, № 1347), барои фароҳам овардани дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази иттилоотию техникӣ таъсис дода шуд. Ин марказ вазифадор гардид, ки ба мақомоти идораи давлатӣ ҳамчун провайдери Интернет, почтаи электронӣ (E-mail) ва дигар хизматрасониҳои иртиботӣ хизмат расонад. Ин фармон яке аз аввалин санадҳои расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ворид кардани ҷумҳурӣ ба шабакаи ҷаҳонии иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили шабакаи ҷумҳуриявии ирсоли мавод ва чораҳои мураттаб сохтани дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» (№ 389, аз 8 августи соли 2001) бо мақсади иҷрои Фармони дар боло зикршуда қабул гардид. Бар асоси ин қарор, шабакаи ҷумҳуриявии ирсоли иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи шабакаи Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Тоҷиктелеком» таъсис дода шуд ва фаъолияти он барои расонидани хидматрасониҳои иттилоотӣ ба ниҳодҳои давлатӣ равона гардид.

Бо ин қарор Ҳукумат ҳамчунин қоидаҳои расонидани хизматрасонии интернетиро дар ҳудуди кишвар тасдиқ кард.

Дар замони имрӯза аҳаммияти ТИК то рафт аён ва дақиқ эҳсос мегардад. Дар даҳсоли сипаришуда оид ба ТИК ва масоили марбут ба он як қатор санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ»[1], «Дар бораи алоқаи электрикӣ»[2], «Дар бораи иттилоот»[3], «Дар бораи ҳимояи иттилоот»[4], «Дар бораи имзои рақамӣ–электронӣ»[5], «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот»[1] таҳия ва қабул шудааст.

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи тадқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2027)» таҳия шудааст, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад. Рақами бақайдгирии давлатӣ 0121TJ1289.

** Мақола дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Нақши иттилоот ва татбиқи Ҳукумати электронӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрванддӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ омода карда шудааст.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 06-уми августи с. 2001, № 40.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи электрикӣ» аз 10-уми майи с. 2002, № 56.
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи с. 2002, № 55.
[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иттилоот» аз 02-юми майи с. 2002, № 7.
[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамӣ-электронӣ» аз 30-юми июли с. 2007, № 320.

Дар ин замина Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотонӣ -коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1174 аз 05.11.2003 с.), Барномаи давлатии «Рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотонӣ–коммуникатсоинӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 468 аз 03.12.2004) ва амсоли инҳо ба тасвиб расидаанд.

Илова бар ин, дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3 декабри соли 2010 баргузор гардид, аҳаммияти ТИК ва зарурати ҷорӣ кардани онҳо дар ҳамаи соҳаҳои идоракунӣ бори дигар махсус таъкид шуд. Дар натиҷа, «Нақшаи чорабиниҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои такмили идоракунии давлатӣ» қабул гардид, ки татбиқи амалии ТИК-ро дар раванди идоракунии давлатӣ таъмин мекунад.

Дар ин замина махсус бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми идоракунии давлатӣ ҳамчун навъи инноватсионии идоранамоӣ татбиқи «ҳукумати электронӣ»-ро дар баробари кишварҳои мутамаддини олам пеш гирифтааст. Тавре ки қаблан ишора шуд, раванди татбиқи ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон дар заминаи як қатор барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ сурат мегирад. Аввалин санаде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҳукумати электронӣ» дар он зикр шудааст, «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар ин санад, мафҳуми «ҳукумати электронӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Ҳукумати электронӣ соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад, ки ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандонро таъмин мекунад».[2] Ҳадафи аслии стратегияи мазкур мусоидат ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, вале дар он ҳукумати электронӣ ва ҷузъиёти он инъикоси пурраи худро наёфтааст.

Лоиҳаи татбиқи ҳукумати электронӣ дар санадҳои дигар инъикоси нисбатан мукаммал ва хусусияти барномавии худро пайдо намудааст:

1. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тасдиқи Консепсияи амнияти иттилоотии ҶТ» аз 7-уми ноябри с. 2003, №1175);
2. Консепсияи давлатии сиёсати иттилоотӣ (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи давлатии сиёсати иттилоотӣ» аз 30-юми апрели с. 2008, № 451);
3. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2011, № 643);
4. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсиси барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ҶТ» (аз 3-юми декабри с. 2004, № 468);
5. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи самаранокии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар сохтори давлатӣ» (аз 30-юми декабри с. 2010, № 697) ва ғ.

Муҳокимаи ҷиддии худро лоиҳаи «ҳукумати электронӣ» соли 2011 пайдо намуд. Маҳз дар ин сол муҳимтарин ҳуҷҷат, яъне «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқи худро пайдо намуд. Ҷавобгарии амалинамоӣ ва масъулияти иҷрои татбиқи барномаи ҳукумати электронӣ ба души Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия вогузор шуда буд. Баъдан, бахши коммуникатсия ба Хадамоти алоқа дохил гардид. Ҳоло бошад, татбиқи он ба Маркази иттилоот ва техникаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти масъул ва ҳамоҳангсоз вогузор гардидааст.

Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувори ташаккули ҳукумати электронӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи мазкур мақсад ва афзалияти инкишофи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ояндаи дарозмуҳлат, стратегияи амалиётро ҳангоми иҷро кардани дурнамоҳо ва барномаҳо муайян мекунад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ оид ба рушди ҳукумати электронӣ як қатор санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқиро ба тасвиб расондааст, ки фаъолияти гуногунҷанбаи онро ба танзим медарорад.

Дар ибтидо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидани консепсияи ҳукумати электронӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст, аз ҷумла дар ин маврид як қатор са-

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дарбораи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18-уми июни с. 2008, № 411.

[2] Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 5-уми ноябри с. 2003, № 1174 // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/dashboard.php?language=tj (санаи мурочиат: 06.03.2025).

надҳои меъёрии ҳуқуқии танзимбахшандаи ин самти нави идоракуниро қабул намудааст. Аз ин рӯ, қабули чунин санадҳо имконият медиҳад, ки истифодаи васеи ТИК ва татбиқи ҳукумати электронӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат пешравии амиқ ва рушди инфрасохтори иттилоотонӣ, баамалбарории лоиҳаҳои соҳавӣ ва барномаҳои иттилоотонӣ мусоидат намояд. Ба ин мисол шуда метавонад Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чорабиниҳо оид ба таъмини дастрасӣ ба шабакоти иттилоотонии ҷаҳонӣ», «Дар бораи Стратегияи давлатии «ТИК барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №648; «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушд ва татбиқи ТИК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004, № 330; «Дар бораи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерии стандарти UNI CODE барои истифодабарии компютерӣ», Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (2001); «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (2002); «Дар бораи иттилоот» (2002); «Дар бораи алоқаи барқӣ» (2002); «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2002); «Дар бораи иҷозатномадиҳии фаъолиятҳои алоҳида» (2004) ва «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоъ» (2008) қабул карда шудаанд.

Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005–2010, заминаи муҳимеро барои рушди ТИК дар кишвар фароҳам овард. Ин ҳуҷҷат аз 24 банд иборат буда, иҷрои бархе аз онҳо, аз ҷумла банди 5, аз ҷиҳати амалишавӣ натиҷаҳои назаррас додааст.

Иҷрои банди 5-и Нақшаи чорабиниҳо ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои тартиби пайвастшавии системаи иттилоотии мақомоти давлатӣ ба шабакаи Интернет бахшида шуда, масъулияти онро Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дошт. Дар доираи ин банд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели с. 2011, №166 «Дар бораи тартиби талаботи ягона барои веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ» қабул гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ соли 2012 зарурати баланд бардоштани сатҳи саводнокии техникии аҳолӣ ва ҷорӣ кардани ҳамаҷонибаи ТИК-ро дар иқтисодиёти миллӣ таъкид намуда буд. Дар суханронии худ ӯ қайд кард: «Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши техникии қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ ва татбиқи маҷмӯии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар иқтисодиёти миллии кишвар, ҳукумат чанде пеш Консепсияи ташаккули «Ҳукумати электронӣ”-ро таҳия кард. Ин имкон медиҳад, ки номгӯи васеи хизматрасониҳои давлатӣ ба таври электронӣ ба шаҳрвандон сари вақт ва босифат расонида шаванд ва тадриҷан чунин зуҳуроти номатлуб, ба мисли бюрократия ва коррупсия, аз байн бардошта шаванд»[1].

Татбиқи пурраи ҳукумати электронӣ як қатор манфиатҳои назаррас меорад. Пеш аз ҳама, ин барои таъмини самаранокӣ ва роҳатии пешниҳоди аризаҳо, инчунин истифодаи шаҳрвандон, соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқӣ аз хизматрасониҳои давлатӣ мусоидат мекунад. Афзалиятҳои муҳим инчунин дар сарфаи вақт, маблағ ва дигар захираҳо зоҳир мешаванд. Масалан, аҳолӣ метавонад аз сафарҳои нолозим ба муассисаҳои давлатӣ канорагирӣ кунад, харочоти марбут ба маводҳои канселярӣ ва коғазро кам намояд, ва худи мақомоти давлатӣ харочоти меҳнатро барои коркарди аризаҳо ва омода кардани ҷавобҳо коҳиш диҳанд. Ҷорӣ кардани муомилоти электронии ҳуҷҷат инчунин шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатиро баланд мебардорад, ки ин барои мубориза бо коррупсия ва боло бурдани эътимоди шаҳрвандон ба сохторҳои давлатӣ муҳим аст. Ҷиҳатҳои мазкурро ба инобат гирифта роҳбарияти олии кишвар пайваста талош менамояд, ки раванди татбиқи ҳукумати электронӣ дар мамлакат ҳар чи бештар вусъат ёбад ва заминаи ҳуқуқии он мустаҳкам тарҳрезӣ гардад.

Чи тавре ки қаблан таъкид гардида буд, ҳуҷҷати муҳими заминавӣ ҷиҳати татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Консепсияи мазкур бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми ноябри с. 2003, № 1174), Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2012 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http:// www president.tj (санаи мурочиат: 10.03.2025).

Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2004, № 468), Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели с. 2008, № 451) ва Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми марти с. 2006, № 1713) таҳия гардидааст.

Тибқи муқаррароти Консепсия «асоси ташаккули ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шудан ба мақсадҳои зерин ташкил медиҳад:

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд;

– содда гардонидани қоидаҳо ва кам кардани муҳлатҳои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани (коҳиш додани) харочоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон;

– ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз Интернет ва технологияҳои муосири технологӣ»[1].

Ҳамин тариқ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои эълоншуда, муҳим аст, ки назоратро аз болои татбиқи барномаҳои қабулшуда тақвият бахшем ва сатҳи тахассуси кадрҳоро баланд бардорем. Танҳо бо риояи равиши фарогир метавонад фаъолияти самараноки ҳукумати электронӣ таъмин гардад, ки ин қадами муҳим дар самти ташкили ҷомеаи муосири иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад шуд.

СУБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА МОШЕННИЧЕСТВА, СОВЕРШЕННОГО С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СЕТИ ИНТЕРНЕТ

ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҚАЛЛОБИЕ, КИ БО ИСТИФОДА АЗ АЛОҚАИ ИНТЕРНЕТ СОДИР КАРДА ШУД

РАХИМОВ ХУРШЕД ЗОХИРЖОНОВИЧ
соискатель кафедры права и государственного управления факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Насира Хусрава
E-mail: rahimzoda.0095@gmail.com

В современном мире без информационно-коммуникационных технологий (далее - ИКТ) невозможно представить развитие национальной экономики, банковской и финансовой системы, деятельность правоохранительных органов, государственного управления и прогресса государства в целом.

Одним из важных ее направлений является внедрение новых технологий, подключение к Интернету, что требует реализации программ информационной безопасности каждого независимого государства. Интернет уже давно прочно вошел в нашу жизнь. Таким образом, преступники проникли в мир Интернета и для удовлетворения своих потребностей и личных интересов путем обмана, через рекламные сайты совершают опасные для общества действия[2]. В уголовном праве

[1] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?rgn=115901 (санаи мурочиат: 11.03.2025).

[2] Давлатзода, К.Д., Рахимов, Х.З. Мошенничество в интернете: виды и способы совершения / К.Д. Давлатзода, Х.З. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2025. – № 2. – С. 220-227.

субъективная сторона преступления важна, потому что это обязательный элемент состава любого деяния и, как следствие, определяет условия, при которых возникает уголовная ответственность[1].

А. И. Рарог считает, что «субъективная сторона преступления – это его внутренняя сущность, психическая деятельность лица, непосредственно относящаяся к совершению им преступления»[2]. Юолее того, она является существенным компонентом состава преступления, представляя собой психическую деятельность человека, непосредственно относящуюся к совершению преступления. Другими словами, характеризует мыслительный процесс принятия решения и его исполнения, а также психическую деятельность, в которой проявляется и отражается виновность, субъективная опасность самого деяния и лица, его совершившего.

По данным МВД Республики Таджикистан, только в 2023 году Управлением по борьбе с организованной преступностью МВД выявлено 17 случаев интернет-мошенничества, зафиксировано более 500 случаев с использованием сети Интернет и информационно-коммуникационных технологий. Следует отметить, что информационно-коммуникационные технологии оказывают большое влияние на развитие различных отраслей экономики и становятся частью современных систем управления во всех отраслях экономики, государственного управления, обороны, государственной безопасности и защиты прав человека[3].

В отношении субъективной стороны мошенничества с применением электронных средств платежа следует указать, что ученые в области права выделяют обязательные и дополнительные признаки[4]. Следовательно, элементы субъективной стороны преступления – мотив, цель, вина которые надлежит выявить и подтвердить фактическими обстоятельствами дела. Установление субъективной стороны мошенничества с использованием электронных средств платежа крайне важно для верной квалификации преступления и достижения целей уголовного законодательства – справедливого возмездия.

К сожалению, в практической деятельности, учитывая особенности рассматриваемого преступления, основное внимание уделяется установлению способа и средств хищения. Однако в соответствии с современной доктриной уголовного права, без правильного выявления субъективной стороны деяния, в частности, вины, лицо не может быть подвергнуто уголовному наказанию.

Вина – основная субъективная предпосылка уголовной ответственности, которая отражает принцип вменения вины. Уголовная ответственность возникает только тогда, когда вина доказана в отношении человека, совершившего общественно опасное действие или деяние, повлекшее за собой схожие последствия.

Мотив и цель – это необязательные признаки, которые становятся субъективными элементами преступления, если их четко указывает формулировка закона.

1. Вина – это психологическое отношение человека к сделанному им поступку, выразившееся в действиях, которые противоречат интересам общества и его членов. Она может включать в себя умышленное намерение или неосторожность.

2. Мотив и цель поступка, по сути, предшествуют появлению преступного замысла и выступают источником вины.

Для мошенничества, как для интеллектуального вида преступлений, свойственно отрицание злоумышленником корыстного мотива своих поступков. Нередко в ходе дознания мошенники пытаются избежать уголовной ответственности, за действуя именно эти важные признаки уголовной ответственности, апеллируя к добросовестной сделке. Создаются инсценировки, скрывающие истинные мотивы произошедшего. Нанесенный гражданам ущерб возмещается, при этом отрицается умышленный характер противоправных действий, а причинение материального вреда объясняется возникновением обстоятельств, не зависящих от воли обвиняемого. И это одна из основных сложностей доказывания в ходе расследования по факту совершения мошеннических действий.

---

[1] Хоменко, А.Н., Черемнова, Н.А. Способ и цель совершения мошенничества/ А.Н. Хоменко, Н.А. Черемнова // Вестник Сиб. ин-та бизнеса и инофирм. технологий. – 2018. – № 4. – С. 95-99.

[2] Рарог, А. И. Квалификация преступлений по субъективным признакам. – М., 2003. – С. 52.

[3] Давлатзод,а К.Д. Уголовно-правовые и криминологические вопросы противодействия киберпреступности: теоретические и практические проблемы дис. … док. юрид. наук: 12.00.08 / Давлатзода Комрон Давлат. – Душанбе, 2024. – 480 с.

[4] Любимов, А.А. Преступления против собственности, совершенные с использованием служебного положения: вопросы законотворчества и правоприменения / А.А. Любимов // Общество и право. – 2010. – № 1. – С. 165-168.

В контексте мошенничества, включая с использованием электронных платежных средств, вина в форме прямого умысла – обязательного условия для квалификации преступления. Как подчеркивает И.В. Упоров, само понимание обмана и злоупотребления доверием свидетельствует о преднамеренности[1].

Эту точку зрения разделяет Н.А. Лопашенко, подчеркивая, что принципиально важно – возникла ли корыстная цель до начала использования приемов мошенничества[2].

Если умысла в прямом виде не обнаруживается, фигурант освобождается от уголовной ответственности, а его взаимоотношения с пострадавшим переходят в область гражданских разбирательств. В этой связи возникает вопрос: достаточно ли самого факта обмана, чтобы говорить о виновности в мошенничестве, и является ли обман неоспоримым свидетельством корыстных намерений в действиях подозреваемого или обвиняемого.

На деле, особенно в деятельности правоохранителей, распространено убеждение, что если установлен факт в ведения в заблуждение, то это автоматически указывает на корыстный умысел подозреваемого в мошенничестве.

Такое представление ошибочно и часто приводит к прекращению дела уже ходе судебного разбирательства. Человеком же руководствоваться различными мотивами: например, сохранить деньги потерпевшего, если тот - игрок или наркозависимый; полагать, что имеет право на средства, когда потерпевший не отдает долг или алименты; действовать из-за личной неприязни или мести. Корыстная цель является необходимым компонентом субъективной стороны мошенничества и должна определяться отдельно от обмана, являющегося объективным признаком преступления.

Расширение круга лиц, в пользу которых возможно хищение, до неопределённого, по мнению П.С. Яни, неоправданно[3]. Аналогичной точки зрения придерживается Г.А. Есаков, указывая, что это обесценивает смысл корыстной цели, как ключевого признака субъективной стороны преступления[4]. На наш взгляд, с мнением исследователей стоит согласиться.

При определении субъективной стороны рассматриваемого мошенничества огромную роль играет мотив совершения преступления, потому что именно возникший преступный замысел является причиной вины, которая проявляется только в момент совершения преступления и не существует отдельно от него. Правильное установление вида умысла необходимо для решения многих вопросов квалификации преступлений. Так, умысел может быть конкретным или неопределённым, что, в частности, имеет существенное значение при разграничении неоконченного преступления. Завладев чужим электронным средством платежа, мошенник может похитить денежные средства путём снятия их через банкомат или через третьих лиц, утаи в информацию о том, что оно ему не принадлежит. В ситуации, когда преступление не завершено по независящим от мошенника обстоятельствам (например, владелец или банк заблокировали счёт), в первом случае речь будет идти о покушении на кражу, а во втором – на мошенничество.

Надо признать верным подход, закрепленный в уголовном праве: рассмотрение вины, цели и мотивов преступления как взаимосвязанных, но не взаимно заменяющих элементов субъективной стороны деяния. В каждом отдельном случае все признаки субъективной стороны мошенничества должны быть установлены отдельно. Тот факт, что осужденный осознавал общественную опасность и противоправность своих действий, предвидел последствия и желал их наступления, является определяющим для квалификации преступления.

Анализ практики расследования и судебного разбирательства по подобным делам показывает, что умысел у виновника может быть, как заранее спланированным, что проявляется в большом промежутке времени между получением электронных средств оплаты и их применением, так и возникшим неожиданно, сформированным под влиянием обстоятельств и сразу же воплощенным в жизнь, например, когда человек случайно находит банковскую карту и решает ею воспользоваться.

Если посмотреть с точки зрения правоприменительной практики, то эти дела рассматриваются по-разному. В качестве примера можно привести такие случаи. По решению суда района

---

[1] Упоров, И.В., Бондарь, А.В. Признаки субъективной стороны мошенничества и их значение при отграничении данного вида хищения от иных преступлений / И.В. Упоров, А.В. Бондарь // Актуальные вопросы экономики и управления: сб. материалов III Междунар. науч.-практ. конф. – Новосибирск, 2018. – С. 175–180.

[2] Лопашенко, Н.А. Посягательства на собственность: монография / Н.А. Лрпашенко. – М., 2012. – С. 236.

[3] Яни, П.С. Корысть как признак хищения / П.С. Яни // Законность. – 2019. – № 3. – С. 23-24.

[4] Есаков, Г.А. Корыстная цель в хищении и новое Постановление Пленума о судебной практике по делам о мошенничестве / Г.А. Есаков // Уголовное право. – 2018. – № 1. – С. 51.

Шохмансур г. Душанбе уголовное дело в отношении подсудимого рассматривалось по статьям 244 части 2, пунктам «а» и «в», 244 части 3 пункта «а» и 247 части 2 пунктам «а» и «в» УК РТ, согласно которым:

а) с целью украшения своей прически ответчик обратился к гражданину «А», деятельностью которого является обслуживание в Кошанаи Хусн, воспользовался его услугами и был вынужден уплатить плату за обслуживание в размере 150 сомони. В этот момент ответчик вошел в доверительные отношения с потерпевшим с целью тайного завладения имуществом, тайно взял код его карты, а затем перевел с его электронного кошелька 3240 (три тысячи двести сорок) сомони на свой счет, причинив потерпевшему имущественный ущерб;

б) ответчик неоднократно заходил в магазин мобильных телефонов и просил в магазине мобильный телефон типа iPhone-XS по цене 3900 сомони. При этом ответчик вошел в доверие к потерпевшему-торговцу и якобы оплатил цену этого телефона безналичным способом (с помощью своего электронного кошелька). Он взял у него номер кошелька и мобильного телефона, а через некоторое время обманул его, положив на баланс 3900 сомони. Данными действиями ответчик причинил потерпевшему имущественный ущерб на сумму 3900 сомони[1].

В этих двух случаях, упомянутых в приговоре, если разобраться, то оно подпадает под действие двух статей (первое дело по статье 244 УК РТ и второе дело по статье 247 УК РТ). Однако, как видно, порядок совершения этих действий подсудимым полностью аналогичен. Однако в первом случае суд лишь учел положения статьи 244 УК РТ и включил формулировку «с целью хищения, то есть тайного присвоения чужого имущества» и квалифицировал деяние как полное хищение. Теперь в этом деле просматривается и содержание статьи 247 УК РТ. То есть он убедил жертву и запросил у нее секретный код электронного кошелька. Понятно, что обвиняемый пользуется низким уровнем знаний потерпевшего, впадает в его доверие и затем забирает код. Во втором случае суд определил аналогичное происшествие только «использовав доверие» и применил преступление, предусмотренное статьей 247 УК РТ. Иными словами, он расценил эти два деяния как сплошное преступление. Его точка зрения в данном случае заключается в том, что в данном случае может соблюдаться элемент 3 критериев (первый вопрос со статьей 247 и статьей 244, пункт 2 «а» и второй вопрос, статья 247, статья 2, пункты «а» и «в»).

Это вполне ожидаемая тенденция, ведь среди них много тех, кто профессионально занят компьютерными и информационными технологиями. При этом повышенная опасность подобных преступлений диктует необходимость привлекать к их расследованию специалистов, а обнаружение признаков таких деяний отличается особой сложностью. Этот подход подвергается критике, потому что он стирает корысть как признак состава преступления, ведь любое желание распорядиться имуществом как своим собственным можно приравнять к корыстной цели. Кроме того, неясно, можно ли считать изъятие и обращение имущества в пользу других лиц совершенными без корысти. По нашему мнению, корыстная цель при мошенничестве с использованием электронных средств платежа заключается как в стремлении к материальному обогащению или выгоде для себя или иных лиц, так и в желании избежать материальных затрат.

ТАКМИЛИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ДАР ҶАРАЁНИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО: МАСЪАЛАИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРОКУРОРСКОГО НАДЗОРА В ПРОЦЕССЕ ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА: ВОПРОС ТЕОРИИ И ПРАКТИКИ

РАҲМАТУЛЛОЕВА РАЙҲОН РАШИДОВНА
омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
E-mail: rashidiyon83@mail.ru

Дар ташаккули давлати нави ҳуқуқбунёд, ки мо бо иродаи мардум роҳи бунёди онро пеш гирифтаем, нақши прокуратура ниҳоят муҳим аст. Чунки фаъолияти он аз назорати риоя ва иҷрои якхелаи қонунҳо, таъмини волоияти қонун, таҳкими

[1] Уголовное дело № 1-173/23 // Архив Шахмансурского районного суда города Душанбе.

қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат аст. Дар баробари ин, прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлатдорӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шахсони мансабдор назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад[1]. Аз ин лиҳоз, мақомоти прокуратура ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва муболиза бо ҷиноятқорӣ равона мешавад.

Прокуратура дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи махсусро ишғол менамояд ва дар иҷрои вазифаҳои худ мустақил буда, фаъолияти худро бевосита аз номи давлат амалӣ мегардонад. Тибқи моддаи 93 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ амалӣ менамоянд[2].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ба масъалаҳои иҷрои санадҳои мақомоти давлатӣ (масалан, дар бораи беэътибор донистани санадҳои ғайри меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) баҳсҳои байни ташкилоти воқеии ҳудуди ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва даъвоҳое, ки нисбати онҳо изҳор карда шудаанд ба баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо аз тарафи Хадамоти иҷро таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Қаблан ҳам хусусиятҳои таърихии ташаккул ва инкишофи институти иҷрои санадҳои судӣ таҳти назорати прокурорӣ аз ҷониби олимон ва мутахассисони соҳа аз ҷумла: Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Муҳаммадиев И.С., Диноршоев А.М., Рустамзода М.Р., Мирсайзод Ҳ.С., Раҳмонзода У.Н., Раҳмон Ю. А. ва дигрон таҳқиқ карда шудаанд. Таърихи таҳаввулоти мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон самт, сохтор ва вазифаҳои он, фаъолияти назоратӣ, инчунин иштироки мақомоти прокуратура дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятиву граждани таҳлил гардидаанд.

Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши ин масъала муайян намудани нақш ва салоҳияти прокурор дар назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро, ки дар соҳаи истеҳсолоти иҷро, инчунин омӯзиши моҳияти ҳуқуқии истеҳсолоти иҷро мебошад.

Ҳамин тариқ, масъалаи мазкур оид ба назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо дар соҳаи истеҳсолоти иҷро бо назардошти воқеияти нав ва таҳлили муқоисавии онҳо бо натиҷаҳои мусбӣ муяссар гардидан, мебошад.

Дар соҳаи назорати умумӣ мақомоти прокуратура назоратро дар самти истеҳсолоти иҷрои санадҳои судӣ низ амалӣ мекунад. Бинобар ин, дар доираи мақолаи мазкур масъалаи назорати прокурорӣ дар самти истеҳсолоти иҷро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода мешавад.

Дар вохурӣ бо кормандони мақомоти судӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус зикр карданд, ки назорат дар самти иҷрои саривақтии санадҳои судӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд. Масъулияти судяҳо ҷиҳати назорати иҷрои қарорҳои судӣ бояд баланд бардошта шавад, зеро таъмин нагардидани иҷрои саривақтии санадҳои судӣ норозигии тарафҳои манфиатдори парвандаҳои судӣ ва афкори манфии мардумро нисбат ба фаъолияти судяҳо ба миён оварда, обрӯву эътибори ҳокимияти судиро коста мегардонад[3].

Барои тақвият додани кафолати ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла низоми судӣ ва иҷрои саривақтии санадҳои судӣ зарур аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти истеҳсолоти иҷро таҳти назорати прокурорӣ қарор дода шавад.

Ҷой доштани вайронкунии қонун дар истеҳсолоти иҷро, аз ҷумла дар рафти иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар канор монда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроро коҳиш медиҳад.

Қабули қонунҳои нав дар ин самт, амалӣ гардонидани барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ, тағйироти куллӣ дар қонунгузории ҷорӣ, талаботи қонунгузории мурофиавии маданӣ ва

---

[1] Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти прокуратура. Душанбе, 13-уми марти с. 2018 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 07.04.2025 с).

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 63.

[3] Эмомалӣ Раҳмон. Маърӯзаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http: //www. president.tj (санаи мурочиат: 07.04.2025 с).

мурофиавии иқтисодӣ маҳз ба хотири дастрас будани адолати судӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд равона гардида, ҳамзамон ин омилҳо прокуроронро низ водор менамояд, ки дар амалисозии чунин иқдом ташаббус зоҳир намуда, аз ҳама роҳу усул ва воситаҳои қонунӣ истифода бурда, ба таҳкими қонуният ва тантанаи адолати судӣ мусоидат намоянд[1].

Ҳамзамон зарур аст, ки ҳамкорӣ бо мақомоти иҷро дар иҷрои қонунию одилонаи санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва иқтисодӣ дуруст ба роҳ монда шуда, аз ин рӯ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ ва бартараф намудани камбудию норасогиҳо, хатогиҳои раванди истеҳсолоти иҷро, баҳри сари вақт, ҳаматарафа, пурра ва воқеъбинона муайян кардани ҳолати иҷрои ҳар як санади судӣ, ҳаллу фасли он мутобиқи қонунгузорӣ, таъмини иҷрои санади судии қабулшуда, инчунин дар рӯҳияи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон, чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Мавқеи назорати прокурорӣ дар ҳифз намудани ҳуқуқҳои иштирокчиёни истеҳсолоти иҷро хело назаррас мебошад. Агар суд ҳангоми ба ҳабс гирифтани молу мулк қонунеро, ки барои бекор кардани баҳабсгирӣ асос шуда бошад, вайрон кунад, сарфи назар аз мансубияти молу мулк ба қарздор ё дигар шахсон суд аризаи қарздорро дар хусуси бекор кардани баҳабсгирӣ бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 425 КММ ҶТ баррасӣ менамояд[2]. Чунин ариза метавонад то фурӯши молу мулки ба ҳабс гирифташуда пешниҳод гардад.

Вобаста ба ин масъала Рустамзода М.Р. иброз дорад, ки назорати прокурорӣ ба маънои муайян як падидаи ҳуқуқии универсалӣ мебошад. Объекти он ҳама гуна соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии назорати прокурорӣ таъмини назорат аз болои риоя ва татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дар асоси онҳо қабулшуда мебошад. Аз ин ҷост, ки вазифаи асосии таҳкими қонуният дар мамлакат ба зиммаи мақомоти прокуратура вогузор мешавад. Аммо бояд инро дар назар дошт, ки танҳо ҳамин мақомоти назоратӣ бояд вазъи қонуниятро дар давлат назорат кунад. Таъмин ва боз ҳам бештар мустаҳкам намудани қонуният маҷмӯи тадбирҳои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дарбар мегирад. Прокуратура дар тамоми ин низом ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз баромад мекунад[3]. Дар ҳақиқат, тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба риоя гардидани қонунҳо дар ҷомеа ва татбиқи ҳуқуқ иштирок мекунанд. Вале азбаски прокуратура ба мақоми ваколатдор дар самти риоя ва иҷрои якхелаи қонунҳо мебошад, ин мақомот бештар нақш ва таъсири ҳалкунанда дар самти истеҳсолоти иҷро низ назаррас аст.

Бешубҳа, натиҷаи беҳтарин ин ихтиёран иҷро кардани санадҳои судҳо ва санадҳои мақомоти дигар аст, аммо дар сурати ихтиёран иҷро накардани санадҳои судӣ механизми муассири таъмини иҷрои маҷбурии онҳо татбиқ мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», ки соли 2022 мавриди амал қарор гирифта, вобаста ба ин низоми иҷрои қарорҳои судӣ ба куллӣ тағйир дода шуд[4]. Бо вуҷуди он вайронкуниҳо дар иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар, аз ҷумла фоизи пасти иҷрои санадҳо боқӣ мондааст.

Маҳмудов И.Т. қайд менамояд, ки прокуратура яке аз механизмҳои муҳими амалишавии ҳокимияти давлатӣ буда, таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати ҷомеаву давлатро таъмин менамояд. Тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад,

---

[1] Ҳисобот таҳти унвони «Барномаи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020: Натиҷаҳои пешакӣ ва қадамҳои минбаъда», ки ташкилоти ҷамъиятии Бюро оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният. - Душанбе, 2020. – С. 130.

[2] Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, к.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, к.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) (Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 582, аз 03.07.2012 № 871, аз 26.07.2014 № 1091, аз 31.12.2014 № 1167, аз 23.11.2015 № 1232, аз 14.05.2016 № 1309, аз 2.01.2018 № 1474, аз 2.01.2019 № 1559, аз 20.06.2019 № 1612, аз 04.07.2020 № 1697, аз 23.12.2021 № 1817, аз 18.03.2022 № 1855, аз 18.03.2022 № 1856, аз 19.07.2022 № 1898, аз 03.01.2024 № 2022, аз 13.11.2024 № 2090) [манбаи электронӣ] - Сомонаи расмии www. mmk. tj. (санаи мурочиат 07.04.2025 с.)

[3] Рустамзода, М.Р. Фаъолияти назоратӣ оид ба таҳкими волоияти қонун дар Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://harbidushanbe.sud.tj/. (Санаи мурочиат: 07.04.2025 с.).

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, № 3, мод.192. №1757. бо тағйироту иловаҳо дар ҳолати 08-уми июни соли 2022, №1873 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http: mmk.tj. (санаи мурочиат: 07.04.2025 с).

манфиатдор мебошанд. Бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад пурзур бошад ва самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд. Яке аз фарқиятҳои асосиву махсуси прокуратура он аст, ки фаъолияти худро бо назардошти таъйиноти дар Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунандаи мустаҳкамшуда ба роҳ мемонад[1].

Мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон нақши калон дошта, бевосита дар ин раванд иштирок менамояд. Тибқи қонунгузорӣ ба мақомоти прокуратура ваколат ва доираи васеи муносибатҳо дар самти истеҳсолоти иҷро дода шудааст. Зимни таҳлили фаъолият ва самтҳои мақомоти прокуратура аз рӯйи чунин нишонаҳо ҳамчунин мақомоти назоратбаранда ба ҳисоб меравад:

1. Мақомоти прокуратура ягона мақомоти давлатӣ аст, ки функсияи назорати иҷроиши дақиқи қонунҳоро амалӣ менамояд. Фаъолияти назорати мақомоти прокуратура дар се самти зерин амал менамояд: назорати риоя ва иҷрои қонунҳо дар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ; назорати иҷрои қонунҳо дар раванди мурофиаи судӣ; бартарафсозии мухолифатҳо ба қонунгузорӣ, ки дар асоси санадҳои судӣ ва дигар санадҳои мақомоти давлатӣ ба назар мерасанд.

2. Мақомоти прокуратура дар фаъолияти худ мустақил буда, тобеъи ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ намебошад. Дар самти истеҳсолоти иҷро низ фаъолияти худро бе дахолати мақомоти дигари давлатӣ амалӣ мегардонад.

3. Мақомоти прокуратура санҷиши мунтазамро оид ба предмети қонунияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегузаронад, ки ба масъалаҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд алоқаманданд.

4. Санадҳои эътиноии мақомоти прокуратура раванди истеҳсолоти иҷроро низ танзим менамоянд.

5. Мақомоти прокуратура вазифаи пешгирикуниро дар раванди иҷро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, санадҳои беасос ва ғайриҳуқуқиро мақомоти прокуратура бекор менамояд, қонунвайронкунӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳоро дар мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ пешгирӣ намояд. Санадҳои ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон зарари калон оварда, ба халалдорсозии амали иҷро оварда мерасонанд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои марзӣ маъмуриро поймол мекунанд. Дар ин раванд, мақомоти прокуратура бояд вобаста ба бекорсозии чунин санадҳои ҳуқуқӣ тадбирҳо андешида, фавран чорачӯӣ намояд. Дар бисёр мавридҳо бо ворид гардидани муроҷиат ё аризаҳо прокурор ва дигар мақомоти назоратӣ амал мекунанд. Вале барои пешгирӣ аз чунин ҳолатҳо аз ҷумла, содир кардани санадҳои ғайриҳуқуқӣ, сохтакориҳо ва дигар ҳолатҳое, ки ба амали иҷро монеъ мегарданд, прокуратура бояд мустақиман ва фавран амал кунад.

6. Барои самаранок гардидани фаъолияти иҷрочиёни Хадамоти иҷро бо мақомоти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ҳамкорӣ менамояд. Дастрасӣ ба маълумот, гузаронидани таҳлилҳо ва ғайра василаҳое мебошанд, ки имконияти бештар дар раванди амали иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар ба прокуратура фароҳам меоваранд.

7. Дар раванди фаъолияти ҳуқуқӣ мақомоти прокуратура ваколатҳои васеъ дорад, ки он аз назорати иҷрои қонунҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳамаи самтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, прокуратура байни мақомоти давлатӣ ҳамчун институти асосӣ ва марказӣ ба шумор рафта, фаъолияти асосии он ба назорати риоя ва иҷрои меъёрҳои қонун равона карда шудааст.

Дар айни ҳол, вобаста ба такмил додани назорати прокурорӣ, қонунгузории мурофиавии маданӣ, ҳуқуқи маданӣ дар доираи таҳқиқоти махсус, кор карда баромадани хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои илмӣ барои ҳалли масъалаҳои таъмин намудани иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар бештар гардидааст.

[1] Маҳмудов, И.Т. Баъзе тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ. Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия, Душанбе, 3 декабри соли 2021: маҷмӯи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо. Матбааи АИДНПҶТ. - Душанбе, 2021. – С. 472.

Дар амалияи мақомоти прокуратура нишондодҳои ҳуқуқӣ бо роҳи назорат аз иҷрои қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ, инчунин бартарафсозии ихтилофот бо қонунҳо, ки ҳангоми содир гардидани фармон, ҳалнома, ҳукм, таъйинот ва қарорҳои судӣ рух медиҳанд, татбиқ мешаванд[1].

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки фаъолияти мақомоти прокуратура дар раванди истеҳсолоти иҷро ба назари мо мунтазам ба марҳилаи муайян тақсим мешаванд. Дар марҳилаи аввал мунтазам прокуратура ба таври доимӣ назорати риояи қонунҳо ва иҷрои онҳоро амалӣ менамояд.

Олими ватанӣ Маҳмудов М.А. дар асари худ зикр мекунад, ки нақши прокуратура ҳамчун яке аз кафолатҳои риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаи назорати прокурорӣ дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар иҷрои қонунҳо аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ҳамчун унсури муассир ва муҳимтарини механизми давлатӣ, ки вобаста ба он на танҳо нигоҳ доштан, балки пурзӯр намудани функсияи назоратии прокуратура дар соҳаи муносибатҳои ҳокимиятии иҷро пешниҳод шудааст[2].

Ҳарчанд дар қонунгузории амалкунанада ба доираи ваколати мақомоти прокурорӣ ба таври назорати умумӣ аз болои амалҳои кормандони Хадамоти иҷро пешбинӣ гардида бошад ҳам пешниҳод карда мешавад, ки ба прокурор ҳуқуқи назорат аз болои қарорҳои иҷрочиёни мақомоти иҷро дар ҳама марҳилаи истеҳсолот, ваколати бекор кардани қарорҳои шахсони мансабдори иҷрочиёни мақомоти иҷро дар марҳилаи оғоз намудани истеҳсолот ва ҳам дар марҳилаи баррасии парванда, оид ба бекор ё тағйир додани қарорҳои қабул намудани амалҳои иҷро ва қатъ намудани истеҳсолоти иҷро, ки барои бомуваффақият амалӣ намудан лозим мебошад, дохил карда шавад.

Айни ҳол самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура, ки аз - назорати риояи иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилоти ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият мансубият ва шакли моликиятҳои онҳо, аз тарафи шахсони мансабдорӣ онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд; назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ эътироф гардидаанд; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ; назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро ва дигар мақомоти салоҳиятнок; иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо; эътироз овардан нисбати ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошад, дар қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти прокуратура" пешбинӣ шудааст, иборат мебошад[3].

Прокуратура мувофиқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ метавонад дар дигар самтҳое, ки дахолати прокурор зарур аст, фаъолият намояд.

Бояд зикр намуд, ки барои беҳтар намудани сифати иҷрои санадҳои судӣ номгӯйи таъиноте, ки тибқи онҳо иҷрочии мақомоти иҷро салоҳият дорад қабули онҳоро барои иҷро рад менамояд, якҷоя кардан мувофиқи мақсад мебошад, чунки мавзуи назорати прокурориро дақиқ мегардонад. Илова бар ин, боз ҳам барои беҳтар намудани сифати иҷрои санадҳои судӣ муқаррароти меъёрҳое, ки дар асоси он иҷрочиёни мақомоти иҷро салоҳияти мавқуф

---

[1] Раҳмонов, У. Суханронии сардори Раёсати таъмини фаъолияти иҷрочиёни мақомоти иҷрои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http: // www.news.tj /ru/ newspaper /article/rakhmonov-o-roli-sudoispolnitelei (санаи мурочиат: 07.04.2025 с).

[2] Тафсири илмӣ - оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М. А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С. 401.

[3] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, (Қонуни конст. ҶТ аз 03.03.2006 № 156, аз 12.05.2007 № 251, аз 30.07.2007 № 294, аз 31.12.2008 № 450, аз 19.05.2009 № 515 аз 25.03.2011 № 688, аз 28.06.2011 № 731, аз 01.08.2012 № 876, аз 22.07.2013 № 973, № 974, аз 28.12.2013 № 1034, аз 14.03.2014 № 1064, аз 31.12.2014 № 1166, аз 15.03.2016 № 1272, аз 30.05.2017 № 1410, аз 20.06.2019 № 1607, аз 17.12.2020 № 1725, аз 29.01.2021 № 1752, аз 24.12.2022 № 1917, аз 13.11.2023 № 1983) – [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http: mmk.tj. (санаи мурочиат: 07.04.2025 с).

гузоштан, боздоштан, баргардонидан ва қатъ намудани ҷараёни иҷроро пайдо мекунад, дар як меъёр пешбинӣ карда шавад. Мувофиқи мақсад аст, ки танзими ягона ва умумии онҳоро тақвият бахшида шавад. Номгӯи ин санадҳо чудо аз ҳамдигар дар меъёрҳои гуногун дар моддаҳои алоҳидаи 420, 421, 422, 424, 429 КММ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки татбиқи онҳоро мураккаб ва амалишавии онро омехта мекунад.

Рушди фаъолияти иҷрочиёни мақомоти иҷрои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бояд яке аз вазифаҳои асосие бошад, ки ба пешрафт ва сифати ислоҳоти судӣ, такмили назорати прокурорӣ, қонунгузории маданӣ, мурофиавии маданӣ бевосита таъсир мерасонад.

Агар муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амали иштирокчиёни муомилоти маданӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ пурра риоя ва иҷро нашавад, чунин ҳуқуқ воқеан эътибори худро гум мекунад.

Таҳияи нодуруст ва номукаммалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои мақомоти давлативу ғайридавлатӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти истеҳсолоти иҷро монеа мешавад, ба вазъи иқтисодии кишвар ва шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад.

Мавҷуд набудани имкониятҳои воқеии иҷрои санадҳои мақомоти давлатӣ набояд ба чунин вазъият оварда расонад, ки дар муносибатҳои маданӣ нисбат ба кредитор, яъне қарздор шароити мувофиқ барпо гардад, аз ҷумла он ба паст шудани дараҷаи рақобат ва имконияти интихоби шарик дар муомилоти хоҷагӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ оварда мерасонад. Дар ниҳоят ин оқибат набояд рушди иқтисодиётро паст карда, боиси халалдор гардидани муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ гардад ва ҳуқуқи шаҳрванд халалдор шавад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иҷрои санадҳои мақомоти судӣ, назорат аз болои иҷрои қонунгузорӣ аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро, қонунгузор бояд ба баланд бардоштани сифати фаъолияти мақомоти прокуратура ҳангоми иҷрои вазифаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ диққати махсус диҳад.

Вазифаи мақомоти прокуратура дар самти истеҳсолоти иҷро дутарафа аст. Прокурор аз як тараф вазифадор аст, ки ба иҷрои саривақтии қонунҳо аз тарафи иҷрокунандагони мақомоти иҷро назорат барад, чунки прокурор ҳангоми иҷрои ситониш аз молу мулки ба ҳабс гузошташуда ҳуқуқи молу мулкии шахсони дигар ҳифз карда шавад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳс вобаста ба мансубият ва тааллуқдории молу мулке, ки ба он ситониш нигаронида мешавад, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд оид ба озод кардани молу мулк аз ҳабс ё аз рӯйхат хориҷ намудани он ба суд бо аризаи даъвогӣ мурочиат намояд. Ба назари мо, прокурор риоя шудани қонунро дар раванди иҷро нисбати мақомоти андоз оид ба ситониши молу мулки ба ҳабс гирифта шуда, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои гаравгир, шахсони дигар, ки дар натиҷаи иҷрои ситониш вайрон мешавад бояд таҳти назорат қарор диҳад.

Аммо барои бомуваффақият амалӣ намудани назорат, прокурор бояд салоҳияти амалӣ дошта бошад: аз ҷумла, содир намудани амалҳои иҷро, қатъ намудани истеҳсолоти иҷроро дар ҳама марҳилаи истеҳсолоти иҷро, чӣ дар марҳилаи оғоз намудани истеҳсолоти иҷро ва чӣ дар марҳилаи бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои қабулкардаи иҷрочиёни мақомоти иҷро назорат бурда тавонад. Боиси таассуф аст, ки айни замон кушишҳои маҳдуд кардани салоҳияти назоратии прокуратура, аз ҷумла дар соҳаи истеҳсолоти иҷро идома доранд.

Ҳамин тариқ, дар назди мақомоти прокуратура вазифа гузошта шудааст, ки тамоми фаъолияти худро барои таъмини қонуният дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона кунад. Ин пеш аз ҳама ба он дахл дорад, ки дар ҳалли масъалаҳои муҳими хоҷагии халқ нақши мақомоти прокуратура боз ҳам баланд бардошта шавад.

Дар хулосаи мақолаи мазкур қайд кардан лозим аст, ки зиёд будани сарбории корманди мақомоти иҷро, вобаста ба иҷрои вазифаҳои касбӣ, омили пасткунандаи сифати кори кормандони мақомоти иҷро дониста мешавад. Таҳлил нишон медиҳанд, ки сифат ва сари вақт иҷро кардани қарорҳои судӣ, сарфи назар аз миқдори парвандаҳои истеҳсолоти иҷро, то имрӯз дар сатҳи нокифоя қарор дорад, ки ҳолати мазкур хусусияти доимӣ ва паҳншуда гирифтааст.

Бинобар ин, дар шароити имруза барои воқеан амалӣ шудани адолати судӣ, ҳалли мушкилоти амалияи иҷрои санадҳои судӣ, инчунин бартараф карда шудани вайронкунии

қонун, риоя нашудани муҳлати иҷрои сандаҳои судӣ тақвияти назорати прокурорӣ ногузир, муҳим ва мубрам мебошад.

БАЛАНД БАРДОШТАНИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КУРСАНТОН ДАР ШАРОИТИ ТАЪЛИМӢ: ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГӢ

ПОВЫШЕНИЕ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ КУРСАНТОВ В УСЛОВИЯХ ОБУЧЕНИЯ: ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

РЕВАЗОДА МУҚАДДАС РЕВА
омӯзгори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии МКД факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
E-mail: nematullo.abdulloev@mail.ru

ЛАТИФЗОДА СОМОН ЗАРИФ
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии ДТИОМТОК назди ДМТ,
дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Doctor PhD аз рӯйи ихтисоси психология
E-mail: Latifzoda_01@mail.ru

Ҷиҳати баланд бардоштани шуури ҳуқуқии курсантон дар шароити таълим дар маҷмӯъ бояд 4 ҷанбаи асосӣ ба инобат гирифта шавад. Шароити таълимие, ки курсантон дар он таълим мегиранд, бо куллӣ тафовут мекунад ва дар шароити махсуси ҳарбӣ мегузарад. 4 ҷанбаи асосие, ки барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии курсантон мусоидат мекунанд, инҳоянд: маромнокӣ, маърифатӣ, эмотсионалӣ ва иродавӣ. Маромҳо инсонро барои ба яке аз намуди мушаххаси фаъолият (адвокат, муфаттиш, прокурор ва ғ.) машғул шудан водор намуда, дар иҷрои бомувафаққияти уҳдадориҳои вазифавии худ оид ба ошкор сохтани ҷиноят инъикос меёбад. Ба ҷанбаи маърифатӣ, донистани курсант оид ба мақсад ва супоришҳои дар пешистодаи ӯ, тарафҳои гуногуни фаъолияти мазкур ва худро ҳамчун мутахассиси оянда дида тавонистан маҳсуб ёфта метавонад.

Ҷанбаи дигари онро, ки дар боло бо номи ҷанбаи эмотсионалӣ номгузорӣ намуда будем, ҳисси масъулияти шахсӣ оид ба натиҷаи фаъолият дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, аз худ ва имкониятҳои худ боварӣ доштану бартараф намудани монеаҳои объективӣ ва субъективӣ ифода мегардад.

Ирода ҷанбаи чорум шумурда шуда, мутамарказияти курсантро барои иҷроиши супоришҳои касбӣ ва ба даст овардани мувозинат байни талаботҳои касбӣ таъмин месозад ва ин таъминнамоӣ бо самтҳои зерин амалӣ карда мешаванд: самтнигарониши касбӣ ва интихоби касбӣ. Ин ду мафҳумро мебояд аз ҳамдигар тафовут намуд[1].

Самтҳои мазкур як мушкилотро ҳал намоянд ҳам, роҳҳои ҳалли мушкилот гуногун мебошанд. Дар зери мафҳуми самтнигарониши касбӣ – «аз инсон» баромада, ба саволи «кадоме аз ин намудҳои гуногуни касбҳо ба ин нафар мувофиқат мекунад», ҷавоб мегардонад. Дар интихоби касбӣ бошад, сухан аз «талаботҳои касбӣ» баромада, вазифаи он аз миқдори зиёди довталабон нафари ба талаботҳои касбӣ пешниҳодгардида ҷавобгӯро интихоб намудан асос меёбад[2].

Одатан интихоби касбӣ нисбати самтнигарониши касбӣ мушкилтар шумурда мешавад ва барои амалӣ намудани он омодагии махсус зарур аст. Зимни ин, дар ин мавридҳо омилҳои психологӣ бештар бартарӣ пайдо менамоянд: дар довталаб мавҷуд будани аломату нишонаҳои мувофиқи сифатҳои шахсӣ, ки дар рафти таълим дар макотиби олии ҳуқуқшиносӣ барои ноил гардидан ба комёбиҳои таълимӣ имкониятро фароҳам меоваранд.

---

[1] Латифзода, С. З. Профессионально-психологическая пригодность и ее проблемы в силовых структурах Республики Таджикистан / С. З. Латифзода // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2021. – № 1(5). – С. 124-128.

[2] Қосимов, Ф.М. Тавсифи психограммии (равоннамоӣ)-и фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. / Ф.М. Қосимов, С.З. Латифзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. №3(35).

Самтнигарониши касбӣ – ин донистани хусусиятҳои касб, инчунин сифатҳои касбӣ ва сифатҳои муқобили касби мазкур ва хусусияти шахсии мутахассис дар назар дошта мешавад.

Таблиғоти касбӣ - ин як ҷанбаи самтнигарониши касбиро ташкил намуда, дар шаклҳои лексия, сӯҳбатҳо, вохӯриҳо бо мутахассисони ин касб ва озмунҳо мавриди амал қарор мегирад.

Намуди беҳтарини он машварат шумурда мешавад, ки ба довталаб имкони интихоби дурустро медиҳад. Агар ин машварат аз ҷониби мутахассисони ҳамон соҳа (масалан, аз ҷониби худи муфаттиш, прокурор ва ё адвокат) сурат гирад, ин кор хело ҳам манфиатнок шумурда мешавад. Одатан хатмкунандагони макотиби олии дорои риштаи ҳуқуқшиносӣ ва курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ивазкунандаи кадрҳои мазкур ба ҳисоб мераванд.

Масъалаи дигари ин мақомотро омилҳои интихоби касби ҳуқуқшиносӣ ташкил медиҳад. Ин гуна омилҳо гуногун шуда метавонанд ва онҳо шартан ба чунин тартиб дида мебароем[1]:

1. Омили иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Мавҷудияти вақти иловагӣ барои машғул шудан ба корҳои дигар, ҷустуҷӯӣ роҳҳои баромадан аз ҳолати бади иқтисодӣ.
2. Тақлиднамоӣ ба дигарон. Аз рӯи гуфтаҳои ёру рафиқон, анъанаи оилавӣ, дар қувваҳои мусаллаҳ адои хизмат кардан, шавқ доштан ба кормандони милитсия, обруи онҳо (авторитет), орзӯҳои бо филму китобҳои мутолиакарда алоқамандидошта.
3. Ба маънои фаъолияти КМД мароқ доштан. Кӯшиши гирифтани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, майл ба кори фаъолу гуногун, диққатҷалбкунанда будани кор, бо муошират интенсивнок алоқамандӣ доштани кор, хоҳиши чизеро азбар намудан, хоҳиши ба муваффақиятҳои калони касбӣ ноил гардидан.
4. Маромои шахсӣ. Майл ба кор дар мақомотҳои қудратӣ, майл ба тавакалкорӣ, хоҳиши пӯшидаи либоси ин мақомот, доштани яроқ, кӯшиши иваз кардани характери худ, боварии худро баланд бардоштан, хоҳиши худро бехатар ҳис намудан.
5. Мароми ахлоқӣ. Майл бақаноеъсозии талаботҳои ахлоқӣ, хоҳиши фаъолона иштирок намудан дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, аз дараҷаи баланди ҷиноятқорӣ дар ташвиш будан, тамоюл ба адолатпарварӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқӣ системаи ягонаи муносибатҳоро бо ҳуқуқ (ташаккули ягонаи шахсӣ), аз ҷумла ҷузъҳои маърифатӣ (назар, ақида, мафҳум дар бораи ҳуқуқ), эмотсионалӣ (муносибат ба қонун ва шахсони мансабдори давлатӣ) ва рафтори (амалҳое, ки ба татбиқи қонун нигаронида шудаанд) ифода менамояд.

Бо вуҷуди ин, шуури ҳуқуқӣ дар ҳама давру замон муҳим арзёбӣ мегардад. Чуноне вобаста ба ин муҳаққиқ Илин И.А. қайд мекунанд, ки агар мардум қонунҳои амалкунандаро дар кишвари худ надонанд, зиндагии онҳо ғайриқонунӣ хоҳад буд ё бо принсипҳои импровизатсияшуда ва ноустувори ҳуқуқ қаноат мекунад[2].

Шуури ҳуқуқӣ як шакли шуури ҷамъиятӣ буда, системаи дониш, муносибат ва арзёбии инсонро нисбат ба ҳуқуқ ифода мекунад, ки дар муносибатҳои шахс бо одамони дигар ва умуман ҷаҳон зоҳир гардида, рафтори шахс ва ҳолатҳоеро, ки аз нуқтаи назари ҳифзи ҳуқуқ аҳамияти муҳим дорад, танзим мекунад[3].

Ҳамин тавр, шуури ҳуқуқӣ маҷмӯи ақидаҳои иҷтимоӣ дар бораи объектҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар раванди муошират байни одамон ташаккул ёфта, хоси як гурӯҳи мушаххаси иҷтимоӣ мебошанд.

Ин дар ташаккули назарияи Мертон Р. дар бораи шуури ҳуқуқи инсон бисёр чизҳоро мефаҳмонад. Ӯ панҷ роҳи мутобиқшавии курсантонро дар шароити таълимӣ муайян кардааст: конформизм, навоварӣ, расму ойинҳо, ақибнишинӣ ва исёнгарӣ, ки танҳо роҳи аввалаш дар курсантон, хусусан дар шароити таълимӣ боиси рафтори инҳирофӣ намешавад.

Агар курсант дар шароити таълимӣ усули мутобиқ шуданро ба ҷомеаи навоварӣ интихоб кунад, ин маънои онро дорад, ки ӯ бо ҳадафҳои мавҷудаи ҷомеа розӣ аст, аммо роҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабулнашаванда (ҷиноятӣ) барои расидан ба онҳо (таҳдид, зӯроварӣ, рэкет) интихоб намекунад. Ритуализм, баръакс, инкори максадхо, норозӣ буданро бо истифодаи воситаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул (бюрократизатсия) дар назар дорад. Радди ҳамзамон ва дар ҳама ҷо ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшавандаи зинда мондани онҳо (қафонишинӣ) барои ово-

[1] Калашникова, О.Э. Стиль жизни и ценностные ориентации личности. – М.: МГУ им. Ломоносова, 1991. - С. 38.
[2] Ильин, И.А. О воспитании и образовании в грядущей России. Значение веры в педагогике. – М.: Амрита, 2022. - С. 83.
[3] Муслумов, Р.Р. Правовое сознание личности: учебное пособие. - Екатеринбург: Уральский федеральный университет, 2013. - С. 19.

рагон ва шахсиятҳои драмавӣ зебост.

Соколов Н.Я. қайд кардааст, ки шуури ҳуқуқӣ бисёрфункционалӣ аст, яъне он вазифаҳои зиёдеро дар бар мегирад[1]. Вазифаҳои умумии шуури ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки аз инҳо иборатанд:

– танзимкунанда (шуури ҳуқуқӣ рафтори шахс, омодагии ӯро ба як намуди муайяни рафтор (ангезиш) муайян мекунад);

– баҳодиҳӣ (дар асоси ақидаҳо дар бораи рафтори риояи қонун («дуруст») шахс ба он чӣ ба дигарон ва ҳам ба худаш рӯй медиҳад, баҳои ҳуқуқӣ медиҳад);

– маърифатӣ (омӯзиши асосҳои ҳуқуқии мавҷудияти ҷомеа ва дарки онҳо);

– тарбиявӣ, ки аз ташаккули шуури ҳуқуқии аъзои ҷомеа, фаҳмонидани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст (тарбияи ҳуқуқӣ);

– иттилоотӣ (қабул ва интиқоли иттилооти дорои хусусияти ҳуқуқӣ);

– пешгӯӣ (пешбинии оқибатҳои интихоби ахлоқӣ ва пешгӯии рафтори инсон дар ҳолатҳои гуногун).

Шуури ҳуқуқии курсатон бояд ҳамчун як намуди алоҳидаи шуури касбии ҳуқуқӣ – махсусгардонидашуда, ки бо хусусияти вазифаҳои хизматии иҷрошаванда, ки вобаста ба ин бо қолабҳо ва арзёбии воқеияти ҳуқуқӣ, усулҳо ва усулҳои фаъолият ташаккул меёбад, баррасӣ карда шавад.

РОЛЬ УЧАСТКОВОГО ИНСПЕКТОРА МИЛИЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО ПОРЯДКА

НАҚШИ НОЗИРИ МИНТАҚАВИИ МИЛИТСИЯ ДАР ТАЪМИН НАМУДАНИ ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ

РУСТАМЗОДА ЗАРИНА РУСТАМ
доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2
Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции
e-mail: rustamzoda83@mail.ru

Одним из важнейших приоритетов в деятельности милиции является охрана общественного порядка, собственности, обеспечение общественной безопасности, а самое главное, предупреждение совершения подобных преступлений и правонарушений. Основная нагрузка в этой работе ложится на участковых инспекторов милиции, непосредственно выполняющих свои профессиональные обязанности на закрепленном административном участке. Служба участковых инспекторов – одно из крупных подразделений в системе МВД Республики Таджикистан.

Правовая основа деятельности участковых инспекторов милиции закреплена в первую очередь, в Конституции Республики Таджикистан, Законе Республики Таджикистан «О милиции», Указе Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «О мерах по повышению роли районных инспекторов милиции в обеспечении охраны общественного порядка и расширении их сотрудничества с населением» от 30 июня 2012 года № 1291 и в приказе МВД Республики Таджикистан «О деятельности районных инспекторов милиции и Положении отдела, отделения, служебных участков милиции и пунктов охраны общественного порядка Министерства внутренних дел Республики Таджикистан» от 23 февраля 2013 года, № 10 с пр.

Участковый инспектор милиции на своем административном участке в пределах установленных законодательством полномочий в целях обеспечения общественного порядка и пресечения преступлений и правонарушений должен выполнить нижеследующую работу:

– определить оперативную обстановку административного участка и принять меры по улучшению обстановки на участке;

– выявить лиц, имеющих судимость, которые проживают на административном участке;

– выявить и поставить на учет трудновоспитуемых несовершеннолетних и принять законные меры в отношении их;

– поставить на учет граждан Республики Таджикистан и иностранных граждан, а также вести контроль над их пребыванием;

[1] Соколов, Н.Я. Профессиональное правосознание юристов. - М.: Наука, 1988. - 224 с.

– по поручению начальника ОМВД он должен участвовать при выполнении постановления, определения суда об освобождении самостоятельно захваченных жилых помещений гражданами и обеспечить общественный порядок;

– укрепить сотрудничество с руководителями и членами общественных и негосударственных организаций и других предприятий независимо от вида собственности, которые имеют отношения с обеспечением общественного порядка, по улучшению общественного порядка, проведению индивидуальных работ по линии пресечения правонарушений и совершения преступлений со стороны отдельных личностей на служебном участке,

– привлечь руководителей и членов вышеперечисленных организаций и предприятий в проведении профилактических мероприятий по обеспечению общественного порядка;

– во время обеспечения общественного порядка при мобилизации руководителей и членов организаций и предприятий, которые вносят свою лепту в обеспечении общественного порядка, должен проводить инструктаж с внештатными сотрудниками и добровольными дружинниками, обучить порядку службы и во время службы оказать практическую помощь. Запретить самостоятельную деятельность в действиях, которые опасны для их жизни и здоровья;

– сообщать руководителям и членам организаций и предприятий, которые вносят свою лепту в обеспечении общественного порядка, об административных правонарушениях и совершенных преступлениях на служебном участке милиции и на основании сообщений, заслуживающих внимания, обеспечить правовой порядок;

– анализировать и обобщить результаты деятельности работы общественных организаций и предприятий, внештатных сотрудников и добровольных дружинников, и в соответствии установленному порядку предоставить предложения начальнику ОМВД или местному исполнительному органу государственной власти по улучшению их деятельности, поощрения лиц, принявших активное участие в обеспечении общественного порядка.

Одной из самых важных задач, стоящих перед обществом, является обеспечение общественного порядка. Без обеспечения общественного порядка трудно решить те вопросы, которые стоят перед государством по развитию экономики, политической и социальной отрасли. Общественный порядок не имеет единого понятия и включает в себя разносторонние понятия. В правовой литературе общественный порядок имеет два значения - в широком и узком значении[1].

В более широком представлении общественный порядок представляет собой систему общественных отношений, которая в результате соблюдения и реализации социальных норм, общепризнанных вышестоящими структурами, приобретает для общества первостепенное значение.

В узком же значении общественный порядок – это регулирование правовых и духовных норм, правил проживания, обычаев, системы общественных отношений, которые возникают в поведении людей, то есть от их действия или бездействия, кроме этого, он направлен на обеспечение общественного порядка в общественных местах, защиты жизни и здоровья граждан.

Общественный порядок в широком смысле – это система экономических и идеологических отношений и связей определенной исторической эпохи или страны, регулируемых социальными нормами в интересах общества в целом.

В юридической литературе понятие общественного порядка употребляется и в более узком смысле, включающем не всю систему общественных отношений, а лишь определенные их совокупности, складывающиеся в различных областях социально-политической жизни[2].

О.Ф. Мурametс и Т.М. Шамба считают, что общественный порядок нередко понимается как правопорядок, то есть общественные отношения, урегулированные согласованной и упорядоченной системой всех правоотношений в государстве[3].

По мнению Н.Ф. Кузнецовой, общественный порядок – это закрепленный в нормах права и морали определенный порядок отношений в общественных местах[4].

Задачами участкового инспектора в обеспечении общественного порядка являются:

---

[1] Административная деятельность ОВД. Часть общая: учебник / Под ред. А.П. Коренева. - М. 2003. - С. 23.
[2] Нечевина, Н.Д. Милиция общественной безопасности гражданское общество: организационный аспект: монография / Л.Д. Нечевина. – М.: ВНИИ МВД России, 2003. – С. 6.
[3] Мурametс, О.Ф., Шамба, Т.М. Правопорядок в развитом социалистическом обществе. - М., 1979. - С. 15
[4] Кузнецова, Н.Ф. Уголовная ответственность за нарушение общественного порядка. - М., 1963. - С. 2.

– организация и реализация работы по обеспечению безопасности на дорогах, разработка плана мероприятий по пресечению и уменьшению уровня транспортных аварий и совместно с сотрудниками УГАИ обеспечить безопасность движения на дорогах, на служебных участках;

– обеспечение с другими сотрудниками ОВД охрану охраняемых организаций, режимных и коммуникационных объектов, а также личного имущества физических и юридических лиц, с которыми официально составлены договора, и в сотрудничестве с сотрудниками Государственного комитета безопасности обеспечивает охрану посольств и консульств иностранных государств, которые расположены на территории служебного участка;

– контроль над пребыванием иностранных граждан, порядком их временного проживания, прибытия, убытия и порядком транзитного проезда, принимает меры по выявлению и пресечению проступков со стороны вышеперечисленных лиц;

– в компетенции своих полномочий в случае объявления чрезвычайных ситуаций и военной мобилизации на территории своего милицейского участка принимает активное участие в запланированных мероприятиях и сотрудничает с другими структурами по пресечению и ликвидации возникшей ситуации;

– проведение профилактической работы среди населения, предприятий, организаций и учреждений независимо от вида их собственности, с сотрудниками исполнительного местного органа государственной власти и самоуправления поселка и сельского совета;

– представлять отчет по деятельности сотрудников служебного участка милиции на собраниях народных представителей и самоуправления поселка и сельского совета, и в необходимых случаях перед населением служебного участка милиции;

– на служебном участке проводить работу по сбору оперативно-розыскных сведений и других сведений, и на основании анализа обеспечивает безопасность всего служебного участка милиции;

– направлять просьбы и ходатайства начальнику органов внутренних дел по вопросам обеспечения служебного участка милиции квалифицированными специалистами, повышения их отраслевых знаний и квалификаций, приема на работу сотрудников и внештатных сотрудников;

– во время выполнения служебной деятельности и вне ее требовать от сотрудников служебного участка соблюдения законности и служебной дисциплины и по этому направлению проводит воспитательную работу;

– в пределах своих полномочий обеспечивать проведение правовых мероприятий и сбору необходимых информаций по повышению правовой культуры жителей служебного участка;

– контролировать санитарно-эпидемиологическое состояние предприятий и организаций, которые расположены на служебном участке;

– обеспечение контроля над приемом, изучением и законным рассмотрением заявлений и жалоб граждан на служебном участке, а также усиливает контроль над пребыванием иностранных граждан и лиц без постоянного места жительства на служебном участке.

Таким образом, на сегодняшний день участковым инспекторам принадлежит ведущая роль в решении задач, возложенных на милицию не только потому, что они составляют одну из наиболее многочисленных ее служб, но и потому, что находятся на главных, передовых рубежах охраны общественного порядка и борьбы с преступностью. Формы и методы работы участковых инспекторов милиции, как правило, доступны для наблюдения и оценки населения, поэтому именно они во многом определяют социальный престиж милиции.

ҶАВОБГАРӢ БАРОИ БА ХУДКУШӢ РАСОНИДАН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА ДОВЕДЕНИЕ ДО САМОУЮЙСТВА ПО УГОЛОВНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ЗАРУБЕЖНЫХ ГОСУДАРСТВ

САИДЗОДА МЕҲРУБОН АКБАРХОН
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
unvonju@mail.ru

Дар илми ҳуқуқшиносӣ, яке аз роҳҳои муассири такмили қонунгузорӣ истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Ин усул таҳлили қонунгузории дигар кишварҳоро дар бар гирифта, ҷанбаҳои мусбии онро бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ мутобиқ месозад.

Тибқи назарияи Сотиволдиев Р.Ш., муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо кишварҳои дигар имконият медиҳад, ки таҷрибаи пешрафтаи онҳо барои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ истифода шавад[1]. Аз нигоҳи Егоров А.В., «таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкони арзёбии сатҳи инкишофи низоми ҳуқуқии давлатро фароҳам меорад ва барои муайян кардани самтҳои беҳбудии он мусоидат мекунад»[2].

Ҳадафи муқоисаи низомҳои ҳуқуқии ҷиноятии кишварҳои гуногун–дарёфт ва татбиқи усулҳои самарабахши ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории миллӣ мебошад.

Илова бар ин, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба муайян кардани нозукиҳои танзими қонунгузорӣ дар кишварҳои гуногун, таҳлили хусусиятҳои категорияҳои ҳуқуқӣ ва баррасии мазмуни истилоҳоти қонунгузории хориҷӣ нигаронида шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти криминализатсия ва ҷанбаҳои криминологии он, яке аз бахшҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлил ва муқоисаи қонунгузории кишварҳои гуногун дар ин самт барои такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар давлатҳои муосир нақши муҳим мебозад.

Тибқи назари Ландсман О., таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии миллӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ такмил ёбад. Аз нигоҳи Белкин Р., омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дигар на танҳо барои рушди назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим аст, балки он ба амалияи судӣ низ таъсири мусбат мерасонад.

Ба андешаи Петров В.В., муқоисаи низомҳои ҳуқуқӣ воситаи самарабахшест барои муайян кардани мушкилоти мавҷуда дар қонунгузории миллӣ ва пешниҳод намудани ҳалли онҳо. Ҳамзамон, Наумов А.В. таъкид мекунад, ки ҳуқуқшиносии муқоисавӣ метавонад дар ҷараёни ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии қонунгузории кишварҳои мухталиф нақши калидӣ бозад.

Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва татбиқи қонун имконият фароҳам меорад, ки мазмуни ҳуқуқи ҷиноятии амалкунандаи кишвар амиқтар таҳлил гардида, роҳҳои рушди минбаъдаи он пешгӯӣ карда шаванд.

Барои омӯзиши муқоисавии ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳои Аврупо, Осиёи Марказӣ, Амрикои Шимолӣ, Лотинӣ ва Африқо дар масъалаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан таҳлил карда мешавад.

Ҷомеа аз гум кардани аъзоёни фаъоли худ дар натиҷаи худкушӣ ва эҳтимолияти пинҳон кардани қасдан ба худкушӣ дар ниқоби худкушӣ, муносибати манфии қонунгузорони кишварҳои гуногунро нисбат ба ин падида нишон медиҳад.

Ҳамаи мо ҳуқуқ ба мавҷудиятро дорем, аммо ин ба мо дар баробари қарзи муфид зистан, ҳаёти ба ягон мақсад бахшидашуда дода шудааст. Моҳияти ин масъала ба зиндагии

[1]Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2008. - С. 49.
[2] Егоров, А.В. К истории понятия сравнительного правоведения / А.В. Егоров // Государство и право. – 2009. - № 3. - С. 91.

шоиста нигаронида шудааст»[1]. Чунин ибрози назар ифодагари он аст, ки «ҳаёт бояд тибқи қонун на танҳо ҳамчун шакли мавҷудияти биологӣ, балки ҳамчун роҳи худшиносии як фарди мушаххас баррасӣ шавад»[2].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, аз лаҳзаи қабули ислоҳи 14-ум ба Конститутсияи ИМА, мусоидат кардан ҳангоми худкушӣ дар аксари штатҳо расман ҷиноят эътироф карда шуд[3].

Дар кишварҳои хориҷӣ ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ҳам дар кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳам дар қонунҳои алоҳида муқаррар шудааст. Дар Британияи Кабир, ки қонуни ҷиноятии умумии тасдиқшуда надорад, қонунҳои алоҳидаи ба худкушӣ ва одамкушӣ, аз қабили Қонуни одамкушӣ (1957) ва Қонуни худкушӣ (1961), амал мекунанд[4].

Дар низоми қонунҳои романо-олмонӣ, таърифи ҷиноятҳо алайҳи ҳаёт асосан дар кодексҳои ҷиноятӣ дода мешавад, вале ба ғайр аз ин, як қатор сарчашмаҳои дигаре низ мавҷуд аст, ки якҷоя бо Кодекси ҷиноятӣ амал мекунанд.

Дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба намудҳои гуногуни одамкушӣ, ки бо муқобили ҳаёт алоқаманданд, назар меравад. Ба инҳо қатли кӯдак, кирдорҳои ба худкушӣ алоқаманд, аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, хатарнок гузоштан ва қатъ кардани ҳомиладорӣ (исқотиҳамл) дохил мешаванд[5].

Барои дарки табиати ҳуқуқии манъи ба худкушӣ расонидан, аломатҳои объективии таркиби ҷиноят аҳамияти калон доранд.

Дар қонунгузории ҷиноятии аксари кишварҳои хориҷӣ, сӯиқасд ба худкушӣ ҷазои ҷиноятӣ ҳисобида намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки шахсони дигар дар содир кардани амали худкушӣ шарик ё дар тайёрӣ ба он ширкат мекунанд.

Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ шаклҳои гуногуни ба худкушӣ расониданро ҷиноят ҳисоб мекунад. Чунин таркиби ҷиноятҳо, аз қабили таҳрик кардан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Австрия [6], Ҳиндустон[7], Италия[8]), кумак расонидан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии Дания[9], ИМА – иёлоти Ню-Йорк[10], Тунис[11], Филиппин[12], Чили[13]), моил кардан ба худкушӣ дар Кодекси ҷиноятии (Арманистон[14], Беларуссия[15], Қирғизистон[16], Туркманистон[17]), худи ба худкушӣ расонидан дар Кодекси ҷиноятии (Озарбойҷон[18],

[1] Неотъемлемые права: Декларации независимости // 200 лет США. Вашингтон, 1976.
[2] Романовский, Г.Б. Гносеология права на жизнь: монография / Г.Б. Романовский. - СПб., 2003. – С. 11.
[3] Семенов, И.С. К вопросу об этико-правовом статусе эвтаназии в контексте права на жизнь: теория и судебная практика / И.С. Семенов // Адвокат. - 2009. - № 7.
[4] Цыркалюк, А.А. Уголовная ответственность за доведение до самоубийства: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Цыркалюк. - Тамбов, 2011. - С. 31–32.
[5] Шулепов, Н.А. Международно-правовые основания и способы криминализации посягательств на жизнь человека в зарубежных странах / Н.А. Шулепов // Международное публичное и частное право. - 2006. - № 3.
[6] Уголовный кодекс Австралии 1995 г. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – С. 142.
[7] Уголовный кодекс Индии. Перевод с английского / Под ред.: Никифорова Б.С. (Предисл.); Пер.: Михлин А.С. - М.: Иностр. лит, 1958. – С. 125.
[8] Уголовный кодекс Италии 1930 г. / Пер.: Исаев М.М. - М.: Юрид. изд-во НКЮ СССР, 1941. – С. 35.
[9] Уголовный кодекс Дании / Науч.ред. и предисл. С.С. Беляева; Пер. с датского и англ. С.С. Беляева, А.И. Рычевой. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. – С. 82.
[10] Уголовное право США: Сб. нормативных актов / Сост., отв. ред и авт. вступ. ст. И.Д. Козочкин. - М.: Изд-во УДН, 1986. – С. 71.
[11]Уголовный кодекс Туниса // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http: // www. Jurisite tunisie.com / tunisie / codes / cp / menu.html.
[12] Уголовный кодекс Филиппин // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.xhanrobles.com/revisedp 152.
[13] Уголовный кодекс Чили 1874 г.
[14] Уголовный кодекс Республики Армения: Принят Законом Республики Армения от 18 апреля 2003 г. Введен в действие 1 августа 2003 г. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – С. 278.
[15] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г., № 275-З (с изм. и доп. по сост.на 01.10.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=.
[16] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 г., № 226-V (с изм. и доп. по сост.на 12. 09. 2023 г.) // [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz /Document/?doc_id=31575252&doc_id2=31575252#pos=119;
[17] Уголовный кодекс Республики Туркменистан: закон от 12 июня 1997 г. - СПб.: Юридический Центр Пресс, 2006.
[18] Уголовный кодекс Республики Азербайджан: закон от 30 декабря 1999 г. с изм. и доп. на 1 августа 2006 г. - СПб.: Юридический Центр Пресс, 2006. – С. 201.

Арманистон, Беларуссия, Молдова[1]) ва ҷонибдорӣ аз худкушӣ кардан дар Кодекси ҷиноятии (Австралия[2]) низ маълум аст.

Ҷавобгарӣ барои таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ дар қонунгузории ҷиноятии Австрия (§ 78)[3], Аргентина (м. 83)[4], Бразилия (м. 122)[5], Англия (қонун оид ба худкушӣ соли 1961), Венесуэла (м. 414)[6], Нидерланд (м. 294)[7], Ҳиндустон (м. м. 305, 306)[8], Испания (м. 143)[9], Италия (м. 580)[10], Канада (м. 241)[11], Колумбия (м. 107)[12], Куба (м. 266)[13], Малта (м. 213)[14], Нигерия (326)[15], Норвегия (пар. 236)[16], Лаҳистон (м. 161)[17], Перу (м. 113)[18], Руминия (м. 179)[19], Парагвай (м. 106)[20], Португалия (м. 135)[21], Сан-Марино (м. 151)[22], ИМА-Калифорния (м. 401)[23], Уругвай (м. 315)[24], Фиҷи (м. 219)[25], Швейтсария (м. 115)[26], Эквадор (м. 454)[27] пешбинӣ шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳуриҳои Булғористон (м. 127)[28], Литва (м. м. 133, 134)[29], Македонияи Шимолӣ (м. 128)[30] ҷавобгарӣ барои таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ дар баробари ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан пешбинӣ карда шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳуриҳои Дания (§ 240), Ҷумҳурии Сербия (м. 51)[31], ИМА - иёлоти Ню-Йорк (фаслҳои 120.30)[1], Тунис (м. 206), Филиппин (м. 253)[2], Чили (м. 393), танҳо барои кумак расонидан ба худкушӣ ҷазо дода мешавад, аммо на барои таҳрик кардан ба он.

---

[1] Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 г., № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 24.11.2023 г.) // [Электроный ресус]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923&doc_id2=30394923#activate_doc=2&pos=217;-104&pos2=1824.
[2] Уголовный кодекс Австралии 1995 г. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – С. 142.
[3] Уголовный кодекс Австрии от 23 января 1974 г. - М.: Зерцало-М, 2002. – С. 154.
[4] Уголовный кодекс Аргентины от 9 октября 1921 г. - СПб.: Юридический центр пресс, 2003. - С. 85.
[5]Уголовный кодекс Бразилии // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://br.vlex.com/jurisdictions/BR
[6] Уголовный кодек с Венесуэлы //http://vlex.com.ve/jurisdictions/VE
[7] Уголовный кодекс Голландии / Науч. ред. Б.В. Волженкин, пер. с англ. И.В. Мировой. 2-е изд. - СПб.: Юридический Центр Пресс, 2001. - С. 224.
[8] Уголовный кодекс Индии / Пер. с англ.; Под ред.: Никифорова Б.С. (Предисл.); - М.: Иностр. лит., 1958. С. 125.
[9] Уголовный кодекс Испании / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и Ф.М. Решетникова. - М.: ИКД «Зерцало», 1998.
[10] Уголовный кодекс Италии 1930 г. / Пер.: Исаев М.М. - М.: Юрид. изд-во НКЮ СССР, 1941. - С. 35.
[11] Уголовный кодекс Канады. - СПб.: «Юридический центр Пресс», 2005. - С. 201.
[12] Уголовный кодекс Колумбии 2000 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://icpo-vad.tripod.com/crimru.htmi
[13]Уголовный кодекс Республики Куба, 1979 г. - М., 1982. - С. 37.
[14] Уголовный кодекс Мальты // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://icpo-vad.tripod.com/crimru.htm I
[15] Уголовный кодекс Нигерии // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www .nigeria—law.org/Criminal%20Code%20Act—Ta bles.htm
[16] Уголовное законодательство Норвегии. - СПб.: «Юридический центр Пресс», 2003. - С. 103.
[17] Уголовный кодекс Республики Польша / Науч. ред. А.И. Лукашова, Н.Ф. Кузнецова; вступ. ст. А.И. Лукашова, Э.А. Саркисовой / Пер. Д.А. Барилович. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2001.
[18] Уголовный кодекс Перу, 1991 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://icpo-vad.tripod.com/crimru.htmI
[19] Уголовный кодекс Румынии от 21июня1968 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: BuletinulOficial.1968.Nr.79-79bis.
[20] Уголовный кодекс Парагвая, 1997 г.
[21] Уголовныйкодекс Португалии, 1982 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://icpo-ad.tripod.com/crimru.htm
[22] Уголовный кодекс Республики Сан-Марино от 25 февраля 1974 г. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. - С. 120.
[23] Примерный уголовный кодекс (США): Официальный проект Института американского права=Model penal code: The American Law Institute Proposed Official Draft / Пер. с англ. А. С. Никифорова; Подред. Б.С. Никифорова. - М.: Прогресс» 1969. - С. 247.
[24] Уголовный кодекс Уругвая, 1994 г.
[25] Уголовный кодекс Островова Фиджи // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://vvww.vanuatu.usp.ac.fj /Penal_Code.html.
[26] Уголовный кодекс Швейцарии от 21 декабря 1937 г. - СПб: Юридический центр Пресс, 2002. - С. 201.
[27] Уголовный кодекс Эквадора, 1938 г.
[28] Уголовный кодекс Республики Болгария / Науч. ред. канд. юрид. наук, проф. А.И. Лукашова. Пер. с болгарского Д.В. Милушева (Республика Молдова), А.И. Лукашова (Республика Беларусь), вступ. статья Й.И. Айдарова. – СПб..: Юридический центр Пресс, 2001. - С. 125.
[29] Уголовный кодекс Литовской Республики. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. - С. 244.
[30] Уголовный кодекс Македонии: 1996 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.mlrc.org.mk/law/Cril51.
[31] Уголовный Кодекс Республики Сербия: принят в 1977 г. с изменениями и дополнениями /науч. ред. и предисл. Ю.А. Кашубы; пер. с англ. С. Карибова; - СПб.: Юридический центр Пресс, 2009. - С. 96-97.

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки меъёрҳо дар мавриди ҷавобгарӣ барои таҳрик ва кумак расонидан ба худкушӣ дар қонунгузорӣ бо фарқияти камтарин ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин, дар айни замон қонунгузор ва таҷрибаи судӣ ба таври аниқ фарқгузорӣ мекунанд байни мафҳумҳои «одамкушӣ тибқи дархости ҷабрдида» ва «кумак расонидан дар худкушӣ».

Дар Кодекси ҷиноятии Дания, «агар шахс шахси дигарро тибқи дархости ӯ ба қатл расонад, барои ин ба муҳлати на камтар аз 60 рӯз ҳабс карда мешавад. Агар шахс ба дигаре барои содир кардани худкушӣ кумак кунад, ба ӯ ҷарима ё ҳабси оддӣ татбиқ мегардад (параграфи 239). Агар ин кирдор бо кумаки роҳнамоӣ ва бо манфиати шахсӣ содир шуда бошад, ҷазо ҳабс аст, ки муҳлати он на зиёда аз се сол мебошад (параграфи 240)»[3].

Бо назардошти ин, дар муқоиса бо Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон, ки моддаи махсусе барои «ба худкушӣ расонидан» дорад, дар Кодекси ҷиноятии Дания чунин моддаи мустақил вуҷуд надорад.

Англия яке аз давлатҳоест, ки дар он шарикӣ ва таҳрик кардан ба худкушӣ чун одамкушӣ баррасӣ карда мешавад.

То соли 1961, ки қонунгузории Англия «барои бозdoштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои худкушӣ ва сӯиқасд ба он тағйир ёфт, чунин амалҳо ҳамчун шарикӣ дар одамкушӣ шомил шуда, таҳти амали Қонуни одамкушӣ (1957) қарор мегирифтанд»[4].

Тибқи «Қонун оид ба худкушӣ» (1961) дар Англия, шахсе, ки ба дигаре барои худкушӣ кумак мекунад, таҳрик мекунад, тавсия медиҳад ё то ба худкушӣ мерасонад, метавонад ба муҳлати то 14 сол маҳкум карда шавад».

Чунин муқаррарот дар амалияи судии Англия ҳамон давра мавҷуд буданд. Ҳамин тариқ, дар ҳукми парвандаи «Commonwealth Mink», суд ба чунин хулоса омад: «Агар худкушии шахс ҷинояти вазнин бошад, [пас] мусоидат кардан ба гуноҳи шарикӣ кардан ва таҳрик кардан ҳангоми одамкушӣ шабеҳ аст»[5]. Ин муқаррарот парвандаи «Commonwealthv Bowen» -и соли 1813-ро мисол меорад[6].

Равиши дар боло овардашуда дар ИМА то андозае қабул шудааст. Тибқи КҶ штати Ню-Йорк (фасли 125.15), шахс дар одамкушии дараҷаи дувум айбдор дониста мешавад, агар ӯ қасдан шахси дигарро ба худкушӣ водор намояд (cause), ба шахси дигар барои содир кардани худкушӣ кумак расонад ё шахси дигарро то ба худкушӣ оварда расонад.

Тибқи КҶ Норвегия (§ 236), «шахсе, ки ба шахси дигар барои содир кардани худкушӣ кумак мерасонад ва таҳрик мекунад, бояд мавриди ҳамон ҷазое қарор гирад, ки барои шарикӣ кардан ва таҳрик кардан ба одамкушӣ пешбинӣ шудааст»[7]. Дар Шветсия, ки ҳеҷ гуна қонун ҷавобгариро барои кумак расонидан ба худкушӣ пешбинӣ накардааст, чунин ҳаракатҳо дар амалия ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд, гарчанде ки ҷазо на он қадар вазнин аст[8].

Дар шумораи зиёди давлатҳои хориҷӣ, таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ, инчунин ба худкушӣ расонидани ноболиғон (хурдсолон) ва шахсони номукаллаф ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар баъзе давлатҳо чунин бандубаст бевосита дар қонунҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст (Босния ва Ҳерсеҳовина, Македонияи Шимолӣ, Ҷумҳурии Сербия, Судон).

Масалан, дар Италия, Федератсияи Босния ва Ҳерзеговина, Македонияи Шимолӣ таҳрик кардан ба худкушӣ ва расонидани кумак ба ин амал бар зидди ноболиғони то 14-сола ё шахсе, ки қобилияти хостану фаҳмидани хусусияти амали худро надоранд, ҳамчун одам-

---

[1] Уголовный кодекс штата Нью-Йорк, 1967 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http: // www. law. bsu. By / materials / content / 703110508.
[2] Уголовный кодекс Филиппин // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.xhanrobIes.com/revisedp152
[3] Уголовный кодекс Дании / Науч.ред. и предисл. С.С. Беляева; Пер. с датского и англ. С.С. Беляева, А.И. Рычевой. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. - С. 82.
[4] Цыркалюк, А.А. Уголовная ответственность за доведение до самоубийства: ддис…канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Цыркалюк – Томбов, 2011. - С. 53.
[5] Mass. 422, 428 of «Common wealthv. Mink». 1877. – Pp. 123.
[6] Mass. 356 of «Common wealthv. Bowen». 12.1813.
[7] Уголовное законодательство Норвегии. - СПб.: Юридический центр Пресс, 2003. – С. 103.
[8] Уголовный кодекс Швеции // [Электронный ресурс] – Режим доступа: (http: // wings. bufFaIo.Edu / law / bcIc / sweden. pdf).

кушӣ бандубаст карда мешавад[1]. Тибқи Кодекси ҷиноятии Судон (м. 134), «ҳар шахсе, ки ноболиғ (ба сини балоғат нарасида) ё бемори руҳӣ, ё шахси дар ҳолати мастӣ ва ё парешонии руҳӣ ё равонӣ қарордоштаро ба худкушӣ водор кардааст, мавриди ҳамон ҷазое қарор мегирад, ки қонун барои куштори қасдона муқаррар кардааст»[2].

Тарафи субъективии таркиби ҷиноят дар қонунгузорӣ аҳамияти калони ҳуқуқӣ дорад. Бо вуҷуди ин, дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ қонунгузор ба ошкор кардани он камтар диққат медиҳад.

Дар КҶ Швейтсария (моддаи 115) истисно вуҷуд дорад, ки аломати муҳим барои таркиби ҷиноят ҳангоми таҳрик кардан ва кумак расонидан ба худкушӣ, мавҷуд будани «мақсади худхоҳона» ва «тамаъ» (манфиат) дар амалҳои гунаҳгор аст[3].

Дар қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ доираи кирдорҳои бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд ба таври гуногун муайян шудааст.

Дар КҶ ФР[4] ба таври алоҳида се таркиби ҷиноят муқаррар карда шудаанд, ки бевосита бо ба худкушӣ расонидан алоқаманд мебошанд. Таркиби ҷиноятӣ дар м. 110 КҶ ФР (Ба худкушӣ расонидан) мустаҳкам шуда бо меъёри дахлдори КҶ ҶТ (м. 109 КҶ) монанд аст. Фарқият танҳо дар аломатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад, ки номгуйи он дар қ. 2 м. 110 КҶ ФР васеътар нишон дода шуда, аз ҷумла «содир намудани кирдорҳои мазкурро нисбати ноболиғон шахси баръало барои гунаҳгор дар ҳолати оҷизӣ қарордошта ё аз гунаҳгор дар вобастагии моддӣ ё дигар вобастагӣ буда; нисбати зани баръало барои гунаҳгор дар ҳолати ҳомиладорӣ қарор дошта; нисбати ду ё бештар шахсон; аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гуруҳи муташаккил; дар баромадҳои оммавӣ, намоиши оммавии асарҳо, шабакаҳои иттилооти оммавӣ ё шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникасионӣ (шабакаи «Интернет») дар бар мегирад»[5].

Ба андешаи мо ба сифати аломати вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан ҷудо намудани ҳолатҳои содиршудани кирдорҳои мазкур нисбати занони ҳомиладор, шахси дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта, нисбати ду ё бештар шахсон, бо истифода аз шабакаҳои иттилооти оммавӣ ё шабакаи «Интернет» дар КҶ ФР асоснок ба ҳисоб меравад ва ҷойгир намудани чунин ҳолатҳо метавонад барои такмил додани ҳолатҳои вазнинкунанда дар м. 109 КҶ ҶТ дар самти фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан ба мақсад мувофиқ бошад.

Дар КҶ ФР дар фарқият аз КҶ ҶТ инчунин моил кардан ба содир намудани худкушӣ ё мусоидат кардан барои содир намудани худкушӣ (м. 110. 1.) ва ташкили фаъолияти барои ба вуҷуд овардани ангеза барои содир намудани худкушӣ равона шуда (м. 110. 2. КҶ ФР) ба сифати таркиби мустақил ҷудо карда шудаанд.

Дар м. 110. 1 КҶ ФР таркиби моил кардан ба содир намудани худкушӣ ё мусоидат ба он чунин муайян шудааст: «моил намудан барои содир намудани худкушӣ бо роҳи багапдарорӣ, таклиф, порадиҳӣ, фиреб ё усули дигар ҳангоми ҷой надоштани аломатҳои ба худкушӣ расонидан (қ. 1 м. 110. 1 КҶ ФР); мусоидат кардан ба содир намудани худкушӣ тавассути маслиҳатҳо, нишондодҳо, пешниҳод намудани маълумотҳо, восита ё олоти содир намудани худкушӣ ё рафъ намудани монеъаҳо барои содир шудани он ё ваъдаи пинҳон намудани восита ё олоти содир намудани худкушӣ (қ. 2. м. 110 КҶ ФР)»[6].

Дар м. 110. 2. КҶ ФР ҷавобгарӣ инчунин «барои ташкили фаъолияти ба вуҷудоварандаи ангеза барои содир намудани худкушӣ муқаррар шудааст, ки он бо роҳи паҳн намудани маълумотҳо дар бораи усулҳои содир намудани худкушӣ ё даъватҳо барои содир намудани худкушӣ ифода мегардад»[7].

---

[1]Уголовный кодекс Босниии Герцеговины // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.ohr.int/ohrdid.
[2]Уголовный кодекс Судана, 1991 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://dron.sudan.ru /~dron/sudan.html.
[3] Уголовный кодекс Швейцарии от 21 декабря 1937 г. - СПб: Юридический центр Пресс, 2002. - С. 201.
[4] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г., № 63-ФЗ (с изм. и доп. по сост.на 11.03.2024 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https: // online. zakon. Kz / Document/?doc_id=30397073&doc_id2=30397073#activate_doc=2&pos=26;-104&pos2=921;-104.
[5] Ҳамон ҷо.
[6] Ҳамон ҷо.
[7] Ҳамон ҷо.

Ҳамин тавр, таҳлили м. м. 110. 1. ва 110. 2. КҶ ФР нишон медиҳад, ки моҳиятан дар меъёрҳои мазкур ҷавобгарӣ барои намудҳои дахлдори таҳрикнамӣ ё ёрдамчигӣ дар содир намудани худкушӣ муқаррар шудааст.

Дар муқоиса бо КҶ ФР КҶ ҶТ барои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ бевосита ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар КҶ ҶТ таркиби мустақили ҷиноятҳои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ ворид карда шавад:

Моддаи 109(1). Моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ

1. Моил намудан барои содир намудани худкушӣ бо роҳи багапдарорӣ, таклиф, порадиҳӣ, фиреб ё усули дигар ҳангоми ҷой надоштани аломатҳои ба худкушӣ расонидан....

2. Мусоидат кардан ба содир намудани худкушӣ тавассути маслиҳатҳо, нишондодҳо, пешниҳод намудани маълумотҳо, восита ё олоти содир намудани худкушӣ ё рафъ намудани монеъаҳо барои содир шудани он ё ваъдаи пинҳон намудани восита ё олоти содир намудани худкушӣ....

Дар КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон[1] таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан хусусиятҳои худро дорад. Аввалан, дар фарқият аз м. 109 КҶ ҶТ м. 128 КҶ Қирғизистон ба сифати яке аз роҳҳои ба худкушӣ расонидан на худи таҳдид балки таҳдиди истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нишон дода шудааст. Дуюм пастзании шаъну эътибори шахси ҷабрдида бо ҳолати мунтазам содир шудани он вобаста карда нашудааст, яъне як маротиба содир намудани чунин кирдор мумкин аст, асос шавад барои банду басти он ҳамчун ба худкушӣ расонидан. Сеюм, м. 128 КҶ Қирғизистон ҷавобгариро вобаста ба шакли гуноҳ ҳангоми ба худкушӣ расонидан тафриқабандӣ намудааст.

Агар таҳдиди истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, муносибати бераҳмона ё пастзадани обруву эътибори шахс аз беэҳтиётӣ боиси аз ҷониби ҷабрдида содир намудани худкушӣ ё суйиқасди худкушӣ гардида бошад чунин кирдор ҷавобгариро дар асоси қ. 1 м. 128 КҶ ба вуҷуд меорад. Ҳангоме, ки содир намудани кирдорҳои мазкур бо мақсади ба худкушӣ расонидани шахс содиршуда, боиси аз ҷониби ҷабрдида худкушӣ намудан гардида бошад чунин кирдор мутобиқи қ. 3 м. 128 КҶ Қирғизистон бандубаст карда мешавад.

Ҳамин тавр, қонунгузории Қирғизистон ҳам аз беэҳтиётӣ ва ҳам қасдан ба худкушӣ расониданро фарқ намуда, нисбати охирин ҷавобгарии пурзурро муқаррар намудааст.

Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи таркиби ба худкушӣ расонидан ба ғайр аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қ. 2 м. 109 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, КҶ Қирғизистон инчунин «содир намудани чунин кирдорҳоро бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникасионӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет»[2] мустаҳкам сохтааст.

Дар КҶ Қирғизистон, инчунин ба таври алоҳида таркиби ҷинояти моил кардан ба худкушӣ (м. 129 КҶ) муқаррар шудааст. Мутобиқи моддаи мазкур «моил кардан ба худкушӣ, яъне дар шахси дигар ба вуҷуд овардани хоҳиши содир намудани худкушӣ бо роҳи багапдарорӣ, фиреб ё дигар усул, ки боиси аз ҷониби ҷабрдида содир шудани худкушӣ ё суйиқасди содир намудани худкушӣ гардидааст»[3].

Ҳамин тавр, КҶ Қирғизистон дар фарқият аз КҶ ФР танҳо кирдорҳои таҳриккунанда ба худкуширо ба сифати таркиби мустақили ҷиноят ҷудо намудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус[4] низ таркиби алоҳидаи ҷиноятҳои ба худкушӣ расонидан (м.145) ва моил кардан ба худкушӣ (м. 146) муқаррар шудааст. Роҳҳои содир намудани ба худкушӣ расонидан бо роҳҳои дар м. 109 КҶ ҶТ муайяншуда монанд мебошанд. Фарқият дар он аст, ки қонунгузории Белорус бо роҳи таҳдид ба худкушӣ расониданро возеҳтар ифода намудааст, яъне бо роҳи таҳдиди истифодаи зуроварӣ ба ҷабрдида ё наздикони ӯ, несту нобуд, вайрон кардан ё ситонидани молу мулки онҳо, паҳн намудани маълумотҳои бардуруғ ё дигар маълумотҳо, ки онҳо мехоҳанд пинҳон доранд.

---

[1] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 г., № 127 (с изм. и доп. по сост.на 26.02.2024 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065&doc_id2=36675065#activate_doc=2&pos=149;-80&pos2=1368.

[2] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 127 (с изм. и доп. по сост.на 26.02.2024 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065&doc_id2=36675065#activate_doc=2&pos=149;-80&pos2=1368

[3] Ҳамон ҷо.

[4] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г., № 275-З (с изм. и доп. по сост.на 01.10.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id

Моил кардан ба худкушӣ дар м. 146 КҶ Белорус чунин муайян шудааст: «қасдан дар шахси дигар ба вуҷуд овардани хоҳиши содир намудани худкушӣ, агар дар натиҷа шахс худкушӣ ё суйиқасд ба он намуда бошад. Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ба худкушӣ моил намудани ду ё зиёда шахсон ё баръало шахси ноболиғ муқаррар шудааст»[1].

КҶ Узбекистон[2] низ дар баробари таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан (м. 103 КҶ), инчунин барои моил кардан ба худкушӣ (м. 103[1]КҶ) ҷавобгарӣ муайян сохтааст. Дар фарқият аз КҶ Белорус дар КҶ Узбекистон усулҳои моил кардан ба худкушӣ аз тарафи қонунгузор номбар шудааст, яъне бо роҳи багапдарорӣ, фиреб ё дигар роҳ моил кардани шахс ба худкушӣ. Доираи аломатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан дар м. 103[1] КҶ Узбекистон ба таври васеътар муқаррар шуда, ба чунин сифат ғайр аз нисбати ноболиғ содир шудани чунин ҳаракатҳо, инчунин ҳолатҳои дигар, ба монандӣ «нисбати зани ҳомиладор; бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гуруҳи шахсон; бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникасионӣ, инчунин шабакаи иттиллотии умумиҷаҳонии Интернет содир шудани ҷинояти мазкур мустаҳкам шудааст»[3].

Қонунгузории ҷиноятии Туркманистон ҷавобгарӣ барои моил кардан ба худкушӣ ва ба худкушӣ расониданро дар қисмҳои гуногуни як модда (м. 106 КҶ) пешбинӣ намудааст[4]. Таркиби ҷинояти моил кардан ба худкушӣ бо меъёрҳои дахлдори давлатҳои дигари таҳлилшуда монанд мебошад. Хусусияти таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан дар он ифода мегардад, ки дар он ба сифати роҳҳои анъанавии содир намудани ҷинояти мазкур туҳмат нишон дода шудааст, мумкин аст аз назари такмил додани қонунгузории ҷиноятии ҶТ истифода шавад.

Дар КҶ Молдова[5] шаклҳои гуногуни ба худкушӣ расонидан дар як модда муттаҳид гардидааст. Чунончи м. 150 КҶ Молдова ҷавобгариро «барои ба худкушӣ расонидан ё қасдан мусоидат кардан барои содир намудани худкушӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои коммуникатсияҳои барқӣ, ки боиси худкушӣ гаштааст, муайян сохтааст. Агар кирдорҳои мазкур танҳо боиси суйиқасд ба худкушӣ гардида бошанд, ҷавобгарӣ вобаста ба қ. 4 моддаи мазкур ба вуҷуд омада он боиси ҷазои сабуктар мегардад»[6].

КҶ Ҷумҳурии Молдова дар моддаи алоҳида (м. 150.1) «сафедкунии оммавии худкуширо ҷиноят эътироф намудааст, яъне паҳн намудан ё барои ҷомеа пешниҳод намудани маълумотҳо оид ба дуруст эътироф намудани худкушӣ, сазоворӣ тақлид ё рафтори боиси дастгирӣ будани худкушӣ. Сафедкунии оммавии худкушӣ ба андешаи мо як намуди таҳрикнамоӣ барои худкушӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарӣ барои он дар қонунгузориҳои баъзе аз давлатҳои пасошуравии зикршуда низ муқаррар шудааст»[7].

Дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[8], КҶ Озарбойҷон[9], ба монанди КҶ ҶТ ҷавобгарӣ танҳо барои ба худкушӣ расонидан муайян гардидааст.

---

[1] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г., № 275-З (с изм. и доп. по сост.на на 01.10.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id

[2] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изм. и доп. по сост.на на 21.02.2024 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110&doc_id2=30421110#pos=138;-100&pos2=1231

[3] Ҳамон ҷо.

[4] Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 г., № 222-I (с изм. и доп. по сост.на 25.11.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31295286&doc_id2=31295286#activate_doc=2&pos=128;-102&pos2=1153

[5] Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 г., № 985-XV (с изм. и доп. по сост. на 24.11.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923&doc_id2=30394923#activate_doc=2&pos=217;-104&pos2=1824

[6] Ҳамон ҷо.

[7] Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 г., № 985-XV (с изм. и доп. по сост. на 24.11.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923&doc_id2=30394923#activate_doc=2&pos=217;-104&pos2=1824.

[8] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 г., № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12. 09. 2023 г.) // [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz /Document/?doc_id=31575252&doc_id2=31575252#pos=119;- 158&pos2=1765

[9] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики: утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года № 787-IQ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 22.12.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30420353&doc_id2=30420353#activate_doc=2&pos=172;-94&pos2=1500;

КҶ Қазоқистон таркиби асосии ба худкушӣ расонидаро ба монанди м. 109 КҶ ҶТ муайян намудааст. Фарқият танҳо дар аломатҳои вазнинкунанда мебошад, ки номгуйи он дар КҶ Қазоқистон (қ. 2 м. 105 КҶ) васеътар мебошад. Дар қ. 2 м. 105 КҶ Қазоқистон чунин ҳолатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан муайян гаштааст: «нисбат ба шахси дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ баръало барои гунаҳгор айён аст ё нисбат ба шахси аз ҷиҳати моддӣ ё аз ҷиҳати дигар аз гунаҳгор вобастабуда; нисбат ба ду ё зиёда шахс; аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё гурӯҳи ҷиноятӣ; тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шуда бошад»[1].

Нисбати ноболиғ содир шудани ба худкушӣ расонидан ҳамчун аломати махсусан вазнинкунанда дар қ. 3 м. 105 КҶ Қазоқистон муайян шуда он боиси ҷазои вазнинтар мегардад.

Таркиби нисбатан маҳдуди ба худкушӣ расонидан дар м. 125 КҶ Озарбойҷон мустаҳакам шуда, дар он ба сифати ҷабридида «танҳо шахсе баромад менамояд, ки аз гунаҳгор дар вобастагии моддӣ, хизматӣ ё дигар вобастагӣ қарор дорад»[2].

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии кишварҳои мухталиф таркибҳои зиёди монанди ба худкушӣ расониданро дар бар мегирад, зеро ҳаёт манфиати олӣ буда, таҳти ҳимояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунҳои ҷиноятии давлатҳои алоҳида қарор дода шудааст[3]. Он марзи миллӣ надорад ва хусусияти умумиинсонӣ дорад. Бо вуҷуди ин, ҳар як кишвар танҳо мафҳумҳои ҳуқуқӣ, анъанаҳои миллии фарҳанги ҳуқуқӣ, институтҳои мушаххаси ҳуқуқии ба худ хосеро дорад, ки ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пайдо кардан мумкин аст[4].

Ҳангоми ҷамъбасти омӯзиши институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, мухтасар ифода кардани як қатор хулосаҳои бунёдӣ мувофиқи мақсад аст.

1) Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷиноят шуморидани ба худкушӣ расонидан дар он аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳое, ки бо он алоқаманданд, дар кишварҳои гуногун натанҳо дар кодексҳои ҷиноятӣ, балки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда мешавад.

Таҳлили қонунгузории байналмилалӣ нишон медиҳад, ки муносибат ба чунин амалҳо вобаста ба низоми ҳуқуқӣ ва арзишҳои ахлоқии ҳар кишвар фарқ мекунад. Масалан:

– дар баъзе давлатҳо (масалан, Австрия, Ҳиндустон, Италия, Фаронса) танҳо таҳрик ё барангехтани худкушӣ ҳамчун ҷиноят эътироф мешавад;

– дар дигар кишварҳо (мисли Дания, ИМА, Тунис, Филиппин, Чили) қонунгузорӣ инчунин кӯмак расонидан ба худкушӣ ё таъмини шароит барои анҷоми он боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад;

– дар баъзе давлатҳо, ба мисли Австралия, ҳатто таблиғ ё ҷонибдорӣ аз худкушӣ метавонад ҷиноят ҳисобида шавад.

Ин фарқиятҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузории байналмилалӣ нисбати масъалаи худкушӣ ва омилҳои ба он мусоидаткунанда равиши ягонана дорад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқ ва такмили механизмҳои ҳуқуқиро барои ҳифзи шахсони осебпазир ва пешгирии суиистифода дар ин самт таъкид мекунад.

2) Дар як қатор давлатҳо (Босния ва Ҳерзеговина, Британиёи Кабир, Македонияи Шимолӣ, Норвегия, Ҷумҳурии Сербия, Шветсия, Судон, ИМА-иёлати Ню-Йорк) чунин шаклҳои ба худкушӣ расонидан, ба монанди таҳрик кардан ва кумак кардан дар худкушӣ, инчунин ба худкушӣ расонидани ноболиғон, хурдсолон ё номукаллафон ҳамчун одамкушӣ бандубаст карда мешаванд.

---

[1] Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 г., № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12. 09. 2023 г.) // [Электроный ресус]. – Режим доступа: https: //online.zakon.kz /Document/?doc_id=31575252&doc_id2=31575252#pos=119;- 158&pos2=1765;- 98.

[2] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики: утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года № 787-IQ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 22.12.2023 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30420353&doc_id2=30420353#activate_doc=2&pos=172;-94&pos2=1500;

[3] Тюменева, Н.В. Право на жизнь как объект теоретико-правового исследования: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Н.В. Тюменева. - Саратов, 2008. – С. 10-11.

[4] Тихомиров, Ю.А. Курс сравнительного правоведения: учебное пособие / Ю.А. Тихомиров. – М., 1996. – С. 14.

3) 3. Дар фарқият аз КҶ ҶТ, КҶ аксарияти давлатҳои пасошуравӣ кирдорҳои марбут ба моил кардан ба худкушӣ (Россия, Қирғизистон, Белорус, Узбекистон, Туркманистон), сафедкунии оммавии худкушӣ (КҶ Молдова) ҷиноят эътироф намудаанд.

4) 4. Тарафи субъективии ба худкушӣ расониданро ба ғайр аз КҶ Қирғизистон қонунгузориҳои дигар давлатҳои пасошуравӣ мушаххас тавсиф накардаанд. Дар КҶ Қирғизистон бевосита тарафи субъективии ба худкушӣ расонидан нишон дода шуда, ҳам аз беэҳтиётӣ ва ҳам қасдан ба худкушӣ расонидан муқаррар гардида, нисбати охирин ҷавобгарии пурзур муқаррар шудааст.

5) 5. Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, агар номгуйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ба худкушӣ расонидан васеъ карда шуда ба чунин сифат ҳолатҳои зерин муқаррар карда шаванд: баръалодарҳолати оҷизӣ қарор доштани ҷабрдида, нисбати ду ё зиёда ҷабрдида, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё гурӯҳи ҷиноятӣ, тавассути истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсия, аз ҷумла, шабакаи Интернет содир шудани ба худкушӣ расонидан.

6) Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ оид ба муқовимат алайҳи ба худкушӣ расонидан зарур мешуморем, ки номгӯи тарзҳои содир кардани ҷиноят бо роҳи дар диспозитсияи м. 109 КҶ ҶТ илова кардани усулҳои фиреб, иҷоб (шантаж), ришвадиҳӣ, туҳмат ё таҳқир васеъ карда шавад.

7) Дар муқоиса бо қонунгузориҳои баъзе аз давлатҳои хориҷӣ (КҶ Россия, Қирғизистон, Белорус, Узбекистон, Туркманистон) КҶ ҶТ, барои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ бевосита ҷавобгарӣ пешбинӣ накардааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар КҶ ҶТ таркиби мустақили ҷиноятҳои моил кардан ба худкушӣ ё мусоидат кардан ба худкушӣ ворид карда шавад:

Моддаи 109(1). Моил кардан ё мусоидат кардан ба худкушӣ

1. Ба худкушӣ моил намудан бо роҳи таҳрик, боваркунонӣ, маҷбурсозӣ, фиреб, ваъда додани манфиат ё дигар усулҳои таъсиррасонӣ, агар дар кирдор аломатҳои ба худкушӣ расонидан мавҷуд набошанд...

2. Мусоидат ба содир кардани худкушӣ бо роҳи додани маслиҳат, роҳнамоӣ, пешниҳод ё таъмин намудани маълумот, восита ё олоти худкушӣ, рафъи монеаҳо барои анҷом додани он ё ваъдаи махфӣ нигоҳдоштани восита ё олоти худкушӣ....

ОМИЛҲОИ АСОСИИ ФИРЕБХУРИИ ШАҲРВАНДОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ МОШЕННИЧЕСТВА ПРОТИВ ГРАЖДАН В СЕТИ ИНТЕРНЕТ

САНГИНЗОДА ИХТИЁР БАҲОДУР
сардори кабинети кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
e-mail: sanginov.Ikhtiyr @mail.ru

Вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ, буҳронҳои пай дар пайи иқтисоди ҷаҳонӣ, терроризму экстремизм, ҷалби ҳарҷи бештари ҷавонон ба гурӯҳҳои тундгаро бо фиребу фитна, низоъ андохтан ва монеа эҷод намудан дар тараққиёти кишварҳои рӯ ба инкишоф аз ҳар як сокини сайёра, махсусан, аз шаҳрвандони кишварҳои дар ҳоли рушд дарки масъулиятро талаб менамояд. Зеро ҷангҷӯёну тундгароён барои нест кардани миллатҳо аз ҳар роҳу усулҳои гуногун истифода мебаранд. Замон замони лашкару силоҳи ҳарбӣ нест. Ҷанги иттилоотӣ, ба вуҷуд омаданаш ба масъулин ҳушдор дод, ки аз ҳар вақта дида, ҳушёртар бошанд. Ҷанги лашкариву силоҳӣ агар ба як кишвар ё давлати алоҳида таҳдид намоянд, ҷангҳои иттилоотӣ имрӯз фарогири ҳама давлатҳо мебошанд.

Инчунин, терроризм ва экстремизм низ имрӯзҳо дар шаклҳои нав зуҳур карда, террористон барои ҷалби одамон ва амалӣ сохтани мақсадҳои нопоки худ роҳу воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсиониро ба кор мебаранд.

Яке аз чунин воситаҳое, ки борҳо таҳлил гардидаву дақиқияти худро пайдо кардааст, ин тавассути шабакаи интернет ҷалб намудани сокинон ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз интернет як қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеаро ташкил медиҳад. Тибқи таҳлилҳо, аксари сокинон қисми зиёди вақти худро дар истифодаи бемақсади шабакаҳои иҷтимоӣ сарф мекунанд. Маҳз шабакаи ҷаҳонии интернетӣ барои гурӯҳҳои ифротию террористӣ имтиёзҳои бузургро фароҳам овардааст. Пайдо шудани хаккерҳо ва вирусҳои компютерӣ фазои иттилоотии имрӯзаи ҷаҳониро мураккаб гардонидаанд[1].

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ таъкид намуда иброз доштанд, ки «Бояд мо дар панҷсолаи минбаъда оид ба ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ ва рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳем»[2].

Дар ҳақиқат, асри XXI-ро асри техникаву технологияҳои навин барои инсоният меноманд, ки ин бесабаб нест, зеро маҳз дар давоми ин аср технологияи навин рушд намуда, технологияҳои навин ихтироъ шуда истодааст. Маҳдудияти вақту фазо қариб, ки аз байн рафта, асри технология суръати онро ба суръати лаҳзавӣ оварда расонид. Сари вақт огоҳ шудан аз хабарҳои ҷаҳон, роҳҳои зудтар пайдо намудани маводи илмӣ ва иттилооти зарурӣ аз қабили сабукиҳост, ки сомонаву шабакаҳои интернетӣ ба инсон дастрас кардааст. Аммо истифодаи технологияи навин агар аз як тараф, кори инсонҳоро осон гардонад, аз тарафи дигар ба амнияти ҳар як кишвар, инсон ва сайёра хатар дорад.

Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ дар Паёми навбатии худ, ки санаи 28-уми декабри соли 2023 таъкид намуда буданд, ки «Яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгароӣ ва терроризм, ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзоҳои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои ҳаробкоронаи онҳо маҳсуб меёбад»[3].

Дар баробари рушди технологияҳои навин, ҳастанд нафароне, ки мехоҳанд, бо истифода аз шабакаҳо, ҳадафҳои ғаразноки худро амалӣ созанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз дар ҷомеа чунин роҳу восита ва омилҳои мардумфиребии қаллобони интернетӣ мавҷуд аст:

1. Сӯистифода аз тафаккури динӣ. Баъзан мактубу ҳадисҳои сохта аз номи динро бо мақсадҳои хоси худ васеъ истифода менамоянд. Ташвишовар аст, ки аксар вақт сокинони мо фирефта бар он мегарданд, ки бо фиристодани акс ба 7 ё 9 нафар фардо ё дигар вақти муайян хабари хуш мешунаванд. Мутаассифона, ин гунна аксҳо, ки мақсадашон танҳо мағзшӯйӣ ва харҷи беҳудаи вақт аст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ давр мезананд.

2. Ворид гардидан ба сомонаҳои шиносоӣ. Истифодаи сомонаҳои шиносоӣ бо ашхоси бегона низ барои наврасони ноогоҳ аз хатар орӣ нестанд. Маҳз ҳамин гуна сомонаҳо, ки наврасон бо ворид шудан ба онҳо ва ё дар доираи чатҳо метавонанд бо гурӯҳҳо ва ё афроди ифротгаро ё намояндагони дигар гурӯҳу равияҳои зиддиҷтимоӣ дошта, шиносоӣ пайдо карда, оқибат ба доми фиреби онҳо гирифтор шаванд. Илова бар ин, ба сифати таъсироти манфии интернет, дар чаҳорчӯбаи он сомонаҳое мавҷуданд, ки ғайр аз табоҳкунандаи солимии равониву ҷисмонии кас будан, инчунин, вайронкунандаи ахлоқи ҷомеа ва барангезандаи ҷиноят мебошанд. Ташвишовар он аст, ки дар интернет сомонаҳои тарғибгари аъмоли номатлуб, аз қабили қаллобӣ, дуздӣ, фосиқӣ, экстримизму худкушӣ, майнӯшиву нашъакашӣ, тарзи тайёр кардани маводҳои тарканда, дар шароити хона ва дигар иттилооти дурӯғу ғай-

[1] Қонун ва ҷомеа. - № 37 (748) аз 21.09.2023. – С. 12.
[2] Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28.12.2023. – Душанбе, 2024. – С. 5.
[3] Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28.12.2024. – Душанбе, 2024. – С. 28.

ришаръӣ мавҷуданд, ки дар ҳолати беназорат гузоштани наврасон дар фазои иттилоотӣ метавонанд ба зеҳни онҳо таъсири харобиовару ҷуброннопазир расонанд.

3. Паҳн гардидани наворҳои зиддиахлоқӣ. Яке аз хатарҳои бениҳоят ҷиддӣ ин пахши наворҳои ғайриахлоқӣ дар шабакаи интернет мебошад. Баъзе ҳолатҳо ба почтаи электронии шумо мактубҳо бо сарлавҳаи ҷолибу диққатҷалбкунанда, бе иҷозати Шумо ворид мешаванд, ки ба мазмуни ҳақиқии он сарфаҳм рафтан имконнопазир аст. Аммо ҳангоми кушодани мактуб зуд ба чашми шумо аксҳои урёну нимурён намоён мешаванд.

Ҳамзамон, табибони (гинекологон) машҳури дунё дар натиҷаи таҳқиқоту санҷишҳои чандинсолаи худ ба хулосае омадаанд, ки тамошои зиёди филмҳо ва аксҳои бадахлоқӣ мардро безуриёт мекунад. Баъзе одамон хаёл мекунанд, ки тамошои филмҳои ғайриахлоқӣ ба онҳо зарараре намерасонад, аммо фаромӯш набояд кард, ки тамошои чунин филмҳо пардаи эҳсоси гуноҳ ва шармро дорост.

4. Тарғиби наворҳои хушунатомез. Тибқи мушоҳидаҳо, тамошои видеоҳои хусусияти ҷангиву шаҳвонӣ дошта, тарғибу ташвиқи зиндагии (дар сенария) идеалии мардумони дигар қитъаҳои олам, намоиши хонаҳои боҳашамату зиндагии роҳат, намоиши тамғаи нави мошинҳо, урфу одатҳои мардуми ғайришаркӣ ба руҳияи милливу идеологии насли ҷавон таъсири амиқ мерасонад. Ин омилҳо метавонанд ба фарҳанги миллии мо унсурҳои бегонаро ворид созанд.

Незаконное получение кредита, как преступление, отличается тем, что на разных этапах его подготовки, совершения и сокрытия могут оставаться следы. Для каждого из этих этапов существуют свои категории следов, которые в определенной мере отражают действия преступников. Эти следы составляют основной источник информации о методах совершения преступления. В расследовании такого рода преступлений ключевое значение имеют следы, содержащиеся в документах. Например, в таких документах, как свидетельства о регистрации организаций, кредитные договоры, технико-экономические обоснования, можно обнаружить информацию о наличии или составлении документов с ложными данными (интеллектуальный подлог), фактах предоставления кредитов организациям, не предусмотренным для получения займов[1]. В решениях или распоряжениях о кредите, кредитных заявках и договорах залога можно найти данные о предоставлении неверных адресов, содействии в получении кредита на льготных условиях, нецелевом использовании кредита, а также возможных преступных связях заемщика с работниками банка. В бухгалтерской отчетности (например, выписках из расчетных счетов, платежных поручениях на оплату долгов и процентов, актах списания товарно-материальных ценностей) можно выявить факты нецелевого использования кредита, манипуляций с отчетностью, ликвидации офисов заемщиков, подготовки их к выезду за границу и других подозрительных действий[2].

На данный момент существует ряд проблем в правовом регулировании сферы кредитования. Не всегда можно оперативно и точно доказать факт мошенничества, особенно если речь идет о сложных схемах с использованием поддельных документов. Кроме того, современные технологии позволяют преступникам использовать более изощренные методы обмана.

Для организованных преступных групп, совершающих незаконное получение кредита, характерна небольшая численность (обычно от 2 до 10 человек) и относительно простая организационная структура. Члены таких групп обладают высоким уровнем образования, а руководители и некоторые исполнители имеют опыт в совершении преступлений. Важно отметить, что лица, занимающиеся техническими аспектами работы в группе, часто не знают о ее преступной сущности.

Соучастниками преступлений в сфере незаконного получения кредита могут быть сотрудники и руководители различных организаций и предприятий. Наиболее часто это главные бухгалтеры, без подписи которых денежные и расчетные документы, а также финансовые и кредитные обязательства считаются недействительными и не подлежат исполнению. Искажение данных в балансе и приложениях к нему обычно возможно только с ведома и согласия главного бухгалтера.

Незаконное получение кредита представляет собой серьезную угрозу как для финансовых учреждений, так и для экономики в целом. Криминалистическая характеристика этого преступления позволяет более точно выявлять признаки незаконных действий и разрабатывать методы их предотвращения. Важным шагом на пути к решению проблемы является совершенствование законодательства и повышение квалификации специалистов, работающих в этой области.

Незаконное получение кредита представляет собой преступление, которое наносит ущерб не только финансовым учреждениям, но и экономике в целом. Криминалистическая характеристика данного преступления играет ключевую роль в эффективном выявлении и расследовании таких деяний, поскольку она помогает понять способы их совершения, источники доказательств и особенности следственных ситуаций. В последние годы схемы мошенничества с кредитами стали более изощренными, включая подделку документов, использование ложных сведений о финансовом положении заемщика и манипуляции с отчетностью. Проблемы правового регулирования, недостаточный контроль со стороны кредитных организаций и технические возможности для мошенников создают благоприятные условия для таких преступлений. Важным аспектом борьбы с этим видом преступности является совершенствование законодательства, повышение квалификации

[1] Шмонин, А.В. Расследование преступлений, связанных с незаконным получением кредита. - Архангельск: МИУ, 2001. - 214 с.
[2] Леднев, А.И. Криминалистическая методика расследования преступлений, совершенных при осуществлении кредитных операций: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.09 / А.И. Леднев. - Н.Новгород. 2000. - 223 с.

специалистов и разработка эффективных методов профилактики и раскрытия преступлений, а также улучшение контроля за кредитными операциями.

Кроме того, важным шагом для снижения числа случаев незаконного получения кредита является повышение осведомленности и образования как среди сотрудников финансовых учреждений, так и среди потребителей кредитных услуг. Финансовые организации должны внедрять более жесткие меры проверки и контроля при оформлении кредитов, а также использовать новейшие технологии для выявления мошеннических действий. Это может включать внедрение систем для проверки подлинности документов, а также использование аналитики для оценки рисков, связанных с предоставлением кредитов.

Одним из направлений борьбы с незаконным получением кредита является тесное сотрудничество между различными государственными органами, финансовыми учреждениями и правоохранительными органами. Совместные усилия могут привести к более эффективному раскрытию преступлений, а также созданию более безопасной и прозрачной кредитной системы. Важно также уделять внимание наказаниям для тех, кто участвует в таких преступлениях, а также минимизировать возможности для их совершения на стадии оформления кредита.

В заключение необходимо отметить, что криминалистическая характеристика незаконного получения кредита помогает не только раскрывать преступления, но и строить систему профилактики, которая сможет предотвратить множество случаев мошенничества в будущем. Реализация комплексного подхода, включая улучшение законодательной базы, повышение уровня контроля и обучение специалистов, поможет снизить масштабы этого преступления и обеспечить безопасность как для финансовых учреждений, так и для всего общества.

КОРРУПСИЯ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН, АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГӢ

КОРРУПЦИЯ И ПРОБЛЕМЫ РАВНОПРАВИЯ ГРАЖДАН, РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ, СОЦИАЛЬНЫХ, ЭКОНОМИЧЕСКИХ И КУЛЬТУРНЫХ ПРАВ И СВОБОД

ХОЛМУҲАММАДЗОДА ҲУСНИДИН ХОЛМУҲАММАД
профессори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
e-mail: kafedra.fmmkd@mail.ru

ЗАЙЛОБИДДИНЗОДА АЛИШЕР ЗАЙЛОБИДДИН
омӯзгори калони кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети № 4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми хеш аз 26-уми декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки “Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилали ва норозигии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад”[1].

Эътирофи баробарии ҳама ва роҳ надодан ба табъиз нисбат ба одамон ин меъёри мутамаддинӣ ва демократӣ будани ҳар як давлату ҷомеа буда, дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад»[2]. Проблемаҳои баробарҳуқуқии

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри с. 2019.
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016 // Садои мардум, № 69 (3459). 30.05.2016 с.

шаҳрвандӣ ва коррупсия ба ҳамдигар чун ду тарафи ҳамон як зуҳурот муносибати рӯирост доранд.

Яке аз проблемаҳои баробарҳуқуқии шаҳрвандӣ, соҳибият ба афзалиятҳо ва бартариҳои ноадолатона дар муқоиса бо дигарон ҳангоми иҷрои функсияҳои давлатӣӣ, дастрасӣ ба хизмати давлатӣ ва неъматҳои ҷамъиятӣ, бемасъулиятӣ дар назди қонун ва суд, баробари дигарон ба ҷо наовардани вазифаҳо дар назди давлат, сӯйистифода аз ҳокимият ба манфиатҳои шахсӣ мебошад.

Табъизи одамон аз рӯи аломатҳои нажодӣ, миллӣ, этникӣ ва динӣ дар баъзе аз давлатҳо вуҷуд дорад (Хитой, Миями, Туркия, Сурия ва ғ.), аммо таъмини барбарҳуқуқии шаҳрвандон, сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ ва моликиятдорӣ, ҳанӯз чун масъалаи муҳим боқӣ мемонад. Дар шумораи зиёди мамлакатҳои ИДМ аъзои парламент, депутатҳо ва судҳо дар ҳамаи дараҷаҳо ашхоси дахлнопазиранд, ки Созмонҳои байналмилалӣ ин ҳолатро ба принсипҳои баробарии одамон дар назди қонун ва суд номувофиқ меҳисобанд.

Дар баъзе аз ҳолатҳо коррупсия барои баррасии одилона ва беғаразонаи парвандаҳо монеъ мешавад, бовуҷуди имконпазирии дастрасии қариб ҳамаи одамон ба адолати судӣ ва баробарии шаҳрвандон дар назди суд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, оид ба беҳтар намудани сифати кори мақомотҳои таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд дар муборизаи зидди ҷиноятқорӣ борҳо дар нуқтҳои барномавии худ, зарурат ва рӯзмарра будани ин масъалаларо асоснок намудаанд, ки дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибрози ақида намуда, қайд намуданд, ки «Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, субботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад»[1].

Бинобар ин бобати баҳри риояи қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар самти таъмини баробарии ҳама ҳангоми амалисозии вазифаҳои конститутсионӣ аз ҷониби ашхоси мансабдор, мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаю ташкилотҳои шаклҳои моликияташон гуногун ба хатоҳои зиёд роҳ дода мешаванд.

Чунончи, баробарии вазифаи шаҳрвандон, бобати барои ҳифзи Ватан дар натиҷаи коррупсия бо роҳи саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, додани пора, додани ҳаргуна муҳлатҳои муваққатии ғайриқонунии даъват ба хизмат, ғайриқонунӣ озод кардан аз хизмати ҳарбӣ вайрон карда мешавад.

Саркашӣ аз пардохти андозҳо аз ҷониби шахсони мансабдор ва ё ба кӯмаки онҳо аз ҷониби дигар субъектҳои хоҷагидорӣ бо роҳи коррупсия, баробарии вазифаҳоро дар самти бобати андозситонӣ вайрон месозад.

Коррупсия дар соҳаи сиёсат ба вайроншавии мувозинати байни рукнҳои ҳокимият оварда мерасонад, боварии халқро ба давлат коста мегардонад, дуршавии байни ҷомеа ва давлатро пурзӯр месозад, заминаҳои ягонагии миллиро чун шакли давлат дар назди хатари беруна вайрон мекунад.

Мисол: дар асри XIII, замони ба қалamрави Хоразмишоҳиён ҳуҷум намудани муғулҳо, сарбозони давлати Хоразм нисбати муғулҳо чандин маротиба зиёдтар буданд, ки агар шоҳ Муҳаммад Хоразимшоҳ ва ҷанговарони ӯ иродат ба муқовимати ҷиддӣ медоштанд, бешак онҳо ғолиб меомаданд. Вале аз сабаби шоҳ Муҳаммад соҳиби маҳорати ҷангӣ набудан ва беиродагиаш бо фармоиш сарбозонро ба гарнизонҳои шаҳрҳо сафарбар кард, ки дар натиҷа муғулҳо аз парокандагии лашкар ва нобаробарии даҳшатангез дар ҷомеаи Хоразмшоҳиён истифода карда, ғалаба ба даст оварданд. Яъне ин ҷо мақом, афзалиятмандиҳо, дастрасӣ ба хидмат, таҳсил ва ҳатто вазъи амволии ҳар нафар танҳо аз баромади иҷтимоии (авлодии) ӯ вобастагӣ дошт.

Давлати Сомониён бинобар ҳайати роҳбарикунандаи артишро ба ивази маблағ ба бегонагон вогузоштан, артиш пурра аз аҳолии бодияниши турктабор созмондодашуда, аҳолии маҳаллиро ба хизмати артиш ҷалб накардан, амалдорон ҳуқуқи андозҷамъовариро бо додани ришва соҳибшуда беасос бо хоҳиши худ намуд ва маблағи андозҳоро зиёд намудан, нобаробари дар ҷомеа, дастрасӣ ба хидмат, таҳсил аз баромади иҷтимоии

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2014.

(авлодии) вобастагӣ доштан, авҷгирии судхури ва фурӯхташавии амалдорон, бо дасти бегонагон вайрон гардида ба нести рафт.

Чунончи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш ба муносибати 10-солагии таъсъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия қайд кард, ки "Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад"[1].

Коррупсия обрӯи мамлакатро дар сатҳи байналмилалӣ резонда, хатари баркандагии иқтисодию сиёсии онро пурзӯр мегардонад. Дар кӯшишҳои аз нав ҷудо кардани соҳаҳои таъсиррасонӣ дар ҷаҳони имрӯза давлатҳои пуриқтидор аксар вақт проблемаи коррупсияро ба сифати баҳона барои дахолат намудан ба корҳои дохилии давлатҳои ҷавон истифода мекунанд.

Дар амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат, озодии сухан, матбуот, ҳуқуқи истифода аз воситаҳои ахбори умум ва ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти давлатӣ коррупсия таъсири манфӣ мерасонад.

Амалҳои коррупсионӣ ҳуқуқи сиёсии шаҳвандонро дар бобати номзад шудан ва ё интихоб гардидан ба ҳайси вакил, шаффофияти раванди интихобот, тартиби маблағгузории интихобот, истифодаи маблағҳои давлатӣ ва захираи маъмурӣ ба манфиати номзадҳо ё ҳизбҳои алоҳида, харида гирифтани овози интихобкунандагон, таҳрифи натиҷаҳои интихобот ва вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи интихобот ба манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ поймол мегардонад.

Амалҳои коррупсиони фурӯхташавандагии ходимони алоҳидаи масъули қабул ё ба вазифаҳои болоӣ тавсия диҳандаи кадрҳо, «сарпарастӣ» аз ҷониби шахсони обрӯманд, хешутаборӣ ва ҷӯраю ошнобозӣ метавонанд ба амалисозии ҳуқуқи дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ таъсири ҷиддӣ расонида, чунин баробариро вайрон мекунанд.

Барои ошкорсозии коррупсия ҷомеаи пӯшида, набудани ошкорбаёнӣ, маҳдудсозии ғайриқонунии гуногунандешӣ, озодии сухан ва матбуот муҳити мусбӣ бавуҷуд оварда ба рушди он мусоидат мекунад.

Дар роҳи амалисозии ҳуқуқи муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти давлатии ҳокимият коррупсия метавонад монеаҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оварад, ки ин монеаҳо дар дастнорасии шахсони мансабдор барои шаҳрвандон, эҷоди монеъаҳо барои ба шахсони мансабдор нарасидани муроҷиатҳои хаттӣ, аз рӯи муроҷиатҳо қабул кардани қарорҳои беасосу ғайриқонунӣ, таъқиби шаҳрванд ба сабаби муроҷиати ӯ ба мақомоти давлатӣ ё дар муроҷиат мавҷуд будани танқид ва ғайра ифода мегарданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҷамомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солаги мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон марӯза намуда, дар он қайд намуд, ки "Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем"[2].

Коррупсия дар роҳи пешрафти иқтисодии давлат ва баланд гардидани самаранокии институтҳои (ниҳодҳо) бозорӣ монеаи ҷиддист.

Коррупсия дар соҳаи иқтисодиёт, барои саркашӣ аз иҷрои вазифаҳо нисбати пардохти андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо мусоидат мекунад, иқтисодиёти пасипардагиро вусъат бахшида, имкониятҳои буҷавии давлатро оид ба иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ суст мегардонад, ҷаззобияти инвеститсионии иқтисодиётро барои маблағгузорони хориҷию

[1] Эмомалӣ Раҳмонов. Баҳри волояти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамомади кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солаги мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Народная газета, соли 2005, № 1.

[2] Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди 3. Душанбе: «Ирфон», 2001. - С. 27; Суханронӣ дар машварати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ» аз 09-уми феврали с. 1999.

ватанӣ кам месозад, барои истифодаи бесамар, азхудкунӣ ва тороҷи кӯмакҳои техникии хориҷӣ ва башардӯстона, захираҳои миллии молиявӣ, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ заминаҳои мусоид фароҳам меорад, ба иштироки ғайриқонунии ходимони давлатӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, монополиякунии бозор, маҳдудсозии рақобат, дахолат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва нобаробарии шароитҳо барои бизнес (тиҷорат) мусоидат менамояд, иқтидори иқтисодӣ, қобилияти мудофиавӣ ва истиқлолияти миллии давлатро суст мегардонад.

Иқтисодиёти пасипардагӣ дар мамлакатҳои ИДМ мувофиқи ҳисобу китоби мумайизони (экспертҳои) институтҳои байналмилалии молиявӣ то 70% иқтисодиёти расмиро ташкил дода, ҳаҷми маблағҳои ҳамчун пора ҳар сол додашаванда баробари нисфи қисми даромади буҷети онҳост.

Барои пурсамар амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, яъне ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касб ва ғайра амалҳои коррупсиони халал мерасонад.

Вайронкориҳои коррупсионии ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ аз ғайриқонунӣ кашида гирифтани он, маҷбурсозӣ ба дасткашӣ (баъзан ба бепул додан) аз амвол ба манфиати мақомоти маҳаллии ҳокимият ё ашхоси дигар, халал расондан ё сохтани монеаҳои сунъӣ барои пурсамар истифода кардани моликият, дахолат ба раванди фаъолияти хоҷагидории мулкдорон иборат аст.

Бе ба расмият даровардани қабул ба кор, маблағҳои музди меҳнат ба дигар мақсадҳо, напардохтан ё сари вақт пардохт накардани музди меҳнат, ба кормандони хоҷагиҳои коллективӣ напардохтани ҳиссаи онҳо аз даромадҳои умумии корхона ва ғайра бо роҳи коррупсиони вайрон кардани ҳуқуқ ба меҳнат истифодаи меҳнат мебошад.

Дар фаъолият бо надодани танаффус ба кормандон барои истироҳат, рӯзҳои истироҳат, ҷалб кардани онҳо ба кор дар рӯзҳои ид, надодани рухсатиҳои ҳамасола ё иловагӣ, ё додани рухсатиҳои мӯҳлаташон назар ба муқаррароти қонун кам ва ғайра ҳуқуқи одамон ба истироҳат вайрон карда мешавад.

Коррупсия маблағҳои зиёди моддию молиявиро аз ҳадафҳои рушди иҷтимоӣ дур месозад, бӯҳрони буҷетиро амиқ мегардонад ва иҷрои барномаҳои иҷтимоии ба нақшагирифтаро душвор мекунад,

Дигар оқибати коррупсия дар соҳаи иҷтимоӣ метавонад тақсимоти ноодилонаи неъматҳои ҷамъиятӣ ба фоидаи гурӯҳи маҳдуд аз ҳисоби табақаҳои нисбатан камҳимояи аҳолӣ, пурзӯршавии ба табақаҳо ҷудошавӣ ва нобаробарии амволии аҳолӣ, вайроншавии амалигардии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ (ришваситонии духтурон, яъне вайрон кардани ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани ёрии ройгону сифатноки тиббӣ), ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ бо роҳи азхудкунӣ ё тороҷи маблағҳои нафақа, муддатҳои дароз напардохтани нафақа ва кӯмакпулиҳо, дигар амалҳои сӯиистифода аз ҷониби мақомоти ба соҳаи таъминоти иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд.

Пешрафти илмӣ-техникӣ, инкишофи санъату маорифро коррупсия боздошта, сабаби заминаҳои ахлоқию иродати ҷомеаро ба навшавии моддиву маънавӣ вайрон сохта, монеъа барои рушди фарҳангии ҷомеа ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои фарҳангӣ эҷод карда ба маҳдудшавии дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва ба хориҷа интиқол додани ин арзишҳо, сохтани нусхаҳои ғайриаслии асарҳои санъати тасвирӣ мегардад.

Навъҳои паҳншудаи коррупсия дар нашриётҳо: бо роҳи нашри китобҳо бе огоҳсозии муаллиф ва ба ӯ надодани ҳаққи қалам, азхуд кардани натиҷаҳои меҳнати каси дигар ва дуздӣ, ки бо истифодаи мансаби хидматӣ, чопи дигарбораи китобҳои нодир ва қадимӣ, детективҳои тарҷумашудаи хориҷӣ бо вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва напардохтани ҳаққи қалам, пинҳон кардани даромадҳои изофа аз андозбандӣ бо роҳи чопи тиражҳои сабтнашуда ва ғайра мебошанд.

Ситондани маблағҳои ғайриқонунӣ барои таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, маблағҷамъкунӣ аз волидон бо ҳар гуна баҳонаҳо, ришваситонӣ ҳангоми қабули имтиҳонот ва санҷишҳо дар мактабҳои олӣ ва техникумҳо ва ғайра ин вайронсозиҳои коррупсионии ҳуқуқ ба таҳсил маҳсуб меёбанд, ки инҳо вайронкунии ҷиддии ҳуқуқҳо ва озодиҳои фарҳангӣ мебошанд.

МАХСУСИЯТИ ИСБОТКУНӢ ДАР ДАВРАИ ОҒОЗ НАМУДАНИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

ОСОСБЕННОСТИ ДОКАЗЫВАНИЯ НА СТАДИИ ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА

ХОҶАЕВА НАРГИС БАЛАҶОНОВНА
омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: somon_010@mail.ru

Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 (минбаъд – КМҶ ҶТ) ба институти исботкунии мурофиаи судии ҷиноятӣ таккони ҷиддӣ дод. Аз ҷумла, ворид шудани баъзе тағйиротҳо ба ин институт: мукаммал шудани предмети исботкунӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ, дақиқ шудани мафҳуми далелҳо, васеъ шудани намудҳои сарчашмаҳои далелҳо ва ғайраҳо[1].

Мавқеъ гирифтани КМҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки ба институти исботкунӣ диққати хоса дода шудааст[2]. Дар қатори дигаргуниҳои кулие, ки дар меъёрҳои кодекси номбурда дида мешаванд, қоидаҳои мурофиавии исботнамоӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад. Чунки худи исботкунӣ зуҳуроти нозук аст. Таърихи ҳуқуқи исботкунии мурофиавӣ нақши муассир дорад, барои он, ки таърих имконият медиҳад, ки самти инкишофи ҳуқуқи исботкунӣ дар кадом ҳолат қарор дорад. Исботкунӣ мазмуни асосии фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро ташкил медихад. Яъне исботкунӣ ин фаъолияти асосии ҳуқуқмуҳофизави ба ҳисоб меравад. Он дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷинояти амалӣ карда мешавад ва ҳамчунин фаъолияти асосии тамоми субъектони мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад[3].

Ҳамчунин қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ҷамъият, ташкилоту корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содир карда, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дигар шахсон тартиби муайянеро муқаррар намудааст, ки иҷрою риояи онҳо барои мақомоти суда, прокуратура, тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ, инчун ин барои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ хатмӣ мебошанд.

Ба ақидаи Михайловская И.Б., “Исботкунӣ” ин тибқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ - ҷиноятӣ ба амал баровардани фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва суд оид ба ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии маълумотҳои воқеӣ, ки бояд бо парвандаи ҷиноятӣ муқаррар гарданд, мебошад[4].

Фаъолияти исботкунӣ алаккай аз давраи аввали мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ- оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад. Пеш аз оне, ки ба таҳлили махсусиятҳои Исботкунӣ гузарем аввал бояд ба баъзе масъалаҳои умумии он таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун дар бораи он, ки фаъолият дар оиди санҷидани маълумот оиди ҷиноят дар доираи давраи аввал ва мустақили мурофиави ҷиноятӣ ба амал баровардани мешавад, ки бояд аз давраи оғоз намудани парвандаи ҷинноятӣ тафриқа гузошта шавад Ин давра аз лаҳзаи ба мақомоти салоҳиятдор расидан ва ба қайд гирифта шудани иттилоот дар бораи ҷиноят ибтидо гирифта, бо баровардани қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ё рад кардан **аз** оғози парвандаи ҷиноятӣ ба охир мерасад[5].

---

[1] Хоҷаева, Н.Б. Исботкунӣ: мафҳум, предмет ва ҳадди он / Н.Б. Хоҷаева // Масоили мубрами ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ Масоили мубрами ислоҳоти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 27 ноябри 2015 с.). – Душанбе, 2016..- С. 210-215.

[2] Хоҷаева, Н.Б. Инкишофи институти далел ва исботкунӣ дар қонунгузории мурофаивии ҷиноятии ҶТ / Н.Б. Хоҷаева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуӣ «Ҷойи ҳуқуқи ҶТ дар низоми ҳуқуқи ҷаҳони муосир” (Душанбе, 27 майи с. 2015_. – Душанбе, 2015.- С. 160-172.

[3] Хоҷаева, Н.Б. Исботкунӣ ва махсусияти он дар даврҳои мухталифи мурофиаи судии ҷиноятӣ / Н.Б. Хоҷаева // Паёми ДМТ.- 2019. - № 3. - Қисми 1. - С. 200-215.

[4] Михайловская, И.Б. Настольная книга судьи по доказыванию в уголовном процессе. – М.: Проспект, 2006.

[5] Ғозиев, М. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 122.

Пас аз қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ тафтишоти пешакӣ давраи (марҳилаи) дуюми мурофиаи ҷиноятӣ бармеояд. Ин андеша бо он асоснок карда мешавад, ки ҳолати рад карда шудани оғози парвандаи ҷиноятиро набояд ҳамчун давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ номид[1].

Дар КМҶ ҶТ дар бораи баамалбарории назорати прокурорӣ оиди қонунӣ будани оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ сухан меравад, вале дар он оиди баамалбарории назорати прокурорӣ нисбати қонунӣ будани санҷиши ариза ва ё маълумот дар бораи ҷиноят, ки мақомоти таҳқиқ дар вақти омодасозии тосудии маводҳо дар шакли протоколӣ на танҳо парванда оғоз мекунанд, балки пешбурди онро то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қатъ мегардонанд чизе муқаррар нагардидааст[2].

Дар давраи аввали мурофиаи ҷиноятӣ байни мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, шахси аризадиҳанда оиди ҷиноят ва шахсони дигар муносибати махсуси хусусияти комплексидошта ба вуҷуд меояд. Ин муносибатҳо тавассути фаъолияти субъектҳои номбурда ба амал бароварда мешавад, ки аз ошкор намудани омили оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ шурӯъ гардида бо ба қувваи қонунӣ даромадани он ба охир мерасад. Онҳо дар худ ҳаракатҳоеро, ки ба қабул ва санҷидани ариза ва ё маълумот дар бораи ҷиноятӣ содиршуда ва ё содиршаванда, ба қабули қарори дахлдор ва санҷидани қонунӣ ва асоснокии он равона шудаанд дар бар мегирад. Ин гуна муносибат ва ҳаракатҳоро мурофиавӣ-ҷиноятӣ гуфтан мумкин аст, зеро онҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар ва танзим гардидаанд[3].

Исботномоӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда шуда, миқдори зиёди меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо қоидаҳои ҷамъ кардан, санҷидан ва баҳо додан ба далелҳоро муқаррар кардаанд. Ҳамаи ин меъёрҳои мурофиавӣ дар пайвастагӣ бо ҳам татбиқ мегарданд, ба ҳам мутобиқ мебошанд ва низоми ягонаро ташкил медиҳанд. Ба исботнамоӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчун ҷараёни даркнамоӣ мақсад, объект, тарзҳо ва шаклҳои махсус хос аст. Мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ фаъолияти исботнамоиро амалӣ намуда, мақсади нисбатан маҳдуд ва муайянро доранд - ин муқаррар намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, айби шахс дар содир кардани ҷиноят ва як қатор маълумотҳои воқеие, ки муайян шудани он, барои одилона, тибқи қонун ва асоснок ҳал намудани парвандаи ҷиноятӣ заруранд[4].

Исботкунӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ махсусияти муайяни худро дорад, ки бо мақсади санҷидани ариза ва ё маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ва ё содиршванда гузаронидани амалиётҳои тафтишӣ чун қоида роҳ дода намешаванд ва барои ин гуна санҷиш амалиётҳои дигари мурофиавӣ истифода мешаванд ифода меёбад. Мувофиқи талаботи м. 141 КМҶ ҶТ вобаста ба ариза ва маълумот оид ба ҷиноят мумкин аст, ки маводҳо зарурӣ талаб карда шавад. Ин гуна воситаи ба даст овардани маълумот аз рӯи мазмун ба талаб намудани ашёҳо ва ҳӯҷҷатҳои дар м. 86 Кодекси мазкур пешбинишуда алоқаманд аст.

Ларин А.М. бошад масъалаи тафриқаандозии байни ҳуқуқи талаб намудани маводҳо ва ҳӯҷҷатҳоро то қабул намудани қарор оиди оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи талаб намудани ашё ва ҳуҷҷатҳоро баъди оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ таҳлил намудааст Муаллиф қайд мекунад, ки иштирокчиёни мурофиа, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани далелҳоро доранд (гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ) баъди оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба он ҳамроҳ мегарданд ва бинобар ин пешниҳод гардидани далелҳо аз ҷониби онҳо дар давраи то оғози парвандаи ҷиноятӣ истисно карда мешавад[5].

---

[1] Балашов, А. Действительно ли возбуждение уголовного дела - первоначальная стадия уголовного процесса? / А. Балашов // Соц. Законность. – 1989. - № 8. - С. 53

[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022 № 1926, № 1927, аз 03.01.2024 № 2017.

[3] Лупинский, Ф.Н. Общие проблемы процессуального доказывания: учебное пособие.- Казань, 1976. - С. 14.

[4] Раҳматулоев, А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиа ҷиноятӣ: монография / А.Э. Раҳматулоев. - Хуҷанд: Ношир, 2024. - С. 300.

[5] Ларин, А.М. Истребование и представление предметов и документов в стадии расследования / А.М. Ларин // Актуальные проблемы совершенствования производства следственных действий. - Ташкент 1982. - С. 63.

Вале барои муқаррар намудани тартиби ягонаи талаб намудан ва пешниҳод намудани далелҳои то ва баъд аз оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ ягон монеае вуҷуд надорад. Дар қ. 2 м. 86 КМҶ ҶТ пешниҳод намудани далелҳо аз ҷониби шаҳрвандон, ташкилотҳо, муассисаҳоро ба ягон давраи мушаххаси мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманди надорад, яъне ин маънои онро дорад, ки он метавонад дар дилхоҳ давраи пешбурди мурофиа, аз ҷумла давраи то оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ ба амал бароварда шавад.

Чи хеле ки қайд намудем, яке аз махсусиятҳои асосии раванди исботкунӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ин ба охир расидани пешбурди амалиётҳои тафтишӣ мебошад. вале аз ин муқаррарот низ истисно вуҷуд дорад: дар ҳолатҳои таъхирнопазир то оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст, ки азназаргузаронии ҷои ҳодиса гузаронида шавад (м. 182КМҶ).

Дар м. 182 КМҶ омадааст, ки объектҳои гуногун мавриди азназаргузаронӣ қарор дода мешаванд: ҷои ҳодиса, бино, иншоот ашё ва ҳуҷҷатҳо. Вале то оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ танҳо гузаронидани азнанзаргузаронии ҷои ҳодиса иҷозат дода мешавад. Тибқи талаботи моддаи 183 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон азназаргузаронии ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо, ки дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои тафтишӣ ба даст оварда шудаанд, аз ҷумла азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ки пеш аз оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, мумкин дар ҷой ва лаҳзаи ёфта гирифтани онҳо гузаронида шавад. Дар ин ҳолат натиҷаи азназаргузарониро дар протоколи амалиёти тафтишии дахлдор сабт мекунанд. Инҷо бояд ба ҳалли қиёсии масъалаи азназаргузаронии ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо, ки тавассути талаб кардан ба даст оварда шудаанд ва дар вақти гирифта шудани онҳо аз ҷониби шахсе, ки пешбурди саҷишро ба ӯҳда дорад пардохт. Натиҷаи онҳо бояд дар протоколи пешниҳоди ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо сабт карда шавад ва ё тавассути намуди дигари протокол расмӣ кунонида шавад.

Аз ҷониби як қатор олимон дар адабиётҳои илмӣ андешаҳое пешниҳод карда мешавад, ки дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи муассисаи экспертӣ[1] ва ё эксперт[2] оид ба кушодани ҷасад ва ё маълумтномаи духтур дар бораи зарари вазнини ба саломатӣ расонидашуда парвандаи ҷиноятиро шахси пешбарандаи санҷиш оғоз намояд ва барои муайян намудани сабаби марг ва зарари вазнини ба саломатӣ расонидашуда экспертизаитиббӣ-судӣ таъин намояд.

Ба андешаи Гордон Э.С., шаҳодаткунонии тиббӣ-судӣ барои муайян намудани изи ҷиноят дар бадани инсон бояд фақат ба вазифаи муқаррар намудани танҳо факти расонида шудани зарар ва тавсифи зарари расонидашуда (андоза, шакл, умқ, вазъияти умқ, кунҷҳо, заррачаҳои дар он мавҷудбуда) бояд маҳдуд карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳодаткунонии тиббӣ-судӣ набояд вазифаи баҳодиҳии экспертизаро иҷро намояд. Ин гуна амал метавонад то оғоз гардидани парвандаи ҷинятӣ гузаронида шавад, (м. 141 КМҶ ҶТ) ки ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд имконияти пешакӣ қарор кардан оиди зарари вазнини ба саломатии ҷабрдида расонидашуда мусоидат мекунад. Бо сабаби оне, ки ҳангоми баамалбарории он масъалаи расонидани зарари вазнини ба саломатӣ расонидашуда возеҳ мешавад, зарур аст, ки баъди он дарҳол экспертиза таъин карда шавад.

Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар қонун зарур аст тартиби гузаронидани экспертизаи тиббӣ-судиро то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи м. 209 КМҶ агар бе гузаронидани он дар бораи мавҷуд будан ё набудани асос барои қабули қарор нисбати ариза ва хабар оиди ҷиноят номумкин мебошад, бояд муқаррар карда шавад.

Дар лаҳзаи қабул намудани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хулосаҳо оиди мавҷудияти нишонаҳои ҷиноят дар кирдоре, ки нисбати он ариза ва ё маълумот ворид гардидааст, на ҳама вақт эътимоднок ҳисобида мешавад, зеро дар давраи аввалини мурофиаи ҷиноятӣ фаъолияти исботкунӣ акнун оғоз гардидааст ва аксари ҳолатҳои кирдори содиршуда номаълуманд. Шароитҳоеро, ки дар сурати мавҷудияти онҳо оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ имкон дорад қонун муқаррар намуда, доираи маълумотҳои

[1] Гордон, Э.С Правовые и организационные проблемы судебно-медицинской экспертизы в советском уголовном процессе: дис. …док. юрид. наук: 12.00.09 / Э.С. Гордон. - М.,1991. - С. 329-331.

[2] Петрухин, И.Л. Экспертиза как средство доказывания в советском уголовном процессе: монография / И.Л. Петрухин. - М. 1964. - С. 36-37.

эътимоднокро низ нишон медиҳад, ки онҳо аз нишонаҳои ҷиноят иборатанд. Ҳамин тавр сухан асосан оиди пешгӯиҳои асоснок меравад ва на дар бораи хулосаҳои эътимоднок.

Талаб намудани муқаррарнамоии эътимодноки нишонаҳои ҷиноят дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар назди ин давраи пешбурди ҷиноятӣ як вазифаи мураккаб ва зиёдатиро метавонад ба вуҷуд орад. Чунки мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор барои қабул намудани ин ё он қарор ваколатдоранд, нисбати воситаҳои санҷиши ариза ва маълумот ба дастомада имконияти маҳдуди дастрасӣ доранд. Дар ин давраи мурофиаи ҷиноятӣ маҷмӯи маълумотҳое, ки барои ҳалли масъалаи эътимоднок будан ё набудани маълумотҳои мавҷуда мусоидат намоянд вуҷуд надоранд. Ба ҳамин хотир ба андешаи он муаллифоне розӣ шудан дуруст аст, тибқи андешаи онҳо барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ доштани маълумотҳое, ки имконияти пешгӯӣ карданро оиди ҷой доштани ҷиноятро таъмин мекунанд басанда аст[1].

Рисолати асосии давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ин муқаррар намудани мавҷудият ва ё мавҷуд набудани шароитҳои зарурии барои оғоз намудани пешбурди парванда мусоидаткунанда мебошад. Ин давра асосан аз як тараф ба фавран таваҷҷӯҳ намудан ба кирдорҳои содиршуда, ки дорои нишонаҳои ҷиноят мебошанд ва аз тарафи дигар роҳ надодан ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаро истисно мекунанд равона гардидааст. Вазифаҳои зикргардида ба махсусияти предмети исботкунӣ дар давраи баррасишавандаи мурофиаи ҷиноятӣ асос меёбанд.

Қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ меъёри махсуси муайянкунандаи доираи ҳолатҳое, ки бо мақсади ҳалли дурусти ариза ва ё маълумот дар бораи ҷиноят бояд муқаррар карда шаванд муайян накардааст. Танҳо ишора ба он шароитҳое, ки барои қабули ин ё он қарор заруранд ишора мекунанду халос. Ҳамин тавр тибқи талаботи м. 140 КМҶ барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ зарур аст сабаб ва асоси ҳуқуқӣ мавҷуд бошанд. Қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати мавҷуд набудани асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ҳамчунин мавҷуд будани ҳолатеҳое, ки пешбурди парвандаро истисно мекунанд қабул карда мешавад (м. 149 КМҶ ҶТ). Тибқи муқаррароти қ. 2 м. 72 КМҶ ҶТ, яке аз сарчашмаҳои мустақили далелҳо далелҳои шайъӣ эътироф шудаанд.

Дар адабиётҳои илмӣ бамаврид таъкид карда мешавад, ки барои он ки ашё аҳамияти далели шайъиро пайдо кунад, он бояд аз нигоҳи мурофиавӣ ба расмият дароварда шавад:

1) лаҳзаи пайдо шудани ашё дар парванда бо роҳи тартиб додани протоколи амали тафтишӣ, ки дар натиҷаи гузаронидани он дарёфт шудааст, мустаҳкам карда шавад;

2) аз назар гузаронида шавад, ба таври муфассал дар протокол сабт карда шавад, аз рӯйи имкон бо мақсади муайян кардани хосиятҳои ашё, ки барои парванда аҳамият дорад, аксбардорӣ карда шавад;

3) масъалаи эътироф намудани далели шайъӣ ва ба парванда ҳамроҳ кардани он бо роҳи баровардани карори дахлдори мурофиавӣ ба расмият дароварда шавад[2].

Дар таҷриба ба ҳолатеҳое дучор омадан мумкин аст, ки шахс дар ҳолати гузаронидани пурсиш бо ин ё он сабаб нишондоде медиҳад, ки аз маълумоти пештар дар баёнот зикрнамудаи ӯ фарқкунанда мебошад. Вобаста ба ҳамин олимон чунин меҳисобанд, ки баёнот, ки ҳамчун далел баромад намекунад, вале таъсири худро ба ҷараёни маърифатӣ, ки шахси анҷомдиҳандаи исботкуниро барои андешидани чорабиниҳои зарурӣ барои аниқ намудани маълумотҳои мавҷуда роҳнамун мекунад мерасонад.

Ҳамин тариқ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ барои муқаррар намудани ҳолатҳои барои қабули қарори қонунӣ ва асоснок заруранӣ на ҳамаи сарчашмаҳои воқеии маълумот ва воситаҳои ба даст овардани онҳо балки баъзеи онҳо ҷалб карда мешаванд. Маълумотҳои то оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби воситаҳои хос барои ин давра ба даст овардашуда, аҳамияти далелии худро дар даврабиҳои минбаъдаи пешбурди парванда низ нигоҳ медорад.

[1] Мартынович, И.И. Некоторые вопросы возбуждения уголовного дела / И.И. Мартынович // Учеб. Зап. Белорус, ун-та. - 1995. - Вып.34. - С. 81.

[2] Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан: учебник / под ред. Н.С. Мановой, Ю.В. Францифирова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «Таджпринт», 2017. - С.136-137.

Ба хулоса омадан мумкин аст, ки исбот ин яке аз намудҳои ҷараёни дарк намудан, ки барои ҳалли масъалаҳои мурофиаи судии ҷинояти равона карда шудааст, мебошад. Ҳамчунин зикр кардан ба маврид аст, ки рафти исбот – ин ҷараёни муайянкунии ҳақиқат бо парвандаи ҷинояти, ки барои ҳалли масъалаҳои истеҳсолоти суди равона шудаанд, мебошад. Таҷрибаи судии ҷаҳонӣ шаҳодати он аст, ки камбуди ва нуқсонҳо дар исботкунӣ, яке аз асосҳои аз ҷониби судҳои болои бекор кардани ҳукмҳои суд ва ба баррасии нави суди фиристодан, ё қатъ намудани парвандаи ҷинояти мегардад.

Ҷой доштани ашё ва предметҳое, ки метавонанд дар оянда ба сифати далелҳои шайъӣ истифода шаванд, барои тафтиши парванда ва исбот кардани ҳолатҳо мусоидат мекунанд. Ин гуна ашё ва предметҳо аксар вақт бо гузаронидани кофтукови шахсӣ ва амали тафтишии ёфта гирифтан ба даст оварда мешаванд ва хулосаи (маълумотнома)-и экспертиза дар ин ё он соҳа мебошанд. Аммо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронидани чунин амалҳои тафтиширо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҷоиз медонад.

Ғайр аз амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса (м.182 КМҶ ҶТ), дигар амалҳои тафтишӣ танҳо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаҳои дахлдори КМҶ ҶТ тағйироту иловаҳо ворид намуда, бояд дар мавридҳои истисноӣ имконпазирии гузаронидани амалҳои тафтишӣ чун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтанро пеш аз оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ (чун протоколҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва кофтукови шахсӣ) таъмин намуд. Дар қонунгузориҳои мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия (б. 4 м. 146 КМҶ ФР), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (б. 2 м. 180 КМҶ ҶТ), Ҷумҳурии Беларус (б. 2 м. 226 КМҶ ҶБ) пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани экспертиза иҷозат дода шудааст»[1].

Баъди таҳлили масъалаи мазкур пешниҳоди ҳудро оид ба такмил намудани қонунгузории ҷумҳуриявӣ дар ин самт манзур менамоем:

1. Баҳо додани далелҳо аз тарафи муфаттиш, ки дар фикри айбдоркунӣ нишон дода мешаванд ин баҳогузории пешакӣ аст ва баҳогузории минбаъда ва охирини он дар ҳукми суд ифода мегардад. Вале ин нодуруст аст. Чунки оиди баҳогузории пешакӣ ва охирини далелҳо танҳо дар муносибат бо исботкунӣ дар зинаҳои гуногуни ҳамон як давраи мурофиаи ҷиноятӣ метавон сухан намуд.
2. Яке аз ҳолатҳое, ки дар давраи аввали мурофиаи ҷиноятӣ бояд муқаррар карда шаванд ин мавҷуд будан ё мавҷуд набудани сабаби оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Аз сабаби оне, ки бе мавҷудияти сабаб фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ наметавонад оғоз карда шавад, санҷиши мавҷуд будан ё набудани ин гуна сабаб набояд тибқи усулҳои мурофиавӣ махсусан исботкунӣ ба амал бароварда шавад.
3. Дар КМҶ моддаҳои алоҳида оид ба тартиб ва воситаҳои санҷидани ариза ва маълумот дар бораи ҷиноят ҳамчунин тартиби гирифтани баёнот ташкил карда шаванд.
4. Судҳо бояд таваҷҷӯҳи хешро нисбати баёнотҳое, ки то оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гирифта шудаанд, махсусан дар ҳолате, мазмуни он бо нишондоди дар давраи тафтишоти пешакӣ ва судӣ мувофиқат намекунад зоҳир намояд.
5. Дар моддаи 140 КМҶ матни зерин илова карда шавад: “Парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате оғоз карда мешавад, ки агар кирдоре, ки вобаста ба он ариза ва ё маълумот ворид гардидааст аломатҳои таркиби ҷиноятро дошта бошанд”.
6. Инчунин сархати 2-и моддаи 85- КМҶ ҶТ-ро дар таҳрири зайл таҳия намудан зарур аст:

-“ҳолатҳое, ки шахсияти гумонбар, айбдоршаванда ва судшавандаро муйян мекунанд”.

Дар сархати 6 моддаи 85-и КМҶ ҶТ ба сифати ҳолати исботшаванда “инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро арзёбӣ мекунанд” қайд шудааст, ки такрори сархати 2-и моддаи зикршуда мебошад. Аз ин лиҳоз ин қисми сархати 6- бояд хориҷ карда шавад.

7. Ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳолати бегуноҳии айбдоршаванда ва судшаванда низ бояд мавриди исботкунӣ қарор гирад. Аз ин рӯ, бо назардошти меъёрҳои қайдгардида хуб мешуд, ки дар моддаи 85-и КМҶ ҶТ

[1] Раҳмадҷонзода, Р.Р., Маҳмадализода, А.М., Арипов А.Л., Каримов, Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 85-87.

сархати 9 дар таҳрири зайл илова карда шавад “Ҳолатҳое, ки бегуноҳии гумонбар, айбдоршаванда ва судшавандаро муайян мекунанд”.

ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН
МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ПО ПРОТИВОДЕЙСТВИЮ ТОРГОВЛЕ ЛЮДЬМИ

ҲАЙДАРЗОДА КАРИМҶОНИ ПИРМАҲМАД
докторанти PhD-ии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
e-mail: haydarzoda.zafar@yandex.com

ҲАЙДАРЗОДА ЗАФАР ПИРМАҲМАД
шунавандаи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия
e-mail: haydarzoda.zafar@yandex.com

Савдои одамон, чун шакли муосири ғуломӣ зуҳуроти номатлуби бисёрҷанба ва хеле мураккаб буда, ба муносибатҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла озодии шахс, ки арзиши олӣ башумор меравад зарар расонида, дар он қурбониён ҳамчун объекти моликият баромад менамоянд, ки дар натиҷа зарари бениҳоят зиёди моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ мебинанд.

Мушкилоти ин зуҳуроти номатлуб дар он аст, ки «савдои одамон» яке аз намудҳои ҷиноятккории муташаккили трансмиллии ру ба инкишоф буда, доимо дар шаклҳои гуногун тағйири сифат менамояд ва ин боиси табдил ёфтани ин навъи ҷиноятқорӣ ба яке аз намудҳои сердаромадтарин фаъолияти ҷиноятккории муташаккили трансмиллӣ гардидааст. Зеро, талабот вобаста ба молу хизматрасониҳои шаҳвонӣ ҳамеша ҷой доранд; ин навъи тиҷорати ғайриқонунӣ масрафи кам дораду фоидаи зиёд[1]; қурбониёни ҷиноят, ки ба сифати объекти сармоя баромад менамоянд ба нуқтаи истисмор, бо таври қонунӣ ва бе ягон мушкилот интиқол мегарданд; ин тиҷорати ҷиноятомез аксаран хусусияти трансмиллӣ дорад, ки барои муайян ва кушодани онҳо мушкилиҳои зиёдеро бабор меорад; бо рушди истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ ҳамчун воситаи асосии ҷалб кардани қурбониёни эҳтимолии савдои одамон шабакаҳои иҷтимоӣ баромад менамоянд; дар баробари доштани фоидаи зиёд, дорои хавфи камтарин барои сармоягузорони он мебошад[2]; дар ин навъи тиҷорати ғайриқонунӣ қурбониёни ҷинояти мазкурро дуру дароз истисмор менамоянд, ки дар натиҷаи он ҷиноятқорон даромади калон нисбат ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, ки хусусияти истифодаи якқаратаро доранд, бадаст меоранд[3].

Барои тасдиқи гуфтаҳои боло бояд қайд намоем, ки то тирамоҳи соли 2021 аз рӯи ҳаҷми даромади ҷиноӣ – савдои одамон пас аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, дар ҷои сеюм қарор дошт[4], ки барои болоравии он то дар сатҳи якум қарор гирифтанаш, омилҳои болозикр низ таъсирасон буданд.

Дар умум эътироф шудааст, ки бо ин падидаи хусусияти умумиҷаҳонидошта ҳеҷ як давлат наметавонад дар танҳои муқовимат намояд. На давлатҳои рушд карда ва на давлатҳои дар ҳоли рушд аз он эмин буда наметавонанд. Бинобар ин, муқовимат бо он ташкил намудани ҳамкориҳои зичи байналмилалиро дар сатҳи гуногун талаб менамояд.

---

[1] Бидзян, Д.Р. Уголовно-правовые меры борьбы с преступлениями, совершаемыми в сфере сексиндустрии: дис. канд. юрид. наук: 12.00.08 / Д.Р. Бидзян. – Курск, 2021. – С. 17.

[2] Хайдарзода, З.П. Правовые и организационные основы деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан по противодействию торговле людьми: монография / Под научной ред. И.Ю. Захватова. – Душанбе: «Мехроч-Граф», 2020. – С. 10-11.

[3] Даромад аз «моли зинда» 10-20 баробар нисбат ба масрафи он зиёд мебошад.Ниг.: Матвиенко, А.В. Региональные социально-экономические аспекты торговли людьми в современном мире: дис. ... канд. геогр. Наук: 25.00.24 / А.В. Матвиенко. – Краснодар, 2011. – С. 3.

[4] Грачева, В.Г. Кому в России нужна борьба с торговлей людьми. Странно хранить молчание, когда мировое сообщество трубит о проблеме современного рабства // Газета КАРТ-БЛАНШ. 08.08.2022.

Вобаста ба ин, дар дебочаи Қонуни намунавии Созмони Миллали Мутаҳид (минбаъд – СММ) оид ба мубориза бо савдои одамон дарҷ гардидааст, ки савдои одамон ҳамчун ҷиноят характери миллидошта ва ҳамзамон фаромиллӣ мебошад, ки ҷиноятқорон тавассути сарҳад амал мекунанд ва барои пешгирии самараноки он давлатҳо бояд аз доираи маҳдудиятҳои юрисдиксионӣ берун бароянд ва дар асоси ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба амал намоянд[1]. Яке аз мақсадҳои Протокол дар бораи огоҳонӣ ва пешгирии савдои одамон, хусусан занон ва кӯдакон ва ҷазо барои он, ки илова ба Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ мебошад (Резолютсияи 55/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз 15-уми ноябри соли 2000) ин ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои байни давлатӣ барои ноил гаштан ба ҳадафҳои огоҳонии савдои одамон ва мубориза бо он, ҳимояи қурбониён ва кумак ба онҳо мебошад.

Асоси ҳамкории байналмилалии давлатҳо дар ҳар як самт – санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Ба андешаи муҳақиқ А. А. Жинкин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба муқовимат ба савдои одамон, ғуломдорӣ ва истифодаи меҳнати ғуломона нигаронида шудаанд, мумкинаст ба се гурӯҳ тақсим карда шаванд. Ғайр аз ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқи кӯдак, дар соҳаи табеъизи нажодӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ба гурӯҳи якум санадҳои хусусияти универсалидошта тааллуқ доранд, ки заминаи ҳуқуқии мубориза бо ғуломдорӣ, истифодаи меҳнати ғуломона ва савдои одамонро ташкил медиҳанд; ба гурӯҳи дуюм – санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки бевосита ба огоҳонӣ ва пешгирии ин намуди ҷиноятқорӣ равона карда шудаанд; ба гурӯҳи сеюм бошад санадҳои байналмилалие, ки хусусияти минтақавидошта, санадҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, шартномаҳо ва созишномаҳои давлатӣ мебошанд[2].

Раванди ташаккули институти муқовимат ба савдои одамон дар ҳуқуқи байналмилалӣ таҳия ва қабули шумораи зиёди санадҳои байналмилалиро талаб намуд. Аммо на ҳамаи онҳо барои ташкили муборизаи самарабахш бар зидди он заминаҳои воқеиро фароҳам меоранд.

Ҳангоми амалигардонии уҳдадориҳои байналмилалӣ онҳо тадричан ба низоми муайяни меъёрҳои шартномавӣ ва анъанавӣ, яъне ба қоидаҳои рафтори мувофиқашуда табдил меёбанд, ки одатан ҳамчун стандартҳои байналмилалӣ ҳисобида мешаванд[3]. Муҳақиқон И.И. Лукашук ва А.В. Наумов стандартҳои байналмилалиро ҳамчун «сатҳи зарурии талаботҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда» муайян мекунанд, ки барои татбиқи ҳуқуқи инсон[4], аз ҷумла дар самти муқовимат ба савдои одамон равона шудаанд.

Ба хусусиятҳои ҷараёни инкишофи рушди қонунгузории байналмилалӣ дар самти муқовимат бо савдои одамон мумкинаст дохил намуд:

а) қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти универсалӣ, ки дар оянда аз ҷониби аксарият давлатҳо, ки дар СММ намояндагӣ мекунанд, эътироф карда мешаванд. Санадҳои номбаршуда меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро дарбар мегиранд;

б) таърифи аввалини қонунгузорӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба монанди мафҳумҳои ғуломӣ, савдои одамон ва ҳолати ғуломӣ;

в) уҳдадориҳо оид ба ворид намудани ҷазо барои савдои одамон ва дар қонунгузории миллии ҷиноятии давлатҳое, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро эътироф кардаанд;

г) кӯшиши мутобиқнамоии дастгоҳи мафҳуми, ки бо ёрии он муҳити ҳуқуқии фаъолиятнамоӣ таъсис дода мешавад, ки ба муқовимат ба савдои одамон ва қонунгузории миллӣ равона карда шудааст[5].

Дар умум мавҷудияти созишномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаи муқовимат ба савдои одамон имконият медиҳад, чунин хулосабарори намоем, ки воқеан як мушкилоти

---

[1] Типовой закон о борьбе с торговлей людьми: Управление ООН по наркотикам и преступности. Вена, 2010.// [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.unodc.org/documents/human-trafficking/TIP_Model_law_Ru_0986359pdf. (дата обращения: 03.01.2025).

[2] Жинкин, А.А. Торговля людьми и использование рабского труда: проблемы квалификации и соотношение со смежными составами преступлений: дис. канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Жинкин. – Краснодар, 2006. – С. 24-25.

[3] Барнашов, А.М. Общепризнанные принципы и нормы международного права и их взаимодействие с нормами российского законодательства / А.М. Барнашов // Общепризнанные принципы и нормы международного права, международные договоры в практике конституционного правосудия: материалы Всероссийского совещания (Москва, 24.12.2002 г.) / Под ред. М.А. Митюкова, С.В. Кабышева, В.К. Боровой, А.В. Сычевой. – М.: Международные отношения, 2004. – С. 65.

[4] Лукашук, И.И., Наумов, А.В. Международное уголовное право: учебник. – М.: Спарк, 1999. – С. 262.

[5] Жинкин, А.А. Указ. раб. – С. 24.

ҷиддии байналмилалӣ вуҷуд дорад ва он ҳалли ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшударо талаб менамояд. Дар як қатор ҳолатҳо қабули чунин шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ ба он водор менамояд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ қабул карда шаванд, ки барои муқовимат ба кирдорҳои ҷиноятии баррасишаванда нигаронида шудаанд.

Аммо бояд қайд кард, ки аз ҳад зиёд будани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти зикршуда истифодаи онҳоро мушкил мегардонад. Ба фикри мо, ба як шакл даровардани механизм ва асосҳои ҳамкории давлатҳо – иштирокчиёни созишномаҳои зикршуда мақсаднок мебошад, бинобар он ки ба ин давлатҳо уҳдадориҳои муайян вогузор карда мешаванд, аз ҷумла оид ба муътадилсозии қонунгузории мувофиқ бо мақсади ташкили механизми таъқиби судии самараноки савдогари одамон ва ҳифзи қурбониёни он.

Н.А. Корсикова одилона қайд менамояд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ заминаи бунёдии мубориза бар зидди савдои одамон мебошанд. Ба он нигоҳ накарда, ки дар маҷмуъ онҳо кофиянд ва бо назардошти воқеъият ба такмилдиҳӣ ниёз доранд[1].

Ба андешаи С.В. Громов самти асосии кор оид ба бартараф кардани ғуломии муосир инҳо шуда метавонанд:

1) такмили меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ;
2) омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи ин падида;
3) баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ;
4) паҳн намудани таҷрибаи пешқадами муқовимат ба савдои одамон;
5) мубодилаи маълумот ва ҳамкории боз ҳам зичтар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои гуногун;
6) механизмҳои самараноки ҳифзи қурбониёни савдои одамон[2].

Дар навбати худ, Г.К. Смирнов чунин тарзи ташкили ҳамкориро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ ба монанди ирсол намудани дархост оид ба расонидани кумаки ҳуқуқӣ ҷудо менамояд[3]. Дар чунин шакли ҳамкорӣ ҳуҷҷати мурофиавии мувофиқ дар доираи парвандаи ҷиноятӣ тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ин, ки шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, ирсол карда мешавад. Мушкилоти муайян кардану бурдани тафтиши ҳолатҳои савдои одамон, ки бо элементҳои трансмиллӣ мураккаб гардидаанд, сарфи назар аз мавҷудияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои ҳамкорӣ, бо сабаби набудани механизмҳои татбиқи онҳо вобаста мебошад. Алгоритми ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи хориҷӣ заминаи аниқи қонунгузорӣ надорад. Дар натиҷа, сатҳи нокифояи ҳамкориҳои байниидоравӣ ва ҳам байналмилалӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон бавуҷуд меояд, ки ин боиси паст шудани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегардад.

Дар ин ҷо нақши муҳимро ташкили гурӯҳҳои оперативӣ-тафтишотии байнидавлатӣ ва байналмилалӣ мебозанд. Ин гурӯҳҳо ба тафтиши ҷиноятҳое, ки аз ҷониби иттиҳодияҳои трансмиллии муташаккил содиршудаанд ва пешгирию бастани роҳҳои байналмиллалии савдои одамон равона карда мешаванд[4].

Чуноне, ки Е.В. Кушпел адолатмандона таъкид менамояд, тафтиши бомуваффақияти парвандаҳои ҷиноятии категорияи мазкур бе робитаи зичи мақомоти тафтишотии ду ё зиёда давлатҳо ғайриимкон мебошад. Бе ин, аз ҷумла, ҷустуҷӯйи шаҳрванди хориҷӣ – «харидорони» қурбониёни савдои одамон, ки пас аз баромадан аз «кишвари бадастории қурбониён» (кишварҳои таъминотӣ) ғайриимкон мегардад. Ҷустуҷӯйи ҷинояткор, кашидани ӯ ба ҷавобгарӣ, озод кардани қурбонӣ ва бозгашти ӯ ба ватан, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, ки бо пурсиши гумонбаршуда алоқаманд мебошад ва ӯ дар кишвари шаҳрвандии худ қарор дорад – ҳамаи ин саъю кушишҳои мувофиқшударо, ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ду ё зиёда

[1] Корсикова Н. А. Криминологические особенности деятельности органов внутренних дел России по противодействию торговле людьми: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2009. – С. 170.
[2] Громов, С.В. Торговля людьми и использование рабского труда в контексте международного права / С.В. Громов // Вестник Московского государственного лингвистического университета. Общественные науки. – 2007. – № 527. – С. 47-48.
[3] Смирнов, Г.К. Методика расследования торговли людьми: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Г.К. Смирнов. – М., 2008. – С. 26.
[4] Кустов, А.М., Смирнов, Г.К. Методика расследования торговли людьми: научно-методическое пособие. – М.: Академия Генеральной Прокуратуры Российской Федерации, 2011. – С. 86.

давлатҳоро талаб менамояд, ки ин бе якдигарфаҳмию якдигаркумаккунӣ дар самти мубориза бо ҷиноятқорӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ғайриимкон мебошад[1].

Аз ин ҷо, зарурати ҷустуҷӯйи роҳҳои ташаккули механизми самараноки ҳамкории ҳамаи мақомотҳои давлатӣ – дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ, бо мақсади коркарди усулҳои нави муқовимат бо савдои одамон ба миён меояд.

Дар ҳамин ҳол, таҳлили амалисозии санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат бо савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд (созишномаҳо, шартномаҳо, барномаҳо) ва дигар мисолҳо аз амалияи ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳанд, ки шаклҳои самараноки ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ инҳо мебошанд:

– мубодилаи иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ, криминалистӣ, оморӣ-маълумотдиҳӣ ва дигар иттилооте, ки аҳамияти тарафайнро дорад, аз ҷумла:

а) дар бораи ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди як ё якчанд давлатҳо – аъзоён омода ё содир шуданд;

б) дар бораи далелҳо ва ҳодисаҳои мушаххас, дар бораи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд дахл доранд ё гумонбар дониста мешаванд;

в) дар бораи шакл ва усулҳои амалигардонии савдои одамон, аз ҷумла қонунигардонии даромадҳое, ки дар натиҷаи содир кардани ин амалҳо ба даст омадаанд.

– иҷрои дархостҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ; банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои ҳамоҳангшуда бо мақсади огоҳонидан, муайян кардан, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳои алоқаманд ба савдои одамон;

– ҷустуҷӯйи шахсоне, ки дар содир намудани савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд гумонбар ҳисобида мешаванд, инчунин шахсони беному нишон гумшуда, ки нисбати онҳо асосҳои тахминӣ, ки онҳо қурбониёни савдои одамон шуданд, ҷой доранд;

– таҳия ва татбиқи чорабиниҳои мувофиқашуда оид ба огоҳонидан ва пешгирӣ намудани истифодаи шабакаи Интернет бо мақсадҳои ҷиноятӣ;

– расонидани кумак дар омода кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташкили таҷрибаомӯзии кормандон дар воҳидҳои махсусгардонидашуда оид ба муқовимат бо савдои одамон;

– мубодилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нашрияҳои илмӣ ва тавсияҳои таълимӣ-методӣ;

– мубодилаи таҷрибаи корӣ;

– гузаронидани вохӯриҳои корӣ, маҷлисҳо, машваратҳо, семинарҳо ва конфренсияҳо, инчунин тадқиқотҳои муштараки илмӣ оид ба масъалаҳои мубориза ба савдои одамон ва муқовимат ба он.

Ҳамин тариқ, мақсаднок мебуд агар ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи муқовимат ба савдои одамон дар самтҳои зерин ташкил карда шаванд:

а) саривақт огоҳонидани ҷонибҳои манфиатдор дар бораи мавҷудияти иттилоотӣ аз ҷиҳати оперативӣ муҳим дар ин самт;

б) фавран озод намудани қурбониёни савдои одамон, ки зери таъсири ҷиноятқорон қарор доранд ва қабули чораҳо оид ба баргардонидан ва расонидани кумак ба онҳо;

в) муайян намудани ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноятӣ ва минбаъд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо.

Ҳалли ин вазифаҳо барои баланд бардоштани самаранокии худи ҳамкорӣ ва ҳам дар маҷмуъ мубориза бо ҷиноятқорӣ мусоидат хоҳад кард.

[1] Кушпель, Е.В. Проблемы выявления и расследования торговли несовершеннолетними / Е.В. Кушпель // Вестник криминалистики. – 2006. – Вып. 1 (17). – С. 72.

РАВОБИТИ ИЛМИЮ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

НАУЧНО-КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН

ХАЛИМЗОДА ДАЛЕР ОБИД
омӯзгор-методисти қисми таълими шуъбаи адъюнктураи Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон капитани милитсия, унвонҷӯи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
e-mail: daler.9521@mail.ru

Тоҷикистону Эрон ду кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг дорои пайвандҳои таърихӣ ва анъанаҳои устувори дӯстию бародарӣ ва ҳамкории судманд мебошанд. Муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон устувор арзёби мегардад. Қобили зикр аст, ки пайванди қавии таърихӣ ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон аз муҳиммтарин омилҳои рушду густариши муносиботи ду кишвари ба ҳам дӯст дар замони истиқлоли Тоҷикистон гардиданд. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар давоми беш аз 33 сол сарфи назар аз марҳилаҳои душвор, ки аз масъалаҳои сиёсӣ ба миён меомаданд, тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳоданд.

Равобити илмию фарҳангии Тоҷикистон ва Эрон яке аз ҳавзаҳои ҳамкориҳои пӯёи ин ду кишвар маҳсуб меёбад. Табодули таҷрибаи пажӯҳишгарон, муаллимон, донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, ширкати аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ вижагиҳои ҳамкориҳо дар ин ҳавза мебошанд. Донишҷӯёни тоҷик, ки бар асоси тавофуқномаҳои имзошуда байни ду кишвар ба Эрон мераванд, дар донишгоҳҳои шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Қазвин, Исфаҳон ва Ҳамадон таҳсил мекунанд. Бисёре аз онҳо донишҷӯи риштаи забон ва адабиёти форсӣ мебошанд.

Робитаҳои илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон бошад, ҳануз аз раванди истиқлолхоҳии давлатҳои собиқ Шуравӣ ба роҳ монда шуда буд.

Тақвият ва рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг, технология ва сайёҳӣ низ дар чаҳорчӯби формати дуҷонибаи ҳамкориҳои ин ду давлат аз мавзуъҳои аслӣ ба шумор меравад.

Аз ҳамин лиҳоз зарурати ба роҳ мондани равобити илмию фарҳангӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон решаи таърихӣ дошта, мебояд баҳри рушди он чораҳои зарури андешида шавад. Метавонем аз таҷрибаи Эрон дар рушди илм ва маъориф истифода карда, барои баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон, инчунин равнақ додани иқтидори илмии кишвар дар ҳама гуна соҳаҳо муносибати ҳасана дошт.

Равобити илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон самти муҳимми ҳамкориҳои ин ду кишвари ҳамзабон ва дусту бародар мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст, ки паҳлуҳои муҳими ҳамкориҳо дуҷониба ва бисёрҷонибаи тарафҳоро дарбар мегирад. Масалан, мутахассиси варзидаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон Сайидзода З. дар таълифоти “Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ” ин мавзӯро амиқан пайгирӣ намудааст. Ӯ яунин ақида дорад, ки ҳамкорӣ дар ин ҳавза бештар дар «табодули таҷрибаи пажӯҳишгарон, муаллимон, донишҷӯён, роҳандозии барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, ширкати аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ»[1] амалӣ магардад.

Ёдовар шудан ба маврид, аст, ки муносибатҳои фарҳангии ду кишвар низ аз мади назари муҳаққиқон берун намонда аст ва дар аксар таҳқиқот мавриди таҳлили воқеъбинонаи онҳо қарор гирифтааст. Метавонем аз муҳаққиқи саршиноси тоҷик Қ. Расулиён таҳқиқоти худро таҳти унвони «Нигоҳе ба алоқаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии

[1] Сайидзода, З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: «Контраст», 2016. – С. 116.

Тоҷикистон»[1] маҳз дар ин мавзӯъ ба анҷом расонида, дар он маводи зиёд оид ба алоқаҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон гирдоварӣ намудааст. Илова бар ин, муаллиф масоили гуногуни марбут ба алоқаҳои фарҳангии ду кишварро дар соҳаи санъат, адабиёт ва илм хеле дақиқназарона таҳлил менамояд. Дар таҳқиқот инчунин нақши ниҳодҳои фарҳангӣ ва институтҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон дар рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI инъикос гардидаанд.

Қобил зикр аст, ки ба ҷуз аз умумияти забонӣ ва фарҳангӣ, инчунин умумияти динӣ низ нақши ҳалкунанда дар барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон ба ҳисоб меравад. Ҳамин уммиятҳо мебошад, ки муҳаққиқ И. Неъматов рисолаи номзадии худро маҳз дар ин мавзӯъ: «Исламский фактор во взаимоотношениях республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.)»[2] таълиф намудааст. Дар рисола муаллиф бо далелу асноди раднопазир исбот кардааст, ки умумияти динӣ ҷиҳати рушду устуворшавии минбаъдаи муносибатҳои судманди байни ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

Ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ду кишвар ба ғайр аз муносибатҳои дутарафа, инчунин дар чорчӯби созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (СҲИ), Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ – аз соли 2011 Созмони Ҳамкории Исломӣ – СҲИ), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва муносибатҳои сетарафаи давлатҳои форсизабон – Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ амалӣ мегардад[3].

Дар давраи барқарории муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, дар ҷараёни равобити мунтазам дар сатҳи олӣ, ташаббусҳои дипломатӣ ва иқдомҳои мушаххас, дар баробари натиҷаҳои муайян, дарки равшани аҳамият ва муносибатҳои мутақобилан судманд ба нафъи муносибатхои дутарафа ноил гардид. Ин хамкорӣ иқтидори азим дорад, ки бояд ба нафъи халкҳои ду мамлакат истифода шавад.

Собиқ Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобохон Маҳмадов, аз иштироки ҳайати Тоҷикистон дар ҷашнвораҳои фарҳангӣ дар Эрон ёдовар мешавад, « моҳи майи соли 1992 аз Тоҷикистон аввалин ҳайати пураи босалоҳияте ба Ҷумҳурии Исломии Эрон даъват шуда буд. Дар ҳайат аксаран ноширон, аҳли китоб, шоиру нависандагон дохил буданд. Даъват шуда будем ба Намоиши байнлмиллалии китоб ба Ҷумҳурии Исломии Эрон...»[4] ки ин аз оғози муносибатҳои фарҳангӣ миёни ин ду кишвар далолат мекунад.

Дар ташаккули муносибатҳои илмию фарҳангии тарафҳо, такя ба асолати таърихӣ мебояд кард, зеро ин ду кишвар асрҳо боз паҳлуи ҳамдигар зиндагӣ намуда, ба ҷаҳониён аз худ меъроси бойи илмию фарҳанги боқи мондаанд, ки мавриди ситоиши аҳли башар мебошад. Аммо дар масири таърих марзҳои моро аз ҳам ҷудо намуданд, вале натавонистанд, ки фарҳанги ягонаи Тоҷикистону Эронро аз ҳамдигар канда кунанд. Имрӯз равобити ин ҷумҳуриҳои бо ҳам бародар дар авҷи шукуфоии худ қарор дорад ва ин ягон таъсире ба фарҳангу ҳувияти миллии мо надорад. Бархе аз соҳибназарон ҳам бар онанд, ки "...густариши робитаҳо бо Эрон ба асорату ҳуввияти милливу фарҳангии мо таҳдид намекунад. Ин дар асри ҷаҳонишудан бисёр муҳим аст"[5].

Ҳамкории илмию фарҳангии ду кишвар яке аз саҳифаҳои дурахшони равобити Тоҷикистону Эрон маҳсуб мешавад. Зеро табодули таҷрибаи донишмандон, устодон, донишҷӯён, амалӣ сохтани барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, иштироки аҳли илму фарҳанг дар маросимҳои фарҳангӣ афзалиятҳои асосии ин муносибатҳо мебошанд.

Дар асоси санадҳои байнидавлатӣ ва қарордодҳое, ки миёни вазоратхонаҳои маорифи ҳар ду кишвар ба имзо расидаанд, ҳамкорӣ дар ин бахш назаррас аст.

---

[1] Расулиён, К. Нигоҳе ба алоқаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010.

[2] Неъматов, И. Исламский фактор во взаимоотношениях Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.): дис… канд. истор. наук: 07.00.15 / И. Неъматов. – Душанбе, 2016. – 152 с.

[3] Хафтех Қазази Махди Эбрагим. Становление и развитие взаимоотношений Республики Таджикистан и Исламской Республики Иран (конец XX – начало XXI вв.): автореф. дис… канд. истор. наук: 07.00.15 / Хафтех Қазази Махди Эбрагим. – Душанбе, 2016. – С. 18.

[4] Алиасғари Шеърдӯст. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. - Душанбе, «Адиб», 1997. – С. 272.

[5] Абдуллоҳи Раҳнамо. "Миллат" / Ҷумҳурият, 11-уми маи с. 2006. № 18.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон тайи солҳои охир дар муносиботи илмию фарҳангӣ хеш назари ҷидди андухта барои густариши ин равобит чораҳои заруриро пешбини намуданд.

Ҳамкориҳои илмию фарҳанги яке аз саҳифаҳои дурахшони муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба шумор меравад. Табодули тачрибаи донишмандон, устодон, донишчуён, амали сохтани барномаҳои фарҳангӣ ва мусиқӣ, иштироки аҳли илму фарҳанги тарафайн дар чорабиниҳои фарҳанги афзалиятҳои асосии муносибатҳои илмию фарҳангии байни давлатҳо мебошад. Оғози ҳамкорие, ки дар сатҳи вазоратҳои фарҳанги ҳар ду давлат дар ҷараёни сафари вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 2007 сурат гирифт, дар мавриди санадҳои имзошуда қадами устуворе буд[1].

Вазири фарҳанги Эрон С. Ҳусайнӣ равобити фарҳангии ду кишварро тавсиф намуда, изҳор дошта буд, ки «... ин табиист, зеро ҳарду халқи дӯстро ягонагии забон, дин, фарҳанг ва таърихи муштарак, ки метавонад ҳалқаи васлкунандаи байни ду халқ бошад, мепайвандад. Вай дар идома қайд кард, ки «агар чизе беҳтар аз ягонагии забон вуҷуд дошта бошад, ин эҳтимол якдилӣ аст. Муносибатҳои мо ҳамеша дӯстона ва самимона буданд ва хоҳанд монд»[2].

Муносибатҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон бисёр ҳам дар сатҳи баланд қарор дорад ва қариб ҳар сол рӯзҳои фарҳангии ҷонибҳо дар кишварҳои ҳамдигар доир мегардад, ки ин аз робитаи қавии фарҳангии ин ду кишвар гувоҳи медиҳад.

Тайи солҳои охир дар доири густариши ҳамкориҳои дуҷониба «соли 2012 академик Илолов М.барои саҳм дар рушд ва таҳкими робитаҳои илмии байналмилалӣ узви ифтихории уламоии Ҷумҳурии Исломии Эрон интихоб гардид»[3].

Зарур ба ёдоварист, ки дар ҷараёни сафари вазири фарҳанги Тоҷикистон Асрорӣ М.ба Эрон рӯзи 9 майи соли 2013 дар шаҳри Теҳрон вохӯрии ӯ бо ҳамтои эронии худ Ҳусайн М. баргузор гардид, ки дар рафти он масъалаи таъсиси Созмони ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат миёни се кишвари форсизабон ба хотири кори муассир ва ояндадор мавриди муҳокима қарор гирифта, созишнома ба имзо расид. Вазирони фарҳанги ду кишвар таъкид карданд, ки ин санад метавонад муҳимтарин замина ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи минбаъдаи ҳамкориҳои кишварҳои форсизабони минтақа дар ин самт бошад.

Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳимтарин шарики сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Вале моро таърих, маданият, анъана, расму оинҳо низ бо ҳам мепайвандад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳама нуктаҳо давлати муосири Тоҷикистон талош дорад ва талош хоҳад кард, ки бо ин кишвари воқеан бародари форсизабон дар ҳама бахшҳои иқтисоду сиёсат ва фарҳанг равобити густурда дошта бошад. Ҳамин тариқ, байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон зиёда аз 160 санади дуҷонибаи ҳамкорӣ байни тарафҳо ба имзо расидааст, ки қисмати зиёди инро шартномаҳоро муносибатҳои фарҳангии ин ду кишвар ба ҳисоб меравад. Дар оянда метавон гуфт, ки муносибатҳои фарҳнгии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон густариш хоҳад ёфт, чунки фарҳанги ин ду кишвар бо ҳам шабоҳати хело зиёд дорад.

Хулоса асоси ҳамкориҳоии ҷонибҳо ин равобити илмию фарҳанги ба ҳисоб рафта баҳри боз ҳам дар сатҳи олӣ рушд додани он як қатор вохуриҳои судманд дар сатҳи вазоратҳо ташкил намуд. Боиси хушҳолии мардумони ҳарду кишвар мебошад, ки имрӯзҳо миёни Тоҷикистон Эрон рафту омад дар сатҳи баланд қарор дорад, зеро низоми раводит аз байн рафта ва шаҳрвандон метавонанд озодона ба кишварҳои ҳамдигар сафар намоянд, ки ин аз сиёсати неки инсонпарваронаи ҳарду ҷониб ба ҳисоб меравад. Ин метавонад дар ршду нумуи робитаҳои илмию фарҳангии ду тараф саҳми боризе доштабошад.

[1] Дипломатияи Тоҷикистон: дируз ва имруз. Чилди 1. Силсила: Сиёсати хоричии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон. 2009. – С. 123.
[2] Хайринисои, Р., Абдулқодири Р. Баргузории рӯзҳои фарҳанги Эрон дар Тоҷикистон // [Манбаъи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ozodi.org /a/2346316.html (санаи мурочиат: 01.04.2025).
[3] Ҳисоботи солонаи 2012 Академияи илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – С. 221.

МАФҲУМИ ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТ ҲАМЧУН УНСУРИ УСУЛҲОИ ХУСУСИИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

ПОНЯТИЕ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОЙ ХАРАКТЕРИСТИКИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ, КАК ЭЛЕМЕНТА ЧАСТНЫХ МЕТОДИК РАССЛЕДОВАНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

ҲАМРОЗОДА МОҲРУХСОР ЗАРИФ
омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
n.suhrob-92@mail.ru

Масъалаи мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноят то имрӯз яке аз мавзӯъҳои шадидтарин ва баҳсбарангез дар адабиети илмӣ мебошад. Аз як тараф, ин мафҳум муддати тӯлонӣ ва устувор ба илми криминалистика ворид шудааст, аз тарафи дигар, то ҳол дар тамоми доираи саволҳо – мафҳум, унсурҳо, намудҳо ва маъно (функсияҳо) равшанӣ вуҷуд надорад.

Пеш аз ин дар китобҳои дарсии криминалистика ҳамчун унсури сохтории ҳама гуна методикаи тафтиши ҷиноятҳои навъи муайян ҳолатҳои исботшаванда баррасӣ карда мешуданд. Аммо, мавзуи далел, ки дар моддаи 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) муайян шудааст, сатҳи баланди умумият дорад: он самтҳои асосӣ ва ҳатмии исбот, ҳадафҳо ва ҳудуди умумии онро муайян мекунад, аммо ба таври возеҳ ҳамчун заминаи таҳияи усулҳои хусусии криминалистӣ нокифоя аст[1].

Истилоҳи «тавсифи криминалистии ҷиноят» ва мафҳуми он дар охири солҳои 60-ум ба истифодаи илмии криминалистӣ ворид шуд. Онҳо системаи аломатҳои маъмулии ҷинояти ин е он намуд, ҷинсро ифода мекарданд, аммо сохтори тавсифи криминалистии муаллифони гуногун баъзан бо роҳҳои гуногун муайян карда мешуд[2].

Аммо як қатор аломатҳои ҷиноят дар ҳама вариантҳои хусусият ва пеш аз ҳама онҳое, ки тарафи объективии таркибро тавсиф мекунанд, нишон дода шудаанд: тарзи ҷиноят, ҷой ва вақти содир шудани он ва ғайра.

Пайдоиши тавсифи криминалистии ҷиноят ҳамчун категорияи илмӣ бо номи олими рус Колесниченко А.Н. алоқаманд аст, ки бори аввал ин истилоҳро ҳамчун яке аз муҳимтарин муқаррароти умумӣ барои ҳамаи усулҳои хусусии криминалпластикӣ ба гардиши илмӣ ворид кард[3].

Таваҷҷӯҳ ба мушкилоти ташаккули тавсифи криминалистии ҷиноят пас аз нашри мақолаҳои Образцов В.А., Танасевич В.Г., Селиванов Н.А. ва Яблоков Н.П. дар ин мавзӯъ афзоиш ефт. Аз миёнаи солҳои 70-уми асри XX таҳияи тавсифи криминалистии ҷиноят самти ояндадори рушди методикаи тафтиши ҷиноятҳо эътироф карда шуд.

Ҳамин тавр, Яблоков Н.П. қайд мекунад, ки «дар марҳилаи муосири рушди криминалистика, асосан, тасаввурот дар бораи тавсифи криминалистии ҷиноят ҳамчун назарияи мустақили хусусӣ, роҳи тавлиди дониши амалӣ дар бораи қонуниятҳои фаъолияти ҷиноятӣ ва бо ин роҳ мусоидат ба таҳияи усулҳои нави тафтишот ташаккул ефт»[4].

Аммо дар муайян кардани мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноят якрангӣ вуҷуд надорад. Муаллифоне, ки мафҳум ва аҳаммияти тавсифи криминалистии ҷиноятро меомӯзанд, ба мафҳуми категорияи қайдшуда ба таври гуногун ақидаҳои худро иброз мекунанд.

Ба ақидаи олими рус Ермолович В.Ф., «тавсифи криминалистии ҷиноят» унсурҳои хусусияти криминалистӣ ба «сохторӣ» ва «танҳо унсурҳое, ки ба мундариҷаи ин тавсиф дохил карда мешаванд» тақсим карда мешаванд[5]. Мутаассифона, муаллиф шарҳ намедиҳад, ки кадом мундариҷа ба истилоҳҳои истифодашуда гузошта мешавад.

---

[1] Криминалистика: учебник / отв. ред. В.П. Лавров, Р.Х. Рахимзода, А.Ф. Волынский. – Душанбе, 2022. – С. 43.
[2] Следь, Ю.Г. Актуальность понятий криминалистических характеристик преступлений / Ю.Г. Следь // Молодой учёный. – 2017. - № 45 (179). – С. 147-148
[3] Колесниченко, А.Н. Научные и правовые основы расследования отдельных видов преступлений: автореф... дис. док. юрид. наук: 12.00.09 / А.Н. Колесниченко. – Харьков, 1967. – С. 28
[4] Яблоков, Н.П. Криминалистика: учебник. – М, 2000. – С. 37.
[5] Ермолович, В.Ф. Криминальная характеристика преступлений. - Минск, 2001. – С. 308.

Челышева О.В. дар чунин мавқеъ зиддияти возеҳи мантиқиро мебинад: «агар чизе унсури чизе бошад, он ҳатман ба сохтори он чизе дохил мешавад, ки унсури он аст»[1].

Яблоков Н.П. бар он ақидааст, ки тавсифи криминалистии ҷиноят - тавсифи муҳими намуд, гурӯҳ ва ҷинояти мушаххас мебошад, ки онҳоро ҳамчун имкониятҳои усул, механизм ва вазъи содир кардани чунин ҷиноят муайян кардан мумкин аст[2].

Ба ақидаи Топорков А.А., «тавсифи криминалистии ҷиноят ҳамчун маҷмӯи маълумоти воқеӣ дар бораи ҳолатҳои намуди мушаххаси амалҳои ҷиноятӣ, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ва таҳлили фаъолияти ҳуқуқии субъектҳои тафтишот ва таҳқиқ, ки ошкор, тафтиш ва пешгирии амалҳои ҷиноятро таъмин мекунанд, фаҳмида мешавад»[3].

Аз нуқтаи назари Образцов В.А., тавсифи криминалистии ҷиноятро бояд ҳамчун маҷмӯи маълумотҳое, ки ин механизми содир кардани амалҳои ҷиноятӣ доранд, арзебӣ кард[4]. Инчунин дар бораи механизми пайгирӣ, хусусиятҳо ва манбаъҳои иттилооти воқеии ташаккулёфтаи онҳо, ки барои тафтиши ҷиноятҳои навъи мушаххас, ки бо истифодаи воситаҳои алоҳидаи криминалистӣ амалӣ карда мешаванд, инчунин таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба ҳалли самараноки вазифаҳои пешбинишуда муҳимманд. Ҳамаи аломатҳои тавсифи криминалистии ҷиноят, ки ҳангоми омӯзиши категорияи мушаххас таҳия шудаанд, бо рӯйхати маълумоте, ки дар он мавҷуд аст, фарқ мекунанд. Масалан, Бурданова В.С. қайд мекунад, ки тавсифи криминалистии ҷиноятро бояд ҳамчун модели намунавии иттилоотии низоми маълумоте, ки пас аз хатми тадқиқоти махсус ба даст оварда шудааст, фаҳмидан лозим аст[5].

Ба ақидаи Возгрин И.А., тавсифи криминалистии ҷиноят маҷмӯи маълумоти воқеии мукаммал дар бораи ҷиноятҳои тафтишшаванда мебошад, ки аз нуқтаи назари криминалистика муҳим аст. Муаллиф қайд мекунад, ки ба таркиби хусусияти криминалистӣ на унсурҳои нодир, балки маҷмӯи онҳо дохил мешаванд, ки бо сохтори яклухт хос аст[6].

Агар таърифҳои зикршударо ба назар гирем, бояд гуфт, ки ба андешаи мо, ифодаи тавсифи криминалистии ҷиноят ҳамчун системаи ҳама гуна маълумот е маълумоте, ки дар доираи омӯзиши махсус ба даст оварда шудааст, комилан дуруст нест.

Аз як тараф, ибораи «ҳама гуна дониш» норавшан аст, маълум нест, ки дар зери ҳама гуна дониш пешбинӣ шудааст, аз тарафи дигар, ҳолатҳои ҷиноят на ҳамеша дар ҷараёни таҳқиқоти махсус мебошанд. Масалан, маълумот дар бораи шахсияти ҷиноятқор метавонад дар ҷараени пурсиши ӯ ба даст оварда шавад, ки ин тадқиқоти махсус нест[7].

Фарқиятҳои мавҷудаи байни мафҳумҳои таълимии пешниҳодшудаи тавсифи криминалистии ҷиноятҳо метавонанд ба равишҳои гуногун ҳангоми таҳияи таърифи категорияи мавриди назар оварда шаванд. Ҳамин тавр, дар бораи тавсифи криминалистии ҷиноят ҳамчун системаи (маҷмӯи) маълумот. Коновалова В.П. ва Колесниченко А.Н. ҳамчун системаи аломатҳои ҷиноят Яблоков Н.П. менависанд. Илова бар ин, тавсифи криминалистии ҷиноят тавассути сохторҳое, ба монанди «тавсифи ҷиноят», «сатҳҳои гуногуни мундариҷаи иттилоот», «модели ҳолатҳои ҷиноятӣ», «хусусиятҳои ба ҳам алоқаманди ҷиноятҳо» муайян карда мешавад.

Камбудиҳои тавсифи криминалистӣ метавонанд набудани мафҳуми мукаммали хусусияти криминалистии ҷиноят, фарқияти возеҳи байни тавсифи криминалистӣ ва мафҳуми ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва криминологии ҷиноят, набудани заминаи методологии таҳияи хусусиятҳои криминалистии намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо, инчунин он, ки тавсифҳои криминалистӣ принсипҳои равишҳои системавӣ ва фаъолиятро қонеъ намекунанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили адабиётҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки «тавсифи криминалистии ҷиноят» гуфта ин маҷмӯи маълумоти воқеӣ дар бораи ҳолатҳои намуди мушаххаси амалҳои ҷиноятӣ, ки дар ҷараён ва таҳлили фаъолияти ҳуқуқии субъектҳои тафтишот, таҳқиқ, ки ошкор, тафтиш ва пешгирии амалҳои ҷиноятро таъмин мекунанд, фаҳмида мешавад.

---

[1] Челышева, О.В. Механизм преступления и криминалистическая характеристика / О.В. Челышева // Вестник криминалистики. – 2004. – № 2 (10). – С. 11-17.
[2] Яблоков, Н.П. Криминалистика: учебник. – М, 2000. – С. 37.
[3] Криминалистика: учебник / А.А. Топорков. - 4-е изд., перераб.и доп. - Москва : ЮСТИЦИЯ, 2022. – С. 512.
[4] Ҳамон ҷо. – С. 513.
[5] Бурданова, В.С., Кузьминых, К.С., Владимиров, В.Ю. Криминалистическая характеристика преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков: лекция / В.С. Бурданова, В.Ю. Владимиров, К.С. Кузьминых; - СПб.: С.-Петерб. ун-т. МВД России, 1998. – С. 75.
[6] Возгрин, И.А. Общие положения методики расследования отдельных видов преступлений. - Л.: 1976. - С. 6-9.
[7] Каневский, Л.Л. Асари зикршуда. – С. 122.

ТАНОСУБИ МАҶБУРСОЗИИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА МАҶБУРСОЗИИ ҲУҚУҚӢ

СООТНОШЕНИЕ КОНСТИТУЦИОННОГО ПРИНУЖДЕНИЯ И ПРАВОВОГО ПРИНУЖДЕНИЯ

ҲАСАНОВ БЕҲРУЗ АБДУЛЛОХУҶАЕВИЧ
ассистенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
e-mail: bekhruzkhasabov747413@gmail.com

Маҷбурсозӣ ҳамчун падидаи ҳаёти иҷтимоӣ табиист ва нақши он дар ташаккули ҳуқуқ, давлат ва мақомоти давлатӣ, сатҳи демократия, адолати иҷтимоӣ, озодии шаҳрвандӣ ва баробарии расмӣ дар ҷомеа хеле муҳим аст.

Ташаккул ва инкишофи демократия боз ҳам ба мустаҳкам шудани қонуният, ҳолати тартибот ва ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, аз ин рӯ, такмил додани механизми таъмин ва ҳифзи онро пешбинӣ мекунад. Қонуният ва соҳибихтиёрии давлат аксар вақт аз рӯйи қобилияти самаранок истифода бурдани воситаҳои маҷбурсозӣ ва нигоҳ доштани механизми истифодаи онҳо дар дохили ҳудуди худ бар зидди субъектони муайян баҳо дода мешавад[1]. Дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ба хусусият ё вижагиҳои ҳуқуқии маҷбурсозӣ диққати махсус дода мешавад[2].

Зимни амалӣ намудани маҷбурсозӣ шарт ё талаботи асосӣ риояи принсипи қонуният аст, ки мувофиқи он ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон танҳо дар асос ва тартиби бевосита пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Беш аз ин, на танҳо қонуният, балки асоснокӣ ва ба мақсад мувофиқ будани маҷбурсозӣ низ аҳаммияти калон дорад ва ҳадди имкон аз истифодаи нодурусти маҷбурсозӣ ва шаклҳои вазнинтарини он бояд даст кашид.

Қобили зикр аст, ки вобаста ба мансубияти соҳавӣ маҷбурсозии давлатиро ба маҷбурсозии конститутсионӣ, маҷбурсозии ҷиноятӣ, маҷбурсозии маданӣ, маҷбурсозии маъмурӣ ҷудо намудан мумкин аст.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ як намуди маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки маҷмуи чораҳои таъсирасонии ҷисмонӣ, руҳӣ, моддӣ мебошанд, ки аз ҷониби субъектони махсуси ваколатдори давлатӣ нисбат ба субъектҳои алоҳида амалӣ карда мешавад. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо фарорасии маҳдудиятҳои муайяни ҳуқуқӣ нисбат ба субъектҳо алоқаманд аст. Инчунин, чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ чунон ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдори онҳо низ метавонад татбиқ карда шавад, ки ин субъектҳо ҳокимияти давлатиро амалӣ месозанд ва ё кӯшиши амалӣ намудани онро доранд.

Бояд қайд намуд, ки маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ як намуди маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ аст.
2. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамеша шакли мушаххаси фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори махсуси ваколатдори давлатӣ мебошад.
3. Маҷбурсозӣ таъсири берунии ҷисмонӣ ва равонӣ ба шуур ва рафтори субъектҳо мебошад.
4. Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамеша дар гузоштани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ нисбати субъектон зоҳир мегардад, ки чун қоида дар доираи меъёр, барои ӯ манфӣ мебошанд.
5. Татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар шакли муайяни мурофиавии пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешаванд.

---

[1] Андерсон, Скотт (Scott Anderson). Принуждение / пер. с англ. Батдалов Т., Бакунова Д. // Brick of Know Ledge // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https:// brickofknowledge.com/articles/oercion (санаи мурочиат. 11.01.2025).

[2] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 12-уми майи с. 2001, № 28 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 4, мод. 215; с. 2003, №4, мод. 152; с. 2008, № 1 қ. 1, мод. 1; с. 2009, № 12, мод. 813; с. 2016, № 7, мод. 602; с. 2017, № 7-9, мод. 565.

6. Истифодаи маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ боиси маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсонӣ, бе шаку шубҳа, дорои тамоми хусусиятҳое мебошад, ки бо дигар намудҳои маҷбурсозии давлатӣ хос аст, вале маҳз он кафолати муҳими таъмини татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамчун яке аз навъҳои маҷбурсозии давлатӣ нисбат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо масъулият дар назди давлат, халқ ва ҷомеа мебошад, аз ин рӯ, аксаран маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсиониро бо муносибатҳои сиёсӣ омехта мекунанд[1]:

– ягонагии муносибатҳои сиёсӣ ва меъёрҳои иҷтимоие, ки онҳоро танзим мекунанд, ки ба иниститути маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мувофиқ аст, дар баробари якдигар татбиқ мешаванд;

– барои вайрон кардани тартиби муқарраршудаи муносибатҳои байни миллатҳо, халқҳо ва гурӯҳҳои дигари субъектҳои иҷтимоӣ, давлат ва мақомоти он татбиқ намудани чораҳои зикргардидаи таъсиррасонӣ;

– мавҷудияти субъектони якхелаи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва сиёсӣ;

– барои ҳарду намуди маҷбурсозӣ (истеъфо, бозхонд) татбиқи як ҷазо, чунки бозхонд ва истеъфо ҳарду истилоҳоте мебошанд, ки дар ҳуқуқ ва муносибатҳои сиёсӣ истифода мешаванд, маънои махсуси худро доранд. Масалан, истеъфо ин амали расмии тарки вазифа ё мақом аст, ки бо хоҳиши худи шахс сурат мегирад, бояд дар асоси меъёрҳои қонунӣ анҷом дода шаванд. Агар истеъфо дар намуди таъсиррасонӣ ва маҷбурӣ сурат гирад хусуияти сиёсиро касб мекунад. Дар муносибаҳои сиёсӣ истеъфо дар сатҳи сиёсати миллӣ одатан метавонад ба норозигии шаҳрвандон бурда расонад.

Тафовути асосӣ дар он аст, ки чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ танҳо дар сурате татбиқ карда мешаванд, ки дар амали шахс аломатҳои таркибии ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ мавҷуд бошанд[2]. Масалан, агар дар кирдор яке аз аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд набошад, он гоҳ истифодаи ҳама гуна чораи маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ғайриимкон мегардад ва дар он сурат танҳои чораҳои таъсиррасонии сиёсӣ татбиқ карда мешаванд.

Намудҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ:

Чораҳои пешгирикунанда чораҳое мебошанд, ки барои пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар оянда ва таъмини тартиби дурусти ба ҷавобгарӣ ҷалб намудан заруранд (масалан, қ. 3 м. 14 ва ё қ. 2 м. 18-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Чораҳои ҳифзи ҳуқуқ чораҳое мебошанд, ки барои пешгирии зарар ба объекти ҳифзшаванда, ки қонун пешбинӣ намудааст, равона шудаанд. (масалан, м.м. 19, 20, 21-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)[3].

Чораҳои барқарор намудани ҳуқуқ чораҳое мебошанд, ки ба барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда нигаронида шудаанд (масалан қ. 3 м. 32-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мақсади асосии чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ чунин аст:

а) таъмини кафалотҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

б) таъмини тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифз ҳангоми амалисозии ҳокимияти давлатӣ;

в) бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳои конститутсонӣ ва ҳуқуқӣ;

г) бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф намудан мазмуни онро дорад, ки ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ бояд онҳоро эҳтиром, риоя ва ҳифз намоянд. Онҳо бояд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян намояд. Яъне қонунҳо набояд қоидаҳои рафтореро муайян намоянд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ набошанд ё онҳоро халалдор созанд.

---

[1] Сидельников, Д.Е., Горлекин, В.А., Грачев, В.С., Гурбанов, А.Г., Ильичев, В.В., Кондрат, И.Н. Институт конституционно-правового принуждения-важная гарантия обеспечения и защиты прав и свобод граждан // Вестник Санкт Петербургского университета МВД России. – 2006. - №3 (31). – С. 125-126

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016, бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 3-14.

Агар ҳуқуқу озодиҳои инсон бевосита амалӣ ва риоя нашаванд, онҳо ба воситаи ҳокимияти судӣ бо роҳи татбиқи чорабиниҳои муҳофизатии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таъмин карда мешаванд. Муҳофизатро татбиқ намуда, давлат на танҳо ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир мерасонад, балки чорабиниҳоеро амалӣ менамояд, ки барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ равона шудаанд.

д) пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав бо мақсади риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз тарафи мақомоти давлатӣ.

Дар ҳуқуқи конститутсионӣ имконияти татбиқи чорабиниҳои муҳофизатӣ, инчунин чорабиниҳои таъсиррасонӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои муайян пешбинӣ шудааст. Масалан, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад (б. 6 м. 69)[1]. Бекор намудани санад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибати ҳуқуқии ба вуҷуд омадаро қатъ менамояд, фаро расидани оқибатҳои қабули санади ғайриқонуниро пешгирӣ менамояд.

Намудҳои ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ:

– ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, ки ҷазо барои содир кардани онҳо бо меъёрҳои конститутсия пешбинӣ шудааст;

– ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, ки ҷазо барои содир намудани онҳо тибқи меъёрҳои қонуни конститутсионӣ муқаррар шудааст;

– ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, ки ҷазо барои содир кардани онҳо бо меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ муқаррар карда мешавад.

Муҳофизатӣ ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз дигар намудҳои муҳофизатии давлатӣ (ҷавобгарии ҳуқуқӣ) бо асосҳои зерин фарқ мекунад:

а) маҳмуи асосҳои мушаххаси муқаррар намудани чораи махсуси муҳофизатӣ, ки нисбат ба шаҳрвандон истифода мешавад; Масалан, супоридани андоз ва дигар партохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист[2]. Яъне, риоя накардани меъёри муайяншуда аз тарафи шаҳрвандон боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

б) субъектҳои мушаххаси ҷавобгарӣ ва ҷазои мушаххасе, ки нисбати онҳо татбиқ мешаванд;

в) мавҷуд набудани санади ягонаи меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои муҳофизатӣ, таснифи ҷазо, чорабиниҳои татбиқи ҳуқуқвайронкунии мушаххас ва механизми татбиқи онҳоро муқаррар менамояд.

г) татбиқи чорабиниҳои муҳофизатии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ боиси доғи судӣ намегардад.

Чорабиниҳои муҳофизатии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ аз рӯйи мазмун, моҳият, хусусиятҳои худ мақсади ҳуқуқӣ доранд ва бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ татбиқ карда мешаванд. Муҳофизатии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ табиати ҳуқуқӣ дорад, яъне дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст ва аз ҷониби субъектони ваколатдор амалӣ карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки мақомоти қонунгузорӣ бар зидди муҳофизатӣ қонунҳо қабул мекунанд, то он ки озодии шахсонро барои интихоби худ бидуни фишори ғайриқонунӣ муҳофизат кунанд. Муҳофизатӣ метавонад ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳраванд таъсири зиёд расонад.

Аввалан, он бевосита ба ҷабрдида таъсир мерасонад, боиси осеби руҳӣ мегардад ва эҳтимолан ба амалҳое, ки онҳо одатан намеандешанд, оварда мерасонад, ки метавонад оқибатҳои манфии дарозмуддат дошта бошад.

Дуюм, тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунад, зеро дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷуд меояд ва нисбати субъект чорабиниҳои ҳуқуқӣ татбиқ мегардад.

Сеюм, он метавонад таъсири васеътари иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дошта бошад.

Муҳофизатии давлатӣ дар шакли муҳофизатии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ амалӣ гардида, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки мақсади махсус доранд, зеро пеш аз ҳама, ба таъмини

[1] Ҳамон ҷо. – С. 42-43.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 22.

асосҳои сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, демократия ва истиқлолияти давлатӣ хизмат мекунад.

Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ ба принсипҳои умумии ҳуқуқ асос ёфтааст. Принсипҳои умумии ҳуқуқ он нуқтаҳои умумӣ мебошанд, ки ба ҳамаи соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ паҳн мешаванд, асоси ташкили низоми ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Дар адабиёти илмӣ номгӯи мушаххаси принсипҳои умумии ҳуқуқ пешбинӣ нашудааст, чунки мушаххас муқаррар намудани аломатҳои умумӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқ ё ғояҳои асосии ҳуқуқ душвор аст[1].

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва амалия принсипҳои умумии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционо ба чунин намудҳо ҷудо намудан мумкин аст. Ба принсипҳои умумии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқро дохил намудан мумкин аст: қонуният, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, демократӣ, адолат, инсондӯстӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва ғайра, амалӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва баррасии мавзуи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1) Маҷмуи асосҳои мушаххаси муқаррар намудани чораи махсуси маҷбурӣ, ки нисбат ба мақомоти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ ё шахси мансабдор истифода мешавад.

2) Субъектҳои мушаххаси ҷавобгарӣ ва муҷозоти мушаххасе, ки нисбати онҳо татбиқ мешаванд.

3) Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ дар таносуб аз дигар намуди маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ дар он аст, ки мавҷуд набудани санади ягонаи меъёрии ҳуқуқӣ, асосҳои маҷбурсозӣ, таснифи ҷазо, чораҳои татбиқи ҳуқуқвайронкунии мушаххас ва механизми татбиқи онҳоро муқаррар намояд.

4) Маҷбурсозиро падидаи сирф давлатӣ ё сирф ҳуқуқӣ эътироф кардан ғайриимкон аст, зеро он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа вуҷуд дорад ва механизми маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ бо ба инобат гирифтани принспҳои умумии ҳуқуқ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционо як намуди маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ унвон кардан мумкин аст.

5) Ҳангоми амалисозии маҷбурсозии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ муҳимтарин принсипе, ки бояд ҳатман ба инобат гирифта шавад ва риоя гардад, принсипи инсондӯстӣ маҳсуб мешавад. Ҳангоми татбиқи маҷбурсозии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ ба инобат нагирифтани принсипи инсондӯстӣ боис ба бекор ё ғайриқонунӣ ҳисоб шудани маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ мегардад.

6) Татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ дар шакли муайяни мурофиавии пешбининамудаи қонун ба роҳ монда мешавад.

7) Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини волоияти қонун ва мусоидат ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон татбиқ карда мешавад.

8) Чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ боиси маҳдудиятҳои ҳуқуқие мегарданд, ки хусусияти маънкунӣ, уҳдадоркунӣ ё ташкилӣ доранд.

9) Маҷбурсозии ҳуқуқӣ-конституционӣ махсусияти расмӣ дорад: он дар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад, аз ҷониби мақомот ё шахсони мансабдори расмӣ амалӣ карда мешаванд.

[1] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2018. – С. 381.

ВОПРОСЫ ЗАКОННОСТИ И ДИСЦИПЛИНЫ В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ*

МАСЪАЛАҲОИ ҚОНУНИЯТ ВА ИНТИЗОМ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

ШАРИФЗОДА МИРЗО САНГИМУРОД
заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции
e-mail: sharifzoda.mirzo@mail.ru

Проблемы обеспечения законности и соблюдения дисциплины в деятельности органов внутренних дел всегда находились в центре внимания общественности, а также органов власти и управления. Поэтому укрепление дисциплины и законности является одной из важных задач, стоящих перед государством.

В настоящее время, в условиях реформирования, МВД Республики Таджикистан, определяя концептуальные основы ведомственной кадровой политики, исходит из необходимости формирования нового профессионально-нравственного облика сотрудника органов внутренних дел Республики Таджикистан, оптимизации кадрового потенциала милицейских и иных подразделений министерства.

В руководящих документах МВД Республики Таджикистан указывается на персональную ответственность руководителей разного уровня, их положительный пример в вопросах укрепления дисциплины и законности среди подчиненного личного состава вверенных подразделений. Успешное выполнение сложных и ответственных задач, стоящих перед органами внутренних дел (далее – ОВД) находится в прямой зависимости от уровня соблюдения сотрудниками требований законности и служебной дисциплины.

В свою очередь, дисциплина основывается на осознании каждым сотрудником ОВД своих служебных обязанностей и своей личной ответственности за ее результаты. Дисциплина обеспечивает сплоченность сотрудников, их готовность выполнять служебные задачи.

Служебная дисциплина является основой обеспечения и реализации функций, возложенных государством на ОВД, которые касаются обеспечения безопасности личности, предупреждения, пресечения, выявления и раскрытия преступлений и административных правонарушений, защитой частной, государственной, общественной и иных форм собственности[1]. Более того, служебная дисциплина представляет собой разновидность нравственных и правовых отношений, которая характеризуется высокой категоричностью связей.

Служебная дисциплина есть, во-первых, знание сотрудниками законов и иных нормативных актов, регламентирующих деятельность ОВД, во-вторых, их точное, строгое и сознательное исполнение.

Правовые и нравственные нормы, которые регламентируют деятельность правоохранительных органов, являются правовыми и нравственными компонентами служебной дисциплины в ОВД и образуют содержательный аспект данного понятия.

Правовой компонент служебной дисциплины включает в себя систему правовых норм поведения сотрудника ОВД, регламентирующих его права и обязанности (Конституция Республики Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «О милиции», Положение о прохождении службы в органах внутренних дел, ведомственные нормативные правовые акты).

Нравственный компонент служебной дисциплины представлен в Кодексе профессиональной этики сотрудника органов внутренних дел Республики Таджикистан, Профессиональной этике сотрудников правоохранительных органов, Присяге сотрудников органов внутренних дел. В их основу положены такие общечеловеческие и профессионально-значимые нравственные ценности, как:

* Статья подготовлена в рамках реализации научно-исследовательской темы «Правовое воспитание и политическая культура сотрудников правоохранительных органов в условиях трансформирующегося общества Республики Таджикистан: проблемы и стратегия развития (2023-2028 годы)», которая финансируется за счет средств государственного бюджета Республики Таджикистан. Государственный регистрационный номер: 0121TJ1289.

[1] Анохина, С.Ю., Радько, С.Ф. Некоторые проблемные аспекты привлечения сотрудников ОВД к дисциплинарной ответственности / С.Ю. Анохина, С.Ф. Радько // Вестник Барнаульского юридического института. - 2006. - № 11. - С. 26.

– достоинство в соответствии с международными правовыми нормами, общечеловеческими принципами морали;

– глубокое понимание социальной значимости своей роли и высокого профессионализма, ответственности за безопасность, охрану жизни и здоровья граждан, правовой защищенности больших масс людей;

– разумное и гуманное использование сотрудником ОВД предоставленных законом прав в соответствии с принципами социальной справедливости, гражданского, служебного и нравственного долга;

– принципиальность, бескомпромиссность в борьбе с преступностью, объективность и непредвзятость в принятии решений;

– безупречность личного поведения на службе и в быту, честность, неподкупность, забота о профессиональной чести, общественной репутации работника органов внутренних дел и др.

Само понятие «служебной дисциплины» включает в себя:

– обязательность ее требований для всех категорий сотрудников ОВД;

– совпадение целей законности и служебной дисциплины; детальную регламентацию правил поведения по всему спектру служебной деятельности;

– повышенную правовую ответственность за нарушение требований служебной дисциплины;

– обязательное соблюдение нравственных норм;

– единство безусловного выполнения установленных норм и проявления активности, самостоятельности, творчества и т. п.

Особый интерес вызывает осмысление не только сущности таких правовых категорий, как дисциплина и законность и их соотношения в деятельности ОВД, но и причин нарушения дисциплины и законности сотрудниками, а также принимаемых мер в системе МВД Республики Таджикистан, направленных на их обеспечение.

Анализируя содержание законности применительно к отдельным сферам общественно-правовой и государственно-правовой деятельности, И.А. Краснов подчеркивает, что «законность является неотъемлемым элементом любой правовой деятельности... На стадии реализации норм права законность означает строгое следование государственных органов и должностных лиц действующим законам, иным нормативным правовым актам, которыми закреплена их компетенция, порядок разрешения дел и пересмотра актов применения права, вступивших в законную силу»[1].

В свою очередь В.С. Афанасьев отмечает, что содержание законности в значительной степени зависит от состава ее субъектов. «Исключение кого-либо из состава субъектов законности создает иллюзию необязательности исполнения ими правовых предписаний. Происходит сужение законности, и она из общесоциального, политико-правового явления превращается в явление значительно более узкое, связанное с деятельностью ограниченного круга субъектов. Сужение круга субъектов законности разрушает идею всеобщности, общеобязательности правовых предписаний, равенства всех перед законом, что на деле приводит к размыванию режима законности»[2].

Таким образом, служебная дисциплина и законность тесно взаимосвязаны. Выполняя служебные обязанности, сотрудник должен использовать средства, соблюдать процессуальные правила и тактические приемы, предусмотренные либо допускаемые законами и иными правовыми актами. Все требования законности, обращенные к государственным служащим (сотрудникам ОВД), составляют одновременно и содержание дисциплины. С другой стороны, дисциплинарные нормы могут основываться и на моральных требованиях, служебных ритуалах, этикете и традициях, прямо не регламентированных правовыми предписаниями[3].

Законность, являясь принципом деятельности ОВД, требует от каждого сотрудника правильного исполнения законов и ведомственных нормативных актов, усвоения и использования в своей служебной деятельности правовых знаний, правомерного поведения как при исполнении должностных обязанностей, так и вне службы, предупреждения и пресечения противоправных

[1] Краснов, И.А. Специфика законности в федеративном государстве: на примере Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / И.А. Краснов. - Казань, 2007. - С. 2.
[2] Там же. - С. 77.
[3] Лазарев, В.В., Афанасьев, В.С., Гранат, Н.Л. Обеспечение законности в деятельности органов внутренних дел. - М., 1993. - С. 5.

действий со стороны граждан и должностных лиц. Нарушения законности, допускаемые самими сотрудниками ОВД в процессе осуществления правоохранительной деятельности, в отличие от дисциплинарных проступков, всегда отрицательно сказываются на обеспечении правопорядка и ущемляют права, свободы, законные интересы граждан и организаций.

Так, Ф.Ф. Солехзода считает, что принцип законности в деятельности ОВД подразумевает под собой два аспекта: во-первых, безусловное и точное соблюдение предписаний нормативных актов всеми без исключения сотрудниками ОВД. Иными словами, при реализации своей деятельности по защите интересов граждан, обеспечению общественного порядка и борьбы с преступностью сотрудники ОВД сами должны соблюдать положения законов.

Во-вторых, в ходе осуществления своей деятельности, сотрудники ОВД обязаны следить, чтобы иные органы государственной власти и их должностные лица, а также физические и юридические лица неукоснительно выполняли законные предписания, не нарушая требований закона[1].

